ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

## СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

## SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

*Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

**№ 1 (15) 2023**

**Душанбе**

**ISSN 2708-5759**

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2022 таҳти № 230/ЖР – 97 ба қайд гирифта шудааст*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сомонаи маҷалла:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*
**Котиби масъул:** ***Муборакиён С.М.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Маҷидова Бибиҳафиза*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Нугмонов Мансур*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Нуров Абдулбоқӣ*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Файзализода Ҷумахон Хол*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Юнусова Нафиса Муродовна*** - *доктори илмҳои педагогӣ*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– номзади илмҳои педагогӣ*
***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** *– доктори илмҳои психологӣ*
***Қодиров Умаралӣ Дустқобилович*** - *доктори илмҳои психологӣ*
***Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна*** - *доктори илмҳои психологӣ*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023***

**ISSN 2708-5759**

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 27 января 2022 года за № 230/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***Тел. :*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сайт журнала****:* *www.pedagog.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** - *доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*
**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** - *доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*
**Ответственный редактор**: ***Мубораки̇ён С.М.***

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Маджидова Бибихафиза*** - *доктор педагогических наук*
***Нугмонов Мансур*** - *доктор педагогических наук*
***Нуров Абдулбоки*** - *доктор педагогических наук*
***Раджабов Тагоймурод Бобокулович*** - *доктор педагогических наук*
***Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич*** - *доктор педагогических наук*
***Файзализода Джумахон Хол*** - *доктор педагогических наук*
***Юнусова Нафиса Муродовна*** - *доктор педагогических наук*
***Дадобоева Мадина Солибоевна*** *– кандидат педагогических наук*
***Бобоева Сайёра Боборадджабовна*** *– доктор психологических наук*
***Кодиров Умарали Дусткобилович*** - *доктор психологических наук*
***Мухамедова Дилбар Гафурджановна*** - *доктор психологических наук*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2023***

**ISSN 2708-5759**

*The magazine is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from January 27, 2022 under No.230 / JR-97*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

***Phone:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*

***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** - *Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*
**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** - *Doctor of Low Sciences, professor, scientific affairs of TSPU named after S. Ayni*
**Executive Editor:** ***Muborakiyon S.M.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova Bibihafiza*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Nugmonov Mansur*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Nurov Abdulboqi*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Yunusova Nafisa Murodovna*** - *Doctor of Pedagogical Sciences*
***Dadoboeva Madina Soliboevna*** – *Candidate of Pedagogical Sciences*
***Boboeva Sayora Boborajabovna*** – *Doctor of Psychological Sciences*
***Qodirov Umarali Dustqobilovich*** - *Doctor of Psychological Sciences*
***Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna*** - *Doctor of Psychological Sciences*

***© TSPU named after S. Ayni, 2023***

# МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Маҷидова Б., Раҳмонова Н. Ҳ.***
Нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ........ 7
***Бобоев Б. С.***
Хусусиятҳо ва ҷузъҳои таркибии таълими лингвофарҳангӣ ........ 14
***Разоқов Х. С.***
Тарғибу ташвиқи унсурҳои асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наврасон дар афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои X-XI ........ 20
***Райҳонова С. Ҳ.***
Хусусияти раванди педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ ........ 26
***Худойбердиева М. З.***
Патриотическое воспитание студентов в процессе внеаудиторной работы ........ 36
***Шоимардонов Д. А.***
Эҷоди муҳити электрониии иттилоотии таҳсилоти ҳарбӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ ........ 42
***Эшова Г. С.***
Муҳимияти истифодаи методҳои таълимӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ва наврасон ........ 51
***Неъматов Р.Ҳ.***
Аҳдоф ва вазифаҳои ташкили оила дар пажӯҳишҳои ҷомеашинохтиву педагогӣ ........ 58
***Акрамова М. Ҳ.***
Истифодаи технологияҳои педагогӣ – омили баланд бардоштани сифати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ........ 65
***Маҷидова Б., Маҳкамов М., Рамазонова Р.***
Аввалин кӯшишҳои риёзидонҳо дар ташкили таълими инфиродии кӯдакони имконияташон маҳдуд ........ 70

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

***Сайфуллаев Х. Г., Сайфуллоева З. Х., Раҷабова Ф. С.***
Усулҳои фаъолияти муштарак дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ ........ 78
***Нугмонов М., Ҷонмирзоев Э.***
Истифодаи усулҳои фаъоли таълими математика дар низоми муносибати босалоҳият ........ 85
***Бабаджанов Д. Д., Аминов Д. Г.***
Перспективы использования учебных технологий на лекциях в высшей школе ........ 92
***Умаров У. С., Раҷабов У. Х., Бобониёзова Г. А.***
Истифодаи методҳои интерактивӣ ҳангоми арзёбии босалоҳиятии хонандагон аз физика ........ 98
***Ғуломова Ф.А.***
Масъалаи омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар раванди таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои олии ҳарбӣ ........ 103
***Сайфуллоева З.Х.***
Усулҳои ҳамкорӣ дар даста ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён дар таълими математика ........ 107
***Сияҳаков С. М., Идиев С. Б., Мирзозода Ф. Т.***
Ташаккули салоҳиятҳои касбӣ дар таълими фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ ........ 115
***Содиқов Ш. А.***
Роҳҳои истифодабарии усулҳои интерактивӣ дар таълими географияи Тоҷикистон ........ 120
***Сайфудинов М., Қаландаров З.С., Оев Ш.Б.***
Истифодаи усулҳои интерактивӣ ва бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) ........ 126
***Сулаймонов У. И.***
Самарабахшии технологияи мултимедиавӣ дар фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии бакалаврҳои шакли таҳсили фосилавӣ ........ 130

***Умаров У. С., Раҷабов У. Х.***
Проблемаҳои татбиқи методҳои интерактивии таълим зимни омӯзиши физика....................134
***Мавлонов И. Ш.***
Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон зимни омӯзиши физика........................................138
***Назаров А.П., Умедҷони Х.***
Дар хонандагон ташаккул додани донишҳо оид ба аломати амалҳои арифметикӣ
дар раванди таълими барномасозӣ..........................................................................................143
***Акобиров Ш. З., Табаруков М. И.***
Истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар дарсҳои география ҳамчун воситаи
фаъолгардонии фаъолияти маърифатӣ ва рушди
салоҳияти коммуникативии донишҷӯён....................................................................................148
***Сулаймонов У. И.***
Таҳияи презентатсия ва истифодаи тахтаи электронӣ ҳангоми тадриси
фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ....................................................................................152
***Гулов Д. Б.***
Усулҳои фаъоли таълим ҳангоми тадриси фанҳои табиатшиносӣ бо истифодаи ТИК
(дар мисоли фанни физика).......................................................................................................157
***Самиев А. М.***
Мазмуни маълумоти географӣ ва аҳамияти таълимию тарбиявии он....................................161
***Ғаюров Ҳ. Ш., Бобозода А. А.***
Истифодаи усулҳои интерактивии таълим...............................................................................165
***Усмонзода Ш., Холов С. С.***
Современные методические указания при изучении лексики иностранного языка ..............170
***Буриев Ф. К., Бегимов Ҳ. Х.***
Татбиқи «методи лоиҳавӣ» ҳангоми таълими ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ
дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ..........................................................................................174
***Абзалов И. А.***
Марҳилаҳои омӯзиш дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ.....................................................182
***Қурбонов Т. З.***
Роҳ ва усулҳои бартараф кардани мушкилоти таълими нутқи гуфтугӯии забонҳои
хориҷӣ дар мактабҳои миёна ....................................................................................................187
***Раҷабов Т., Маҳкамов М., Ҷабаров М.***
Истифодаи маводи таърихӣ дар раванди таълим барои муаллимиояндаи математика.........192
***Мирзоев А. М.***
Лаҳзаҳои дарс-озмоиш доир ба шинос кардани хонандагон бо роҳҳои паст кардани
хатари офатҳои табиӣ дар дарсҳои физика ..............................................................................198
***Холиқов У. Б.***
Салоҳиятҳои умумӣ ва касбии донишҷӯёни ихтисоси математика
ҳангоми таҷрибаи омӯзгорӣ......................................................................................................206

## ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Акрамова М. Ҳ.***
Назарияҳо ва роҳҳои ташаккул додани қобилияти ақлии хонандагони синни хурди
мактабӣ дар ҷараёни омӯзиш....................................................................................................211
***Билолова Ш.Ф., Билолова Ш.Ф.***
Роҳёфтҳои асосии тадқиқи падидаи хештансозӣ.....................................................................220
***Мастонаи С.***
Хусусиятҳои психологии маромҳои интихоби ҳамсари оянда дар байни донишҷӯён...........226
***Муродова Ш. С.***
Хусусияти коммуникативӣ – омил ва кафолат барои рақобатпазирии
мутахассисони оянда .................................................................................................................231
***Сафарова Д. Б.***
Аҳамияти омӯзиши хусусиятҳои фардӣ-психологии хонандагон дар раванди таълим
ҳамчун омили рушди неруи зеҳнӣ .............................................................................................236

ТДУ 373(575.3)

# НАҚШИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Маҷидова Б., Раҳмонова Н. Ҳ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Оила ва муассисаи томактабӣ дар тарбия, таълим ва ташаккулёбии шахсияти кӯдакон, таъмин намудани омодагии онҳо ба мактаб нақши муҳим доранд. Маҳз дар давраи томактабӣ бо истифодаи роҳу усул ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба ҳиссиёт, шуур, рафтор, олами маънавӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва инкишофи ақлию зеҳнии кӯдакон таъмин карда мешавад. Яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои томактабӣ ин тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар кӯдакон аст.

Мақсад, вазифа ва мазмуни кор оиди тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» [3, с. 76-106] дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолии муассисаи томактабӣ муайян карда шудааст. Хештаншиносӣ вобаста ба синну соли кӯдакон муайян карда мешаванд. Мазмуни корҳоро оид ба иҷрои вазифаҳои тарбияи хештаншиносӣ дар давраҳои инкишофи томактабӣ ба таври зайл муайян намудан мумкин аст.

Шиносоии кӯдакон бо адабиёти бадеӣ воситаи муҳими таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти онҳо мебошад. Он шеъру ҳикоя, афсонаҳои халқии тоҷикӣ ва асарҳои бо забони тоҷикӣ тарҷумашудаи шоирону нависандагони халқҳои бародар, хориҷи дур, адибони муосирро дар бар мегирад. Бо асарҳои навэҷоди адибон хазинаю адабиёти бадеии бачагона рӯз ба рӯз бою ғанӣ мегардад.

Хеле муҳим аст, ки кӯдак дар адабиёти бадеӣ боигариҳои забони модарии худро дарк намояд, ибора, қофия, оҳангу назокати лафзи модариро аз худ намуда, ба он чун мероси маънавии пешгузаштаи худ муносибат намояд.

Тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва ташаккулдиҳии тасаввуротҳо дар бораи худи кӯдак чун «ман», «моён», «оила», «оилаи мо» ва ғайраҳо аз шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ низ ибтидо мегирад. Дар синни калони томактабӣ аввалин маълумоту тассавуротҳо доир ба худ чун «ман», доир ба дигарон «мо», «моён», «ҳамаи мо», «ман ва дигарон», «ман ва оилаи ман», «оилаи мо ва дигар хешу табори наздик, - бобо, бибӣ, хола, тағо» – хешони модарӣ ва фарзандони онҳо, амак, амма ва фарзандони онҳо хешони падарӣ, ҳамсояҳо ва фарзандони онҳо ташаккул дода мешаванд.

Дар тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстии кӯдакони гурӯҳи калон аз 5 то 6 сола: иҷрои чунин вазифаҳо пайгирӣ карда мешаванд; дар кӯдакон ташаккул додани мафҳуми робитаи хешу таборӣ, қобилияти муайян намудани миқдори аъзоёни оила, номҳои онҳо, бо чӣ кор машғул будан ва хусусияти фардии онҳо (хуб, меҳрубон, меҳнатдӯст ва ғайра). Тарбияи эҳтиром нисбат ба аъзоёни оила. Тарбияи муҳаббат ба оила, зодгоҳ-шаҳру деҳот, маҳали зист ва дар ҷамъулҷамъ –Ватан- Тоҷикистон; эҳтироми урфу одати оилавӣ ва халқи худ; шиносоӣ бо рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарбияи шавқу ҳавас, эҳтиром нисбати онҳо; бедор кардани шавқмандӣ ва муҳаббат ба Артиши миллӣ ва ба ҳамин минвол тарбияи заминаҳои нотарсӣ, ҷасурӣ, чусту чолокӣ, эҳтироми оила ва азиз доштани наздикон, тарбияи рафтори маданӣ, интизонокӣ ва дарки натиҷаи амалҳои «нек» (хуб, нағз) ва «бад».

Кӯдакон бояд мавқеи иҷтимоии ҳар як аъзои оиларо донанд. Мустаҳкам намудани меҳру муҳаббати кӯдакон ба модар, тарбияи ҳисси эҳтиром ва муносибати хуб нисбат ба ӯ; ташаккули тасавуроти кӯдакон дар бораи симои модар ва зоҳир кардани диққати асосӣ ба гуногунии мавқеи иҷтимоии он: модар – сарчашмаи ҳаёти, духтари каси дигар, зан, дугона, хоҳар, апа, хола, амма, хешу табор ва ғайраҳо. Аз худ намудани ин донишҳо аз кӯдакон имконият медиҳанд, ки онҳо дар бораи хешу табор, алоқаи байни наслҳо, вазифаи ҳар як

аъзои оила ва мавқеи онҳо дар доираи муносибатҳои дохилиоилавӣ ва иҷтимоии байниҳамдигарӣ маълумоти амиқ гиранд.

Ташаккули тасаввурот дар бораи симои падар ҳамчун нишонаи ҷасорат, мардонагӣ ва пуркувватӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Ин донишу тасаввуратҳо имконият медиҳанд кӯдакон дар бораи вазифа ва хусусиятҳои фардии махсуси ӯ чун сардори оила, ҷанговар, муҳофизатчӣ, ҷасур, содиқу вафодор ва ғайра маълумот ҳосил намоянд.

Яке аз вазифаҳои муҳими тарбияи хештаншиносӣ ин ташаккули тасаввурот дар бораи сохтори «ман» дар кӯдак мебошад. Тасаввурот дар бораи худ ҳачун мавҷудияти ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Тарбияи кӯдак эҳтироми дарки мавқеи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои фардии худ дар муқоиса бо ҳамсолон ва шахсони калонсол аз худ менамояд.

Гурӯҳи омодагӣ ба мактаб дар рушди сифатҳои шахсиятии кӯдак мавқеи махсусро ишғол мекунад. Мураббия дар кӯдакистон аз як тараф донишҳои тасаввуротҳои аз худ кардаи кӯдаконро таҳлил намуда дар заминаи онҳо кори таълими тарбиявиро оид ба тарбияи хештаншиносӣ идома медиҳад. Дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб, ки дар он кӯдакони 6-7 сола ба кори тарбиявӣ фаро гирифта мешаванд, ташаккул додани тасаввурот дар бораи «Ман»-чун шахс, фард, аъзои оила, ки бо намуди берунӣ, хусусияту хислатҳои шахсӣ фарқ мекунад ва ӯ такрорнашаванда ҳаст. Кӯдак қобилияти дарк намудаи мавқеи шахсӣ ва аҳли хонавода, хешу табор, авлод ва муносибатҳои хешу табориро дорад, ки дар ин раванд одобу анъанаҳои оилавӣ накши муҳим доранд.

Тарбия намудани ҳисси дилбастагӣ ва меҳру муҳаббат, қаноатмандӣ ва ифтихор аз оилаи худ вазифаи волидон ва мураббия буда, ташаккул додани тасаввуротҳо дар бораи кӯдак чун аъзои гурӯҳи кӯдакон, одамон ва ҷомеа дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва ҳаёти ҳаррӯза таъмин карда мешавад. Фаҳмондадиҳии ҳуқуқ, вазифаҳои кӯдак ва ҳифз намудани онҳо ба шаклгирии тасаввуротҳои арзишманди ӯ мусоидат менамоянд Таъмин намудани шароитҳо барои аз худ намудани қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ дар хона, кӯдакистон, маҳалла ва ҷомеа вазифаи волидан ва муассисаи томактабӣ мебошад.

Фаҳмонда додани мутаалиқ будани кӯдак ба халқ ва миллати худ фарҳанг ва арзишҳои моддию маънавии аҷдодон имконият медиҳанд на танҳо ҳисси хештаншиносӣ, инчунин дунёшиносии кӯдак замина мегузорад.

Васеъ намудани тасаввуроти кӯдакон дар бораи моҳияти меҳнати падару модар ва хешовандони наздик, маданият, анъана ва шуғли дӯстдоштаи аъзоёни оила дар ин давраи синнусолӣ идома дода мешавад. Воситаи нигоҳ доштани алоқаи хешу таборӣ: меҳмониравӣ, ба воситаи телефон аз аҳволи якдигар хабардор шудан, мактуб навиштан, ба якдигар ғамхорӣ намудан, дӯст доштан ва ҳурмат кардани ҳамдигар бо мисолу далелҳо аз ҳаёти ҳаррузаи кӯдакон ҳисси дилбастагии онҳоро ба пайвандон афзун мегардонад.

Ба кӯдакон додани маълумоти ибтидоӣ дар бораи авлоди хонавода, ҷашнҳои оилавӣ, анъана, расму оин, ки аз насл ба насл мегузаранд (хондани сурудҳо, нақли ҳикояҳо, афсонаҳо, омӯзонидани воситаи муҳими тарбияи хештаншиносӣ буда, бозиҳои халқӣ, касбу ҳунари бобоӣ) иштироки кӯдакон дар омодагирӣ ба идҳои оилавӣ ва ҷашнвораҳо ба шаклгирии муносибатҳоимусбати дохили оилавӣ, таъмин намудани муҳити солими маънавӣ мусоидат мекунад.

Идомаи шиносоӣ бо эҷодиёти шифоҳии халқҳо, санъати тасвирӣ ва амалии халқи тоҷик. Ташаккули худшиносӣ ва фаҳмида гирифтани симои худ аз рӯйи ҷиҳатҳои зерин хеле муҳим аст:

- ман ва саломатии ман (фаҳмида гирифтан ва мустаҳкам намудани саломатии ҷисми худ бо роҳи обутобдиҳӣ, иҷро намудани машқҳои варзишӣ, пайдо кардани малакаҳои нигоҳубини бадани худ).

-ман ва намуди зоҳирии ман (нигоҳубини худ, тоза нигоҳ доштани либос, идора намудани рафтор ва ташаккули хислатҳои нек);

-ман ва муносибати ман бо атрофиён (ман, ҳуқуқ ва вазифаҳои муайяни худро дар муносибат бо атрафиён дорам);

-ман аъзои оилаам (оилаи ман, авлоди ман);

Сайқал додани ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбат ба оила, зодгоҳ, маҳали зист, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳанг, донистан ва риоя намудани расму анъанаҳои оилавӣ ва миллӣ, иду

дилхушиҳо, эҳтироми калонсолон, ғамхорӣ дар ҳаққи хурдсолон, риояи одоби муошират ва ғайраҳо ба шаклгирии ҳиссиёти ватандӯстӣ равона карда мешавад.

Ин маълумотҳоро ҳангоми шиносоӣ бо муҳити зист, адабиёти бадеӣ, рӯйдодҳою ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ (ҷашнгирии идҳо) ва оилавӣ (иду маросимҳо ва фароғати хонаводагӣ), сайругашт, мушоҳидаи меҳнати одамон ва ғайраҳо дода мешаванд. Инчунин фаҳмонда мешавад, ки одамони бо забонҳои гуногун гуфтугӯкунанда ба халқ, миллати дигар – тоҷик, ӯзбек, рус тааллуқ доранд. Фарзандони онҳо дар муассисаи томактабӣ, мактаб, кӯча, маҳалла, деҳа, шаҳр ва Тоҷикистони азизи мо аҳлона зиндагонӣ мекунанд, ҷавонмардон дар ҳифзи марзи кишвар, оромию суботи зиндагии осоиштаи мардум ҳиссагузарӣ менамоянд.

Иҷрои вазифаҳои тарбияи хештаншиносӣ дар машғулиятҳои шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, тайёрӣ ба саводомӯзӣ, фаъолияти мусаввирӣ, сайругашт, саёҳат ва ғайраҳо таъмин мегардад. Гузаронидани иду ҷашнвораҳои сиёсӣ, мавсимӣ, таърихӣ, касбӣ, саёҳат ба ҷойҳои таърихии маҳалли зист, шиносоӣ бо ҳайкалу нимпайкараҳои бузургон, омилҳои муҳими тарбияи хештаншиносӣ мебошанд.

Махсусан, адабиёти бадеӣ дар тарбияи ҳисси хештаншиносӣ нақши муҳимро мебозад, чунки он дар тамоми асру замонҳо омили муҳими таълиму тарбия ва ташаккулёбии шахсияти кӯдакон аст. Ин омилҳо ба ҳар як фард аз тифлӣ то пирӣ сарчашмаи таассуроту дониш ва лаҳзаҳои гуворои хушнудию хурсандиро ато месозад. Китоб кӯдакро бо олами пурасрор ҳиссиёту ҳаяҷони инсонӣ, кирдору рафтор ва муносибатҳои иҷтимоиву ахлоқӣ дохил менамояд. Асарҳои бадеӣ доираи донишу тасаввуротҳои кӯдаконро оиди гирду атроф васеъ намуда, ҳисси қаноатмандӣ ва хушҳолӣ мебахшад [9, с. 92-115.].

Каломи бадеӣ кӯдакро бо ҳодисаю воқеаҳои олами маънавӣ, кирдору рафтор ва амалҳои неки одамон шинос намуда, сифатҳои ахлоқии ӯро ташаккул медиҳад. Кӯдак, махсусан дар давраи калони томактабӣ, на танҳо бадеияти образҳоро дарк менамояд, инчунин ӯ қобилияти баҳо додан ба мазмун ва амалҳои қаҳрамонҳоро дорад. Ҳангоми муҳокимаронӣ, баҳодиҳӣ, хулосаю ҷамъбаст намудани ҳаракату амалҳои каҳрамонон, фикру андеша, ҳиссиёту фаҳмиши шахсии худро ифода менамояд. Ин имконият медиҳад, ки ҳангоми хонда додан, нақл намудани мазмуни ҳикояву афсонаҳо, шеъру чистонҳо, зарбулмасалу мақолҳо иҷрои вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ, ташаккулдиҳии олами маънавии кӯдакон таъмин гардад [7, с. 25].

Вазифаҳои муассисаи томактабӣ оид ба шинос намудани кӯдакон бо адабиёти бадеӣ дар давраҳои гуногуни синнусолӣ дар барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» [3, с. 76-106] нишон дода шудааст. Таҳлили мазмуни асарҳои бадеии кӯдакона, ки ба ин ҳуҷҷати муҳими давлатӣ дохил карда шудаанд, нишон медиҳад, ки онҳо аз ҷиҳати шакл (ҳикоя, афсона, шеър, ҳаҷвия ва ғайраҳо) ва усулҳои истифодабарӣ (хонда додан, нақл намудан, азёдкунондани шеърҳо, саҳнавӣ гардондани мазмуни асари бадеӣ) гуногунанд. Мураббия кӯдаконро бо асарҳои бадеӣ дар машғулиятҳои таълимӣ ва берун аз он (ҳангоми сайругашт, саёҳат, мушоҳидаҳои ҳаррӯза ва ғайраҳо) шинос намуда, сифатҳои ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, рафтори маданӣ, дилсӯзӣ, инсондӯстӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳушёриву зиракиро тарбия менамояд.

Қувваи ҷозибадори асарҳои бадеӣ дар он аст, ки кӯдак хондану нақли калонсолонро бо диққат гӯш мекунад ба ҳаяҷон меояд, ба қаҳрамонон тақлид менамояд, калимаю иборахо, порчаҳои шеъриву назмиро дар бозию машғулиятҳои таълимӣ, бозиҳо, иду дилхушиҳо лаҳзаҳои алоҳидаи махсуси ҳаёти дар хотир нигоҳ дошта, онҳоро такрор менамояд. Ин имконият медиҳад олами маънавӣ ва таҷрибаи ахлоқии қаҳрамононро кӯдак ба худ қабул намояд.

Маълум аст, ки идроки шунавоӣ дар ҳамаи кӯдакон як хел инкишоф наёфтааст ва он ба синну сол ва таҷрибаи шахсӣ вобаста аст. Хондану нақл намудани асарҳои бадеӣ имконият медиҳад, ки қобилияти шунавоии кӯдак ва дар заминаи он забон азхудкунии ӯ инкишоф ёбад. Барои ҳамин ҳам муҳим аст, ки кӯдак ба шунидан, дарк намудан ва фаҳмидани матни бадеӣ тайёр карда шавад, то ки шунидану дарк кардан таассуроту тахаюлоти амиқро ба вуҷуд орад, савол диҳаду муҳокима ронад, муқоиса намояду хулоса барорад.

Адабиёти бадеӣ кӯдаки имрӯзаро ба ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои маишию-хоҷагӣ, меҳнату фаъолияти одамон шинос намуда, мафкура, ҷаҳонбинии ӯро

ташаккул медиҳад, эҳтирому гиромидошти маҳсули меҳнати гузаштагон, муҳофизату дӯст доштани табиату инсонро меомӯзонад.

Дар таҷрибаи амалии кормандони муассисаҳои томактабӣ ба интихоби асарҳо аз эҷодиёти шифоҳии халқ бояд диққати махсус дода мешавад. Сурудҳои алла, шеъру таронаҳои навозишию дӯстдорӣ, афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, чистону тезгӯякҳо, байтҳо, сурудҳои маросимӣ воситаи муҳими шинос намудани кӯдакон бо одату анъана, расму оин ва маросимҳои мардумӣ мебошанд. Кӯдак ҳангоми шиносоӣ ба онон худро як ҷузъи халқи худ, миллати худ ҳисобида, нисбати забону фарҳанги модарӣ меҳру муҳаббат пайдо мекунад [8, с. 37].

Афсона боигарӣ ва хазинаи маданияти халқ аст, ки кӯдак мазмуни онро аз худ намуда халқи худро дониста мегирад. Тафаккур ва нутқи кӯдакро бе афсонае, ки ба шууру ҳиссиёти вай таъсир намудааст тасаввур кардан душвор аст. Маҳз афсона зинаи муайяни инкишофи тафаккур ва нутқи инсониятро муайян менамояд [1, с. 316].

Афсона – сарчашмаи маълумот оиди ҳаёту зиндагӣ ва маишату рӯзгори халқ аст. Он дарси аввалини ватандӯстиву хештаншиносӣ медиҳад. Ҳамаи қаҳрамонони он ҳамдигарро дӯст медоранд, иззату эҳтиром менамоянд, некиву дӯстӣ аз болои бадию душманӣ ғалаба мекунанд, шаъну шараф, ватани худро муҳофизат менамоянд ва ғайраҳо.

Афсонаҳои халқии тоҷикӣ осори пурарзише мебошанд, ки дар тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдакон нақши муҳим доранд. Онҳо дар замонҳои қадим эҷод шуда аз қаъри асрҳо ба насли хурдсоли имрӯз омада расидаанд. Афсонаҳо ҳикмат ва назари неки мардумро ба сифатҳои мусбати инсондӯстӣ, рафоқат, меҳнатдӯстӣ, хештаншиносиву ватандӯстӣ дар худ таҷассум менамоянд. Хусусияти хоси афсонаҳои халқии тоҷикӣ дар он аст, ки дар онҳо зарбулмасалу мақолҳо ва ибораҳо, калимаҳои сермаъно мавқеи хоса доранд, ки онҳо таъсири тарбиявии афсонаҳоро пурқувват мегардонад. Масалан, Нахӯдаки хурди калонкор (дар афсонаи «Нахӯдак»), «захми калтак меравад, захми сухан не» (дар афсонаи «Ҳезумкаш ва хирс»), «касе кор намекунад, нон намехурад» (дар афсонаи «Мурғ, мурғобӣ ва муш») ва ғайраҳо. Ҳангоми тадқиқотгузаронӣ маълум гардид, афсонаи «Нахӯдак», «Бузаки ҷингилапо», «Мурғи чипор», «Шалғам», «Кулчача», «Донак», «Хурмачаи шӯлапаз», «Мурғ, мурғобӣ ва муш» ва ғайраҳо афсонаи дӯстдоштаи кӯдакон аст [1, с. 316].

Дар афсона нутқи гуфтугӯӣ хеле ҷаззоб истифода шудааст, ки он чун суҳбати ахлоқӣ-тарбиявӣ ба кӯдакон таъсир мерасонад. Масалан, дар афсонаи «Гунҷишкаки якрав» гунҷишкак ба ҳушёрӣ, зиракӣ, ақлу фаросати худ дар ҳама лаҳзаҳои мушкили ҳаёт ба муваффақият ноил мешавад.

Ифодагари маънавиёту фарҳангӣ ҳар халқ мероси адабиёти ӯст. Шиносоӣ бо адабиёти халқҳои бародар имконият медиҳад оид ба арзишҳои маънавии умумибашарӣ – меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ, эҳтироми якдигар дар оилаву ҷомеа ва ғайраҳо кӯдакон баҳравар гарданд. Роҳу усул ва шаклҳои кор оиди истифодаи асарҳои бадеӣ дар муассисаи томактабӣ гуногунанд, ки яке аз онҳо саҳнавӣ гардонидани мазмуни матни адабӣ аст. Саҳнавӣ гардонидани мазмуни асарҳои бадеӣ, махсусан афсонаҳо, имконият медиҳад кӯдак мазмуни онҳоро пурра дарк намояд, шунидани матн, ҳаракату амалҳои қаҳрамонон, истифодаи мусиқӣ, ороиши саҳна ягонагӣ ва алоқамандии идроки биноӣ ва шунавоиро таъмин мегардонад. Саҳнавӣ гардондани мазмуни асарҳои бадеӣ ин ба шакли санъати драмавӣ дохил кардани асари бадеӣ аст, ки он дар як вақт иҷрои вазифаҳои тарбияи зебопарастӣ, инкишофи маҳорату қобилияти эҷодкориро пайгирӣ менамояд.

Дар таҷрибаи амалии муассисаи томактабӣ чунин намудҳои саҳнавӣ гардондани асарҳои бадеӣ истифода мешаванд, театри расмҳо (фланелограф), театри рӯимизӣ (лӯхтакҳо ва расмҳои махсус), театри соя, театри панҷаҳо, театри лӯхтакҳо ва бо кӯдакон гузаронидани бозиҳои драматизатсионӣ. Ин шакли кор таҳлил ва хусуияти худро дошта сазовори баҳси доманадор шуда метавонад.

Тартиби шинос намудани кӯдакон бо адабиёти бадеӣ чунинанд:

1. Тайёр намудани кӯдак ба шунидану дарк намудани мазмуни асари бадеӣ. Он таъмин кардани тайёрии психологӣ ва шароити махсус барои хондану нақл намудани матнро дар бар мегирад.

2. Хондан ва нақл намудани матн. Дар ҷараёни он дар як вақт намоиш додани суратҳои китоб, дигар аёнияту расмҳо, филмҳои тасвирӣ, намоиш додани театри руимизӣ таъсирбахши матнро афзун мегардонад.

3. Суҳбат мувофиқи матни хонда ва ё нақл кардашуда, ки он муҳокимаи таассуроту донишҳои кӯдакону калонсолонро ифода менамояд. Ҳангоми саволу ҷавоб мазмуни матн, ҳаракату амалҳои қаҳрамонҳоро бо ҳаёт, маишат, фаъолиятҳои ҳаррӯзаи кӯдакон алоқаманд кардан мумкин аст.

4. Аз тарафи кӯдакон ва худи калонсолон тартиб додани нақли мукаммали мазмуни асар.

Бояд қайд кард, ки суҳбат мувофиқи матни адабӣ усули аёнӣ ва шифоҳиро талаб менамояд. Он метавонад аз қисматҳои зерин иборат бошад:

1. Суҳбати муқаддимавӣ, ки мақсади он тайёр намудани кӯдакон ба дуруст ва пурра фаҳмидани мазмуни матн, амалҳои қаҳрамонон ва шавқманд гардондан ба шунидани мазмуни асари бадеӣ аст.

2. Суҳбат – шаҳрдиҳӣ, ки он вобаста ба мақсади дар пешгузоштаи мураббия гузаронида мешавад. Масалан, ҷалб намудани диққати кӯдакон ба ин ё он сифатҳои ахлоқӣ, кирдору амали неки қаҳрамонон, рафтори онҳо ва ғайраҳоро дар бар гирифта метавонанд.

Меъёри интихоби асарҳои бадеӣ барои тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ бояд аз инҳо иборат бошанд:

1. Ба кӯдакон жанрҳои гуногуни адабӣ – афсона, ҳикоя, шеър, зарбулмасалу мақолҳо, чистону тезгӯякҳо пешниҳод карда шаванд.

2. Матни асари бадеӣ ба синну сол ва қобилияти дарккунии кӯдакон бояд мувофиқат намоянд, то ки ба мазмун ва каҳрамонони он баҳо дода тавонанд.

3. Мазмун ва мухтавои матни адабӣ тарбия ва инкишофи ахлоқӣ, ақлию зеҳнии кӯдаконро таъмин намуда тавонад.

Бо мақсади таъмин намудани ёрии амалӣ ба мураббияи муассисаи томактабӣ оид ба иҷрои вазифаҳои тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ба воситаи асарҳои бадеӣ – афсона, шеъру ҳикоя мо нақшаи якчанд машғулият ва бозиро пешниҳод намудем, ки дар онҳо иҷрои вазифаҳои таълиму тарбиявӣ бо истифодаи якчанд роҳу воситаҳои таъсиррасонӣ пешниҳод гардида буданд. Ин нақша тахминӣ буда, ҳар як мураббӣ, волидайн дар асоси ба ҳисоб гирифтани шароиту имконият ва қобилияту шавқмандии кӯдак онро ба таври эҷодӣ истифода бурда тавонистанд. Натиҷагирӣ аз машғулиятҳо бо истифода аз адабиётҳои дадеӣ дар тарбияи хештаншиносӣ дар муассисаҳои томактабӣ болоравии сатҳи донишу тасаввуротҳои кӯдаконро оид мавқеи шахсии худ дар доираи муносибатҳои оилавӣ, муносибатҳои хешутаборӣ, бойшавии тасаввуротҳои иҷтимоӣ ва ғайраҳо мусоидат намуд, ки дар таҳқиқоти минбаъда ин раванд дар робита ба тарбияи ватандӯстӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ хоҳад гашт.

Таъмин намудани ҳамкорӣ бо оила дар тарбияи хештаншиносӣ хеле муҳим аст. Чунки маҳз таъмин намудани муҳити солими маънавӣ дар оила заминаи ташаккулёбии ҳиссиёти қаноатмандӣ аз атрофиён ва дилбастагию меҳрубонӣ нисбати онҳо мегардад. Ба ҳисоб гирифтани хоҳишу талабот, шавқу рағбати кӯдак, қонеъ гардонидани талаботҳои маънавию маърифатӣ, ҷалб намудан ба доираи муносибатҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Рӯҳбаланд, ҳавасмандкунӣ дар ҳолати пешравию муваффақиятҳо, дастгирию мададрасонӣ ҳангоми ноомаду мушкилиҳо яке аз омилҳои шаклгирии ҳисси дилбастагию меҳрубонии тарафайн мегарданд.

Ба волидайн маслиҳат дода шуд, ки кӯдаконро новобаста ба синну солашон ба муҳокимаи ин ё он масъалаҳои ҳаёти оилавӣ ҷалб намоянд. Фикру дархости онҳоро ба ҳисоб гиранд. Масалан, ҳангоми харидани тӯҳфа, бозича, ба меҳмонӣ ва ё саёҳат рафтан, ҷашн гирифтани рӯзи таваллуд ва ғайраҳо иҷрои ин маслиҳат арзишманд аст. Он имконият медиҳад, ки кӯдак худро чун аъзои баробарҳуқуқи оила ҳис намуда, дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ худро чун «ман», «ман ва дигарон», «мо», «оилаи мо», «наздикони ман» ҳис намояд.

## *Адабиёт*

1. *Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик. - Душанбе, 2001.*
2. *Бородич А. М. Методика развития речи детей. - М.: Просвещение, 1981.*
3. *Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон». – Душанбе, 2012.*
4. *Богомолова М.И., Суслова Э.К. Интернациональное воспитание. - М.: Просвещение, 1988.*
5. *Маҷидова Б., Турғунова З.Т. Ватанам – ифтихорам. – Душанбе, 2004.*
6. *Маҷидова Б. Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар хурдсолон // Мактаб ва ҷомеа. - Душанбе, 2002. - С. 43-47.*
7. *Маҷидова Б. Каломи бадеӣ дар кӯдакистон. - Душанбе, 2003. - 25 с.*
8. *Маҷидова Б., Иматова Л. Истифодаи зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакистон. - Душанбе, 1999. - 37 с.*
9. *Маҷидова Б. Нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи ҳисси хештаншиносии кӯдакон // Маҷмуаи мақолаҳо. Оила ва кӯдакистон: чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд. - Душанбе, 2006. - С. 92-115.*
10. *Маҷидова Б., Мирхонова Н. Ташаккули ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар хурдсолон // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2007. - №1. – С. 84-90.*


## НАҚШИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои томактабӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, ин ҷараёни таъсиррасонии мақсадноки волидону мураббиён аст, ки дар асоси донистану истифода бурдани қонуниятҳои тараққиёт, хусусият, қобилият ва имкониятҳои синну солӣ ва фардии кӯдакон ҷараён мегирад. Натиҷаи татқиқот нишон дод, ки масъалаи нақши адабиёти бадеӣ дар тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаи томактабӣ дар татқиқотҳои илмии мутахассисон, таҷрибаи амалии кормандон диққати махсус дода шудааст. Дар шароити кунунӣ низ дар назария ва амалияи тарбияи кӯдакон дар оила ва муассисаи томактабӣ вобаста ба шароиту имкониятҳо ва иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия муҳим буда он омили муҳими муҳофизати саломатии равонию ҷисмонӣ, беҳдошти кори таълиму тарбиявӣ ба кӯдакон боқӣ мондааст.



**Калидвожаҳо:** адабиёти бадеӣ, синни томактабӣ, муассисаи томактабӣ, волидон, мураббия, инкишоф, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ташаккулёби, меъёр, иҷтимоишавӣ.


## РОЛЬ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ВОСПИТАНИИ САМОПОЗНАНИЕ И ПАТРИОТИЗМА У ДОШКОЛЬНИКОВ.


В данной статье изучены и проанализированы особенности роли художественной литературы в воспитании самосознания и патриотизма у детей дошкольного возраста. Роль художественной литературы в воспитании самосознания и патриотизма у дошкольников заключается в процессе целенаправленного воздействия родителей и педагогов, в основе которого лежит знание и использование закономерностей развития, особенностей, способностей и возможностей детского возраста и индивидуальность. Результаты исследования показали, что вопросу о роли художественной литературы в воспитании самосознания и патриотизма у детей дошкольного возраста уделяется особое внимание в дошкольных учреждениях в научных исследованиях специалистов и практическом опыте сотрудников. В современных условиях имеет важное значение в теории и практике воспитания детей в семье и в дошкольных учреждениях в зависимости от условий и возможностей и выполнения воспитательных и воспитательных задач и остается важным фактором защиты психического и физического здоровья, а также совершенствование воспитательной и воспитательной работы детей.



**Ключевые слова:** художественная литература, дошкольный возраст, дошкольное учреждение, родители, воспитатель, развитие, самосознание, патриотизм, формирование, норма, социализация.


## THE ROLE OF ART IN THE EDUCATION OF SELF-KNOWLEDGE AND PATRIOTISM OF PRESCHOOLERS


The characteristics of the role of fiction in the education of self-awareness and patriotism of preschool children age are studied and analyzed in this article. The role of fiction in the education of self-awareness and patriotism of preschool children is the process of purposeful influence of parents and teachers, which is based on the knowledge and use of the laws of development, characteristics, abilities, and opportunities of children's age and individuality. The results of the research showed that the issue of the role of fiction in the education of self-awareness and patriotism of children of preschool age has been given special attention to preschool institutions in the scientific research of specialists and the practical experience of employees. In the current conditions, it is important in the theory and practice of raising children in the family and in preschool institutions, depending on the conditions and opportunities and the

performance of educational and educational tasks, and it remains an important factor in protecting mental and physical health and improving the educational and educational work of children.

**Keywords:** fiction, preschool age, preschool institution, parents, tutor, development, self-awareness, patriotism, formation, norm, socialization.

## Дар бораи муаллифон

**Маҷидова Бибиҳафиза**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 83 19 02
E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Раҳмонова Насима Ҳумроновна**
Ассистенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 75 09 90
E-mail: rahmonovan86@gmail.com

## Об авторах

**Маджидова Бибихафиза**
Доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогический и инкллюзивного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 83 19 02
E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Рахмонова Насима Хумроновна**
Ассистент кафедры педагогики, психология и методика дошкольного воспитания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 75 09 90
E-mail: rahmonovan86@gmail.com

## About the authors

**Madjidova Bibihafiza**
Doctor of Pedagogical Sciences, professor in the Department of Social Pedagogical and Inclusive Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 83 19 02
E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Rakhmonova Nasima Humronovna**
Assistant in the Department of Pedagogy, Psychology and Methods of Preschool Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 75 09 90
E-mail: rahmonovan86@gmail.com

# ХУСУСИЯТҲО ВА ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБИИ ТАЪЛИМИ ЛИНГВОФАРҲАНГӢ

***Бобоев Б. С.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб*
*ба номи А. Рӯдакӣ*

Забон, тафаккур ва фарҳанг ба ҳамдигар сахт алоқаманданд, ки амалан бутуни ягонаро ташкил медиҳанд ва бидуни ҳамдигар фаъолият карда наметавонанд. Роҳ аз олами воқеӣ то мафҳум ва ифодаи ин мафҳум дар калом барои халқҳои гуногун буда, бо шароити табиӣ, иқлимӣ, ҳамчунин муҳити иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Бо ин шароит ҳар як миллат таърихи худ, манзараи фарҳангӣ ва забонии ба худ хоси ҷаҳон дорад. Дар баробари ин, манзараи фарҳангии ҷаҳон ҳамеша аз тасвири забонӣ ғанитар аст. Аммо манзараи фарҳангии ҷаҳон маҳз дар забон амалӣ мешавад, лафзӣ мешавад, ҳифз мешавад ва аз насл ба насл интиқол меёбад. Дар ин раванд вожаҳо на танҳо номи ашёву падидаҳо, балки порае аз воқеият буда, аз манзараи фарҳангии ҷаҳон гузашта, ба ин далел хусусияти хоси ин мардумро касб кардааст. Аз ин рӯ, дар он ҷое, ки як тоҷик ду ранг - кабуд ва сабзро мебинад, инглис танҳо як ранг - кабудро мебинад, гарчанде ки ҳарду ба як қисми спектр менигаранд, яъне забон диди муайяни дунёро ба сари одам бор мекунад. Як пораи воқеият, як мафҳум дорои шаклҳои гуногуни баёни забонӣ дар забонҳои гуногун аст. Аз ин рӯ, донишҷӯ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, вожаҳои ин забонро бо унсури тасвири ҷаҳони бегона шинос мешавад ва кӯшиш мекунад, ки онро бо тасвири ҷаҳонии худ, ки забони модарии худ додааст, пайваст кунад. Ин яке аз душвориҳои асосии омӯзиши забони хориҷӣ мебошад.

Муҳаққиқи тоҷик Р.Мирзоева дар робита ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълими забони тоҷикӣ чунин изҳори назар кардааст: «Муносибати салоҳиятнок ба истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарси забони тоҷикӣ ва забони давлатӣ аз ҳар омӯзгор талаб менамояд, ки усули пешқадами дарсдиҳии забони модарӣ ва забони давлатиро донад ва дар мавриди аз худ намудани забони модарӣ ва забони давлатӣ, хонандаро бо қонуниятҳои вобаста ба забон, ки ҳангоми навиштан ҳар якеро бояд донист ва надонистани ин қонуниятҳо, ҳангоми навишт ба хатогиҳои савтиётию морфологӣ ва аломатҳои китобатӣ оварда мерасонад, ҳушдор созад. Ташкили дурусти кор бо луғат (истифода аз тахтаи электронӣ) дар дарс аҳамияти муҳим дорад» [4, с. 232-239].

Амалияи забон нишон медиҳад, ки забон замимаи механикии ягон фарханг нест, зеро дар ин сурат неруи забон танҳо ба як фарҳанг маҳдуд мешавад ва забон дар муошírати байнифарҳангиҳо истифода шуда наметавонист. Дарвоқеъ, яке аз хосиятҳои пешбари забон ҷомеият (универсалӣ)-и он аст, ки ба инсон имкон медиҳад, ки забонро дар ҳама ҳолатҳои эҳтимолии муошират, аз ҷумла дар робита бо дигар фарҳангҳо ҳамчун воситаи муошират истифода барад.

Дар муошírати байнифарҳангӣ мушкилоти бештар ҳангоми тарҷумаи иттилоот аз як забон ба забони дигар ба миён меояд. Аён аст, ки тарҷумаи комилан дақиқ аз сабаби тасвирҳои гуногуни ҷаҳон аз ҷониби забонҳои гуногун имконнопазир аст. Ҳолати маъмултарини номутобиқатии забонӣ мавҷуд набудани муодили дақиқ барои ифодаи мафҳуми мушаххас ва ҳатто мавҷуд набудани худи мафҳум мебошад. Сабаб он аст, ки мафҳум ё ашёе, ки бо ин гуна истилоҳот ифода мешаванд, хоси як фарҳанги додашуда буда, дар фарҳангҳои дигар вуҷуд надоранд ва аз ин рӯ, истилоҳоте барои ифодаи онҳо надоранд.

Ҳамин тавр, дар забони тоҷикӣ мафҳуми «виски» вуҷуд надорад, ки маънои онро дорад, ки дар забони тоҷикӣ калимаҳои мувофиқ вуҷуд надоранд. Агар зарур бошад, чунин мафҳумҳо бо истифода аз қарзҳо (иқтибосҳо) ифода карда мешаванд. Дар луғати (лексикаи) ягон забон вомҳои нолексикӣ чандон зиёд нестанд (одатан на бештар аз 6-7%).

Шояд вазъиятҳои душвортарин дар муошírати байнифарҳангӣ ҳолатҳое бошанд, ки як мафҳум бо тарзҳои гуногун - зиёдатӣ ё нокифоя - бо забонҳои гуногун ифода мешавад (мисоли рангҳои моро ба забони тоҷикӣ ва англисӣ ба ёд оред). Гап дар сари он аст, ки маънои калима бо як мафҳуми луғавӣ (денотатсияи калима) маҳдуд нашуда, бештар ба мувофиқати луғавӣ ва фразеологии он - ифодаи фарҳангии халқ дар бораи предмету падидаҳои алоҳидаи воқеият вобаста аст. Тасодуфи пурраи ҷанбаҳои номбаршудаи калима амалан ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, тарҷумаи калимаҳо танҳо бо ёрии луғат имконнопазир аст, ки рӯйхати дарози маънои эҳтимолии калимаи тарҷумашударо медиҳад. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ ва дар муошират истифода бурдани он вожаҳоро на алоҳида аз рӯи маъно, балки дар таркиби табиӣ, устувортарин таркибҳои хоси ин забон аз ёд кардан ва истифода бурдан лозим аст.

Ин мисолҳои мувофиқати луғавию фразеологии вожаҳои табиӣ ва ошноӣ дар забони модарӣ буда, барои бегонагон нофаҳмо хоҳанд буд (агар онҳоро бо истифода аз луғат тарҷума кунед). Ба ғайр аз ин, дар байни ақидаҳои фарҳангии халқҳои гуногун дар бораи баъзе предметҳо ва падидаҳои воқеият, ки бо вожаҳои муодили ин забонҳо (коннотатсия) ифода ёфтаанд, масъалаи номутобиқат ба миён меояд. Масалан, ибораи «чашмони сабз» дар забони тоҷикӣ хеле шоирона буда, аз чашмони сеҳрнок ишора мекунад. Аммо ибораи худи ӯ ба забони англисӣ (чашмони сабз) ҳамчун муродифи маҷозии эҳсоси ҳасад хизмат мекунад, ки В.Шекспир дар фоҷиаи "Отелло" онро "ҳайвони сабзчашм" номидааст.

Калима ҳамчун воҳиди забон бо предмет ё падидаи муайяни ҷаҳони воқеӣ алоқаманд аст. Аммо, дар фарҳангҳои гуногун ин мукотиба метавонад гуногун бошад, зеро худи ин ашё ё падидаҳо ва андешаҳои фарҳангӣ дар бораи онҳо метавонанд гуногун бошанд. Масалан, истилоҳи англисии «house» аз мафҳуми русии «house» фарқ мекунад. Барои мо хона ҷои истиқомат, ҷои кор, ҳар як бино ва муассисаро ифода мекунад. Барои як англис мафҳуми "хона" танҳо бино ё иншоотро ифода мекунад ва оташдон бо вожаи "хона" ифода мешавад. Ин маънои онро дорад, ки дар забони русӣ мафҳуми “хаус” нисбат ба мафҳуми “house” дар англисӣ васеътар аст.

Дар айни замон нуктаи назари умум пазируфташуда ин аст, ки дар фарҳанг ва забони ҳар як халқ ҷузъҳои умумибашарӣ ва миллӣ мавҷуданд. Маъноҳои умумибашарӣ, ки аз ҷониби ҳамаи одамони ҷаҳон ё намояндагони фарҳангҳои алоҳида яксон дарк мешаванд, барои муоширати байнифарҳангӣ замина фароҳам меоранд, бидуни онҳо фаҳмиши байнифарҳангӣ аслан ғайриимкон мебуд. Ҳамзамон дар ҳар фарҳанг маъноҳои хоси фарҳангӣ мавҷуд аст, ки дар забон, меъёрҳои ахлоқӣ, эътиқод, шаклҳои рафтор ва ғайра собит шудаанд. Пайванди забон, тафаккур ва фарҳанг, ки дар боло нишон дода шудааст, як қисми рушди асри XX мебошад ва равиш ба фарҳанг ва худи фарҳангро ҳамчун маҷмуи аломатҳо ва матнҳо баррасӣ мекунад.

Фаҳмидани он, ки майна чӣ гуна кор мекунад, барои таҳияи равишҳо ва усулҳои самарабахши лингводидактикӣ муҳим аст. Зарурати истифодаи маълумотҳои асабшиносӣ дар таълиму тарбия муддати тӯлонӣ аз ҷониби бисёре аз олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баҳс қарор гирифтааст, зеро ин маълумотҳо имкон медиҳанд, ки ҳам консепсияҳои назариявӣ ва ҳам усулҳои самараноки таълими хусусии таълим бо назардошти донишҳои муосир ва дастовардҳои илми майна таҳия карда шаванд.

Рушди босуръати асабшиносӣ дар даҳсолаҳои охир боиси пайдоиши бисёр соҳаҳои байнисоҳавӣ гардид, ки яке аз онҳо нейродидактика (ҳамчун фанни интегративии илмии низоми нейропедагогика) мебошад, ки шаклҳои умумӣ ва махсуси таълим, шакл ва усулҳои таълимро меомӯзад ва омӯзиш дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти майна ба роҳ монда мешавад. Пайдоиши он ба зарурати ҳамкории неврологҳо ва омӯзгорон барои самаранок ва асоснок татбиқ намудани дастовардҳои илми асабшиносӣ дар таълим вобаста аст [5,с.68].

Махсусан, нейродидактика масъалаҳои омӯзиши забонҳои хориҷиро дида мебарояд. Дар ҳоле ки равишҳое вуҷуд надоранд, ки барои ҳама намудҳои донишомӯзон баробар муассир бошанд, равишҳое, ки бо механизмҳои нейропсихиатрӣ мувофиқат мекунанд, эҳтимолияти самаранокии омӯзишро таъмин мекунанд. Дар байни инҳо мо низоми таълими лингвистии театриро, ки ба зарфияти педагогии театр асос ёфтааст, дохил мекунем. Пешрафти неврология фаҳмиши моро дар бораи равандҳои нейрофизиологӣ ва нейропсихологии марбут ба функсияҳои нутқ дар майна хеле васеъ кард. Усулҳои муосири тасвирӣ (масалан, томографияи позитронӣ-эмиссионалӣ, томографияи магнитӣ-резонансӣ, магнито-энсефалография), ки имкон медиҳанд фаъолияти майнаи инсон дар вақти воқеӣ мушоҳида карда шаванд, дар бораи вазифаҳои майна, ки бо равандҳои тавлид ва дарки нутқ алоқаманданд, ҳамчунин донишҳои сифатан нав медиҳанд ва дар бораи механизмҳои азхудкунии забонҳои модарӣ ва хориҷӣ маълумот пешниҳод менамоянд [7, с. 24-25].

Дар натиҷа, бисёре аз ақидаҳои анъанавӣ дар бораи фаъолияти майна, ки даҳсолаҳо дар соҳаи маориф ва илм бартарӣ доштанд, аз нав муайян карда шуданд. Ин, аз ҷумла, бо ғояи ҷудо кардани функсияҳои нимкураи рост ва чапи майна рӯй дод. Нимкураи чапро бо абстрактӣ ва аналитикӣ ва нимкураи ростро бо ҷиҳатҳои мушаххасу образии тафаккур алоқаманд кардан маъмул аст. Вобаста ба ин, омӯзиш аз нуқтаи назари вазифаҳои мағзи сар ба таври анъанавӣ ҳамчун фаъолияти муташаккили маърифатии нимкураи чапи майна, ки бо равандҳои мантиқӣ ва хаттӣ алоқаманд аст, баррасӣ мешавад. Ғояи бартарии намоёни нимкураи чап дар азхудкунии забон дар охири асри XIX ташаккул ёфтааст ва пас аз як қатор таҳқиқоти майна зуҳур кардааст (П.Брока, Ч.Вернике, Й.Дежерине ва дигарон) далелҳои таҷрибавӣ ҷамъ оварда, олимонро бовар кунонданд, ки макони забон дар нимкураи чап ҷойгир аст. Назарияи локализатсия, ки ба минтақаҳои алоҳидаи мағзи майна вазифаҳои

мушаххаси равониро ба вуҷуд овард, минбаъд ба мафҳуми бартарии мағзи сар оварда расонд, ки мувофиқи он нимкураи чап дар тавлиди шаклҳои олии маърифат бартаридошта дониста мешуд. Ин консепсия рӯзномаи таҳқиқоти нейрофизиологиро дар нимаи аввали асри XX муайян кард.

Консепсияи ҳукмронии мағзи сар дар солҳои 1960 мавриди баҳс қарор гирифт. Дар натиҷаи таҳқиқотҳои нейропсихологи амрикоӣ Р.Сперри ва дигар олимон (Р.Майерс, Ф.Фогел, Ҷ.Боген, М.Газзанига ва дигарон) нисбати беморони гирифтори эпилепсия, ки бо роҳи ҷарроҳӣ ҷудокунии нимкураи мағзи сар (таҳқиқот бо "мағзи тақсим") сурат мегирад, андешаҳои ҷудогона доранд. Маълумоти бадастомада назарияи локализатсияи нимкураи чапи функсияҳои нутқро тасдиқ намуд, бинобар ин, қобилияти забон асосан бо нимкураи чап алоқаманд буд, дар ҳоле ки нақши тобеи гешталт ба тарафи рост вобаста буд [6, с. 69, 80-81].

Ҳамзамон, таҳқиқоти ҷудогонаи мағзи сар далелҳои нави клиникиро барои тахассуси функсияҳои нимкураҳо ва хусусиятҳои коркарди мушаххаси иттилоот пешниҳод карданд ва аҳамияти ҳам нимкураҳои чап ва ҳам ростро дар рушди маърифатии инсон таъкид намуда, нишон доданд, ки онҳо механизмҳои гуногуни маърифатӣ ва равандҳои коркарди иттилооти шифоҳӣ ва ғайривербалиро фаро мегиранд. Маълумоти ин таҳқиқотҳо барои рушди илми маърифатӣ ва педагогика аҳамияти калон доштанд, зеро онҳо хусусияти бимодалии низоми маърифатии инсонро ошкор намуда, дарки раванди таълимро васеъ намуданд. Аммо дар адабиёти педагогӣ, пеш аз ҳама, Амрико ва Аврупои Ғарбӣ дар шарҳи хусусиятҳои маърифатии донишомӯзон содагардонии зиёд ба назар мерасад, ки дар натиҷа тафовут дар азхудкунии маводи таълимӣ аксар вақт ба бартарияти ҳуқуқ ё нимкураи чап дода мешавад. Дар натиҷа ғояҳои навсозии низоми маориф ба миён омаданд, ки аслан тафсири таҳқиқоти неврофизиологӣ ба камолот нарасидаанд ва тахмин мезананд.

Ҳамин тариқ, «дар мубориза барои дигаргуниҳои куллӣ дар таълим ангезаи шубҳанок барои иваз кардани услуби анъанавии «нимкураи чап», забони шифоҳӣ ба «нимкураи рост», образнок, эҳсосотӣ пайдо шудааст [2, с. 53].

Дар натиҷаи таҳқиқот дар даҳсолаҳои охир мафҳуми нимкураи чапи ҳукмронӣ ва нимкураи рости субдоминантӣ бо консепсияи махсусгардонии комплементарии нимкураҳо иваз карда шуд. Муқоисаи таъсири мутақобилаи нимкураҳо дар иҷрои вазифаҳои нутқ нишон медиҳад, ки салоҳияти забонӣ ва дониши грамматика дар ихтиёри нимкураи чап қарор дорад, дар ҳоле ки нимкураи рост салоҳияти коммуникативӣ, малакаҳои ғайривербалӣ, интерактивӣ, контекстӣ, шинохти чеҳра, дарки чеҳраро назорат мекунад, ҳамчунин баён ва аксуламал ба тағйирёбии он, арзёбии аксуламалҳои эмотсионалии ҳамсуҳбат, такрор ва дарки овозҳо ва имову ишораи забон.

Бе интегратсияи функсияҳои нимкураи рост забоне, ки нимкураи чап метавонад тавлид кунад, барои муоширaт номувофиқ хоҳад буд, зеро нимкураи рост малакаҳои заруриро барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ таъмин мекунад. Асарҳои зиёди нейрофизиологҳо ва нейропсихологҳои ватанӣ ва ғарбӣ ба омӯзиши салоҳияти коммуникативӣ аз нуқтаи назари таъсири мутақобилаи функсионалии нимкураҳо бахшида шудаанд (Л.Я.Балонов, В.Л.Деглин, Т.В.Черниговская, М.Данези ва ғ.), ки тафовути стратегияҳои нимкураи рост ва чапро тасдиқ намуда, хусусияти онҳоро дар коркарди ахбор, ки бевосита ба раванди маърифат ва аз ин рӯ, ба назария ва методологияи таълим умуман ва хусусан ба лингводидактика алоқаманд аст, равшан мекунанд. Агар нимкураи чап бо истифодаи равиши назариявӣ (механизмҳои формалӣ-мантиқии ба даст овардани донишҳои нав), ки таҳти назорати шуур қарор дорад, хос бошад, пас нимкураи рости эмпирикӣ ва равандҳои шинохти воқеият дар атрофи он аст, ки барои он масъул аст, ба шабоҳат ё наздикии равандҳо ва падидаҳо асос ёфта, дар сатҳи зери шуур пеш меравад.

Муҳаққиқ Л.В.Сахарний фарқияти механизмҳои тафаккури нутқи нимкураи чап ва ростро тавсиф намуда, мафҳуми мавҷудияти майнаи одами «нимкураи чап ва грамматикаи рост»-ро ба миён мегузорад: «... нимкураи чап иттилоотро бо истифода аз ригид коркард мекунад. амалиёти формалӣ-мантиқӣ бо миқдори маҳдуди воҳидҳои дискретии сатҳҳои гуногун - аз аломатҳои дифференсиалӣ то ҷумлаҳо. Ин сатҳҳо, воҳидҳо ва амалиётҳо дар грамматикаҳои анъанавӣ хеле хуб фаҳмида ва тавсиф шудаанд. Нимкураи рост иттилоотро дар асоси зеҳнӣ коркард мекунад” [7, с. 17-20]. Хусусияти асосии "грамматикаи нимкураи рост" якпорчагӣ ва ягонагии семантикӣ мебошад.

Назарияи низомҳои функсионалӣ (П.К.Анохин, В.Б.Швирков, Д.Эделман) имкон дод, ки ба падидаи асимметрияи функсионалии майна аз нав нигоҳ карда шавад [1, с. 5-19]. Дар робита ба фарқиятҳои маърифатӣ, равиши низоми функсионалӣ дурустии хусусияти нимкураи глобалӣ бояд арзёбӣ шаванд. Аз нуқтаи назари ғояҳои муосир дар бораи қисман бартарияти функсияҳои нимкураҳо, консепсияи профили паҳлӯии шахс бо назардошти

хусусияти таҳаввулкунандаи таъсири мутақобилаи функсионалии нимкураҳо муҳим ҳисобида мешавад.

Дар баробари ин, ҳама гуна функсия ҳамчун дастоварди низомноки натиҷа дар робитаи ҳамаҷонибаи байни организм ва муҳити зист ҳисобида мешавад, аммо кӯшиши локализатсияи ин функсия ғайриқонунӣ буда, аз нуқтаи назари равиши функсионалӣ-низомнокӣ «назариявӣ» мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, асимметрияи функсионалии майна нисбат ба функсияҳои нутқ ҳамчун динамикӣ ҳисобида мешавад. Ҳамкории нимкураҳо вобаста ба равандҳои азхуд кардани забони хориҷӣ ва ба назар гирифтани навъҳои алоҳидаи фаъолияти нутқ. Бояд дар назар дошт, ки ҷалби минтақаҳои мағзи сар, ки дар иҷрои вазифаҳои равонӣ, ки бо гирифтани забони нав алоқаманданд, бетағйир намемонад. Омӯзиши забони хориҷӣ аз нав ташкил кардани сохтори қисмҳои алоҳидаи майнаро дар бар мегирад. Он ба маҷмуи шартҳои ташаккули вазифаи додашуда, ба монанди мавҷудият ё набудани муҳити забонӣ, ба тариқи қолабӣ азхудкунӣ ё омӯзиши мақсадноки оқилона вобаста аст. Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки равиши дидактикӣ ва ташкили таълим дар азхудкунии забони хориҷӣ нақши муҳим мебозад, зеро онҳо ба ташаккули стратегияи коркарди иттилооти даркшуда таъсир мерасонанд. Дар раванди ташаккули фаъолияти нутқ дар забони хориҷӣ ду намуди азхудкунии забон фарқ мекунанд - фаросатӣ (интуитивӣ)-таҷрибавӣ (I) ва ратсионалӣ-таҳлилӣ (II).

Одатан, ин навъҳои азхудкунии забон бо функсияҳои нимкураи рост ва чапи майна алоқаманданд. Муҳаққиқ Г.А.Китайгородская шартан онҳоро навъҳои коммуникативӣ ва ғайрииртиботӣ номида, ба таври дихотомӣ ҷудо накарда, балки пешниҳод мекунад, ки онҳоро «ду қутби континуум» баррасӣ кунанд [2, с. 53].

Муҳаққиқ М.Данези ин навъҳои азхудкунии забонро дар доираи консепсияи бимодалияти худ бо ду тарзи модалии омӯзиш пайваст карда, истилоҳи «бимодалият»-ро ҳамчун дастури лингвопедагогӣ барои ифодаи ин дугонаи ҷанбаҳои лингво-маърифатӣ истифода мебарад [11, с. 48-55].

Воқеан, мафҳуми бимодалияти муҳаққиқ М.Данезӣ ба ду принсипи асосӣ: тамоюли модалӣ ва тамаркузи модалӣ риоя мекунад. Муҳаққиқ М.Данезӣ дар асоси таҷрибаи худ ва таҷрибаҳои ҳамкасбонаш бар ин назар аст, ки омӯзиши мафҳумҳо ва конструксияҳои нав бояд аз мафҳуми ботаҷриба то таҳлилӣ пай дар пай дошта бошад. Ин маънои онро дорад, ки дар марҳилаи ибтидоии омӯзиш донишҷӯён бояд маводи навро тавассути мушоҳида, индуксия, бозии нақш, симулясия, супоришҳои шифоҳӣ ва фаъолиятҳои гуногуни интерактивӣ аз худ кунанд.

Усулҳои таълим, ки дар ибтидои омӯзиш ба категорияҳои абстрактӣ нигаронида шудаанд (калимаҳои аз контекст, сохтор, қоидаҳои грамматикӣ ҷудошуда ва ғайра) натиҷаи интизорӣ намедиҳад, зеро донишҷӯён схемаҳои пешакӣ барои ҷойгиркунии бевоситаи маводи воридшаванда надоранд.

Аммо бар хилофи дигар равишҳое, ки ба мафҳуми асимметрияи функсионалии майна асос ёфтаанд (масалан, методи Ч.Ашери ҷавоби пурраи физикӣ, пешниҳоди Г.Лозанов, равиши табиии С.Крашен ва Т.Террел ва ғайра) консепсия аз бимодалияти муҳаққиқ М.Данези тасдиқ мекунад, ки ин марҳилаи «мағзи рост» бояд бо марҳилаи тавзеҳоти грамматикӣ, машқҳо ва дигар чорабиниҳои тарбиявии оқилона сурат гирад. Муҳаққиқ Данези чунин мешуморад, ки мудирияти сохторҳои забонӣ худ аз худ ба вуҷуд намеояд, чуноне ки Ч.Ашер, С.Крашен ва пайравони онҳо исбот кардаанд.

Муайян кардани вазифаи таълимӣ аз рӯи намуди якум («мағзи рост») ва дуюм («мағзи чап») танҳо муайян кардани фокусро дар назар дорад, ки дар ин вазифа бояд таъкид карда шавад. Дар баробари ин, дониши муаллим дар бораи он, ки бо ин вазифа кадом функсияҳои нимкураи мушаххас фаъол мешаванд, ҳатмӣ нест, зеро самти худи вазифаҳои таълимӣ бартарӣ дорад. Принсипи тамоюлнокии модалӣ ҳамин тавр дар муқаррароти зерин ошкор шудааст: шаклҳои таҷрибавии фаъолияти таълимӣ бояд дар марҳалаи ҷорӣ намудани маводи нав истифода шаванд; минбаъд раванди таълим бояд ба самти фаъолиятҳои расмӣ ва таҳлилӣ ҳаракат кунад, яъне омӯзгор набояд аҳамияти дарки оқилонаи маводи забонро нодида гирад; муаллим бояд ба муҳассилин дар марҳалаҳои ибтидоии азхудкунии маводи нав имконоти кофиро барои импровизатсия фароҳам оварад; пас аз марҳилаи эмпирикии омӯзиш бояд диққатро ба омӯзиши ҷиҳатҳои расмӣ ва қоидаҳо диҳанд. Самти модалиро метавон ҳамчун истифодаи махсуси принсипи индуктивӣ ҳисоб кард. Аммо бар хилофи истифодаи он дар усулҳои қатъиян индуктивистӣ (масалан, мустақим, шунавоӣ ва ғ.), он истифодаи равиши индуктивиро барои ҳалли тамоми масъалаҳои таълимӣ талаб намекунад, балки танҳо онҳоеро, ки ба маводи нав (ворид) алоқаманданд, талаб мекунад.

Омӯзиш бояд ҳаракати доимӣ аз таҷриба ба корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз таҷрибаи амалӣ ба мазмуни назариявӣ бошад. Ин принсип маънои онро дорад, ки ҳатто амалияи механикии таҳкими мавод набояд аз контекст иҷро карда шавад. Контекстҳои пурмазмун бояд на танҳо барои воридоти нав, балки барои вазифаҳое, ки тафаккури таҳлилиро талаб мекунанд, ҳамеша вуҷуд дошта бошанд. Инҳо функсияҳои ҳолати нимкураи чап мебошанд, махсусан ҳангоми иҷрои вазифаҳое, ки ба амалҳои механикӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши забони контекстӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки "шакли нимкураи чап"-ро бо "муҳтавои нимкураи рост" муқоиса кунанд. Принсипи тамаркузи модалӣ ин аст, ки тамаркуз ба як ҳолати муайяни модалӣ дар нуқтаҳои муайяни омӯзиш сурат мегирад. Тамаркузи модалии навъи I диққати донишомӯзонро ба фаҳмидани контексти дискурсивӣ ва маънои консептуалии амали нутқ равона мекунад. Тамаркузи навъи II модалӣ (ратсионалӣ-таҳлилӣ) ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки диққати худро ба масъалаҳои расмии марбут ба дурустии нутқ - қоидаҳои грамматикӣ, сохторҳои забонӣ ва ғ. равона кунанд.

Масалан, як намунаи хаторо (хатои такроршаванда) бартараф кардан лозим аст. Пуле барои азхудкунии забони ҳақиқӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки донишҷӯён дар фаъолияти нутқ эҷодкорона истифода бурдани ҳарду тарзи модалиро шуруъ мекунанд.

### *Адабиёт*


1. *Александров, Ю.И. Психофизиологические закономерности научения и методы обучения / Ю.И.Александров // Психологический журнал. - 11/ 2012. - Том 33. - № 6.*
2. *Китайгородская, Г.А. Интенсивное обучение иностранным языкам: теория и практика / Г.А.Китайгородская. - М.: Тоҷик . яз., 1992. - 254 с.*
3. *Меграбян, А. Психодиагностика невербального поведения / А.Меграбян. - СПб.: Речь, 2001. - 256 с.*
4. *Мирзоева, Р. Нақши истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарсҳои забони модарӣ / Р.Мирзоева // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф (ISSN 2617-5320). – 2020. - №2 (30).*
5. *Радбиль, Т.Б. Основы изучения языкового менталитета / Т.Б.Радюбиль. - М. : Флинта : Наука, 2010. – 328 с.*
6. *Самосенкова, Т.В. Осуществление межкультурного контакта: прагматический компонент / Т.В.Самосенкова // Вестник ХНУ. – 2010. - №16*
7. *Сахарный, Л.В. Человек и текст; две грамматики текста // Человек - текст – культура / Л.В.Сахарный / Под ред. Н.А. Купиной, Т.В. Матвеевой. - Екатеринбург, 1994.*
8. *Терехин, А., Возрастные изменения когнитивных свойств мозга: нейросетевой подход / А.Терехин, Е.Будилова, М.Карпенко, Л. Качалова, Чмыхова, Е. // Дифференционно-интеграционная теория развития / Сост. Н.И.Чуприкова, А.Д.Кошелев. – М., 2011.*
9. *Тер-Минасова, С.Г. Язык и межкультурная коммуникация / С.Г.Тер-Минасова. - М.: Слово, 2000. - 624 с.*
10. *Фещенко, В.В. Язык как творчество и творчество в языке: к истории лингвистической идеи / В.В.Фщенко // Критика и семиотика. - Вып. 17, 2012.*
11. *Danesi, M. Second Language Teaching: A View from the Right Side of the Brain. - Springer Science & Business Media, 2012. - 172 p.*


## ХУСУСИЯТҲО ВА ҶУЗЪҲОИ ТАРКИБИИ ТАЪЛИМ ЛИНГВОФАРҲАНГӢ


Мақола баррасии хусусиятҳо ва ҷузъҳои таркибии таълими лингвофарҳангиро фаро мегирад. Ба андешаи муаллиф, забон, тафаккур ва фарҳанг ба ҳамдигар сахт алоқаманданд, ки амалан бутуни ягонаро ташкил медиҳанд ва бидуни ҳамдигар фаъолият карда наметавонанд. Роҳ аз олами воқеӣ то мафҳум ва ифодаи ин мафҳум дар калом барои халқҳои гуногун буда, бо шароити табиӣ, иқлимӣ, ҳамчунин муҳити иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Бо ин шароит ҳар як миллат таърихи худ, манзараи фарҳангӣ ва забонии ба худ хоси ҷаҳон дорад. Дар баробари ин, манзараи фарҳангии ҷаҳон ҳамеша аз тасвири забонӣ ғанитар аст. Аммо манзараи фарҳангии ҷаҳон маҳз дар забон амалӣ мешавад, лафзӣ мешавад, ҳифз мешавад ва аз насл ба насл интиқол меёбад. Андешаҳояшро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мекунад, ки омӯзиши забони контекстӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки "шакли нимкураи чап"-ро бо "муҳтавои нимкураи рост" муқоиса кунанд. Принсипи тамаркузи модалӣ ин аст, ки тамаркуз ба як ҳолати муайяни модалӣ дар нуқтаҳои муайяни омӯзиш. Тамаркузи модалии навъи I диққати донишомӯзонро ба фаҳмидани контексти дискурсивӣ ва маънои консептуалии амали нутқ равона мекунад. Тамаркузи навъи II модалӣ (ратсионалӣ-таҳлилӣ) ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки диққати худро ба масъалаҳои расмии марбут ба дурустии нутқ - қоидаҳои грамматикӣ, сохторҳои забонӣ ва ғ.



**Калидвожаҳо:** лингвофарҳангӣ, қоидаҳои грамматикӣ, фаъолияти нутқӣ, донишҷӯён, саҳву иштибоҳот, контекст, диққат, манзараи фарҳангӣ, забон.

## ОСОБЕННОСТИ И КОМПОНЕНТЫ ЛИНГВОКУЛЬТУРНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются особенности и компоненты лингвокультурного образования. По мнению автора, язык, мышление и культура неразрывно связаны между собой, образуя практически единое целое и не могут функционировать друг без друга. Путь от реального мира к понятию и выражению этого понятия в слове лежит у разных народов и определяется природными, климатическими условиями, а также социальной средой. В этом контексте каждый народ имеет свою историю, культурный и языковой ландшафт. При этом культурный ландшафт мира всегда богаче языковой картины. Но именно в языке осознается, произносится, сохраняется и передается из поколения в поколение культурный ландшафт мира. Обобщая свои взгляды, автор приходит к выводу, что изучение контекстуального языка позволяет учащимся сопоставить «форму левого полушария» с «содержанием правого полушария». Принцип модального фокуса заключается в сосредоточении внимания на конкретном модальном состоянии в определенные моменты исследования. Модальная направленность I типа концентрирует внимание учащихся на понимании дискурсивного контекста и понятийного смысла речевого действия. Фокусировка модального типа (рационально-аналитическая) позволяет учащимся сосредоточить внимание на формальных вопросах, связанных с правильностью речи – грамматических правилах, языковых конструкциях и т. д.

**Ключевые слова:** лингвокультура, грамматические правила, речевая деятельность, учащиеся, ошибки, контекст, внимание, культурный ландшафт, язык.

## FEATURES AND COMPONENTS OF LINGUISTIC AND CULTURAL EDUCATION

The article deals with features and components of linguocultural education. According to the author, language, thinking and culture are inextricably linked, forming an almost unified whole and cannot function without each other. The path from the real world to the concept and expression of this concept in the word lies with different peoples and is determined by natural, climatic conditions, as well as the social environment. In this context, each nation has its own history, cultural and linguistic landscape. At the same time, the cultural landscape of the world is always richer than the linguistic picture. But it is in the language that the cultural landscape of the world is realized, pronounced, preserved and transmitted from generation to generation. Summarizing his views, the author comes to the conclusion that the study of contextual language allows students to compare the "form of the left hemisphere" with the "content of the right hemisphere". The principle of modal focus is to focus on a specific modal state at certain points in the study. The modal orientation of type I focuses students' attention on understanding the discursive context and the conceptual meaning of the speech action. Modal type focusing (rational-analytical) allows students to focus on formal issues related to the correctness of speech - grammar rules, language constructs, etc.

**Keywords:** linguistic culture, grammatical rules, speech activity, students, mistakes, context, attention, cultural landscape, language.

### Дар бораи муаллиф

**Бобоев Бахтовар Сулаймонхонович**
Унвонҷӯ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А.Рӯдакӣ
734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 918 10 95 15

### Об авторе

**Бобоев Бахтовар Сулаймонхонович**
Соискатель, Кулябский государственный
университет
имени А.Рудаки
734065, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 918 10 95 15

### About the author

**Boboev Bakhtovar Sulaimonhonovich**
Competitor, Kulyab State University
named after A. Rudaki
734065, Republic of Tajikistan, Kulyab,
S.Safarov st., 16
Тел.: (+992) 918 10 95 15

# ТАРҒИБУ ТАШВИҚИ УНСУРҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ НАВРАСОН ДАР АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРҲОИ X-XI

***Разоқов Х. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар илми ватании педагогӣ ҷойгоҳи муҳимро дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас эҷодиёти адабӣ ва мероси маънавию ахлоқии мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик ишғол менамоянд. Мероси бебаҳои ахлоқию ватандӯстона, васфкунандаи ҷавонмардию мардонагии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои X–XI ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик дорои нерӯи азим барои кушода додани ҷанбаҳои нав барои тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ва рушди маънавию ахлоқии ҷавонони муосир мебошад.

Афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои X–XI ва анъанаҳои миллии халқи тоҷик саҳми назаррасро дар педагогикаи ҷаҳонӣ гузоштааст. Афкори педагогии классикони адабиёти форсу тоҷик, ки дар тӯли қарнҳои зиёд зеҳни хонандагонро тасхир кардаанд, хусусиятҳои хоси худро дошта, тамоми паҳлӯҳои таълимро дар бар мегиранд. Ин асарҳо ба тарбияи хонандагон ва ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва ахлоқи баланд даъват карда, дар онҳо хоксорӣ, хушмуомилагӣ, ҳассосият, меҳнатдӯстӣ, саховатмандӣ, ҳисси рафоқат ва дӯстиро тарбия намуда, ба онҳо далерӣ, нафрат ба душманон, муҳаббати фидокорона ба ватани худ ва фидокориро ба хотири ободии он таълим медоданд. Классикҳо инчунин доимо дар бораи зарурати азхуд кардани илмҳо, рушди физиологӣ ва ҷисмонии шахсият ҳарф мезаданд.

Дар давраи рушд ва таҳкими низоми феодалӣ шоирони дарбор дар қасрҳои шоҳ ҷамъ омада, ҳокимон ва атрофиёни онҳо, асосҳо ва урфу одатҳои феодалиро тараннум мекарданд. Ин ба кори тарбиявӣ хусусияти махсусан шадидро мебахшид. Аммо он давра давраи эҳёи фарҳанги халқи тоҷик, давраи озодшавӣ аз юғи араб ва бунёди давлати мустақили худ буд. Барои мустаҳкам намудани ин ғалаба зарур буд, ки насли наврас дар рӯҳияи муҳаббат ба ватан тарбия карда шуда, дар он ҳама хислатҳои беҳтарини инсонӣ, аз он ҷумла он чизе, ки дар асарҳои классикони мо тавсиф ёфтааст, омӯзонида шаванд. Аммо, шароити иҷтимоии ин давр дар осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии Шарқ, аз ҷумла дидгоҳҳои омӯзгории онҳо осори худро гузошт.

Аксари нависандагон дар мавқеи воқеан пешрафта қарор гирифта, маънавиёти олиеро, ки барои тарбияи насли ҷавон зарур аст, таблиғ мекарданд. Ҳамин тавр, адабиёте ба дунё омад, ки эҷодкорони он дар бисёр соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии инсон – педагогика ғояҳои пешрафтаро иброз доштанд, ки барои ин онҳо ҳамчун омӯзгорони ахлоқ маъруф гардиданд. Дар асарҳои ин мутафаккирон масъалаи тарбияи ахлоқӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Чунин асарҳо табиати ибратомӯз дошта, муаллифони онҳо ҳамчун воизони ахлоқи баланд на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб низ шуҳратёр гардиданд. Аз ин рӯ, осори классикони адабиёти форсу тоҷик аз аҳамияти калони таърихӣ – педагогӣ барои замони муосир аз аҳамияти калон бархӯрдоранд.

Масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас дар тамоми марҳилаҳои таърихи рушди ҷомеа аз ҷумла дар эҷодиёти адабӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, барои омӯзиши таърихи илми педагогика ва рушди он омӯхтан ва дар ҳаёт татбиқ намудани дидгоҳҳои педагогии маорифпарварон, олимон, нависандагон ва эҷодиёти шифоҳии мардум хеле муҳим аст.

Мутафаккирони форсу тоҷик чунин мешумориданд, ки дониш нерӯи муҳими инсон буда, нақши дониш дар такмили шахс ва муносибатҳои одамон беандоза мебошад. Онҳо мутафаккирон–омӯзгороне буданд, ки шогирдон ва пайравони худро доштанд. Ҳангоми эҷоди асарҳои худ онҳо хуб медонистанд, ки ин асарҳои илмӣ ҳамчун василаи таълимӣ низ истифода хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, ҳар як рисолаи илмӣ дорои андешаҳои пурарзиши педагогӣ, дастурҳои ахлоқӣ, маслиҳатҳо оид ба истифодаи дониш дар амал мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки “Ҷавонон ҳомии боэътимоди Ватан, амнияти

давлат ва ҷомеа, сарчашмаи ташаббусҳо ва захираи тиллоии миллат ва давлат мебошанд" [1]. Бинобар ин, ҷавонон бояд ҳанӯз аз синни мактабӣ аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ва қавӣ буда, дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва маънавӣ, ғояҳои ватандӯстӣ тарбия ёфта, дастовардҳои миллии моддию маънавиро эҳтиёт намуда, ба таҳкими амнияти миллӣ саҳмгузор бошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эҳёи асосҳои иҷтимоӣ – назариявии низоми маориф қайд кардаанд, ки мақсади асосии низоми маориф тарбияи шахсияти нерӯманд ва созанда мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои тарбияи ҳисси худшиносии миллӣ дар шуури хонандагон ва ҷавонон, худогоҳии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумиинсонӣ, арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва идоракунии демократӣ, ки то имрӯз ба пешрафти илмӣ – техникӣ ва фарҳангӣ мусоидат мекарданд, зери таваҷҷуҳи махсуси давлат қарор доранд [2].

Равандҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар мамлакати мо сурат гирифта истодаанд, боиси тағйирёбии тамоюлоти арзишиии ҷавонон гардида, шакли армонҳо, эътиқодот ва назарҳои устувортаринро дигар кардаанд. Аз ин рӯ, ғамхорӣ дар бораи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас барои давлати мо аҳамияти тақдирсозро касб мекунад.

Тақвияти ифротгароӣ ва экстремизм, муноқишаҳои миллӣ ва маҳаллӣ дар солҳои охир чунин мафҳумҳои асосӣ, ба монанди "қарзи ҳарбӣ", "қаҳрамонӣ ва мардонагӣ", "анъанаҳои қаҳрамонона", "ғояи миллӣ", "хислати миллӣ", "шаъну шараф", "шарафи ҷангӣ"-ро ба миён овардааст.

Яке аз анъанаҳои соҳибэътибори халқи тоҷик тарбияи ахлоқӣ мебошад. Дар бораи усулҳои тарбияи ниёгони тоҷикон муаррихи юнонӣ, "падари таърих" Геродот навиштааст, ки "Эрониён ба фарзандони худ се чизи асосӣ: ҳақиқат, аспсаворӣ ва камонвариро таълим медиҳанд" [3].

Дар адабиёти панду андарзии давраи Сомониён масъалаҳои доғи рӯзи тарбияи он замон арзишҳое, аз қабили: тарбия дар оила, солимии кӯдакон ва наврасон; тарбияи қавмӣ, покии маънавиёт ва ақли солим; ташвиқу тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ, ғамхорӣ дар бораи ватан, ифтихори миллӣ, ҳимояи марзу давлати худ; тарбия ва бедор кардани майлу рағбати кӯдакон ва наврасон ба азхуд кардани касбу ҳунар, тарбияи ҷисми солим, муҳофизат аз маризиҳои сироятӣ ва маҳдудкунандаи ҳаракат ба шумор мерафтанд [4].

Муҳаққиқи олмонӣ Адолф Рун афзалияти усулҳои тарбияи халқи тоҷикро қайд карда, навиштааст: "Он чизе, ки дар таърихи Осиёи Миёна ва Эрон аҷиб буда, диққатро ба худ ҷалб намуда, моҳияти маънавии халқҳои эрониро ифода мекунад, усулҳои тарбия ва таълими онҳо мебошанд. Ин усулҳои тарбия аз кӯдакӣ ба онҳо ҳисси ҷавонмардиро ташаккул дода, онҳоро бо роҳи ҳақиқат ва тақводорӣ ҳидоят мекунанд. Ин усули таълиму тарбия дар ибтидо нерӯи психологӣ ва ҷисмонии онҳоро таҳким бахшида, баъдан ҷомеаи солим ва содиқро тарбия мекунад" [5, с. 90-91].

Маълум аст, ки инсон бо арзишҳо ва армонҳои умумиинсонӣ бо роҳи пайваст шудан бо фарҳанги миллӣ шинос мешавад. Дарки ҷавонон аз он, ки дар кадом фарҳанг онҳо ҳаёт ба сар мебаранд, ба кадом фарҳанг тааллуқ доранд, вазифаи муҳимтарини тарбияи муосир ба шумор меравад, зеро фарҳанг, тавре ки академик Л.С. Лихачев қайд мекунад, "одамонеро, ки дар фазои муайян маскун шудаанд, аз аҳолии оддӣ ба халқ, миллат табдил медиҳад" [6, с. 44]. Дар дарки мансубият ба фарҳанги миллии худ решаҳои маънавият, ахлоқ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, омодагӣ ба ҳимояи мусаллаҳонаи Ватан ва худвижагии шахсият реша доранд. Аз ин рӯ, сухан бояд дар бораи тарбияи инсони фарҳанги миллӣ равад.

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (сс. 858-941) дар афкори педагогии худ барои насли наврас ва ҷавонон пеш аз ҳама сифатҳои неки инсониро ташвиқу тарғиб менамояд. Ӯ мегӯяд:

"Мардӣ набувад фитодаро по задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ мардӣ" [7, с. 41].

Афкори педагогии Рӯдакӣ дар аз назарҳои педагогикаи мардумӣ маншаъ гирифта, дар назми ӯ муваффақиятҳои педагогии мардумӣ, насиҳатҳо ва пандҳои ахлоқии асри X ҷамъбаст гардидаанд.

"Ба Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ таҷрибаи азими ҳаётӣ, донишҳои беохир ва дарки орзую омол ва назарҳо имкон додаанд, ки мазмуни баландро дар панду андарзҳо ифода кунад. Услуби панду насиҳати ӯ бо назарҳои мардумӣ робитаи зич дошта, тарбияи ахлоқи баланд, мубориза

барои адолат, башардӯстӣ, ва ғамхорӣ дар бораи халқро дар насли наврас ва ҷавонон зарур мешуморад” [7, с. 38].

Рӯдакӣ нақши инсонро ҳамчун омили муҳим дар такмили шахсияти инсон баррасӣ мекунад. Дар тафаккури Рӯдакӣ одамон бояд якхела аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ақлонӣ ва эҳсосотӣ рушду такомул ёфта бошанд. Ба ақидаи ӯ, ҳар як инсоне, ки дорои чаҳор чиз аст, хушбахт мебошад:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад,
Тани дурӯсту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он, ки эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нах(в)арад [7].

Абӯлқосим Фирдавсӣ (сс. 935-1020) низоми назарҳои педагогии худро дар манзумаи «Шоҳнома» баён кардааст. Дар низоми дидгоҳҳои педагогии ӯ ақл, ба истисноти Худои Қодир, аз ҳама чиз болотар аст.

Ҳар он кас, ки “Шоҳномахонӣ” кунад,
Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.

Дар афкори ҳарбӣ-ватандӯстии Абӯлқосими Фирдавсӣ ба тавсифи қаҳрамонон, ватандӯстӣ, хирад, саҳнаҳои варзишӣ; мубоҳисаҳои қаҳрамонон таваҷҷуҳи калон зоҳир карда шудааст, ки, бешубҳа, дорои арзиши баланди тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мебошанд. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи персонажҳое меравад, ки ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ҳам ҳам аз ҷиҳати ақлонӣ ба авҷи камолот расида буданд. Қаҳрамонон бо ҷасорату корнамоиҳо, ҳисси ватандӯстӣ ва омодагӣ ба дифои марзу буми худ шуҳратёр гардидаанд.

Ҳама размро дил пур аз кин кунем.
Тани душманон ҷои зубин кунем.
Бикушему марди ба кор оварем,
Бар эшон ҷаҳон тангу тор оварем.

Абӯлқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” истилоҳот ва симоҳои ҷавонмардон - паҳлавононро истифода бурдааст. Ба тафаккури бадеии шоир симои инсони комил, ки дар шахсияти ҷавонмард - паҳлавон таҷассум ёфтааст, таъсири калон расонидааст. Зебоӣ ва шаҳомати он, ба ақидаи Фирдавсӣ, бо покии рӯҳию маънавӣ, камолоти ҷисмонӣ муайян мешаванд. Омезиши ин се сифат дар ҷавонмардон - паҳлавонон онҳоро дар назди чашмони шоир баланд бардошта, хизмати содиқонаи онҳо ба Ватан ва халқ, ҷасорат, нотарсӣ, худкурбонкунӣ ба нафъи кори хайр дар ӯ ҳисси ифтихорро ба вуҷуд меоранд.

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор,
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш ,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
Чунин гуфт муъбад, ки «мурдан ба ном
Беҳ, ки душман бар ӯ шодком».
Нигар то натарси ту аз маргу чиз,
Ки кас бе замона намурдаст низ.
Ва гар кушт хоҳад ҳаме рӯзгор,
Чи некӯтар аз марг дар корзор.
Бибандед бо якдигар домано,
Намонед, бадхоҳ пиромано.

* * *

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор

Дар афкори педагогии Абӯалӣ ибни Сино (980–1037) ба тарбия ва таълими кӯдакон дар мактаб аҳамияти калон дода мешавад. Дар китоби худ «Тадбир–ул–Манозил» ӯ ба ин масъала боби махсусро бахшидааст. Дар бахши “Таълим ва тарбияи кӯдакон дар мактаб” ӯ дар навбати аввал дар бораи зарурати фарогирии ҳамаи кӯдакон бо таълими мактабӣ ҳарф зада, ғояи таълими дастаҷамъиро иброз дошта, ба таълими инфиродии кӯдакон дар шароити хона муқобил мебароядд [8, с. 43].

Илмҳоро мавриди тасниф қарор дода, Ибни Сино низоми ягонаи назарияи таълиму тарбияро пешниҳод менамояд.

Мутафаккири бузург, донишманд Абӯалӣ ибни Сино навиштааст: “Тарбияи тан (тарбияи ҷисмонӣ) тарзи муҳимтарини нигоҳ доштани саломатӣ мебошад”. Дар даврони қадим тарбияи ҷисмониро ба зуҳд баробар медонистанд. Абӯалӣ ибни Сино дар “Қонун фи ат–тиб” барои обутоб додани бадан якчанд тарзҳои нигоҳ доштани саломатиро муайян намудааст, дар миёни онҳо машғулият бо машқҳои ҷисмонӣ, ғизои дуруст ва муътадил, риояи беҳдоштиро ҷудо кардааст. Ғояҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ҳамеша бо масъалаҳои экологӣ дар иртибот будаанд...” [9, с. 339-342].

Унсурмаолии Кайковус (сс. 1020—1099) ба қатори мутафаккирони пешрафтаи Шарқи асримиёнагӣ мансуб буда, бо масъалаҳои фалсафаи амалӣ шуғл варзидааст. Аммо, назарҳои иҷтимоӣ - педагогии мутафаккир–педагог на дар шакли рисолаҳои педагогӣ, балки дар шакли панду андарз дар “Қобуснома”-и ӯ ифода ёфтаанд, ки ба навъи адабиёти ахлоқӣ–дидактикӣ мансуб аст.

Дар афкори педагогии Кайковус мақоми афзалиятнокро масъалаи некӣ, бадӣ, неъмат ва ҷавонмардӣ ишғол мекунад. Мутафаккир ин масъалаҳоро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, кӯшиш мекунад, ки заминаҳои моддӣ, психологӣ, иҷтимоӣ–сиёсии пайдоиш ва тағирёбии онҳоро пайдо кунад. Яке аз хусусиятҳои афкори педагогии Кайковус дар он аст, ки идеали ахлоқии ӯ бо категорияҳои педагогии некиву бадӣ зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ӯ аз як сӯ онҳоро бо рӯҳи инсон ва аз сӯи дигар бо сифатҳои маънавию маорифпарваронаи худ мепайвандад. Ин категория, аз нуқтаи назари Кайковус, инчунин дар муайян кардани моҳияти идеологии дигар меъёрҳо ва принсипҳои педагогӣ нақши арзёбӣ–аксиологиро мебозад.

Барои хирадманд шудани одам Кайковус хонданро тавсия медиҳад. Ӯ масъалаи хирадро бо таҳсил рабт медиҳад. Ба касби донишҳо даъват намуда, ӯ чунин мешуморад, ки инсон бояд ба ҷомеа нафъ орад. Ҳамзамон, назарҳои ӯ ба дониш ва таҳсилот хусусияти яктарафа, нопайдарпай дошта, ба ақидаи ӯ илм ва таҳсилот қисмати сарватмандон, одамони хоса буда, мардуми оддӣ ба азхудкунии донишҳо майл надорад. Таҳсил ва таълимро ӯ бо тарбия алоқаманд карда, тарбияи оилавиро асоси ташаккули инсони комил мешуморад. Инсон бо хислатҳои ба он хос таваллуд ёфта, дар ташаккули он нақши калонро таълиму тарбия мебозад.

Дар тӯли асрҳо ҳаёти ҳар як ҷомеаи солим аз насл ба насл вазифаҳои ҷиддитарро дар соҳаи таълим ва тарбияи кӯдакон мегузорад. Давлат ҳамеша ба одамони солим, ҷасур, далер, ташаббускор, боинтизом, босаводе ниёз дорад, ки омода ҳастанд ба манфиати он таълим гирифта, кор кунанд ва дар ҳолати зарурӣ барои ҳимояи мусаллаҳонаи он бархезанд. Вазъи давлат дар ин ё он давраи муайяни таърихи худ, худи мавҷудияти он ҳамчун як воҳиди ҷуғрофӣ, ниҳоди сиёсӣ ва иҷтимоии он аз сатҳи шуурнокии ҳар як узви ҷомеа, ҷидду ҷаҳди ӯ барои иштирок дар ташаккул ва рушди Ватани худ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ҷузъи муҳимтарин раванди тарбия ташаккул ва рушди ҳисси ватандӯстӣ дар насли наврас мебошад. Бидуни мавҷудияти ин ҷузъ дар бораи тарбияи шахсияти воқеан томи ҳамоҳанг – шаҳрванди кишвари худ ҳарф задан номумкин буда, бидуни шаҳрванд худи давлат вуҷуд дошта наметавонад.

Дар асарҳои назмию насрии асрҳои X–XI таъкидан дар бораи масъалаҳои таълиму тарбияи насли наврас сухан меравад. Таҳлил ва ҷамъбасти онҳо сохтор ва мазмуни афкори педагогии он давраро ошкор мекунанд. Омӯзиши таърихи халқ ва истифодаи таҷрибаи пешрафтаи педагогии он яке аз самтҳои асосии рушди низоми муосир, миллии таълиму тарбия маҳсуб меёбад. Дар марҳилаи муосир, вақте ки яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар ҳаёти ҷомеаи мо рушди раванди ташаккул ва таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ ба шумор меравад, талаботи халқи кишвари мо ба эҳё ва барқарорсозии хотираи таърихӣ, ёдгориҳои фарҳангӣ ва илмии гузаштаи халқи мо махсусан шадидан эҳсос карда мешавад.

Барои тарбия ҳарбӣ-ватандӯстии наврасон ҷанбаҳои зеринро ташаккул додан зарур аст:

- Тарбияи инсондӯстӣ;
- Тарбияи ҷасорат ва мардонагӣ;
- Тарбияи ҷисмонӣ;
- Тарбияи ахлоқӣ.

Ҳамин тариқ, мо дар мақолаи худ сифатҳои асосии як шахсияти ватандӯстро дар ашъори мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик низомбандӣ намуда, афкори Рӯдакиро бо ҷанбаҳои мардонагӣ ва инсондӯстӣ, афкори Фирдавсиро бо ҷанбаҳои ҷавонмардию садоқат ва ҳифзи марзу бум, афкори Синоро бо тарбияи ҷисм ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим, афкори Кайковусро бо тарбияи ахлоқӣ гурӯҳбандӣ намуда, дар тарбияи як шахси ватандӯсту ҳомии содиқи ватан ҳамчун воситаи муассир медонем.

### *Адабиёт*


1. *Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, шаҳри Душанбе, 20 декабри соли 2010.*
2. *Раҳмонов Э. Низоми соҳаи маориф асоси рушди ҷомеа аст/ Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар, Душанбе, 22 декабри соли 2005 // Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 4. – Душанбе: «Ирфон», 2002.*
3. *Пахлавонов, А. Педагогическая мысль таджикского народа в XVI – XVII вв. – Душанбе: Ирфон, 1995. – 213 с.*
4. *Халимов А. Воспитание, зарождение школ и педагогической мысли таджиков в эпоху Саманидов: Автореф. ... дисс. д-ра пед. наук. – Душанбе, 2012. – 26 с.*
5. *Джураев Х.А. Воспитание чувства патриотизма и национальной гордости в процессе реформирования системы образования Республики Таджикистан (на материалах выступлений Президента: дис. ... канд. пед. наук. – Душанбе, 2023. – 188 с.*
6. *Лихачев Д.С. Избранное. Мысли о жизни, истории, культуре. – М., 2006.*
7. *Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик: (Аз давраи қадим то асри XIII). Кит. 1 (2). – Душанбе: Маориф, 1989. - 424 с.*
8. *Гиёсиев М. И. Педагогические воззрения таджикско – персидских мыслителей X и первой половины XI века и их трансформация в современной национальной педагогике: дисс…канд. пед. Наук. - КГУ им. Носира Хусрава, 2009. – 185 с.*
9. *Азизов, М. Формирование у учащихся культуры бережного отношения к природе в процессе организации и проведении походов // Молодой ученый. –2012. –№ 3. – С. 339–342.*


## ТАРҒИБУ ТАШВИҚИ УНСУРҲОИ АСОСИИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ НАВРАСОН ДАР АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИКИ АСРҲОИ X-XI


Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврасро баррасӣ намуда, дар ақидаҳои худ ба осори мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои X–XI такя кардааст. Муаллифи матлаб қайд мекунад, ки давлат ҳамеша ба насли солим, далер, ташаббускор, боинтизом, бомаърифат, сарфи назар аз душвориҳо ба таҳсилу меҳнат ва дифоъи Ватан омода аст. Аз нигоҳи ӯ дар тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ақидаҳои намояндагони барҷастаи илму фарҳанги форсу тоҷик аз ориёиҳо то сомониён, аз асрҳои миёна то таърихи нав аҳамияти хоса доранд ва нақши андешаи онҳо, махсусан мутафаккирони асрҳои миёна ба тарбияи ҳарби-ватандӯстии наврасон таъсири самарабахш мерасонад. Муаллиф дар мақолаи худ сифатҳои асосии як шахсияти ватандӯстро дар ашъори мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик низомбандӣ намудааст, ки афкори Рӯдакиро бо ҷанбаҳои мардонагӣ ва инсондӯстӣ, афкори Фирдавсиро бо ҷанбаҳои ҷавонмардию садоқат ва ҳифзи марзу бум, афкори Синоро бо тарбияи ҷисм ва ташвиқи тарзи ҳаёти солим, афкори Кайковусро бо тарбияи ахлоқӣ гурӯҳбандӣ намуда, дар тарбияи як шахси ватандӯсту ҳомии содиқи ватан муассир медонад.



**Вожаҳои калидӣ:** тарбия, тарғиб, афкори педагогӣ, наврасон, ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ҷанбаҳо, инсондӯстӣ, ҷасорат, мардонагӣ, марзу бум, тероризм, экстемизм, шаъу шараф, ормони миллӣ, тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқ.


## ПРОПАГАНДА ОСНОВНЫХ ЭЛЕМЕНТОВ ОБРАЗОВАНИЯ ВОИНСКИЙ ПАТРИОТИЗМ МОЛОДЕЖИ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ МЫСЛЯХ ПЕРСИДСКИХ И ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ X-XI ВЕКОВ


В своей статье автор расматривает проблему военно-патриотического воспитания подрастающего поколения основывая свои идеи на произведениях персидско-таджикских мыслителей X-XI веков. Автор статьи отмечает, что государству всегда необходимо здоровое, смелое, мужественное, инициативное, дисциплинированное, образованное поколение, готовое учиться, работать и защищат родину невзирая на трудности. С его точки зрения в военно-патриотическом воспитания особое значение имеет идей видных представителей персидско-таджикских науки и культуры от ариев до сомонийцев, от средних веков до новейшей истории, и роль их мысли, особенно средневековых мыслителей, оказывает действенное влияние на военно-патриотическое воспитание молодежи. Также автор процеесе своего исследованния сделал попытку систематизироват и описать основные качества патриота основывая свои предложения на поэмах

средневековых персидско-таджикских мыслителей, куда вошли мысли Рудаки с аспектами мужественности и человечности, мысли Фирдоуси с аспектами юности, верности и охрана границы, и помыслы Сино с физкультурой и поощрением здорового образа жизни, Кайковуса с нравственным воспитанием.
**Ключевые слова:** воспитание, пропаганда, педагогические идеи, подростки, военно-патриотизм, аспекты, человечность, мужество, мужественность, границы, терроризм, экстемизм, честь, национальная мечта, физическое воспитание, нравственность.

## PROMOTION OF THE BASIC ELEMENTS OF EDUCATION MILITARY PATRIOTISM OF YOUTH IN PEDAGOGICAL THOUGHTS OF PERSIAN AND TAJIK THINKERS OF THE X-XI CENTURIES

In his article, the author reviews the problem of military-patriotic education of the younger generation, basing his ideas on the works of Persian-Tajik thinkers of the 10th-11th centuries. The author of the article notes that the state always needs a healthy, brave, courageous, enterprising, disciplined, educated generation, ready to study, work and defend their homeland despite the difficulties. From his point of view, the ideas of prominent representatives of the Persian-Tajik science and culture from the Aryans to the Somonians, from the Middle Ages to modern history, are of particular importance in military-patriotic education, and the role of their thought, especially medieval thinkers, has an effective influence on military-patriotic education. youth. Also, the author of his research made an attempt to systematize and describe the main qualities of a patriot, basing his proposals on the poems of medieval Persian-Tajik thinkers, which included Rudaki's thoughts with aspects of masculinity and humanity, Firdousi's thoughts with aspects of youth, loyalty and border protection, and Sino's thoughts with physical education and the promotion of a healthy lifestyle, Kaikovus with moral education.
**Keywords:** education, propaganda, pedagogical ideas, adolescents, military patriotism, aspects, humanity, courage, masculinity, borders, terrorism, extremism, honor, national dream, physical education, morality.

## Дар бораи муаллиф

**Разоқов Хуршед Соҳибназарович**
Омӯзгори калони кафедраи умумидонишгоҳии психология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 00 404 21 51

## About the author

**Razoqov Khurshed Sohibnazarovich**
Senior lecturer in the General University Department of Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 00 404 21 51

## Об авторе

**Разоков Хуршед Сохибназарович**
Ст.преподаватель общеуниверситетская кафедра психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 00 404 21 51

ТДУ 377.4(575.3)

# ХУСУСИЯТИ РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ-ТЕХНИКӢ

***Райҳонова С. Ҳ.***
*Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ш. Душанбе*

Чӣ хеле ки ба мо маълум аст, мактаби таҳсилоти миёна бояд ба хонандагон маълумоти миёнаи умумӣ диҳад, ки он ба талаботи пешравии иҷтимоӣ ва илмӣ-техникӣ ҷавобгӯй бошад. Хонандагон дар ҷараёни таълим донишҳои асосиро оид ба табиат ва ҷомеа, донишҳои политехникиро оид ба истеҳсолот гирифта, инчунин малака ва маҳорати амалиро азхуд мекунанд. Мактаб бояд донишу малакаҳои хонандагонро ҳамаҷониба инкишоф дода, ба онҳо ҳисси зебоипарастӣ ва меҳнатдӯстиро тарбия намояд. Мақсади асосӣ, вазифаҳои тарбияро педагогикаи мактабӣ (педагогикаи умумӣ, педагогикаи то мактабӣ, дефектология ва ғайра) коркард менамояд [12, с. 24].

Қонуниятҳои таълиму тарбияи донишҷӯёни муассисаҳои таълими ибтидоӣ ва миёнаи касбиро педагогикаи мактаби олӣ меомӯзад. Вазифаи асосии муассисаҳои таълими касбиро тайёр намудани кадрҳои коргарӣ ташкил медиҳад. Бештар муассисаҳои таълими миёнаи касбӣ (коллеҷҳо) тамоюл ба инкишофро доранд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ хонандагон пас аз хатми синфи нуҳум ё мактабҳои таҳсилоти асосии нӯҳсола дохил шуда, дар мӯҳлати чор сол касбҳои гуногунро азхуд намуда, яквақта соҳиби маълумоти миёна мешаванд. Чунин намуди муассисаҳои таълимӣ ду вазифаи асосиро иҷро мекунанд: барои истеҳсолоти муосир кадрҳои коргарӣ тайёр намуда, яке аз роҳҳои муҳими амалишавии маълумоти миёнаи умумиро иҷро мекунанд.

Хусусияти муассисаҳои миёнаи касбӣ ва фарқияти он аз мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ин ҳамгиро намудани тайёрии таҳсилоти миёна бо маълумоти касбӣ-техникӣ мебошад. Хусусан ҳамгироии таълими назариявӣ (фанҳои умумитехникӣ ва махсус) ва истеҳсолӣ (амалӣ).

Мақсад, вазифаҳо, моҳият ва услуби ташкили ҷараёни педагогиро дар коллеҷу литсейҳо (омӯзишгоҳҳо) соҳаи илми педагогӣ-педагогикаи маълумоти касбӣ меомӯзад ва ташаккул медиҳад. Ҳуҷҷатҳои асосии давлатӣ, ки хусусияти моҳияти таълимиро дар ин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон медиҳанд, ин таснифӣ (квалификатсионӣ) ,нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо мебошанд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо банақшагирӣ ва ташкили тамоми ҷараёни таълиму тарбия, ҷараёни педагогӣ амали карда мешавад [1, с. 134].

Дар нақшаи таълимӣ маҷмуи фанҳои таълимӣ дода шуда, тартибу пайдарпайии омӯзиши онҳо, миқдори соатҳо барои таълим, миқдори имтиҳонҳо, реҷаи машғулиятҳои таълимӣ, сохтори соли таҳсил, вақт барои таҷрибаи истеҳсолӣ ва машваратҳо муайян карда мешавад. Барои баъзе ихтисосҳо вақти машғулиятҳои назариявӣ ва лабораторӣ -амалӣ нишон дода мешаванд. Нақшаҳои таълимӣ бо гурӯҳи касбҳои алоҳида коркард карда мешаванд. Нақшаҳои таълимӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. [1, с. 114].

Ҳамаи фанҳои таълимӣ дар нақшаи таълимӣ чунин ҷойгир карда мешаванд, ки алоқаи байни онҳо мантиқан нигоҳ дошта шаванд. Вақти омӯзиши фанни таълимӣ (соатҳо) вобаста ба зарурияти фан дар тайёрии ибтидоии касбӣ муайян карда мешавад. Дар нақшаи таълимӣ инчунин марҳилаҳои таълими истеҳсолӣ (муқаддимавӣ, ё шиноснамоӣ, асосӣ ва хотимавӣ) ва вазифаҳои ҳар як марҳила вобаста аз хусусияти омӯзиши касб муайян карда мешаванд. Дар коллеҷҳо намуди гуногуни сикли касбӣ-техникӣ, ки ба он технологияи махсус ва таълими истеҳсолӣ дохил мешавад, асосӣ мебошад. Ин фанҳои таълимӣ дар ҳар як нимсола дарс дода мешаванд. Ба ин сикл инчунин технологияи умумӣ, ченакҳои техникӣ ва нақшакашии техникӣ, масолеҳшиносӣ (ё технологияи фулузот), электротехника бо асосҳои электротехникаи истеҳсолот, инчунин фанҳое, ки вобаста ба самти тайёрӣ, дар онҳо масъалаҳои техникӣ, технологӣ, асосҳои иқтисодиёти меҳнат ва истеҳсолот ворид карда мешаванд. Дар муассисаҳои миёнаи касбӣ инчунин сикли таълимӣ, ки ба он фанҳои

таълимии синфҳои 9-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ ворид карда шудаанд, дохил мешавад [3, с. 54].

Хусусияти ҷараёни педагогӣ дар коллеҷҳои касбӣ дар алоқамандии сиклҳои таълимӣ ифода меёбад. Мисол, дар муассисаи миёнаи касбӣ алоқаи мураккаби байнисиклӣ ва фаннӣ зарур мебошад, ки онҳо ба алоқаи бевосита (байни фанҳои гуногун ва таълимӣ аз он ба фанҳои умумитехникӣ ва пас аз он ба таълими истеҳсолӣ) мегузаранд.

Мисол, аз физика ба электротехника ва пас ба технологияи махсус. Вобаста ба омӯзиши маводҳо, алоқаҳои ибтидоӣ, равандӣ (шарҳдиҳанда) ва пасояндӣ дида мешаванд. Чунин алоқаҳои маводӣ ва фаннӣ оид ба мураккабии раванди педагогӣ дар коллеҷу литсейҳо шаҳодат медиҳад. Чунин ҳолат водор мекунад, ки самти таълими асосҳои илмӣ дар тайёрии касбӣ амалӣ карда шаванд. Хусусан, мантиқ ва системаи фанҳои умумитаълимӣ нигоҳ дошта шаванд.

Дар шароити пешравии илмӣ-техникӣ тағйиротҳои куллӣ дар сохтори касбӣ-тахассусии синфи коргар дида мешаванд. Ададиі коргароне, ки дар фаъолияти онҳо функсияҳои иҷроия дида мешуданд бо функсияҳои идоракунии ҷараёни технологӣ ҳамгиро мешаванд, инчунин коргарон амалиётҳои назоратиро иҷро мекунанд. Барои иҷрои чунин фаъолиятҳо тайёрии касбии баланд талаб карда мешавад [6, с.144].

Касб гуфта намуди фаъолияти меҳнатии доимиро меноманд, ки он соҳаи васеъи истифодабарии донишҳо, малака ва ҳунарро дар ин ё он соҳаи истеҳсолот, дар бар мегирад. Моҳияти ин фаъолият бо тақсимоти меҳнат, ки дар истеҳсолот барқарор шудааст, муайян карда мешавад (челонгар, харрот, дуредгар ва ғайра).

Дар як қатор касбҳо ихтисосҳои алоҳида дар натиҷаи тақсимоти мнбаъдаи меҳнат ба вуҷуд меоянд. Ихтисос гуфта гуногуншаклии фаъолияти касбиро меноманд, ки он доираи нисбатан хурди корҳоро дар меҳнати касбӣ дар бар мегирад. Мисол, челонгар-асбобсоз, челонгар-ҷамъоваранда, челонгар - таъмиргар, челонгар – нусхабардор (лекалшик)-ҳамчун гуногуншаклии касби челонгар шинохта мешаванд. Харроти дастгоҳҳои револверӣ, харроти дастгоҳи каруселӣ, харроти дастгоҳи тарошанда-ба ихтисосҳои касби харротӣ тааллуқ доранд [6, с. 46].

Ихтисоси коргарон вобаста ба: 1) - ба олоти меҳнат номгузорӣ карда мешавад, мисол дастгоҳҳои харротӣ - винтбур, револверӣ, каруселӣ, дастгоҳи харротӣ-автоматӣ ва ғайра; 2) - вобаста ба тарзи меҳнат (куфтани тарзи озоди фулузот, қолибзанӣ, ба фаъолияти оҳангарон хос мебошад; 3) - вобаста аз маснуоти меҳнат-тайёр намудани асбобҳо, таъмири мошинҳо ва ғайра;

Касбу ихтисосҳо ба дараҷаи гуногун азхуд карда мешаванд. Дараҷаи тайёрии коргар ба ин ё он намуди фаъолияти меҳнатӣ аз сатҳи дараҷаи ихтисосӣ, кибо дараҷаҳо (разряд) ва таснифот (классҳо) баҳо дода мешаванд, муайян карда мешаванд. Пешравии техникӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, автоматикунонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва такмилёбии технология ба тағирёбии моҳияти фаъолияти коргарон, дараҷаи тахассусии онҳо таъсир расонида, имкониятҳои меҳнати ҷисмонӣ ва фикриро бартараф менамояд. Бо воридшавии техника ва технологияи нав касбу ихтисосҳои нав ба вуҷуд меоянд [12, с. 84].

Касбҳои анъанавӣ, ки пеш вуҷуд доштанд ба худ мазмуну моҳияти нав мегиранд. Мисол, дар мошинасозӣ ва коркарди фулузот, дар моҳияти меҳнати челонгар-касбе, ки пештар ҳамчун меҳнати дастӣ дида мешуд, бештар амалиётҳои механикӣ шомил мешаванд. Мисол, бурриш бо дастгоҳи бурандаву тозакунанда, суфтакунанда иҷро карда мешаванд. Вобаста ба дастгоҳҳои агрегатӣ, дастгоҳҳо-автоматҳо ва хатҳои технологӣ, талабот ба таъмиргару омодакунандаи дастгоҳҳои автоматӣ, операторҳои истеҳсолоти электровакуумӣ ва нимноқилҳо зиёд мешавад.

Истифодаи васеъи нерӯи барқ ва химия (кимиё) дар ҷараёнҳои технологӣ ба пайдоиши чунин касбҳо: -галваникҳо, кафшергари барқӣ ва ғайра сабаб мешавад. Дар истеҳсолоти рехтагарӣ дар корхонаҳои мошинсозӣ тамоюли асосӣ ин гузариш ба рехтаграӣ дар зери фишор мебошад. Чунин рехтагарӣ дар қолабҳои гуногуни модулӣ (ангоравӣ) гузаронида мешаванд. Аз ин сабаб талабот ба ангорасозон ва қолибсозон зиёд мешавад. Автоматикунонӣ ва механикониданӣ дигар корҳои ороишдиҳӣ дар сехҳои рехтагарӣ самти касбии коргаронро куллан тағир медиҳанд, касбҳои нав ба монанди қумпошкунанда, майдакунандаи қум, гидротозакунандаи рехтарӣ ба вуҷуд меоянд [3, с. 154].

Дар истеҳсолоти оҳангари-қолибзанӣ вобаста ба иваз намудани кубиши озод (кова) бо қолибзании озод идоракунандагони болға-пресcҳо кам шуда, миқдори қолибзанҳо, пресскунандаҳо барои коркарди фулузоти сард зиёд мешаванд.

Химиякунонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, истифодаи методҳои химиявии ашё ва масолеҳ, истифодаи масолеҳи ғайрифулузотӣ ба тарбияти касбии коргарони саноати мошинасозӣ таъсири калон мерасонанд. Касбҳои пресскунанда ва қолибрезӣ маснуоти пластмассӣ ва фрезакунандаҳо ба вуҷуд меоянд. Дар саноати истеҳсоли ангишт бо истифодаи васеъи комбайну мошинаҳои боркунанда, электровозҳо, конвейрҳо ва дигар намуди техника барои коркарди минтақаҳои кӯҳии ангиштсанг, касбҳои меҳнати комплексӣ-механиконидашуда васеъ истифода бурда мешаванд. Миқдори касбҳои «зеризаминӣ» солҳои охир кам шуда, ба ҷойи онҳо касбҳои нав:-мошинистҳои комбайни коркарди қабатҳои кӯҳӣ ва нақбканҳо, мошинистҳои қатораҳои электроборкашон (мошинҳои боркашони барқӣ), идоракунандаи мошинҳои махсуси конҳо ва механизмҳои гуногун, пайдо мешаванд [6, с. 124].

Дар соҳаи металлургияи сиёҳ вобаста бо зиёд шудани истеҳсоли маъдан талабот бо мошинистони экскваторҳо ва электровозҳо зиёд мешавад. Бо сабаби механиконидани равандҳои домнагӣ ва мартении истеҳсоли фулузот, бештар касбҳои операторони (идоракунандагон) таҷҳизоти автоматӣ, талаб карда мешаванд.

Механизатсияшавии сохтмон моҳияти касбии коргари сохтмонро пурра тағир медиҳад. Бо зиёдшавии парки мошину механизмҳо талабот ба мошинистони экскваторҳо, булдозерҳо, грейдерҳо ва скреперҳо зиёд мешавад. Корҳои сохтмонӣ ба монанди андовачӣ, рангуборчӣ, бетонрез, ки одатан корҳои дастӣ ба ҳисоб мераванд, сол аз сол механиконида мешаванд. Мисол, барои корҳои арматурӣ дастгоҳҳои бурранда ва кафшеркунанда истифода бурда мешаванд.

Вобаста ба автоматизасия ва механикикунонии истеҳсолот бештари касбҳои мушкилу ба саломатии инсон зараррасон аз байн гирифта мешаванд. Дар муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ тайёр намудани ёрдамчии мошинистҳо вачелонгарони таъмири паравозҳо (қатораи бо буғ ҳаракаткунанда) вобаста ба гузариши роҳи оҳан ба қатораҳои барқӣ ва қатораҳои муҳаррики гармӣ, маън карда мешаванд.

Бо барқикунонии нақлиёти роҳи оҳан миқдори мошинистони қатораҳои барқӣ, кафшергарони барқӣ, таъмиргари барқӣ зиёд мешавад. Дар як қатор корхонаҳо миқдори коргарони универсалӣ (ҳамакора) зиёд мешаванд. Бо воридоти ташкили нави меҳнат ба намуди бригадаҳои комплексӣ ва ҳамгироии касбҳо, дар ҳолати зарурӣ ҳар як аъзои бригада метавонад якдигарро иваз намоянд [6, с. 126].

Бо чунин тарзи ташкили меҳнат бекор истодани дастгоҳу таҷҳизотҳо кам шуда, истеҳсолнокии меҳнат зиёд мешавад; уҳдадории ҳар як коргар васеъ шуда, ба онҳо талаботи донишҳои тахассусӣ афзун мешавад. Чунин пешравиҳо дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ворид мешаванд. Пешравии техникӣ дар хоҷагии аграрӣ ба коргарони ин соҳа талаботҳои баланд монда, аз онҳо донишу малакаи васеъро оид ба механизатсиякунонӣ ва идоракунии техникаи мураккабро талаб менамояд. Мисол, дар касби тракторчӣ ихтисосҳои ронандаи тракторҳои чархдор ва тасмачарх, дар касби комбайнчӣ, комбайнчии комбайнҳои овезадори (присепҳо) ғалладарав ва комбайнҳои махсус, комбайнчӣ – механик шомил карда шуданд. Вобаста ба пешравии техникӣ касбҳои: мошинисти мошинҳои ғаллакӯбанда, зағиртозакунанда, агрегатҳои зағиртозакунанда, инчунин устоҳои мошинаҳои ширдӯш, механик-ронандаи мошинҳои пахтачинӣ, операторони инкубаторҳо, таъмиргар оид ба хизматрасонии фермаҳои чорводорӣ ба вуҷуд меоянд. Бо истифодабарии техникаи овеза ва нимовезаи хоҷагии қишлоқ фаъолияти притсепчиён(овезабандон) ва қисман комбайнчиҳо ба уҳдаи тракторчӣ – мошинистони соҳаи васеъ дода мешаванд. Агар пештар вақт ба челонгар маҳорати амалӣ кофӣ ба ҳисоб мерафт, ҳоло бошад ӯ бояд сохтори мошин, тарзи кор, хусусиятҳои техникӣ ва истифодабарии онҳоро донадва онҳоро мустақилона идора карда тавонад. Ба вазифаи челонгар инчунин танзими қисмҳои алоҳидаи мошинҳо, автомобилу тракторҳо, муайянкунии нуқсонҳои муҳаррикҳо аз рӯи овоз ва бартарафкунии онҳо, хондани нақшаҳои мураккаб дохил карда шудаанд [6, с. 36].

Аз ин сабаб шарти асосии пешравии техникӣ дар марҳилаи муосир, ин тайёр намудани коргарону мутахассисони сатҳи баланди касбӣ мебошад. Вобаста ба васеъгӣ ва гуногуншаклии корҳо, фаъолияти меҳнатӣ се намуди касбҳои коргарӣ фарқ мекунанд:

Ҳамгиро (универсалӣ), ки бо иҷрои кору амалиётҳои гуногун дар як ҷойи корӣ ва намуди таҷҳизот, (мисол, харроте, ки дар шароити истеҳсоли ягона маснуот ё истеҳсоли маҳдуд кор мекунад) алоқаманд мебошад.

Ихтисоси ҳиссагӣ (қисман), ки бо хизматрасонии як намуди таҷҳизоти махсус ё барои иҷрои корҳои маҳдудшуда вобаста ба касб (мисол, таъмиргари барқ, булдозерчӣ, тираксоз) алоқаманд мебошад.

Корҳои махсусгардонидашудаи яксамта, ки барои иҷрои як ё се амалиёт дар раванди умумии тайёр намудани маснуот, алоқаманд мебошад.

Вобаста ба истифодаи олоти меҳнат касбҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1.Касбҳои меҳнати мошинӣ (харрот, фрезакунанда, бофанда ва ғайра);

2.Касбҳои меҳнати дастӣ (челонгари корҳои механикӣ, танзимгари таҷҳизотҳову аппаратҳои истеҳсолоти химиявӣ ва ғайра);

3.Касбҳои меҳнати таҷҳизотӣ (аппаратӣ) (пӯлодгудоз, ҳароратсанҷ (термист), таҷҳизотгари аппаратҳои истеҳсолоти химиявӣ ва ғайра);

Вобаста ба соҳаи хоҷагии халқ, ҳама касбҳоро ба соҳавӣ ва байнисоҳавӣ ҳамгиро ҷудо мекунанд [12, с. 76].

Касбҳои соҳавӣ ба соҳаи муайяни хоҷагии халқ алоқаманд буда, хусусияти онҳоро ифода мекунад, мисол - бофанда, ресмонрез – ба соҳаи саноати сабук; таъмиргари барқ, симпечтобкунандаистатору ротори мошинаҳои барқӣ ба соҳаи барқӣ – техникӣ (электротехникӣ) ва ғайра таалуқ доранд. Коргарони касбҳои ҳамгиро (мисол, пармакунанда, харрот ва ғайра) дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият бурда метавонанд.

Пешравии илмӣ – техникӣ ба инкишофи нишондиҳандаҳои зеҳнӣ (ақлӣ) дар фаъолияти меҳнатии коргарон водор менамояд. Мисол, пӯлодгудоз пеш аз кори худ ба ҳисобкунӣ ва назораткунии нишондиҳандаҳои фаъолияти меҳнатиаш машғул мешавад, ки он 60% вақти кориро мегирад. Челонгар оид ба таъмири асбобҳои назоратӣ – ченкунанда ва автоматҳо (разряди тахассусиаш баланд) барои иҷрои фаъолияти меҳнатӣ, бояд асосҳои механика, электроника, оптика, радиотехника, телемеханика, метрологияро донад. Вобаста ба механикакунонӣ, автоматикунонӣ, барқикунонӣ ва химиякунонии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, коргарон бояд донишҳои назариявии пурраи фанҳои таҳсилоти умумӣ, умумитехникӣ ва махсусро дошта бошанд [2, с. 36].

Вобаста ба ин талаботиҳои касбҳои коргари соҳаи васеъ ба миён меояд. И.Д. Клочков маҳфуми коргари соҳаи васеъро чунин шарҳ медиҳад: «ин коргаре мебошад, ки дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот кор карда метавонад, дар қатори тайёрии махсус, донишҳо ва маҳорати умумикасбӣ дошта, барои корҳои ҳамгиро дар минтақаҳои технологӣ омода мебошад. (ё коргаре, ки барои хизматрасонии таҷҳизоту мошинҳои автоматӣ омода аст) Ин коргар бо асосҳои илмии истеҳсолот шинос мебошад» [8, с. 72].

Тайёр намудани коргари соҳаи васеъ, сохтори нави нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳоро талаб менамояд. Он бояд аз ду марҳила иборат бошад:

- якум - тайёрии умумисоҳавӣ дар заминаи омӯзиши фанҳои таҳсилоти умумӣ ва умумитехникӣ; инчунин гузаронидани корҳои амалӣ барои ҳосил намудани маҳорату донишҳои умумисоҳавӣ ва донишҳои умумисоҳавию донишҳои илмии истеҳсолоти муайяншуда;

- дуюм - раванди азхудкуниии ихтисос, ки хонандагонро бо донишу маҳорати касби интихобшуда (ё ихтисос) тайёр менамояд.

Принсипҳои дидактикии таълими ибтидоии касбӣ – техникӣ.

Дар педагогикаи мактаби таҳсилоти умумӣ, принсипҳои умумидидактикӣ ташаккул ёфтанд.Принсипҳои дидактикӣ гуфта қоидаҳои асосӣ ё меъёрҳоеро меноманд, ки хусусияти истифодабарии қонунҳои таълими муаллимро вобаста ба мақсаду вазифаҳои тарбияи хонандагон муайян менамоянд. Олимони рус- М.Н. Скаткин ва М.А. Данилов – принсипҳои таълимиро чунин ҷойгир менамоянд: илмият ва дастрас будани таълим, алоқаи назария бо амалия, бошуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар таълим, устувории азхудкунии донишҳо ва инкишофи ҳамаҷонибаи қувваҳои дарккунандаи хонандагон, хусусияти коллективии таълим ва ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии хонандагон.

Ин принсипҳои таълими мактабӣ бояд ҳам аз ҷониби муаллимони фанҳои умумитаълимӣ ва ҳам умумитехникиву махсус амалӣ карда шаванд. Лекин муассисаҳои

таълимӣ касбӣ хусусиятҳои махсуси худро доранд, ки бо мақсаду вазифаҳои тайёрнамоии коргарони баландихтисос, барои истеҳсолоти муосир дар шароити пешравии илму техника алоқаманд мебошанд. Пешравии илму техника ба воситаву равандҳои технологӣ ва моҳияту ташкили меҳнат дар соҳаи истеҳсолоти моддию хизматрасонӣ таъсир расонида онҳоро тағйир медиҳад. Тарбияи насли наврас, ки қувваи пешбарандаи ҷомеаи мо мебошад, аҳамияти калон дорад. Тарбияи ҷавонон дар амалишавии вазифаҳои ахлоқӣ бо воситаи мазмуни таълим ва услуби кори таълимӣ, ки аз ҷониби омӯзгорону устоҳои таълимӣ истифода бурда мешаванд, амалӣ карда мешаванд [12, с. 36].

Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷойи намоёнро амалишавии принсипи политехникӣ мебозад. Вобаста ба ин принсип ба донишҷӯён бояд донишҳои умумитехникӣ оид ба таҷҳизоти энергетикӣ ва технологӣ, инчунин оид ба воситаҳои идоракунии автоматӣ ва назорат, ки дар асоси қонуниятҳои электромеханикӣ ва электронӣ кор мекунанд, дода шаванд.

Принсипи политехникӣ дар таҳсилоти ибтидоии касбӣ на танҳо малакаву маҳорати яксамтаи идоракунии таҷҳизоти махсус, инчунин малакаву ҳунари умумимеҳнатии хусусияти ҳамагони доштаро талаб менамояд, ки ҳангоми гузариш аз як фаъолият ба дигар намуди фаъолияти касбӣ ба осонӣ гузариш карда тавонад. Чунин муносибат на танҳо малакаву маҳорати технологӣ, ки ба коргар имкон медиҳад асбобу таҷҳизотҳои технологиро истифода бурда тавонад, инчунин ҳунари самаранок ташкил намудани фаъолияти меҳнатӣ ва банақшагирии илмии меҳнатро ташаккул медиҳад.

Ба бештари касбҳо хусусияти умумитехникӣ, ки бо хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои технологӣ ва нақлиётӣ, ташхиси техникӣ, муайянкунии носозиҳо, қабули қарори ягонаро талаб мекунад, алоқаманд мебошад.

Чӣ хеле, ки тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, муносибати политехникӣ барои таҳлили хусусияти меҳнати коргари касбҳои гуногун, имкон медиҳад, ки онҳоро ба гурӯҳҳои дорои умумияти илмӣ – техникӣ ва меҳнатӣ якҷоя намоем.

Ин муносибат дар навбати худ имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои меъёрии касбӣ – истеҳсолӣ ва ҳуҷҷатҳои таълимӣ – барномавиро дар муассисаҳои миёнаи касбӣ – техникӣ ҳамгиро ва содда намоем. Хусусан дар ин асос пешниҳод карда мешавад, ки барномаҳоро ба ду қисм: ба асосӣ, умумитехникӣ (хусусияти умумиистеҳсолӣ дошта) ва махсус (ба касбу ихтисосҳои аниқ таалуқдошта) тақсим намоем, ки ба қисми махсус, ба мазмуни тайёрии ибтидоии касбӣ имконияти ҳамҷоя намудани гурӯҳи донишҳо, малакаву ҳунар барои гурӯҳи хурди касбҳо ба миён меояд. Ҳамин тариқ гуфта метавонем, ки принсипи политехникӣ ба ҷудо намудани донишу маҳорати байниистеҳсолӣ ва умумиистеҳсолию умумитехникӣ имконият фароҳам меоварад. Дар ин асос моҳияти маводи таълимии барномаҳои назариявӣ ва таълими истеҳсолӣ муносибати системавӣ барои муайян намудани сохтори барномаҳо, ҳамгиро намудани омӯзиши усулҳои таълими меҳнатӣ (тайёр намудани маснуот, хизматрасонии техникӣ, идоракунии равандҳои технологӣ), алоқаманд мебошад.

Чӣ хеле ки олимони соҳаи педагогӣ қайд мекунад: ҷамъияти ояндаро бе ҳамгироии таълиму меҳнати истеҳсолии ҷавонон, бе ҳамгироии таълиму меҳнати истеҳсолнок тассавур намудан номумкин аст. Хонандагон дар раванди меҳнати истеҳсолӣ донишу малака ва ҳунари истеҳсолиро ҳосил намуда, донишҳои назариявии азхудкардаашонро дар фаъолияти минбаъдаи касбӣ истифода мебаранд. Ҳамзамон таълими истеҳсолӣ пурра ба вазифаҳои таълимӣ – тарбиявӣ итоат мекунад. Ба ин принсип- принсипи алоқамандии таълим бо меҳнати истеҳсолӣ тамоми ҷараёни педагогӣ итоат мекунад.

Принсипи илмиятнокӣ дар таълим. Яке аз принсипҳои асосӣ дар таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ дар муассисаҳои миёнаву ибтидоии касбӣ мебошад. Дар раванди азхудкунии донишҳои илмӣ дар хонандагон ҷаҳонбинии илмӣ ташаккул ёфта тафаккури онҳо инкишоф меёбад. Вобаста ба пешравии илмӣ – техникӣ, яке аз шартҳои ҳатмии тез азхуд намудани техникаи нав ва технология аз ҷониби ҷавонон, меҳнати эҷодӣ, самаранок ва ихтирокорӣ дар истеҳсолот, ин принсипи пешбаранда мебошад.

Принсипи илмнокӣ дар таълим ба коргари оянда ташкил намудани меҳнатро аз нуқтаи назари илмӣ омӯзонида, шавқу ҳаваси онҳоро ба техникаву технологияи муосир инкишоф медиҳад. Ин принсип моро водор мекунад, ки хонандагонро бо тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи техникӣ ва технология, ташкили меҳнат вобаста ба ихтисос шинос намоем.

Принсипи системанокӣ ва пайдарпай дар таълим. Принсип зарурияти таълимро бо системаи муайяни мантиқӣ, ки дар он қабулиятнокӣ, пайдарпай, мунтазам азхуд намудани донишҳо ифода меёбад, шарҳ медиҳад. Маводи нави таълимӣ дар асоси донишҳои азхудкардаи хонандагон таълим дода мешавад.

Системанокӣ дар омӯзиши маводи таълимӣ аҳамияти калон дошта, тартиби муайянро дар омӯзиши донишу малака ва устувории азхудкунии онҳоро таъмин мекунад. Дар асоси ин принсип нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо барои муассисаҳои таълимии касбӣ таҳия карда мешаванд. Шарҳи донишҳо бо тариқи системанокӣ ва пайдарпай – он маъноро дорад, ки маводи таълимӣ бо қисмҳо дода шуда, маводи нав бо мавзуи пешина алоқаманд карда мешавад. Дар ин раванд мақсади асосӣ – омӯзиши хонандагон ба таҳлил намудан, системанок кардану хулосабарории донишҳо равона карда мешавад [1, с. 186].

Барои системанок намудани донишҳо бо мавзуъҳо ва фанҳо зарур аст, ки мо маводҳои таълимиро бо параграфу бобҳо ё фанҳои таълимӣ такрор намоем. Чунин системанокӣ такрори донишҳо, малакаву ҳунари азхудшударо дар давоми соли таҳсил талаб менамояд. Барои он, ки системаи донишҳоро хонанда азхуд намояд, ӯ бояд сохтори мантиқии фанни таълимиро дарк намояд.

Ҳамзамон бо алоқаи системаи донишҳо дар дохили ҳар як фанни таълимӣ бояд алоқаи байнифаннӣ таъмин карда шавад. Чунин алоқаи байни фаннӣ дар ҳолате истифода бурда мешавад, ки донишҳои як фан барои омӯзиши фанни дигар зарур мебошанд, ё барои омӯзиши мавзуъ донишҳои фанҳои мухталиф зарур мебошанд. Мисол, барои омӯзиши масолеҳшиносӣ донишҳои физика, химия, электротехника ва дигар фанҳо зарур мебошанд.

Алоқаи байнифаннӣ дар ҳолате зарур мебошанд, ки як ҳодиса ё принсипи кори мошину механизм бояд ҳамаҷониба омӯхта шаванд. Мисол, кори мошину механизмҳо дар асоси қонунҳои физикӣ, ҳангоми шиносоӣ бо ҷараёни аниқи технологӣ, донишҳо аз фанҳои масолеҳшиносӣ, химия ва математика зарур мебошанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки алоқаи байнифаннӣ ҷаҳонбинии ақлии хонандагонро васеъ намуда, шавқу ҳавас барои омӯзиши донишу малакаи нав зиёд мекунад [2, с. 96].

Азхудкунии системанокии донишҳо принсипи алоқаи назария ва амалияро ба вуҷуд меоварад. Асоси ин принсипро алоқамандии донишҳо ва таҷрибаи шахсӣ ва назоратбарӣ аз ҷониби хонандагон ташкил медиҳад. Алоқаи таълим бо ҳаёт, супоришҳои назариявию амалӣ, коркарди таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар муассисаҳо, сохтмон ва хоҷагии қишлоқ дар асоси донишҳои гуногуни азхудшуда, асоси принсипи мазкурро ташкил медиҳанд.

Пайдарпайии шарҳи маводи таълимӣ, ташаккули малакаву маҳорат аз хусусияти фанни таълимӣ ва хусусияти ҷараёни таълимӣ вобаста мебошад. Агар хонандагон донишҳои зарурӣ ва малакаву маҳоратро пайдарпай аз худ карда бошанд, он гоҳ онҳо метавонанд ин донишу малака ва маҳоратҳоро озодона дар амал истифода баранд. Дар раванди таълими истеҳсолӣ бояд маводҳои таълимӣ системанок карда шаванд, яъне алоқаи байни амалиётҳои омӯхташаванда бо намуди корҳо, истифодаи барномаҳои таълимӣ бо амалиётҳои нави омӯхташаванда қарор ёбанд [6, с. 66].

Принсипи дастрас будан ва имконпазирӣ дар таълим. Ин принсип омӯзиши маводҳоро бо мазмуну ҳаҷми муайян ва усули (услуби) таълим боназардошти хусусиятҳои синусолӣ ва сатҳи тайёрии хонандагон, имкониятҳои даркнамоӣ ва қувваи ҷисмонӣ – ифода менамояд.

Ин принсипро мо бояд на ҳамчун таълими «сабук» фаҳмида, ҳар як мушкилиро дар омӯзиши хонандагон, бартараф намоем. Ҳангоми чунин муносибат, хонандагон наметавонанд дорои малакаи худмустақилӣ ва даркнамоӣ бошанд. Қобилияти онҳо суст инкишоф меёбад. Дар шароити омӯзиш дар коллеҷҳо қоидаҳои таълими дастрас [аз наздик ба дур, аз маълум ба номаълум, аз конкретӣ ба абстрактӣ (аз вуҷудияти ба тасавуротӣ] аз омӯзгор, устои таълими истеҳсолӣ, муносибати эҷодиро дар коркарди маводи таълимӣ, интихоби усули таълим ва шакли таълим, талаб менамояд. Бояд дар хотир дошта бошем, ки ҳар як маводи оддӣ кардашуда, ҳар як мафҳуми оддӣ барои хонандагон фаҳмо ва дастрас мебошад. Ин маҳфумро набояд аз осон ба мураккаб маънидод кард. Агар маводи мураккабро дар ҷараёни таълим соддатар ба донишҷӯён фаҳмонем, он гоҳ фаҳмиши он осон мешавад. Дар назди донишҷӯ бояд супоришҳои дастрас гузошта шаванд, лекин онҳо бояд хусусияти инкишофёбанда дошта бошанд. Дастрас будан ва имконпазирии маводи таълимӣ дар таносубияти сифатӣ ва микдорӣ бояд дида шавад. Ҳангоми вайрон шудани ин таносуб, зиёд

шудани миқдор, ин принсип амалӣ намешавад ва ба донишҷӯ сарбории гарон мешавад. Зиёд будани маводи таълимӣ ва давомнокии вақти дарсҳо донишҷӯёнро тез монда карда, азхудкунии донишҳо ва истеҳсолнокии меҳнати онҳоро пасту душвор мекунад. Принсипи дастраснокӣ аз омӯзгор талаб мекунад, ки миқдори маводи таълимиро чунин интихоб намояд, то ба донишҷӯён имконпазир ва дастрас бошад. Чунин муносибат ба маводи таълимӣ мусоидат менамояд, ки ҳангоми вайрон шудани меъёри сифатии ин принсип, ки омӯзгор маводи таълимиро бе назардошти тайёрии умумитаҳсилотии донишҷӯён пешниҳод мекунад, мушкилӣ ба вуҷуд оварда, донишҷӯ онро қабул карда наметавонад. Дастрасӣ ва имконпазирии маводи таълимӣ аз сатҳи мураккабии мавод, сатҳи тайёрӣ ва инкишофи хонандагон, усулҳои таълим ва воситаҳои айёнӣ вобаста мебошад. Ҳангоми дуруст ташкил намудани раванди таълим аз ҷониби омӯзгор ё устои таълимӣ донишҳо дуруст аз худ карда шуда, пас аз он донишҷӯён онҳоро дар амал дуруст ва самаранок истифода мебаранд [12, с. 146].

Принсипи айёният дар таълим. Ин принсип дар дидактика, дар асоси қонуни ягонагии конкретӣ ва абстрактӣ дида мешавад. Хонандагон дар омӯзиши донишҳо аз дарки табиати зиндаи предметҳо ва ҳодисаҳо ё тасвири онҳо ба хулосабарорӣ ё худ баръакс аз умумият ба ягонагӣ (воҳидият) ба конкретӣ мегузаранд.

Я.А. Каменский дар асари худ «Дидактикаи бузург» принсипи айёниятро дар таълим асоснок мекунад. Ба мо «қоидаи тиллоӣ» - и Я. Каменский оид ба дидактика маълум аст: «Ҳама он чизе, ки метавонем барои қабули ҳиссиёт тасаввур намоем, аллалхусус: дидашаванда – барои қабул бо чашм, шунидашаванда – бо шунавоӣ (сомеъа), бӯй – бо шомма, таъм – бо узвҳои таъм, ба ламсшавӣ дастрас бо қувваи ломиса қабул карда мешаванд. Агар ягон предметро тез бо якчанд ҳиссиётҳо қабул намоем, бигузор онҳо бо тезибо якчанд ҳиссиётҳо қабул карда шаванд». Ин ҳолат нақши худро дар бозсохтории раванди таълим нишон дод.

Ба аҳамияти калони айёниятҳо дар таълим диққати калон дода, мо набояд онро беҳад воло донем. Қабули ҳиссиёт танҳо зинаи аввали даркнамоӣ мебошад. Марҳилаи дигари он – тафаккури абстрактӣ (тасавуротӣ) мебошад [6, с. 87].

Ҳангоми истифода бурдани айёниятҳо дар раванди таълим, дар муассисаҳои таълимии касбӣ бояд як қатор талаботҳои методӣ риоя карда шаванд:

- интихоби воситаи айёнӣ бояд бо назардошти мақсади дарс мувофиқат карда шавад;
- ҳангоми кор бо воситаҳои айёнӣ, омӯзгор ё устои таълимӣ бо назардошти қабулнамоии хонандагон ин воситаҳоро дастури худ кунанд, диққати онҳоро ба паҳлӯҳои асосии предмети омӯзонидашаванда равона намоянд;
- шароитҳои зарурииро барои фаъолнокии баланд ва худмустақилии донишҷӯён муҳайё намоянд;
- дарсҳо набояд бо воситаҳои айёнии бисёр, ки диққати донишҷӯёнро парешон мекунад, пурра карда шаванд;
- Миқдори воситаҳои айёнӣ барои дастрас намудани мақсади таълим (дарс) муайян карда мешавад;
- агар дар дарс якчанд айёниятро истифода бурдан зарур бошад, он гоҳ намоиш додани онҳо бояд ба тарзи пайдарпай гузаронида шаванд. Якбора намоиш додани ҳамаи воситаҳои айёнӣ маън карда мешавад;

Аҳамияти калонро ҳамгироии дурусти сӯхани омӯзгор ё устои таълимӣ бо айёният мебозад. Дар дидактика ду роҳи чунин ҳамгироӣ нишон дода мешавад. Якум намоиши воситаи айёнӣ аз шарҳи мавзуъ аз ҷониби омӯзгор, устои таълимӣ пеш мегузарад. Дуюм – шарҳи мавзуъ бо намоиш мувофиқат мекунад. Усули якум бештар самаранок буда, натанҳо азхудкунии донишҳоро таъмин мекунад, инчунин хусусияти назораткунии донишҷӯёнро инкишоф медиҳад. Усули дуюм вақти камро талаб мекунад ва вобаста ба хусусияти маводи таълимӣ ва шароити таълим истифода бурда мешавад.

Принсипи бошуурнокӣ ва фаъолнокӣ дар таълим. Ин принсип чунин тарзи ташкили раванди таълимиро талаб менамояд, ки дар он донишҷӯён вазифаҳои гузошташударо дуруст дарк намуда, фаъолона донишҳоро азхуд намоянд.

Бошуурнокӣ дар таълим, дуруст фаҳмидани мақсади корҳои таълимии худро, аз ҷониби донишҷӯён ифода мекунад. Донишҷӯён донишҳо, далелҳои омӯхташавандаро бошуурона

таҳлил намуда, онҳоро дар корҳои амалӣ истифода мебаранд. Бошуурнокӣ дар таълим яке аз роҳҳои дур шудан аз азёдкунии механикӣ буда, донишҷӯёнро ба он водор мекунад, ки донишҳои азхудкардаашонро бошуурона дар амалия истифода бурда тавонанд. Барои азхудкунии маводи таълимӣ, шуурнокӣ ва фаъолнокии донишҷӯён, бояд таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ доимо бо ҳам алоқаманд бошанд. Шакли олии бошуурнокии эҷодӣ дар лабораторияҳо, устохонаҳову сеххҳои истеҳсолӣ таҷассум меёбанд [12, с. 168].

Фаъолнокӣ- ин бошуурона ва мақсаднок ифода намудани кӯшишу ғайрат барои бобарор иҷро намудани супоришҳои таълимӣ ва истеҳсолӣ мебошад. Роҳҳои гуногуни ҳавасмандкунии донишҷӯён ба фаъолнокӣ, азхудкунии донишу малака ва ҳунар, мавҷуд мебошанд.

Принсипи азхудкунии донишҳои устувор, малака ва ҳунар. Ин принсип чунин тарзи ташкили раванди таълимиро талаб менамояд, ки донишҷӯ малакаи зарурираро барои фаъолияти ояндаи худ пурра азхуд намуда, онҳоро дар хотир мустаҳкам нигоҳ дорад ва ҳангоми ҳалли масъалаҳои назариявию амалӣ истифода бурда тавонад. Аз нигоҳи илми психологияи муосир, ду намуди хотир: кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат мавҷуд буда, байни онҳо фарқияти муайян вуҷуд дорад. Лекин дар ҳар ду ҳолат хусусан барои дар хотир нигоҳ доштан, раванди тафаккур зарур мебошад.

Шарти асосии мустаҳкамии донишҳо-таҳлили мантиқӣ ва мазмуни ахборот аз ҷониби донишҷӯён мебошад. Ин принсип бояд дар алоқамандӣ бо дигар принсипҳои таълим ҳамгиро дида шавад. Барои донишу малакаи устувор ташаккули муносибати эҷодӣ ва бошууронаи донишҷӯ (хонанда) ба донишу малакаи азхудшуда, зарур мебошад.

Барои беҳтар намудани хотир бояд такрори мавзуъҳо аз нуқтаи назари таҳлилӣ, саҳеҳкунӣ ва ғанигардонии онҳо бо далелҳои нав дида шаванд.

### *Адабиёт*


1. *Азизов А., Сайфудинов М., Муминов Ф., Ҷӯраев М. Методикаи таълими технология (таълими меҳнат) дар муносибати салоҳиятнокӣ (китоби дарсӣ). – Душанбе: Маориф, 2017. - 363 с.*
2. *Ананев Б.Г. Человек как предмет познания. - СПб., 2001. - 384 с.*
3. *Вершкова Г.Л., Чистякова С.Н.. Трудовое воспитание и профорентация подростков. -М.: Знания, 1979. - 146 с.*
4. *Воробьёва Т.А. Опыт создания методики профессионального отбора. М.: Советская педагогика, 1978. - 87 с.*
5. *Вейсбург А.Д. Школьники выбирают рабочие профессии. - М.: Знание, 1983. - 124 с.*
6. *Карамзин И.В., Сангов Н.Н. Вопросы профессиональной подготовки молёдожи. Душанбе – 1997. 186 саҳ*
7. *Карамзин. И.В, Сангов Н.Н. – Индустриального – педагогическая психология. (1 – 11 части). – Душанбе, 1997. - 86 с.*
8. *Клочков И.Д. Тайёр намудани коргари соҳаи васеъ дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ. - М., 1979. - 244 с.*
9. *Макаренко А.С.. Выбор профессии Радость творческого труда. Соч. тома 5.7. - М.: Изд – во АПН РСФСР, 1958. - 456 с.*
10. *Машварат омили муҳимтарини интихоби касб. - Душанбе – 2007. – 38 с.*
11. *Сангов Н.Н., Ғозиев Х.Р., Алиев А.Ҳ. Роҳнамоии касбӣ (дастури таълимӣ). – Душанбе, 2015. – 188 с.*
12. *Сангов Н.Н. Негматова М.С, Райҳонова С.Х. Методикаи таълими истеҳсолӣ (дастури таълимӣ-методӣ). – Душанбе, 2019. – 321 с.*


## ХУСУСИЯТИ РАВАНДИ ПЕДАГОГӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ-ТЕХНИКӢ


Муаллифи мақола диққати асосиро ба вазифаи асосии муассисаҳои таълими касбӣ-тайёр намудани кадрҳои коргарӣ додааст. Хусусияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва фарқияти он аз мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ин ҳамгиро намудани тайёрии таҳсилоти миёна бо маълумоти касбӣ-техникӣ мебошад. Чӣ хеле ки муаллиф қайд мекунад мақсад, вазифаҳо, моҳият ва услуби ташкили ҷараёни педагогиро дар коллеҷу литсейҳо (омӯзишгоҳҳо) соҳаи илми педагогӣ-педагогикаи маълумоти касбӣ меомӯзад ва ташаккул медиҳад. Ҳуҷҷатҳои асосии давлатӣ, ки хусусияти моҳияти таълимиро дар ин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон медиҳанд, ин таснифӣ (квалификатсионӣ), нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо мебошанд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо банақшагирӣ ва ташкили тамоми ҷараёни таълиму тарбия, ҷараёни педагогӣ амали карда мешавад. Ба ақидаи муаллифи мақола пешравии илмӣ-техникӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ, автоматикунонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва такмилёбии технология ба тағирёбии моҳияти фаъолияти коргарон, дараҷаи тахассусии онҳо

таъсир расонида, имкониятҳои меҳнати ҷисмонӣ ва фикриро бартараф менамояд. Бо воридшавии техника ва технологияи нав касбу ихтисосҳои нав ба вуҷуд меоянд. Касбҳои анъанавӣ, ки пеш вуҷуд доштанд ба худ мазмуну моҳияти нав мегиранд. Мисол, дар мошинасозӣ ва коркарди фулузот, дар моҳияти меҳнати челонгар-касбе, ки пештар ҳамчун меҳнати дастӣ дида мешуд, бештар амалиётҳои механикӣ шомил мешаванд. Инчунин, муаллифи мақола ба аҳмияти принсипҳои дидактикӣ дар тайёрии касбии ҷавонон дар раванди таълими назариявӣ ва истеҳсолӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷойи намоёнро амалишавии принсипи политехникӣ мебозад. Муаллиф аҳмияти амалии принсипи политехникиро шарҳ дода, менависад, ки вобаста ба ин принсип ба донишҷӯён бояд донишҳои умумитехникӣ оид ба таҷҳизоти энергетикӣ ва технологӣ, воситаҳои идоракунии автоматӣ ва назорат, ки дар асоси қонуниятҳои электромеханикӣ ва электронӣ кор мекунанд, дода шаванд. Оид ба ҳамаи принсипҳои дидактикӣ дар таълими касбии коргарҷавонон муаллиф шарҳи пурра медиҳад.

**Калидвожаҳо:** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, маълумоти касбӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, банақшагирӣ, автоматикунонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, пешравии илмӣ-техникӣ.

## ОСОБЕННОСТИ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В УЧРЕЖДЕНИЯХ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Автор статьи большое внимание уделяет основным задачам профессиональным учебным учреждениям (колледжам) по подготовке кадров рабочей профессии. Особенность и разница учреждении среднего образования и учреждении среднего обшеобразовательного образования заключается в создании интеграции профессиональной и обшеобразовательной подготовки учащихся, будущих специалистов в сфере производства. Как автор статьи отмечает цель, задачы и методику организации педагогического процесса в колледжах и лицеях определяет педагогическая наука. Основные государственные документы, которые показывают суть учебного процесса в профессиональных учебных заведениях. Данные документы указывают на классификацию профессии, на учебных планов и программах. На основе этих документов организовывается процесс обучения и педагогический процесс в учебном заведении. По мнению автора статьи научно-технический прогресс во всех сферах народного хозяйства воздействует на развитие технологии и автоматизации производственных процессов и степень классификации профессии и тем самим снижает разницу между фзическим и умственным трудом.По внедрению новой техники и технологии появляются новые профессии и специальности. Традиционные профессии которые прежде существовали включают в себе новые содержания и структуру. Например, в машиностроения в процессе обработки металла, в содержании профессии слесаря включены механические операции. Автор статьи, также особое внимание уделяет дидиктическим принципам в профессиональной подготовке молодёжи в процессе теоретической и производственного обучения. В учреждениях профессионального обучения главное место занимает применение политехнического принципа в обучении. Автор, объясняя принцип политехнизма в процессе обучения,указывает на необходимость изучения обшетехнических знаний по энергетическим и технологическим оборудованиям, средств автоматического управления и контроля, которые работаютпо законам электромеханики и электрпоники. Автор статьи даёт польное объяснение по применению всех дидактических принципов в профессиональной подготовке рабочей молодёжи.

**Ключевые слова:** средние профессиональные учреждения, профессиональное образование, учебные планы, программы, планирование, автоматизация производственных процессов, научно-технический прогресс.

## FEATURES OF PEDAGOGICAL PROCESSES IN VOCATIONAL EDUCATION INSTITUTIONS

The author of the article pays great attention to the main tasks of professional educational institutions (colleges) for the training of personnel of the working profession. The main feature and difference of primary educational institutions and primary general educational institutions concludes crearion of integration the professional and general educational training of learners. As the author takes into account the aim, the tasksat and the methods of organization the pedagogical process at colleges and liceums defined the pedagogical science. The main state documents show the essence of training process at professional training institutions. The data indicate to qualification of specialties, training plans and programs. The process of training and pedagogical process of educational institutions organized on the base of these documents. By the mind of author the articles on the scientific technical progress of all spheres of acriculture affects to the development of technology and automatization of productional processes and degrees of specialty qualification and with it declines the difference between physical and mental labor. Introduction with new techniques and technology appears the new professions and specialties. Traditional specialties formerly existed include the content and structure. For example, in mechanical engineering in the metalworking process, mechanical operations are included in the content of the locksmith profession. The author of the article also pays special attention to didactic principles in the professional training of young people in the process of theoretical and industrial training. In vocational training institutions, the main place is occupied by the application of the polytechnic principle in teaching. The author, explaining the principle of polytechnism in the learning process, points out the need to study general technical knowledge on energy and technological equipment, automatic control and control tools that work according to the laws

of electromechanics and electronics. The author of the article gives a full explanation of the application of all didactic principles in the professional training of working youth.
**Keywords:** secondary vocational institutions, vocational education, curricula, programs, planning, automation of production processes, scientific and technological progress.

## Дар бораи муаллиф

**Райҳонова Сайриниссо Ҳақназаровна**
Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими истеҳсолӣ ва фанҳои гуманитарӣ
Коллеҷи муҳандисию-омӯзгории ш. Душанбе
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48
Тел.: (+992) 934 75 71 68

## Об авторе

**Райхонова Сайриниссо Хакназаровна**
Старший преподаватель кафедры методики производственного образования и гуманитарных наук
Инженерно-педагогический колледж г. Душанбе
Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбад, 48
Тел.: (+992) 934 75 71 68

## About the author

**Raihonova Sairinisso Haqnazarovna**
Senior lecturer in Methods of Industrial and Humanitarian Education Department
Dushanbe Engineering and Pedagogical College
Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48
Ph.: (+992) 934 75 71 68

УДК 371

# ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ВНЕАУДИТОРНОЙ РАБОТЫ

***Худойбердиева М. З.***
*Худжандский государственный университет*
*имени академика Б. Гафурова*

В нынешней политике государства неизменно подчеркивается вопрос о необходимости совершенствования воспитательной работы среди подростков и молодежи в духе патриотизма, гуманизма, самосознания и готовности вносить вклад в развитие и процветание независимого Таджикистана. С этой целью были приняты соответствующие Законы на уровне Правительства, а также нормативно-правовые документы со стороны Министерства образования и науки страны.

Например, в 2006 году была принята Национальная концепция воспитания, необходимость разработки и принятия которой заключается в воспитании людей с высоким нравственным уровнем, богатым духовным миром, высоким чувством патриотизма, национального самосознания и др. [4].

В Законе Республики Таджикистан «О молодёжи и Государственной политике молодёжи», подписанном Президентом страны 23.12.2021 г., одним из приоритетов государственной политики также является воспитание молодых людей в духе патриотизма, развитие в них чувства гражданской ответственности и укрепление их национального самосознания [3].

С целью повышения уровня знаний, мировоззрения и самопознания, а также воспитания учащихся средних школ и студентов высших учебных заведений в духе патриотизма 14.04.2006 г. Министром образования был издан Приказ №322, требующий от обучаемых знание государственного гимна, географии, жизнедеятельности героев страны, произведений персидской и таджикской классической и современной литературы, важных исторических дат с древнейших времен до нынешних дней, которые связаны с судьбой таджикского народа; написание рефератов по вопросам национального самопознания, гражданской гордости, патриотической чести и др. [7].

Действительно вышеуказанные документы дали определенный импульс прогрессу в направлении воспитания молодежи в духе патриотизма, повышению статуса национального наследия, активизировали общество к более почтительному уважению к национальной истории, к возрождению культурных традиций нации.

В рамках предпринятых мер по претворению в жизнь положений вышеуказанных Законов и нормативно-правовых актов на факультете иностранных языков ГОУ «Худжандский госуниверситет имени академика Б.Гафурова», как и в других вузах страны, систематически составляются планы мероприятий, согласно которым проводятся соответствующие учебно-воспитательные мероприятия. Использование элементов национальной истории, культуры, традиций, обычаев, а также и других краеведческих материалов стало приобретать более широкий смысл на аудиторных и внеаудиторных занятиях, что послужило средством для достижения практических и воспитательных целей.

Иностранный язык как учебный предмет располагает немалыми возможностями для ознакомления студентов, в частности, с жизнедеятельностью великих людей, в том числе и Национальных Героев.

В данной статье хотелось бы поделиться собственным опытом проведения воспитательной работы на английском языке о жизни и деятельности Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона.

В процессе иноязычного образования со студентами 1-2 курсов нами используются самые разнообразные формы и приемы работы по изучению жизни и деятельности Президента, как на занятиях, так и в системе внеаудиторных мероприятий в рамках клуба “English speaking club”: беседы со студентами, разучивание стихотворений, работа с

тематическими текстами, подготовка презентаций, оформление зала, проведение тематических вечеров, экскурсий по историческим музеям и т.д. В результате ведения продуманной, систематической работы по данной теме, отмечается повышенная мотивация студентов.

Изучение и обобщение опыта авторов функционирующего на языковых факультетах учебника по английскому языку для студентов 2-курса (Абдуллаева М.А., Бойматов А.Б.), в одном из юнитов которого рассматривается тема жизнедеятельности Э.Рахмона [2, с. 456], а также источники из сети Интернет позволили разработать примерную программу-рекомендацию для кураторов академических групп по изучению жизни и деятельности Президента страны, а также примерное тематическое планирование воспитательной работы в этом направлении.

Работа по ним осуществляется в процессе развития у студентов навыков аудирования, говорения, чтения и письма. Материалы о Президенте отобраны из книг, сайтов, журналов, газет в соответствии с лингвистическими особенностями студентов, с учетом их знаний, полученных в процессе изучения других учебных предметов в соответствии с программными требованиями.

Опыт показывает, что студенты с интересом воспринимают факты, отдельные эпизоды, характеризующие личностные качества Лидера нации, его чуткое, внимательное, заботливое отношение к молодежи, находят немало замечательных примеров, достойных подражания. Особое внимание уделяется патриотическому и нравственному воспитанию студентов на примере его любви к Родине.

В рамках заседания клуба «English speaking club» обсуждаются вопросы деятельности Э.Рахмона как Основателя мира и единства, Лидера нации, руководителя государства и Народно-Демократической партии Таджикистана.

При отборе материалов о жизни и деятельности руководителя страны в процессе внеаудиторной работы по английскому языку мы также ориентируемся и на такие программные темы, изучаемые в аудитории как «Биографии выдающихся людей», «Годовщина Независимости» и др.

Среди участников клуба система воспитания на материалах данной темы строится на базе знаний, заложенных на первом и втором курсах обучения, и предполагает дальнейшее их расширение, формирование на этой основе патриотического сознания и нравственного поведения молодежи.

При планировании работы клуба мы стараемся соблюдать преемственность в изучении материалов о жизни и деятельности Э.Рахмона на занятиях по практике устной и письменной речи. Опыт внеаудиторной работы показал, что в процессе обсуждения данной темы неизбежна следующая особенность: поскольку участниками клуба являются студенты 1 и 2 курса, объем их лексического запаса разный, поэтому не всегда есть возможность свободно вводить любой материал, отсюда при обсуждении темы часто происходит не только ознакомление с новыми фактами из жизни руководителя страны, но и закрепление знаний, полученных ранее. Однако следует иметь в виду, что повторение ранее изученного материала средствами иностранного языка в ходе воспитательной работы позволяет студентам закрепить полученные знания и по другим предметам.

На более продвинутом этапе изучения данной темы возможно ознакомление студентов с неизвестными им материалами о руководителе страны, из представленных в списке литературных источников [1, с. 360], [8, с. 320], [9, с. 372], [10, с. 372].

Анализ результатов работы показывает, что патриотическое воспитание студентов на примере образа Лидера нации в процессе обучения иностранным языкам эффективно и успешно осуществляется при соблюдении следующих условий:

- организации единой системы работы по воспитанию на учебных материалах в учебно-воспитательном процессе в вузе;
- преемственности между занятиями по специальным дисциплинам и внеаудиторной работой, а также другими учебными предметами.

Оптимальное ознакомление с материалами биографического характера на материале жизнедеятельности выдающихся личностей страны, служит не только реализации основной цели обучения иностранному языку – практическому овладению им, но и патриотическому воспитанию молодежи.

Приведем задания, выполняемые в рамках внеаудиторной работы языкового клуба по изучению жизни и деятельности Э.Рахмона.

*I. Do the following at home before the next Club-meeting:*

*1. Read the text at home and be ready to speak.*

The President of the Republic of Tajikistan – Emomali Rahmon

Emomali Rahmon was born on October 5, 1952 in Danghara district, Kulob region in the family of a peasant. He got his secondary education in the village school. After finishing the school he worked on the collective farm in Danghara. In 1982 he graduated from the Tajik State National University and became an economist.

In 1990 E. Rahmon was elected a People's deputy to the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. In autumn 1992 he was elected a Chairman of the Executive Committee of the Council of the People's Deputies of Kulob region. On November 19, 1992 at the 16$^{th}$ session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon was elected a Chairman of it.

On November 6, 1994 Emomali Rahmon was elected to the post of the President of the Republic of Tajikistan by nation-wide voting. Since then he has been reelected to the post of the President of the country four times by all-nation voting.

When Emomali Rahmon was elected the President of the country in 1992 the newly independent Tajikistan was having hard times. The enemies of Tajikistan began the Civil War. As a result many innocent people were killed; the houses, offices, plants and factories were ruined. The young, strong and true son of the Tajiks Emomali Rahmon kept his promise given at the 16$^{th}$ session in 1992 to the participants: "I will bring peace and prosperity to my Motherland. I am ready to sacrifice my life to achieve this aim". He did it. On June 27, 1997 he signed the "Treaty of conciliation" with opposition parties, brought refugees back home from abroad and established peace in the country.

Today the independence of the Republic of Tajikistan has been recognized by more than 150 countries. During 30 years of independence, under the leadership of the Founder of the peace and unity, Leader of the nation, the President of the country Emomali Rahmon Tajikistan has achieved great successes in all spheres of life.

In 1999 he was awarded the title of a hero of the Republic of Tajikistan.

By the decision of the Parliament Emomali Rahmon was awarded the title of the "Founder of peace and unity, Leader of the Nation" in December, 2015.

We are proud of the Founder of peace and unity, Leader of the Nation, our President Emomali Rahmon.

*2. Read and learn the vocabulary:*

1. a peasant – деҳқон
2. elect (v.) – интихоб кардан; be elected – интихоб шудан
3. election – интихобот
4. Executive committee – Кумитаи иҷроия
5. post – вазифа
6. vote (v.) – овоз додан
7. prosperity – ободӣ
8. sacrifice – қурбонӣ
9.refugee – гурезаҳо
10. recognize (v.) – эътироф кардан
11. title – унвон
12. award – мукофот

*II. Do the following at Club-meeting.*

*1. Answer the questions concerning the text.*

*2. Transcribe the following words, practise their reading and learn them.*

A peasant, elect, be elected, election, Executive committee, post, vote, prosperity, sacrifice, refugee, recognize, title, award, reconciliation, vote, Supreme Council, session.

*3. Translate the information about Emomali Rahmon.*

*III. Do the following at home before the next Club-meeting:*

*1. Write questions to the text.*

*2. Answer the questions on the article about Emomali Rahmon in written form.*

1. When and where was Emomali Rahmon born?
2. Where did he get his secondary education?
3. What did he do after finishing the secondary school?
4. When did he graduate from the Tajik National University?

5. When was he elected a people's deputy to the Supreme Council of the Republic of Tajikistan?

6. When was he elected the Chairman of the Executive Committee of the Council of the people's Deputies of Kulob region?

7. When and where was Emomali Rahmon elected the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan?

8. When was he elected to the post of the President of the Republic of Tajikistan?

9. How was the political and economic situation in Tajikistan in 1992?

10. What losses did the Civil War bring to Tajikistan?

11. What did Emomali Rahmon promise to people to do in the capacity of the President of the Republic of Tajikistan?

12. When was the Treaty of reconciliation and Peace signed?

13. What achievements has the Republic of Tajikistan reached for the last 15-20 years?

*IV. Do the following at Club-meeting.*

*1. Let's discuss the contribution of Emomali Rahmon to the establishment of peace, development of social, economic and cultural sectors of the national economy.*

1. Speak about how Emomali Rahmon step by step managed to stop the Civil War and established the peace in the country.

2. What efforts were made by Emomali Rahmon to bring the opposition party to sign the Agreement of conciliation on the 27$^{th}$ of June 1997 in Moscow?

3. How long was the energetic problem solved in the country?

4. What can you tell about contribution of E. Rahmon in reforming the education system in Tajikistan?

5. What important laws were adopted to regulate the national traditions and festivals under the direct order of the President?

6. Try to give arguments that E. Rahmon has been paying a keen attention to the youth of the country.

7. Emomali Rahmon's contribution into the prosperity of women's status in the country.

8. Prove that E. Rahmon is always concerned with handicapped people and orphans of the country.

9. The 2019-2021 were announced the years of the national craft and tourism development. Speak about it.

10. How do you comment Emomali Rahmon's constant appeal of the young to learning English and Russian languages?

11. What can you say about the creative policy of E. Rahmon?

12. What do the tourists say about Tajikistan?

13. What did Emomali Rahmon say about the kindergartens in the country?

14. How is Emomali Rahmon treated by the foreign politicians?

15. How is sport developing in Tajikistan in the years of independence?

16. How is light industry developing in the country?

17. What would you like the President to do for the sake of developing Tajikistan?

18. How is Tajikistan treated by foreign specialists?

19. Why the Program of Water for life was offered by Emomali Rahmon at the UN session?

*V. Do the following at home before the next Club-meeting:*

*1. Write an essay consisting of no less than 200 words about one of these issues.*

1. Emomali Rahmon's contribution in establishing peace in Tajikistan.
2. Emomali Rahmon's contribution in raising the social life of people in Tajikistan.
3. Emomali Rahmon and the renaissance of the Tajik national culture and traditions.
4. Emomali Rahmon and gender issues in Tajikistan.
5. The role of Emomali Rahmon in the development of education system in Tajikistan.
6. Emomali Rahmon and learning English and Russian languages.
7.Emomali Rahmon and development of Health Care in Tajikistan.
8.Emomali Rahmon and the youth in Tajikistan.
9.Emomali Rahmon and energetic security.
10. The creative policy of Emomali Rahmon.

Наблюдения показывают, что такого рода задания оказывают существенное влияние на воспитание личности в духе патриотизма. В связи с этим считаем, что для воспитания высокообразованных людей, убежденных патриотов с твердыми идеалами, активных строителей будущего страны, требуется воссоздать отечественную теорию воспитания, т. е. национальную педагогику.

В Педагогической Энциклопедии национальная педагогика трактуется как «система научно-педагогического знания об основных особенностях, принципах и средствах воспитания и образования людей как представителей определенной национальной культуры. Данная ветвь педагогического знания учитывает национальную психологию, историю народа и конкретную культуру труда и быта, нравственную и духовную культуру. Национальная педагогика исходит из тезиса о своеобразии духовного пути развития каждой нации и этноса, о многообразии типов мышления, чувств и верований, языков и образа жизни, а также художественных форм эстетического восприятия жизни. Особый тип мироотношений и миропонимания требует и соответствующих способов передачи, хранения и воспроизведения опыта поколений, т.е. особые формы национально ориентированного образования. Разработка проблем национальной педагогики поможет формированию национальной школы, что, в свою очередь будет способствовать преодолению национального обезличивания» [6].

Само собой разумеется, что национальная педагогика должна возникнуть не на пустом месте. Все лучшее, что было создано на различных этапах развития таджикского общества, должна впитать в себя национальная педагогика. Необходимо также подчеркнуть, что отечественные ученые много сделали для возникновения национальной педагогики. Их труды, особенно по вопросам воспитания и образования, должны стать гранитной научной основой таджикской педагогики [5, с. 44].

Отсюда можно сделать вывод о том, что новые задачи, стоящие перед народным образованием, требуют выработки принципиально новых решений теоретических проблем и самых существеннейших основ патриотического воспитания, используя все новые и предшествующие достижения науки.

### *Литература*


1. *Абдуқодиров А. Пешвои миллат ва сиёсати забон. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 360 с.*
2. *Абдуллоева М.А., Бойматов А. English II. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни бахши рӯзонаи ихтисоси 1-21-05-02-08 – Забони англисӣ, дараҷаи таҳсилот – бакалавр, касб – омӯзгори забони англисӣ. Хуҷанд: - СИ Файзибоев М.М. «Меъроҷ», 2020. – 456 с.*
3. *Закон Республики Таджикистан «О молодёжи и Государственной политике молодёжи». - http://mmk.tj/system/files/Legislation/1830_tj.pdf*
4. *Национальная концепция воспитания Республики Таджикистан / Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 марта 2006 года, №94. – Душанбе, 2006. – 22 с.*
5. *Пахлавонов А. Педагогическая мысль таджикского народа в XVI-XVII вв.: Автореф. дис. ... докт. пед. наук. – Душанбе, 1995. – 44 с.*
6. *Педагогическая Энциклопедия // https://didacts.ru/termin/nacionalnaja-pedagogika.html*
7. *Приказ №322 Министра образования Республики Таджикистан от 14.04.2006 // http://kgu.tj/sokhtorho/Ravandi-tarbiya/shubai-tarbiya/farmonho.php*
8. *Шарифзода А., Ғафуров А. Наҷотбахши миллат. – Душанбе. – 2012. – 320 с.*
9. *Шарифзода А., Қосимӣ З. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон. (Ба забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ). – Душанбе: "Ирфон", 2011. – 372 с.*
10. *Шарифзода А., Шамсиддинов С., Қосимӣ З. Президент. (Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ). – Душанбе: "Ирфон", 2011. – 372 с.*


## ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАФТИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ


Таҳлили натиҷаҳои кор нишон медиҳанд, ки тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар мисоли симои Пешвои миллат дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ дар шароитҳои зерин самаранок ва бомуваффақият сурат мегирад: ташкили системаи ягонаи кор оид ба таълим аз рӯи маводи таълимӣ дар раванди таълим дар донишгоҳ; пай дар пайии байни дарсҳо аз фанҳои махсус ва корҳои беруназсинфӣ, инчунин дигар фанҳои таълимӣ. Шиносоии оптималӣ бо маводи зиндагинома дар асоси маводи ҳаёти шахсиятҳои барҷастаи кишвар на танҳо ба амалӣ шудани ҳадафи асосии таълими забони хориҷӣ – амалӣ аз худ намудани он, балки тарбияи ватандӯстии ҷавонон низ хизмат мекунад. Худ аз худ маълум аст, ки педагогикаи миллӣ набояд аз сифр худ аз худ барояд. Ҳамаи беҳтарин он чизе, ки дар марҳалаҳои гуногуни тараққиёти ҷамъияти тоҷик ба вуҷуд омадааст, бояд педагогикаи халқро азхуд кунад. Инчунин бояд таъкид кард, ки олимони ватанӣ барои пайдоиши педагогикаи миллӣ корҳои зиёде кардаанд. Асарҳои онҳо, махсусан, оид ба масъалахои тарбия ва таълим бояд асоси илмии педагогикаи точик гардад.



**Калидвожаҳо:** системаи маориф, тарбияи ватандӯстӣ, корҳои беруназсинфӣ, лексика, раванди таълим, рафтори ахлоқӣ, инсондӯстӣ, худшиносӣ .

## ПАТРИОТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ВНЕАУДИТОРНОЙ РАБОТЫ

Анализ результатов работы показывает, что патриотическое воспитание студентов на примере образа Лидера нации в процессе обучения иностранным языкам эффективно и успешно осуществляется при соблюдении следующих условий: организации единой системы работы по воспитанию на учебных материалах в учебно-воспитательном процессе в вузе; преемственности между занятиями по специальным дисциплинам и внеаудиторной работой, а также другими учебными предметами. Оптимальное ознакомление с материалами биографического характера на материале жизнедеятельности выдающихся личностей страны, служит не только реализации основной цели обучения иностранному языку – практическому овладению им, но и патриотическому воспитанию молодежи. Само собой разумеется, что национальная педагогика должна возникнуть не на пустом месте. Все лучшее, что было создано на различных этапах развития таджикского общества, должна впитать в себя национальная педагогика. Необходимо также подчеркнуть, что отечественные ученые много сделали для возникновения национальной педагогики. Их труды, особенно по вопросам воспитания и образования, должны стать гранитной научной основой таджикской педагогики.

**Ключевые слова:** система воспитания, патриотическое воспитание, внеаудиторная работа, лексический запас, процесс обучения, нравственное поведение, гуманизм, самосознание.

## PATRIOTIC EDUCATION OF STUDENTS IN THE PROCESS OF EXTRACURRICULAR WORK

Analysis of the results of the work shows that the patriotic education of students on the example of the image of the Leader of the Nation in the process of teaching foreign languages is effectively and successfully carried out under the following conditions: organization of a unified system of work on education on educational materials in the educational process at the university; continuity between classes in special disciplines and extracurricular work, as well as other academic subjects. Optimal familiarization with biographical materials based on the material of the life of outstanding personalities of the country serves not only the realization of the main goal of teaching a foreign language - the practical mastery of it, but also the patriotic education of young people. It goes without saying that national pedagogy should not arise from scratch. All the best that was created at various stages of the development of the Tajik society should be absorbed by national pedagogy. It should also be emphasized that domestic scientists have done a lot for the emergence of national pedagogy. Their works, especially on issues of upbringing and education, should become the granite scientific basis of Tajik pedagogy.

**Keywords:** education system, patriotic education, extracurricular work, vocabulary stock, learning process, moral behavior, humanism, self-awareness.

### Дар бораи муаллиф

**Худойбердиева Мафтуна Зафаровна**
Унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1
E-mail: maftunakhon89@mail.ru

### Об авторе

**Худойбердиева Мафтуна Зафаровна**
Соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики
Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбеков, 1
E-mail: maftunakhon89@mail.ru

### About the author

**Khudoyberdieva Maftuna Zafarovna**
Researcher in the Department of Social and Professional Pedagogy
Khujand State University named after academician B.Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov st., 1
E-mail: maftunakhon89@mail.ru

ТДУ 378: 355 (576.3)

# ЭҶОДИ МУҲИТИ ЭЛЕКТРОНИИИ ИТТИЛООТИИ ТАҲСИЛОТИ ҲАРБӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

***Шоимардонов Д. А.***
*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии*
*Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*

Шиддат ёфтани раванди иттилоотикунонии ҷомеаи муосир, тамоюлҳои рушди таҳсилоти олии ҳарбӣ талаботи навро ба омодасозии курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ муайян кардаанд. Дар ин робита, ба салоҳиятҳои муҳимтарини афсари оянда: омодагӣ ба азхуд намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълим, қобилияти амалӣ кардани ҷустуҷӯи иттилоот, таҳлил ва ҷудо кардани муқаррароти калидӣ, ба таври рефлексивӣ арзёбӣ кардани натиҷаҳои фаъолияти худ ва ҳамкорӣ мубаддал мегарданд.

Иттилоотикунонии раванди таҳсилотии факултети ҳарбии муассисаи таҳсилоти олӣ ба таъмини назария ва амалияи эҷод ва истфодаи оптималии коркардҳои таълимию методӣ ва барномавию технологие равона карда шудааст, ки имкон медиҳанд технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба мақсади омодасозии босифати мутахассисони ҳарбӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Айни замон таҷрибаи назарраси истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълим андӯхта, ба низом даровarda шудааст, аммо таҳлили амалияи ҳаррӯзаи муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ нишон медиҳад, ки таъсири онҳо ба баланд бардоштани сифати раванди таҳсилотӣ нокифоя мебошад. Зеро технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълимро танҳо дар ҳолати фаҳмидани моҳият ва мазмуни нерӯи педагогии онҳо, фикр карда баромадани ҷорикунии онҳо ва фароҳам овардани шароити педагогӣ барои ин ба таври самарабахш истифода бурдан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки дастгоҳи мафҳумӣ дар иттилоотикунонӣ дер боз собит шудааст. Таърифи мафҳуми “технология”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамоем, ки он аз пайвасти ду реша: techne – “санъат, ҳунармандӣ, маҳорат” ва logos – “таълимот, илм” ташкил шудааст.

Тавзеҳи умумитари байнифании мафҳум аз низоми аз ҷиҳати амалӣ асоснок кардашудаи фаъолият барои табдилдиҳии муҳити атроф, истеҳсоли арзишҳои моддӣ ва маънавӣ иборат мебошад.

Технологияи илман асоснок кардашуда пайванди фосилави байни илм ва соҳаи дахлдор буда, мутаносибан, чунин пайванд дар раванди технологикунонӣ ва иттилоотикунонии раванди таҳсилотӣ ҳузур дорад. Аз ин рӯ, дар айни замон муҳим аст афзалиятҳо дар соҳаи технологияҳои нав бо назардошти мақсадҳои гузошташуда оид ба омодасозии мутахассисони ҳарбии самтҳо ва сатҳҳои гуногун муайян карда шаванд.

Технологикунонии муосири раванди таҳсилотӣ – ин тамоюли самарабахшии раванди таҳсилотие, ки ноилшавии курсантҳоро ба натиҷаҳои муайяни таълим кафолат медиҳад, ва, чун натиҷа, омодасозии мутахассисони баландихтисосе мебошад, ки дорои ҳамаи салоҳиятҳои талабшавандаи ҳарбӣ мебошанд.

Бо истифода аз як қатор мафҳумҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ [1; 3; 7; 8], таърифи худро оид ба технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти ҳарбӣ додан мумкин аст – ин раванди таҳсилотӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва воситаҳои табдилдиҳии иттилоот мебошад, ки дар асоси низомнок ба такмили омодасозии ҳарбӣ кумак мекунад.

Технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд кори худ зудтар ва самарабахштар иҷро карда шуда, раванди таҳсилот дигаргун карда шавад [5]. Ҳамин тариқ, технологияҳои иттилоотӣ, ба равандҳои муосир дохил шуда, ба баланд шудани сифати идоракунӣ, ба инкишофи нерӯи инсонӣ, ба такмили низоми маориф таъсир мерсонанд.

Технологияҳои иттилоотии воқеияти илова кардашуда ё маҷозӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ барои тақлиди вазъиятҳои воқеии амалӣ ва коркарди онҳо истифода мешаванд. Омӯзиши тактика ва стратегия тавассути истфодаи технологияҳои мазкур таълимгирандагонро бо коркарди амалии малакаҳои истифодабарӣ фаро мегирад [13].

Такмил додани омодасозии касбии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ дар асоси дар раванди таълим ҷорӣ кардани унсурҳои инноватика бо роҳи татбиқи маҷмуи чорабиниҳо оид ба тағйир додани пурракунии мазмунии барномаҳои асосии таҳсилотии омодасозии мутахассисон амалӣ карда мешавад. Айни замон аллакай танҳо додани донишҳо бо барномаи муайяни таълимӣ, ташаккул додани малакаҳои зарурӣ ва инкишоф додани маҳорати дахлор кифоя намебошад, балки омодасози афсарон – мутахассисоне зарур аст, ки қодиранд эҷодкорона фикр карда, ташаббуси оқилонаро зоҳир карда, ба ҳалли вазифаҳои хизматию ҷангӣ ва вазифаҳои фаъолияти ҳаррӯза эҷодкорона муносибат кунанд.

Масъалаи баланд бардоштани самарабахшии омодагии ҳарбии касбии афсари оянда бо як қатор вазъиятҳо ба миён омадааст:

– аввалан, бо мураккабӣ ва зиддиятнокии вазъияти ҳарбию сиёсӣ дар ҷаҳон. Таъсири назаррасро ба он рушди равандҳое, ки ҳоло дар ҷаҳон дар робита бо воқеаҳои дар Аврупо ба вуқӯъ пайваста истодаанд, мерасонанд;

– сониян, захираҳо ва суръати рушди иқтисод дар ҳолати имрӯза имкон медиҳанд ба ташаккули ташкилоти самарбахши ҳарбии мамлакат гузашта шавад;

– сеюм, бо баланд шудани талабот ба салоҳиятнокии касбии кадрҳои афсарӣ, ки бо зиёдшавии миқдори вазифаҳои аз ҷониби ҷузъу томҳои ҳарбӣ иҷрошавандаи ҷангӣ ва хизматию амалӣ, рушди усулҳои амалигардонии онҳо ва воситаҳои мубориза мусаллаҳона муайян шудаанд. Ин вазъ ба тағйир додани мақсадҳо ва мазмуни омодасозии ҳарбии касбии афсарони оянда таъсири муассир расонида, зарурати муосиркунонии технологияҳои инноватсионии педагогӣ, воситаҳо ва методҳои таълими мавҷуда ва таҳияи маҷмуи онҳоро бо мақсади инкишоф додани ҷаҳонбинӣ, тамоюли арзишӣ, сифатҳо ва хислатҳои шаҳрвандӣ ва аз ҷиҳати касбӣ муҳими шахсият тақозо мекунад;

– чорум, бо афзоиши талабот ба ташаккул ва инкишофи фарҳанги нави иттилоотии тафаккур. Салоҳиятнокӣ дар истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва салоҳиятнокии дар он асосёфтаи касбии мутахассиси ҳарбӣ ба омилҳои зарурии баланд шудани самарабахшӣ ва натиҷанокии фаъолияти касбии ҳарбӣ табдил меёбанд;

– панҷум, бо ягонасозии низоми таҳсилоти олии касбӣ, ҳамгиросозии таҳсилоти шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ.

Ҷомеа ҳарчӣ бештар иттилоотӣ шуда истода, тамоюлҳои устувор дар ин росто дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ сар карда, то ҳарбӣ ба мушоҳида мерасанд. Ҳисобида мешавад, ки аллакай ҳангоми гузариши иттилоотии шабакавӣ нисфи аҳолӣ бояд дорои таҳсилоти олӣ ё махсус буда, ҳар як мутахасси бояд дорои қобилиятҳо ва малакаҳои худтаҳсилкунӣ гардида, ба низоми таҳсилоти бетанаффус дохил шавад, зеро ҳаҷми иттилооти илмию техникӣ ҳар як 7 -8 сол ду маротиба афзоиш меёбад. Ин ба таҳсилоти ҳарбӣ низ дахл дорад. Афсари оянда ба тағйироти воқеиятҳои иттилоотӣ, технологӣ ва баҳраварвии замони имрӯза бояд боз ҳам зудтар вокуниш нишон диҳад.

Нақши калидӣ дар ин раванд ба такмили касбии афсарон, самтнокӣ ба азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ҷудо карда мешавад, ки истифодаи онҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи қисмҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматию ҷангӣ имконпазир аст.

Дар шароити ислоҳоти таҳсилотӣ аз аҳамияти махсус дар муассисаи таҳсилоти олӣ фаъолияти инноватсионӣ, ки ба ҷорӣ кардани навовариҳои гуногуни педагогӣ нигаронида шудааст, касб кардааст. Онҳо тамоми ҷанбаҳои раванди дидактикӣ: шаклҳои ташкил, мазмун ва технологияи таълими он, фаъолияти таълимию маърифатиро фаро гирифтаанд.

Биниши нави мақсадҳо ва натиҷаҳои омодасозии касбӣ дар ташкилоти ҳарбии таҳсилотӣ ба ҷузъҳои дигари раванди таҳсилотӣ – мазмун, технологияҳои педагогӣ, воситаҳои назорат ва баҳодиҳӣ талаботро зоҳир мекунад.

Таълим дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ дар асоси таълими модулӣ, масъалавӣ, проективӣ ва рефлексивӣ бо истифодаи технологияҳои интерактивӣ ва когерентию синергетикие бунёд меёбад, ки ноилшавӣ ба таъсири синергетикиро ҳамчун вокуниши ҳамдигарро пурзӯркунандаи низом ба таъсироти беруна таъмин мекунанд [11, с. 97].

Раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ айни замон ба се ҷузъи фаъолият эҷодкорона тамоюл дорад, ки аз рӯи таъйиноти худ фарқ мекунанд: заминаи

иттилоотӣ, тафаккури ташаббускорона – эҷодкорона, тамоюлнокии амалӣ. Вазифаи асосии таълим ташаккули ҳамаи се ҷузъ дар таълимгирандагон мебошад.

Муносибати инноватсионӣ дар таълим ба фаъол гардонидани раванди таълим, дар робитаи самарабахши баръакс дар низомҳои омӯзгор – таълимгиранда ва таълимгиранда – таълимгиранда, дар муоширати бетанаффуси кушода ва озод, мушоҳидаи омӯзгор аз болои вокуниши таълимгирандагон ва беҳтар гардонидани муҳити таҳсилотӣ барои баланд бардоштани самарабахшии раванди таълим асос ёфтааст.

Ба технологияҳои инноватсионии таълим: технологияҳои интерактивӣ, технологияи таълими лоиҳавӣ, кейс-технологияҳо ва ғайраро нисбат медиҳанд.

Таълими фаъолро дар сатҳи дидактикӣ ҳамчун фаъолияти вобаста, сабабнок баррасӣ кардан мумкин аст, ки ба ноилшавӣ ба мақсадҳои таҳсилотӣ нигаронида шуда, бо муносибати дохилии субъектҳои раванди таълимӣ ба он муайян мешавад.

Масъалаи технологияҳои интерактивии таълим асосро барои зоҳир кардани субъект будани ҳам омӯзгор, ҳам таълимгиранда медиҳад. Субъект ҳамчун дорандаи фаъолнокӣ дар фаъолияти таълимӣ намудҳои гуногуни амалҳои ташаббускоронаро дар ҳамкории таълимӣ азхуд карда, ғояҳоро тавлид намуда, таҳаммулро ба номуайянӣ зоҳир мекунад, ва ғайра [4, с. 117]. Ҳамаи ин амалҳо ба фаъолияти таълимӣ хусусияти худтаҳрикдиҳанда, эҷодкорона мебахшанд.

Вазифаҳои шаклҳои интерактивии таълим: дар таълимгирандагон бедор кардани шавқу ҳавас; ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳо ва вариантҳои ҳалли вазифаи гузошташудаи таълимӣ (интихоби яке аз вариантҳои пешнҳодшуда ё дарёфти варианти шахсии худ ва асосноккунии ҳал) ба шумор мераванд [12, с. 144].

Ҷорикунии шаклҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини такмили омодасозии курсантҳо, адъюнктҳо ва шунувандагоне, ки дар ташкилоти муосири ҳарбии таҳсилотӣ таълим мегиранд, ба шумор меравад [4, с. 119].

Ба намудҳои интерактивии фаъолият: технологияҳои бозингарӣ, мубоҳисаҳо, саҳнаҳо, вазъиятҳои амсиласозанда, ки дар раванди бавуҷудоӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаб зуҳур меёбанд, мансуб мебошанд. Ин муносибат дар таълим имкон медиҳад вазифаҳои зерини таҳсилотӣ ҳал карда шаванд: мусоидат ба дарки амиқтари маводи таълимӣ; инкишоф додани малакаҳои ҳалли маҷмуии масъалаҳо; мусоидат ба барқарор намудани муколама ё полилоги ҳамаи иштирокчиёни раванди таълимӣ; инкишоф додани малакаҳои кори гурӯҳӣ оид ба қабули қарор мувофиқа кардашуда.

Ҳамин тавр, китобҳои дарсии интерактивӣ, ки ба маҷмуаҳои интерактивӣ ҷорӣ карда шудаанд, унсури усулан нави муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ ба шумор мераванд. Маҷмуаҳои интерактивӣ имкон медиҳанд машғулиятҳо ба тарзи нав роҳандозӣ карда шуда, мавод дар шакли нақшаҳо, графикаҳо, амсилаҳои сеандоза ва матнҳои ба таври гуногун ташкилшуда пешниҳод карда шаванд. Ва курсантҳо ва омӯзгор метавонанд бо кумакаи экранҳои сенсории ба шабака пайвастшуда бо ҳамдигар пайваста ба таври муштарак фаъолият кунанд. Нусхаи рақамии машғулият ба онҳое, ки дар машғулиятҳо ҳузур надоштанд, ё мехоҳад ба он баъдтар муроҷиат кунад, дастрас хоҳад гардид [6].

Дар раванди таҳсилоти олии ҳарбӣ ба мақсад мувофиқ аст шаклҳои гуногуни машғулятҳо, ҳам анъанавӣ, ҳам инноватсионӣ, аз қабили: лексияи масъалавӣ, дексия – нишасти матбуотӣ; лексия – машварат, лексияи дунафара, лексия – брифинг бо истифодаи таҷҳизоти мултимедиявӣ, семинарҳо – мубоҳисаҳо, слайд – презентатсияҳо ва ғайра истифода шаванд [4, с. 116]. Зарур аст технологияҳои ҳамкорӣ татбиқ гардида, масъалаҳои марбут ба татбиқи принсипҳои фаъолнокӣ ва ташкили фаъолияти инноватсионии касбӣ амалан коркарда карда шуда, малакаҳои методологӣ дар ташкили намудҳои гуногуни супоришҳои ба амалия нигаронидашуда: дар гузориши мақсадҳо, дар интихоби мазмуни машғулият, интихоби методҳо, воситаҳо, дар таҳияи қарорҳои созанда ташаккул дода шаванд [15, с. 285].

Ба мутахассиси ҳарбӣ талаботи баланд: қобилият ба ҳалли вазифаҳои ҳарбии касбӣ дар шароити экстремалӣ бо самарабахшии баланд, ки бо хавф бари ҳаёт, вақти маҳдуд ба қабули қарор, сатҳи баланди масъулиятнокӣ барои амалҳои худ ва амалҳои зертобеон алоқамананд, зоҳир карда мешаванд. Ин аз мутахассиси ҳарбӣ, ки роҳи мазкурро интихоб кардааст, касабияти баландро талаб мекунад. Ба маънои васеъ «зери соҳибкасбӣ маъмулан сатҳи

устуворона бомуваффақияти аз рӯи натиҷаҳои бадастоянда баланди ҳалли вазифаҳоеро мефаҳманд, ки мазмуни фаъолияти мутахассисро дар ин ё он соҳаи меҳнат ташкил медиҳанд». Барои амалисозии муассири фаъолияти низомӣ муҳим салоҳиятнокии ташаккулёфтагии ҳарбии касбӣ дар афсари оянда ҳамчун қобилияти ӯ ба ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои касбии худ дар шароити иттилоотикунонии ҷомеа мегардад.

Вазифаҳои асосии иттилоотикунонии раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти ҳарбӣ инҳоянд:

– баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисони ҳарбӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

– истифодаи методҳои фаъоли тарбия, инкишофи эҷодкорӣ ва зеҳн дар раванди таълим;

– ҳамгироии намудҳои гуногуни фаъолияти таҳсилотӣ;

– мутобиқшавии технологияҳои таълим ба хусусиятҳои инфиродии таълимгиранда;

– ҷорӣ ва таҳия кардани технологияҳои навтарини иттилоотии таълим, ки фаъолияти маърифатии курсантҳо ва ҳавасмандии онҳоро ба азхудкунии воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва методҳо фаъол мегардонанд;

– таҳияи технологияҳо барои таълими фосилавии курсантҳо;

– такмили таъминоти барномавию методии раванди таълим;

– ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотии таълим ба омодасозии мутахассисони ҳарбии ҳамаи равияҳо [14, с. 123].

Барои лоиҳакашӣ ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои таҳсилотӣ дар асоси технологияҳои инноватсионӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ омӯзгорони дорои тафаккури ғайристандартӣ, ташаббускорона – эҷодкоронае лозиманд, ки шаклҳо, методҳо ва воситаҳои нави таълими фаъолро медонанд [2, с. 118].

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ захираҳои иттилоотӣ қисми якпорчаи раванди ягонаи омодасозии касбии хизматчиёни ҳарбӣ мебошанд, ки самарабахшии онро ба таври назаррас тақвият мебахшад. Зимнан, омодасозии иттилоотии мутахассисони ояндаи ҳарбӣ муттаҳидсозии саъю кӯшишҳои мутахассисони ҳарбӣ ва шаҳрвандиро дар ҳалли масъалаҳои дидактикӣ ва тарбиявӣ дар асоси ҳамгиросозии донишҳои касбӣ, бо роҳи ба вуҷуд овардани амсилаи раванди таҳсилотие, ки шароитро барои азхудкунии технологияҳои иттилоотӣ барои мутахассисони ҳарбӣ таъмин менамояд, пешбинӣ мекунад.

Омодасозии иттилоотии таълимгирандагон дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ раванди таъмини афсари оянда бо донишҳои назариявӣ ва маҳорату малакаҳо амалӣ дар соҳаи информатика ва технологияҳо иттилоотие мебошад, ки имкон медиҳанд вазифаҳои ҳарбии касбӣ бо истифода воситаҳои технкаи ҳисоббарорӣ ҳал карда шуда, самтҳои асосии рушди таслиҳот ва техникаи муосири ҳарбиро муайян кунад [10].

Ба ғайр аз таҳкурсии умумитаҳсилотӣ, касбӣ, умумифарҳангие, ки дар рафти омодасозии ҳарбии касбӣ гирифта мешавад, афсари оянда, техникаи муосирро, ки масъулиятро талаб мекунад, азхуд намуда, тафаккури техникӣ – алгоритмӣ, суръатнокии вокунишҳо, зудҳаракатиро ҳосил мекунад; ин заминаро барои мутобиқшавӣ ба шароити нави хизмати ҳарбӣ муҳайё месозад. Ҳамин тариқ, натиҷаи омодасозии иттилоотӣ салоҳиятнокии касбии мутахассиси ҳарбӣ мегардад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ фаъолияти инсон аз маҳорати босамар истифода бурдани иттилооти мавҷуда вобаста мебошад. Хусусияти муҳими иттилоотикунонии ҷомеа гузариш аз истифодаи компютерҳо дар реҷаи автономӣ ба истифодаи онҳо дар шабакаҳои маҳаллӣ ва глобалӣ мебошад.

Азбаски масъалаи иттилоотикунонӣ мубрам ба ҳисоб меравад, барои артиш мутхассиси ҳарбие талаб карда мешавад, ки дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ таълим гирифта, омодагӣ дида, принсипҳои амалҳои техникаи ҳарбӣ, таъйинот ва нақши онро дар амалҳои гуногуни ҷангӣ дониста, бо таслиҳоти баландтехнологӣ кор карда, назоратро аз болои механизмҳои компютерикунонидашуда амалӣ карда тавонад.

Дар шароити ташаккулёфта раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ лоиҳакашии амсилаи педагогии ҳамгиросозии захираҳои иттилоотӣ ва дидактикӣ, рушди муҳити электронии иттилоотию дидактикӣ (МЭИД), ташаккули ҳавасмандиро дар субъектҳои раванди таҳсилотӣ ба ҳамкорӣ дар МЭИТ-и муассисаи таҳсилоти олӣ муайян мекунад.

Муҳити электрониии иттилоотию таҳсилоти муассисаи таҳсилоти олӣ (МЭИТ) – ин маҷмуи захираҳои электронии иттилоотӣ, захираҳои электронии таҳсилотӣ, технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои телекоммуникатсионӣ, воситаҳои дахлдори технологӣ (тренажерӣ), ки азхудкунии барномаҳои таҳсилотӣ ё қисми онҳоро аз ҷониби таълимгирандагон таъмин мекунанд, инчунин фаъолияти муштараки таълимгирандагон бо кормандони педагогӣ, тарбиявию ёрирасон, маъмурию хоҷагидорӣ ва байни ҳамдигар мебошад.

Талаботи асосӣ ба МЭИТ автоматикунонии раванди таълимӣ аз ҳисоби истифодаи шаклҳои мураккаби ақли сунъӣ бо мақсади ташкили таълиме, ки ба ҳар як таълимгирандаи ҳарбӣ дар алоҳидагӣ бо назардошти талаботи мушаххаси ӯ нигаронида шудааст. МИЭТ бояд нақши тютори (омӯзандаи) компютерии ақлиро иҷро карда, параметрҳои инфиродии истифодабарандагонро ба назар гирифта, суръати шахсии таълимро муқаррар намуда, траекторияҳои инфиродии таҳсилотиро ташаккул дода, худташхискунии таълимгирандгон, ҳамкории интерактивиро байни таълимгирандагон ва унсурҳои маводи таълимӣ таъмин намуда, мониторинги мунтазами ҳамаи ҷузъҳои таркибии таҳсилоти электрониро амалӣ гардонад, ва ғайра.

Донишҳои педагогӣ қисми ҷудонашавандаи таркиби омодасозии умумитаҳсилотӣ ва касбии кадрҳои ҳарбӣ дониста мешаванд. Таҳкурсии мустаҳкам барои татбиқи вазифаҳои мутахассиси ҳарбӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбии касбӣ гузошта мешавад, ки дар он илм ва техника, бо ҳам омехта, имкониятҳоро барои омодасозии афсари ояндаи ташаккулёбии ӯ ҳамчун шахсият таъмин менамоянд. Дар баробари ин, марҳилаи муосири инқилоби илмии техникӣ, ба омодасозии мутахассисони ҳарбӣ талабот навро пешниҳод намуда, ихтилофотро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, ки ба дархостҳои ҷомеаи иттилоотӣ ба андозаи пурра ҷавобгӯ намебошад, тезутунд мегардонад.

Иттилоотикунонии соҳаи ҳарбӣ раванди ҳамгиросозии таъминоти барномавӣ (нармафзор) дар заминаи техникаи электронии ҳисоббарорӣ, низомҳои чандири истеҳсолӣ буда, дар натиҷаи он шароит барои дигаргуниҳои амиқи сифатнок дар ҳамаи соҳаҳои артиш фароҳам меоянд.

Ҳамин тариқ, иттилоотикунонии ҷомеа ва артиш дар шароити муосир масъалаи иттилоотикунонӣ ва таҳсилотро, ки ҷорикунии оммавии методу воситаҳои ҷамъоварӣ, коркард, интиқол ва нигоҳдории иттилоот дар амалияи педагогӣ дар заминаи техника ва воситаҳои микрпросессории интиқоли иттилоот, инчунин ҷорикунии технологияҳои педагогиеро пешбинӣ мекунад, ки дар ин воситаҳо бо мақсади фароҳам овардани шароит барои бозсозии фаъолияти маърифтаӣ ва тақвияти имкониятҳои зеҳнии таълимгирандагони ҳарбӣ асос ёфтаанд, ба дараҷаи назаррас мубрам мегардонад.

Ба назари мо, таҳияи маҷмуъҳои методике зарур аст, ки ба инкишофи нерӯи зеҳнии таълимгиранда, ба ташаккули маҳоратҳои мустақилона дар онҳо барои ба даст овардани донишҳо, амалӣ гардонидани фаъолияти иттилоотию таълимӣ, намудҳои гуногуни кори мустақилона оид ба коркарди иттилоот, истифодаи методикаҳои компютерии санҷанда, ташхискунандаи назорат ва баҳодиҳии сатҳи донишҳои таълимгирандагон нигаронида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар таҳсилот бо пайдоиши мошини электронии ҳисоббарорӣ (МЭҲ) ду марҳилаи таърихан муҳим фарқ мекунанд, ки бо фарқиятҳои принсипиалӣ дар истифодаи амалии компютерҳо тавсиф мешаванд:

Марҳилаи 1 – истифодаи инфиродии мошинҳои ҳисоббарорӣ дар муассисаҳои таҳсилот барои сабук гардонидани фаъолияти зеҳнии инсон;

Марҳилаи 2 – ба вуҷуд омадани шабакаҳои компютерӣ, вақте ки компютер ҳамчун восита барои ҳалли вазифаҳо ва муошират байни омӯзгор ва таълимгирандагони ҳарбӣ истифода мешуд. Дар низоми таҳсилоти олии ҳарбӣ технологияи иттилоотӣ аз намудҳои гуногуни технологияҳои педагогие иборат мебошад, ки дар асоси техникаи ҳисоббарорӣ барои ноил шудан ба омодасозии мутахассисони босалоҳияти ҳарбӣ татбиқ карда мешавад.

Ҳамин тавр, ҷорикунии технологияҳои муосири иттилоотию телекоммуникатсионӣ дар таҳсилоти ҳарбӣ зарурати ҷорӣ кардани истилоҳи “муҳити электронии иттилоотии таҳсилот”-ро (МЭИТ) дар педагогикаи касбӣ боис гардид, ки, одатан, ҳамчун маҷмуи

воситаҳо ва усулҳои компютерии фаъолият барои татбиқи фаъолияти таълимӣ фаҳмида мешавад.

Унусурҳои истилоҳи “муҳити электронии иттилоотии таҳсилот”-ро дида мебароем.

Муҳит (ичтимоӣ) шароити ҷамъиятӣ, моддӣ ва маънавии инсонро иҳотакардаи мавҷудият, ташаккул ва фаъолияти ӯ мебошад. Ба маънои ваасеъ ин макромуҳит буда, низоми ҷамъиятию иқтисодӣ – қувваҳои истеҳсолкунанда, муносибатҳо ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, шуур ва фарҳанги ҷамъиятиро дарбар мегирад.

Муҳит ба маънои танг (микромуҳит) иҳоати бевоситаи инсон: оила, гурӯҳҳои меҳнатӣ, таълимӣ ва ғайраро дарбар мегирад; ин қисми фазои иҷтимоию фарҳангие мебошад, ки бо он таълимгирандаи ҳарбӣ бевосита ҳамкорӣ мекунад.

Фазои иттилоотӣ – ин соҳаи ҳаёти муосири ҷамъиятие мебошад, ки дар он ба коммуникатсияҳои иттилоотӣ нақши пешбар ҷудо карда мешавад. Маҷмуи фазоҳое, ки аз рӯи қонунҳои ягонаи ҷомеаи иттилоотӣ фаъолият мекунанд, фазои ҷаҳонии иттилоотӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳитҳо бо асосҳои гуногун тасниф мешаванд: аз рӯи дараҷаи глобалӣ будани таърифи муҳит; аз рӯи самти вазифаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳими ҳалшаванда; аз рӯи навъи идоракунии раванди фаъолияти маърифатӣ ва усулҳои интиқоли (қабули) иттилоот.

Мафҳуми “муҳити таҳсилотӣ” аз ҷониби муаллифони сершумор бо пуррагии гуногуни инъикоси моҳият баррасӣ мешавад: ин мафҳум маҷмуи захираҳои иттилоотии муассисаи таҳсилот, технологияҳои таълим ва таъмини раванди таълимиеро инъикос менамояд, ки дар чорчӯбаи принсипҳои ягонаи бунёд татбиқ гардида, сикли пурра ё қисми мантқан ба итмомрасидаро таъмин мекунанд.

“Муҳити электронии иттилоотии таҳсилотӣ” (МЭИТ) асос барои бунёди алгоритми фаъолияти педагог дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотии таҳсилотӣ ба шумор меравад. Таҳлили аз ҷониби муаллифон гузаронидашудаи интишороти илмӣ имкон медиҳад моҳияти категорияи МЭИТ ба тариқи зайл таъриф карда шавад – ин низоми нигоҳдорӣ, интиқол, коркард ва бозтавлиди иттилоот дар шакли электронӣ ба мақсади таҳсилотӣ мебошад. Ташаккул ва рушди МЭИТ бо таъсиррасонии низомҳои берунаи таъминот ба он, пеш аз ҳама, монанди низоми меъёрии ҳуқуқӣ, техникӣ, технологӣ, амалиётӣ – фаъолиятӣ ва иттилоотӣ муайян мешавад.

Дар бобати он, ки мафҳуми МЭИТ вожаи “иттилоотӣ”-ро дарбар мегирад, бояд қайд кард, ки муҳити таҳсилотӣ “муҳити ғайриттилоотӣ” шуда наметавонад. Дар ин ҷо зарурати бунёди муҳити таҳсилотӣ дар давраи мазкури рушди ҷомеа дар асоси технологияҳои муосири иттилоотие таъкид карда мешавад, ки равандҳои иттилоотиро дар ҷомеа инъикос мекунанд. Вожаи “иттилоотӣ” ба нақши технологияҳои муосири иттилоотӣ дар бунёди МЭИТ ишора мекунад.

Ба сохтори МЭИТ инҳо дохил мешаванд:

– ҷузъи дастгоҳӣ (ҷиҳозҳои техникие, ки коркарди титтилоотро таъмин мекунанд – компютерҳо, шабакаҳои маҳаллӣ, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ва презентатсионӣ);

– ҷузъи иттилоотӣ (иттилооти таълимӣ, методӣ, маъмурӣ – идоракунӣ);

– ҷузъи кадрӣ (субъектҳои раванди таҳсилотӣ ва фармоишгарони хизматрасониҳои таҳсилотӣ);

– ҷузъи регламентӣ (қоидаҳои амали муштараки унсурҳои гуногуни муҳити иттилоотии таҳсилотӣ) [9, с. 131-134].

Мулоҳизаҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, таърифи МЭИТ-ро ба тариқи зайл пешниҳод кардан мумкин аст: воқеияти якпорчае, ки аз маҷмуи технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои барномавию методии таълиме иборат аст, ва ин технологияҳою воситаҳо ҳамроҳии фаъолияти маърифатӣ ва дастрасиро ба захираҳои иттилоотӣ таъмин менамоянд, ки натиҷаи ин мутахассиси босалоҳияти ҳарбӣ мебошад.

МЭИТ дар самтҳои гуногуни таҳсилоти ҳарбӣ имкониятҳои зеринро фароҳам меорад:

1. Идоракунии фаъолияти муассисаи таҳсилоти ҳарбӣ: ташкили раванди таълимӣ; ташкили ҳуҷҷатгузорӣ; рефлексия ва мониторинги фаъолият; пешниҳоди иттилоот ба сохторҳои беруна.

2. Захираҳои иттилоотӣ: медиатека; таъминоти барномавӣ (нармафзор); барномаҳои тестӣ; озмоишгоҳҳои маҷозӣ; шабакаи Интернет.

3. Фаъолияти таълимӣ: омӯзиши соҳаи фаннӣ (информатика ва технологияҳои иттилоотӣ); истифодаи байнифаннии технологияҳои иттилоотӣ; омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳарбии касбӣ; истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои инкишоф додани қобилиятҳо, салоҳиятҳо, зудҳаракатӣ.

4. Фаъолияти беруназтаълимӣ: иштирок дар озмунҳо, конференсияҳои илмӣ; ташкили сомонаи муассисаи таҳсилот; таълими фосилавӣ дар курсҳои гуногун [9, с. 131-134].

Сохтори МЭИТ аз нуқтаи назари ҷудо кардани унсурҳои фаъолияти ба муассисаи таҳсилоти ҳарбӣ дар қисми имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ хос имкон медиҳад захираҳои инсонӣ, дастгоҳӣ ва барномавӣ муайян карда шаванд.

Масъалаи ташкили МЭИТ дар асоси маводи мавҷуда ё тайёр кардашуда, мутобиқ кардашуда, мувофиқи дархостҳои истифодабар, матнӣ ва тасвирӣ ва таҳияи асоси технологӣ (методикаҳо, усулҳо, воситаҳои муосири таълимӣ) барои лоиҳакашӣ ва ҳамроҳикунии фаъолияти маърифатӣ мубрам мегардад.

Дар натиҷа МЭИТ ба мутобиқсозии омодасозии касбии таълимгирандаи ҳарбӣ ба шароити пайваста тағйирёбандаи истеҳсолотӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии таълимгиранда, доираи шавқу ҳавасҳо ва талаботи ӯ мусоидат мекунад.

Яке аз вариантҳо истифодаи технологияҳои иттилоот дар муҳити электронии иттилоотии таҳсилот гузаронидани намуди муайяни машғулиятҳо бо унсурҳои бозии нақшӣ ва воридкунӣ ба вазъияти ҷангӣ мебошад. Машғулият дар омодасозии таъсири рӯшноию садоӣ ва амсиласозии филми амалҳои ҷангӣ вобаста ба амалҳои таълимгиранда (гурӯҳи таълимграндагон) бунёд ёфтааст. Нақшаи амалҳои таълимгирандагон, порчаҳои видеоӣ бо татбиқи гуногуни вазифаи гузошташуда ва паёмадҳои имконпазир тайёр карда мешавад.

Машғулият аз тақсими нақшҳои таълимгирандагон ва ворид кардани онҳо ба вазъият шуруъ мегардад. Сипас намоиши филми амсиласозишуда оғоз меёбад. Таълимгирандагон иттилооти гирифташаванда (видео, истгоҳҳои радиоӣ ва ғайра)-ро мавриди таҳлил қарор дода, онро ифода карда, тавассути воситаҳои технкии алоқа интиқол медиҳанд. Вобаста ба қарори қабулшудаи таълимгиранда ё гурӯҳи таълимгирандагон дар бораи порчаи видеоӣ вазъият ба эътидол дароварда мешавад ё баръакс. Таъсири машғулият бо роҳи таъсир ба эҳсосоти босирагию садоии филми амсиласозишуда ва қабули қароре, ки дар шакли интиқоли амр ё гузориш тавассути радио дар ин шароит баён ёфтааст, ноил мешавад.

Машғулият ба ташаккули ягонагии якпорчаи сохтории иттилоотии даркшаванда ва таъсири шайъие, ки тавассути он таълимгиранда ба шароит аксуламал нишон медиҳад, нигаронида шудааст. Пас аз гузаронидани машғулиятҳо таҳлили амалҳои ҳар як таълимгиранда бо муайян кардани сатҳи тайёрӣ гузаронида мешавад.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ дар лаҳзаи додашуда дар истифодаи техникаи электронии ҳисоббарорӣ, инчунин методҳо ва воситаҳои автоматикунонии тамоми раванди иттилоотӣ асос ёфтааст.

Фаъолияти мақсаднок оид ба таҳия ва ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ – ин самти асосӣ дар иттилоотикунонии таҳсилоти олӣ мебошад, ки ба тезонидани пешрафти илмию техникӣ, таъмини соҳаи таҳсилот бо методологя ва амалияи истифодаи мақсаднок ва асосноки коркардҳои муосир ҳам дар раванди таълим, ҳам дар раванди хизмати минбаъдаи ҳарбии хизматчии ҳарбӣ дар замони осоишта ва ҷанг мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, имкониятҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ маҳдудиятҳо надошта, иқтидору зарфияти онҳо рӯз то рӯз боло рафта, хусусияти бисёранҷба дошта, имкониятҳои зерини иловагиро боз мекунанд:

– эҷоди низомҳои усулан нави методии таълим, ки ба инкишофи зеҳни курсантҳо, ташаккули маҳорату малакаҳои таҳлил, ба даст овардани донишҳо, амалӣ кардани фаъолияти таълимӣ, коркарди мустақилонаи маълумоти бадастоянда дар онҳо мусоидат мекунанд;

– такмили механизми идоракунии муҳити таҳсилотӣ бо истифода дар ин аз бонкҳои махсус гардонидашудаи иттилооти маълумот, инчунин воситаҳои коммуникатсионӣ;

– такмили методҳо ва шаклҳои таълим;

– фароҳам овардани шароит барои раванди самарабахш ва сифатан нави таълимӣ аз ҳисоби ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ;

– татбиқи барномаҳои асосии таҳсилотӣ дар соҳаи омодасозии мутахассисони ҳарбӣ.

Дар хотима бояд қайд кард, ки ҷорикунии мутамарказонида ва ҳамоҳанг кардашудаи технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад сифати донишҳои ҳам курсантҳо, ҳам омӯзгорон беҳтар карда шуда, ба муосиркунонии низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мусбат мерасонад.

## *Адабиёт*

1. *Андреев А.А., Барабанщиков А.В. Основы применения информационных технологий в учебном процессе военных вузов: научно-методический сборник / А.А. Андреев, А.В. Барабанщиков - М.: ВУ, 1996. – 103 с.*
2. *Белин Н.А. Содержание профессиональной компетентности и ключевые компетенции успешной деятельности преподавателя военного вуза [Текст] / Н.А.Белин, Е.Г.Плотникова, Е.А. Цариев // Современные проблемы науки и образования. 2017. № 1. С. 116-124.*
3. *Беспалько В.П. Образование и обучение с участием компьютеров. М.: Изд-во Московского психолого-социального института / В.П. Беспалько. - Воронеж: Изд-во НПО "МОДЕК", 2002. – 352 с.*
4. *Золотовская Л.А., Фасоля А.А. Проблемы развития субъектности будущих офицеров в инновационно-деятельностной среде военного вуза [Текст] / Л.А.Золотовская, А.А. Фасоля // Мир образования – образование в мире/ 2016. № 3. С. 114-120.*
5. *Кожевина О.В. Новое образование для обеспечения цифрового роста экономики. [Электронный ресурс]. URL: https://it-education.ru/conf2020/thesis/3958/ (дата обращения: 23.12. 2020).*
6. *Козырева Л.Д. Потенциал технологии ситуационного анализа в формировании и оценке компетенций обучающихся в высшей школе. [Электронный ресурс]. URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=36498687 (дата обращения: 18.12.2020).*
7. *Логинов В.Н. Информационные технологии управления/ Учебное пособие. 3-е изд., стер. / В.Н. Логинов. - М: КНОРУС, 2013. – 240 с.*
8. *Пащенко О.И. Информационные технологии в образовании. [Электронный ресурс]. URL: http://metodichka.x-pdf.ru (дата обращения: 23. 12. 2020).*
9. *Раецкая О.В., Юдина В.О. Программирование как средство формирования алгоритмического мышления у будущих офицеров в сборнике: Актуальные проблемы информатизации науки и производства [Текст] / О.В. Раецкая, В.О. // Юдина Материалы XIII Международной научно-практической конференции: в 5 томах. Ответственный редактор Федосеева О. Ю. 2016. С. 131-134.*
10. *Раецкая О.В. Информационная среда современного военного вуза [Текст] / О.В. Раецкая // Интернет-журнал «Мир науки» 2017, Том 5, номер 5 https://mir-nauki.com/PDF/67PDMN517.pdf (доступ свободный).*
11. *Солодова Е.А. Новые модели в системе образования: Синергетический подход. Учебное пособие / Е.А. Солодова. – М.: Книжный дом «Либроком», 2012. – 344 с.*
12. *Сотников И.Б., Плотникова Е.Г. Интерактивное обучение в военном ВУЗе: цели, задачи, методологические подходы и принципы [Текст] / И.Б. Сотников, Е.Г. Плотникова // Педагогическое образование и наука. 2015. № 3. С. 142-145.*
13. *Ушакова О.А., Шевченко О.К. Использование информационных технологий в военном образовании [Текст] / О.А. Ушакова, О.К. Шевченко // Современные проблемы науки и образования. – 2020. – № 6. URL: https://science-education.ru/ru/article/view?id=30474 (дата обращения: 29.09.2022).*
14. *Федотова Е.Л., Федотов А. А. Информационные технологии (ИТ) в науке и образовании [Текст] / Е.Л. Федотова, А.А. Федотов. - М.: ИД «Форум»: Инфра-М, 2011. – 336 с.*
15. *Чистяков А.Н. Особенности формирования личности преподавателя-исследователя как субъекта инновационной профессионально-педагогической деятельности [Текст] / А.Н. Чистяков // Сборник статей по материалам всероссийского научно-исследовательского конкурса (20 апреля 2020 г., г. Уфа) / Уфа: Изд. НИЦ Вестник науки, 2020. С. 280-289.*


# ЭҶОДИ МУҲИТИ ЭЛЕКТРОНИИИ ИТТИЛООТИИ ТАҲСИЛОТИ ҲАРБӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ


Дар мақола мавзуи эҷоди муҳити электрониии иттилоотии таҳсилоти ҳарбӣ бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки раванди иттилоотикунонии ҷомеаи муосир, тамоюлҳои рушди таҳсилоти олии ҳарбӣ талаботи навро ба омодасозии курсантҳои муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ гузошта, салоҳиятҳои муҳимтарини афсари оянда, монанди азхуд намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии таълим, қобилияти амалӣ кардани ҷустуҷӯи иттилоот, таҳлил ва ҷудо кардани муқаррароти калидӣ, ба таври рефлексивӣ арзёбӣ кардани натиҷаҳои фаъолияти худ ва ҳамкорӣ мубрам мегарданд. Муаллиф масъалаи баланд бардоштани самарабахшии омодагии ҳарбии касбии афсариояндаро бо истифода аз муҳити электронии иттилоотии таҳсилот бо ҷорӣ кардани навовариҳои гуногуни педагогӣ баррасӣ карда, таъкид менамояд, ки раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ айни замон ба се ҷузъи фаъолият эҷодкорона тамоюл дорад, ки аз рӯи таъйиноти худ фарқ мекунанд: заминаи иттилоотӣ, тафаккури ташаббускорона – эҷодкорона, тамоюлнокии амалӣ. Вазифаи асосии таълим ташаккули ҳамаи се ҷузъ дар таълимгирандагон мебошад. Вазифаҳои асосии иттилоотикунонии раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилоти ҳарбӣ муайян карда шуда, хулоса карда мешавад, ки ҷорикунии мутамарказонида ва ҳамоҳанг кардашудаи технологияҳои иттилоотӣ ба раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбӣ имкон медиҳад сифати донишҳои ҳам курсантҳо, ҳам омӯзгорон беҳтар карда шуда, ба муосиркунонии низоми муосири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мусбат мерасонад.



**Калидвожаҳо**: муҳити электронии иттилооти таҳсилот, муассисаи таҳсилоти олии ҳарбӣ, технологияҳои инноватсионӣ, технологияҳои иттилоотӣ, машғулият, омӯзгор, таълимгирандаи ҳарбӣ, курсант, афсари оянда, шакли интерактивии таълим.

## СОЗДАНИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ ИНФОРМАЦИОННОЙ СРЕДЫ ВОЕННОГО ОБРАЗОВАНИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В статье рассматривается тема создания электронной информационной среды военного образования с использованием инновационных технологий. Отмечается, что процесс информатизации современного общества, тенденции развития высшего военного образования предъявляют новые требования к подготовке курсантов высшего военного учебного заведения, акутализируются важнейшие компетенции будущего офицера, такие как овладение информационно-коммуникационными технологиями обучения, умение искать информацию, анализировать и разделять ключевые положения, рефлексивная оценка результатов своей деятельности и взаимодействия. Автор рассматривает вопрос повышения эффективности профессиональной военной подготовки будущего офицера за счет использования электронной информационной среды образования с внедрением различных педагогических новшеств, а также подчеркивает, что образовательный процесс в высшем военном образовательном учреждении в настоящее время имеет тенденцию творческого характера к трем компонентам деятельности, которые исходя из их назначения различаются: информационная база, инициативно-творческое мышление, практическая направленность. Главной задачей образования является формирование у учащихся всех трех компонентов. Определены основные задачи информатизации учебного процесса в военно-учебном заведении и сделан вывод о том, что централизованное и согласованное внедрение информационных технологий в учебный процесс в высших военных учебных заведениях позволяет повысить качество знаний как курсантов, так и офицеров-преподавателей, а также оказывает положительное влияние на модернизацию современной системы Республики Таджикистан.

**Ключевые слова**: электронная информационная среда образования, высшее военное учебное заведение, инновационные технологии, информационные технологии, обучение, преподаватель, военный обучающийся, будущий офицер, интерактивная форма обучения.

## CREATION OF ELECTRONIC INFORMATION ENVIRONMENT OF MILITARY EDUCATION USING INNOVATIVE TECHNOLOGIES

The article deals with topic of creating an electronic information environment of military education using innovative technologies. It is noted that the process of informatization of the modern society, trends in the development of higher military education have placed new requirements on the training of cadets of the higher military educational institution, it is actualizing the most important competencies of the future officer, such as mastering the information and communication technologies of education, the ability to search for information, analyze and separate the key regulations, to reflexively evaluate the results of their activities and cooperation. The author discusses the issue of increasing the effectiveness of the professional military training of the future officer by using the electronic information environment of education with the introduction of various pedagogical innovations, and emphasizes that the educational process in the higher military educational institution currently has a creative tendency towards three components of activity, which based on their purpose are different: information base, initiative-creative thinking, practical orientation. The main task of education is the formation of all three components in learners. It is defined the main tasks of informatization of the educational process in the military educational institution, and it is concluded that the centralized and coordinated implementation of information technologies in the educational process in the higher military educational institutions allows to improve the quality of knowledge of both cadets and teachers, and has a positive effect to modernize the education of the modern system of education of the Republic of Tajikistan.

**Keywords**: electronic information environment of education, higher military educational institution, innovative technologies, information technologies, training, teacher, military student, cadet, future officer, interactive form of education.

### Дар бораи муаллиф

**Шоимардонов Давлаталӣ Анварович**
Муаллими калони кафедраи ҳарбӣ
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
E–mail: davlatali_shoimardonov@mail.ru

### Об авторе

**Шоимардонов Давлатали Анварович**
Старший преподаватель военной кафедры
Таджикского института физической культуры им. С. Рахимова
E–mail: davlatali_shoimardonov@mail.ru

### About the author

**Shoimardonov Davlatali Anvarovich**
Senior teacher in the Military Department
Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rahimov
E-mail: davlatali_shoimardonov@mail.ru

УКД 373 (575.3)

# МУҲИМИЯТИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОН

***Эшова Г. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ тарбия, таълим, таҳсилот ва маълумотгирии насли наврас ба пешрафт, дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа зич алоқаманд аст. Инсон дар кадом давру замоне ва шароити ҷамъиятие, ки набошад, бе тарбия инсон ҳамчун инсон вуҷуд дошта наметавонад. Чунки тарбия пояи давлату давлатдорӣ, инсону инсонгароӣ мебошад. Тарбия ба ҳайёти моддӣ, сиёсӣ ва маънавӣ алоқаи зич дорад.

Таҳсилот ва маълумотгирии аъзоёни ҷамъият қувваи бузург ва таккондиҳандаи рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин нигоҳ, дар шароити имрӯзаи давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявии Тоҷикистон тарбия бояд дар асоси анъанаҳои миллӣ, афкори педагогии ниёгон, ҳисси дӯстиву рафоқат, бардариву баробарӣ, ҳамфикрию якдигарфаҳмӣ, яъне бахшидани хатогии якдигар, масъулиятшиносиву вазифашиносӣ, хушахлоқиву меҳнатдӯстӣ, поквиҷдониву бошарофатӣ, асос ёбад.

Ҷавоб ба саволи анъанавии «чӣ тавр бояд омӯхт» моро ба категорияи методҳои таълим рӯ ба рӯ месозад. Зеро бидуни методҳо ба мақсади гузошташуда ноил гаштан, иҷро кардани мазмуни муайян, таъмин кардани омӯзиш бо фаъолияти фаҳмидагирӣ имконнопазир аст. Метод маркази раванди таълим аст. Нақши он дар системаи «мақсад, мазмун, методҳо, шаклҳо, воситаҳои омӯзиш» муайян мебошад.

Тафсири метод дар чандин маврид такрор меёбад, вале ба мавқеъ: методҳои таткиқоти илмӣ, методҳои тарбия, методҳои таълим ва ғайра. Методи таълим (аз юн. mӯthodos – роҳ, тарз, татқиқ, тариқ) ин ба низомоварии фаъолияти педагог ва талабаҳо мебошад, ки ба ноилгардии мақсади гузошташудаи омӯзиш равона карда шудааст. Дар таҳти мафҳуми методҳои таълим (методҳои дидактикӣ) одатан маҷмуи роҳ, тарзи ба мақсадрасӣ, ҳалли вазифаи маълумот фаҳмида мешавад. Дар адабиёти педагогӣ фаҳмиши метод баъзан фақат ба фаъолияти педагог ё фаъолияти таълимгирандагон мансуб дониста мешавад. Ба маврид аст, ки дар навбати аввал нисбати методҳои таълим ҳарф занем. Аммо дар мавриди дуюм – дар бораи методҳои таълимот. Агар гап дар бораи ҳамкории муаллиму талабаҳо равад, он гоҳ дар ин ҷо бешубҳа методҳои таълим ба назар гирифта мешаванд. Дар раванди омӯзиш метод ба мақсади муайяни таълимӣ, маърифатӣ ва тарбиявӣ равона карда мешавад. Дар китобҳои дарсии педагогика муаллифон оиди методҳои таълим асосан ҳамин тавр фаъолияти муаллиму талабагонро ба назар гирифта, таъриф додаанд. Чунончи, таърифи С. П. Баранов: «Методи таълим – ин роҳи идроки назариявӣ ва фаъолияти амалии муаллим ва талабагон, ки ба иҷрои вазифаҳои таҳсил нигардонида шудааст». Таърифи А. К. Громцева: «Методҳои таълим – ин тарзҳои фаъолияти якҷояи муаллиму талабагон мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои таълим равона карда шудаанд».

Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун кишвари соҳибистиқлол бо баробари ба фазои таҳсилотии ҷаҳонӣ ворид гардидан системаи ба худ хоси маорифро дорад, ки фаъолияти он барои амалӣ гардондани сиёсати давлат ва Ҳукумати кишвар равона карда шудааст. Ҳамаи муассисаҳои таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» фаъолият менамоянд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣи онҳоро муайян менамояд.

Дар боби 2 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таъкид гардидааст, ки «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимӣ намудҳои муассисаҳои зерин тааллуқ доранд:

-томактабӣ;

-таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ) [6, с. 34].

Муассисаҳои таълимию тарбиявӣ бояд дар бачагон нисбат ба волидайн, ҳамсолон, насли калонсол, арзишҳои фарҳангию миллӣ ва таърихии кишваре, ки сукунат доранд, ҳисси

эҳтиром парваранд, ба сохти давлатию иҷтимоӣ ва расму оини онҳо, ба муҳити зист, муносибати эҳтиёткорона тарбия намоянд [6, с. 34].

«Методҳои таълим ҳамчун чароғи фаъолияти муаллиму талабаҳо илмест дар хусуси роҳ, тарз ва воситаҳои инкишофи қобилияти фардии талабагон, доираи назар, андӯхтани дониш ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо».

Вале ба назари мо, дар асоси ҳамин маънидод таърифи зайл саҳеҳтар мебуд: Дар тахти методҳои таълим роҳ, тарз ва воситаҳои самарабахши фаъолияти омӯзандагии муаллиму талабаҳо нисбати инкишофи қобилияти фардии толибилмон, доираи назар ва дар онҳо ҳосил кунонидани дониш, маҳорат ва малакаҳо фаҳмида мешавад. «Воситаҳои самарабахш» гуфтанамон барои он аст, ки инсоният ҳамеша дар ҳама кор хусусияти ҷустуҷӯкунии роҳҳои осону муфиди истеҳсолкуниро дорад. Як вақтҳо саводбарорӣ басо душвор буд, ҳоло бошад, бо роҳҳои самарабахш саводноккунӣ дар мактаб хеле осон шудааст, минбаъд боз ҳам осонтар мегрдад ва ин қоида ва таъриф шояд пойдортар гардад.

Алалхусус, методи омӯзиш назарияест, ки роҳи муайяни самарабахш анҷомдиҳии фаъолияти омӯзандагии муаллиму талабаҳоро таъмин мекунад ва бинобар ин ҳар як метод бояд асоси илмӣ дошта бошад, дар пешбурди мақсаднокии назарияи маърифатии шахсият муфидона хизмат кунад.

Усулҳои таълим. Методҳои омӯзишро бидуни усулҳои дохилии он тасаввур кардан мумкин нест. Пас, усулҳои таълим чианд? Усулҳои таълим – ин ҷузъиёти метод, амалиётҳои алоҳидаи тафаккур, лаҳзаҳои таркибии раванди азхудкунии донишҳо, ташаккул додани маҳорату малакаҳо мебошанд. Усул вазифаи мустақили таълимӣ надорад, вале ба вазифаи гузоштаи ин ё он метод итоат мекунад, барои ба мақсад ноилшавии метод мадад мерасонад. Масалан, методи машқ, ки асосан вазифаи ташаккул додани маҳорату малакаҳоро дорад, метавонад чунин усулҳоро дар бар гирад: намунаи кори муаллим, дар асоси намуна мустақилона машқкунии талабаҳо, ба пешқадамон супоридани машқҳои иловагӣ, ҳамкории муаллим бо кӯдакони донишашон суст, сустхонҳоро рӯҳбаланд кардани муаллим, натиҷагирӣ ва ғайра. Ҳамаи методҳои таълимӣ мувофиқи хусусиятҳои худ усулҳои гуногунро фаро гирифта метавонад.

Усулҳои таълимие ҳастанд, ки дар чанд метод истифода бурда мешаванд. Чунончи, истифодаи усули мисоловарӣ аз китобҳо ё аз ҳаёт дар методҳои эзоҳ, суҳбат, машқ, лаборатория ва ғайра имконпазир аст. Методи омӯзиш ҳамеша ба мақсади муайян итоат намуда, вазифаи гузоштаи таълимиро иҷро мекунад, ба азхудкунии муайяни мазмун мебарад, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардонад.

Муассисаҳои томактабӣ зинаи аввали системаи маорифи кишвар буда онҳо на танҳо иҷрои вазифаҳои таълиму тарбияи кӯдаконро таъмин мегардонанд. Инчунин онҳо имконият медиҳанд, занону модарон дар соҳаҳои гуногун ба кору фаъолият машғул гардида дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа иштирок намоянд, дар пешрафти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳиссагузор бошанд.

Ҳамаи воситаю усулҳои тарбияи кӯдакон вобаста ба мақсад ва вазифаҳои тарбия, инкишоф ва ташаккулдиҳии фаъолияти узвҳои ҳискунӣ равона карда шуда рушди ақлию зеҳнии онҳоро таъмин менамояд.

Мазмуни кори таълиму тарбиявӣ, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва хоҷагидории онҳоро ҳуҷҷатҳои барномавӣ, меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф муайян менамояд.

Дар моддаи 23 «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак» таъкид гардидааст «кӯдаки аз ҷиҳати ақлӣ ва ҷисмонӣ нуқсондор бояд зиндагии комил ва шоистаро дар шароите дошта бошад, ки он шаъну эътибори ӯро таъмин намуда, бовариашро нисбат ба ҳаёт зиёд мекунад ва иштироки фаъоли ӯро дар ҳаёти ҷамъиятӣ осон мегардонад [7, с. 18-21].

Дар кишвари мо ҳуқӯқҳои кӯдакони нуқсони ақлию ҷисмонӣ дошта барои тарбия, таҳсил ва офиятбахшии (реабилитатсияи) тиббию иҷтимоӣ дар боби 2, моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» роҳандозӣ гардидааст. Бояд қайд кард, ки бо мақсади фарогириии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ ва омода намудани онҳо ба мактаб минбаъд ташкил намудани Маркази рушди кӯдакон (дар ҷамоатҳо), гурӯҳҳо ва синфҳои омодагии пешазмактабӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ (аз ҳисоби кӯдакони ба кудакистонҳо фаро гирифтанашуда) пешбинӣ карда шудааст [5, с. 3-10].

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти такмилу таҳрирсозии барномаҳои таълимӣ бо истифодаи арзишҳои моддию маънавии халқи тоҷик, беҳдошти вазифаҳои тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ ба миён омад. Соли 2004 аз тарафи М.Нарзуллоева барномаи таълимӣ-тарбиявии кӯдакистон бо номи «Машғулиятҳо оид ба тарбияи маданияти сенсории кӯдакони 3-4 сола".

Дастури методӣ барои мураббиёни кӯдакистон, нашр ва дастраси кормандони кӯдакистонҳо гардид, ки дар он тарбияи хешт аншиносӣ ва халқомӯзӣ дар давраҳои калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб чун қисмати алоҳида ворид гардидаанд. Инчунин шинос намудан ба таърихи кишвар, фарзандони фарзонаи миллат, истифода бурдан аз одату анъанаҳои миллӣ, меъёрҳои одобу муоширати ниёгон ва ғайраҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд [8, с. 17-18].

Қонуниятҳои умумии тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ба қонуниятҳои умумии раванди тарбия, ки ба педагогикаи умуми хос аст (нигаред: Хайрулло Раҳимов, Абдулбоқи Нуров. Педагогика. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ. Душанбе 2007, такя менамояд. Ин қонуниятҳо дар принсипҳои тарбия бараъло зоҳир мегардад [14, с. 120-123].

Дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ боз чунин қонуниятҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд:

-тарбия ҳамон вақт имконпазир аст, ки худи кӯдак низ фаъол бошад;

-кӯдак ба меҳру навозиш ва дӯстдории калонсолон эҳтиёҷ дорад, ки қонеъ нагардидани он сабаби суст инкишоф ёфтани ӯ мегардад;

-таъмин намудани шароит ба кӯдак барои амалӣ гардондани имконияту талаботҳои шахсӣ, барқарор намудани муносибати мутақобилаи кӯдак бо калонсолон ва умуман олами иҳотакарда.

Принсипҳо, қоидаҳои умумии кори тарбиявӣ ба қонуниятҳои раванди тарбиявӣ асос ёфта аз калонсолон (волидайн, мураббия) сабру тоқат, таҳаммулгароӣ, маҳорати бахшида тавонистан, дастгирӣ намудан ва дӯст доштану эҳтиром кардани шахсияти кӯдакро талаб менамояд.

Дар асоси принсипҳо технологияи кори тарбиявӣ таъмин мегардад, ки он имконият медиҳад кӯдак худро шахси арзишманд, даркорӣ ҳисобида меҳру муҳаббат ва навозишу дӯстдории атрофиёнро дарк намояд ба қувваю имкониятҳои худ боварӣ пайдо кунад.

Маҳз фаъолияти якҷояи кӯдакону калонсолон раванди кори тарбиявиро самарабахш ва ҷаззоб намуда барои ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ мусоидат менамояд.

Восита, роҳу усулҳои таъсиррасонии тарбиявӣ равандӣ муштараки фаъолияти кӯдак ва тарбиядиҳандагон – калонсолони атроф аст, ки он барои иҷрои мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ равона карда мешаванд. Маҳз интихоби дурусти воситаҳо, роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдакон имконият медиҳад, ки фаъолиятҳои (бозӣ, меҳнат, таълимгирӣ) ҳаррӯзаи онҳо дуруст ташкилу роҳбарӣ карда шавад.

Дар давраи томактабӣ кӯдак дар раванди фаъолиятҳо тарбия, таълим мегирад, инкишоф меёбад, таҷрибаи иҷтимоиро азхуд намуда барои иштирок кардан дар хаёт ва фаъолияти иҷтимоӣ омода мегардад. Интихоби дурусти роҳу усулҳои таъсиррасонии тарбиявӣ имконият медиҳанд, ки хислатҳои ақлию ахлоқӣ, равонию ҷисмонӣ, иҷтимоию фарҳангии кӯдак ташаккул ёбад. Кӯдак барои ислоҳу бартараф намудани иллатҳои сифатҳои шахсӣ кушиш карда одат ва рафторҳои мусбатро аз худ намояд.

Воситаҳои тарбиявӣ барои кӯдакони синни томактабӣ ин пеш аз ҳама муҳити солими эмотсионалӣ-маънавӣ аст, ки дар он ҳар як кӯдак чун шахсияти арзишманд эътироф гардида, ҳуқуқ ва манфиатҳояш ҳимоя карда мешавад, муҳити инкишофдиҳанда, тарбиядиҳанда таъмин гардида фаъолиятҳо, чорабиниҳои фароғатию истироҳатӣ ташкил карда мешавад.

Дар ҷараёни фаъолиятҳо махсусан муошират, худшиносӣ, мустақилнокӣ ва дигар сифатҳои шахсии кӯдак ташаккул меёбад.

Тадқиқотҳои олим Д. Б. Элконин ва таҷрибаи амалӣ нишон медиҳанд, ки дар бозиҳои гуногун фаъолнокии иҷтимоӣ, фаъолияти маърифатии кӯдакон инкишоф ёфта тасаввуротҳои онҳо оид ба ашёҳо, ҳодисаҳои иҷтимоӣ бой мегарданд [16, с. 56].

Фаъолияти таълимии кӯдакон дар раванди машғулиятҳои махсус ташкил кардашуда имконият медиҳад, ки ба онҳо доир ба ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, табиати

иҳотакарда маълумот дода шавад, маҳорату малакаҳои иҷро намудани амалҳои фикрронӣ (таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ, муқоисакунӣ) инкишоф ёбанд. Иҷрои амалҳои фикрӣ барои омодагии кӯдакон ба мактаб, таҳсилу тадрис хеле муҳим аст. Ҷавононро бо асосҳои дониш, мусаллаҳ намуда, инкишофи фикр, тафаккур, қобилият ва истеъдоди онҳоро таъмин намояд. Дар рафти тарбияи фикрӣ ақлу заковат, хирад ва шавқу ҳаваси ҷавонон инкишоф дода мешавад.

Дониш, маҳорату малакаҳо ва қобилияти фикрронии кудакон дар раванди меҳнат, бозиҳои гуногун ва ҳаёту зиндагии ҳаррӯза мустаҳкам ва васеъ гардонда мешаванд.Баъди ба мактаб рафтан на танҳо мавқеи иҷтимоии кудак тағйир меёбаду ба шахсияти ӯ талаботҳои нав пешниҳод карда мешавад, инчунин мазмун ва хислати фаъолиятҳо дигар мегарданд.

Таълимгирӣ дар дарсу машғулиятҳо, муоширату муносибатҳо дар доираи ҳамсолон-шарикдарсон, талабаи мактабхон будан иҷрои супоришҳои хонагӣ аз ӯ сифатҳои мустақилкунӣ, масъулиятшиносӣ, таҳаммулгарой, фаъолнокӣ, рафтори маданӣ, интизомнокиро талаб менамояд. Аз ин рӯ дар оила, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд машғулятҳо пурмазмун, шавқовар ва таъсирбахш ташкил ва гузаронида шаванд.

Асоси кори тарбияи ҷавононро бояд принсипи умумибашарии тарбия-рафтори нек, кирдори нек, гуфтори нек ташкил намояд. Ва дар асоси ҳамин ҷавонон бояд нақши олами ботинию тарзи амал, рафтору кирдори шахсии худро дар ҷомеа бунёд созанд. Бо ҳамин аз як тараф симои миллии тарбияро эҳё намоянд, онро ба пояи миллӣ, раму одат ва анъанаҳои некӣ мардумӣ гузоранд.Аз тарафи дигар дар ҳамин замина самараи таъсири кори тарбиявиро баланд бардоранд.

Тарбияи ахлоқӣ, инкишофи ахлоқии кӯдакро таъмин менамояд. Он раванди аз худ намудани меъёрҳои ахлоқӣ, ташаккулёбии шуур ва рафторҳои ахлоқӣ аст. Бояд қайд кард, ки дараҷаи инкишофи ахлоқии кӯдакон ба синнусол, таъсири методҳои тарбиявӣ, муҳити иҳотакарда вобаста буда он тамоми умр давом мекунад. Тарбия ва ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии шахсият инсондӯстӣ, хоксорӣ, меҳнатдустӣ, ростгӯӣ, поквиҷдонӣ, ҳаётдӯстӣ, интизомнокӣ, рафтори маданӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, инсонгарой, таҳаммулпазирӣ ва ғайраҳо аз давраи томактабӣ оғоз гардида минбаъд онҳо такмил дода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки мазмун, мақсад ва вазифаи фаъолиятҳо вобаста ба синнусол ва мавқеи иҷтимоии кудакон тағйир меёбанд. Бинобарин дар илми педагогикаи томактабӣ ва психологияи бачагона мафҳуми «фаъолияти пешбаранда» (Л.С.Виготский, Д.Б.Элконин, А.Н.Леонтев ва дигарон) ворид карда шудааст, ки он дар раванди худ таълим, тарбия ва инкишофи кудакро таъмин менамоянд [1, с. 3-9].

Таҷрибаи амалӣ ва тадқиқотҳои олимон нишон доданд, ки ба ҳар як давраи синнусолии инкишофи кудак фаъолятҳое хос мебошанд, ки онҳо ба талабот ва имкониятҳои кудак мувофиқат менамояд, мақсад, вазифа, иҷрои амалҳои махсусро талаб мекунад. Мазмун ва иҷро гардидани вазифаҳои таълиму тарбиявӣ дар раванди фаъолиятҳо ба шароиту имкониятҳои оила, кудакистон ва мактаб алоқаманд аст (А.Н. Леонтев, М.И. Лисина ва дигарон) [2, с. 26].

Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар оила ва муассисаҳои томактабӣ дар асоси талаботҳои «Консепсияи миллии корҳои тарбия дар мактаб» (1999) ва баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон муайян карда мешаванд.

Мазмуни тарбияи ахлоқиро бошад тарбия намудани одат ва рафторҳои ахлоқӣ, парвариш намудани ҳиссиётҳои ахлоқӣ ва ташаккулдиҳии тасаввуротҳои ахлоқӣ ташкил менамояд. Муайян намудани ҳаҷм ва мазмуни донишҳои кудакон яке аз масъалаҳои баҳсноки педагогикаи томактабӣ буда ба ҳал кардани ин мушкилот бори аввал Ян Амос Коменский дар асараш «Мактаби модарӣ» кушиш ба харҷ додаст. Ӯ пешниҳод намуда буд, ки донишҳои кӯдакон бояд ҳамаи ҷамбҳаҳои ҳаёти гирду атрофро дар бар гирифта бошад, чунки кӯдак оламро олами атроф табиат, одамон ва меҳнату фаъолияти онҳо, ҷисм, осмонӣ, тарзи зиндагӣ ва ғайраҳоро бутун ва дар яклухтӣ дарк менамояд.

Я.А.Коменский ба донишҳои кӯдакон чунин талабот гузошта буд, ки бояд онҳо иҷрои вазифаи тарбиявиро таъмин намоянд. Ҳангоми таҳия намудани барномаи таълиму тарбиявии муассисаҳои томактабӣ принсипи гуногунҷабҳа, характери тарбиявӣ доштани донишҳои кӯдакон ба ҳисоб гирифта шудаанд [14, с. 120-123].

Асоси методологии тарбияи ахлоқиро таълимоти фалсафӣ оид ба ягонагӣ ва бо ҳам алоқамании инсон ва ҷомеа ташкил менамояд. Мувофиқи он инсон, аз он ҷумла кӯдак низ, ҳамчун шахси арзишманд эътироф мегардад.

Тарбияи ахлоқӣ имконият медиҳад, ки кӯдак таҷрибаи иҷтимоиро азхуд намояд, яъне арзишҳои маънавии миллӣ ва умумибашариро зери мафҳумҳои некӣ, ҳақиқат, зебоӣ, таҳаммулгароӣ, адолат, инсонпарварӣ, одамгарӣ ва ғайраҳоро дар раванди муошırату муносибат, фаъолияту амалҳои бошуурона ва якҷоя бо калонсолон аз худ намояд, таҷрибаи ахлоқӣ ҳосил карда минбаъд олами ботинии худро бой гардонад. Дар як қатор адабиётҳои педагогӣ-психологи мафхуми рушди иҷтимоӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст, ки он инсон, аз ҷумла кӯдакро чун мавҷудоти иҷтимоии махсус муносибатҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ дошта (Л.С.Виготский) этироф мекунад [2, с. 26].

Тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакон дар ҳафт соли аввали ҳаёт хусусиятҳои ба худ хос дорад. Мақсад, вазифа, мазмун ва методу воситаҳои таъсиррасонии калонсол ба шахсияти кӯдакон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳо муайян карда мешаванд. Давраи томактабӣ дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим дорад. Саъдии бузург гуфтааст:

Хишти аввал гар ниҳод меъмор каҷ,

То ба охир меравад девор каҷ [14, с. 120-123].

Маҳз дар ҳамин давра кӯдак ба доираи муносибатҳои иҷтимоӣ дохил гардида доир ба олами ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳои иҷтимоӣ, табиати иҳотакарда маълумотҳо ҳосил менамояд. Дар натиҷаи таъсиррасонии мақсадноки калонсолон ва шавқу рағбат, майлу хоҳиши донистагирии худ кӯдак таҷрибаи иҷтимоиро аз худ намуда ба доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ чун фард, инсон, шахс ворид мегардад.

Бинобарин зарурияти таълим, тарбия, инкишоф ва ташаккулдиҳии кӯдакон, ба мактаб, таҳсилу тадрис омода намудани онҳо ба миён меояд. Педагоги барҷастаи даврони Шӯравӣ А.С.Макаренко таъкид карда аст ки: «Тарбияи асосии кӯдакон то панҷсолагӣ ба итмом мерасад, ки он 90% раванди тарбиявиро ташкил менамояд ва баъд тарбия намудан, такмил додани инсон давом мекунад» [8, с. 17-18].

Заминаи тарбияи сифатҳои ҷисмонӣ, ақлию зеҳнӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ маҳз дар давраи томактабӣ гузошта мешаванд. Аз ин рӯ таълим, тарбия ва инкишофи кӯдак маҳз аз давраи тифлӣ оғоз гардида он минбаъд идома дода мешавад. Маълум аст, ки ин вазифа дар дар муассисаҳои томактабӣ ба воситаи дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, инчунин мувофиқи майлу хоҳиши кӯдакон иштирок намудан дар намудҳои гуногуни сексияҳои варзишӣ таъмин карда мешавад.

Ғамхори дар ҳаққи солимии ҷавонон бояд дар мадди аввал истад, зеро инсондӯстӣ дар доираи солимгардонии муҳити маънавӣ маҳдуд шуда наметавонад, солими ва беҳдоштӣ ҷавононро низ дар назар дорад. Ташкили дуруст ва самарабахши кори таълиму тарбиявӣ дар давраи томактабӣ дар оила ба души волидон ва дар муассисаи томактабӣ мураббиён аст.

Асосҳои илмӣ-табии ва илмӣ-амалии фаъолияти онҳо маҳз омӯхтани илми педагогикаи томактабиро талаб менамояд.

Дар раванди ташкили таъсиррасонии мақсадноки тарбиявӣ ба заминаҳои биологии инкишоф, ирсият ва қонуниятҳои рушди ҷисмонию равонии кӯдак такя карда шудааст. Тарбия ва инкишофи шахсияти кӯдак ба фаъолияти якҷояи волидон, мураббия вобаста буда бозӣ, меҳнат, таълимгирӣ, муошират, фароғату истироҳат, маишату зиндагӣ, таъсири мутақобилаи калонсолону кӯдакон, кӯдакон бо ҳамсолонро таъмин мегардонад. Ин фаъолиятҳо ба азхуд кардани таҷрибаи иҷтимоӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдак таъсир мерасонад, ки он мақсад ва вазифаи ниҳоии тарбия дар ҳамаи давраҳои синнусолии инкишофи инсон аст.

Ҳангоми интихоб намудан ва ҷобаҷогузории маводи омӯзишӣ қонуниятҳои тарбия ва инкишофи кӯдак, хусусиятҳои синнусолӣ ва асабу равонӣ, имкониятҳои таъсиррасонии волидону мураббиён ба ҳисоб гирифта шуданд.

Маводҳои омӯзишӣ, ки ба рисолаи хатм ворид карда шудаанд, дар таҷрибаи кори педагогӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирифтааст.

Барои иҷро намудани вазифаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ дар раванди педагогӣ аз методҳои махсус истифода бурда мешаванд. Метод- роҳ, усул ва тарзи иҷрои амал барои ноил гардондан ба мақсади дар пеш гузошта мебошад.

Методҳои тарбия таъсири мутақобилаи махсус ташкил кардашудаи байни тарбиядиҳанда ва кӯдак аст, ки он барои иҷрои вазифаҳои муайяни таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва амалу рафторҳои тарбиягиранда истифода бурда мешавад.

Ҳамаи методҳои тадқиқотӣ-илмии педагогӣ, ки зикр гардиданд, вобаста ба мақсаду вазифаҳои муайян, дар алоқамандӣ ва баҳодиҳии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон истифода бурда мешаванд. Тадқиқоти педагогӣ раванди мураккаб, гуногунҷабҳа ва мушкил аст, ки он барои ҷустуҷӯй ва дарёфти роҳу усулҳои самарабахши кори таълиму тарбиявӣ, ташаккулдиҳии инсони комил равона карда шудааст.

## *Адабиёт*


1. *Вигодский, Л. С. Избранные психологические исследования / Л. С. Вигодский. - М., 1935.*
2. *Вигодский Л. С. Педагогическая психология; Под ред. В.В. Давыдова /Л. С. Вигодский . - М.: Изд.во «Педагогика», 1991.*
3. *Закон Республики Таджикистан «Об образовании». - Душанбе, Изд-во «Шарки озод», 2004. – 91 с.*
4. *Закон Республик Таджикистан от 28 февраля 2006 год о «Национальная консепсияи воспитания в Республике Таджикистан». № 82. - Душанбе, 2006, С. 15 - 20.*
5. *Закон Республик Таджикистан от 17 майя 2004 г «О просвещения». № 34. -Душанбе, 2004, С.3 - 10.*
6. *Закон Республик Таджикистан «Об образовании». - Душанбе, Изд - во «Шарқи озод», 1993.*
7. *Конвенция права ребёнок. - Душанбе, 1993. С.18 – 21.*
8. *Нарзуллоева М. Машғулиятҳо оид ба тарбияи маданияти сенсории кӯдакони 3-4 сола. Дастури методӣ барои мураббиёни кӯдакистон. - Душанбе, 2004.*
9. *Нарзуллоева М. Баъзе хусусиятҳои инкишофи психологии бачагони синни томактабӣ. - Душанбе, 1995. - 85 с.*
10. *Нарзуллоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. – Душанбе, 1993. – 45 с.*
11. *Нарзуллоева М. Баъзе хусусиятҳои психологии бачагони синни томактабӣ. – Душанбе, 1995. – 55 с.*
12. *Нарзуллоева М. Психологияи бачагона (иборат аз 2 қисм, Душанбе. 2007. – 65 с*
13. *Нарзуллоева М. Машғулиятҳо оид ба тарбияи маданияти сенсории кӯдакони 3-4 сола. – Душанбе, 2004. – 55 с*
14. *Рахимов Х., Нуров А. Педагогика китоби дарси барои донишҷӯёни муассисаҳои мактабҳои олии педагогӣ. – Душанбе, 2007.*
15. *Рахимов Х., Нуров А. Педагогика китобитомактабӣ дарси барои донишҷӯёни муассисаҳои мактабҳои олии педагогӣ. – Душанбе, 2007.*
16. *Элконин Д. Б. Детская психология. – М.: Учпедгиз, 1960.*


## МУҲИМИЯТИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОН


Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи муҳимияти истифодаи методҳои таълимӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ва наврасон меравад. Барои истифодаи методҳои таълимӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ва наврасон омодаги ва ворид намудани омӯзгорон бояд дар муассисаҳоои таълимӣ оид ба ин масъала: хонишҳои педагогӣ, машварат, семинар ва тренингҳо гузаронида шаванд. Инчунин дар ҳар як муассисаи таълимӣ комиссияи махсуси фаъолияти омӯзгорӣ ташкил гардида бошад ва барои ҳавасмандии омӯзгорони натиҷаи дилхоҳро ноилгардида, тадбирҳои моддӣ андешанд. Албатта, истифодаи методҳои таълимӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ва наврасон аз шароити мавҷудаи муассисаи таълимӣ ва дараҷаи омодагии шахсии омӯзгор сахт вобаста мебошад. Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгор, тамоми сифатҳои касбии омӯзгор, ки ба навсозии фаъолияти педагогӣ равона гардидаанд фаҳмида мешавад. Инчунин иқтидору тавоноии омӯзгор дар истифодаи методҳои таълимӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ва наврасон, масъалаи пешниҳод намудани роҳ, тарзи ҳалли мушкилоти мубрами таълим ва пайдо намудани тарзи дурусти самараноки натиҷа аз ҳолати мавҷуда ҳосил мегардад.



**Калидвожаҳо:** тарбия, таълим, таҳсилот, насли наврас, фарҳанг, масъулияишиносӣ, меҳнатдӯстӣ, иҷтимоӣ, арзишҳои фарҳангию миллӣ, худшиносӣ.


## НЕОБХОДИМОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОБУЧАЮЩИЕ МЕТОДЫ В ДЕЛЕ НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ И ПОДРОСТКОВ


В данной статье речь идет об необходимость использованиеобучающие методы в деле нравственное воспитания детей и подростков. Для использование обучающие методы в деле нравственого воспитания детей и подросток и вход преподавателей и воспитателей в дошкольное образовательная учреждения и начального

образовательная учреждения по етому вопросу нужно проводить: педагогические чтение, диспуты, семинари и тренинги. Также в каждом дошкольное образовательная учреждения и начального образовательная учреждения создавать специальное комиссия работи преподавателей и воспитателей, который обучает их работи и отличивших предоставлят к вознаграждение. Конечно, использование обучающие методы в деле нравственеого воспитания детей и подросток зависить от имеюшие мозможности обучаюших учреждения и подготовленности самого педагога. Под придлогом подготовленности самого педагога понимается вес професиональной качество педагога которые направлено для перестройки дейтельности педагога. Также, мощь потенсиала педагога в использование обучающие методы в деле нравственеого воспитания детей и подросток, вопросы, приложение, пути и способы решение проблемы обучение и выявление правильногого рационального итога из этого ситуатсия возникнет.

**Ключевые слова:** воспитания, обучать, обучения, подрастаюшие поколения, культура, ответственность, трудолюбия, национальное культурное ценности, самоозознание.

## THE NEED TO USE EDUCATIONAL METHODS IN THE MORAL EDUCATION OF CHILDREN AND ADOLESCENTS

This article we deals with the need of use of educational methods in the moral education of children and adolescents. For the use of educational methods in the moral education of children and adolescents and the entrance of teachers and educators to preschool educational institutions and primary educational institutions on this issue, it is necessary to conduct: pedagogical readings, debates, seminars and trainings. Also, in each preschool educational institution and primary educational institution, create a special commission for the work of teachers and educators who teach their work and honors to provide remuneration. Of course, the use of teaching methods in the moral education of children and adolescents depends on the capabilities of the educational institutions and the readiness of the teacher himself. Under the pretext of the readiness of the teacher himself, the weight of the professional quality of the teacher is understood, which is directed to the restructuring of the teacher's activities. Also, the power of the potential of the teacher in the use of teaching methods in the moral education of children and adolescents, questions, applications, ways and means of solving the problem of learning and identifying the correct rational outcome of this situation will arise.

**Keywords:** education, teach, training, younger generations, culture, responsibility, diligence, national cultural values, self-awareness.

## Дар бораи муаллиф

**Эшова Гулчехра Самадовна**
Унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 505 90 50

## Об авторе

**Эшова Гулчехра Самадовна**
Соискатель кафедры общей педагогики
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 505 90 50

## About the author

**Eshova Gulchehra Samadovna**
Researcher in General Pedagogy Department
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 505 90 50

УДК 37.018

# АҲДОФ ВА ВАЗИФАҲОИ ТАШКИЛИ ОИЛА ДАР ПАЖӮҲИШҲОИ ҶОМЕАШИНОХТИВУ ПЕДАГОГӢ

***Неъматов Р. Ҳ.***
*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон*
*дар ноҳияи Рашт*

Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ барандаи маҷмуи меъёрҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фарҳангиву миллии намунаи рафтор мебошад, ки муносибати байниҳамдигарии аъзоашро, ки берун аз ҳудуди оила нақшҳои гуногуни иҷтимоиро иҷро мекунанд, танзим месозад. Аксари муҳаққиқон (А. И. Антонов, Э. К. Василева, С. И. Голод, М. С. Матсковский, А. Г. Харчев ва диг.) муносибатҳои байни аъзои оиларо ба сабаби тақсими нақшҳо ва сохтори вазифавӣ-нақшии оила алоҳида таъкид сохта, оиларо дар асоси вазифаҳои оилавии аъзои он тасниф кардаанд. Агар вазифаҳои оиларо, пеш аз ҳама, мундариҷаи нақшҳои оилавӣ муайян кунад, пас сохтори нақш, дар навбати аввал, тавассути тақсими нақшҳо тавсиф карда мешавад, ки масъулияти ба дӯш доштаи ҳар кадом узви оила ва чигунагии принсипҳои муносибатҳоро дар бар мегирад.

Г.Г.Силласте се навъи муносибатро ба омӯзиши оила ҷудо мекунад: ҷомеашиносона, педагогӣ ва иқтисодӣ [9, с. 170-173]. Ба андешаи ин муҳаққиқ, муносибати ҷомеашинохтӣ, ки дар он оила ба ҳайси воҳиди иҷтимоии андозагирии хосият, вазъият ва таъсирот баромад менамояд, бунёдӣ ба шумор меравад. Хусусияти ин муносибат дар он аст, ки оила ба сифати воҳиди ягонаи иҷтимоие баррасӣ мешавад, ки барқароршавӣ ва инкишофи он дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва сиёсии фаъолияти ҳаётии ҷамъият идома ёфта, маҳз онҳо дар ниҳояти кор шароит, имконоти худшукуфоии шахсият, тарзи ҳаёти оила ва умуман ҷамъиятро муайян мекунанд.

Хусусияти хоси раҳёфти ҷомеашинохтӣ дар ҷараёни омӯзиши оила ба шароитҳои маҷмуӣ ва пайвандии ногусастании иҷтимоӣ алоқаманд буда, дар онҳо “тими оила” ва аъзоёни он ба камол мерасанд. Мураккабии омӯзиши ҷомеашинохтии оила бо он шарҳ дода мешавад, ки оила нисбат ба “респондент-шахсият” фарқкунанда буда, ҳамчун “респондент-гурӯҳ” ба шумор меравад, ки дорои хусусияти ба худ хос аст; дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва алоқамандии иҷтимоӣ ду нақшро иҷро менамояд: аз як тараф оила – ҳамчун гурӯҳ, аз тарафи дигар оила – ҳамчун институти иҷтимоии миллӣ.

Оила дар шароити ҳама гуна бӯҳронҳои муносибатӣ ва садамаҳои иҷтимоӣ дар қаринаи интитутҳои иҷтимоӣ бештар устувор боқӣ монда, нақши як навъ созмондиҳандаи ба ифоқа оварандаи шаклҳои сершумори таъсири байниҳамдигарии шахсият ва ҷамъият, танзимгари муносибатҳои байнишахсиятиро дар ҷамъият иҷро менамояд.

Масалан, аз нигоҳи Муҳаммад Ғаззолӣ яке аз аҳдофи издивоҷ ва ё барпо намудани оила ниёзи табиӣ инсон ба дӯстӣ, улфат, роҳат додану шод кардани нафс ва осоишу оромии дил маҳсуб меёбад. Яккаву танҳо зистану аз ин хушиҳои зиндагӣ баҳравар будан бисёр мушкил аст. Ба ин маънӣ, ҳар як инсон дар роҳи пурпечутоб ва пасту баланди зиндагӣ ба ҳамсафаре эҳтиёҷ дорад, ки ҳар лаҳза тайёр бошад худро нисори ӯ кунад ва ӯ низ худро аз вай дареғ надорад [1, с. 80].

Вазифаҳои оила дар эҳтиёҷоти моддию маънавӣ, ҷамъиятию хусусӣ, коллективии инфиродӣ, ахлоқию ҳуқуқӣ, биологию равонӣ, умумию маҳрамона ба ҳамдигар печидаанд [10, с. 38].

Муаллиф таҳти таъбири вазифаҳо ҳамон соҳаи фаъолияти ҳаётии оиларо дар назар дорад, ки бо қонеъ гардонидани талаботи муайяни аъзои он алоқаманд мебошанд. Чунончи, вазифаҳои оиларо баррасӣ намуда, аз моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд”, ки маҳз вазифаи умумии падару модар будани таълиму тарбияи фарзандро таъкид менамояд, мисол овардан бамаврид аст: “падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои баробар доранд” [4, с. 40].

Ҷомеашиноси амрикоӣ Т. Парсонс чунин меҳисобид, ки ҳамаи системаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила, аз маҷмуи чаҳор вазифаи асосӣ иборатанд:

- мутобиқат (adaptation). Ҳама гуна системаи иҷтимоӣ ба дигаргуниҳои чи ботинӣ ва чи тартиботи беруна мутобиқ мешаванд ва ё одат мекунад.

- дастёбӣ ба аҳдоф (goal attainment). Ин вазифа эҳтиёҷоти ҳамаи ҷомеаҳоро барои гузоштани мақсадҳо, ки фаъолияти иҷтимоӣ ба он равона шудааст, ифода мекунад;

- якпорчасозӣ (integration). Он ҳамаи ҷузъҳо ва вазифаҳои байни худ ва системаро ба ҳамдигарашон мепайвандад. Институти асосие, ки тавассути он чунин вазифа амалӣ мегардад, қонун аст. Тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ муносибатҳои байни шахсон ва муассисаҳо ба тартиб даровarda мешаванд, ки эҳтимолияти муноқишаро коҳиш медиҳад. Агар ихтилофе ба миён ояд, тавассути системаи ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад, ки бархӯрд парокандашавии системаи иҷтимоиро пешгирӣ мекунад.

- ҳифзи намуна (latency). Ин вазифа ҳифзу нигоҳдории арзишҳои асосии ҷомеаро дар бар мегирад [8, с. 14].

Бар пояи ин назария, бо вуҷуди тағйирёбандагии зуҳуроти иҷтимоӣ барои худмуҳофизатии оила ва суботи вуҷудӣ қобилияти маҳфуз доштан ва интиқоли намунаҳои рафтор, принсипҳои фарҳангӣ ва арзишҳо ногузир хоҳад буд. Чунин вазифаи системаи иҷтимоӣ оиларо барои интиқоли анъанаҳои фарҳангӣ, расму одот ва умуман ҳувияти миллӣ муваззаф месозад, то наслҳои оянда қудрати давом додани арзишҳои таърихии худро дошта бошад. Оила ҳамчун системаи иҷтимоӣ бояд чунон ташкил карда шавад, ки бо дигар системаҳои иҷтимоии бузургтар мутобиқ шуда тавонад. Дар умум, дар тарҳи таснифи Т. Парсонс ҷойи асосиро системаи авлод, назорати муносибатҳои сексуалӣ ва иҷтимоигароӣ гирифтаанд [8, с. 14].

Муаллифони гуногун вазифаҳои оиларо баршумурда, теъдоди онҳоро гуногун нишон медиҳанд, аз ҷумла вазифаҳои зерин дар пажуҳишоти густардаи ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ ба назар мерасанд:

1. Вазифаи шаҳвонӣ ё муҳаббатварзӣ: Ҷавҳари ҳама гуна муносибатҳое мебошад, ки дар оила ҳукмронанд. Ҳамин меҳру муҳаббат василаи аслии ба роҳ мондани муносибатҳои солими оилавӣ мебошад, ки аввал волидон ва баъд фарзандони онҳоро ба ҳам мепайвандад (Н.Е. Шуркова, Э.Г.Эйдемиллер, В.В. Юсгитскис);

2. Наслофаринӣ. Бозтавлиди (reproduction) ҳаёти нав, яъне бо таваллуди фарзанд идома бахшидани насли инсонӣ аз бунёдитарин аҳдоф ва вазоифи ҳар оила ба ҳисоб меравад (Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Х.Раҳимзода, А.Нуров, Н.Е. Шуркова, Л.Б. Шнайдер, И.В. Гребенников, А.Г. Харчев);

3. Хоҷагидориву иқтисодӣ. Оила дар истеҳсоли ҷамъиятии воситаҳои ҳаётан муҳим ширкат меварзад, дар оила қувваи дар истеҳсолот сарфшуда барқарор мегардад, оила фаъолияти хоҷагидории худро пеш мебарад, буҷаи худро дорад, фаъолияти истеъмолиро ба роҳ мемонад, худро бо воситаҳои моддӣ таъмин месозад (И.В.Гребенников, Э.Г. Эйдемиллер);

4. Таълимию тарбиявӣ (иҷтимоисозӣ). Ташаккул бахшидани шахсияти кӯдак, инкишоф додани қобилият ва истеъдодҳои ӯ, азхудкунии таҷрибаи ҳаётӣ, коркарди ҷаҳонбинӣ аз бахшҳои ин вазифа мебошанд. Маҳз аз муносибат ва фазои иҷтимоии оила иҷтимоишавӣ ва мутобиқати насли нав ба ҷомеа вобастагӣ дорад (Н. Е. Шуркова, Л. Б. Шнейдер, М. М.Плоткин, И. Гребенников, Э. Эйдемиллер, В.В. Юстискис, А.Г. Харчев, А.И. Антонов);

5. Муоширатӣ. Аввалин малакаҳои гуфтор ва муошырату суханвариро кӯдак маҳз дар оила азхуд мекунад. Кӯдак дар оила бо волидон муошират намуда, ба аввалин суолоти худ аз онҳо посух мегирад, ҷаҳонбинии худро тариқи муошират бо волидон шакл медиҳад. Муошырати волидон бо фарзандон барои инкишофи зеҳнӣ, эҳсосӣ ва иродавии онҳо аҳаммияти калон дорад. (М.М. Плоткин, Э.Г. Эйдемиллер, В.В. Юстискис).

6. Муносибати маънавӣ. Ин вазифаи оила рушди шахсиятии аъзои оила, рушди дунёи ботинӣ, муносибати маънавӣ, мабдаъи эҷодӣ, рушди виҷдон, шуури кӯдаконро амалӣ мегардонад. Муҳаққиқон, дар ин маврид ба зарурати дарки муҳиммияти ин вазифаи педагогии оила таъкид кардаанд (М.М. Плоткин, Э.Г.Эйдемиллер, В.В. Юстискис).

7. Фароғатӣ. Ташкили фароғату истироҳати аз назари арзишҳои инсонӣ қобили пазириш, назорати аз ҷиҳати педагогӣ асоснок дар соҳаи фароғат, истироҳат (Н.Е.Шуркова, Л.Б.Шнейдер, М.М.Плоткин, И.В.Гребенников, А.Г.Харчев, А.И.Антонов).

8. Рушди эҷодӣ. Оила барои рушди қувваҳои эҷодӣ ва қобилиятҳои инфиродӣ муҳити созгор бояд бошад, зеро дар оила инсон аз ҳама бештар озод аст ва бо меҳру муҳаббат ва дастгирӣ фаро гирифта шудааст. (Н.Е.Шуркова).

9. Эҳёкунандагӣ. Ин вазифа фароҳам сохтани шароит барои ба мерос бурдани мақом, насаб, моликият, вазъияти иҷтимоии волидон аз тарафи фарзандонро пешбинӣ мекунад (Л.Б.Шнайдер).

10. Отифӣ. Босуботии муҳити эҳсосӣ-ахлоқӣ дар оила, ҳамдилӣ, аз тарафи кӯдак гирифтани дастгирии равонию педагогӣ ва муҳофизат дар оиларо дар назар дорад. (М.М. Плоткин, Э.Г.Эйдемиллер, В.В. Юстискис).

11. Равондармонӣ. Ин вазифа ба аъзои оила имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти ҳамдардӣ, эҳтиром, эътироф, дастгирии эҳсосиву отифӣ, ҳифзи равониро қонеъ созанд. Оила метавонад ҳамчун иттифоқи равондармонӣ инкишоф ёбад. Дар чунин оила вазифаҳои асосӣ дастгирии ҳиссӣ, хушмуомилагӣ, ҳамдардӣ ва ҳамдилӣ хоҳанд буд (Л.Б. Шнайдер).

Аз таҳлили мантиқии ин вазифаҳо хулоса кардан мумкин аст, ки рӯихати ягонаи вазифаҳои асосии оила вуҷуд надорад, яъне муаллифони гуногун ин ё он маҷмуи вазифаҳо ва аҳдофро дар асоси диди ғоявии худашон пешниҳод мекунанд. А. В. Мудрик аз мавқеи таҳлили педагогӣ қайд менамояд, ки оила муҳимтарин омили иҷтимоигароии инсон буда, якчанд вазифаҳои асосии иҷтимоикунандаи оиларо муайян хоҳад кард. Муҳаққиқ вобаста ба ин нақши онҳоро бо вуҷуди дар раванди давраҳои алоҳидаи иҷтимоишавӣ гуногун буданашон дар тамоми ҷараёни роҳи ҳаётии инсон калидӣ медонад. Ӯ ба чунин вазоифи оила таъкид кардааст:

- таъминоти инкишофи ҷисмонӣ ва эҳсосотии инсон;
- ташаккули заминаи равонии инсон ва иҷтимоигароии ӯ;
- рушди ақлонии кӯдак;
- ташаккули арзишҳои бунёдии самтгириҳо дар соҳаҳои муносибатҳои байнишахсиятӣ ва байниқавмӣ;
- ноил гардидани инсон ба меъёрҳо ва услуби иҷрои нақшҳои оилавӣ;
- дастгирии иҷтимоию педагогии инсон [7, с. 153-161].

Ин вазифаҳои иҷтимоикунонии оила ба мисоли системаи мураккаби иҷтимоӣ, ҳамчун институти иҷтимоӣ ва гурӯҳи хурди иҷтимоӣ бо вазифаҳои умумипедагогии он мувофиқат хоҳанд кард.

Ба андешаи мо, таснифи вазифаҳои оила аз нуқтаи назари ҷамъият ва фард, М. С. Матсковский пешниҳод кардааст [6, с. 153-161], воқеияти ҷомеаҳои имрӯза ва институти оиларо дар онҳоро равшантар инъикос мекунад. Ин таснифи муҳаққиқ, бо андаке такмил ва дақиқсозӣ дар ҷадвали поёнӣ оварда шудааст:

***Таснифи вазифаҳои оила***

| **Соҳаҳои фаъолияти оилавӣ** | **Вазифаҳои ҷамъиятӣ** | **Вазифаҳои инфиродӣ** |
|---|---|---|
| Наслофаринӣ | Бозтавлиди биологии инсон | Таъмини эҳтиёҷи отифӣ ба фарзанд. |
| Тарбиявӣ | Иҷтимоисозии фарзандон. Нигоҳ доштани иттисоли фарҳангии ҷамъият | Таъмин намудани эҳтиёҷот ғаризаи биологии падар ё модар будан, тарбияи фарзандон, таҳаққуқ бахшидан ба тавонмандиҳои шахсияти кӯдакон |
| Фаъолияти хоҷагиву маишӣ | Маҳфуз доштани солимии ҷисмонии аъзои ҷамъият, парастории фарзандон | Баҳрабардорӣ аз хадамоти хоҷагиву маишии аъзои як оила аз аъзои оилаи дигар. |
| Иқтисодӣ | Дастгириву пуштибонии иқтисодии аъзои ноболиғ ва ё имконоташон маҳдуд | Дарёфти воситаҳои моддӣ аз ҷониби ягон узви оила бар ивази ягон хидмат ва ё ҳамчун кӯмак |
| Соҳаи назорати ибтидоии иҷтимоӣ | Танзими ахлоқии рафтори аъзои оила дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ, инчунин масъулият ва уҳдадорӣ нисбат ба муносибатҳои | Ташаккул ва риояи чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ барои рафтори номатлуб ва вайрон намудани меъёрҳои муносибати байниҳамдигарии аъзои оила |

| | | |
|---|---|---|
| | байни ҳамсарон, волидон ва фарзандон, намояндагони наслҳои калон ва миёнасол | |
| Соҳаи муошírати маънавӣ | Рушд бахшидани шахсияти аъзои оила | равобити маънавии аъзои оила ба хотири баланд бурдани маънавиёти ҳамдигар. Таҳким бахшидани асосҳои дӯстии ақди никоҳ |
| Фаъолияти иҷтимоиву мавқеиятӣ | Ба аъзои оила бахшидани макоми муайяни иҷтимоӣ. Бозтавлиди сохтори иҷтимоӣ | Таъмин намудани эҳтиёҷот ба пешравии иҷтимоӣ |
| Фароғатию истироҳатӣ | Ташкили фароғату истироҳати оқилона. Назорати иҷтимоӣ аз болои фароғату истироҳат | Таъмин намудани эҳтиёҷот ҷиҳати якҷоя гузаронидани фароғату истироҳат, ғанисозии мутақобили манфиатҳои истироҳатӣ |
| Эҳсосотӣ | Суботи эҳсосотии фардҳои оила ва равондармонии онҳо | Аз ҷониби фардҳо гирифтани амнияти равонӣ, дастгирии эҳсосотӣ дар оила. Қонеъ гардонидани эҳтиёҷот нисбат ба саодати шахсӣ ва муҳаббат |
| Шаҳвонӣ | Суботи муносибатҳои шаҳвонӣ | Қонеъ гардонидани талаботи сексуалӣ. |

Ба андешаи мо, маҳз таҳлили ҳамаҷонибаи навъ ва вазифаҳои оила имконият медиҳад, ки дар хусуси он ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-педагогӣ андеша намоем.

Ба фикри Ю. Г. Королева тафсири педагогии оила ҳамчун арзиш, аз як тараф, ошкор сохтани имконияҳои тарбиявӣ ва рушдбахшандаи тарзи зиндагиии оилавӣ, анъанаҳои оилавӣ, шаклҳои фаъолияти ҳаётии ҳозиразамонро пешбинӣ кунад, аз тарафи дигар, он ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки ҳарҷӣ бештар ҷалб намудани ҷавонон ба арзишҳои фарҳангиву таърихии оила мебошад [3, с. 10].

Оила дар ҷамъият якчанд вазифаро ба иҷро мерасонад: бозтавлиди биологии аъзои ҷамъият, иҷтимоисозии насли ҷавон, нигоҳ доштани саломатии ҷисмонии аъзои ҷамъият, дастгирии иқтисодии аъзои корношоями ҷамъият, ташкили фароғату истироҳати оқилона, назорати иҷтимоӣ дар соҳаи истироҳату фароғат, назорати сексуалӣ, танзими ахлоқии рафтори аъзои оила дар соҳаҳои гуногун, масъулият ва ӯҳдадориҳои падару модарон назди фарзандон.

Оила ба ҷуз манфиат расонидан ба ҷамъият ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ боз вазифаи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти инфиродии инсонро ба ӯҳда дорад: қонеъгардонӣ ба эҳтиёҷ нисбат ба фарзанд; қонеъ намудани талаботи ғаризаи падариву модарӣ; гирифтани хидматрасониҳои хоҷагиву маишӣ аз тарафи аъзои дигар; гирифтани воситаҳои моддӣ аз ҷониби зумрае аъзо аз дигарон; ташаккул бахшидан ва нигоҳ доштани чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва ахлоқии меъёрҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои оилавӣ; ғанигардонии маънавиёти аъзои оила; қонеъ гардонидани талабот ба пешравии иҷтимоӣ; қонеъ сохтани талабот ҷиҳати якҷоя гузаронидани фароғату истироҳат; дастгирии эҳсосотӣ дар оила; қонеъ гардонидани талаботи шаҳвонӣ.

Оила дорои аломатҳои махсуси зерин мебошад.

- доштани самти мусбати эҳсосотии муносибатҳои байнишахсиятии ҳамаи аъзои оила;
- ҳамбастагию якдилии умумияти оилавӣ, ягонагии ҳадаф ва вазифаҳои он;
- гуногунии ҷамъияти оила аз рӯи ҷинс, синну сол, хусусиятҳои инфиродӣ, шавқу рағбати касбӣ, мақоми иҷтимоӣ;
- робитаҳои доимии саривақтӣ ва бевоситаи дохилиоилавии «рӯ ба рӯ»-и ҳамсарон, волидон ва фарзандон;
- қобилияти инкишоф бахшидани фардияти шахсии кӯдак ва ба ин восита дар ниҳоди ӯ тарбия намудани маҳоратҳои мухталиф, дуруст дарк кардан ва пазируфтани шахсияти аъзои оила, зоҳир намудани махсусият, қобилият, завқу рағбат ва талаботи инфиродии худ; маҳорати таъсири байниҳамдигарӣ бо одамони дигар дар вазъитҳои воқеӣ; қобилияти ғамхорӣ намудан, ғамшарикӣ бо дигарон, мададгорӣ ба атрофиён; талаботи дӯст доштани одамони наздик ва бовар кардан ба онҳо; эътимод ба муфид будани мавҷудияти хеш, боварӣ ба он ки дигарон дӯсташ медоранд [5, с. 443].

Оила ҳамчун ҷомеаи тарбиявӣ барномаи зерини арзиширо амалӣ мегардонад:

- тарбия намудани шаҳрванд дар асоси анъанаҳои оилавӣ, таҷрибаи наслҳои калонсол, муҳаббат ба табиат ва Ватан ҳамчун ибтидои тарбияи арзишдовари шаҳрвандӣ;

- тарбияи шахси меҳнатдӯст дар асоси корҳои натиҷаи якҷоя, уҳдадориҳои оилавӣ, ҳамкорӣ, ҳамшарикӣ дар фаъолиятҳои эҷодӣ. Маҳз оила нахустин маҳорату малакаҳои меҳнатиро ташаккул бахшида, дар ниҳоди бачагон руҳияи эҳтиёткорӣ, азхудкунии фарҳанги меҳнатиро ба вуҷуд меоварад, поквиҷдонӣ, меҳнатдӯстӣ ва масъулиятшиносиро меомӯзонад. Оила дар тӯли ҳаёт, ҳангоми дурусту оқилона ташкил гардиданаш, ҳамчун ташкилотчии тарбияи самарабахши меҳнатӣ хоҳад буд;

- тарбия намудани шахсиятҳои солим, падару модарони оянда;

- таъмин намудани саломатӣ ва фазои муносиби рушди кӯдак, ки бидуни инҳо инкишофи муътадили равонии кӯдак, ояндаи қобилияти меҳнатии ӯ ва саодати оилавиаш кафолат дода намешавад [2, с. 70].

Ҳамин тавр, оила ҳамон бунёди ҷомеа ва зермуҳитест, ки фазои он рушди маънавиву ҷизмонии инсон, ҳамчун узви тамомъиёри ҷомеа шудани ӯро ё тақвият мебахшад ва ё бозмедорад. моҳияти оила пеш аз ҳама, дар вазифаҳо, сохтор ва рафтори нақши аъзои он ифода меёбад. Маҳз дар оила пояҳои ахлоқие гузошта мешаванд, ки ба рушди шахсият мусоидат мекунанд. Ҷамъият ба оилаи мустаҳкам, аз ҷиҳати маънавӣ ва ахлоқӣ солим манфиатдор аст. Ҷӣ тавре ки ҷомеа ба оила таъсир расонида, навъи муайяни онро ба вуҷуд меорад, оила низ ба рушд ва тарзи ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад. Оила дар тавсеаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, дар тарбияи насли наврас, дар расидани ҳар як инсон ба саодату хушбахтӣ нақши муҳим дорад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот маълум гардид, ки дар назария ва амалияи равоншиносӣ-педагогӣ масъалаи ба таври возеҳ ҷудосозии вазифаҳои аъзои оила дар расидан ба аҳдофи оилавӣ инъикоси кофӣ пайдо кардааст. Муайян карда шуд, ки ҳар як вазифаи оила бо кӯмаки нақшҳои мушаххаси оилавӣ, яъне шакли рафтори аъзои оила ҳангоми иҷрои вазифаҳои оилавӣ ё амалҳое, ки зану шавҳар дар муносибатҳои оилавӣ аз ҳамдигар интизоранд, амалӣ мегардад. Аз баррасии вазифаҳои аъзои оила бармеояд, ки муҳимтарин намунаҳои рафтори ҳамсар барои татбиқи вазифаи зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии оила машваратчӣ, ҳамфикр, ҳамсуҳбат, раҳнамо, шунаванда, тарбиятгар, ҳамсафар, коршинос будани онҳо барои якдигар мебошад. Умуман, ин натиҷаҳо метавонанд ба тавсеаи назарраси ғояҳои шарикони издивоҷ ва фарзандони онҳо дар бораи рӯйхати нақшҳои оилавӣ дар соҳаҳои мушаххаси масъулияти онҳо мусоидат кунанд. Бо назардошти хатар доштани шаклҳои вайронкунандаи рафтори аъзои оила ба муносибатҳои мутаносиби оилавӣ, усулҳои ташхиси равоншиносонаи нақшҳои патологии оилавӣ ва роҳҳои ислоҳи равонии онҳо омӯзиши минбаъдаро тақозо мекунанд.

### ***Адабиёт***


1. *Алиев М. Андешаҳои тарбиявии Имом Муҳаммад Ғазолӣ [Матн] / М. Алиев. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 116 с.*
2. *Кваша Б.Ф., Спицнадель В.Б., Минко Н.И. Ценностные основы семьи: Монография [Текст] / Б.Ф. Кваша, В.Б. Спицнадель, Н.И. Минко. – СПб: СПбЮИ МВД РФ, ГУВД СПб и Лен. обл., АНИЦ, 1997. - 168 с.*
3. *Королева Ю.Г. Актуализация ценностей семьи в жизненных планах студентов колледжа [Текст]: дис. канд. пед. наук / Ю.Г. Королева. – Великий Новгород, 2008. – 200 с.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд” [Матн]. – Душанбе, 2011. – 40 с.*
5. *Маджидов Р.М. Особенности формирование научно-атеистических мировоззрений женщин [Текст] / Маджидов Р.М. – Душанбе, 1977. – 180 с.*
6. *Мацковский М.С. Социология семьи: проблемы теории, методологии и методики [Текст] / М.С. Мацковский. - М.: Наука, 1989. – 116 с.*
7. *Мудрик А.В. Вызовы глобального кризиса и новые проблемы социализации подростков // Библиотека и чтение в структуре современного образования: материалы межрегиональной научной конференции [Текст] / А.В. Мудрик. – М: Наука, 2009. – С. 128 – 133.*
8. *Парсонс Г.Л. Человек в современном мире [Текст] / Пер. с англ., под ред. В.А. Кувакина. – М.: Прогресс, 1985. – 429 с.*
9. *Силласте Г.Г. Сельская школа и село России в начале 21 века: Монография [Текст] / под ред. Ю. В. Борисова. – М.: Центр образовательной литературы, 2003. – 502 с.*

10. *Уварова Н.Н. Формирование ценностного отношения студентов к институту семьи [Текст]: дис. канд. пед. наук / Н.Н.Уварова. – Ставрополь, 2006. - 232 с.*
11. *Харчев А.Г. Брак и семья в СССР. Опыт социологического исследования [Текст] / А.Г. Харчев. - М: Мысль, 1979. – 367 с.*
12. *Шарипов А.А. Асосҳои педагогии ҳамгироии донишҳои ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити мактаб ва оила [Матн]: Автореф. дис. ном. илм. пед. / А.А. Шарипов. – Душанбе, 2019. – 47 с.*
13. *Шнейдер Т.Б. Психология семейных отношений. Курс лекций [Текст] / Т.Б. Шнейдер. – М.: ЭКСМО-Пресс, 2000. – 512 с.*

## АҲДОФ ВА ВАЗИФАҲОИ ТАШКИЛИ ОИЛА ДАР ПАЖӮҲИШҲОИ ҶОМЕАШИНОХТИВУ ПЕДАГОГӢ

Дар мақолаи ҳозир муаллиф кӯшидааст, ки назариёти пазируфташудаи муҳаққиқони улуми педагогӣ, равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ дар мавриди аҳдоф ва вазоифи ташкили оиларо баррасӣ намуда, нукоти воҳид ва ҳамчунин назарҳои муқобилро пайдо намояд. Омӯзиши ин мавзуъ нишон медиҳад, ки дар умум ихтилофи ҷидди назар ва дидгоҳҳои зиддиятнок дар мавриди аҳдоф ва вазоифи оила миёни муҳаққиқон дида намешавад, балки назариёти онҳо ҳамдигарро пурра намуда, дар якҷоягӣ тасвири комили ин масъаларо рӯйи кор меоранд. Натиҷаи ин омӯзиш нишон дод, ки аҳдоф ва вазоифи оила ба шакли зер аст: бозтавлиди биологии аъзои ҷамъият, иҷтимоисозии насли ҷавон, нигоҳ доштани саломатии ҷисмонии аъзои ҷамъият, дастгирии иқтисодии аъзои корношоями ҷамъият, ташкили фароғату истироҳати оқилона, назорати иҷтимоӣ дар соҳаи истироҳату фароғат, назорати сексуалӣ, танзими ахлоқии рафтори аъзои оила дар соҳаҳои гуногун, масъулият ва ухдадориҳои падару модарон назди фарзандон. Муайян карда шуд, ки ҳар як вазифаи оила бо кӯмаки нақшҳои мушаххаси оилавӣ, яъне шакли рафтори аъзои оила ҳангоми иҷрои вазифаҳои оилавӣ ё амалҳое, ки зану шавҳар дар муносибатҳои оилавӣ аз ҳамдигар интизоранд, амалӣ мегардад. Аз баррасии вазифаҳои аъзои оила бармеояд, ки муҳимтарин намунаҳои рафтори ҳамсар барои татбиқи вазифаи зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии оила машваратчӣ, ҳамфикр, ҳамсуҳбат, раҳнамо, шунаванда, тарбиятгар, ҳамсафар, коршинос будани онҳо барои якдигар мебошад.

**Калидвожаҳо:** оила, вазифаҳои оила, аҳдофи оила, ташкили оила, институти иҷтимоӣ, ҷомеа, волидайн, фарзанд.

## ЦЕЛИ И ФУНКЦИИ ФОРМИРОВАНИИ СЕМЬИ В СОЦИОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ

В настоящей статье автор попытался обобщить общепринятые взгляды исследователей педагогики, психологии и социологии на цели и функции формировании семьи, рассмотреть как их общие, так и противоположные точки зрения. Изучение данной проблемы показывает, что в целом среди исследователей нет серьезных разногласий и противоречивых взглядов на цели и функции семьи, более того, их взгляды дополняют друг друга и вместе создают целостную картину данного вопроса. Результаты данного исследования показали, что целями и обязанностями семьи являются: биологическое воспроизводство членов общества, социализация подрастающего поколения, поддержание физического здоровья членов общества, экономическая поддержка нетрудоспособных, организация и социальный контроль в сфере отдыха и досуга, сексуальный контакт, нравственная регуляция поведения членов семьи в различных сферах жизни. Определено, что каждая функция семьи реализуется с помощью определенных семейных ролей, то есть поведения членов семьи во время выполнения семейных функций или действий, которых муж и жена ожидают друг от друга в семейных отношениях. Из рассмотрения обязанностей членов семьи видно, что наиболее важными примерами поведения супругов для реализации интеллектуальной задачи и мировоззрения семьи являются то, что они являются советчиками, единомышленниками, собеседниками, наставниками, слушателями, педагогами, компаньонами и экспертами друг для друга.

**Ключевые слова:** семья, функции семьи, цели семьи, формирования семьи, социальный институт, общество, родители, дети.

## GOALS AND FUNCTIONS OF FAMILY FORMATION IN SOCIO-PEDAGOGICAL RESEARCH

In this article, the author tried to summarize the generally accepted views of researchers in pedagogy, psychology and sociology on the goals and functions of family formation, to consider both their common and opposite points of view. The study of this problem shows that, in general, among researchers there are no serious disagreements and conflicting views on the goals and functions of the family, moreover, their views complement each other and together create a holistic picture of this issue. The results of this study showed that the goals and responsibilities of the family are biological reproduction of members of society, socialization of the younger generation, maintenance of the physical health of members of society, economic support for the disabled, organization and social control in the field of

recreation and leisure, sexual contact, moral regulation of the behavior of family members in different areas of life. It is determined that each function of the family is implemented through certain family roles, that is, the behavior of family members during the performance of family functions or actions that husband, and wife expect from each other in family relations. From a consideration of the duties of family members, the most important examples of the behavior of spouses for the realization of the intellectual task and worldview of the family are that they are advisers, like-minded people, interlocutors, mentors, listeners, teachers, companions, and experts for each other.
**Keywords:** family, family functions, family purposes, family formation, social institution, society, parents, children.

## Дар бораи муаллиф

**Неъматов Рамазон Ҳуснидинович**
Муаллими калони кафедраи психология
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт
735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рашт, к. Э. Муҳидинов
Тел.: (+992) 93 591 91 44
E-mail: nematov-ramazon@mail.ru

## Об авторе

**Неъматов Рамазон Хуснидинович**
Старший преподаватель кафедры психологии
Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе
735450, Республика Таджикистан, р. Рашт, ул. Э. Мухидинов
Тел.: (+992) 93 591 91 44
E-mail: nematov-ramazon@mail.ru

## About the author

**Nematov Ramazon Husniddinovich**
Senior Teacher in the Department of Psychology
Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht region
735450, Republic of Tajikistan, Rasht district,  E. Mukhidinov St.
Ph.: (+992) 93 591 91 44
E-mail: nematov-ramazon@mail.ru

ТДУ 159.9(075.8)

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ – ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

***Акрамова М. Ҳ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар раванди ҷаҳонишавӣ вобаста ба пешрафти ҷамъият талабот ба касбу ҳунарҳо тағйир меёбад ва ин муносибати навро ба таҳсилот талаб мекунад. Тақозои ҷомеаи муосир низ дар он аст, ки мутахассисони ояндаро дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ бо донишҳои амиқи педагогию психологӣ тавассути истифодаи технологияҳои гуногуну муосири педагогӣ ва истифодаи методҳои мухталифи фаъоли таълим дар ҷараёни фъолиятҳои таълимӣ дар сатҳи баланди касбӣ мутобиқ ба талаботи ҷаҳони муосир омода намудан зарур аст.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҷомеа маҳсуб гардидааст: “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем, зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромию сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама рушди давлат сахт халалдор мегардад” [10].

Дар ҳақиқат пешравии ҳар як ҷомеаи пешрафта аз омӯзгорони соҳибзавқу кордон, донишманд ва лаёқатманди ҳамон ҷомеа вобастагӣ дорад. Беҳуда маорифро сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ қайд накардаанд. Тақозои талаботи замони муосир низ дар он аст, ки мутахассисони варзидаи босаводу маърифатнокро дар тамоми соҳаҳои мухталифи мамлакат тибқи талаботи бозори меҳнат омода намудан вазифаи асосии соҳаи маориф ба шумор меравад.

Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки муаллимон аз давраи хурдсолӣ метавонад, ба бунёди пойдевори ҷаҳонбинии илмии шогирдон ҳиссаи арзанда гузошта, ба ақида, эътиқод, шуур, характер, ахлоқ ва рафтору одоби онҳо таъсири мусбат расонанд. Ташаккули асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ, донишгирии шуурона, пайдоиши сифатҳои ахлоқи ҳамида, фаъолиятнокии гуногунҷабҳа, устувор будан дар ақидаи худ, ҳақиқатпарасту росткор будан ва дигар сифатҳои неки инсониро дар бачагон ба вуҷуд оваранд. Бавуҷудоварандаи ҳамаи ин он шахсияте, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси худ, авҷу оташи эҷодӣ, дӯстдори шахсияти шогирдон ва ҷидди будан нисбати кори пуршарафу душвори барои ҷомеа зарур, омӯзгори асил буда метавонад. Дар ин маврид шоир Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф хеле хуб гуфтааст, «Дар дарун оташ набошад, шуъла кай берун занад».

Донишмандию хирадмандӣ, қобилияти касбию маҳорати педагогӣ дониши ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Навгониҳои илмӣ, техникаю технология ва усулҳои фаъоли муосири таълим, омӯхтани забонҳои хориҷӣ ва дар баробари он аз мероси бойи ниёгон, андӯхтани таҷрибаи устодони беҳтарин ба саъю кӯшиши ҳар омӯзгор вобаста аст.

Технологикунонии омӯзиш яке аз самтҳои илми педагогика буда, қонуният, принсип, восита ва роҳҳои самараноки ноилшавӣ ба мақсадҳои таълимиро таввассути ба роҳ мондани муносибати технологӣ дар раванди таълим ва инкишофи маърифатии хонандагонро кашф ва таҳқиқ мекунад.

Дар адабиётҳои педагогӣ мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш» вомехӯранд. Онҳо ба мисли мафҳумҳои педагогика, таълим ва омӯзиш ба ҳам тавъаманд. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мафҳуми «технология»-ро ҳамчун санъати тадрис, таълим маънидод кардан бамаврид аст. Бисёр луғатҳои дузабон низ «технология»-ро ҳамчун маҷмуи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона иҷро кардани коре шарҳ медиҳанд. Метод бошад, маркази раванди таълим мебошад.

Технологияи педагогӣ гуфта, маҷмуи муносибатҳои психологӣ ва педагогиеро меноманд, ки ҷобаҷогузории махсуси шакл, метод ва воситаҳои таълимиро муайян мекунанд ва инчунин роҳҳои ташкилӣ ва методии ҷараёни педагогиро мефаҳмонад.

Дар замони имрӯза технология ва муносибатҳои нав ба таълим хеле зиёд ба назар мерасанд ва истифодаи бомавриди онҳо ба он боис мегардад, ки ваҷҳҳои таълимиро бедор намуда, шавқу ҳаваси донишомӯзии донишҷӯёнро зиёд гардонад ва муҳаббати касбӣ омӯзгориро дар қалби онҳо ҷой диҳад.

Перомуни ин масъалаи муҳим олимони соҳаи педагогика ва психология собит месозанд, ки истифодаи воситаҳо ва усулҳои гуногуни педагогӣ дар раванди таълим ба инкишофи психикии донишҷӯён таъсири мусбӣ расонида, раванди донишгири онҳоро осон гардонад.

Д.Б.Элконин оид ба фаъолияти таълимӣ чунин қайд кардааст, ки дар раванди таълим муносибати байниҳамии донишҷӯю муаллим барқарор карда шуда, онҳо соҳиби дониш ва малака мегарданд [8, с. 120].

Раванди фаъолияти таълимиро бо истифодаи усулҳои муосиру гуногуни педагогӣ ташкил намудан имконияти хубест барои фаъологардонӣ ва аз рӯи хоҳиш мустақилона иҷро намудани супоришҳои таълимӣ, ки минбаъд доничӯёнро ба он водор месозад, ки соҳиби донишҳои илмӣ гашта, ҷаҳонбиниашон васеъ гардад ва дар рафтори онҳо сифатҳои ахлоқи ҳамида, фаъолиятнокии гуногунҷабҳа, устувор будан дар ақидаи худ, ҳақиқатпарасту росткор будан ва дигар сифатҳои неки инсониро аз худ кунанд ва минбаъд дар шогирдони худ ин сифатҳоро талқин намуда тавонанд. Фаъолияти таълимӣ, яъне азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳо кори басо мушкил буда, дар баробари ин нозукиҳои зиёде дорад, ки омӯзгорони оянда бояд аз онҳо бохабар бошанд. Донишҷӯён дар раванди фаъолияти таълимӣ тавассути амалҳои фикрӣ, мушоҳидакорӣ, қобилияти дарккунӣ соҳиби дониш, маҳорату малакаҳои касбӣ мешаванд. Ҳоло таҳқиқотҳои зиёди илмӣ гузаронида шуда истодаанд, то ки усулҳои навини фаъолияти таълимӣ муайян карда шаванд ва ҳамаи донишҷӯён бо осонӣ маводи таълимиро аз худ намуда донишҳои касбӣ гиранд.

Бинобар ҳамин қайд кардан ба маврид аст, ки беҳтар намудани тайёрии касбии мутахассисони оянда, аз талаботи муҳими таълим дар мактабҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста мебошад, ки ин омодагии ҳамаҷонибаи омӯзгоронро талаб менамояд. Аз ин ҷиҳат хусусиятҳои психологии истифодаи технологияҳои педагогиро ба инобат гирифта фаъолияташонро дуруст ба роҳ монда тавонанд. Дар замони ҳозира технологияҳои педагогӣ хело зиёданд, бомаврид ва мақсаднок истифода намудани он ҷараёни омӯзишро равшан мегардонад.

Омилҳои зерин ба технологияҳои муосири педагогӣ мусоидат мекунанд:

– аз рӯйи манбаи пайдоиш (дар асоси таҷрибаи педагогӣ ё консепсияҳои илмии психологию педагогӣ);

– аз рӯйи мақсад ва вазифаҳо (азхудкунӣ ва таҳкими дониш, таҳсил ва инкишофи сифатҳои фикрии шахсӣ);

– аз рӯйи имкониятҳои воситаҳои педагогӣ;

– аз рӯйи вазифаҳои муаллим, ки бо ёрии технология иҷро карда мешаванд (вазифаҳои ташхисӣ, вазифаҳои идоракунии низоъҳо);

– аз рӯйи он, ки ба кадом тарафи протсесси педагогӣ технологияи мушаххас "хизмат мекунад" ва ғайра.

Ҳар як технология ба ин ё он тарз ба татбиқи идеяҳо, муқарраротт, назарияҳои илмӣ дар амал равона карда мешавад. Аз ин рӯ, технологияи педагогӣ байни илм ва амалия мавқеи миёнаро ишғол мекунад.

Технологияи педагогӣ системаи пайдарпайи амали муаллим мебошад, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронида шудааст.

Дар илми психологияи омӯзгорӣ «Консепсияи фаъолияти таълимӣ» аз назарияҳое ба шумор меравад, ки раванди таълим бо мақсади инкишофдиҳии психика хидмат мекунад. Он дар асоси принсипи ягонагии инкишофи психика ва фаъолият (Рубинштейн С.Л; Леонтев А.Н.) назарияи инкишофи зина ба зинаи фаъолияти фикрӣ (П.Я.Галперин) амал менамояд.

Ба ақидаи онҳо дар раванди таълимдиҳӣ иҷрои ду вазифаи асосӣ муҳим мебошад: таъмин намудани раванди дарккунӣ ва инкишофи психикӣ. Оид ба ҳалли ин назария

психологи машҳури рус Л.С.Виготский «алоқамандии таълим ва инкишоф» - ро муайян намудааст [2, с. 63].

Тибқи талаботи «Консепсияи фаъолияти таълимӣ»-и Д.Б. Элконин ва В.В.Давидов, хонандагон ҳамчун субъекти дарккунанда бояд чунин қобилиятҳоро дошта бошанд:

-фаҳмида тавонистани мафҳумҳои илмие, ки дар шакли назариявӣ омӯзонида мешаванд;

-дар фаъолияти худ истифода намудани мафҳумҳои мантиқии илмӣ;

-амали абстрактиро ба конкретӣ мубаддал намудан.

Ба ибораи дигар, субъективияти донишҷӯ ба қобилияти дарккунии мазмун, роҳ ва усулҳои назариявии дарккунӣ вобаста мебошад [4, с. 98-100].

Донишҷӯён дар консепсияи фаъолияти таълимӣ ҳамчун субъекти даркунанда баромад мекунад. Худи раванди таълим бошад, ҳамчун инкишофи қобилияти маърифатӣ ва бавуҷудоварандаи навгониҳои асосии инкишофи психикӣ фаҳмида мешавад.

Фанҳои таълимӣ на танҳо омӯзонидани системаи донишҳоро дар бар мегиранд, балки ташкилкунандаи махсуси дарки хусусиятҳои алоқаи байни ашёҳо, шароитҳо ва тағйиротҳои бавуҷудояндаи онҳо мебошад. Дар ин ҷода фаъолии субъективии донишҷӯ тавассути ташкили фаъолияти маърифатӣ ба роҳ монда мешавад. Сарчашмаи асосии барқароршавӣ ва инкишофи фаъолии маърифатӣ худи донишҷӯ набуда, балки таълими ташкилкардашуда мебошад. Чӣ қадаре, ки шароити мусоиди таълимӣ фароҳам оварда шавад, ҳамон қадар сатҳи донишгирии хонанда инкишоф меёбад.

Дар технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда донишомӯз ба услуби таълимии омӯзгор худро мутобиқ намекунад, балки омӯзгор усул ва воситаҳои гуногуни таълимро ба услуби омӯзишии донишомӯзон мутобиқ мегардонад.

Тафовути асосии дарсҳое, ки дар асоси технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда татбиқ мешаванд аз дарсҳои анъанавӣ дар муносибати “омӯзгор донишомӯз” аст. Омӯзгор аз услуби “фармондадиҳӣ” ба услуби “ҳамкорӣ” мегузарад ва диққати асосиро на ба таҳлили натиҷаҳо, балки ба фаъолияти маърифатӣ равона мекунад. Мавқеи донишҷӯ низ тағйир меёбад, донишҷӯ аз иҷрокунандаи боғайрат ба эҷодкори фаъол табдил меёбад. Акнун тамоми фикри ӯ ба натиҷаи худ равона мегардад.

Ҳадафи технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда инкишоф додани қобилиятҳои коммуникативӣ, нутқӣ ва фардӣ-маърифатӣ дар асоси таҷрибаи ҳаётии донишҷӯ (на қобилиятҳои пешакӣ муайяншуда) мебошад. Бояд қайд кард, ки фаъолияти таълимӣ набояд ягон малакаро ба таври “маҷбурӣ” ташаккул диҳад, балки барои ворид шудани донишҷӯ ба фаъолиятҳои табиии таълимӣ шароит фароҳам оварда, барои ташаккули шахсияти ӯ вазъияти мувофиқ муҳайё созад. Мундариҷа, усулҳо ва воситаҳои технологияи таълими ба ташаккули шахсият нигаронидашуда ба кашф ва истифодаи таҷрибаи субъективии ҳар як донишҷӯ равона шуда, тавассути ташкили фаъолияти маърифатӣ шахсияти ӯро инкишоф медиҳад.

Технологияҳои муосири педагогӣ чунин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд:

- Технологияҳои таълимии коммуникативӣ - ташаккули қобилияти донишҷӯён дар асоси ҳамкории ба шахс нигаронидашуда.
- Технологияҳои таълими проблемавӣ - ҷустуҷӯи технологияи фаъоли таълим мебошад, ки дар ҳалли ҳама гуна вазифа ё мушкилот имконият дорад.
- Таҳлили ҳолатҳои мушаххас ва моделсозии технологияҳои таълимие мебошанд, ки ба бозӣ ё таҳлили ҳолатҳое асос ёфтаанд, ки дар фаъолияти касбӣ бештар маъмуланд.

Қобилиятҳои коммуникативӣ аз маҳорату малакаи муошират намудан, пайдо намудани муносибати мувофиқ ба дониш, барқарор намудани робитаи дуҷониба, риояи одоби педагогӣ ва ғайраҳо мебошад, ки ба ин васила мубодилаи ахбору афкор ба амал меояд. Омӯзгор дар раванди барқарор намудани муносибати байниҳамдигарӣ бояд хусусиятҳои синнусолӣ, фардӣ-психологии донишҷӯён, мизоҷ, характер, қобилият, шавқу ҳавас, талабот ва ғайраҳоро ба инобат гирад. Дар амалӣ гаштани талабот ба ҳамкориҳои тарафайн сифатҳои нутқи муаллим ба иҷрои вазифаҳои педагогӣ алоқаманд аст. Яке аз технологияҳои асосии педагогии таъсиррасонӣ нутқи муаллим ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии нутқи муаллим аз он иборат мебошад, ки на танҳо маълумотҳои илмии пурарзишро пешниҳод кардан аст,

балки озоду фаҳмо, ҳамкории байни нутқи муаллим ва донишҷӯёнро бунёд намуда, бо фаҳмидагирӣ ва дар хотир нигоҳдории донишҳо мусоидат намудан аст.

Нутқи муаллим метавонад сода, фаҳмо шавқовар гуногун, яъне вобаста ба характери мавзуъ, суръат, лаҳн ва ифоданокии худ фарқ кунад. Вазифаҳои педагогии нутқи муаллим барои баён кардани маводи нав, қобилияти на танҳо додани дониш, балки дар онҳо ташаккули сифатҳои касбию шахсиятии арзишманд, таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёти донишҷӯён, водор кардани онҳо ба фикр кардан ва рафтору кирдор мебошад.

Хулоса, маҳз касби омӯзгорӣ нисбати дигар касбҳо касби душвор ва пурифтихор буда, аз омӯзгор пеш аз ҳама сабру таҳаммул, идора карда тавонистани ҳолати рӯҳӣ, ҳиссиёт ва эмотсияҳои манфии худро талаб менамояди Инчунин мизоҷу характери хонандагонро омӯхтан, мувофиқи табиаташон тарзҳои муошират ва муомиларо истифода бурдан, муносибати инфиродиро дуруст ба роҳ монда тавониста, техника ва санъати хосро талаб мекунад.

Бо ифтихор гуфта метавонем, ки дар омода намудани кадрҳои соҳибтахассус тибқи талаботи замони муосири соҳаи омӯзгорӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот Донишгоҳи Давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ саҳми бениҳоят арзанда дорад. Дастпарварони донишгоҳи омӯзгорӣ дар тамоми муассисаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он кору фаъолият намудаистода, дар пешрафти соҳаи маорифи ватани азизамон саҳми арзанда гузошта истодаанд.

### *Адабиёт*


1. *Выготский Л.С. Мышление и речь. - М.: Просвещение, 1982. - 220 с.*
2. *Выготский Л.С. Педагогическая психология.- М., 1996. - 180 с.*
3. *Гальперин П.Я. Психология как объективная наука / Под ред. А.И. Подольского; вступ. ст. А.И. Подольского. - М.: Воронеж, 1998. - 200 с.*
4. *Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения: Опыт теоретического и экспериментального психологического исследования. - М., 1986. - 230 с.*
5. *Давыдов В.В. Теория развивающего обучения. - М., 1996. - 250 с.*
6. *Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. Формирование мотивации учения. - М., 1990. - 320 с.*
7. *Махмутов М.И. Проблемное обучение. - М., 1975. - 88 с.*
8. *Маҳмудов Ш. К., Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни коллеҷҳо ва мактабҳои олии омӯзгорӣ). – Душанбе, 2011. - 194 с.*
9. *Менчинская Н.А. Проблемы учения и умственного развития школьника. - М., 1989. - 265 с.*
10. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022.*


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ – ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ


Технологияи педагогӣ гуфта, маҷмуи муносибатҳои психологӣ ва педагогиеро меноманд, ки ҷобаҷогузории махсуси шакл, метод ва воситаҳои таълимиро муайян мекунанд ва инчунин роҳҳои ташкилӣ ва методии ҷараёни педагогиро мефаҳмонад. Дар замони имрӯза технология ва муносибатҳои нав ба таълим хеле зиёд ба назар мерасанд ва истифодаи бомавриди онҳо ба он боис мегардад, ки мативҳои таълимиро бедор намуда, шавқу ҳаваси донишомӯзии донишҷӯёнро зиёд гардонад ва муҳаббати касбӣ омӯзгориро дар қалби онҳо ҷой диҳад. Оид ба ин масъалаи муҳим олимони соҳаи психология собит месозанд, ки истифодаи воситаҳо ва усулҳои гуногуни педагогӣ дар раванди таълим ба инкишофи психикии донишҷӯён таъсири мусбат расонида, раванди донишгири онҳоро осон мегардонад.



**Калидвожаҳо:** омӯзиш, техника, технологияи педагогӣ метод, таълим, муассисаи олии касбӣ, сифати таҳсил, донишҷӯ, навгониҳои илмӣ, касби омӯзгорӣ, муаллим, донишҷӯ, фаъолият, ҷаҳонбинии илмӣ, қобилият.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ТЕХНОЛОГИЙ – КАК ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА УЧЁБА В ВУЗАХ


Под педагогической технологией понимается совокупность психолого-педагогических отношений, определяющих особое место учебных форм, методов и средств, а также объясняющих организационно-методические способы педагогического процесса. В современное время появляется много технологий и новых подходов к обучению, и их правильное использование приводит к пробуждению учебных мотивов, повышению энтузиазма учащихся к учебе, воспитанию в их сердцах профессиональной любви к преподаванию. В связи с

этим важным вопросом ученые в области психологии доказывают, что использование в учебном процессе различных педагогических средств и методов положительно влияет на психическое развитие учащихся и облегчает процесс их обучения.

**Ключевые слова:** обучение, метод, педагогическая технология, образование, качество образования, студент, инновации, педагогическая профессия, учитель, студент, активность, научное мировоззрение, способность.

## USE OF PEDAGOGICAL TECHNOLOGIES – AS A FACTOR OF INCREASING THE QUALITY OF LEARNING IN HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

Pedagogical technology is understood as a set of psychological and pedagogical relations that determine the special place of educational forms, methods and means, as well as explaining the organizational and methodological methods of the pedagogical process. In modern times, many technologies and new approaches to learning appear, and their correct use leads to the awakening of learning motives, increasing students' enthusiasm for learning, and cultivating a professional love for teaching in their hearts. In connection with this important issue, scientists in the field of psychology prove that the use of various pedagogical means and methods in the educational process has a positive effect on the mental development of students and facilitates their learning process.

**Keywords:** teaching, method, pedagogical technology, education, quality of education, student, innovation, pedagogical profession, teacher, student, activity, scientific outlook, ability.

### Дар бораи муаллиф

**Акрамова Моҳрухсор Ҳомидҷоновна**
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 930 30 22 08
E-mail: mohakramova@mail.ru

### Об авторе

**Акрамова Мохрухсор Хомиджоновна**
Кандидат педагогических наук, зав. кафедрой общей психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 930 30 22 08
E-mail: mohakramova@mail.ru

### About the author

**Akramova Mohrukhsor Homidjonovna**
Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of General Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 930 30 22 08
E-mail: mohakramova@mail.ru

# АВВАЛИН КӮШИШҲОИ РИЁЗИДОНҲО ДАР ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИНФИРОДИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

***Маҷидова Б., Маҳкамов М., Рамазонова Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъала ва мушкилоти таълиму тарбия, иҷтимоигардони кӯдакону наврасон, ҷавонону калонсоли имконияти маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилотидошта дар ҳамаи давру замонҳои гузаштаю имрӯзи ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи на танҳо волидону пайвандон, балки аҳли мактабу маориф, илму ҳунар буданд ва ҳастанд. Олимони соҳаҳои гуногуни илм ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ сабабҳои ба вуҷуд омадан, шаклҳои зуҳурот ва оқибатҳои нуқсону иллат, камбудию вайроншавии инкишофи ҷисмонию равонии ин табақаҳои одамонро барои дарёфтану дасти мадад дароз карданро дарёфт кардани мешуданд. Дар ин ҷабҳа олимон, аз ҷумла риёзидонҳо кушиш намуданд, ки роҳу усулҳои таълимдиҳӣ, тарбиякунӣ ва иҷтимоигардонии кӯдаконут наврасони имконияти маҳдуддоштаро чустӯҷӯ ва дарёфт намоянд. Бо ин раванд як қатор омилҳо таъсир расонданд, ки яке аз онҳо дар донишгоҳҳои кишварҳои Аврупо, дар факултети тиббӣ ва фанҳои табии таваҷҷуҳи омӯзгорону донишомӯзонро кӯдакони имконияти маҳдудва талаботи махсуси таҷсилотдошта ба худ ҷалб намуда дар онҳо хоҳишу кӯшиши мададрасонӣ, камкунӣ, ва бартарасозии нуқсону иллатҳо дар кӯдакону наврасони онҳо ба вуҷуд омадааст.

Масъалаи мазкурро як аз аввалинҳо шуда олими Ҳолландия Рудолф Ачрикало (1443-1485) омӯхта ба хулоса омад, ки қобилияти омӯзишии кудакони имконияташон маҳдуди шунавоидошта (кару гунг, камшунавҳо) хусусияти ирфонӣ надорад, балки натиҷаи таъсири махсуси педагогӣ мебошад [7, с. 53].

Хатмкунандагони донишгоҳҳои Аврупо дар Италия ва Испания дар асрҳои ХУ-ХУ11 (15-17) ба тақдири алоҳидаи кудакони имконияташон маҳдуди шунавоидошта мароқ зоҳир намуда, кӯшиш мекарданд, ки ба онҳо алоҳида-алоҳида таълим диҳад, инчунин онҳо кушиш намуданд, ки мушкилоти кӯдакони нуқсони шунавоидоштаро аз ҷиҳати назариявӣ фаҳманд, роҳҳои педагогии бартараф кардани онро пешниҳод намоянд.

Ҷероламо Кардано (1501 - 1576) - профессори яке аз донишгоҳҳои Италия - шарҳи физиологии сабабҳои нуқсони шунавоиро пешниҳод намуда, дар асоси он таснифоти ношунавоиро таҳия намуд, Дар заминаи он ба омӯхтани «асосҳои назариявии тарбия ва таълими кӯдакон асос гузоштааст. Ғояҳои ӯ дар асарҳои ҳамватанон - анатомҳо ва физиологҳо инкишоф ёфтаанд. Габриелло Фаллопио (1523 - 1562), Бартоломео Эустахио (1524 - 1574), Констансо Варолия (1543 - 1575), Фабрисиус Аквапенденте (1537 - 1619) ва Франческо Лана Терзи (1631 - 1631) тавсифи сохтори анатомия ва фаъолияти узвҳои шунавоиро пешниҳод кардаанд. Тазод аст, ки Д.Кардано ва ҳамватанони ӯ таваҷҷуҳи худро ба таҳаввулоти назариявӣ мутамаркуз намуда, «маслиҳатҳои нозук ва хоси методӣ» баён кардаанд [5, с. 28].

Аввалин кӯшишҳо барои таълим додани кӯдаки ношунаво дар Испания сурат гирифтанд. Ин далел сазовори мулоҳиза ва таҳлили муфассалтар аст, зеро он барои дарк намудани қувваҳои ҳаракатдиҳанда, фишанкҳои ба манфиати ҷамъият истифода бурдани шахсони имконияти маҳдуди шунавоидошта ва ҳал кардани зарурияти ташкилотҳои таълимгирии махсуси онҳоро ба миён овард.

Яке аз аввалин асосгузорони ин мактаб Ҷероламо Кардано - математик, муҳандис, файласуф, табиб ва астрологи итолиёвӣ буд, ки андешаҳои ӯ ба рушди назария ва амалияи таълимдиҳии кӯдакони иллати шунавоидошта такони ҷиддӣ дод.

Ҷероламо Кардано дар шарҳи ҳол дар бораи кӯдакии худ менависад: «Мақсаде, ки ман пеши худ гузошта будам ин абадӣ гардидани номам буд. Чунки ман ин корро на дар боигарӣ ё хушҳолӣ, на дар шаъну шараф, на дар мансабҳои баланд, на дар ҳокимият ба даст оварда метавонистам».

Соли 1520 Кардано бар хилофи хоҳиши падараш ба донишгоҳи Павия ба факултети тиббӣ дохил шуд, аммо аз сабаби соли 1524 баста шудани донишгоҳ, таҳсили хешро дар

донишгоҳи Падуя (соли 1526) ба итмом расонид. Соли 1526 ӯ дипломи духтурро гирифта, фақат бо тиб машғул ва дар Павия ва Падуи дарс медод [11, с. 197].

Кардано намехост, ки зодгоҳашро тарк кунад ва илова бар ин, бо дохил шудан ба коллегияи духтурон душвориҳо кашида, аз мусобиқаҳои расмӣ метарсид. Аз ин рӯ, танҳо ба унвони профессор дохил шудан ба ӯ хеле мувофиқ буд, хусусан азбаски ӯ ба даромади доимӣ эҳтиёҷи махсус дошт.

Соли 1534 ӯ сазовори унвони профессори математика дар Милан шуда, соли 1539 ба аъзои коллегияи духтурони Милан қабул карда шуд. Соли 1539 Кардано даъватро ба Милан бо мамнуният қабул кард. Дар тӯли соли 1543 Кардано дар як аудиторияи қариб холӣ дар Милан дар бораи тиб лексия хонд. Кардано навиштааст, ки дар ҳамон соли 1543 дар Нюренбурс ба ситорашиноси бузург Петреуш шинос шуда, дар ҳаммуаллифи ду китоби мо нашр гардид. Ин китоб, ки яке “Ду рисолаи табиби Миланӣ Ҷиролало Кардан” ва дигаре «Дар бораи барқарорсозии замонҳо ва ҳаракатҳои осмонӣ» номгузорӣ гардида буданд. Ҳамчунин бо ин китобчилу ҳафт фолнома (гороскоп), ки барои пешгӯӣ кардан рӯйдодҳоро, ки бахшида шуда буд, ҷой дода дода шуда буданд. Дар китоб инчунин «Илова» мавҷуд буд, ки дар он маълумотҳои амалан фоиданок оварда шудаанд: чӣ тавр дарёфт кардани қутб, чӣ тавр аз рӯи мушоҳидаҳо мавқеи ҷисмҳои осмониро муайян кардан ва ғайра.

Дар тирамоҳи соли 1546 Кардано ба Донишгоҳи Павиа баргашт ва дар тӯли чор соли оянда кафедраи тиббӣ назариявиро дар он ҷо бар уҳда дошт. Шояд дар ҳамон вақт ӯ бо профессори илми тиббӣ Падуя, ки дар як вақт дар дигар донишкадаҳо, аз ҷумла дар Павия аз фанни анатомия дарс медод, Г.Везалиус робитаи дӯстона барқарор кардааст. Кардано баъди шинос шудан бо Г.Везалиус бо ӯ эҳтироми калон муносибат мекард, ӯро ҳамчун олим ва ҳам ҳамчун инсон, эътироф менамуд. Аён аст, ки Г.Везалиус миланиёнро хеле қадр мекард, зеро вақте ки дар соли 1547 аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба вазифаи табиби шахсии шоҳи Дания Кристиан III касеро тавсия диҳад, ӯ Карданоро ном гирият. Фиристодаи подшоҳ, ба Гироламо Везалиус муроҷиат карда, чунин шартҳоро эълон кард: соле сесад дукати тиллои Венгрия ва камаш ҳазор донаи дигар ба тариқи андоз аз андозҳои гуногун, хӯрок, панҷ хизматгор ва се асп; ниҳоят, ҳуқуқ ба амалияи озод барои Кардано дода мешавад.

Кардано дар соҳаи табобати аллергия пешрав буд. Вақте ки архиепископи Сент Эндрюс, Ҷон Ҳэмилтон аз Шотландия, ки беш аз 10 сол аз нафастангӣ ранҷ мебурд, ба назди ӯ омад, духтур зиёда аз як моҳ беморро мушоҳида карда, ба ӯ табобат - парҳез, тартиби истифодаи об ва тағйиротро дар ҳаёти ҳаррӯза таъин кард. Ҷои болини пашмӣ матрасҳои абрешимӣ, болишти чармин Ҷон Ҳэмилтонро бо бистари бо коҳи маҳин реза карда пуршуда иваз карданд ва ӯ зуд худро сабук ҳис кард. Эҳтимол, пари мурғ ва пашм сабаби ин бемори будааст [8, с. 249].

Табиби машҳур Ҷ.Кардано сардори ордени Августин дар Милан Франческо Гаддиро аз сирояти скрофулӣ (бемории сил) шифо дод. Кардано ба хулосае омад, ки сабаби асосии ин беморӣ беэътиноӣ ба тамоми ниёзҳои ҷисмонӣ мебошад. Табиб ба бемор машқҳои мунтазам, хоби дуруст, зуд-зуд оббозӣ кардан, пӯшидани либоси таг дар бадани бараҳна (ба ҷои халта) ва парҳези кардан аз истеъмоли моҳӣ ва шаробро тавсия дод. Баъди чанд вақт Гаддӣ саломатии худро пурра барқарор кард. Усулҳои шабеҳи Кардано дар дигар беморони гирифтори сил бомуваффақият татбиқ карда шуданд.

Кардано аввалин шуда табларзаи доманаро тавсиф кард. Духтур маълум кард, ки ин беморӣ ба воситаи канаҳо ва шабушҳо мегузарад. Дар соҳаи ҷарроҳӣ роҳи тези ҷарроҳии чурраро кор карда баромад. Табиб инчунин сифилис ва гонореяро омӯхта, пайдарҳамии ҳайзро дар занҳо муайян намуд, усулҳои табобати мафосилподаграро кашф кард, фарқи байни сурхак ва табларзаи петехиалиро муайян намуд, усули таълими кудакони имконияти маҳдуди биноӣ ва шунаворо пешниҳод кард. Ғайр аз ин, ӯ ба проблемаҳои психиатрия машғул шуда, ба бемориҳои сар эпилепсия диққати махсус медод.

Соли 1562 Ҷ.Кардано маҷбур шуд, ки Миланро тарк кунад ва дар Болоня тибро дарс медод. Ӯ чун яке аз беҳтарин табибони Аврупо машҳур гашт, аммо аз илмҳои дигар низ даст накашид. Бо тартиб додани алманаххо ва толеъномаҳои астрологӣ машғул мешуд. Барои тартиб додан ва нашр намудани толеъномаи Исои Масеҳ (соли 1570) ба бидъат айбдор карда шуда, якчанд моҳ дар ҳабсхона буд ва маҷбур шуд, ки аз Папаи Рим бахшидани гуноҳҳояшро хоҳиш кунад.

Мувофиқи ривоятҳо Кардано рӯзи вафоташро пешгӯӣ намуда, барои пешгӯии худро исбот намудан, худкушӣ карда буд. Дар амал ӯ се сол саҳв карда, рӯзи вафоти хешро ба декабри соли 1573 пешгӯӣ намуда буд.

Кардано дар инкишофи алгебра саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ аввалин шахс дар Аврупо буд, ки решаҳои манфии муодилаҳоро истифода менамуд. Инчунин ӯ ошкор намуд, ки муодилаи кубӣ метавонад дорои се решаҳои ҳақиқӣ бошад (ин далел дар асарҳои Умари Хайём ошкор карда нашудааст) ва суммаи ин решаҳо ҳамеша ба коэффитсиенти назди $x^2$ бо аломати муқобил (яке аз формулаҳои Виет) баробар мебошад.

Аҳамияти амалии формулаи Кардано он қадар бузург набуд, чунки дар ин вақт математикон аллакай барои ҳисоб намудани решаҳои муодилаҳои дараҷаи дилхоҳ бо саҳеҳии хуб методҳои (усулҳои) ададиро кор карда баромада буданд. Яке аз чунин алгоритмҳои ҳисобро муаллифон «қоидаи тиллоӣ» номида буданд, ки ба инкишофи минбаъдаи «Қоидаи ҳолати дучандаи қалбакӣ» мусоидат намуд. Кардано дар асараш «Санъати бузург» онрокор карда, муфассал баён карда буд. Аммо кашфи методи (усули) нави назариявӣ на ба юнониҳо, на ба арабҳо маълум намудан ва ин кашфиёт математикони Аврупоро рӯҳбаланд намуд. Ин раванд асоси дохил намудани яке аз объектҳои муҳими математикӣ -ададҳои комплексӣ ба илмии математика гардид. Давомдиҳандаи тадқиқотҳои мактаби итолиёвии алгебрачиён Рафаэл Бомбеллӣ гардид.

Пас аз вафоти Ҷ.Кардано дар соли 1663 боз як асари ӯ ки «Китоб дар бораи бозӣ бо устухон» ном дошт, дастраси хонандагон гардид. Он . тадқиқотҳо оид ба назарияи математикии бозиҳои саргармкунанда буд, ки соли 1526 навишта шуда буд. Ин яке аз асарҳои аввалини ҷиддӣ оид ба комбинаторика ва назарияи эҳтимолият буд. Гарчанде ки Кардано дар он ба як қатор хатогиҳо роҳ дода бошад, ҳам ӯ нахустин шахсе буд, ки ба мафҳуми умумии эҳтимолият хеле назди шуда гардидааст.

Инак, барои ҳисоб як қоидаи умумӣ мавҷуд аст: шумораи умумии афтиданҳои имконпазир ва шумораи тарзҳоеро ки бо онҳо ин афтиданҳо пайдо мешаванд ва онҳоро ба инобат гирифтан лозим аст. Пас аз он нисбати адади охирин ба шумораи афтишҳои боқимондаи имконпазир натича ёфта мешаванд.

Кардано инчунин қайди аҷоиб карда буд, ки он мутаалиқ бе пешоянди «қоидаи ададҳои калон» буд: шумораи воқеии ҳодисаҳои таҳқиқшаванда метавонад дар шумораи ками бозиҳо аз шумораи назариявӣ сахт тафовут кунад, аммо дар силсила чӣ қадаре, ки бозӣ зиёд бошад, ин тафовут ҳамон қадар кам мешавад.

Ба сифати муҳандис Кардано дар асарҳои хеш бисёр механизмҳоро, аз ҷумла ихтироъҳои худро иншо намудааст. Масалан, лампаи равғаниро ба таъминкунии автоматӣ бо равған ва қулфи рамзнокро муфассал тасвир карда аст. Ӯро кашшофи наварди (вали) меҳисобанд, гарчанде, ки механизми он ҳанӯз ба Леонардо да Винчи маълум буд, аммо Кардано якумин шахсе буд, ки сохти ихтироъро нашр намуда буд.

Маълум аст, ки дар таърихи криптография Кардано ҳамчун ихтироъчии дастгоҳи садои рамзгузорӣ, ба ҳисоб меравад ва он дар мукотибаҳо ба номи «панҷараи Кардано» номида мешуд.

Ба асару кашфиётҳо нигоҳ накарда, саҳми Кардано дар соҳаи илм хоксорона буд. Ӯ шарҳи муфассали бемории домана, лоиҳаи амалӣ нагаштаи хунгузаронӣ ва фарзияи сабабгори бемориҳои сирояткунанда гаштани мавҷудоти зиндаеро муайян намуд, ки ба туфайли хурд будан ба чашм нонамоён мебошад. Инчунин ӯ усули таълими нобиноёнро, ки ба усули брайлевӣ монанд аст, пешниҳод намудааст.

Ақидаҳои фалсафавии Кардано дорои характери мистикӣ- пантеистикӣ мебошанд; баён нофаҳмо ва сатҳӣ мебошад; баъзе нуқтаҳои назар файласуфона бошанд ҳам байни ҳам бо фикри аниқ ва пайдарпай алоқаманд нестанд. Ғояҳои Карданоро Скалигер ва Компанелла маҳкум карда буданд [9, с. 403].

Кардано дар охирҳои умри худ асараш ҳаёти ман-ро», ки навишта буд ва андешаи худро оид ба «абади гардонии номи худ» тасдиқ намуд. Вай бо нақли муфассали худ ҳодисаи таърихиро таҷассум менамояд, ки дар асоси онҳо дар бораи тарзи ҳаёти асри XVI тасаввуроти умумӣ пайдо намудан мумкин аст.

Новобаста аз шумораи зиёди мақолаҳои Кардано (зиёда аз 130 мақолаву асарҳо) дар илм Кардано якчанд формулаҳоро кашф кардааст, Мунтахаби асарҳо ва мақолаҳои Кардано (Opera amnia) 10 ҷилди бо хатти майда навишташударо дарбар мегирад.

Риёзидони дигар Ҷон Уоллис (1616 - 1703) - профессори геометрия аз Оксфорд, яке аз асосгузорони Ҷамъияти шоҳии илмӣ мебошад. Ӯ системаи бритониёии таълими нутқи шифоҳиро ба кудакони имконияти маҳдуди шунавоидошта офаридааст. Муваффақиятҳои амалии ӯ низ дар таълими ношунавоён маълуманд. Яке аз онҳо натиҷаҳои таълими Даниэл

Уоллии ношунавои бисту панҷсола буд. Муваффақияти таълимдиҳӣ бо ин донишомӯзонро ба шоҳ ва дарбор нишон доданд. Муваффақиятҳои дигар аъзоёни ин ҷамъият дар он буд, ки В. Холдер, 1616 – 1698 ва Я. Далгарно, 1626 - 1687 имконияти тарбияи инфиродии карҳоро пешниҳод намудааст.

Хизмати Ш.М.Эпе дар ташкил намудани таълими ношунавоён ва таъсисёбии нахустин мактабҳо барои ношунавоён, пешрафти назария ва амалияи ин соҳа беҳамтост. Таърихи таъсисёбии муасссисаи таълимӣ барои ношунавоён зиёда аз 300 солро дарбар мегирад.

Шарл Мишел Эпе 25 ноябри соли 1712 чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падари ӯ меъмор ва мумайизи биноҳои Қасри Версал буд. Волидон ба фарзанди хеш имкон доданд, ки дар коллеҷи беҳтарини ҳамон замон дониш андӯзад. Дар ин ҷо Ш.М.Эпе бештар бо илми фиқҳ машғул шуда, орзу мекард, ки худро ба хизмати колисо бахшад. Аммо ҳангоми ба вазифаи аббат таъин шудан, Ш.М.Эпе аз имзо намудани қасам, ки онро дар он замон ҳамаи рӯҳониёни католинӣ медоданд, саркашӣ намуд. Барои ин Ш.М.Эпе аз калисо ронда шуда, ҳуқуқӣ ишғол намудани вазифаи хадими калисоро аз даст дод.

Пас аз ин Ш.М.Эпе ба шуъбаи ҳуқуқшиносии коллеҷ дохил шуд, аммо ӯро касби адвакатӣ низ қаноатманд нагардонид. Ришвахӯрӣ ва хоинӣ, ки дар суд ҳукумрон буд, Ш.М.Эперо маҷбур сохт, ки аз ин фаъолияти хидматӣ даст кашад.

Қариб дар синни 50 солагӣ (тахмин соли 1762) Ш.М.Эпе ба таълими ду духтари ношунаво оғоз намуд. Яке аз биографҳо инро соли 1753, дигарашон соли 1765 мешуморанд. Дар рӯз 200 солагии рӯзҳои таваллуди ӯ, ки онро тамоми Фаронса қайд намуда буд, хабар дода шуд, ки ибтидоӣ давраи сурдопедагогии ӯ вз соли 1760 ҳисобида шавад.

Машғулиятро ба духтарони ношунаво Ш.М.Эпе ба истифодаи тарзҳои махсуси таълими ношунавоён оғоз намуд. Дар ибтидоӣ фаъолияти хеш Ш.М.Эпе фақат ба назарияи ивазшавии узвҳои эҳсосии гумшуда бо нигоҳдошташудаи дигар анализаторҳо оғоз намуд. Пеш аз оғози фаъолияти педагогии худ Ш.А.Эппе, ба андешаи Д.Дидро шинос шуда буд. Д.Дидро дар мактубҳояш оиди таълими дар бораи ношунавоён ва нобиноён андешаи худро иброз намуда буд, инчунин ба принсипҳои мувофиқати табиӣ дар раванди таълим, дар педагогика ки Я.А.Коменский дар назарияи педагогии пешниҳод гардида буд, такя менамуд. Дар амалияи таълими ношунавоён Ш.А.Эпе имову ишораҳоеро, ки духтарон ҳангоми муоширот бо ҳамдигар истифода мебурданд меомухт ва онҳоро дар амал татбиқ менамуд.

Ш.М.Эпе баътар гуфта буд, ки ҳар як шахси ба таълими кӯдакони имконияти маҳдуди шунавоидошта оғозкунанда аллакай дорои забони хеш мебошад, ки он барои ӯ ҳамчун нутқи муқаррарӣ осон ва фаҳмо хизмат мекунад. Кӯдакони ношунаво дар нутқи имову ишоравии хеш эҳтиёҷҳо, майлу рағбат, хоҳиш, бечорагӣ, ғаму андӯҳ ва ғайраро ифода мекунанд ва дигарон низ ҳангоми муоширот бо ҳамин усул-имову ишора ҳиссиёти худро ифода намудан ҳеҷ гоҳ хато намекунанд. Ба воситаи ин нутқ кӯдакони ношунаво супоришҳоро қабул намуда аз иҷрои он ҳисобот медиҳанд [13, с. 220].

Машғулияти бобарор ба духтарон ба Ш.И.Эпе барои кушодани мактаб ва бо гурӯҳои на он қадар калони кӯдакони ношунаво гузаронидани машғулиятҳоро имконият доданд. Ӯ ношунавоёнро дар ибтидо ба таври ройгон дар хонааш ҳафтае ду маротиба таълим медод. Шогирдони камбизоати худро ӯ бо воситаҳои барои таълимгирии зарурӣ таъмин менамуд.

Шумораи таълимгирандагон дар мактаби Ш.М.Эпе то 75 нафар расид. Фаъолияти инсондӯстонаи ӯ ба зудӣ дар Фаронса ва мамолики дигар эътироф ва қадр карда шуд.

Ш.И.Эпе на фақат инсондӯст, балки омӯзгори касбӣ, сурдопедагоги боистеъдод буд. Бо мустаҳкам шудани шухрати Ш.М.Эпе ҳамчун сурдопедагог боварии ӯ ба муфидии фаъолияти ҷамъиятӣ ва зарурии кораш мадад расонданд. Ӯ кушиш менамуд, ки боварии ҳамзамонашро ба кору фаъолияти педагогии худ зиёд гардонад. Ба машғулиятҳо бо кӯдакони ношунаво ӯ олимони намоёни ҳамон замон ва омӯзгоронеро, ки бо таълими фардии ношунавоён машғул буданд, даъват менамуд. Аммо ҳокимияти шоҳӣ ва рӯҳониён ба Ш.М.Эпе фишор оварда ба васеъ намудани фаъолияти сурдопедагогии ӯ монеъ мешуданд.

Ба бартарафкунии душвориҳои мутаалиқ бо таълими кӯдакони ношунаво вақти зиёдро сарф карда истода, Ш.И.Эпе дар як вақт ба асосноккунии назариявии таҷрибаи хеш машғул мешуд. Ӯ ду асар навишта буд. Асари якуми ӯ «Таълими ношунавоён ба воситаи аломатҳои методӣ» (соли 1776) асари дуюмаш - «Тарзи ҳақиқии бо таҷриба тасдиқкардашудаи таълими ношунавоён» (соли 1784) ном дошт. Нуқтаи назари хешро оид ба нутқи имову ишора, нутқи хаттӣ ва шифоҳии ношунавоён Ш.И.Эпе кор карда, инчунин дар мактубҳои баҳсӣ ва педагогӣ бо омӯзгори олмонӣ Самуил Гейнике, ки бо таълими ношунавоён дар асоси нутқи шифоҳӣ машғул буд, баён намудааст. Дар баҳсу мунозираи байни ду педагогҳо ба амал омада ба бартарии системаи методии Ш.М.Эпе ва бартариҳои он боз бештар мусоидат менамуд.

Академияи илмҳои Германия ба системаи таълими ношунавоёни ӯ баҳои мусбат дода буд. Соли 1789 муассисаи таълими Ш.М.Эпе ҳамчун муассисаи давлатӣ эътироф карда шуд. Худи ҳамон сол 23 декабр Ш.М.Эпе оламро тарк намуд. Дар рӯзҳои охирини ҳаёти ходими барҷастаи сурдопедагогикаи фаронсавӣ ба ӯ намояндагони Маҷлиси муассисон бо суханҳои самимӣ ва эҳтироми махсус барои хизмати шоёнааш муроҷиат намуда буданд. Дар як муроҷиатнома қайд карда шудааст, ки кору фаъолияте, ки Ш.М. Эпе ҳаёти хешро ба он бахшида аст, дар Фаронсаи инқилобӣ давом хоҳад шуд. «Ватан кӯдакони Шуморо таҳти сарпарастии худ мегирад», - гуфта шуда буд, дар муроҷиатнома. Баътар, дар интиҳои асри XX дар назди муассисаи таълимии таъсисдодаи Ш.М.Эпе ҳайкали аз тарафи ҳайкалтароши боистеъдод офаридаи Феликс Мадтин гузошта шуд.

Муносибати ходимони дин ба Ш.М.Эпе тамоман дигар буд. Ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Ш.М.Эпе калисо ва диндорон (рӯҳониён) ба фаъолияти сурдопедагогии ӯ ҳаматарафа монеъ мешуданд. Ҳатто пас аз сад соли дар тамоми олам эътироф карда шудани хизматҳои ин омӯзгори барҷаста ҳам муносибати рӯҳониён нисбат ба ӯ ҳамин хел боқӣ монда буд. Ҳангоми кушода шудани ҳайкали Ш.М.Эпе ягон ходими дин иштирок накардааст. Ин бори дигар аз муносибати бадхоҳонаи калисои католикӣ нисбати ин шахси шухратманд шаҳодат медиҳад [1, с. 35].

Ш.М.Эперо бо боварии том якумин ташкилотчии муассисаи таълимӣ барои таълим ва тарбияи ношунавоён ва барпокунандаи «Усули имову ишоравӣ» дар Фаронса номидан мумкин аст. Ин система мантиқи муайяни ҷараёни фаъолияти тарбиявӣ ва таълимии Ш.М.Эперо инъикос менамояд. Ӯ дар назди худ мақсади мувофиқ ба ғояҳои пешқадами материалистони фаронсавӣ мувофиқ тарбия намудани хонандагони ношунаво, ба онҳо додани тарбияи ақлӣ ва ахлоқӣ, омода намудан ба ҳаёти меҳнатӣ ва иҷтимоӣ гардидани онҳоро гузошта буд. Ҷустуҷӯи роҳҳо ва воситаҳое, ки ношунавоёнро аз ношунавоӣ озод намуда, барои ба даст овардани нутқи калимавӣ мусоидат менамояд, мақсаду мароми асосии ӯ буд.

Ш.М.Эпе ин роҳро дар истифодаи имову ишораҳои ношунавоён ҳамчун воситаи муошират ва таълим медид. Ӯ боварӣ дошт, ки минбаъд ношунавоён дар ин асос нутқи калимавиро низ ба даст меоваранд. Нутқи имову ишоравӣ дар тамоми давраи таълими забон ва фанҳои дигари умумимаърифатӣ ҳамчун лаҳзаи ибтидоӣ хизмат менамояд. Ш.М.Эпе чунин мешуморид, ки забони имову ишораро бо аломатҳое пурра кардан лозим аст, ки онҳо нутқи имову ишоравиро бо мафҳумҳои умумии лексикӣ ва қоидаҳои грамматикӣ аз соҳаи морфология ва синтаксис пурра намоянд. Ӯ забони имову ишораро "аломатҳои методӣ" номида кӯшиш намудааст, ки бо ёрии онҳо ба забони имову ишора гузаронидани матнҳои вожагӣ ва баръакс ба амал баровардa шавад.

Ш.А. Эпе дар назарияи мутобиқгардонии нутқи имову ишорагӣ аз рӯи аналогияи нуқти вожагии хеш зуд зиддиятро ошкор намуд. Нутқи имою чӣ таҳлимдиҳанда буд, ки аз он хонандагон дар ҷараёни таълимгирӣ бо омӯзгор истифода менамуданд. Дар натиҷаи ин Ш.М.Эпе ношунвоёнро фақат ба гузаронидани нутқӣ имову ишорагӣ ва нутқӣ вожагӣ омӯзонданро бо гузариши минбаъдаи баръакс имконпазир мешуморид. Системаи дидактикии сунъӣ барпокардашудаи "Усули имову ишорагӣ" зиддиятҳои дар ҷараёни таълим дар байни забонҳои имову ишора ва вожаҳоро ҳал накард. Забони модарӣ дар шакли вожагӣ барои ношунавоён гӯё "Забони хориҷӣ" буд.

Амалан рафти таълим аз рӯи системаи Ш.М.Эпе тахминан ба таври зерин мегузашт. Дар синфхона тахтаҳо (доскаҳо) меистанд, дар яке аз онҳо исмҳо, дар дуюмаш- феълҳо, дар сеюмаш-сифатҳо ва ғайра навишта мешуданд. Дар давоми моҳи аввал дар дарсҳо ӯ аз хонандагон талаб мекард, ки 1800 калимаро аз худ намоянд, ки дар байни онҳо исмҳо, феълҳо, сифатҳо ва дигар ҳиссаҳои нутқ мавчуд бошанд. Дар интиҳои моҳи дуюм хонандагон бояд 3000 калимаро донанд. Дар як вақт бо ғанӣ гардонидани луғат аз як тараф хонандагон қобилияти бевосита мушоҳида кардани ашё, аломати он, амалҳо ва ғайра талаб карда мешуд, аз тарафи дигар, онҳоро бо имою ишора намуданро меомӯзонданд. Пас аз ин имою ишора ба воҳиди нутқи ношунавоён мубаддал гардонида шуда, ишораи вожагии хаттиро мегирифт [11, с. 202].

Дар ҷараёни таълими ибтидоӣ дар Ш.М.Эпе аломатҳо- имову ишораҳо фақат ҳамчун воситаи аёнӣ барои кушодани маънои вожаҳо ва ишораҳои он, дар шакли нутқи хаттӣ бошад бо ёрии онҳо худи хонандагон маънoро мекарданд. Ӯ ин ҷараёнро "бо чашм дидани ҷон" меномид.

Барои Ш.М.Эпе муносибати манфӣ ба шакли дактилии нутқ хос буд. Ӯ бо истифодаи он дар системаи "методи имову ишоравӣ" зид буд. Аз нуқтаи назари ӯ омӯзгорони аз алифбои дактиологи истифодабаранда, ношунавоёнро ба каму беш гапзанӣ омӯзонида

метавонанд, аммо фаҳмидани маънои калимаҳоро омӯзонда наметавонанд. Аломатҳои методӣ бошанд, алоқаи калимаҳоро дар ҷумла кушода дода, аҳамияти категорияҳои грамматикии дар нутқӣ вожагӣ истифодашавандаро ифода мекунанд.

Системаи аломатҳои методии дар амалия кор карда баромадашуда ва санҷидашуда- "методи имову ишора"- дар оянда низ ба қадри кифоя зарур ва ҳаётӣ буданд, гарчанде, ки бо мурури замон вай як қатор тағийрот ва табдилдиҳиҳоро паси сар намудааст.

Ҳамаи таърихшиносони таълим ва тарбияи кӯдакони ношунаво саҳми арзандаи сурдопедагогикаро дар инкишофи ношунавоён этироф мекунанд. Қайд кардан лозим аст, ки айни замон таҷрибаи амалии Ш.М.Эпе дар таълими ношунавоён барои замонаш назар ба асарҳои адабии офаридаи ӯ пурарзиштар мебошанд. Ӯ пеш аз ҳама омӯзгори касбӣ буд, ба амалӣ гардидани чунин ғояҳои педагогӣ кӯшиш мекард, ки онҳоро маорифпарварони фаронсавӣ инкишоф дода буданд. Вазифа ва мақсади асосии фаъолияти Ш.М.Эпе ба баланд бардоштани мақоми ношунавоён дар чашми ҷомеа, онҳоро барои ҷомеа муфид гардонидан ва ба инкишофи ақлӣ зиётар таваҷҷуҳ додан равона шуда буд.

Ба гуфтаи болоӣ ҳаминро илова намудан мумкин аст, ки нуқтаи назари Ш.М.Эпе оид ба таълими ношунавоён дар чорчӯбаи ҷаҳонбинии дуалистии ӯ ва тасаввуротҳои идеалистӣ оид ба сохтори ҷамъиятӣ ва инкишофи иҷтимоии асри пешин то андозае мувофиқат мекарданд [8; с.407].

Ш.М.Эпе ҷасурона аз анъанаи асри-миёнагии таълими фардӣ даст кашида, шакли гурӯҳии таълими хонандагони ношунаворо барпо намуд ва муассисаи махсуси барои онҳо мувофиқро таъсис дод. Ӯ бо гурӯҳи хонандагон машғулиятҳо гузаронида, кушиш менамуд, барои онҳо ҳамин хел мазмун ва мундариҷаи таълимро таъмин намояд, ки он аз рӯи характери худ аз мазмун ва мундариҷаи мактаби таҳсилоти умумӣ фарқ накунад. Ба ӯ демократизм, майлу рағбати фаро гирифтани таълими ҳамаи ниёзмандон, хусусан кӯдакон аз оилаҳои камбизоат хос буд.

Ш.М.Эпе имконияти таълими ношунавоёнро ба нутқи шифоҳӣ эътироф менамуд, аммо ба он аҳамияти ҳалкунанда намедод ва нақши воситаи ёрирасонро дар ҷараёни муоширати ношунавоён бо атрофиён муайян менамуд. Кӯшишҳои нахустини тайёрии касбии омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳои навкушодашуда барои ношунавоён барои омода намудани сурдопедагогҳо бо номи ӯ алоқаманд мебошад. Ш.М.Эпе бо муассисаҳои таълимии худ олимон ва педагогҳоро таклиф намуда, худаш онҳоро бо шаклҳо ва тарзҳои таълими ношунавоён шинос менамуд. Дар муассисаҳои таълимии Ш.М.Эпе аксари он шахсоне, ки дар Аврупои Ғарбӣ ва Амрико дар муассисаҳои таълимии нав кушодашуда барои ношунавоён тайёрии касбӣ гирифтаанд фаъолият менамуданд.

Ҷадвали вақти кушода шудани аввалин мактабҳои махсус барои бачаҳои ношунаво ва нобиноён дар Европаи Ғарбиро пешниҳод мекунем:

| **Мактабҳо барои ношунавоён** | | **Мактабҳо барои нобиноён** | |
|---|---|---|---|
| Соли кушодашавӣ | Давлат | Соли кушодашавӣ | Давлат |
| 1760 | Франция | 1784 | Франция |
| 1778 | Олмон | 1791 | Англия |
| 1779 | Австрия | 1806 | Австро-Венгрия |
| 1786 | Чехия | 1806 | Олмон |
| 1790 | Ҳолландия | 1807 | Чехия |
| 1800 | Испания | 1808 | Ҳолландия |
| 1809 | Шветсия | 1809 | Шветсия |
| 1810 | Англия | | |

Чӣ тавре ки аз сайри таърихӣ ба ҳаёти кӯдакону наврасони нуқсони шунавоидошта ба таълим бармеояд, фарогирии онҳо ба таълиму тадрис давраҳои махсусро дарбар гирифтааст. Дар ташкилу таълими кӯдакони имконияти маҳдуди шунавоидошта риёзидонҳо ҳиссаи назаррас гузоштаанд. Назария ва амалияи онҳо барои ба вуҷуд омадан ва пешрафти илми сурдопедагогика таъсири назаррас расондааст. Назария (Рудолф Агрикола) ва амалияи (Ҷероламо Кардано, Шарк Минел Эпе) таълими кӯдакони ношунаво дар Робита ба фаъолияти касбӣ тиббӣ ба вуҷуд омада, инкишофу такмил ёфтаанд. Вале ин мутахасисон дар навбати худ риёзидонҳои асил буданд, ки дар фаъолияти назариявӣ ва амалии худ асосҳои илмию амалии таълими фардии кӯдакони имконияти маҳдуди шунавоидоштаро арзишманд ҳисобида дар иҷтимоишавии онҳо ҳиссаи сазовор гузоштаанд. Ин раванд дар илми муосир низ идома дорад.

## *Адабиёт*

1. *Плутарх. Избранные жизнеописания: В 2-х т. - М., 1987. - Т.1. – 589 с.*
2. *Права человека и инвалидность. Доклад комиссии по правам человека ООН: E/CN, 4/SUB 2/1 911/31/ - 76 с.*
3. *Преображенский Б.С. Глухонемота: Руководство для врачей-сурдопедагогов и сурдопедологов. - М.: Медгиз, 1933. – 248 с.*
4. *Рейсвейк К. Специальное образование в Нидерландах. - Б. м., 1993. – 42 с.*
5. *Рубинштейн М.М. История педагогических идей в ее основных чертах. - 2-е изд. - Иркутск, 1922. – 304 с.*
6. *Руссо Ж.-Ж. Эмиль. или О воспитании. Пед. соч.: В 2-х т. - М.: 1981. - Т. 1. - 592 с.*
7. *Сарагоса Ф.М. Завтра всегда поздно. Пер. с исп. - М.: Прогресс, 1989. – 320 с.*
8. *Скребицкий А.И. Воспитание и образование слепых и их призрение на Западе. - СПб., 1903. – 1024 с.: ил.*
9. *Словарь античности. Пер. с нем. Сост. Й. Ирмшер; Редкол.: В. И. Кузищин (отв. ред.) и др. - М.: СП «Внешсигма», 1992. – 704 с.*
10. *Советский энциклопедический словарь - 4-е изд. - М.: Сов. энцикл., 1986. – 1599 с.*
11. *Специальное образование в развитии: Сб. ст. Под ред. К. Рейсвека. Пер. с англ. - СПб, 1996. – 150 с.*
12. *Средневековая Европа глазами современников и историков: Кн. для чтения: В 5-ти ч. Отв. ред. А. А. Ястребицкая]. - М.: Интерпракс, 1994. - Ч.2 - Европейский мир X - XV вв. - 1994. – 378 с.*
13. *Уорд А.Д. Новый взгляд. Задержка в психическом развитии: правовое регулирование. - Тарту, 1995. – 245 с.*
14. *Феоктистова В.А. Очерки истории зарубежной тифлопедагогики и практики обучения слепых и слабовидящих детей. - Л., 1973. – 119 с.*
15. *Фолта Я., Новы Л. История естествознания в датах: Хронол. Обзор. Пер. со словац. - М.: Прогресс, 1987. – 495 с.*
16. *Шекспир В. Король Лир. Пер. Т. Л. Щепкиной-Куперник. - М. - Л: Искусство, 1952. – 232 с.*


## АВВАЛИН КӮШИШҲОИ РИЁЗИДОНҲО ДАР ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ИНФИРОДИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД


Маълум аст, ки ҳар як соҳаи илм дар робита бо соҳаҳои дигари илмҳо ба вуҷуд омада, рушд ва такмил меёбад. Дар мақолаи мазкур пайдоиш ва рушди як соҳаи илми педагогикаи сурдопедагогика, ки таълим тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдакону наврасони имкониятащон маҳдуд, яъне ношунавово ва камшунаворо меомӯзонад, дар робита ба илми тиб риёзиёт то андозпе мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Чӣ тавре ки аз мақола бармеояд, таълими кӯдакони ношунаво масъалаи баҳснокест, ки ба ҳисобгирифтани имконият ва қобилияти омӯзишии онҳоро талаб мекунад. Аз нигоҳи тиббӣ ношунаво будан ин нуқсонест, ки дар натиҷаи иллат ёфтани узвҳои шунавоӣ ба вуҷуд меояд ва он бояд табобату пешгирӣ карда шавад. Бинобарин таълиму тарбияи онҳо таваҷҷуҳи риёзидон ва табибонро ба худ ҷалб намудааст ва онҳо низ барои ҷустуҷӯ ва дарёфти таълими ношунавоёнро кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар гузашта ва имрӯзи фанни сурдопедагогика арзишманд ҳисобида мешавад. Дар охири мақола қайд карда шудааст, ки дар ҳар давраи таърихӣ олимону омӯзгорон дар пешрафти соҳаи илми педагогика ҳиссагузор буда ин раванд дар илми муосир идома дорад.



**Калидвожаҳо:** риёзидон, таълими инфиродӣ, ташаккулдиҳӣ, шахсият, кӯдакону наврасон, имконият, қобилият, табибон, ношунаво, нуқсон, мактаб, нутқи имову ишора.


## ПЕРВЫЕ ПОПЫТКИ МАТЕМАТИКОВ ОРГАНИЗОВАТЬ ИНДИВИДУАЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ


Известно, что каждая область науки развивается и совершенствуется по отношению к другим областям науки. В данной статье в той или иной степени проанализировано и обсуждено возникновение и развитие области сурдопедагогики, изучающей вопросы воспитания и становления личности детей и подростков с ограниченными возможностями, то есть глухих и слабослышащих детей. отношение к медицине и математике. Как следует из статьи, обучение глухих детей является дискуссионным вопросом, требующим учета их возможностей и способностей к обучению. С медицинской точки зрения глухота - это дефект, возникающий в результате дефекта органов слуха, и необходимости лечения и профилактики. Поэтому их образование и воспитание привлекает внимание математиков и врачей, а также они пытались найти способы образование для глухих, которое считалось ценным в прошлом и сегодня. В конце статьи отмечается, что в каждый период истории ученые и педагоги вносили свой вклад в прогресс области педагогики и этот процесс продолжается в современной науке.



**Ключевые слова:** математики, индивидуальное обучение, формирование, личность, дети и подростки, возможности, способности, врачи, неслышашие, дефект, школа, жестовая речь.


## THE FIRST ATTEMPT OF MATHEMATICS TO ORGANIZE THE INDIVIDUAL EDUCATION OF CHILDREN THEIR POSSIBILITIES ARE LIMITED


It is known that each area of science develops and improves in relation to other areas of science. This article to deals with emergence and development of deaf-and-dumb pedagogy, which studies the education and development of

the personality of children and adolescents with disabilities, that is, the deaf and hard of hearing. It has also relation to medicine and mathematics. As follows from the article, the education of deaf children is a debatable issue that requires taking into account their capabilities and learning abilities. From a medical point of view, deafness is a defect resulting from a defect in the organ of hearing, and it must be treated and prevented. Therefore, their education and upbringing attracted the attention of mathematicians and doctors, and they also tried to find and find education for the deaf, which was considered valuable in the past and today. At the end of the article, it is noted that in every period of history, scientists and teachers have contributed to the progress of the field of pedagogy, and this process continues in modern science.

**Keywords:** mathematicians, individual learning, formation, personality, children and adolescents, opportunities, abilities, doctors, deaf, defect, school, sign language

## Дар бораи муаллифон

**Маҷидова Бибиҳафиза**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 83 19 02
E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Маҳкамов Мамадҷон**
Дотсенти кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 585 10 55

**Рамазонова Раҷабгул**
Дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 23 01 46

## Об авторах

**Маджидова Бибихафиза**
Доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогический и инкллюзивного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 83 19 02
E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Махкамов Мамаджон**
Доцент кафедры методики обучения математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 585 10 55

**Рамазонова Раджабгул**
Доцент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 23 01 46

## About the authors

**Madjidova Bibihafiza**
Doctor of Pedagogical Sciences, professor in the Department of Social Pedagogical and Inclusive Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 83 19 02
E-mail: bibihafiza@mail.ru

**Makhkamov Mamadjon**
Associate Professor in the Department of Methods of Mathematics Teaching
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 585 10 55

**Ramazonova Rajabgul**
Associate Professor in the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 23 01 46

# УСУЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУШТАРАК ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КОММУНИКАТИВИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Сайфуллаев Х. Г., Сайфуллоева З. Х., Раҷабова Ф. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар нимаи дуюми асри ХХ дар Россия як қатор педагогҳое ба миён меоянд, ки барои татбиқи таҳсилоти такомулӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд (В.Ф.Шаталов, Ш.А.Амонашвили, С.Н.Лисенкова, Е.Н.Илин, М.П.Шетинин, П.М.Эрдниев, Л.С.Виготский, Л.В.Занков, Д.Б.Элконин, В.В.Давидов ва ғ.). Ин самт «Педагогикаи ҳамкорӣ» ном гирифта, хонанда субъекти мустақили худинкишофёбанда ба ҳисоб меравад, ки қобилияти ҷусуҷӯ, азхудкунӣ ва истифодаи донишро вобаста ба завқу рағбати хеш доро мебошад. Омӯзгор дар ин маврид мушовири хонанда дар роҳи худинкишофёбӣ ба ҳисоб меравад. Доир ба равияи мазкур олимон К.Р.Роҷерс ва А.Г.Маслоу далелҳои психологиро пешниҳод кардаанд. Мафҳумҳои пешкашнамудаи онҳо: худтатбиқшавӣ ва худинкишофёбӣ барои моделҳои таълимоти такомулӣ ва инкишофи шахсият калиде гардидаанд [10, с. 64].

Тайёрии мутахассисони баландпоя бидуни омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва технологияи муосир амрест муҳол. Чунин гузориши масъаларо борҳо Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён гузоштаанд, зеро дар шароити интегратсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд: ҶТ) ба ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши забонҳои хориҷӣ ва технологияи муосир хеле муҳим мебошад.

Дар ҶТ ба зарурияти омӯзиши забони хориҷӣ ба дараҷае таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки дониши забонии шогирдон қавӣ бошад, то ки дар оянда онҳо барои муошират бо ҳамкорони хориҷӣ дар масъалаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва тахассусӣ душворӣ накашанд. Албатта, дар шароити маҳдуд будани теъдоди соатҳои таълимӣ аз забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ расидан ба чунин мақсадҳо мушкилоте дорад. Бинобар ин, ба раванди таълим дар донишгоҳҳо бояд чунин технологияҳое ҷорӣ карда шаванд, ки барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда - тайёр намудани омӯзгорон-забондонони қавӣ мусоидат намояд [15, с. 132].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода доир ба мавзуи “Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст” изҳор намудаанд, ки “... мо дар ин ақида устувор будем ва ҳастем, ки ҷавонон дар асоси хуб донистани забони модарӣ барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ талош намоянд” [1].

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар соҳаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ корҳои назаррасе анҷом дода шудааст. Барои омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ гурӯҳҳои махсус ҷудо карда шудаанд. Ҳар яке аз чунин гурӯҳҳо бо васоити таълимӣ, техникӣ ва адабиёти таълимӣ-методии ватанӣ ва хориҷӣ таъмин шудаанд ва чунин чорабиниҳо имконият медиҳанд, ки забони хориҷӣ дар дараҷаи мутобиқ ба сертификати байналмилалӣ таълим дода шавад. Чорабиниҳои мазкур дар машғулиятҳои аудиторӣ самараи хуб медиҳанд, вале онҳо барои омӯзиши мустақилонаи (автономии) забонҳои хориҷӣ камсамаранд.

Дар шароити муосир омӯзиши хусусиятҳои мустақилонаи фаъолияти таълимию маърифатӣ талаби замон гардидааст. Муаллифони китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва мутахассисони варзида дар кӯшиши он ҳастанд, ки стратегия ва тактикаи омӯзиши автономиро ба донишҷӯён пешниҳод намоянд. Зеро кунун масъалаи худидории раванди таълим дар заминаи масъулияти шахсӣ актуалӣ гардида, донишҷӯён ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб рафта, онҳо мустақилона фаъолияти таълимӣ-маърифатии хешро ташкил намуда, онро берун аз дарс ва донишгоҳ ба нақша мегиранд, роҳбарӣ мекунанд ва таҳти санҷиш қарор медиҳанд.

Фаъолияти автономии таълимӣ-маърифатӣ чунин намуди фаъолияте мебошад, ки дар он донишҷӯён дар бахшҳои асосии фаъолияти таълимӣ мустақилона қарор қабул мекунанд. Аз ҷумла, онҳо ба қароре меоянд, ки чиро меомӯзанд, барои омӯзиши маводе чи гуна фаъолият мекунанд, кадом мавод ва воситаҳоро истифода мебаранд, ба тариқи фардӣ ё дар ҳамкорӣ бо касе кор мекунанд, пешрафт ва иҷроиши фаъолияти таълимии хешро чӣ гуна таҳти санҷиш қарор медиҳанд [4, с. 28].

Дар чунин маврид омӯзгор нақши баранда ва мушовирро мебозад. Ӯ ба шогирдон барои иҷрои коре маслиҳат медиҳад, роҳҳои иҷроиши проблемаеро шарҳу эзоҳ медиҳад ва барои пешбурди кори шогирдон мусоидат менамояд. Ҳар як шогирд дар муносибат ба раванди омӯзиш ва фаъолияти таълимӣ бо сабабҳои субъективӣ воситаҳои фардии хешро истифода мебарад, ки онҳо аз берун (аз ҷониби омӯзгор ё ҳамсуҳбат) дахолат ёфта наметавонанд. Дар чунин ҳолат мароқи шахсию манфиати ҳаётии донишҷӯ ва ангезаву ҷазбмандии ӯ нисбат ба забони хориҷӣ нақши бузург мебозад [10, с. 112].

Дар маърузаи Комиссияи байналхалқии ЮНЕСКО доир ба стратегияи глобалии рушди маълумот дар асри XXI қайд гардидааст, ки таҳсилот бояд ба он мусоидат намояд, ки, пеш аз ҳама, шахс аслу насаби худро дониста гирад ва мавқеи худро дар ҷаҳон муқаррар намуда, аз ҷиҳати дигар ӯ фарҳанги бегонаро эҳтиром намояд. Яке аз арзишҳои муҳими умумибашарӣ ва қисмати ҷудонашавандаи фарҳанг ин забон мебошад. Бинобар ин омӯзиши ҳам забони модарӣ ва ҳам забони хориҷӣ барои ташаккули шахсият аҳамияти бузург дорад. Аз рӯи ақидаи профессор И.Л.Бим, «Забони хориҷӣ барои ворид гаштан ба ҷаҳони муосир ҳамчун равзанаи иловагие мебошад, ки тавассути он шахс ба арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ роҳ меёбад» [5, с. 12].

Омӯзиши забон ва тамаддуни ҷаҳон воситаи муҳиме барои васеъ гардидани муошират миёни мардумон ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ мубошад. Аз ин рӯ, СММ соли 2001-умро «Соли муколамаи миёни фарҳангҳо» номидааст. Алҳол ақидаи роҷеъ ба ҷудо накардани омӯзиши забони хориҷӣ аз фарҳанги кишвар, таърих ва ҳаёти рӯзмарраи он аҳамияти муҳим пайдо кардааст.

Проблемаи фаъолияти муштараки педагогӣ як навъ равандест, ки фаъолияти мутақобилаи омӯзгор ва муҳассилинро бо истифодаи воситаҳои таълиму тарбия созмон медиҳад, то вазифаҳои таҳсилот барои рушд ва қонеъгардонии талаботи шахсият ва ҷомеа дар маҷмуъ ҳал карда шаванд [4, с. 37]. Фаъолияти муштараки педагогӣ ба ташаккул ва рушди шахсияти зиёӣ ва мутахассис нигаронида шудааст. Бояд қайд кард, ки дар фаъолияти муштараки педагогӣ мафҳумҳои ҳамрайъӣ (эмпатия), таҳаммулпазирӣ, ҳамгиройӣ, муошират ва ташаккули шахсият мавқеи муҳим доранд.

Тазаккур додан лозим аст, ки ҳисси ҳамрайъӣ дар инсон солҳои тӯлонӣ инкишоф ёфта, шакли торафт афзояндаи донишҳоро оид ба дигар фарҳангҳо, забонҳо, фаҳмиши услубҳои гуногуни коммуникатсионӣ, инчунин баландшавии ҳассосият ба ҳолатҳои гуногуне, ки зимни онҳо истифодаи арзишҳои алтернативии фарҳангӣ имконпазир аст, ба худ касб мекунад.

Мутобиқати амиқтар бо таҳаммулпазирӣ вобаста мебошад, ки зери ин мафҳум на фаҳмиши одии фарқияти фарҳангҳо, балки ҳамчунин фаҳмиши пурраи ин фарқиятҳо дар ҳолатҳои мушаххаси фарҳангӣ дар назар дошта мешавад. Он танҳо ҳамчун натиҷаи таҷрибаи шахсӣ дар фарҳанги бегона имконпазир аст. Амалан натиҷаи таҳаммулпазирӣ дуфарҳангӣ ё бисёрфарҳангӣ мебошад. Таҳаммулпазирӣ қисми дараҷаи баланди назокатмандии байнифарҳангӣ буда, хулосаи муносибати мусбат ба тафовутҳои фарҳангист [9, с. 66].

Ҳамгиройи фарҳангӣ натиҷаи ниҳоии мутобиқат ба фарҳанги бегона мебошад, ки он ҳамчун фарҳанги худӣ ба эътибор гирифта мешавад. Ташаккули шахсият зимни фаъолияти мутақобила бо дигар шахсиятҳо сурат мегирад. Фаъолияти мутақобилаи педагогии омӯзгор ва донишҷӯ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ бар асоси муошират роҳандозӣ мегардад. Дар айни замон мақсади таълими забони хориҷӣ - «омӯзондани муошират дар заминаи гуфтугӯи фарҳангҳо» барои ҷомеа эътирофшуда ва мубрам аст [12, с. 22].

Асоси низоми навини таҳсилоти лингвистиро муносибати културологӣ (фарҳангӣ) ташкил мекунад. Мақсади асосии <u>муносибати фарҳангӣ дар таълим</u> ҳосил намудани салоҳияти коммуникативии байнифарҳангӣ мебошад. Таҳти салоҳияти байнифарҳангӣ қобилияити муошират намудани шахс дар шароити муколамаи миёни фарҳангҳо, яъне

иштироки ӯ дар шароити муоширати байнифарҳангӣ фаҳмида мешавад. Салоҳияти байнифарҳангӣ қобилияти шахсро барои фаҳмиш ва шарҳу эзоҳи хусусиятҳои фарҳанги бегона, маҳорати дар муқоиса дарёфтани тафовут ва умумият дар табиати халқи худ ва расму оини он муайян мекунад [13, с. 58]. Бинобар ин, шогирдон на танҳо барои муошират кардан ва ҳамкорӣ намудан омода бошанд, балки онҳо дорои идроки махсуси фарҳанги баҳодиҳии воқеона, таҳамулпазирӣ ба фарди дорои фарҳанги бегона, ботамкинӣ, ба эҳсосот дода нашудан, маҳорати бартараф кардани зиддият ва низоъро (дар мубоҳисаи фарҳангӣ) дошта бошанд. Аз ин рӯ, дар шароити Тоҷикистон тайёр намудани омӯзгорони босалоҳият ва ташаккул додани шахсияти омӯзгорони фарҳангӣ хеле зарур аст.

Муошират коммуникативӣ ва касбӣ-фарҳангшиносӣ барои шахс ҳам барои фаъолият, ҳам барои худифодасозӣ, худинкишофдиҳӣ ва худтатбиқгардонии шахсият лозим аст. Дар илми педагогика муошират василаи ташаккули шахсият ва густардагии таҷрибаи иҷтимоии ӯ баррасӣ мегардад [14, с.48]. Дар асоси муносибатҳо ва ҷанбаҳои гуногун дар омӯзиши муоширати нутқӣ ва хусусиятҳои муоширати байнифарҳангӣ барои рушди ҳамрайъӣ ва тарбияи кушодӣ ва таҳаммулпазирӣ нисбати ин ё он миллат асарҳои М. М. Бахтин, А. А. Леонтев , И. А. Зимняя, Е.М.Верешагин, А.П.Садохин, В. В. Сафонова, Г. С. Тер-Минасова, С.Н.Алиев, С.Э.Неъматов, Г.Г.Қаршиева, Х.Г.Сайфуллоев, Ф.Шарипов, Т.Баумер (Th.Baumer), Х.Дювелл (H.Düwell), Х.Еделҳоф (Ch.Edelhoff) ва дигарон эҷод шудаанд.

Ин ҷо мо доир ба андешаҳои баъзе аз ин муҳаққиқон изҳори назар мекунем. Тавре ки маълум аст, донишҷӯён ҳангоми фаъолияти муштарак ба душвориҳо низ дучор мегарданд. Дар раванди машғулиятҳои интерактивӣ маҳсулнокии баланди муошират, гуногунии намудҳои фаъолият ба амал оварда мешавад ва он иштирокчиёнро барои идроки фаъолияти худ ҳидоят месозад. Ба андешаи И. А. Зимняя, «мушкилоти муошират намудан дар соҳаи фарҳанги этникӣ-иҷтимоӣ рафъпазиранд, ба шарте ки хусусияти онҳоро инсон дарк намояд ва пазирад, муоширати худро назорат барад ва онро дар чаҳорчӯбаи ҳолати мушаххаси муошират танзим созад» [8, с. 21].

Ба ақидаи муҳаққиқи олмонӣ Т.Баумер (Th.Baumer), «тавре ки наздик гардондани фарҳанги худӣ ва фарҳанги бегонаи ба он наздиктар (аз ҷумла, фарҳангҳои тоҷикӣ ва узбекӣ [Х.С.]) фаъолонатар дар амал татбиқ меёбад, наздик гардондани ду фарҳанги мухолиф низ (аз ҷумла, тоҷикӣ ва олмонӣ [Х.С.]) бояд ҳамин тавр эътироф карда шавад» [17, с. 120].

Тавре ки Н.Д.Галскова иброз медорад, барои фаъолияти мутақобилаи пурмаҳсули омӯзгор ва донишомӯзон усулҳои зерини таълим заруранд:

- «фароҳам овардани фазое, ки дар он ҳар талаба худро бароҳат ва озод ҳис менамояд ва барои истифодаи забони хориҷӣ майл дорад;

- ба шахсияти талаба дар маҷмуъ дахл кардан, эмотсияҳо ва эҳсосоти вайро ба раванди таълим ҷалб намуда, ба қобилиятҳои нутқӣ, когнитивӣ ва эҷодии вай таҳрик додан:

- ба вуҷуд овардани ҳолате, ки дар он омӯзгор симои марказӣ нест;

- пешбинӣ кардани шаклҳои гуногуни кор дар синф, фаъолмандӣ, мустақилият, эҷодкории муҳассилинро тақвият бахшидан» [6, с. 94].

Муошират байнифарҳангӣ роҳи ҳусни *тафоҳум бо шарикони хориҷиро муайян мекунад*, ҳисси ҳамрайъӣ ва идроки байнифарҳангиро рушд мебахшад. Мо таҷрибаи кори худро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба асос гирифта, ба маҳоратҳои асосӣ барои муоширати бемуноқиша ва маҳсулноки байнифарҳангии донишҷӯён дар соҳаи муоширати байнифарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардем ва чунин маҳоратҳои муоширати байнифарҳангиро ҷудо намудем:

- дарк кардан ва фаҳмидани падидаҳои фарҳанги худӣ ва бегона;
- гузарондани таҳлили қиёсии хусусиятҳои фарҳанги худӣ ва бегона;
- тамоюл ба воқеиятҳои кишваршиносӣ ва фарҳангӣ;
- дидан, шинохтан ва пазируфтани он малакаҳои фарҳангӣ ва сабабҳое, ки рафтори шарикони хориҷиро муайян мекунанд;
- мутобиқ шудан ба ҷониби дигар бидуни зарар барои шарафи худ;
- рушди маҳоратҳои рефлексивии муоширати байнифарҳангӣ.

Аз таҷрибаи ташкили фаъолмандии донишҷӯён зимни фаъолияти муштарак маълум гардид, ки баргузории фаъолияти дастаҷамъона, аз ҷумла, *усули кор дар даста ё гурӯҳҳои алоҳида, методи лоиҳасозӣ, ташкили саҳнаҳои театрӣ, бозиҳои нақшофарӣ, баргузории мизи мудаввар, конфронси матбуот* ва ғайра барои рушди шуҷоати донишомӯз, барҳам

задани монеаҳои психологӣ ва тарс, ба андешаи худ истодагарӣ карда исбот карда тавонистани ақидаи худ имконият фароҳам овардааст. Самаранокии чунин чорабиниҳо боз бо он зоҳир мегардад, ки дар муҳассилин ҳисси масъулият, кӯмакрасонӣ ба якдигар, ҳамраъйӣ ва таҳаммулпазирӣ ривоҷ ёфта, барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва касбии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ мусоидат менамояд.

Мо хусусияти фаъолияти мутақобилаи педагогиро дар шароитҳои бисёрфарҳангӣ муайян карда, дар пайгирӣ ба С.Э.Негматов муқаррар намудем, ки асоси фаъолияти мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯ робитаи иҷтимоӣ буда, бар ин асос шомили аломатҳои асосӣ ва принсипҳои пешбари онҳо мебошад [11, с. 64]. Болоравии таваҷҷуҳ ба проблемаҳои коммуникатсияи ғайрзабонӣ дар ҷаҳони муосир аён аст.

Густариши фазои иттилоотӣ, рушди технологияҳои нави коммуникатсионӣ, афзоиши робитаҳои корӣ ва шахсӣ, мубодилаҳои фарҳангӣ ва робитаҳои мустақими байни ниҳодҳои давлатӣ, ҳамкории илмӣ, тиҷорат, сайёҳӣ зарурати муносибатҳои навро зимни таълими забони хориҷӣ (минбаъд: ЗХ), ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ ва ҳам ғайризабонӣ ба вуҷуд меоранд. Айни замон мутахассисоне талабгор доранд, ки барои онҳо ЗХ асбоби зарурии фаъолияти касбист. Рафтори нутқии мувофиқ дар ҳама гуна шакл аз ҷониби таълимгирандагон азхудкунии на танҳо донишҳои системавӣ-забонӣ, балки ҳамчунин донистани қонунҳо, анъанаҳо, менталитети кишвари забони мавриди омӯзишро тақозо карда, ҳамин тариқ ба онҳо барои ширкат варзидан дар коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва гуфтугӯи фарҳангҳо ёрӣ мерасонад [3, с. 52].

Зимни ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва байнифарҳангӣ хусусиятҳои ишораҳо, қиёфабозиҳо, табассумҳо ва ғайраро, ки дар суҳбат истифода мегарданд, ба назар гирифтан зарур аст. Зеро маҳз ҳамин унсурҳои рафтори нутқӣ дар ҷараёни коммуникатсия бахши зиёди иттилоъро мерасонанд ва баъзан сабаби нофаҳмиҳо дар раванди коммуникатсияи намояндагони фарҳангҳои мухталиф мешаванд [6, с.41].

Бояд иброз намуд, ки ҳангоми фаъолияти муштараки педагогӣ ба раванди таълим машқҳои гуногунеро, ки ба хусусиятҳои муошироти байнифарҳангӣ дар доираи касбӣ бахшида шудаанд, дохил кардан месазад, то ба муҳассилин барои омода будан ба равобити байнифарҳангӣ дар фаъолияти касбӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо барои ҳалли вазифаҳои касбӣ мадад расонда шавад.

Маҳоратҳои рефлексивии муошироти байнифарҳангӣ ҷониби дигареро, ки барои муоширон мушкилоти калонтарин пеш меорад, тавсиф менамояд. Л.А.Соколова «Таҳти мафҳуми маҳоратҳои рефлексивии муошироти байнифарҳангӣ фаҳмидани фарде пазируфта шудааст, ки чӣ тавр ӯ аз ҷониби шарики муошироти байнифарҳангиаш дарк карда мешавад» [16, с. 21]. Баъзан тавре воқеъ мешавад, ки дар ҳолати касбияти баланди муаллими ЗХ кори ӯ маҳсули паст медиҳад, чунки дар байни ӯ ва муҳассилин муносибатҳо барқарор намегарданд.

Ба назари мо чунин менамояд, ки барои фаъолияти пурмаҳсули мутақобилаи омӯзгор ва муҳассилин дар раванди омӯзиши ЗХ фаъолиятҳои зерин муҳимманд:

- муҳассилин дар раванди таълим фаъолона ширкат менамоянд, барои муошират бо забони хориҷӣ талабот эҳсос мекунанд;
- муҳассилин ба ҳалли вазифаҳо ҷалб карда шудаанд, ки дар натиҷаи он ҳисси қаноатмандӣ аз фаъолияти таълимӣ падид меояд;
- вақте аз муҳассилин дар бораи баёни ақида, эҳсосот, таҷрибаи худ хоҳиш менамоянд, таҷрибаи шахсиятии онҳо ҷалб карда мешавад;
- кори гурӯҳӣ, ки фаъолмандӣ, ташаббускорӣ ва уҳдабароиро таҳрик медиҳад, ҳавасманд гардонда мешавад;
- нақши муаллим вобаста аз вазифаҳо дар ҳар давраи дарс гуногун аст (созмондиҳанда, ҳамоҳангсоз, мушовир). Дар натиҷа таълим ба худ таъсири маҳсулнок мепазирад [7, с. 21].

Тавре ки Пешвои миллат қайд кардаанд, «… имрӯз дар байни ҷавонони мо на танҳо донандагони ду забон, балки се – чор ва ҳатто панҷ забон торафт зиёд шуда, онҳо дар озмунҳои гуногуни байналмилалӣ донишу малакаи хуб нишон медиҳанд» [1].

Дар айни замон дар муассисаҳои таълимии кишвар тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити полилингвистӣ (бисёрзабонӣ) идома дорад, яъне дар баробари забони тоҷикӣ ва забони русӣ талабагон як ё ду забони хориҷиро аз худ мекунанд. Президенти кишвар - мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаю баромадҳои хеш борҳо қайд кардаанд, ки шахси фарҳангӣ дар баробари забони модариаш бояд камаш бо ду-се забони хориҷӣ балад бошад. Аз соли 2011 сар карда супориш шудааст, ки барои ба кор қабул кардани мутахассиси ҷавон донистани ду ё се забони хориҷӣ афзалиятнок ҳисоб карда мешавад. Чунин ташаббус ҷавононро водор мекунад, ки барои беҳтар омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиши зиёдтар ба харҷ диҳанд.

Ба ҳамин муносибат мувофиқи матлаб дониста мешавад, ки омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ бояд ба чунин салоҳиятҳо соҳиб бошад:

1. Дониши кофӣ аз забони модарӣ ва забони хориҷӣ барои таълими забони хориҷӣ дар мактаб;

2. Шахсияте, ки арзишҳои фарҳанги худӣ ва бегонаро аз худ кардааст ва дорои маҳорати истифодаи ин донишҳо дар раванди таълими забони хориҷӣ дар мактаб мебошад;

3. Донистани асосҳои педагогикаи этникӣ ва психологияи этникӣ ва маҳорати истифодаи ин донишҳо дар мактаб;

4. Маҳорати истифодаи маводҳои миллию фарҳангӣ дар машғулиятҳои забонҳои хориҷӣ, корҳои берун аз синфӣ аз забонҳои хориҷӣ ва дар раванди корҳои таълимию методӣ [8, с. 14].

Фаъолияти муштараки донишомӯзону омӯзгорони Донишгоҳи омӯзгорӣ бар баргузории «Рӯзҳои фарҳанги Австрия» дар шаҳри Душанбе солҳои 2011 ва 2017, «Клубҳои франкофонӣ» дар муассисаи «Бактрия», вохӯриҳои донишҷӯёни забони олмонӣ дар бинои «SLZ» (Маркази омӯзиши забон) ва Анҷуманҳои забони олмонӣ ва ғайра барои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии онҳо мусоидат карда метавонад.

Усули ташкили фаъолияти муштарак дар баробари машғулиятҳои аудиторӣ, инчунин дар фаъолмандиҳои бурун аз аудиторӣ низ назаррас арзёбӣ мегарданд. Аз ҷумла, чанд сол қалб донишомӯзони шуъбаи забони фаронсавӣ намоишномаи «Рустам ва Сухроб»-ро бо забони фаронсавӣ ва донишҷӯёни шуъбаи забони олмонӣ таҳти роҳбарии магистри Донишгоҳи Вена (Австрия) Беттина Зайлер намоишномаи «Кӯзаи шикаста»-ро бо забони олмонӣ ба саҳна гузоштанд.

Натиҷаи чунин фаъолмандиҳост, ки ҳар сол аз Донишгоҳи омӯзгорӣ 4-5 нафар муҳассилин таҳсили хешро аз рӯйи Барномаҳои FSJ, Au-pair-Mädchen, Ferien Job, Sommer Schule дар Ҷумҳуриҳои Омон, Австрия, Фаронса, Белгия, ШМА, Чин ва Кореяи ҷанубӣ идома медиҳанд. Баъд аз хатми таҳсили ду ё сесола онҳо мутахассиси соҳаҳои хадамоти иҷтимойӣ, меҳмонхона, ҳамшираи тиббӣ ва ғайра гардида, дар кишварҳои хориҷӣ ё ҶТ ҷойи кор пайдо мекунанд.

Хусусияти ҳар як халқ, гуногунии тафаккури он ва муносибати вай ба муҳити атроф таҷассуми худро дар забон пайдо мекунад. Аз ин рӯ, забон татбиққкунандаи хусусиятҳои фарҳангӣ мебошад. Дар фаъолияти мутақобила бо фарҳанги бегона фарҳанги худии талаба низ ташаккул меёбад. Бинобар ин инкишофи муошират, баланд гардидани завқ барои расидан ба боигариҳои интелектуалии инсонӣ забони хориҷиро на танҳо ҳамчун фанни таълимӣ мароқангез мегардонад, балки имконият медиҳад, ки он ҳамчун воситаи зарурӣ барои рушду нумӯи муколамаи байни фарҳангҳо мусоидат намояд [2, с. 73].

Ҳамин тариқ, самаранокии таълими ЗХ на танҳо аз фаъолияти якҷояи мутақобилаи мувофиқашудаи омӯзгор ва донишҷӯён, балки инчунин аз фаъолияти мутақобилаи шахсиятҳо ва ҳамдигарфаҳмии онҳо иборат аст. Фаъолияти муштараки ҳадафмандонаи педагогӣ иқтидори коммуникативӣ ва эҷодии муаллим ва муҳассилин, таҷрибаи андӯхташудаи фаъолияти коммуникативӣ ва истифодаи забони хориҷиро бо ҳама гуна усулҳо дар амал ҷорӣ мекунад.

Фаъолияти муштараки пурмаҳсул дар раванди таълими забони хориҷӣ ҳамоҳангсозии амалиёт, ёрмандии тарафайн, дастгирии якдигар, муносибат дар асоси ҳамкории эътимоднокро таъмин намуда, барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва байнифарҳании донишҷӯёни мусоидат мекунад.

***Адабиёт***


1. *Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, 27.09.2022.*
2. *Активные методы обучения в системе многоуровневого образования: Сб. науч.трудов / Ред. Р.Ф.Жуков.-СПб, 1995. - 354 с.*
3. *Алиев, С.Н. Общая методика обучения иностранным языкам (на тадж.яз.) / С.Н.Алиев [Текст] // Учебник для студентов факультетов иностранных языков педагогических университетов. - Душанбе: ТГПУ, 2013. - 336 с.*
4. *Беспалько, В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения // В.П.Беспалко [Текст]. - М., 1995. - 192 с.*
5. *Бим, И.Л. Личностно-ориентированный подход – основная стратегия обновления школы / И.Л. Бим [Текст] // ИЯШ. – 2002. – № 2. – С. 11-15.*
6. *Гальскова, Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова [Текст]. - М.: АРКТИ, 2003. - 192 с.*

7. *88 Землянская, Е.Н. Обучение в сотрудничестве на основе малых групп / Е. Землянская // Учитель. — 2007 . — N 1 . — С. 20-26.*
8. *Зимняя, И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании / И.А.Зимняя [Текст]. - М., 2004. - 42 с.*
9. *Клепцова, Е.Ю. Психология и педагогика толерантности / Е.Ю.Клепцова [Текст]. - М.: Академический Проект, 2004. – 176 с.*
10. *Маслоу А. Мотивация и личность = MotivationandPersonality / Пер. А. М. Татлыбаевой. - СПб.: Евразия, 1999. - 478 с.*
11. *Негматов, С.Э. Актуальные проблемы поликультурного и полилингвального образования: монография / С.Э.Негматов [Текст]. - Душанбе: Сифат, 2016. - 189 с.*
12. *Пассов Е.И. Кузовлев В.П. Коростелев В.С. Цель обучения иностранному языку на современном этапе развития общества. // Иностранные языки в школе. - 1987. - N6. - С. 22-23.*
13. *Сайфуллаев Х.Г. Теория и практика формирования межкультурной омпетенции студентов в педагогическом вузе: [Текст] Монография. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 209 с.*
14. *Сайфуллоева, З.Х. Теория и практика формирования коммуникативной компетентности студентов в условиях поликультурной образовательной среды (при обучении двум иностранным языкам): дис. ... д-ра пед.наук / З.Х.Сайфуллоева [Текст].– Душанбе, 2018. – 285 с.*
15. *Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: учебное пособие / Г.К.Селевко [Текст].-М: Народное образование. - 1998. – 256 с.*
16. *Соколова, Л.А. Рефлексивный компонент деятельности как необходимое условие развития учителя и учащихся / Л.А.Соколова [Текст] // ИЯШ. - 2005. - № 1. - С. 19-26.*
17. *Baumer, Thomas. Handbuch interkulturelle Kompetenz. Zurich: Orell Fussli, 2002. - 223 s.*

## УСУЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ МУШТАРАК ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КОММУНИКАТИВИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақола технологияи фаъолияти муштараки донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, ки дар методикаи муосири таълими забони хориҷӣ ҷолиб ва баҳсбарангез аст, баррасӣ мешавад. Проблемаи фаъолияти мутақобилаи педагогии хонандагон равандест, ки хамкории омӯзгор ва донишомӯзонро бо истифода аз воситахои таълиму тарбия барои халли масъалахои таҳсилотӣ ҷиҳати инкишоф ва конеъ гардонидани талаботи шахсият ва тамоми чамъият ташкил менамояд. Фаъолияти муштараки педагогӣ ба ташаккул ва рушди шахсияти зеҳнӣ ва касбӣ нигаронида шудааст. Бояд гуфт, ки дар фаъолияти муштараки педагогӣ мафҳумҳои ҳамбастагӣ, ҳамрайъӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамгирой, муошират ва ташаккули шахсият мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Муаллиф қайд мекунад, ки самаранокии таълими забони хориҷӣ на танҳо аз фаъолияти мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯён, балки аз фаъолияти ҳамдигарии шахсони алоҳида ва ҳамдигарфаҳмии онҳо иборат аст. Фаъолияти мақсадноки муштараки педагогӣ қобилиятҳои муоширатӣ ва эҷодии омӯзгор ва хонандагон, таҷрибаи андӯхташудаи фаъолияти муоширатӣ ва истифодаи забони хориҷиро бо роҳҳои гуногун дар амал татбиқ менамояд. Дар раванди таълими забони хориҷӣ дар асоси ҳамкории боэътимод ҳамоҳангсозии амалҳо, ёрии ҳамдигарӣ, дастгирӣ ва муносибати ҳамдигарро таъмин менамояд.

**Калидвожаҳо:** технологияи фаъолияти мутақобилаи донишҷӯён, салоҳияти коммуникативӣ, самаранокии таълим, раванди таълим, ташаккули шахсият. ҳамбастагӣ, ҳамрайъӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамгирой, муошират, ҳамдигарфаҳмӣ.

## ТЕХНОЛОГИЯ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ К ФОРМИРОВАНИЮ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

В статье речь идет о технологии взаимодействия студентов в процессе изучения иностранного языка, являющиеся интересной и дискуссионной в современной методике обучения иностранному языку. Проблема педагогического взаимодействия студентов – это процесс, организующий взаимодействие педагога и обучающихся с использованием средств обучения и воспитания для решения задач образования по развитию и удовлетворению потребностей личности и общества в целом. Совместная педагогическая деятельность направлена на формирование и развитие интеллектуальной и профессиональной личности. Следует отметить, что важное место в совместной педагогической деятельности занимают понятия солидарности, эмпатии, толерантности, интеграции, общения и формирования личности. Автор отмечает, что эффективность обучения иностранному языку складывается не только из слаженной взаимной деятельности преподавателя и обучающихся, но и из взаимной активности личностей и их взаимопонимания. Целенаправленная совместная педагогическая деятельность реализует на практике коммуникативные и творческие способности преподавателя и студентов, накопленный опыт коммуникативной деятельности и использования иностранного языка различными способами. В процессе обучения иностранному языку она обеспечивает координацию действий, взаимопомощь, взаимоподдержку и отношение на основе надежного сотрудничества.

**Ключевые слова:** технология взаимодействия студентов, коммуникативная компетенция, эффективность обучения, образовательный процесс, формирование личности. солидарность, эмпатия, толерантность, интеграция, общение, взаимопонимание.

**TECHNOLOGY OF INTERACTION TO FORMATION OF COMMUNICATIVE COMPETENCE OF FUTURE FOREIGN LANGUAGE TEACHERS**

The article deals with the technology of interaction between students in the process of learning a foreign language, which is interesting and debatable in the modern methodology of foreign language teaching. The problem of pedagogical interaction of students is a process that organizes the interaction of a teacher and students using the means of training and education to solve the problems of education to develop and meet the needs of the individual and society as a whole. Joint pedagogical activity is aimed at the formation and development of an intellectual and professional personality. It should be noted that the concepts of solidarity, empathy, tolerance, integration, communication and personality formation occupy an important place in joint pedagogical activity. The author notes that the effectiveness of teaching a foreign language consists not only of the well-coordinated mutual activities of the teacher and students, but also of the mutual activity of individuals and their mutual understanding. Purposeful joint pedagogical activity puts into practice the communicative and creative abilities of the teacher and students, the accumulated experience of communicative activity and the use of a foreign language in various ways. In the process of teaching a foreign language, she ensures coordination of actions, mutual assistance, mutual support and attitude based on reliable cooperation.

**Keywords:** technology of student interaction, communicative competence, learning efficiency, educational process, personality formation. solidarity, empathy, tolerance, integration, communication, mutual understanding.

## Дар бораи муаллифон

**Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 907 90 42 50
E-mail: sayfi.ddot@mail.ru

**Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна**
Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ, фаронсавӣ)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 465 98 95
E-mail: zarina_sayf@yahoo.com

**Раҷабова Фирӯза Садриддиновна**
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ, фаронсавӣ)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 245 225
E-mail: firuza.rajabova.90@mail.ru

## Об авторах

**Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич**
Доктор педагогических наук, профессор кафедры немецкого языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 907 90 42 50
E-mail: sayfi.ddot@mail.ru

**Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна**
Доктор педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания иностранным языкам (немецкий, французский)
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 465 98 95
E-mail: zarina_sayf@yahoo.com

**Раджабова Фируза Садриддиновна**
Старщий преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков (немецкий и французский языки)
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 245 225
E-mail: firuza.rajabova.90@mail.ru

## About the authors

**Sayfullaev Khairullo Gabdullaevich**
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor in the Department of German Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 907 90 42 50
E-mail: sayfi.ddot@mail.ru

**Sayfulloeva Zarina Khairulloevna**
Doctor of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Foreign Languages Teaching Method (German and French)
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 465 98 95
E-mail: zarina_sayf@yahoo.com

**Rajabova Firuza Sadriddinovna**
Senior Lecturer at the Department of Foreign Languages Teaching Method (German and French)
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 245 225
E-mail: firuza.rajabova.90@mail.ru

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

***Нугмонов М., Ҷонмирзоев Э.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии*
*кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ*

Муносибати босалоҳият бори аввал дар Англия коркард шуда буд. Он на дар дохили низоми маориф, балки ҳамчун ҷавоб ба фармойиши мушаххаси соҳаи касбӣ ба миён омад. Салоҳият ва босалоҳиятӣ чист? Ба ҷавоби ин савол муносибатҳо гуногунанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҷавоби ягона вуҷуд надорад, таснифоти ягонае ҳам дар мавриди салоҳиятҳо нест, ки ҳама қабул дошта бошанд.

*Назари муҳаққиқон ба мафҳуми “салоҳият”:*

С. Велде: Салоҳиятҳо - талаботи нисбатан бегона ва барои оянда пешбинишуда ба омодасозии таълимии хатмкунанда аст, ки дар назди воҳиди барномаи таълимӣ гузошта мешавад ва ҷавҳари босалоҳиятиро ташкил медиҳад.

Т. Е. Исаева: Махсусияти салоҳият дар қобилияти шахс ҳангоми истифодаи донишҳои андӯхта, малака ва маҳорати бадастомада, бунёди мазмунҳои нав, иттилои нав, объектҳои воқеият дар ҷараёни худтакмилдиҳии муттасил зоҳир мешавад.

Э. Шорт: Салоҳият идора кардани вазъият дар шароити тағйирёбандаи муҳити атроф, қобилияти нишон додани аксуламал ба таъсири муҳит ва тағйир додани он аст.

Э.Ф. Зеер: Дар баробари дониш, малака ва маҳорат, ба сохтори салоҳият таҷриба, яъне ҳамгиройии яклухтгардидаи амалҳо, усулҳо ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо дохил мешаванд.

*Аз рӯйи ақидаҳои овардашуда ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:*

- аввалан, фаҳмиши ягонаи салоҳият ва босалоҳиятӣ вуҷуд надорад;
- дуюм, баъзе ақидаҳо бештар ба амалҳои беруна, баъзеи дигар ба махсусиятҳои ботинӣ нигаронида шудаанд;
- сеюм, донишҳо ҳамчун ибтидои малакаҳо муайян шудаанд;
- чорум, баъзе ақидаҳо унсурҳоеро дар бар мегиранд, ки ҳамчун маҷмуи арзишҳо ва муносибатҳо фаҳмида мешаванд.

Бо мақсади мушаххас намудани андешаҳои асосӣ чанд хулосаи муҳимро қайд мекунем [1]:

Салоҳият аз ҷониби шахс дар фаъолияте, ки барои ӯ арзиш дорад, зоҳир мешавад ва ташаккул меёбад;

Салоҳият аз маҷмуи мураккаби амалҳое иборат аст, ки ҳамгиройиро талаб мекунад, на маҷмуи одии дониш ва малакаҳои қаблан бадастоварда;

Талабот барои хондан, аз худ кардани малакаҳои нав, дар заминаи манфиатҳо ё кушишҳо барои ягон мақсад ба вуҷуд омада метавонад;

Салоҳиятҳо дар алоҳидагӣ ташаккул намеёбанд. Дар ҳаёти воқеӣ маҳорати эҷодкорӣ, малакаи омӯзиш, тафаккури интиқодӣ, салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва ғайра ба ҳамдигар омехта шуда, ҳамдигарро тақвият мебахшанд;

Аз нуқтаи назари педагогӣ салоҳиятҳо танҳо дар вазъиятҳои таълимии барои хонандагон шавқовар ва мақсаднок бомуваффақият ташаккул дода мешаванд;

Босалоҳиятӣ – қобилияти бомуваффақият ҳал кардани мушкилот, ихтилофот ва масъалаҳо мебошад. Дараҷаи босалоҳиятӣ ба сатҳи мураккабии масъалаҳо/мушкилоти бомуваффақият ҳалшуда вобастагӣ дорад ва ҳар қадар масъала мураккабтар бошад, сатҳи босалоҳиятӣ ҳамон қадар баландтар аст;

Аз нуқтаи назари педагогӣ босалоҳиятиро ҳамчун натиҷаи дилхоҳи таълим фаҳмидан мумкин аст, ки дар натиҷаи он хонанда соҳиби маҷмуи салоҳиятҳо мегардад.

***Шарҳи истилоҳии мафҳумҳои салоҳият ва босалоҳиятӣ***

| Салоҳият | Босалоҳиятӣ |
|---|---|
| САЛОҲИЯТ (аз калимаи лотинии competere — мутобиқат кардан, муносиб будан) — маҷмуи мураттаби дониш, малака, маҳорат ва қобилиятҳо, ки барои ҳалли масъалаҳои муайяни фаъолият равона шудаанд. | БОСАЛОҲИЯТӢ — сифати шахс, ки дар ягон соҳа дорои донишҳои ҳамаҷониба буда, нуқтаи назараш дар ин маврид эътибор дорад. |
| САЛОҲИЯТ — маҷмуи дониш, малака ва маҳорате, ки дар ҷараёни омӯзиши ин ё он фан ташаккул меёбад, инчунин қобилияти иҷрои ягон амал дар асосидониш, малака ва маҳорати бадастомада. | БОСАЛОҲИЯТӢ — доштани салоҳиятҳои муайян, яъне дониш ва таҷриба дар фаъолияти шахсӣ, ки барои мулоҳизаи воқеъбинона кардан ва қабули қарорҳои дуруст мусоидат менамоянд. |

***Мафҳуми салоҳият.*** Вақте ки сухан дар бораи муносибати босалоҳият ба таълим меравад, пеш аз ҳама мафҳумҳои «салоҳият» ва «босалоҳият» - ро донистан лозим аст.

*Салоҳият* – маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои амалие, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

*Салоҳиятнокӣ* – маҷмуи қобилияти инсон аст, ки барои мустақилона истифода бурдани унсурҳои гуногуни дониш, малакаю маҳорат ва усулҳои фаъолият дар вазъи муайян (таълимӣ, инфиродӣ, касбӣ) равона мегардад.

Олимони соҳаи педагогика салоҳиятҳоро ба се гурӯҳ ё се бахш ҷудо кардаанд: салоҳиятҳои асосӣ, байнифаннӣ ва фаннӣ [2].

1). Салоҳиятҳои асосӣ – ба мундариҷаи умумии таҳсилот мансубанд.

2). Салоҳиятҳои умумифаннӣ – ба доираи муайяни фанҳои таълимӣ ва соҳаҳои таълим мансубанд.

3). Салоҳиятҳои фаннӣ–нисбат ба ду сатҳи салоҳиятҳои қаблӣ хусусӣ буда, дорои тавсифи мушаххас ва имконияти ташаккул дар доираи фанни таълимӣ мебошанд.

***Салоҳиятҳои асосӣ***

| Салоҳиятҳои асосӣ | Шарҳи умумӣ |
|---|---|
| ЭҶОДКОРӢ | Маҳорати таҳияи ягон чизи нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳал дар масъалаҳои нав, тахайюлпазирӣ ва образнокии фикрронӣ, ҳамгиро кардани усулҳои маълуми фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъияти проблемавӣ, ки ба ақидаҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд |
| ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ | Маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ, ки барои муқоисаи пинҳонӣ ва ошкор, робитаҳои сабабу натиҷа, қарорҳои қабулшуда, инчунин қобилияти баҳодиҳии фарзияҳо, баҳсҳо, консепсияҳо, маълумотҳо (ки метавонанд нопурра бошанд) барои баровардани хулосаҳои худ ва асоснок кардани мавқеи худ имконият медиҳанд. |
| МАҲОРАТИ ОМӮЗИШ | Имконият ва омода намудани мақсадҳо барои худомӯзӣ, банақшагирии қадамҳои омӯзишӣ, мустақилона ё ҳамроҳ бо дигарон гирифтани маълумот барои омӯзиш, қобилияти истифода бурдани донишу малакаҳои ба даст овардашуда барои ҳалли проблемаҳо, инчунин инъикос ва худтанзимкунӣ аз натиҷаи омӯзиши худ. Талабот ба омӯзиш танҳо дар мавриди мавҷуд будани манфиатҳо ва кӯшишҳо барои ягон мақсад пайдо шуда метавонад. |
| КОММУНИКАТИВӢ | Маҳорати истифодаи усулҳои гуногуни коммуникатсия: қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳӣ, хаттӣ, аёнӣ-графикӣ, ғайризабонӣ, бо истифодаи алоқаҳои рақамӣ) ҳангоми муоширати хусусӣ, таълимӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ. |
| ҲАМКОРӢ | Маҳорат ва малакаи ҳамроҳ кор кардан ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли якҷояи мушкилот, татбиқи ақидаҳои умумӣ ва лоиҳаҳо [4]. |

***Салоҳиятҳои фаннӣ.*** Ҳадафи асосии салоҳиятҳои фаннӣ ташаккул додани малакаҳои истифодаи донишҳои фанни омӯхташаванда дар зиндагӣ аст. Ҳадафи аосии таълим ва омӯзиш омода намудани донишҷӯён ба зиндагии оянда аст ва донишу малакаҳои фаннӣ бо мақсади дар донишҷӯён ташаккул додани малакаҳое равона шудаанд, ки натиҷаи онҳоро дар ҳаёти худ истифода карда тавонем. Донише, ки дар ҷое татбиқ надошта бошад, то кадом

андоза зарур аст, барои омӯхтан зарурат дорад? Мо ба донишҷӯён бо мақсади татбиқи донишҳо дар зиндагӣ таълим медиҳем. Бинобар ин салоҳиятҳои фаннӣ ба ташаккули қобилиятҳои ихтисосии хонандагон аз фанни мазкур нигаронида мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми банақшагирии салоҳиятҳои фаннӣ ба инобат гирифтани натиҷаҳои таълими фан, натиҷаҳои чашмдошти фаъолият аз фанни таълимӣ муҳим аст [7].

Татбиқи муносибати босалоҳият (такя ба салоҳиятҳои умумиву фаннӣ), пеш аз ҳама, ин муайян намудани мақсад дар шакли натиҷаҳои интизории таълим буда, интихоби мазмуни таълим ва методика (технология)-и таълими мувофиқ ба мазмуни таълимӣ мебошад.

Яке аз хусусиятҳои асосии татбиқи ташаккули салоҳиятҳо ба монанди бедор кардани ҳавасмандӣ ва ҳисси масъулиятшиносии ҷиддии донишҷӯён дар истифодаи дониш, малака ва маҳорати пайдошуда дар ҳаллу омӯзиши силсилаи масъалаҳо ва маводи амалию назариявӣ мебошад.

Барои таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ истифодаи тартиби зерин мувофиқи мақсад аст:

- *муайян намудани самтҳо ё қисматҳои асосии таълими фан;*
- *муайян намудани дониш, малака ва маҳоратҳо, ки донишҷӯён мувофиқи ҳар як самт ё қисмати таълим бояд ба даст оранд;*
- *таҳияи салоҳиятҳо дар асоси дониш, малака ва маҳоратҳои муайяншуда ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ;*
- *такмил ва рушди салоҳиятҳо мувофиқи синф (тибқи принсипи аз сода ба мураккаб).*

Шарҳи умумии салоҳияти тафаккури интиқодӣ маҳорат ва малакаи зеҳнӣ мебошад, ки барои муқоисаи пинҳонӣ ва ошкоро, робитаҳои сабабу натиҷа, қарорҳои қабулшуда, қобилияти баҳодиҳии фарзияҳо, баҳсҳо, консепсияҳо, маълумотҳо (метавонанд нопурра бошанд), барои хулосабарорӣ ва асоснок кардани мавқеи хеш ба кор гирифта мешаванд. Тавсифи мушаххаси он таҳияи саволҳо, тавассути саволгузорӣ ҷустуҷӯ кардани иттилои нав, гирифтани ахбор аз сарчашмаҳои гуногун ба маҳорати фарқ кардани далелҳо аз ақидаҳо, таснифот, гурӯҳбандии объектҳо, маълумоти нав аз рӯйи категорияҳо, пайдо кардани хатоҳо, муайян кардани иштибоҳҳои мантиқӣ ва ғалатҳои дигар, пайдо кардани роҳҳои ислоҳи онҳо, маҳорати хулоса баровардан, ҷамъбаст, ошкору муайян кардани иттилоъ ё ақидаи муҳим ва ғайраҳо мебошад [1].

*Зарурияти ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият*

Татбиқ намудани муносибати босалоҳият дар таълим аз омӯзгор сифатҳои навро: салоҳият дар муайян кардани ҳадафҳо, интихоби технологияҳои педагогӣ ва усулҳои таълим, салоҳият дар интихоби китоб, маводи таълимӣ ва салоҳияти иттилоотӣ талаб намуда, имкон медиҳад, ки қобилияти маърифатии донишҷӯён ҳангоми арзёбӣ намудани раванди таърихӣ рушд дода шавад.

Муносибати босалоҳият ин танҳо додани иттилоот ба донишҷӯён иборат набуда, моҳияти асосии он аз рушд додани маҳорат дар ҳал карда тавонистани мушкилоти ҳаётӣ мебошад. Дорои салоҳият будан он маъно дорад, ки шахс метавонад, мушкилотро мустақилона муайян намуда, ба воситаи ҷустуҷӯ ва барои ҳалли он донишҳои зарурӣро истифода бурда тавонад [10]..

Таҳсилот дар шароити муосир аз хатмкунанда талаб мекунад, ки ӯ на танҳо аз фанҳои омӯхташуда дониш гирад, балки қобилияти истифодаи ин дониш, мустақилона ба даст овардан ва истифодаи онро дар амал татбиқ карда тавонад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ намудани шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ташаккули системаи донишҳои умумӣ, малака ва таҷрибаи фаъолияти мустақил, ки мавҷудияти онҳо барои бомуваффақият ҳал намудани мушкилот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти касбӣ заруранд, барои таълими имрӯза муҳим мебошанд. Гузариш бо муносибати босалоҳият дар таълим шарти муҳим барои ноил шудан ба ин мақсадҳо мебошад.

Дар ҷараёни фаъолият маҷмуи вазифаҳои таълимӣ ташаккул дода шуда, амалисозии онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва фаннӣ нигаронида мешавад. Дар ҷараёни натиҷагирӣ пешрафти донишҷӯён, дараҷаи рушди салоҳиятнокии онҳо ошкор карда мешавад ва ин имкон медиҳад, ки дар бораи сатҳи салоҳияти донишҷӯён хулоса бароварда шавад.

Дар айни замон, агар дар баъзе муассисаҳои таълимӣ технологияи тафаккури интиқодӣ мавриди истифода қарор дода шуда бошад ҳам, ҳанӯз чун салоҳият инкишоф наёфтааст.

*Меъёри салоҳияти тафаккури интиқодӣ*

Ба ақидаи олим Э.В. Миронова чор меъёри салоҳияти тафаккури интиқодиро ҷудо кардан мумкин аст:

- меъёри аввал – салоҳияти бешуурона;
- меъёри дувум – салоҳияти репродуктивӣ;
- меъёри сеюм – салоҳияти самаранокӣ;
- меъёри чорум – салоҳияти эҷодӣ;

Меъёри дараҷаи аввалро фаъолияти ғайримустақилонаи донишҷуён ҳисоб кардан мумкин аст, зеро вай мувофиқи амри омӯзгор ба вуҷуд оварда мешавад. Омӯзгор чун иштирокчии фаъоли фаъолияти таълимӣ амал карда, аз донишҷуён ҷавобҳои дурустро талаб мекунад ва ҳуқуқи донишҷуёнро ба содир намудани хатоӣ ё ташкили муколама эътироф намекунад.

Меъёри дуюм – репродуктивӣ буда, дараҷаи дониши забонии донишҷуёнро нишон медиҳад. Вале донишҷуён қобилияти дар амал татбиқ намудани ин донишҳоро надорад. Фаъолияти репродуктивӣ вобаста ба хотираи донишҷуён ё супорише, ки омӯзгор ба донишҷуён додааст, иҷро карда мешавад. Омӯзгор аз донишҷуён иҷрои бемайлони супоришҳоро интизор буда, онҳо амалҳои одии зеҳниро иҷро менамоянд, ки байнашон танҳо мубодилаи иттилоотӣ ташкил карда мешавад.

Меъёри сеюм – самаранокӣ ном дошта, дараҷаи маҳорати забондонии донишҷуён, усулҳои таҳлил, синтез, муқоиса, ҷамъбаст ва ҳамзамон, синтези дониш ва маҳорати забондонӣ, ки ҳамчун воситаи дониш истифода мешаванд, нишон медиҳад. Донишҷуён дар ин сатҳ фаъолияти самаранокро пайдарпай, мустақилона ё тибқи тартиботи муқарраршуда иҷро мекунанд. Фаъолияти маърифатӣ дар шакли шифоҳӣ-мантиқӣ иҷро карда мешавад. Омӯзгор худшиносӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва кӯшиши худифшокунии донишҷуёнро ташкил намуда, ба сатҳи баланди татбиқи рушди салоҳиятҳои иҷтимоии онҳо ҳам дар самти муошират ва ҳам таълиму тарбияи онҳо ноил мешавад.

Дараҷаи чорум – дараҷаи эҷодӣ, яъне худ ифодакунии шахси босалоҳият мебошад, ки дар асоси дониш, малака ва арзишҳои азхудкарда метавонад фаъолиятҳои эҷодиро мустақилона иҷро намуда, супоришҳоеро, ки ҷамъбасти маълумот ва тафаккури эҷодиро талаб мекунад, иҷро менамояд ва кӯшиш мекунад, ки чизи иловагиро аз худ намояд. Донишҷуёне, ки дараҷаи чоруми салоҳияти тафаккури интиқодӣ доранд, на танҳо дар таҳсил муваффақ мешаванд, балки ба кӯмак ва шарикӣ ба дигар донишҷуён омодаанд.

Сатҳи миёна – саволҳоро бо далелҳои аёнӣ тартиб медиҳанд, ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ эҷодкорона муносибат мекунанд, қобилияти таҳлил кардан доранд, дар баҳсҳо иштирок мекунанд, роҳи ҳалли мушкилотро муайян мекунанд, сатҳи миёнаи ҳавасмандӣ ва суръати миёнаи равандҳои фикррронӣ дошта, дар ангезаҳои иҷтимоӣ ва арзёбӣ ширкат мекунанд.

Сатҳи баланд – муносибати эҳтиёткоронаро ҳам ба суханҳои омӯзгор ва ҳам ба ҷавобҳои донишҷуён нишон медиҳанд, матнро ба тартиб меоранд, донишро дар амал озодона истифода мебаранд, дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои таълимӣ эҷодкор ҳастанд, қобилияти муқоиса ва ҷамъбаст карданро доранд, сатҳи ҳавасмандии баланд дошта, суръати баланди фикррронӣ ва имконпазирии бартарияти ангезаҳои таълимӣ нисбат ба ангезаҳои иҷтимоиро доро мебошанд. Чунин донишҷуён бо мавҷуд будани ангезаҳои баланди маърифатӣ ва хоҳиши бомуваффақият иҷро кардани ҳамаи талабот аз дигарон фарқ мекунанд.

*Нишондиҳандаҳои асосии рушди салоҳияти тафаккури интиқодӣ:*

- суханронӣ дар назди донишҷуён;
- ҷалб намудани донишҷуён бо истифода аз усулҳои шифоҳӣ;
- баргузор намудани муколама;
- додани посух ба савол;
- пурсидани саволе, ки ҷавоби одиро талаб мекунад;
- пешниҳоди саволе, ки маҳорати фикррониро инкишоф медиҳад;
- кор кардан бо матн;
- ёфтани маълумоти лозимӣ;
- баҳо додан ба иттилоот;
- ёфтан ва ислоҳ кардани хатоиҳо;
- эҷод кардани матни хаттӣ;

- навишта тавонистани эссе ё реферат;
- кор кардан бо гурӯҳ;
- тартиб додани нақшаи амал кард;
- маҳорати мустақилона таъин кардани ҳадафи кор, таҳияи нақшаи фаъолият, ёфтани роҳҳои ҳалли муносиби мушкилот, созиш ва ғайра.

***Марҳилаҳои истифодаи технологияи тафаккури интиқодӣ.*** Технологияи тафаккури интиқодӣ аз се марҳилаи дарс *водоркунӣ, дарккунӣ, мулоҳизаронӣ (инъикос)* иборат аст.

| Даврахо | Фаъолияти омӯзгор | Фаъолияти донишҷуён | Методҳо ва усулҳо |
|---|---|---|---|
| Водоркунӣ | Вобаста ба дониши пешакӣ донишҷуёнро ба ҷавоб додан водор мекунад. Донишҷуёнро фаъол мегардонад. Барои иҷрои фаъолиятҳои минбаъда ҳавасманд мегардонад. | Ба хотир мебиёрад, ки ба вай чӣ чиз маълум (аз савол) аст. То гирифтани ахбороти нав ахбороти доштагиро ба тартиб мегузорад. Барои дарёфти ҷавобҳо саволҳо мегузорад. | - Рӯихати маълумоти донистагиашро тартиб медиҳад.<br>- Вобаста ба мафҳумҳои асоси фикри худро ба тартиб мегузорад<br>- Ба воситаи кластер, схема, ҷадвал фикри худро ба тартиб мегузорад<br>- Фарзияҳои дуруст ва нодурустро ҷудо мекунад. |
| Дарккунӣ | Ҳангоми кор кардан бо мавод рағбати донишҷуёнро ба мавзуъ зиёд мекунад. Бо ёрии маводи нав донишҷуёнро аз дониши «кӯҳна» (носаҳеҳ) тадриҷан пеш мебарад. | Усулҳои фаъолеро, ки омӯзгор пешниҳод мекунад истифода бурда, матнро мехонад, гӯш мекунад, чизеро қайд мекунад. | - Методи хониши фаъол<br>- Хониш аз рӯи аломатҳо<br>- Рӯзномаи дубахша<br>Ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволҳое, ки дар зинаи якум гузошта шуданд. |
| Муҳокима (инъикос) | Диққати донишҷуёнро ба қайдҳо ва фикрҳои аввалин ҷалб мекунад. Дар асоси маводи омӯхташуда ба донишҷуён супориш медиҳад, ки ба фикрҳо ва қайдҳои аввалин тағйирот даровранд | Супоришҳое, ки дар марҳилаи дарккунӣ супорида шуданд, истифода бурда, ахбороти «кӯҳна» - ро бо ахбороти «нав» муқоиса мекунанд. | - Пур кардани класстер, ҷадвал.<br>- Бозгашт ба мафҳумҳои асоси, фарзияҳои дуруст ва нодуруст.<br>- Барқарор намудани алоқа байни ахбороти кӯҳна ва нав.<br>- Ҷавоб ба саволҳои гузоштташуда.<br>- Ташкил намудани баҳс.<br>- Навиштани эссе |

Намуна. Мавзуъ: «Ёфтани суммаи кунҷҳои секунҷа».

Методҳои истифодашда: хониш аз рӯи таваққуф, хониш аз рӯи аломатҳо, тартиб додани ҷадвал, мулоҳизаронӣ.

Зинаи водоркунӣ. Омӯзгор номи мавзуи навро дар тахтаи синфӣ навишта, ба донишҷуён муроҷиат мекунад, ки кадом мафҳуми нав барои Шумо номаълум аст. Донишҷуён ҷавоб медиҳнд, ки «кунҷҳои секунҷа». Омӯзгор савол мегузорад, ки ба кадом соҳа ин мафҳум тааллуқ дорад ва ин мафҳум чӣ маъно дорад? Донишҷуён ҷавоб медиҳанд, ки ба шуморидан дохил мешавад. Азбаски ин мафҳум ба шумора тааллуқ дорад, маънояш ёфтани адад аст.

Омӯзгор мегуяд, ки мақсади дарси имрӯза муайян намудани суммаи дилхоҳ кунҷҳои секунҷа ва донистани хусусиятҳои он мебошад.

Зинаи дарккунии маводи нав мебошад. Омӯзгор аз материалҳои дидактикӣ мавзуро муайян намуда, супориш медиҳад, ки матнҳоро хонда, дар зери калимаи сумма, як хат ва дар зери кунҷ, ки суммаи шуморидани кунҷҳоро нишон медиҳад, ду хат кашед. Баъд аз ба анҷом расондани ин корҳо ҷадвали зеринро пур кунед.

| Р.Б. | Намуди секунҷа | Кунҷи 1 | Кунҷи 2 | Кунҷи 3 | Сумма |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Секунҷаи росткунҷа | 45 | 45 | 90 | 180 |
| 2. | Секунҷаи баробартараф | 60 | 60 | 60 | 180 |
| 3. | Секунҷаи баробарпаҳлӯ | 70 | 70 | 40 | 180 |
| 4. | Секунҷаи гуногунтараф | 35 | 45 | 100 | 180 |

Баъди анҷоми ин супоришҳо омӯзгор аз донишҷуён савол мекунад, ки мафҳуми «ёфтани суммаи куҷи дилхоҳ секунҷа» - ро шарҳ диҳед. Донишҷуён ҷавоб медиҳанд, ки суммаи куҷи дилхоҳ секунҷа ба 180 дараҷа баробар аст, ки ин аз бузургии кунҷҳои секуҷа вобастагӣ надорад.

Зинаи мулоҳизаронӣ ё инъикос мебошад. Омӯзгор ба донишҷуён супориш медиҳад, ки таърифи секуҷаҳоро дар дафтарашон нависанд. Пас аз он омӯзгор ба донишҷуён саволҳо дода, супориш медиҳад, ки онҳоро шарҳ диҳанд.

## *Адабиёт*


1. *Атахонов Т., Лутфуллоев М. Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ: Душанбе, 2005.*
2. *Бахарева С. Развитие критического мышления через чтение и письмо. Учеб. метод. пособие. – Новосибирск, 2003.*
3. *Безрукова В.С. Все о современном уроке в школе: проблемы и решения. - М., 2004.*
4. *Джураев А. Обучение навыкам письма как путь усвоения учебных дисциплин и формирования критического мышления. Ученые записки. ХГУ имени ак. Б.Гафурова, 2005.*
5. *Джураев А. Формирование критического мышления как часть реформирования гуманитарного образования. Набзи замон. – Худжанд, 2011.*
6. *Загашев И.О., Заир-Бек С.И. Критическое мышление: технология развития. - СПб., 2003.*
7. *Заир-Бек С.И. Развитие критического мышления через чтение и письмо: стадии и методические приемы // Директор школы. - 2005. - № 4.*
8. *Заир-Бек С.И., Муштавинская И.В. Развитие критического мышления на уроке. - М., 2004.*
9. *Клустер Д. Что такое критическое мышление? //Критическое мышление и новые виды грамотности. - М., 2005.*
10. *Лутфуллоев М., Сулаймони С., Афзалов Х. Антология педагогической мысли таджикского народа. – Душанбе, 2009.*
11. *Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развитии критического мышления в школе. Пособие 2 для учителей англ. языка. - Душанбе, 2008.*
12. *Раҳимов Б. Зарурияти эҳёи педагогикаи халқӣ // Рӯзномаи «Омӯзгор». – 2010. - №15. – 9 апрел.*
13. *Сафин Д.В. Мусина Р.Г. Интерактивные методы преподавания и учения. Учебно-методическое пособие. - Душанбе, 2006.*


## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР НИЗОМИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ


Мақола дар бораи ташаккули маҳоратҳои мустақилонаи фардӣ ва гурӯҳии кор кардани хонандагон дар дарси математика бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим мебошад. Мувофиқи ин дарс дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, омӯзгорон метавонанд аз ин мавзуъ, технологияи тафаккури интиқодӣ, ки аз кори эҷодии муаллим ва хонанда асос ёфтааст истифода намоянд. Ташкили гурӯҳ, қоидаҳои гурӯҳбандӣ, маҳоратҳои гурӯҳбандӣ, фаъолиятҳои гурӯҳбандӣ ва ҳамкории омӯзгор бо хонанда, хонанда бо хонанда ва аъзоёни гурӯҳ бо аъзоёни гурӯҳи дигар бе майлон дар дарси худ истифода хоҳанд бурд.



**Калидвожаҳо:** усули фаъол, мустақилият, қобилияту маҳоратҳои худидоракунӣ, муошират кардан, таҳлилкунӣ ва баҳодиҳӣ, такрор (репродуктивӣ), баҳодиҳӣ дар ҳамкорӣ, эҷодӣ (креативӣ), таълими тафриқавӣ, муносибати тафриқавӣ, усули «Хониши босифат; ҳамгирой, тафриқакунонӣ, технологияи инноватсионӣ, муносибати проблемавӣ, салоҳият, тафаккури интиқодӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ АКТИВНЫХ СПОСОБОВ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ ПРИ КОМПЕТЕНТНОСНОМ ПОДХОДЕ


Статья посвящена организации самостоятельной индивидуальной и групповой работы с использованием интерактивых методов обучения на уроках математики. Учителя могут использовать материал статьи для совершенствования компетенции критического мышления учащихся на уроках. Материал также может помочь при организации групповой работы.



**Ключевые слова:** активный способ, самостоятельность, способность и навыки самоуправления, диалогизация, анализ и оценка, повторение (репродуктивный), оценка при совместной деятельности, творчество (креативный), дифференцированное обучение, способ “Качественное изучение”, дифференцироанность, инновационные технологии, проблемное отношение, критическое мышление.

# USE OF ACTIVE LEARNING METHODS OF MATHEMATICS WITH A COMPETENT APPROACH

The article is dedicated to developing of independent individual and group abilities of the work of pupils in math lesson by using active method of teaching. According to this lesson in the secondary schools, teachers can use from this theme and develop critical thinking, with is connected strongly to the creative work of teachers and students. To create the group, the rules of making groups, the skills organization of the groups, group activities and working together of teachers with students, student with students and group members with another group members use in their lessons.

**Keywords:** active method, independence, abilities and self-management skills, communication, analysis and assessment, repetition (reproductive), assessment in collaboration, creativity (creative), differential education, differential approach, "quality reading" method, integration, differentiation, innovative technology, problem-solving approach, competence and critical thinking.

## Дар бораи муаллифон

**Нугмонов Мансур**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 864 76 29

**Ҷонмирзоев Эраҷ**
Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калон
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ
Тел.: (+992) 93 793 64 64
E-mail: eraj1964@mail.ru

## Об авторах

**Нугмонов Мансур**
Доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 864 76 29

**Джонмирзоев Эрадж**
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель
Институт повышения квалификации и переподготовки работников образования ВМКБ
Тел.: (+992) 93 793 64 64
E-mail: eraj1964@mail.ru

## About the authors

**Nugmonov Mansur**
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor in the Department of Mathematics Teaching Method
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 864 76 29

**Jonmirzoev Eraj**
Candidate of Pedagogical Sciences, Senior teacher
Institute for Advanced Studies and Retraining of Educational Workers GBAO
Ph.: (+992) 93 793 64 64
E-mail: eraj1964@mail.ru

# ПЕРСПЕКТИВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ УЧЕБНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЛЕКЦИЯХ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ

***Бабаджанов Д. Д., Аминов Д. Г.***
*Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики*

Проблема обновления образовательных технологий в высшей школе на сегодняшний день возникает крайне остро. Во всем мире осуществляется пересмотр имеющихся систем образования и поиск возможностей их усовершенствования. Основной проблемой выступает использование образования для формирования человека нового типа, готового к изменениям и творческому поиску, способного ориентироваться в современном информационном обществе. В руководящих документах ЮНЕСКО отмечается: «Мир вступил в исторический этап развития, одной из главных характерных черт которого являются изменения, но изменения, что коренным образом отличаются от происходивших в прошлом…». «Им присущи три особенности. Они непрерывны, устойчивы; они стремительны и характеризуются тенденцией к ускорению и касаются всей планеты и практически всех отраслей и условий деятельности и жизни человека и общества» [10, с. 1]. Соответственно, следует изучать и внедрять на разных уровнях образования такие технологии реализации образовательной деятельности, которые способствовали бы подготовке человека к жизни в переменном информационном обществе, способной критически мыслить и творчески решать насущные проблемы.

Одной из интересных современных технологий образовательной деятельности является разработка формирования критического мышления. В основе этой технологии заложены результаты научного исследования американских ученых Дженни Л. Стил, Кертис С. Мередит, Чарльза Темпла и Скотта Уолтера "Развитие критического мышления через чтение и письмо", проведенного в 90-х гг. XX в. [8]. С 1996 г. эта технология распространялась Институтом «Открытое общество», Международной Читательской Ассоциацией и Консорциумом «За демократическое образование» и прошла апробацию в школах многих стран. С 2002 г. осуществляется реализация этого проекта в высшей школе.

Вследствие своей универсальности и способности решать ряд актуальных образовательных задач, технология формирования критического мышления сегодня получает все большее распространение в странах СНГ. Подробное представление этой технологии осуществили российские ученые И. А. Загашев и С. И. Заир-Бек [4; 5].

Несмотря на то, что данная технология получила наибольшее использование для реализации самостоятельной работы обучающихся, на наш взгляд, целесообразно использование этой технологии и на лекциях вузов. Фактически такая технология есть разновидность технологии проблемного обучения, однако есть и определенные особенности. К тому же интересен перечень тех методов и приемов, которые предлагаются исследователями именно для реализации этой технологии.

Критическое мышление истолковывается исследователями как мышление высшего порядка, опирающееся на информацию, осознанное восприятие собственной интеллектуальной деятельности. Соответственно цель технологии – развитие умственных способностей обучающихся, необходимых как для обучения, так и для повседневной жизни, позволяют принимать взвешенные решения, работать с информацией, анализировать разнообразные явления. Особенно полезны данные умения для профессиональной деятельности, что обуславливает потребность в развитии навыков критического мышления при обучении в ВУЗах.

Среди других преимуществ этой технологии – способность повышать мотивацию учебной деятельности, активизацию восприятия и осмысления учебного материала, развитие способности учащихся к самостоятельной аналитической и оценочной работе с информацией разной степени сложности, формирование коммуникативных и творческих умений.

Содержание технологии формирования критического мышления составляют три стадии: вызова (evocation), осмысления (realization of meaning) и рефлексии (reflection). На стадии вызова у учащихся активизируются имеющиеся ранее знания, возбуждается интерес к

теме, проявляется и определяется недостаточность имеющихся знаний, определяются цели изучения нового учебного материала, осуществляется побуждение к активной деятельности. Стадия осмысления – предполагает непосредственную работу учащегося с учебным материалом, представленным в форме текста или устного сообщения учителя; сопровождается специальными действиями учащегося по активному получению новой информации, ее осмыслению, соотношению с собственными знаниями, наблюдению за процессом познания и собственного понимания. Стадия рефлексии позволяет сформировать у учащегося личное отношение к учебному материалу благодаря выражению собственной позиции по определенному вопросу (устному или письменном). На этой стадии происходят: целостное осмысление и обобщение приобретенной информации, выработка собственного отношения к изучаемому материалу, выявление непознанного, анализ процесса изучения материала, собственных мыслительных операций, поиск тем и проблем для дальнейшей работы («новый вызов»).

Несмотря на распространенность технологии формирования критического мышления, описание методики ее использования на лекциях пока недостаточно. К тому же не найдено точное название лекции, построенной на основе технологии формирования критического мышления студентов.

Разработчики технологии развития критического мышления назвали лекцию с приемами развития критического мышления термином продвинутая лекция (promoted lecture). По-видимому, такой перевод не очень точен. Такое название лекции можно перевести как «повышенную» лекцию, то есть лекцию, более эффективной, чем традиционная. Считаем, что этот термин не очень удачен, поскольку сегодня существует много других видов лекций, которые также могут считаться «повышенными». Учитывая содержание работы студентов на такой лекции (критически-аналитическая работа) и по аналогии с проблемной лекцией, мы предлагаем использовать термин «критически-аналитическая лекция». Критически-аналитическую лекцию можно определить как направленную на активное восприятие, критический анализ и осмысление студентами учебного материала, представляемого преподавателем.

В структуре критически аналитической лекции, как и в любой форме организации обучения, построенной на технологии формирования критического мышления, выделяются три стадии:

1) стадия «вызова», используемая в начале лекции или преподавания следующего вопроса, на которой преподаватель актуализирует имеющиеся у студентов знания, фиксирует их внимание на рассматриваемой проблеме, стимулирует интерес к ее изучению;

2) стадия осмысления, на которой излагается новая учебная информация и используется комплекс интеллектуальных задач по ее критической обработке студентами;

3) стадия рефлексии, которая завершает рассмотрение определенного лекционного вопроса или лекции в целом, где студенты осуществляют анализ не столько содержания, сколько самого процесса усвоения нового.

Л.Ф. Красинская [6] описала возможное содержание критически-аналитической лекции в вузе. На стадии «вызова» после ознакомления студентов с темой лекции и ее основными вопросами преподаватель предоставляет им письменное задание, не требующее много времени на выполнение (не более 10 мин.), которое выполняется студентами индивидуально или в парах, затем обсуждается с одновременной фиксацией результатов коллективного поиска на доске. Эти задачи актуализируют имеющиеся знания студентов, способствуют использованию сведений по другим дисциплинам, стимулируют обращение к жизненному опыту. В качестве таких задач предлагаются следующие: составление простого кластера (графическое построение слов-ассоциаций) на ключевое понятие, подводящее к самостоятельной формулировке определение этого понятия, толкованию нового термина; заполнение таблицы «ПМЦ» («Плюс, минус, интересно») – используется для оценки студентами положительных и отрицательных сторон какой-либо информации, для формулирования вопросов, возникающих в связи с какой-либо проблемой; составление списка ответов на проблемный вопрос посредством генерирования идей. На стадии осмысления преподаватель раскрывает содержание темы, используя для этого различные средства наглядности. Для активизации мышления студентов при изложении нового

материала также предоставляется система задач на проявление аналитических способностей, сравнение, обобщение, продуцирование творческих идей, формулирование выводов. Такими задачами могут быть: создание сложного кластера – систематизированного набора понятий, терминов, записываемых посредством иерархии; составление денотатного графа на ключевое понятие – способ рассмотрения изучаемого предмета в различных аспектах (с точки зрения структуры, функций, динамики) и их графического оформления; заполнение концептуальной таблицы для сравнительного анализа явлений, изучаемых научных теорий, их оценки по самостоятельно определенным критериям; заполнение сводной таблицы, позволяющей систематизировать и обобщить материал; самостоятельная формулировка выводов по каким-либо вопросам или всей теме лекции; графическое оформление содержания лекции или ее доли в виде структурно-логической схемы, позволяющей графически отразить связи между изучаемыми объектами и явлениями. В завершении лекции на этапе рефлексии автор предлагает использовать оперативную «обратную связь», когда студенты могут в устной или письменной форме задать преподавателям вопросы по изучаемой теме или дать эмоциональную оценку лекции.

Все методы и приемы формирования критического мышления должны способствовать лучшему осмыслению учебного материала, его осознанию и сопоставлению с опытом. Для наведения списка приемов использовались сведения ряда источников [1; 4; 5; 7].

Большинство методов и приемов могут использоваться на всех стадиях критически аналитической лекции. В то же время, отдельные из них особенно целесообразны на отдельных стадиях (табл. 1).

С содержанием этих методов можно более подробно познакомиться в указанной литературе. Задания могут выполняться студентами индивидуально, но лучше, когда они работают в парах, тройках или подгруппах по 5-7 человек (большее количество участников может быть нецелесообразным, уменьшается качество работы).

Одним из весомых препятствий на пути внедрения технологии формирования критического мышления в целом и проведения критически аналитических лекций, в частности, может быть убеждение некоторых преподавателей о том, что в процессе обучения следует формировать прежде всего знания студентов, а не мышление. Также не все согласятся тратить на упомянутые методы и приемы учебное время на лекции, стараясь прежде всего предоставить студентам всю необходимую (как правило, для экзамена) информацию.

***Таблица 1.***

***Методы и приемы формирования критического мышления на разных стадиях лекции***

| Стадии | Задание | Методы и приёмы |
|---|---|---|
| 1. Стадия «вызов» | актуализация имеющегося опыта, знаний, представлений о ключевых понятий, высказывание идей и предположений о содержании темы, активизация внимания, памяти, мышления, воображения | «Корзинка» идей<br>Концептуальное колесо<br>Ключевые термины<br>Мозговая атака<br>«Верные или неверные утверждения»<br>«Знаю –Хочу узнать –Узнал» |
| 2. Стадия «осмысление» | осознание основных понятий, проблем, активизация внимания, памяти, мышления и воображения, формирование эмоционального отношения, определение логики учебного материала, его систематизация и установление причинно-следственных связей, организация наблюдения по собственному пониманию информации | «Выглядит как… Звучит как…»<br>«Дерево предсказаний»<br>Направленное восприятие<br>Маркировка (INSERT)<br>«Дневник»<br>«Бортовый журнал»<br>«Тонкие» и «толстые» вопросы<br>«Перепутанные логические цепочки»<br>«Кубик»<br>Составление кластера<br>Денотатный граф |

| | | |
|---|---|---|
| | | Интеллект-карта<br>«Фишбоун»<br>Сводная таблица<br>Концептуальная таблица<br>Таблица ПМЦ («Плюс –Минус – Интересно») |
| 3. Стадия «рефлексия» | обсуждение результатов лекции, повторения и закрепление учебного материала, обратная связь | Метод ПРЕСС<br>Эссе<br>Экспресс-конференция<br>«Шляпы мышления»<br>«Синквейн»<br>«Оставьте за мной последнее слово» |

Следовательно, выбор традиционного способа «начитки» лекций может и обеспечивает хорошую подготовку студентов к экзамену, однако не осуществляет формирование у студента осмысленных знаний, не позволяет развить его мышление, что снижает эффективность профессиональной подготовки.

Что касается возможного замечания преподавателей о сложности упомянутых форм работы и необходимости затрат дополнительного времени на объяснение процедуры их выполнения, Л.Ф. Красинская [6] отмечает, что, как правило, преподавателю приходится тратить дополнительное время на разъяснение новых приемов по обработке и графическому оформление информации только на первых лекционных занятиях. Кроме того, студенты могут выполнять эти задачи не только индивидуально, но и в парах или микрогруппах. Для контроля самостоятельной работы студентов на лекции преподаватель может осуществлять выборочный контроль, а после завершения – организовать обсуждение двух-трех вариантов предложенных решений. В качестве барьеров использования этой технологии автор называет чрезмерно большой поток студентов на лекции, фактор инертности студентов, что уже привыкли пассивно воспринимать материал и экономить свои усилия, недостаточную интеллектуальную подготовленность аудитории. В то же время автор выделяет ряд преимуществ этой технологии: благодаря систематическому использованию интеллектуальных задач в рамках лекционных занятий студенты начинают осмысленно подходить к восприятию новой учебной информации, задавать вопросы по теме, включаться в диалог с преподавателем; использование преподавателем приемов активизации самостоятельного мышления, что позволяет лучше учитывать закономерности познавательной деятельности студентов; выполняя продуманную систему задач, студенты учатся приемам анализа, синтеза, сравнения, обобщения, творческого решения учебных задач, способам графического оформления материала. Как показывает наш опыт, использование этой технологии для самостоятельной работы студентов с теоретическим материалом, в том числе и на лекциях позволяет значительно повысить эффективность такой работы. Студенты отмечают, что стали лучше осознавать теоретический материал, перестали скучать на лекциях, лучше понимают целесообразность тех или иных теоретических сведений, их связь с жизнью.

Подытоживая рассмотрение перспектив использования технологии формирования критического мышления на лекциях в вузах, следует еще раз отметить важность такой технологии для реализации принципов инновационного образования и повышения эффективности лекций. Такая технология позволяет не только повысить качество усвоения теоретического материала, она способствует формированию критического мышления студентов, проявлению их творчества, развитию познавательных способностей, активности и коммуникативности. В дальнейших исследованиях предлагается проводить дальнейшую проверку эффективности предлагаемой технологии, наполнять ее предметным контекстом, а также осуществлять дальнейший поиск дидактических средств повышения эффективности обучения студентов по любым формам.

## *Литература*

1. *Андреева О.И. Основы развития критического мышления студентов педагогического колледжа (материалы практических семинаров) / О.И. Андреева, А.И. Николаева, Т.С. Леснякова [Электронный ресурс]. –Режим доступа: http://culture.16mb.com/page/02/trkm.pdf (дата обращения: 07.02.2023).*
2. *Боно де Э. Шесть шляп мышления / Э. де Боно. – СПб.: Питер Паблишинг, 1997. – 256 с.*
3. *Буйских Т.М. Стратегии развития критического мышления через чтение и письмо в школе и вузе: пособ. / Т.М. Буйских, Н.Н. Бессонова, Н.П. Задорожная, Д. Файзалиев. –Душанбе, 2004. – 103 с.*
4. *Загашев И.О. Критическое мышление: технология развития / И.О. Загашев, С.И. Заир-Бек. – СПб.: Альянс «Дельта», 2003. – 284 с.*
5. *Заир-Бек С.И. Развитие критического мышления на уроке: пособие для учителей общеобразоват. учреждений / С.И. Заир-Бек, И. В. Муштавинская. – [2-е изд., дораб.]. –М.: Просвещение, 2011. – 223 с.*
6. *Красинская Л.Ф. Учимся учить по-новому, или о неиспользованных возможностях лекции / Л.Ф. Красинская // Высшее образование в России. 2011. –№ 2. – С. 98–103.*
7. *Мурюкина Е.В. Развитие критического мышления студентов педагогического вуза в рамках специализации «Медиаобразование»: учеб. пособ. для вузов / Е.В. Мурюкина, И.В. Челышева; отв. ред. А.В. Федоров. –Таганрог: Изд-во Кучма, 2007. – 162 с.*
8. *Основы критического мышления (междисциплинарная программа) / сост. Дж. Л. Стил, К. С. Мередит, Ч. Темпл, С. Уолтер. –Нью-Йорк : Ин-т «Открытое общество», 1997. – 235 с.*
9. *Темпл Ч. Критическое мышление –углубленная методика / Ч. Темпл, Дж. Л. Стил, К. С. Мередит. – М.: Изд-во Ин-та «Открытое общество», 1998. – 368 с.*
10. *ЮНЕСКО. Всемирная конференция по высшему образованию (1998; Париж). На пути к «Повестке дня на XXI век» в области высшего образования: Проблемы и задачи грядущего XXI века в свете региональных конференций: Раб. док. − Париж: ЮНЕСКО, 1998. – 19 с.*


## ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ЛЕКСИОНИИ МАКОТИБИ ОЛӢ


Мақола ба таҳлили масъалаҳои зарурати навсозии технологияҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ бахшида шудааст. Дар он имконияти истифодаи технологияҳо баҳри рушди тафаккури интиқодӣ дар дарсҳои лексионӣ нишон дода шудааст. Мазмун ва муҳтавои технологияи мазкур иборат аз се марҳила: водорнамоӣ, дарки мазмун ва мулоҳизаронӣ ба шарҳ расидааст. Инчунин, таърифи мафҳуми лексияи интиқодӣ-аналитикӣ пешкаш карда шуд. Марҳалаҳои асосии он ва вазифаҳои ҳар як марҳала ошкор гардиданд. Рӯйхати тарзу усулҳое, ки дар марҳалаҳои гуногуни лексияи интиқодӣ-аналитикӣ истифода мешаванд, тартиб дода шудаанд. Монеаҳо ва муаммоҳои асосии ҷорӣ намудани технологияи ташаккули тафаккури интиқодӣ дар лексияҳо ошкор гардиданд. Ақоиди донишҷӯён оид ба самаранокии истифодаи технологияи мазкур дар раванди воқеии таълим ба тавсиф омадааст.



**Калидвожаҳо:** лексия, технологияи таълимӣ, ташаккули тафаккури интиқодӣ, лексияи интиқодӣ-аналитикӣ.


## ПЕРСПЕКТИВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ УЧЕБНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ЛЕКЦИЯХ В ВЫСШЕЙ ШКОЛЕ


Статья посвящена рассмотрению проблем необходимости обновления учебных технологий в высшей школе. Продемонстрирована возможность использования технологий для развития критического мышления на лекционных занятых. Обозначено содержание этой технологии, состоящей из трех стадий: вызова, осмысления и рефлексии. Предложено определение к понятию критически-аналитической лекции. Раскрыты основные ее этапы и задачи каждого этапа. Составляется перечень приемов и методов, которые можно использовать на разных этапах проведения критически-аналитической лекции. Обозначены основные препятствия и проблемы по внедрению технологии формирования критического мышления на лекциях. Описаны мнения студентов об эффективности использования данной технологии в реальном учебном процессе.



**Ключевые слова:** лекция, образовательная технология, формирование критического мышления, критически-аналитическая лекция.


## PROSPECTS FOR THE USE OF EDUCATIONAL TECHNOLOGIES IN LECTURES IN HIGHER EDUCATION


The article is devoted to the consideration of the problems of the need to update educational technologies in higher education. The possibility of using technologies for the development of critical thinking in lecturers is demonstrated. The content of this technology is indicated, which consists of three stages: challenge, comprehension and reflection. A definition for the concept of a critical-analytical lecture is proposed. Its main stages and tasks of each stage

are revealed. A list of techniques and methods that can be used at different stages of a critical-analytical lecture is compiled. The main obstacles and problems in the implementation of technology for the formation of critical thinking in lectures are outlined. The opinions of students about the effectiveness of using this technology in a real educational process are described.
**Keywords:** lecture, educational technology, formation of critical thinking, critical-analytical lecture.

## Дар бораи муаллифон

**Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
E-mail: bobojonovd@rambler.ru

**Аминов Дадохон Ғайбуллоевич**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
E-mail: dadohon.aminov@mail.ru

## Об авторах

**Бабаджанов Даврон Дадоджанович**
Доктор экономических наук, профессор, проректор по международным связям
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-р., дом 1
E-mail: bobojonovd@rambler.ru

**Аминов Дадохон Гайбуллоевич**
Кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-р., дом 1
E-mail: dadohon.aminov@mail.ru

## About the authors

**Babadzhanov Davron Dadodzhanovich**
Doctor of Economical Eciences, Professor, Deputy of Rector on International Relation
Tajik State University of Law, Business and Policy
735700, Republic of Tajikistan, Khujand City, 17 microdistrict., home 1
E-mail: bobojonovd@rambler.ru

**Aminov Dadokhon Gaybulloevich**
Candidate of Economical Sciences, Associate Professor in the Department of World Economy
Tajik State University of Law, Business and Policy
735700, Republic of Tajikistan, Khujand City, 17 microdistrict., home 1
E-mail: dadohon.aminov@mail.ru

УДК: 372.853(575.3)

# ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ҲАНГОМИ АРЗЁБИИ БОСАЛОҲИЯТИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФИЗИКА

***Умаров У. С., Раҷабов У. Х., Бобониёзова Г. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон ҳамеша дар ҳамаи навъи дарсҳо ташкил карда мешавад. Ин барои муайян кардани савияи соҳиби салоҳиятҳо шудани хонандагон, инчунин озмудани самараи методҳои таълим зарур аст. Арзёбии доимии соҳиби салоҳиятҳо шудани хонандагон онҳоро ба иҷрои кори мустақил бо китоби дарсӣ, пурра иҷро кардани супоришҳои хонагӣ ва танзими фаъолият одат мекунонад ва дар онҳо ҳисси масъулиятро тарбия карда, боиси ривоҷи тафаккурашон мегардад.

Дар дарсҳои гуногун арзёбии соҳиби салоҳиятҳо шудани хонандагон танҳо ҷузъи алоҳидаи сохториро ташкил медиҳад. Дар аксари дарсҳо танҳо як ҷузъи салоҳиятҳои соҳибгаштаи гурӯҳи хурди хонандагон дар доираи маҳдуд (мувофиқи мақсади дарс) арзёбӣ карда мешавад. Ҳангоми дарси такрор ва ҷамъбасти маводи таълимӣ бошад, имконияти арзёбии соҳиби салоҳиятҳо шудани хонандагон васеътар аст, вале он ҳо низ мақсади асосии дидактикӣ - арзёбии ҳамаи салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон нест [3].

Шаклҳои анъанавии асосии арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон инҳоанд: 1) пурсиши инфиродӣ; 2) пурсиши умумӣ (фронталӣ): 3) муҳокимаи рефератҳо; 4) ҳалли масъалаҳо; 5) корҳои санҷишии кӯтоҳмуддат ва ҷамъбастӣ; 7) санҷиш; 8) имтиҳон; 9) диктант ё иншои физикӣ [5, с. 57].

Омӯзиш ва таҳлили дарсҳои омӯзгорони як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе собит менамоянд, ки аксари онҳо дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон зимни омӯзиши физика аз шаклҳои фавқуззикр истифода карда, методҳои интерактивиро татбиқ намекунанд. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки истифодаи методҳои интерактивиро дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагонро бо мисолҳои мушаххас нишон диҳем. Ин ҷо мо ҳамон методҳои интерактивиеро пешниҳод менамоем, ки онҳоро дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон аз физика татбиқ намудан имконпазир аст.

**1. Блитс – пурсиш (пурсиши кӯтоҳ)**

Ин шакли пурсиш дар ҳолате гузаронида мешавад, ки ба саволҳои додашуда ҷавобҳои кӯтоҳу мушаххас тақозо карда шавад (қаблан омода кардани рӯйихати саволҳо мувофиқи мақсад аст).

**Истифода дар дарс**

- Омӯзгор бонавбат 3-4 хонандаро аз рӯйи саволи якум мепурсад ва барои ҷавоб ба ҳар кас на бештар аз 10 сония вақт дода мешавад. Пурсиши саволҳои дигар ба ҳамин тартиб идома меёбад.
- Аз рӯйи саволи дуюм боз 3-4 хонандаи дигарро мепурсад. Пурсиши саволҳои дигар бо ҳамин тартиб давом мекунад.

Ин шакли пурсиш барои санҷидани савияи азхудкунии мавзуи гузашта ва такрори маводи омӯхташуда истифода мешавад.

**Ин шакли пурсиш чӣ аҳамият дорад?**

- Дар муддати кӯтоҳ теъдоди (шумораи) зиёди хонандагон пурсида мешавад.
- Қатъиян риоя кардани вақти ҷудошуда, аз хонандагон ҷавоби мушаххас ва ҳамзамон аз омӯзгор саволи дақиқу мушаххасро тақозо мекунад, малакаҳо ҳозирҷавобии щогирдонро инкишоф медиҳад.
- Бо пурсиши «аз сустхонҳо ба фаъолон» мувофиқат мекунад.
- Барои пурсиши гурӯҳҳои дунафара ва гурӯҳҳои хурд низ истифода шуданаш имконпазир аст.

**2. Пурсиши шабакавӣ**

Ин метод барои баррасӣ ва таҳқиқи мафҳумҳо, ҳодисаҳо, равандҳо ва ғ., ки ҷавоб ба онҳо қисм ва паҳлӯҳои гуногунро тақозо мекунад, истифода мешавад.

**Истифода дар дарс**

- Омӯзгор савол пешниҳод менамояду ба хонандагон супориш медиҳад, ки ба таври инфиродӣ ва ё дунафарӣ дар давоми 30 сония фикр карда, ҷавобҳои худро омода кунанд.

- Ҳар як хонанда ва ё гурӯҳҳои дунафара метавонанд танҳо як ақида ва ё фарзияро пешниҳод намоянд. Дигарон бошанд, ҷавоби ҳамдигарро пурра ва ё фарзияи нави худро пешниҳод карда метавонанд.

- Омӯзгор метавонад, ақидаҳою фарзияҳои пешниҳодшударо дар тахтаи синф нависад ва ё ба таври шифоҳӣ ҷамъбаст карда, шабакаи ҷавобҳоро таҳия намояд.

**Ин шакли пурсиш чӣ аҳамият дорад?**

- Дар муҳокимаи ақидаҳою фарзияҳои пешниҳодшуда аксарияти хонандагон иштирок мекунанд.

- Шабакаи таҳияшудаи ҷавобҳо барои саволҳо ва фарзияҳою ақидаҳои нав чӣ аз тарафи омӯзгор ва чӣ аз тарафи хонанда замина шуда метавонад.

- Бо дигар усулҳои пурсиши шифоҳӣ вобастагӣ дорад.

**3. Тасдиқ ва инкор**

Ин навъи пурсиш бо аксари шаклҳои пурсиши шифоҳӣ мувофиқат мекунад. Истифодаи он осон ва содда аст.

**Истифода дар дарс**

Қабл аз пурсиш барои андешаронӣ ба хонандагон 1-2 дақиқа (кори дунафарӣ, чорнафарӣ) вақт ҷудо карда мешавад.

**Ин шакли пурсиш чӣ бартариҳо дорад?**

- Ба раванди таҳлилу муҳокимаи ҷавобҳо ҳамаи хонандагон ҷалб карда мешаванд.

- Методи мазкур имкон медиҳад, ки маводи таълимии омӯхташаванда зуд ва самаранок такрор карда шавад.

- Барои фаъолгардонии хонандагон ва омода кардани онҳо барои омӯзиши мавзуи нав, инчунин барои ҷамъбасти дарси гузашта истифода мешавад.

- Ҳамчунин, инро дар шакли пурсиши фронталӣ низ гузаронидан имконпазир аст. Вақте ки савол ба ҳама пешниҳод мегардад, пасон пурсида мешавад, ки агар касе тарафдори «ҳа» бошад, даст бардорад ва дар мавриди «не» низ даст мебардоранд.

- Ба ҳар ҷавоби пешниҳодшуда бо саволи «Барои чӣ?» муроҷиат мекунем ва ҷавоб мепурсем. Бо ҳамин тартиб ба ҳар як савол ҷавоби дуруст ҷӯста, он муфассал шарҳ дода мешавад.

- Ин навъи пурсиш ба шаклҳои гуногун дар доираи пурсишҳои фавқуззикр гузаронида мешавад.

**4. Пурсиш бо рақам**

Ин шакли пурсиш маъмулан дар гурӯҳҳои хурди дунафара, сенафара ва чорнафара гузаронида мешавад.

**Истифода дар дарс**

- Дар гурӯҳи хурд ҳар як шахс (хонанда) ба худ рақами муайян интихоб мекунад (масалан, дар гурӯҳи чорнафара рақамҳои 1, 2, 3, 4).

- Омӯзгор савол пешниҳод карда, барои омодагӣ ба гӯруҳҳо вақт ҷудо мекунад ва гурӯҳҳо ҷавобҳои худро муҳокима менамоянд.

- Омӯзгор рақамро эълон мекунад ва гурӯҳи соҳиби рақам ҷавоби худро пешниҳод менамояд.

- Дар ҳамон як лаҳза шунидани ҷавоби хонандагони рақамдоштаро ба тариқи хаттӣ ё дар назди тахтаи синф ҳамчун вариант қабул кардан мумкин аст.

**Ин шакли пурсиш чӣ бартариҳо дорад?**

- Суръати баланди фаъолият: савол – ҷавоб.

- Бештар шудани масъулияти ҳар як аъзои гурӯҳ.

- Имкони баҳо додан ба ҷавоби дуруст ва пурраи гурӯҳҳо.

Чунин шакли пурсишро дар мавридҳои гуногун истифода кардан имконпазир аст. Масалан, дар тахтаи синф саволҳо навишта мешаванд, ки бо мақсадҳои зайл мавриди истифода қарор мегиранд:

- баҳо ба донишҳои мавҷуда, қабл аз омӯзиши маводи таълимии нав;
- вазифагузорӣ қабл аз хониш ва баҳо ба сатҳи фаҳмиш пас аз хониши матн;
- баҳо ба сатҳи азхудкунӣ, фаҳмишу дарки далелу мафҳумҳои нав дар охири дарс;
- ба роҳ мондани робитаи мутақобил.

**5. Чархи ақидаҳо**

Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё проблема навишта мешавад. Аз маркази «чарх» (ба монанди торҳои асаб) ба ҳар тараф хатҳои росте равонанд, ки он ба давраҳо рафта мерасанд. Дар дохили давраҳо бошад, рақамҳо навишта мешаванд, ки ақидаи пешниҳодкардаи хонандагонро ифода мекунад. Ақидаҳо гуногун буда метавонанд: ғалат, иштибоҳӣ, дуруст, тасодуфӣ. Омӯзгор дар ҷараёни баҳсу мунозираҳо ақидаҳои ғалат, иштибоҳӣ ва тасодуфиро инкор карда, ақидаҳои дурустро таҳлилу баррасӣ менамояд. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумоти доштаашонро нависанд.

**Масалан.** Мавзуъ: «Ҳаракати механикӣ» [1, 2]

- Кадом навъҳои ҳаракати механикиро медонед?

Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» аз ададҳои гуногун (масалан, 4-7 ё 12) иборат буда метавонад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

Ин ҷо чунин савол ба миён омаданаш имконпазир аст: «чӣ бояд кард, агар хонандагон миқдори муайяншудаи ақидаҳоро пешниҳод карда натавонанд?».

Ба ин суол ҷавоб чунин буда метавонад: «Дар ин сурат Шумо метавонед саволҳоеро пешниҳод кунед, ки хонандагон мехоҳанд доир ба онҳо ақидаҳои худро иброз намоянд. Муҳим он аст, ки хонандагон ақидаҳои худро пешниҳод намоянд [5, с. 58].




**6. Диаграммаи «Чӣ тавр?»**

Омӯзгор аз руйи маълумоти асосии мавзуи нав силсилаи саволҳои «Чӣ тавр?»-ро пешниҳод менамояд

**Масалан.** Мавзуъ: «Чен кардани зичии модда» (синфи VII) [1, 2]

Барои чӣ тавр чен кардани зичии моддаро фаҳмидани хонандагон, ин саволро ба қисматҳо ҷудо кардан лозим аст:

- Ҳаҷми ҷисмро чӣ тавр чен мекунанд?
- Ҳаҷми ҷисми шакли геометрии муайяндоштаро чӣ тавр чен мекунанд?
- Ҳаҷми ҷисми шакли геометрии номуайяндоштаро чӣ тавр чен мекунанд?
- Массаи ҷисмро чӣ тавр чен мекунанд?
- Дар асоси қиматҳои ҳосилшуда зичии моддаро чӣ тавр ҳисоб мекунанд?
- Аз рӯйи қимати зичӣ чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки ҷисм аз кадом модда сохта шудааст? [5, с. 59].

**7. Диаграммаи «Барои чӣ?»**

Хонанда занҷири муҳокимаҳоро нишон медиҳад, ки мақсадаш пайдо намудани сабаби ба вуҷуд омадани проблема мебошад.

**Истифода дар дарс**

- Дар атрофи ҳар як омил – сабаб, хонанда маҷмуи саволҳоро менависад. Тирчаи саволи «Барои чӣ?»-ро тасвир мекунад, ҷавоби онро навишта, боз аз он савол мегузорад: «Барои чӣ?». Ҳамин тавр, то ҳалли пурраи сабабҳои ниҳонии мушкилот ин амал идома меёбад.

- Баҳри фаъол гардонидани тамоми синф барои гурӯҳҳои дунафара ё чорнафара як сабабро пешниҳод намоед. Ин ҳамон вақт самаранок мегардад, ки агар ҳамзамон дар тахтаи синф барои ҳар як сабаб диаграммаҳо сохта шавад. Ин имкон медиҳад, ки 3-4 ҷуфт дар назди тахтаи синф кор кунанд [3].

**Масалан.** Мавзуъ: «Бухоршавӣ» (синфи VIII) [1, с. 4]




**Эзоҳ:** дар диаграммаи мазкур танҳо яке аз ҳолатҳои бухоршавии об (вобаста ба ҳарорат) нишон дода шудааст.

Чунинанд, ба андешаи мо баъзе методҳои интерактивие, ки онҳоро дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон аз физика татбиқ намудан имконпазир аст.

## *Адабиёт*


1. *Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. - 48 с.*
2. *Маҷидов Ҳ. Физика - 7. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ / Ҳ. Маҷидов, С. Зубайдов. –Душанбе: Алиф, 2008. - 283 с.*
3. *Мухторӣ Қ. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Дастури таълимӣ-методӣ / Қ.Мухторӣ, Д.В.Сафин, Н.Кабиров, У.С.Умаров, Х.Садурдинов, А.Наҷмиддинов, А.Ҳалимов. – Душанбе: 2018. –76 с.*
4. *Умаров У.С. Физика – 8. Китоби дарсӣ барои синфи 8-и мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ / У.С. Умаров, Ҷ. Исупов, М. Икромов, Ф. Нуралиев. –Душанбе: Алиф, 2009. - 283 с.*
5. *Умаров У.С. Истифодаи методҳои интерактивӣ дар таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ // Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мушкилоти мубрами таълими фанҳои риёзӣ ва табиӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ» / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова. – Бохтар: ДДҚ ба номи Носири Хусрав, 2018. - С. 57-60.*


## ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ҲАНГОМИ АРЗЁБИИ БОСАЛОҲИЯТИИ ХОНАНДАГОН АЗ ФИЗИКА


Дар мақола муаллифон аз натиҷаи озмоиши педагогии гузаронидаашон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба хулосае меоянд, ки омӯзгорони физика дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон зимни омӯзиши физика, танҳо аз методҳои анъанавии таълим истифода мекунанд ва методҳои интерактивиро татбиқ намекунанд. Бинобар ин, муаллифон тасмим гирифтанд, ки доир ба истифодаи методҳои интерактивӣ дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон бо мисолҳои мушаххас тавсияҳои методӣ пешниҳод намоянд. Дар мақола методҳои интерактивие пешниҳод гаштаанд, ки онҳоро омӯзгорон дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон аз физика татбиқ намуданашон имконпазир аст. Ба монанди: блитс-пурсиш (пурсиши кӯтоҳ), пурсиши шабакавӣ, тасдиқ ва инкор, пурсиш бо рақам, чархи ақидаҳо, диаграммаи “Чӣ тавр”, диаграммаи «Барои чӣ?». Доир ба истифодаи ҳар як методи интерактивӣ дар дарсҳои арзёбии салоҳиятҳои соҳибгаштаи хонандагон ба омӯзгор тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** метод, методҳои интерактивӣ, имтиҳон, ҳалли масъалаҳо, блитс-пурсиш, мафҳум, ҳодиса, пурсиши шабакавӣ, пурсиш бо рақам, чархи ақидаҳо, ҳаракати механикӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ПРИ ОЦЕНИВАНИИ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПО ФИЗИКЕ


В статье по результатам педагогического эксперимента, проведенного в средних общеобразовательных учреждениях республики, авторы приходят к выводу, что учителя физики используют только традиционные методы обучения и не применяют интерактивные методы на уроках оценивания компетенции учащихся при изучении физики. Поэтому, авторы решили дать методические рекомендации по использованию интерактивных методов обучения на уроках оценивания компетентности учащихся на конкретных примерах, такие как: блиц-опрос (краткий опрос), сетевой опрос, подтверждение опровержение, численный опрос, колесо идей, диаграмма «Как», диаграмма «Почему?». По поводу использования каждого интерактивного метода на уроках оценивания компетенций учащихся учителю предлагаются методические рекомендации.



**Ключевые слова:** метод, интерактивные методы, экзамен, решение задач, блиц-опрос, понятие, явление, локальный опрос, опрос с цифрами, колесо идей, механическое движение.

## THE USE OF INTERACTIVE METHODS IN ASSESSING THE COMPETENCE OF STUDENTS IN PHYSICS

In this article, based on the results of a pedagogical experiment conducted in secondary educational institutions of the republic, the authors came to the conclusion that physics teachers use only traditional teaching methods and do not use interactive methods in the lessons of assessing the competence of students in the study of physics. Therefore, the authors decided to give methodological recommendations on the use of interactive teaching methods in the lessons of assessing the competence of students on specific examples, such as: blitz survey (short survey), network survey, confirmation, refutation, numerical survey, wheel of ideas, “How” diagram, diagram "Why?". Regarding the use of each interactive method in the lessons of assessing students competencies, the teacher is offered methodological recommendations.

**Keywords:** method, interactive methods, exam, problem solving, blitz survey, concept, phenomenon, local survey, survey with numbers, wheel of ideas, mechanical movement.

### Дар бораи муаллифон

**Умаров Умар Сулаймонович**
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 933 94 93 28
E-mail: kurch66@mail.ru

**Раджабов Умед Хушвакович**
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

**Бобониёзова Гулчехра Амондуллоевна**
Муаллими калони кафедраи методикаи
таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 917 48 80 58
E-mail: bga@mail.ru

### Об авторах

**Умаров Умар Сулаймонович**
Доцент кафедры методики преподавания
физики
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 933 94 93 28
E-mail: kurch66@mail.ru

**Раджабов Умед Хушвакович**
Доцент кафедры методики преподавания
физики
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

**Бобониёзова Гулчехра Амондуллоевна**
Старший преподаватель кафедры методики
преподавания физики
Таджикский государственный педагогический
университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 917 48 80 58
E-mail: bga@mail.ru

### About the authors

**Umarov Umar Sulaymonovich**
Associate Professor in the Department of Physics
Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 933 94 93 28
E-mail: kurch66@mail.ru

**Rajabov Umed Khushvakovich**
Associate Professor in the Department of Physics
Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

**Boboniyozova Gulchehra Amondulloevna**
Senior Teacher in the Department of Physics
Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 917 48 80 58
E-mail: bga@mail.ru

ТДУ 809.155.0+803.0+808.2:35

# МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲОТИ ҲАРБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ҲАРБӢ

***Ғуломова Ф.А.***
*Академияи идоракунии давлатии назди*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Истилоҳоти ҳарбӣ хусусияти густариш ва таҷдиди босуръатро касб кардаанд. Ин аз он сабаб аст, ки имрӯз соҳаи ҳарбӣ яке аз соҳаҳои фаъол ва зудрушдёбандаи фаъолияти инсон мебошад. Технологияҳои навтарини ҳарбӣ пайваста таҳия карда мешаванд, намудҳои гуногуни аслиҳаҳои насли нав ба вуҷуд омада, техникаи ҳарбӣ ва дигар намуди васоиту хизматрасониҳои қувваҳои ҳарбӣ нав карда мешаванд. Бинобар ин, таҳқиқи хусусиятҳои хоси ифодаи истилоҳоти ҳарбӣ дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ, махсусан, забони олмонӣ ниҳоят муҳим аст.

Бояд гуфт, ки омӯзиши масъалаи мазкур дар чаҳорчӯби таълими забон дар муассисаҳои олии ҳарбӣ таваҷҷуҳи хоса дорад, зеро хусусияти раванди таълим дар ин муассисаҳо маҷмуи «тайёрии ҳарбӣ-касбӣ ва тайёрии мутахассисони мутобиқ ба стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ»-ро дарбар мегирад. Яъне, фарқияти асосӣ аз “таълими донишгоҳӣ”-и анъанавӣ дар он аст, ки дар муассисаи олии ҳарбӣ таълим ҳамзамон бо хизмати ҳарбии воқеӣ сурат мегирад.

Ҳамин тавр, дар рафти таълими забони олмонӣ дар баробари ташаккули салоҳиятҳои муайян (таълимӣ, маърифатӣ, коммуникативӣ ва ғ.) шунавандагони муассисаҳои олии ҳарбӣ донишу малакаҳои марбут ба соҳаи ҳарбӣ мегиранд ва онро инкишоф медиҳанд, ки албатта, ҳангоми интихоби усули таълими забони олмонӣ ин омил бояд ба назар гирифта шавад.

Имрӯзҳо ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаҳои олӣ равиши ба истилоҳ лингвистикӣ-кишваршиносӣ фаъолона истифода мешавад. Ба ақидаи як қатор олимон, ин равиш имкон медиҳад, ки мутахассисони баландихтисос дорои донишҳои навтарини илмӣ ва нафарони барои дарки дастовардҳои илми муосир, муколамаи касбӣ ва байнифарҳангӣ кушода омода карда шаванд [8, с. 18].

Равиши лингвистикӣ-кишваршиносии омӯзиш дар марҳилаи ҳозира хеле муҳим аст: истилоҳи мазкур дар солҳои 70-ум, дар робита ба таълими забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ ба вуҷуд омада, дар бисёре аз таҳқиқоти илмӣ, ки консепсияи хусусияти кишваршиносӣ доштаи таълими забони хориҷиро таблиғ мекунанд, истифода шудааст (Е.М. Верешагин, А.Д. Верисова, В.Г. Костомаров, Р.К. Миняр-Белоручев, Л.Г. Морозкина, В.П. Фурманова, Ч.Фолдес, Ҳ.Ҳаммерлу, Ҳ.Ҳерде, Э.Ҳирш, Ҳ.Уҳлеман ва дигарон [3, с. 75].

Аммо, ба назари мо, истифодаи ин равиш дар таълими забони олмонӣ ба шунавандагон дар муассисаҳои олии ҳарбӣ, дар он сурат самараноктар хоҳад буд, агар он бо як қатор равишҳои муосири дигар (коммуникативӣ, этимологӣ, консептуалӣ ва ғайра) омезиш дода шавад. Ҳамаи ин ба шунавандагон имкон медиҳад, то онҳо на танҳо донишу малакаҳои гуногуни забонӣ ҳосил кунанд, балки дар асоси истилоҳоти омӯхташуда дар бораи объектҳо ва зуҳуроти алоҳидаи соҳаи ҳарбӣ тасаввуроти муайян ба вуҷуд оварда, хусусиятҳои ифодаи онро муайян намоянд.

Пеш аз оғози баррасии хусусиятҳои ифодаи истилоҳоти ҳарбӣ дар раванди таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои олии ҳарбӣ, бояд қайд кард, ки зери мафҳуми истилоҳ (истилоҳот) «калима ё ибораҳое, ки номи ягон мафҳуми махсуси марбут ба соҳаи илм, техника, санъат, фарҳанг ё дигар соҳаи касбии фаъолияти инсонро ифода намуда, дар бораи онҳо доираи маҳдуди одамон маълумот доранд» фаҳмида мешавад [1, с. 29-30].

Истилоҳоти ҳарбӣ дар навбати худ, системаи ба расмият даровардашудаи калимаву ибораҳои ҳарбӣ мебошад, ки ҳар яки онҳо маънои мушаххас, доираи аниқи истифода ва асоснокии илмӣ доранд [6, с. 43].

Ифодаи истилоҳоти низомии олмонӣ дорои як қатор мушкилоти тарҷумавӣ мебошанд. Бинобар вижагиҳои забони олмонӣ тақрибан 80% тамоми истилоҳоти низомии олмонӣ калимаҳои мураккаб мебошанд [12, с. 177].

Дар доираи таълими забони олмонӣ ба таносуби ибораҳои тоҷикӣ (русӣ) ва лексемаҳои мураккаби олмонӣ бояд диққати махсус равона карда шавад. Аз ҷумла, бояд дар назар дошт, ки бисёре аз истилоҳоти ҳарбии олмонӣ ба забони тоҷикӣ (русӣ) бо ибораҳои шарҳӣ тарҷума мешаванд: - **Gepackkraftwagen** – мошини боркаш барои ашёи шахсии хизматчиёни ҳарбӣ; (*грузовой автомобиль для личных вещей военнослужащих;)* - **Generalstabsoffizier** - афсари Хадамоти Ситоди Генералӣ (Олмон) (*офицер службы генерального штаба (ФРГ); -* **Marinestreitkrafte** - қувваҳои ҳарбӣ-баҳрӣ; қувваҳои ҷангӣ (флот) (*военно-морские силы; боевые силы (флота)); -* **Hochseeflotte** - флоти уқёнусӣ, флоти баҳри кушод (*океанский флот, флот открытого моря)*; - **Streitkrafte** - қувваҳои мусаллаҳ (давлатҳо*)* (*вооруженные силы (государства)* [4, с. 127].

Дар раванди таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои ҳарбӣ бояд ба пешниҳоди истилоҳот – ибораҳои ихтисоршуда диққати алоҳида дода шавад.

Сухан дар бораи калимаҳое меравад, ки мафҳумҳои бисёрфунксионалиеро, ки дар як вақт на як, балки ду ё зиёда объектҳои комилан гуногуни воқеиятро фаро мегиранд, ифода мекунанд.

Дар ин ҳолат, пайванаки und ҳамчун унсури ҳатмӣ мавҷуд аст: - **Panzerbrand - und Leuchtspurgeschob** – тири рахшандаи зиреҳшикан-сӯзонанда (*бронебойнозажигательный трассирующий снаряд (пуля*)*;* - **Stabs- und Versorgungskompanie** - қароргоҳ ва ситоди таъмин (*рота штабная и снабжения)* [4, с. 127].

Ба ғайр аз ин, истилоҳоти ихтисоршудаи ҳарбиро, ки аз ибора-истилоҳоти маъмул сохта шудаанд, қайд кардан лозим аст: **U-Boot** — киштии зериобӣ (*подводная лодка*); - **ABC (atomar, biologisch und chemisch) -** зиддиядроӣ, зиддибиологӣ ва зиддикимиёвӣ; марбут ба силоҳи қатли ом (*противоядерный, противобиологический и противохимический; относящийся к оружию массового поражения); —* **Az.o.v. (Aufschlagzunder ohne Verzogerung)** – маводи таркандаи фаврӣ (*ударный взрыватель мгновенного действия* ) [4, с. 127].

Бояд гуфт, ки ба истилоҳоти мавриди назар мавҷудияти «истилоҳот-воқеиятҳои бемуодил» хос аст [7, с. 19], ки мафҳумҳои махсуси ҳарбиро ифода намуда, дар воқеияти ҳарбии тоҷикӣ вуҷуд надоранд: — **Stammkommando** — фармондеҳии навъи мазкури (киштиҳо) (*командование данного класса (кораблей*)*;* - **Stammrolle -** рӯйхати номҳои ҳайати шахсӣ (*именной список личного состава*) [14] (ин гуна лексемаҳо одатан ба таври тавсифӣ тарҷума карда мешаванд).

Дар рафти таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои олии ҳарбӣ инчунин ба этимология (ки дар ниҳояти кор ба «пешгӯии» тағйирот, «дигаргунии маънои истилоҳ дар марҳалаи ҳозира» мусоидат мекунад [12, с. 139]), ба таъсири мутақобилаи истилоҳоти кишварҳои гуногун низ аҳамият додан хеле муҳим аст.

Барои тарҷумаи дуруст, фаҳмидани нутқи шифоҳӣ ё хаттӣ дар ин маврид дониши соҳаи касбӣ, дарки матни мавриди назар зарур аст.

Ҳамин тариқ, усули мувофиқе лозим аст, ки қисмати зиёди унсурҳои он таҳия ва такмил дода шуда, аз нуқтаи назари равиши коммуникативӣ (бо назардошти равишҳои грамматикӣ ва дигар равишҳои анъанавии таълими забони олмонӣ) ва воситаҳои муосири техникии дар раванди таълим истифодашаванда пурра карда шудаанд. Аз ҷумла, равандҳои этимологии калимаҳоро, ки ҳангоми аз худ кардани истилоҳоти низомии олмонӣ таваҷҷуҳ ба онҳо зарур аст, албатта тавассути маводҳои махсуси интихобшудаи интернетӣ азхуд кардан мумкин аст (дар натиҷа, таҳлили фаврии хусусияти этимологӣ дошта ҳангоми тарҷума ба таври худкор анҷом дода мешавад, зеро ҳаҷми зиёди мақолаҳои этимологӣ, ки шунавандаи муосир бо назардошти имкониятҳои Интернет коркард карда метавонад, ба ин мусоидат мекунад).

### *Адабиёт*

1. *Гринев-Гриневич С.В. Терминоведение: учебное пособие для студентов вузов / С.В. Гринев-Гриневич. М.: Издательский центр «Академия», 2008. 304 с.*
2. *Гуляева Н.А. Немецко-русский карманный словарь устных военных команд и докладов = Deutsch-russisches Taschenbuch fur Militarbefehle- und Meldungen: учеб. пособие. Новосибирск: НВВКУ, 2017. 134 с.*
3. *Гуляева Н.А. Элементы профессионального военного лингвострановедения на занятиях по иностранному языку в военном вузе / Н.А. Гуляева, О.Н. Проценко // Сибирский педагогический журнал. 2018. № 4. С. 75-84.*
4. *Гусева А.И. Специфика репрезентации военной терминологии в переводе / А.И. Гусева // Культура народов Причерноморья. 2014. № 271. С. 127-130.*
5. *Дуброва Ю.Ю. Структурно-содержательная специфика многокомпонентных терминов: на материале военных документов: автореф. дис. ... канд. филолог. наук: 10.02.19 / Ю.Ю. Дуброва. М: Моск. гос. лингвист. ун-т, 2015. 22 с.*
6. *Калгина Е.А., Неровная Н.А. Особенности изучения и перевода военных терминов при обучении иностранному языку курсантов военного вуза//Филологические науки, №55-3, 29.11.2016. https://novainfo.ru/article/8971*
7. *Кожанов Д.А. Новые подходы к определению сущности термина в когнитивно-дискурсивных исследованиях / Д. А. Кожанов // Мир науки, культуры, образования, 2008. № 5(12). С. 43-47.*
8. *Колесникова А.Ю. Особенности изучения военной терминологии по иностранному языку в военном вузе / А.Ю. Колесникова, С.Г. Торосян // Научно-методический электронный журнал «Концепт». 2017. № S24. С. 18-22.*
9. *Лосева-Бахтиярова Т.В. Военная лексика тюркских языков: Названия вооружения: Дис. на соиск. уч. степ. ... канд. филол. наук. – М., 2005.*
10. *Стрелковский Г.М. Теория и практика военного перевода. Немецкий язык / Г.М. Срелковский. – М.: Воениздат, 1979. – 272 с.*
11. *Чигашева М.А. (2003). Семантическое поле воинских званий в русском и немецком языках [Chigasheva M.A. Semantic field of military ranks in Russian and German]: дис. ... канд. филолог. наук: 10.02.20. Москва.*
12. *Шевчук В. Н. Военно-терминологическая система в статике и динамике: дис. ... д-р. филол. наук. Москва, 1985.*
13. *Lutz Rzehak «Wörterbuch deutsch-tadschikisch» - Berlin, 2010.- 153 с.*
14. *MTL - Militarisches Taschenlexikon. Fachausdriicke der Bundeswehr. K.H.Fuchs, F.W.Kolper. - Bonn: Athenaum Veriag, 1958.*
15. *TCO - Ожегов СИ., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. -М.гАзъ, 1995.*


## МАСЪАЛАИ ОМӮЗИШИ ИСТИЛОҲОТИ ҲАРБӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ОЛИИ ҲАРБӢ


Мақолаи мазкур ба масъалаи омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар раванди таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои олии ҳарбӣ бахшида шудааст. Имрӯз, равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ аз мутахассисони соҳаи забоншиносӣ бознигарии равишҳои таълими забони хориҷӣ дар ҳама сатҳҳои омӯзиш ва коркарди барномаву усулҳои нави таълимро тақозо мекунанд. Аз ҷумла, омӯзиши истилоҳоти ҳарбии олмонӣ дар рафти таълими ин забон дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарбии Тоҷикистон бояд дар шакл ва усули нав ба роҳ монда шавад. Мақсади ин тадқиқот муайян ва пешкаш намудани усулу равишҳои замонавӣ ва самаранок дар самти омӯзиши истилоҳоти ҳарбӣ дар ҷараёни таълими забони олмонӣ дар муассисаҳои олии ҳарбӣ мебошад. Навгонии пажӯҳиши мазкур дар он аст, ки муаллиф равиши классикии омӯзиши забон ва истилоҳоти хориҷиро бо рушди технологияи муосир омезиш додааст.



**Калидвожаҳо:** таълими забони олмонӣ, лексикаи касбӣ, истилоҳоти ҳарбӣ, муассисаҳои олии ҳарбӣ, забони хориҷӣ, усул, таълим.


## ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ВОЕННОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА В ВОЕННЫХ ВУЗАХ


Данная статья посвящена проблеме изучения военных терминов в процессе преподавания немецкого языка в военных вузах. Сегодня современные процессы глобализации требуют от специалистов-лингвистов пересмотра подходов к обучению иностранным языкам на всех уровнях обучения и разработки новых образовательных программ и методик. В частности, изучение немецких военных терминов в процессе обучения этому языку в высших военных учебных заведениях Таджикистана должно осуществляться в новой форме и новыми методами. Целью данного исследования является выявление и представление современных и эффективных методов и подходов в направлении изучения военных терминов в процессе обучения немецкому языку в военных вузах. Новизна данного исследования заключается в том, что автор объединил классический подход к изучению иностранных языков и терминов с учетом применения современных технологий.



**Ключевые слова:** обучение немецкому языку, профессиональное лексика, военная терминология, военный вуз, иностранный язык, методика, обучение.

## THE ISSUE OF MILITARY TERMS LEARNING IN THE PROCESS OF THE GERMAN LANGUAGE TEACHING IN MILITARY INSTITUTIONS

This article is devoted to the issue of learning military terms in the process of teaching German language in military institutions. Today, modern processes of globalization require linguistic specialists to review foreign language teaching approaches at all levels of study and to develop new educational programs and methods. In particular, the study of German military terms in the course of teaching this language in the institutions of higher military education of Tajikistan should be implemented in a new form and method. The purpose of this research is to identify and present modern and effective methods and approaches in the direction of learning military terms in the course of teaching the German language in military universities. The novelty of this research is that the author has combined the classical approach to learning foreign languages and terms with the development of modern technology.

**Keywords:** German language teaching, professional words, military terminology, military institution, foreign language, methods, education.

### Дар бораи муаллиф

**Ғуломова Фотима Абдураҳмоновна**
Докторант, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 555 57 06 55

### Об авторе

**Гуломова Фотима Абдурахмоновна**
Докторант, Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 555 57 06 55

### About the author

**Gulomova Fotima Abdurahmonovna**
Doctorate, Academy of public administration under the President of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir st., 33
Ph.: (+992) 555 57 06 55

# УСУЛҲОИ ҲАМКОРӢ ДАР ДАСТА ҶИҲАТИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

***Сайфуллоева З. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дигаргунии куллие, ки дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рух медиҳанд, дар назди мактаби олӣ масъалаи омодагардонии кадрҳоеро гузошт, ки дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбиро фаро гирифта, барои худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилият доранд. Марбут ба ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ» (1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001, № 7; 2005, № 12), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 №170 «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» коркард ва пазируфта шуданд, ки онҳо дар назди олимон ва мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба такомулдиҳии куллии таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ як қатор вазифаҳо мегузоранд.

Дар робита ба ҳамин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки масъулин “назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд” [7].

Айни замон дар самтҳои гуногун тағйироти инноватсионӣ ба вуҷуд меояд, аз қабили ташаккули мазмуни нави таълим; таҳия ва татбиқи технологияҳои нави таълим; ба кор бурдани методҳо, усулҳои азхуд кардани барномаҳои нав; фароҳам овардани шароит барои худмуайянкунии донишҷӯ дар раванди таълим; тағйирот дар тарзи тафаккури ҳам муаллимон ва ҳам донишҷӯён, тағйир додани муносибатҳои байни онҳо, ташкил ва инкишоф додани коллективҳои эҷодии навоваронаи муассисаҳои таълимӣ ва ғайра. Маҳз навоварӣ имкон медиҳад, ки консерватизми хоси маориф ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ бартараф карда шавад, механизмҳои вокуниши фаврӣ ба тағйироти сохтори иҷтимоӣ, ниёзҳои давлат, ки имрӯз яке аз масъалаҳои таъхирнопазири рушди маорифи ватанӣ ҳисобида мешавад, амалӣ карда шавад.

Яке аз воситаҳои технологияҳои инноватсионӣ усули ҳамкории интерактивӣ аст. Технологияи ҳамкории интерактивӣ таъминоти барномавиест, ки дар реҷаи гуфтугӯ бо истифодабаранда кор мекунад ва барои идоракунии раванди таълим мусоидат менамояд. Технологияҳои ҳамкории интерактивӣ кори муаллимонро эҷодӣ ва шавқовар мекунанд, самарабахшии таълими донишҷӯёнро меафзоёнад ва маҳсулнокии меҳнатро баланд мебардорад [13, с. 6].

Дар машғулиятҳои интерактивӣ бояд чунин принсипҳо риоя гарданд:

1. Машғулият бояд на дар шакли лексия, балки дар фаъолияти муштарак баргузор гардад.
2. Ҳамаи иштирокчиёни машғулият баробарҳуқуқанд, сарфи назар аз сину сол, таҷриба ва ҷои кор.
3. Ҳар як иштирокчӣ вобаста ба тамоми масъалаҳо дорои нуқтаи назари шахсӣ мебошад.
4. Ҳангоми машғулият танҳо идея зери танқид гирифта мешавад, на соҳиби идея.
5. Тамоми пешравӣ ё камбудие, ки дар машғулияти интерактивӣ гуфта мешавад, на барои ба роҳбарӣ гирифтан, балки барои андеша кардан мебошад.

Қоидаҳое ки дар машғулияти интерактивӣ бояд риоя гарданд:

1. Фаъол будан.
2. Нуқтаи назари иштирокчиро эҳтиром кардан.

3. Назари нек доштан.
4. Пунктуалӣ ва масъул будан.
5. Гапи якдигарро набуридан.
6. Барои амалиёти муштарак омода будан.
7. Ба манфиати гурӯҳ кор кардан.
8. Барои пайдо намудани ҳақиқат кӯшиш кардан.
9. Регламентро риоя кардан.
10. Креативӣ будан.
11. Қоидаҳои дар гурӯҳ кор карданро риоя кардан.

Мақсади асосии технологияи ҳамкории таълимӣ якҷоя чизеро омӯхтан мебошад, на ин ки якҷоя ягон кореро иҷро кардан [3, с. 5]. Идеяҳои асосии усули ҳамкории таълимӣ умумияти мақсаду маром, вазифаҳо ва масъулияти ҳар як шахс дар иҷрои коре ва имкониятҳои баробар барои муваффақияти ҳамаи аъзоёни зергурӯҳ мебошад. Масъулияти фардӣ ё индувидуалӣ он аст, ки муваффақияти тамоми тим ё зергурӯҳ ба ҳар як аъзои он вобаста аст. Саҳми ҳар як иштирокчӣ, узви ҳар як аъзои гуруҳ хеле муҳим аст, зеро онҳо дар иҷрои вазифаи супоридашуда ба ҳамдигар кӯмак мерасонанд. Ҳамаи аъзоёни тим имкониятҳои баробар доранд. Маънои имкониятҳои баробар он аст, ки ҳар як иштирокчӣ имконият дорад, ки дастовардҳои шахсии худро такмил диҳад [11, с. 142].

Равоншиносон муқаррар кардаанд, ки он саъю кӯшише ки иштирокчиёни зергурӯҳ барои ноил гардидан ба натиҷаҳои умумӣ ба харҷ додаанд, ҳангоми расидан ба мақсади ниҳоӣ аз он ангеза (мотиватсия) ва шавқу ҳаваси ҳамаи аъзоёни зергурӯҳ хеле баланд мегардад [2, с. 18]. Тибқи чунин усул дар ҷараёни муошират таълим ба омӯзиш татбиқ мегардад. Яъне муошират байни донишҷӯён дар зергурӯҳ ва муошират донишҷӯён бо омӯзгор шакли дигар мегирад. Нақши омӯзгор низ тағйир меёбад. Ӯ ҳамчун мушовир ва ҳамчун созмондиҳандаи мустақилияти таълиму таҳқиқот ва эҷоди хонандагон амал мекунад.

Ба ақидаи мо, пешниҳод намудани баъзе вариантҳои таълим дар ҳамкорӣ ҷолиб ба назар мерасад. Бад-ин гуна, баъзе вариантҳои таълим дар ҳамкориро меорем. *Student Team Learning* (STL, таълим дар даста).

Ин метод ба «мақсадҳои гурӯҳӣ» (team goals) ва комёбии ҳамаи гурӯҳ (team success), ки он метавонад танҳо дар натиҷаи кори мустақилонаи ҳар узви гурӯҳ (даста) дар ҳамкории доимӣ бо дигар аъзои ҳамон гурӯҳ зимни кор бар болои мавзуъ ё проблемаи мавриди омӯзиш ба даст оварда шавад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир созад [5, с. 122]. Ҳамин тариқ, вазифаи ҳар донишҷӯ аз он иборат аст, ки ҳар иштирокчии даста донишҳои заруриро азхуд кунад, малакаҳои заруриро ташаккул диҳад ва зимнан бояд кулли аҳли даста донад, ки ҳар узви он ба чӣ комёб гардид.

Ба сифати як навъи чунин кор метавонад, масалан, *кори инфиродӣ дар даста* (Team Assisted Individualization - TAI) хидмат расонад. Донишҷӯён оид ба натиҷаҳои тестгузаронии пештара вазифаи инфиродӣ мегиранд ва минбаъд бо суръати худ, инфиродӣ, аммо дар чорчӯбаи даста меомӯзанд [5, с. 136]. Принсипан дастаҳои гуногун метавонанд бар болои вазифаҳои гуногун кор кунанд. Аъзои даста ҳангоми иҷрои вазифаҳои инфиродии худ ба якдигар мадад мерасонанд, дар дафтари махсус муваффақиятҳо ва пешравии ҳар узви дастаро қайд менамоянд. Тестҳои ҷамъбастӣ низ ба таври инфиродӣ, бе гурӯҳ гузаронда мешаванд ва онҳоро худи донишҷӯён (арзишдоварони дар гурӯҳ махсусан ҷудокардашуда) баҳо медиҳанд. Ҳар ҳафта муаллим миқдори мавзуъҳо, вазифаҳо оид ба барнома ва нақшаҳои дарсҳои иҷрокардаи ҳар даста, муваффақиятнокии иҷрои онҳоро дар синф ва хона (супориш барои хона) сабт намуда, муваффақиятҳои нисбатан барҷастаи гурӯҳҳоро махсусан қайд мекунад. Ин намуди бисёр хуби фаъолият зимни кор бар болои масъала ва мисолҳо ҳамчун вазифаи хонагӣ баҳисоб рафта метавонад. Ҳамин гуна, вақти зиёдро барои машғулият сарфа кардан даст медиҳад, ки он ҷо масъалаҳои марбут бо корҳои хонагӣ фақат барои баррасӣ пешниҳод карда мешаванд. Азбаски толибилмон мустақилона ба муваффақиятнокии азхудкунии маводи нав аз ҷониби ҳар донишҷӯи гурӯҳ назора мебаранд, барои муаллим вақти кори инфиродӣ бо гурӯҳҳо ё донишҷӯёни алоҳидае, ки ба ёрии ӯ ниёз доранд, пайдо мегардад.

Навъи чунин ташкили фаъолияти гурӯҳӣ *фаъолияти даставӣ-бозигӣ* ном дорад [6, с. 21]. Омӯзгор ҳамчун дар мавриди пешина маводи навро мефаҳмонад, кори гурӯҳиро барои

ташаккули тамоюл созмон медиҳад, аммо ба ҷои тестгузаронии инфиродӣ ҳар ҳафта дар байни дастаҳо мусобиқаҳои зӯрозмоӣ пешниҳод мекунад. Барои ин «мизҳои зӯрозмоӣ» ташкил дода мешаванд, яъне паси ҳар миз се донишҷӯи аз лиҳози дараҷаи таълимдидагӣ баробар ҷой мегиранд: (сустхонҳо бо сустхонҳо, тавоноҳо бо тавоноҳо). Вазифаҳо боз ҳам аз рӯйи мураккабӣ ва ҳаҷм ҷудо-ҷудо дода мешаванд. Ғолиби ҳар миз ба дастаи худ миқдори якхелаи холҳо новобаста аз «ҷадвал»-и миз меоварад. Ин маъное дорад, ки донишҷӯёни суст бо донишҷӯёни аз ҷиҳати неру бо онҳо баробар барои муваффақият овардан ба дастаи худ имкони баробар доранд. Дастае, ки миқдори бештари холҳоро мегирад, ғолиби зӯрозмоӣ бо мукофоти муносиб эълон карда мешавад. Дар машғулиятҳои математика ин метавонад намудҳои гуногунтарини корҳои хаттии муҳассилин бошад: тестҳо барои ҳалли масъала; тестҳо барои ҳалли мисолҳо ва ғайра.

Гумон меравад, ҳама гуфтаҳои боло ақидаи моро аз он хусус, ки таълим дар ҳамкорӣ, ки мо онро ҳамчун яке аз намудҳои гуногун барои инкишофи шахсияти донишҷӯ дар тадриси математика мепазирем, имкон медиҳад проблемаҳои дар оғоз нишондодашуда ҳал карда шаванд. Дар натиҷаи кори муратаб ва мақсаднок (албатта, хуб фикркардашуда ва омодакардашуда) дар ҳамкорӣ кифоятан зиёд кардани вақт ҷиҳати ҳалли масъалаву мисолҳои математикӣ барои ҳар донишҷӯ дар машғулият имкон фароҳам оварда, ба ҳар донишҷӯ барои дар шуури худ ташаккул додани салоҳиятмандии зеҳни-касбӣ муяссар мегардад. Ин таҳкурсии хуби азхудкунии токасбии асосҳои математикӣ мебошад.

Намуди дигари усули фаъолмандӣ ташкили марҳалаи *рефлексивӣ* ном дорад. Усули мазкур ҷамъбасти фаъолияти ҳамкории донишомӯзонро дар назар дорад. Ба андешаи Л.А.Соколова «Таҳти мафҳуми маҳоратҳои рефлексивии муошират фаҳмидани фарде пазируфта шудааст, ки чӣ тавр ӯ аз ҷониби ҳамсуҳбати худ дарк карда мешавад» [15, с. 21].

Мақсад аз он ҷалб намудани донишҷӯ ба фаъолияти таҳлилӣ ва инъикоси таҷрибаи мавҷуда, тафаккури дубораи он (бо роҳи ворид намудани донишҷӯ ба шаклҳои гуногуни инъикоси фаъолияти педагогӣ, таҳқиқотӣ) мебошад. Омӯзиш дар ин марҳилаи ташаккули салоҳиятмандии таҳқиқотии донишҷӯ - омӯзгори оянда тавассути «кашф», «ихтироъ», «бозёфт» мустақилона бунёд мегардад.

Барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланди омӯзиш дар ин марҳила ташкили лексияҳое ба амал оварда мешаванд, ки дар асоси принсипҳои омӯзиши контекстӣ (лексияи проблемавӣ, лексия-визуализатсия, лексия-конференсияи матбуотӣ), навиштани эссе, кори санҷишӣ, таҳлили ҳолатҳои таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудаанд.

Усули фаъолмандии тахкили *марҳилаи арзишӣ (дарк, фаҳмиш, огоҳӣ).* Дар марҳилаи мазкур таъмин намудани моделсозии рафтори касбии шахсии худ дар фаъолияти таҳқиқотӣ муҳим аст. Барои ин замина барои худтарҳрезӣ (тарҳрезӣ ба кори худ) ва татбиқи мавқеи таҳқиқотӣ дар фаъолияти тадқиқотӣ муфид мебошад [12, с. 275]. Дар доираи курсҳои махсус донишҷӯ - муаллими оянда ба муҳити таҳқиқотӣ шомил карда мешавад, ки тавассути ташкили фаъолияти мутақобилаи гурӯҳӣ, истифодаи методҳои фаъоли таълим (баҳс, бозиҳои нақшофарӣ ва корӣ), усули кейс, навиштани реферат, моделсозии ҳолатҳои таҳқиқотӣ таъмин карда мешавад.

Усули фаъолмандии ташкили *марҳилаи лоиҳавӣ (лоиҳакашӣ).* Омӯзгорон барои мустақилона тарҳрезӣ кардан, иҷрои вазифаи таҳқиқотӣ ва фаъолияти илмӣ барои донишҷӯён шароит фароҳам меоранд. Тарҳрезии худ ҳангоми машғулият ва андешаҳои муаллимиояндаи математика дар бораи худ ҳамчун субъекти фаъолият бунёд меёбад. Қабули вазифаи таҳқиқотӣ аз ҷониби донишҷӯ ба ташаккули шавқу эҳтиёҷоти маърифатӣ, афзоиши маҳорати касбӣ таъсир мерасонад [14, с. 7].

Фаъолияти лоиҳавии муҳассилин дар байни технологоияи муосири педагогӣ, ба ақидаи педагогон, мақсадгузории нисбатан мувофиқи таълим – ташаккул ёфтани салоҳиятҳои асосӣ ба ҳисоб меравад [13, с. 15]. Ба воситаи усули лоиҳасозӣ технологияи ба таври фарди равонашудаи рушдкардаро баррасӣ кардан мумкин аст, ки ба асоси ғояҳои инкишофи малакаҳои дарккунандагии хонандагон, ташаббусҳои эҷодӣ, маҳорати мустақилона фикр кардан, пайдо ва ҳал намудани мушкилот, дар фазои ахборотӣ мавқеи худро муайян кардан, маҳорати пешгӯйӣ кардан ва арзёбӣ намудани натичаҳои фаъолияти шахсӣ роҳандозӣ шудааст. Усули лоиҳасозӣ ҳамеша ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон – фардӣ, гурӯҳӣ равона карда шудааст, ки таълимгирандагон онро дар зарфи вақти муайяншуда ичро

мекунанд. Усули мазкур ҳангоми мавҷудияти мушкилоти ҳақиқатан аҳамиятдошта (амалӣ, илмӣ, эҷоди, ҳаётӣ) қобили қабул аст, ки барои ҳалли он гузарондани таҳқиқотҳо зарур мебошад [12, с. 273].

Дар шароити муосир фориғуттаҳсилини муассисаҳои таълимӣ барои мутобиқ шудан ба вазъиятҳои тағйирёбандаи ҳаёт, аз чумла фаъолияти касбӣ, бояд дониши васеъ ва маҳорати ҷамъбаст намудану истифода кардани шарҳи зуҳуроти онро барои атрофиён дошта бошанд. Ҳамаи ин зарурати истифода кардани лоиҳаҳои самтноки амалиявиро дар фаъолияти лоиҳавӣ тасдиқ менамояд. Таҷрибаҳое, ки донишҷӯён дар самти фаъолияти амалӣ ҳосил мекунанд, барои ҳалли мушкилоти дар ҳаёти ҳамарӯза бамалояндаи рӯзгор, истеҳсолот ба кор бурда мешавад.

Фаъолияти лоиҳавӣ омода намудани маъруза, реферат, гузарондани таҳқиқот ва дигар анвои фаъолияти эҷодиро дар назар дорад. Дар раванди иҷрои лоиҳа донишҷуён на танҳо адабиёти таълимӣ, балки таълимӣ-методӣ, илмӣ ва иттилоотиро низ ба кор мебаранд. Нақши муҳассилин дар ҳолати зарурат аз мушоҳида кардан, машварат ва равона намудани раванди натиҷаи таҳлил иборат мебошад. Дар рафти иҷрои лоиҳа донишҷӯён ба раванди фаъоли дарки эҷодӣ ҷалб карда мешаванд; зимни ин, ҳам мустаҳкамкунии дониши дар фанни мазкур дошта ва ҳам ҳосил намудани донишҳои нав ба амал меояд. Илова бар ин, салоҳияти фавқулфаннӣ ташаккул меёбад: муҳаққиқӣ (ҷустуҷӯӣ), муоширатӣ, ташкилотчигӣ-идоракунӣ, рефлексивӣ, маҳорат ва малакаи кор дар гурӯҳ ва ғайра инкишоф меёбад [14, с. 6].

Усули ташкили *шароити ангезавӣ*, эҳтиёҷот ва ҳавасмандии омӯзгориояндаи математика барои аз худ намудани сифатҳои таҳқиқотӣ, ташаккули муносибати арзишӣ-маъноӣ ба таҳқиқот ҳамчун шакли афзалиятноки фаъолмандии маърифатӣ, ташаккули омодагӣ ба кор аз болои худ; ин гурӯҳи шароитҳо аз нигоҳ доштани ангезаи мусбат нисбати омӯзгориояндаи математика ба фаъолияти таҳқиқотӣ, ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддии донишҷӯёне, ки ба кори таҳқиқотӣ бомуваффақият машғуланд, ба вуҷуд овардани муҳити таҳқиқотӣ ба донишҷӯён ва фароҳам овардани фазои илмии донишгоҳ иборат аст.

Кори инфиродии мустақилона зимни фаъолияти таълимӣ оид ба технологияи ҳамкорӣ гӯиё қисмати ибтидоӣ, маъмулии *кори мустақилонаи коллективӣ* мешавад [5, с. 56]. Натиҷаи он, аз як тараф, ба натиҷаи кори гурӯҳӣ ва коллективӣ таъсир мерасонад, аз дигар тараф, натиҷаҳои кори дигар аъзои гурӯҳ, тамоми коллективро дар бар мегирад. Ҳар талаба ҳам аз натиҷаи кори гурӯҳӣ ва ҳам аз натиҷаи кори коллективӣ истифода мебарад, аммо дар марҳалаи навбатӣ, ҳангоми ҷамъбасти натиҷаҳо, баррасии онҳо ва пазириши қарори умумӣ, ё ҳангоми кор бар болои лоиҳа ё проблемаи навбатие, ки толибилмон донишҳои бо саъю кӯшиши кулли гурӯҳ бадастоварда ва коркардшударо истифода мебаранд.

Зикр бояд кард, ки ташкил намудани гурӯҳҳо ва ба онҳо супоришҳои дахлдор додан кофӣ нест. Моҳияти кор маҳз аз он иборат аст, ки худи донишҷӯ ба даст овардани донишҳоро бихоҳад. Масали маъруфи ҳакимонро медонед: «Ман метавонам шутурро назди обхӯра барам, вале наметавонам маҷбур созам, ки бинӯшад!» Аз ин сабаб ангезаи фаъолияти мустақилонаи таълимии муҳассилин на камтар, балки бештар муҳим аст нисбат ба тарзи ташкил, шароитҳо ва методикаи кор оид ба супориш. Аммо маҳз кори якҷоя барои фаъолияти маърифатӣ, барои муошират нағз таҳрик мебахшад, чунки дар ин маврид ҳамеша ба ёрмандӣ аз ҷониби рафиқон умедвор будан мумкин аст. Муаллим метавонад ба донишҷӯёни алоҳида таваҷҷуҳи зиёд диҳад, зеро ҳама ба кор машғуланд.

Амалан, ин таълим дар раванди муошират, муошироти толибилмон бо якдигар, муошироти толибилмон бо омӯзгор мебошад, ки дар натиҷаи он робитаи хеле зарурӣ ба вуҷуд меояд. Ин муошироти иҷтимоист, чунки дар рафти муошират толибилмон ба навбат нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ - сарвар, иҷрокунанда, ташкилдиҳанда, гузоришгар, коршинос, муҳаққиқ ва ғайраро иҷро мекунанд [8, с. 116]. Албатта, ҳангоми истифодаи таълим дар ҳамкорӣ дар машғулиятҳои математика аз ҳама душвор ноил гаштан ба он аст, ки муҳассилин дар гурӯҳҳои хурд муошират кунанд (ба истисноии мавридҳое, ки супориш барои ҳалли масъала ё мисоли махсус дода мешавад) [10, с. 39].

Навъи дигари усули иноватсионӣ технологияи таълими амсилавӣ мебошад. Технологияи амсилавӣ ба ғояе асос ёфтааст, ки донишҷӯ худаш меомӯзад (донишҳоро ба даст меоварад, онҳоро таҳлил мекунад, дар амал ҷорӣ месозад), муаллим раванди таҳсили

ӯро назорат менамояд [16, с. 75]. Усули низоми амсилавӣ ба тасаввуроте такя мекунад, ки ҳама гуна машғулият бояд ҳам ба азхудкунии иттилооти нав ва ҳам ба ташаккули маҳоратҳо ва малакаҳои коркарди ин иттилоот мусоидат кунад. Усули амсилавиро тавассути лексияҳо, семинарҳо ва корҳои озмоишгоҳӣ ба амал ҷорӣ кардан мумкин аст.

Унсурҳои нисбатан муҳими техникаи амсилавӣ инҳоянд:

1) асоси қисматӣ (амсилавӣ)-и маводи таълимӣ;

2) афзалияти фаъолияти мустақилона ва эҷодкорона дар машғулиятҳо таҳти роҳбарии муаллим оид ба азхудкунии донишҳо ва маҳоратҳо;

3) ташкили худназоратбарӣ ва назорати берунии ташаккули фаъолияти таълимӣ, азхудкунии маводи таълимӣ дар асоси рефлексияи омӯзгор ва донишҷӯ.

Татбиқгардонии технологияи амсилавии таълим дар фаъолияти таҳсилотии факултети математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба болоравии назарраси сифати омодасозии хатмкунанда мусоидат намуд, зеро барои муаллимон имкон медиҳад, ки фаъолияти донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи математикаро дар раванди таълим беҳтар идора кунанд, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки зиёдтар мустақилона кор кунанд, аз омӯзгорон ёрии машваратӣ гиранд, зимни кор бо манбаи аввалия ва адабиёти иловагӣ мундариҷаи таълимиро азхуд кунанд.

Дар амал ҷорисозии технологияи амсилавӣ ба рушди инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъсир мерасонад, чунки ба ҷиҳатҳои хуби низоми амсилавии таълим инҳоро тааллуқ донистан мумкин аст:

1) рушди тафаккури маҳсулнок дар донишҷӯён;

2) имкони худназораткунӣ аз ҷониби донишҷӯ ва фаъолияти худ аз ҷониби омӯзгор;

3) тезонидани фаъолияти маърифатӣ;

4) имкони худбаҳодиҳӣ;

5) ташаккули мустақилият [16, с. 78].

Ба фикри мо, моделсозии технологияи ташаккули салоҳияти зеҳнӣ-математикӣ бо истифодаи методи интерактивӣ ва маҳз муносибатҳои субъект-субъектӣ дар байни донишҷӯ ва омӯзгор, донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯён, гурӯҳҳои бо ҳам рақобаткунанда ва ҳамкорикунандаи донишҷӯён, донишҷӯ ва муҳити виртуалии компютерии бисёрвариант ҳамчун асбоби миёнрави ҳамкорӣ бо дигар субъект, инчунин муносибатҳои субъет-субъектии донишҷӯ ҳамчун субъект бо барномаи компютерӣ ҳамчун объект басо аҳамиятнок аст [1, с. 68].

Мо дар зер ҳамчун усули ҳамкорӣ дар даста (ё зергуруҳҳо) ҷиҳати инкишофи салоҳиятмандии касбӣ якчанд суприш ва вазифаҳои математикиро пешкаш менамоем [9, с. 48].

***Мисолҳо барои кори мустақилона***

***1. Лимитҳоро ёбед:***

а) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{x+1}{x-1}\right)^x$;

б) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{x}{x-1}\right)^x$; в) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{2x+3}{2x+1}\right)^{x+1}$;

г) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{3x-4}{3x+2}\right)^{\frac{x+1}{3}}$;

д) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{x^2+1}{x^2-1}\right)^{x^2}$; е) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{x^2-2x+1}{x^2-4x+2}\right)^x$;

ё) $\lim\limits_{x\to 0}(1+tgx)^{ctgx}$;

ж) $\lim\limits_{n\to\infty}\left(1-\frac{1}{n}\right)^n$;

з) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(1+\frac{2}{x}\right)^x$;

и) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{x}{x+1}\right)^x$;

к) $\lim\limits_{x\to\infty}\left(\frac{x-1}{x+3}\right)^{x+2}$;

л) $\lim\limits_{n\to\infty}\left(1+\frac{x}{n}\right)^n$;

м) $\lim\limits_{x\to 0}(1+sinx)^{\frac{1}{x}}$;

н) $\lim\limits_{x\to 0}\frac{e^{ax}-e^{bx}}{x}$;

о) $\lim\limits_{x\to 0}\frac{1-e^{-x}}{sinx}$.

**2. *Ҳосилаи функсияҳои зеринро ёбед:***

а) $y = 2e^x + 5lnx$;
б) $y = e^x(cosx + sinx)$;
в) $y = e^x sinx - 4lnx$ ;
г) $y = \frac{e^x + sinx}{xe^x}$ ;
д) $y = x^2 e^x - 2^x ctgx$;
е) $y = \frac{xe^x}{sinx}$ ;
ё) $y = e^{2x} ln(3x^2 + 1)$;
ж) $y = e^{arcsin2x}$ ;
з) $y = x^2 e^{-2x}$ ;
и) $y = e^{-x^2}\cos(e^{-2x})$;
к) $y = x^7 \cdot e^x$ ;
л) $y = (x - 1)e^x$;
м) $y = \frac{e^x}{x^2}$ ;
н) $y = e^x cosx$ ;
о) $y = (x^2 - 2x + 2)e^x$ ;
п) $y = e^x arcsinx$;
р) $y = \frac{x^2}{lnx}$;
с) $y = \frac{x^5}{e^x}$ .

**3. *Интегралҳоро ҳисоб кунед:***

а) $\int e^{2x} sin^2 x dx$ ;
б) $\int e^x sinxsin3x dx$ ;
в) $\int xe^x cosx dx$ ;
г) $\int \frac{dx}{e^{2x} + e^x - 2}$ ;
д) $\int \frac{dx}{\sqrt{e^{2x} + e^x + 1}}$ ;
е) $\int (x^2 + 1)^2 e^{2x} dx$ ;
ё) $\int_0^1 x^3 e^{2x} dx$ ;
ж) $\int_0^\pi e^x sinx dx$ ;
з) $\int_0^\infty xe^{-x} dx$ ;
и) $\int_0^\infty e^{-ax} cosbx dx \ (a > 0)$;
й) $\int_0^\infty e^{-ax} sinbx dx \ (a > 0)$ ;
к) $\int_0^\infty e^{-kx} dx \ (k > 0)$ ;
л) $\int_0^\infty e^{-x^2} dx$

Чанд сол аст, ки дар факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ усулҳои инноватсионии номбурда мавриди истифода қарор доранд ва натиҷаи кор бо ин намудҳои технологияҳои педагогӣ дар шуъбаҳои илмҳои риёзӣ ба ташаккулу ривоҷи салоҳияти касбӣ-математикии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Ҳамин тариқ, бо тамоми тафовутҳои равияҳои дар боло номбурда фаҳмиши моҳияти навоварии педагогӣ онҳо як чизи умумӣ доранд, ки дар маркази диққати он раванд ва натиҷаҳои эҷодиёти педагогӣ меистад. Ҳама муҳаққиқон зарурати таълимро дар фаҳмиши нави назариявии моҳияти равандҳои инноватсионӣ, дар инкишофи шароитҳои педагогие, ки ҳаракати муттасили навоваронаро таъмин мекунанд, қайд кардаанд. Ин зарурат, дар навбати худ, проблемаи тайёрии махсуси кадрҳо, пеш аз ҳама омӯзгорони босалоҳиятро дар соҳаи навовариҳои педагогӣ талаб мекунад.

Маҳз омодагии омӯзгорон ба навоварӣ, кор дар реҷаи муттасили инноватсионист, ки муваффақияти рушди таҳсилоти инноватсиониро муайян мекунад. Ва яке аз ҷузъҳои асосии ин омодагӣ қобилияти вокуниш нишон додан дар фаъолияти касбии худ ба талаботи доимо тағйирёбандаи ҷомеа, бозори меҳнат, шахсият, технология ва муҳити мунтазами иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, салоҳияти омӯзгор яке аз шартҳои муҳими устуворӣ, бардавомии рушди инноватсия дар соҳаи маориф мегардад. Аз ин рӯ, рушди мақсадноки салоҳияти касбии ҳайати омӯзгорон омили муҳимтарини рушди инноватсионии соҳаи маориф мебошад.

## *Адабиёт*


1. *Абдуллина, О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования: для пед. спец. высш. учеб. заведений. 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Просвещение, 1990. - 141 с.*
2. *Аминов Н.А. О компонентах специальных способностей школьных психологов Текст. / Н.А. Аминов, М.В. Молоканов // Психологический журнал, 1992.-№5. - С. 104-110.*
3. *Беспалько, В.П. Слагаемые педагогической технологии / В.П. Беспалько [Текст]. М.: Педагогика, 1989. - 192 с.*
4. *Бойко В.В., Ковалев А.Г., Панферов В.Н. Социально-психологический климат коллектива и личность // В.В.Бойко и др. [Текст]. - М.: Мысль, 1983. - 196 с.*
5. *Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход/А.А. Вербицкий. М., 1991. - 206 с.*
6. *Землянская, Е.Н. Обучение в сотрудничестве на основе малых групп / Е. Землянская // Учитель. — 2007 . - № 1 . - С. 20-26.*
7. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 №170 Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025.*
8. *Куницына, В.Н., Казаринова, Н.В., Погольша В.М. Межличностное общение / В.Н.Куницына и др. [Текст]. – СПб.: Питер, 2001. – 544 с.*
9. *Маҳкамов М. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ // Дастури таълимӣ- методӣ. –Душанбе: ДСРТ, 2021. - 296 с.*
10. *Мордкович А. Г. О профессионально-педагогической направленности математической подготовки будущих учителей математики // Математика в школе. 1984. № 6. – С. 38-44.*
11. *Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике: дис … док. пед. наук. – М., 1999. - 306 с.*
12. *Раҷабов Т. Б. Ташаккули маҳорати моделонии математикӣ дар муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳангоми таълими назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2018. - № 1. - С. 272-277.*
13. *Сайфуллоев Х. Тавсияҳои методӣ ба омӯзгорон дар татбиқи усулҳои интерактивӣ дар таълим. – Душанбе: ДДОТ, 2014. - 19 с.*
14. *Саранцев Г. И. О профессионализме в подготовке учителя математики // Математика в школе. 1990. № 4. - С. 1–16.*
15. *Соколова, Л.А. Рефлексивный компонент деятельности как необходимое условие развития учителя и учащихся / Л.А.Соколова [Текст] // ИЯШ. - 2005. - № 1. - С. 19-26.*
16. *Трубинова, О. М. Урок математики по технологии модульного обучения в IV классе / О. М. Трубинова // Начальная школа. - 2004 . - № 9 . - С. 74-83.*


## УСУЛҲОИ ҲАМКОРӢ ДАР ДАСТА ҶИҲАТИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА


Дар мақола технологияи таълим дар ҳамкорӣ барои ташаккули салоҳиятмандии касбии омӯзгорони ояндаи математика баррасӣ шудааст. Бояд гуфт, ки дар методологияи муосири таълими математика проблемаи технологияи инноватсионӣ, бахусус технологияи омӯзиши ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои баҳсталаб ба ҳисоб меравад. Ҳамчун усули инноватсионӣ технологияи ҳамкорӣ муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи омӯзиш дар ҳамкорӣ ҳамчун равиши умумии консептуалии дидактикӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо бештар муфид аст. Махсусан, вақте чунин ба назар мерасад, ки ин технологияҳо ба таври табиӣ ба низоми синфӣ илова карда шудаанд ва ба мундариҷаи таълим таъсир намерасонанд. Инҳо технологияҳое мебошанд, ки имкон медиҳанд, то муҳассилин ба натиҷаҳои бештари таълим ноил шаванд ва имкониятҳои эҳтимолиро барои ҳар як донишҷӯ муайян намоянд. Мақсади асосии усули ҳамкорӣ дар таълим ин омӯхтани чизе аст, на якҷоя коре кардан. Идеяи асосии усули ҳамкорӣ дар даста ин ҳадафҳо, вазифаҳо ва масъулиятҳои ҳар як шахс дар иҷрои кор ва имкониятҳои баробар барои муваффақияти ҳамаи аъзоёни гурӯҳ мебошад. Масъулияти фардӣ бо он ифода мегардад, ки муваффакияти тамоми коллектив ё гуруҳ ба ҳар як аъзои он вобаста аст.



**Калидвожаҳо:** технологияҳои инноватсионӣ, усули интерактивӣ, усули ҳамкорӣ дар даста, усули лоиҳасозӣ, фаъолияти рефлексивӣ, салоҳияти касбӣ, салоҳияти математикӣ. масъулияти шахсӣ, фаъолияти касбӣ.


## ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ В СОТРУДНИЧЕСТВА К ФОРМИРОВАНИЮ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ


В статье речь идет о технологии обучения в сотрудничества к формированию профессиональной компетентности будущих учителей математики. Следует отметить, что проблема инновационных технологий, в частности технология обучения в сотрудничестве являются одной из самых дискуссионных в современной методике обучения математики. Как инновационный метод, технология сотрудничества имеет важное значение. В связи с этим опыт обучения в сотрудничестве как общий концептуальный дидактический подход более полезен для студентов вузов. Особенно, если принять во внимание тот факт, что эти технологии естественным образом добавляются в классную систему и не влияют на содержание образования. Это технологии, позволяющие добиваться более эффективных результатов обучения и выявлять потенциальные возможности для каждого студента. Основная цель метода обучения в сотрудничестве — учиться чему-то вместе, а не делать что-то вместе. Основной идеей метода обучения в сотрудничестве являются общие цели, задачи и

ответственность каждого человека при выполнении работы и равные возможности для успеха всех членов группы. Индивидуальная ответственность заключается в том, что успех всей команды или группы зависит от каждого из ее членов.
**Ключевые слова:** инновационные технологии, интерактивный метод, метод обучение в сотрудничества, метод проектов, рефлексивная деятельность, профессиональная компетенция, математическая компетенция. индивидуальная ответственность, профессиональная деятельность.

## TECHNOLOGY OF LEARNING IN COOPERATION TO FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF STUDENTS IN THE PROCESS OF MATHEMATICS TEACHING

The article deals with the technology of teaching in cooperation to the formation of professional competence of future teachers of mathematics. It should be noted that the problem of innovative technologies, in particular the technology of learning in collaboration, is one of the most controversial in the modern methodology of teaching mathematics. As an innovative method, collaboration technology is essential. In this regard, the experience of learning in cooperation as a general conceptual didactic approach is more useful for university students. Especially when you take into account the fact that these technologies are naturally added to the classroom system and do not affect the content of education. These are technologies that allow you to achieve more effective learning outcomes and identify potential opportunities for each student. The main goal of the collaborative learning method is to learn something together, not to do something together. The main idea of the collaborative learning method is the common goals, tasks and responsibilities of each person in the performance of work and equal opportunities for the success of all members of the group. Individual responsibility lies in the fact that the success of the entire team or group depends on each of its members.
**Keywords:** innovative technologies, interactive method, collaborative learning method, project method, reflexive activity, professional competence, mathematical competence. individual responsibility, professional activity.

### Дар бораи муаллиф

**Сайфуллоева Замира Хайруллоевна**
Омӯзгори кафедраи таҳлили математикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 915 54 22 81
E-mail: sayfy.szh@mail.ru

### Об авторе

**Сайфуллоева Замира Хайруллоевна**
Преподаватель кафедры математического анализа
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 915 54 22 81
E-mail: sayfy.szh@mail.ru

### About the author

**Saifulloeva Zamira Khairulloevna**
Teacher in the Department of Mathematical Analysis
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 915 54 22 81
E-mail: sayfy.szh@mail.ru

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

***Сияҳаков С. М., Идиев С. Б., Мирзозода Ф. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Сабабҳои асосии тағйири муносибат ба таълим талаботи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Тибқи он низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имкониятҳои азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақша-гирии пешравӣ дар омӯхтани касбу илмомӯзӣ дар тули тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, таёрии касбӣ дар бозори меҳнат, донишӯ малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд.

Дар Паёми навбатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати асосиро ба соҳаи маориф равона намуданд: “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу суббот, амнияти осоиш ва муҳимтар аз ҳамма, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад …”.

Стратегияи миллии рушди маориф асосан самтҳои тағйироти низоми таълимиро мушахас гардонида, гузаришро ба низоми кунунӣ ва муносибати босалоҳият дар таълимро ба нақша гирифтааст. Барои татбиқи муносибати мазкур омӯзгорон бояд якчанд назаряҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд. Назаряҳои таълими мазкур аз характери фан ва методикаи таълими он вобаста набуда, раванди дониш андӯхтан, малакаву маҳорат ҳосил карданро инъикос менамоянд. Назаряҳои мазкур метавонанд барои ташаккули методологияи фанҳои гуногун замина гузоранд. Дар роҳҳои асосии ислоҳоти мактабҳои миёнаи таҳсилоти ибтидоӣ нишон дода шудааст, ки бо муваффақият ҳал намудани масъалаҳои муҳими таълимӣ ва тарбияии насли наврас дар ҳамаи давраҳои ҳалкунанда аз омӯзгор вобастагӣ доранд. Бинобар он дар ҳамаи давраҳои таърихӣ, давлат ва ҳукумат барои баланд бардоштани нақши омӯзгор дар ҷамъият, махсусан барои хубтар тайёр намудани омӯзгорони баландихтисос, аз он ҷумла омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ диққати калон медиҳанд.

Самаранокии кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки оё омӯзгор дар шароити имрӯзаи истиқлолияти кишвар, пешрафти илму техника шавқу ҳаваси шогирдонашро ба маводҳои омӯхташаванда ва ё рушди технологияҳои муосир бедор карда метавонад ё на. Яке аз вазифаҳои муқадаси омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин бедор намудани меҳру муҳаббати хонандагон ба рушди техникаю технологияи имрӯза ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ омӯзгорро мебояд аввалан худи ӯ аз таърих ва рушди технологияҳои мазкур бархурдор бошад ва тавонад, ки хонандагонро дар ин самт роҳбаладӣ намоянд.

Масъалаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда ҳамчун як унсури инсонгароии таҳсилоти педагогӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва бинобар зарурияти объективонаи ҷомеа барои тарбияи кормандони рақобатпазир дар соҳаи маориф, ки фаъолияти касбии худро дар рушди технологияҳои баланд ба таври самаранок ба амал меоранд вобастаги дорад. Тағйиротҳои куллие, ки имрӯз дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд ҳавасмандии хонандагонро ба меҳнат ва омӯзиши касбу кори гуногун бо мақсади баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия роҳнамоӣ менамоянд. Инкишофи ҳавасмандии толибилмон ба тарзи ҳаёти корӣ, омӯзиши техника ва технологияи муосир мусоидат намуда ва воридшавии мунтазами онҳо ба ҷузъи эҷодии онҳо бояд нақши асосии муосири таълимро дар заминаи дигаркуниҳои инсондӯстона дар бар гирад.

Масъалаҳои ташкили раванди таълими фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ бо мақсади ташаккули фарҳанги техникӣ-технологӣ ва омодагии омӯзгорони ояндаи онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ дар тадқиқотҳои илмии олимони зиёд Ю.В. Лвов, Э.В. Попов, И.В. Романов, А.Н. Сергеев, И.Ю. Башкирова ва ғайра ба чашм мерасанд. Аммо, бар хилофи зарурати объективӣ оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, имрӯз тамоюли манфӣ дар баҳодиҳии раванди таълим, рушди неруи толибилмон ба чашм намерасад. Тайёрии нокифояи насли наврас ба меҳнат ба зуҳури хислатҳои шахсият ба монанди дур будан аз тараққиёти илмҳои муосир, бемасъулиятӣ, норасоии маънавият, бемасъулиятӣ чизпарастӣ ва ғайраҳо бидуни меҳнат мусоидат мекунанд. Ин омодагии нокифояи насли наврас ба меҳнат заруриятеро пеш овард, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардиданд.

Ҳар як омӯзгори фанҳои дақиқ дар низоми нави таҳсилот (муносибати босалоҳият) бояд ҳарчи бештар омилҳо ва ё нуктаҳоеро ба назар гиранд, ки ба инкишофи қобилиятҳои инфиродии хонандагон ва вижагиҳои рушди шахсияти онҳо дар раванди таълим таъсир расонида тавонанд. Дар бораи инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сухан ронда, муайян кардан лозим аст, ки ба сифати фаъолияти асоси таълимӣ кадом намуди эҷодиёти мардумиро интихоб бояд намуд. Пеш аз ҳама дарк намудан лозим меояд, ки ба шавқу завқ ва маҳорати хонандагон чӣ наздиктар аст ва ё омӯзиши кадом касбу ҳунар ба онҳо манфиатовар мегардад. Ин амал дар ниҳояти кор вазифаи инкишофи қобилиятҳои касбинтихобкунӣ ва эҷодии онҳоро сабуктар мегардонад.

Мақсади асосии омода намудани омӯзгорон дар партави муносибати босалоҳият нишон медиҳад, ки байни низоми мавҷудаи анъанавии таълимӣ омӯзгори оянда ва зарурати ин раванд дар асоси муносибати низоммандӣ, бисёрсоҳавӣ ва инфиродӣ нигаронида шудааст. Ҷустуҷӯи ҳалли мушкилот оид ба ҳифзи меҳнат, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва саломатии омӯзгорони оянда дар маҷмуъ, ки бо муносибати байнисоҳавӣ оид ба таълими касбӣ ва педагогии онҳо, сатҳи баланд дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанҳои дақиқ ва баланд бардоштани масъулияти онҳо бехатарии ҷисмонӣ ва равонӣ алоқаманд аст. Такмили таълими чунин фанҳо, ки ба омӯзиши амиқи асосҳои назариявӣ ва методологияи тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва меҳнатӣ асос ёфтааст, дар шароити рушди маълумоти олии педагогӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин маҳсуб меёбад.

Такмили таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ба омӯзиши амиқи асосҳои назариявӣ ва методологияи тарбияи маънавӣ, меҳнатӣ ва ахлоқӣ алоқаманд буда, дар шароити рушди маълумоти олии педагогӣ яке аз вазифаҳои асосии омӯзгорони фанҳои мазкур ба ҳисоб мераванд. Дар шароити муосир рушди технологияи истеҳсолӣ ба вазъи ҷомеъа ва муносибати толибилмон ва дар ниҳоят ба мақому рушди дараҷаи касбинтихобкунии онҳо таъсир мерасонад. Сатҳи босуръат баланди рушди технологияҳои инноватсионӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ ба пешрафти ҳадафҳое, ки тарафи ҷомеа қабул гардидаанд, мусоидат мекунанд. Ҳақиқатан ҳам яке аз омилҳои асосии сатҳи дониши технологии ҷомеа, дар якҷоягӣ бо омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, инчунин омили касбӣ ва таълимӣ ба шумор меравад. Аз ҳамин сабаб, вазифаи афзалиятноки давлат татбиқи стратегияи рушди мақсадноки касбӣ ва маърифатии ҷомеъа буда, ташаккули талаботи омӯзгор ба фаъолияти мунтазами меҳнатӣ ва таълимӣ зарурияти рушди соҳаи маориф гардидааст.

Дар шароити имрӯза иқтидори таълимӣ ва инкишофёбандаи фаъолияти меҳнатиро нодида гирифта, самти арзишҳои меҳнати ҷисмонӣ андаке коҳиш ёфтаанд. Дар муассисаҳои умумии миёнаи таълимӣ омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар сатҳи миёна ҳифз карда мешавад ва онро метавон бо дигар фанҳо иваз кард. Соатҳои омӯзиши фанҳои мазкур дар муассисаҳои таълимӣ бениҳоят кам ба нақша гирифта шудаанд, ки ин ҳолат ба қарорҳои Ҳукумати кишвар баҳри рушди солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» имкон ба даст намеоварад. Ҳамаи ин норасоиҳо ва далелҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакати мо ба таълими технологии насли муосир то қадре вусъат бахшидан зарурият пеш меояд.

Бо таҷҳизотҳои замонавии таълимӣ таъмини нокифояи муассиса-ҳои таълимӣ ба бартариии фаъолияти меҳнатии сатҳи паст, ибтидоӣ ва дар натиҷа ба ташаккули муносибати

манфӣ ба толибилмон оварда мерасонад, ки дар ин сурат ҷолибияти меҳнати истеҳсолӣ барои наврасон ва ҷавонон коҳиш ёфта, фаъолияташон бо миёнаравӣ дар соҳаи хизматрасонӣ маҳдуд гардида дар маҷмуъ манфиатҳои кишварро ифода намекунад ва боиси паст гардидани донишҳои миллии онҳо мегардад.

Нагирифтани таълими дурусти меҳнатӣ барои наврасони муосир боиси иваз шудани мавқеи фаъоли онҳо бо мақсадҳо, хоҳишҳои маҳдуд барои ба қадри имкон ба даст овардан аст, ки дар натиҷа наврасон чунин хислатҳои манфии шахсиятро ба мисли танбалӣ, нодонӣ ба вуҷуд меоранд, ки дар ин маврид муносибати истеъмолкунанда ба воқеияти атроф ба паст шудани рушди зеҳнӣ, маънавият, фарҳанг ва таназзули ҷаҳонбинии куллӣба таври равшан зоҳир мешавад. Норасоии донишҳои технологии омӯзгорон фанҳои мазкур низ сабаби сатҳи пасти ҳамко-риҳои байниидоравӣ дар муассисаҳои олии омӯзгорӣ ин мавҷуд набудани салоҳияти идоракунии ин раванд ва сарфи назар кардани равишҳои байнисоҳавӣ дар таълими фанҳои мазкур мебошанд, ки ин иқтидори фанниро барои такмили ихтисоси омӯзгорон хеле коҳиш медиҳад. Омӯзгор имрӯз бояд на танҳо дониши илмӣ ва касбӣ дар бораи шахс ва руйдодҳои мавҷуда дошта бошад, балки дорои ҷузъи гуманитарӣниз бошад ва инчунин бо малакаҳои муосири педагогӣ ва гуманистӣ муҷаҳҳаз бошад, дар ин сурат ӯ қодир астна танҳо фанҳои гуманитарӣ, балки фанҳои тахассусӣ, техникӣ ва технологиро оид ба ташакул ва рушди сифатҳои ахлоқӣ иҷро кунад. Аз ин лиҳоз, мушкилоти имрӯза оид ба муаммои шахсияти омӯзгор дар замони рушди маориф ва ҳунарҳои мардумӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Федотенко И.Л. қайд мекунад: “Таҷдиди муассисаи таълимӣ ва дар маҷмуъ низоми маориф аз мавқеи омӯзгор вобаста аст, аз қобиляти ӯ барои фароҳам овардани шароити бароҳат ва аз ҷиҳати психологӣ беҳтар барои субъектҳои ҷараёни таълим, муносибати ӯ ба касб, вазъияти дохилӣ ва шахсият вобаста аст”. Солҳои охир дар самти илмҳои педагогика ва методикаи таълим корҳои зиёде аз ҷумлаи ҷустуҷӯйи методҳо ва воситаҳои замонавии таълим баҳри фаъолгардонии раванди таълим, табдилдиҳии хонанда аз объекти омӯзиш ба субйекти фаъолияти таълимӣ, ки соҳиби дониши амиқ ва малакаю маҳоратҳои амалию касбӣ мебошад, идома ёфта истодаанд. Ҳамзамон муҳаққиқон аз ҳама бештар ба масъалаи маҳорати эҷодии хонандагон дар раванди таълиму тарбия диққат медиҳанд, чунки эҷодкорӣ яке аз воситаҳои ташаккули тафаккур, диққат, хотира инчунин ғани гардонидани таҷриба ба фаъолияти эҷодии хонандагон мусоидат менамояд.

Асосҳои назариявии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгоронро муайян карда, марҳилаҳоеро амиқ карда метавонем, ки дар давоми онҳо салоҳиятҳо мунтазам рушд ва такмил дода мешаванд. Воситаи муҳими ташаккули салоҳияти педагогии омӯзгорони фанҳои дақиқ алоқамандии байнисоҳавӣ мебошад, ки бо мақсади муносибатҳои мантиқии фазои ягонаи сегмантикии фаъолияти педагогӣ алоқаманд буда, дар ҳалли мушкилот бо истифодаи маҷмуи салоҳиятҳои аз ҷониби омӯзгор ҳосилшуда мусоидат менамоянд. Дар марҳилаи аввал бой гардонидани донишҳои назариявӣ аз ҷумла донишҳои педагогӣ ва фалсафӣ дар назар дошта мешаванд. Дувум, таъмини самти касбии омӯзгор, яъне омодагии омӯзгор ба истифодаи донишҳои назариявӣ дар раванди таълим, ки дар натиҷаи амалӣ гаштани мафҳумҳои педагогӣ аз заминаи фалсафии онҳо ба тафсири педагогӣ оварда мерасонад. Марҳилаи сеюм таъмин намудани робитаҳои байнимуассисавии педагогика бо фанҳои бунёдӣ – психология ва фалсафа дар таълими омӯзгор дар назар дошта мешавад.

Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони фанҳои дақиқро ҳамчун якпорчагии азхудкунии ҷузъҳои зерини касбӣ ҳисобидан мумкин аст: ҳалли баландсифати масъалаҳои таълимӣ ва касбии педагогӣ; дараҷаи баланди инкишофи як дастгоҳи педагогии консептуалӣ; дараҷаи баландӣ самаранокӣ ва истифодаи ҳатмӣ дар ҳалли масъалаҳои мафҳумҳо ва категорияҳои педагогӣ. Агар дар ин самт агар ташаккули салоҳиятҳои омӯзгориро ба назар гирем, пас мебинем, ки меъёрҳои ташаккулёбӣ ба осонӣ аз хамдигар фарқ мекунанд ва эътимоднокии ташхис таъмин карда мешавад, ки ин аз ҷиҳати амалияи таълими омӯзгорӣ як ҷабҳаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Вазифаи омӯзгорӣ яке аз воситаҳои такмил додани маҳорати педагогӣ ва дар ниҳоят он воситаи такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда мебошад. Агар дар вазифаи воқеиаш омӯзгор ба тағйир додани вазъи аввалия, яъне вазъият ва ё объектҳои фаъолияти худ такя кунад, пас ҳангоми ҳалли проблемаи як хонанда, донишҷӯ бештар дар таҳлили далелҳои худ,

арзёбии асоснокии мавқеи худ ва мавқеи ҳамкасбонаш бештар иштирок мекунад. Дар мавриди ҳалли масъалаҳои воқеӣ, тафаккури амалӣ қисми ҷудонашавандаи фаъолияти касбӣ мегардад. Тағйирнапазирии тафаккур аз иҷрои раванди онро бо куллӣ тағйир додан имконопазир аст, аммо воситаҳо ва усулҳои оптималии ягона ва ҳалли мушкилоти воқеӣ, ки дар шароити муайян амалӣ карда мешаванд, ҷустуҷӯ мегарданд. Хусусиятҳои мушахасси вазифаҳои касбии омӯзгор аз инҳо иборатанд: мураккабии шароити пайвастшавӣ ва гуногунии онҳо дар мундариҷа, дастгирии душвор, дараҷаи пасти эътимод, номувофиқатӣ, тағйирпазирӣ ва нопурра будани шароитҳо. Аз тарафи дигар, сифати ҳалли мушкилотӣ касбӣ мустақиман аз омилҳои зерин вобаста хоҳад буд: то чӣ андоза ҳама шартҳои додашуда ба назар гирифта шудаанд; ин қарор чӣ гуна аст; ҳалли масъала ба ҳадафҳои дарозмуддати барнома чӣ гуна алоқаманд аст? Оё толибилм тавонис-тааст маълумоти нопурраро пурра кунад ва оқибатҳои эҳтимолиро пешгӯӣ кунад.

Таҳлили ҳамаи ҷараёнҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ тамоюлҳои зеринро ошкор менамояд: зарурияти бой гардонидани барномаҳои гуногуни таълимӣ барои омода кардани омӯзгориояндаи фанҳои мазкур бо мундариҷаи донишҳои гуманитарӣ дар асоси равишҳои системавӣ, байнисоҳавӣ ва инфродӣ; тавсифи усулҳо ва технологияҳои замонавии муосир барои таълими омӯзгори оянда бо мақсади ташаккул ва рушди тафаккури касбӣ ҳамзамон мавқеи инъикос ва субъективӣ.

## *Адабиёт*


1. *Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. - № 10. - С. 8-14.*
2. *Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. - М., 2004.*
3. *Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании. Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). М.: Буки-Веди, 2012. - 94 с.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар» шаҳри Душанбе, 23-юми декабри соли 2022.*
5. *Сафин Д., Мусина Р., Мухторӣ Қ. ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. - Душанбе, 2007. - 376 с.*


## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ


Масъалаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда ҳамчун як унсури инсонгароии таҳсилоти педагогӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва бинобар зарурияти объективонаи ҷомеа барои тарбияи кормандони рақобатпазир дар соҳаи маориф, ки фаъолияти касбии худро дар рушди технологияҳои баланд ба таври самаранок ба амал меоранд вобастаги дорад. Тағиротҳои куллие, ки имрӯз дар соҳаи иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд ҳавасмандии хонандагонро ба меҳнат ва омӯзиши касбу кори гуногун бо мақсади баланд бардоштани сатҳи сифати таълиму тарбия роҳнамоӣ менамоянд.



**Калидвожаҳо:** муносибат, салоҳиятнокӣ, малака, методология, ҳавасмандӣ, маърифатнокӣ, маърифат, қобилятнокӣ, гуманитарӣ, систе-мавӣ, байнисоҳавӣ, инфродӣ.


## РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ В ПРЕПОДАВАНИИ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ НАУК


Вопрос формирования профессиональной компетент-ности будущего педагога как гуманистического элемента педагогического образования становится важной оценочной и зависит от объективной потребности общества в подготовке конкурентоспособных работников в сфере образования, эффективно осуществляющих свою профессиональную дея-тельность, деятельность по развитию высоких технологий. Крупные изменения происходящие сегодня в экономической и социальной сферах, мотивируют студентов работать и осваивать различные профессии с целью повышения качества образования.



**Ключевые слова:** отношение, компетентность, умения, методика, мотивация, знание, знание, способность, гуманитарное, системное, междисциплинарное, индивидуальное.

## DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL SKILLS IN THE TEACHING OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL SCIENCES

The question of the formation of the professional competence of the future teacher as a humanistic element of pedagogical education becomes important and depends on the objective needs of society and the training of competitive workers in the field of education who effectively carry out their professional activities. activities for the development of high technologies. Major changes occurring today in the economic and social spheres motivate students to work and master various professions in order to improve the quality of education.

**Keywords:** attitude, competence, skills, methodology, motivation, knowledge, knowledge, ability, humanitarian, systemic, interdisciplinary, individual.

## Дар бораи муаллифон

**Сияҳаков Сафаралӣ Мирзоевич**
Н.и.т., мудири кафедраи физикаи умумӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 408 77 46
E-mail: safar-1965@mail.ru

**Идиев Соҳибназар Боронович**
Дотсенти кафедраи физикаи назариявӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 444 46 31
E-mail: idiev-71@mail.ru

**Мирзозода Фирӯзи Талбидагӣ**
Ассистенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 988 33 43 07

## Об авторах

**Сияхаков Сафарали Мирзоевич**
К.т.н., заведующей кафедри общей физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 408 77 46
E-mail: safar-1965@mail.ru

**Идиев Сохибназар Боронович**
Доцент кафедры теоретической физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 444 46 31
E-mail: idiev-71@mail.ru

**Мирзозода Фирузи Талбидаги**
Ассистент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 988 33 43 07

## About the authors

**Siyakhakov Safarali Mirzoevich**
Candidate of Technical Sciences, Head of the Department of General Physics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 408 77 46
E-mail: safar-1965@mail.ru

**Idiev Sohibnazar Boronovich**
Associate Professor in the Department of Theoretical Physics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 444 46 31
E-mail: idiev-71@mail.ru

**Mirzozoda Firuzi Talbidagi**
Assistant in the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 988 33 43 07

ТДУ 91(075.8) (575.3)

# РОҲҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН

***Содиқов Ш. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки «вазифаи асосии маълумот дар маҷмуъ иборат аз мунтазам қонеъ гардонидани талаботи инсон ба инкишоф, равона кардани қобилиятҳои ӯ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, таъмини рушди иҷтимоии ҷамъият, давлат ва ҳифзи табиат мебошад». Ин дар ҳамон сурат амалӣ мегардад, ки дараҷаи хеле баланди илмии таълими ҳар як фан, мустаҳкам аз бар шудани асосҳои илм, баланд бардоштани тарбияи ғоявию сиёсӣ, меҳнатӣ, маънавӣ, экологӣ, иқтисодӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии хонандаро дар мактаб таъмин намоем. Дар ҳалли ин масъалаҳо саҳми фанни география ниҳоят муҳим аст. Зеро ки он дар нақшаи таълимӣ ягона фаннест, ки донишҳои табиӣ (географияи табиӣ) ва гуманитарӣ (географияи иқтисодию иҷтимоӣ)-ро ҳамгиро намуда, дар хонандагон фаҳмиши ғояи ягонаи оламро мушаххас менамояд. Аммо ҳамгиро намудани он донишҳо дар доираи фанни география ва таълими он кори осон нест. Ин аз муаллимон малака ва маҳорати баланди омӯзгориро талаб менамояд [4].

Барои беҳтар намудани таълиму тарбия ва инкишоф додани таффакури хонандагон системаҳои гуногуни усулҳои таълимиро олимон ва методистон пешниҳод намуданд, усулҳои интерактивӣ яке аз он системаҳо мебошад. Он ба вусъат додани таффакури мустақили хонандагон нигаронида шудааст. Беҳуда нест, ки аксар олимон ва методистон ба истифодаи ин усулҳои таълим таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуданд. Ҳоло дар қисми зиёди мамлакатҳо, аз ҷумла дар мамлакатҳои ғарб омӯзгорон дар ҷараёни таълим аз усулҳои интерактивӣ (фаъолгардонӣ) васеъ истифода мебаранд. Дар даҳсоли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омӯзгорони ташаббускор ба ин усулҳои таълим таваҷҷуҳ пайдо карданд.

Усулҳои интерактивӣ усулҳое мебошанд, ки ҳамкории байни омӯзгору хонанда, инчунин хонандаю хонандагонро талаб менамояд. Истилоҳи «интерактив» аз забони англисӣ «interact» гирифта шуда, маънои «inter» -«якҷоя» ва «act» -«амал кардан» мебошад.

Моҳияти усулҳои интерактивӣ дар он аст, ки хонандагонро бо мустақилона андеша рондан, андешаҳои худро асоснок намудан, ҳал намудани ин ва ё он масъала, ҳамкорӣ намудан, аз сарчашмаҳои гуногуни дониш истифода бурда, эҷодкорона ғоя ва маълумотҳоро ҳамгиро намудан ҳидоят менамояд. Таффакури интиқодӣ хонандагонро инкишоф медиҳад ва ба онҳо имконият медиҳад, ки ақидаи худро бо далелҳои қатъӣ асоснок намуда, онро ҳимоя намоянд. Хислатҳои ҳамидаи инсони (пуртоқатӣ, масъулиятшиносӣ, ҳамкорӣ ақида ва суханронии дигаронро эҳтиром кардан ва ғайра) – ро ташаккул медиҳад. Дигар хусусияти хоси усулҳои интерактивӣ дар он аст, ки таълим дар асоси ҳамкорӣ ҷараён мегирад, он барои камёб шудан ва ба даст овардани натиҷаи хуб мусоидат менамояд. Ғайр аз ин, дар барқарор намудани муносибати хуби якдигарфаҳмӣ, ки ба ҳамкорию дастгирии якдигар такя менамояд, кӯмак мерасонад. Ҳамаи ин дар як вақт муҳити руҳиро дар синф беҳтар намуда, малакаи иҷтимоии хонандагонро инкишоф медиҳад. Дар натиҷа хонандагон нисбат ба худ бештар боварӣ ҳосил менамоянд. Таълиму тарбия пайваста равиши устувор пайдо мекунад. Дар ин раванд омӯзгор вазифаи миёнаравиро иҷро менамояд. Дар ташкил ва гузаронидани дарс кӯмак мерасонад. Ҳангоми ба душворӣ дучор шудани хонандагон маслиҳат медиҳад. Усулҳои интерактивӣ хело гуногунанд.

Бо усулҳои интерактивӣ гузаронидани дарс аз омӯзгор тайёрии ҷиддиро талаб менамояд. Пеш аз он ки дарсро оғоз намояд, қоидаҳои гузаронидани онро бояд хуб донад. Пешакӣ он сарчашмаҳое, ки хонандагон дар рафти омӯзиши ин ва ё он мавзуъ истифода мебаранд, муайян карда, онҳоро ба чанд гурӯҳ ва чӣ тавр ба гурӯҳҳо тақсим карданро фикр намояд. Аз рӯии матни мавзуи дарс барои ҳар як гурӯҳ саволҳоро тайёр кунад.

Мутахассисон тавсия медиҳанд, ҳар омӯзгоре, ки хоҳиши кор кардан бо усулҳои интерактивии таълим дорад, бояд аз қоидаҳои ташкили ин усулҳо бохабар бошад. Он қоидаҳо чунинанд:

- ба кор бояд ҳама хонандагон иштирок намоянд. Бинобар он, тарзеро бояд интихоб кард, ки дар кор иштироки ҳамаи хонандагонро таъмин намояд.

- пеш аз ҳама, аз ҷиҳати психологӣ ба дарс омода будани хонандагонро бояд фаҳмид. Зеро на ҳама хонандагон барои иштирок дар раванди дарс аз ҷиҳати психологӣ омодаанд. Барои омода намудан онҳо истифодаи варзиш (аз ҷояшон хеста мешинанд ва ё дигар фаъолиятҳои варзиширо иҷро мекунанд), ҳавасмандгардонии мунтазам барои фаъолона иҷро намудани коре ё ҷавоб додан) ва озодандешӣ аз манфиат холӣ нест;

- дар синфҳое, ки бо усулҳои интерактивӣ таълим дода мешавад, набояд, ки шумораи хонандагон (25 нафар) зиёд бошад. Зеро ки сифати таълим аз миқдори хонандагон дар синф вобаста мебошад. Танҳо дар чунин шароит дарс самаранок мегузарад, гурӯҳҳо имконият пайдо мекунанд, ки корҳои ҳамдигарро муҳокима кунанд, фикрҳои ҳамаи аъзоёни гурӯҳ шунида шавад, ҳар як гурӯҳ имконияти баромад кардан дошта бошад;

- барои гузаронидани дарс синфро (ҷои кор) бояд омода намуд. Мизҳои корӣ, курсиҳоро чунин гузорем, ки хонандагон ва аъзоҳои гурӯҳ озодона ҳаракат карда (нишастану хестан, давр задан) тавонанд. Аз ин хотир, беҳтар мебуд агар мизҳоро ба таври мудаввар гузорем. Дар ин ҳолат хонандагон метавонанд озодона суханони омӯзгорро гӯш карда, амалҳои онро мушоҳида намоянд ва ба осонӣ бо гурӯҳҳо ҳамкорӣ намоянд. Маводеро, ки хонандагон бояд аз болои он кор кунанд, беҳтар мебуд, ки пешакӣ омода намоем;

- ба тартиби гузоронидани дарс ва иҷрои кори хонандагон бояд диққат дод ва барои иҷрои ҳар як қисми кор лозим аст, ки вақт муайян намоем, кӯшиш ба харҷ дод, ки тартиби қабулкардаро дар рафти дарс ва иҷрои кор вайрон накунанд. Дар рафти дарс хонандагон якдигарро бояд эҳтиром кунанд, фикри якдигарро босаброна гӯш кунанд ва ба ҳамдигар халал нарасонанд. Озодии суханро риоя кунанд;

- ба ҷудо намудани гурӯҳҳо эътибор диҳем. Дар ибтидо гурӯҳҳоро дар асоси хоҳиши хонандагон ташкил намоем. Пас аз ин метавонем дар асоси қоидаи тасодуфӣ (ғайри хоҳиши онҳо) ҷудо кунем.

Равоншиносон ва педагогҳо муайян кардаанд, ки самарабахшии ҷараёни таълим, натиҷаи дилхоҳи он на фақат аз мазмун маводи таълимӣ, инчунин аз дуруст истифода намудани методҳои таълим низ вобастагии зиёд дорад. Бинобар он, дар таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла география ба интихоби методҳои таълим диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Дар сурати нодуруст интихоб намудани методи таълим дар дарс омӯзгор ҳар чи қадар барои бедор намудани фаъолияти дарккунии хонандагон роҳу тарзҳои гуногунро истифода барад, бенатиҷа мемонад. Хонандагон дониши зарурӣ ҳосил намекунанд. Аз ин ҷо интихоби дурусти методи таълим омил ва кафолати асосии баландбардории ҷараён ва сифати таълими хонандагон мебошад. Ва он бояд ҳама вақт бо мақсади таълиму тарбия ва мазмуни маводи таълим мутобиқат намояд. Бо дарназардошти ин омӯзгор методҳои таълимро интихоб менамояд. Он бояд ба кори мустақилона, фаъолияти эҷодӣ, бошуурона аз худ намудани дониш, малака ва маҳорати хонандагон мусоидат намояд. Ин талабот дар ҳамон сурат амалӣ мегардад, агар методҳои интихобгардида бо мазмуни маводи таълимӣ мутобиқат намоянд. Намунаи омӯзиши мавзуи релефи Тоҷикистонро тавассути усулҳои интерактивии таълим ба таври зерин пешниҳод кардан мумкин аст:

**Мавзуи 1. Релефи Тоҷикистон – 1 соат** [3].

**Салоҳиятҳо:**

Аз рӯйи хусусиятҳои табиӣ табиати Тоҷикистонро аз дигар мамлакат ва минтақаҳо фарқ карда метавонад.

**Шакли дарс:** омӯзиши маводди нав

**Мақсади умумӣ:** ташаккул додани дониши хонандагон оид ба релйеф ва сохти геологии Тоҷикистон.

**Мақсадҳои мушаххас.** *Бо омӯзиши мавзуъ хонанда:*

Дар зинаи ***дониш***:

– мафҳуми релйефро шарҳ диҳад;

– сохти релйефи маҳал ва ноҳияи худ, Тоҷикистонро муайян карда тавонад;

Дар зинаи ***фаҳмиш***:

– вақти геологиро муайян карда тавонад;

– қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, водиҳо, ағбаҳоро аз ҳамдигар фарқ карда тавонад;

Дар зинаи ***татбиқ*** (истифода):

– Оид ба сохти релйефи ҷумҳурӣ маълумот дошта, аҳамияти онро барои фаъолияти хоҷагии инсон ва ба вуҷуд омадани шароитҳои табиӣ гуфта метавонад;

– Шаклҳои релйефро номбар карда, онҳоро шарҳ медиҳад.

***Таҷҳизот ва аёният:*** харитаи табиии Тоҷикистон, атласи географӣ барои синфи 8-ум, харитаи тарҳӣ, коғаз (флипчарт), қалам (маркёр), варақаҳо барои кори гурӯҳии хонандагон, (вобаста ба имконияти техникӣ слайд ва компютер, проектор, экран, тахтаи электронӣ).

***Методҳо:*** ангезиши зеҳн, блитс-пурсиш, суҳбат, масъалагузорӣ (проблемагузорӣ), кори гурӯҳӣ ва фардӣ, кор бо варақаҳо, пурсиш-посух, кор бо ҷадвали “Харитаи баромад”.

**РАФТИ ДАРС**

**Зинаи I. Водоркунӣ**

**Қадами 1. Ташкили дарс** (1-2 дақ.)

– ба ҷо овардани одоби муоширaт;
– ҳозир-ғоиб намудани хонандагон;
– водор намудани хонандагон ба дарс.

Омӯзгор мавзуи навро эълон карда, марҳилаҳои асосии дарсро шарҳ медиҳад, то ки хонандагон дар бораи раванди дарс фаҳмиши амиқ дошта бошанд.

**Қадами 2. Марҳалаҳои дарс:**

1. Ангезиши зеҳн, пур кардани кластер;
2. Омӯзгор дарсро бо усули ҳикоя мегузарад;
3. Тақсим шудан ба гурӯҳҳои хурд;
4. Кор дар гурӯҳҳо ва кор бо харита оид ба мавзуи нав;
5. Баҳо додан ба фаъолияти ҳамдигар;
6. Ҷамъбасти дарс ва супориши вазифаи хонагӣ.

**Қадами 3. Ангезиши зеҳн. Кор бо кластер - 4 дақ.**




Саволҳо:

**- Оид ба релйефи Тоҷикистон чиро медонед?**

Омӯзгор атрофи ин масъалаҳо пурсиш гузаронида, ақидаҳои хонандагонро муайян намуда, кластери дар тахтаи синф тасвирнамударо аз ҷавобҳои хонандагон пур мекунад.

**Зинаи II. Даркнамоӣ (Омӯзиши донишҳои нав)**

**Қадами 4. Дарс- суҳбат – 10 дақ.**

Омӯзгор тариқи ҳикоя оид ба релефи Тоҷикистон маълумоти мухтасар дода, бо истифода аз харитаи табиӣ нисбати водиҳо, қаторкӯҳҳо, ҳамвориҳо, хусусиятҳои релефи Тоҷикистон маълумот медиҳад.

**Қадами 5. Кор бо матн бо истифода аз усули “мураббаъ” ё “куб” – 10 дақ.**

Бо ин усул малакаҳои бо таҳлил инкишофёфта ва хонандагонро ба хулоса баровардан равона месозем.

Аз ҳар ҷиҳат дида баромадани мавзуъ ва ё вазъияти проблемавӣ.

**Мавод:** Шакли геометрии мураббаъ, ки аз коғаз ё картон сохта шудааст. Дар шаш- рӯяи мураббаъ (куб) шаш мафҳум навишта мешавад: тасвир, муқоиса, тасаввурот, таҳлил, истифода, далел. Ба ҳар як мафҳум саволҳо оварда мешаванд, ки барои таҳлили мавзуъ ёрӣ мерасонанд.

**Раванд:**

Аз рӯйи ин масъала «ангезиши зеҳн» гузаронида мешавад.

Савол ё масъалаҳои пешакӣ тайёркардаро пешниҳод менамоем ва аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки ҷавобҳоро нависанд. Одатан, барои ҷавоб ба се саволи аввал як дақиқа кифоя аст. Барои ҷавобҳои минбаъда 2-3 дақиқа вақт додан лозим аст.

*Тарафи 1. Мафҳумҳои кӯҳ, ҳамворӣ, қулла, ағбаро тавсиф диҳед* (Дар бораи ин калима, ибора ё мафҳум андеша кунед, онҳо дорои кадом сифат ва хусусиятҳо мебошанд, онро шарҳ дода метавонед?).

*Тарафи 2. Мафҳум ва калимаҳоро муқоиса кунед* (Кӯҳҳо ва ҳамвориҳоро муқоиса намоед, сифат ва хусусиятҳои мафҳуми муқоисашавандаро номбар кунед).

*Тарафи 3. Фикру ақидаатонро гӯед* (Шумо нисбати онҳо чӣ гуфта метавонед, алоқамандӣ ва тарафҳои муқобили онҳоро гӯед. Ба ақидаи шумо кадом шакли релеф барои инсон аҳамияти бештар дорад).

*Тарафи 4. Инро таҳлил кунед* (Мафҳумро ба қисмҳои таркибӣ ҷудо кунед, ҷузъиётҳои асосӣ ва дуюминдараҷаро муайян кунед).

*Тарафи 5. Инро истифода намоед* (Дар кадом ҳолатҳо истифода мешавад, дар куҷо истифода шуданаш мумкин аст, шумо онро чӣ гуна истифода мекунед, шумо бо он чӣ кор карда метавонед, дастури истифодаашро тартиб диҳед).

*Тарафи 6. Далелҳо оид ба хусусиятҳои мусбат ва манфии онҳо* (Далел биёред, ки дар кадом ҳолат хуб ва ё бад аст, тарафҳои мусбату манфии мафҳумро номбар кунед).

Хонандагон ба гурӯҳҳо муттаҳид карда мешаванд. Омӯзгор чи тавр хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо (бо ягон усул, гирифтани рақамҳо, коғазпора, конфет ва ғ.) мекунад.

1. Дар ин марҳила хонандагон метавонанд бо ақидаҳои гуногун шинос шаванд: омӯзгор бо навбат саволҳоро мехонад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки *ҷавобҳояшонро хонанд*; хонандагон дар ҷуфтҳо ҷавобҳояшонро мехонанд; хонандагон дар гурӯҳҳои хурд табодули ахбор намуда, баъд ҷавоби ҷамъбастиро муаррифӣ менамоянд.

*Тарафи 1. Мафҳуми релефро шарҳ диҳед.*

*Тарафи 2. Хусусиятҳои шаклҳои релефро гӯед.*

*Тарафи 3. Шаклҳои релефро ба чӣ шабоҳат медиҳед, онҳо чигуна тафовут доранд, чаро чунин аст?*

*Тарафи 4. Хусусиятҳои зинавии релефро номбар намуда шарҳ диҳед?*

*Тарафи 5. Шаклҳои зинавии релефро инсон дар фаъолияти хоҷагии худ чигуна истифода мебарад?*

*Тарафи 6. Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии релефи маҳали худро гӯед.*

**Қадами 6. Муаррифӣ – 8-10 дақ.**

Омӯзгор муаррифии корҳоро аз гурӯҳҳо мувофиқи хоҳишашон ба роҳ мемонад.

**Қадами 7. *Баҳодиҳӣ ба фаъолияти ҳамдигар - 2 дақ.***

Хонандагон (гурӯҳҳо) тариқи шифоҳӣ ба натиҷаи кори ҳамдигар баҳо медиҳанд. Ҳангоми баҳодиҳӣ ба се меъёри асосӣ диққат дода мешавад:

1. Мазмуни кор;
2. Ороиши кор;
3. Муаррифӣ.

Аҳли синф ҷавоби нисбатан комилу дурустро муайян намуда, ба он баҳо медиҳанд.

**Зинаи III. Мулоҳизаронӣ**

**Қадами 8. Мустаҳкамкунии дарс тавассути фаъолияти курсии тафсон ҷамъбаст мегардад – 3 дақ.**

Мустаҳкамкунии дониши хонандагон оид ба мавзуи омӯхташуда. Омӯзгор бо усули курсии тафсон дониши хонандагонро мустаҳкам менамояд. Ин бозиро ҳар як омӯзгор метавонад мувофиқи фаҳмиш ва хоҳиши худ гузаронад.

**Раванд:**

– барои мустаҳкам шудани донишҳои хонандагон оид ба мавзуъҳои гуногун омӯзгор хонандагонро ба давра даъват менамояд;

– яке аз хонандагон ихтиёран мафҳуми «релеф»-ро интихоб намуда, худро ба ҷойи он мегузорад ва ё дар курсии байни давра менишинад, ки он курсии тафсон ном дошта, ҳозирҷавоб буданро талаб мекунад;

– хонандагон бо навбат ба «релеф» саволҳои мувофиқ медиҳанд.

**Масалан:**

Хонандаи 1:

Қуллаи баландтарини Тоҷикистон кадом аст?

«Релеф»:

Қуллаи баландтарини Тоҷикистон қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ буда, дар қаторкӯҳи Академияи Илмҳо ҷойгир асту 7495 метр баландӣ дорад.

Хонандаи 2:

- Силсилакӯҳҳои Помирро ба кадом қисмҳо ҷудо намудан мумкин аст?

«Релеф»:

- Силсилакӯҳҳои Помирро ба Помири Ғарбӣ ва Помири Шарқӣ ҷудо мекунанд.

Хонандаи 3:

Пасттарин мавзеи ҷумҳурӣ кадом аст?

«Релеф»:

- Пасттарин мавзеи ҷумҳурӣ дар ғарбии водии Фарғона ҷойгир шуда, Мирзочӯл ном ва баландиаш 250-300 метрро ташкил медиҳад.

Хонандаи 4:

- Минтақаи ҳамвор дар Тоҷикистон кадом баландиҳоро дарбар мегирад?

«Релеф»:

- Минтақаи ҳамвор дар Тоҷикистон баландиҳои 300-900 метрро дарбар мегирад

Хонандаи 5:

- Ба тарзи зинавӣ иваз шудани релефи Тоҷикистон чи гуна хусусият дорад?

«Релеф»:

- Ба тарзи зинавӣ иваз шудани релефи Тоҷикистон боиси гуногунии иқлим, олами хок, наботот ва ҳайвонот гардида, дар фаъолияти хоҷагии аҳолӣ низ таъсир мерасонад. Дар ҳамвориҳо, кӯҳдоман ва пасткӯҳҳо аксари аҳолӣ маскун шуда, корхонаҳои асосии саноатӣ ва кишоварзӣ низ дар ҳамин минтақаҳо ҷойгир шудаанд.

**Қадами 9. Хулосабарорӣ ва натиҷагирӣ аз дарси имрӯза – 3 дақ.**

Ба саволҳои ҷадвали зер ҷавоб нависед ва ҷавобҳоятонро дар хоначаҳои мувофиқ ҷойгир кунед:

| | |
|---|---|
| Имрӯз ба шумо чӣ писанд омад? | |
| Кадом фаъолият ба шумо маъқул набуд? | |
| Савол, дархост ва таманниёти шумо? | |

**Қадами 10. Арзёбӣ – 1 дақиқа.**

Омӯзгор ба хонандагон баҳогузорӣ мекунад.

**Қадами 11. Супориши вазифаи хонагӣ – 1 дақ.**

Супориш ба хона:

Аз атлас ва харитаҳои китоби дарсӣ истифода намуда, дар харитаи тарҳӣ сохти орографии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гузаронед.

Дар охир гуфтанием, ки ташкили таълими географияи Тоҷикистон дар асоси истифодаи усулҳои интерактивӣ дар як вақт якчанд масъаларо ҳал менамояд. Хусусан, дар ташаккул ва рушди саҳолиятҳои коммуникативӣ ё иртиботӣ (бо дигарон муошират карда тавонистан), эҷодӣ (назару ақидаи нав доштан), ҳамкорӣ (дар гурӯҳ кор карда тавонистан), тафаккури интиқодӣ (муқоиса ва таҳлил ва карда тавонистан), маҳорати омӯхтан (омода ва мустақил будан) ва дигар салоҳиятҳои хонандагон мусоидат менамоянд. Хонандагонро дар руҳияи колективӣ, ҳамкорӣ, эҳтироми якдигар тарбия менамояд. Аз дигар тараф асабӣ шуданро бартараф менамояд. Ба хонандагон имконияд медиҳад, ки тарзи фаъолияташонро тағйир диҳанд, диққати худро ба ҳалли масъалаҳои муҳими мавзуи дарс равонасозанд.

Ҳамин тавр, усулҳои интерактивӣ дар ҳамон сурат натиҷаи дилхоҳ медиҳад, агар омӯзгорон қоидаҳои ташкилии дарс, ки бо истифодаи усулҳои интерактивӣ гузаронида мешавад, хуб донанд ва онҳоро риоя намоянд.

### *Адабиёт*


1. *Зарукина Е. В. Активные методы обучения: рекомендации по разработке и применению: учеб.-метод. пособие / Е. В. Зарукина, Н. А. Логинова. - СПб.: СПбГИЭУ, 2010. – 59 с.*
2. *Генике Е.А. Активные методы обучения: новый подход [Электронный ресурс]. Интернет-магазин "Образовательный квартал" shop.direktor.ru*

3. *Муҳаббатов Х., Диловаров Р., Акобиров Ш., Раҳимов М. Роҳнамои фанни География (Географияи Тоҷикистон) синфи 8-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. - Душанбе: Маориф, 2018. - 112 с.*
4. *Раҳимов А., Самиев А., Содиқов Ш. Методикаи таълими география (китоби дарсӣ). – Душанбе: ЭР-Граф, 2021. - 303 с.*

## РОҲҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои такмили методикаи таълими география, роҳҳои истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар таълими географияи Тоҷикистон пешниҳод гардида, шароити психологию педагогии самаранокии таълими интерактивӣ низ асоснок карда шудаанд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки таълими фан дар асоси усулҳои интерактивӣ имкон медиҳад, ки шароит барои ташаккул ва инкишофи салоҳияти хонандагон объективӣ, оптималӣ, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва шахсӣ шароит фароҳам оварда шавад.

**Калидвожаҳо:** методикаи таълим**,** усулҳои таълим, усулҳои интерактивии таълим, география, салоҳиятнокӣ, мактаб.

## ПУТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ В ПРЕПОДАВАНИИ ГЕОГРАФИИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассмотрены вопросы совершенствования методики обучении географии, предложены пути использования интерактивных методов обучения в преподавание Географии Таджикистана, также обоснованы психолого-педагогические условия эффективности интерактивного обучения. Авторы приходят к выводу о том, что преподавание дисциплины на интерактивной основе позволяет создать условия для объективного, оптимального, социально и личностно-бусловленного формирования и развития компетентности школьников.

**Ключевые слова:** методика преподавания, методы обучения, интерактивные методы обучения, география, компетентность, школа.

## WAYS TO USE INTERACTIVE METHODS IN TAJIKISTAN GEOGRAPHY TEACHING

The article deals with the issues of improving the methodology of teaching geography, suggested ways to use interactive teaching methods in Tajikistan Geography teaching, and also substantiates the psychological and pedagogical conditions for the effectiveness of interactive learning. The authors come to the conclusion that teaching the discipline on an interactive basis allows creating conditions for objective, optimal, socially and personally conditioned formation and development of students' competence.

**Keywords:** teaching methodology, teaching methods, interactive teaching methods, geography, competence, school.

### Дар бораи муаллиф

**Содиқов Шоймардон Абдуҷаборович**
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими география ва туризм
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 519 99 41
E-mail: nasruti@mail.ru

### Об авторе

**Содиков Шоймардон Абдужаборович**
Старший преподаватель кафедры методики преподавания географии и туризма
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 519 99 41
E-mail: nasruti@mail.ru

### About the author

**Sodikov Shoimardon Abdujaborovich**
Senior Lecturer in the Department of Geography and Tourism Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 519 99 41
E-mail: nasruti@mail.ru

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ВА БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

***Сайфудинов М., Қаландаров З. С., Оев Ш. Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Усул (метод) маҷмуи роҳу равиш ва тарзу усули омӯхтан, донистан, фаҳмидан, дарк кардан буда, барои самарабахш гардондани ҷараёни таълим мунтазам истифода мешавад. То имрӯз дар дидактика таснифоти ягонаи усулҳои таълим вуҷуд надорад. Вале, бо вуҷуди он, имрӯз усулҳоро шартан ба се гурӯҳи калон ҷудо кардан мумкин аст:

1) усули пассиви таълим;
2) усули фаъол (актив)-и таълим;
3) усули ҳамкорӣ(интерактив)-и таълим.

**Усули пассиви таълим** – ин муносибати байни хонандагон ва омӯзгор мебошад, ки дар он омӯзгор нақши асосӣ, авторитариро бозида, раванди таълимро идора мекунад, хонандагон бошанд, дар нақши шунавандаи пассив буда, дар зери назорати омӯзгор қарор мегиранд (расми 1).




***Расми 1. Усули пассиви таълим***

Аз нуқтаи назари педагогикаи муосир усули пассиви таълим усули нисбатан бе маҳсултар ба ҳисоб меравад, вале дар баробари ин тарафҳои мусбии худро низ дорад. Ин усулро ба мақсади дар вақти кӯтоҳ маводи зиёди таълимиро пешкаш кардан истифода бурдан мумкин аст.

**Усули фаъол (актив)-и таълим** – ин шакли ҳамкории байни хонандагон бо муаллим дар раванди дарс мебошад. Хонандагон бо омӯзгор ҳамкорӣ менамоянд. Хонандагон шунавандагони пассив набуда, иштирокчиёни фаъоли дарс мебошанд. Агар дар усули пассив нақши асосиро омӯзгор бозад, дар усули мазкур омӯзгор ва хонандагон баробаранд (расми 2).




***Расми 2. Усули фаъол (актив)-и таълим***

**Усули ҳамкорӣ (интерактив)-и таълим** - дар муқоиса ба усули фаъоли таълим ба ҳамкории васеътари хонандагон нигаронида шудааст. Яъне хонандагон на танҳо бо омӯзгор, балки бо якдигар низ ҳамкорӣ мекунанд. Дар ин усул хонандагон дар раванди дарс нисбат ба омӯзгор фаъолтаранд. Омӯзгор танҳо барои ба мақсади дарс расидан роҳнамоӣ мекунад.




***Расми 3. Усули ҳамкорӣ(интерактив)-и таълим***

Калимаи “интерактив” ба забони тоҷикӣ аз вожаи англисии *interact* (*inter* – дутарафа, *act* – таъсир расонидан) омадааст. Маънои он қобилияти ба якдигар таъсир расонида тавонистан, ё суҳбат, муколама кардан бо чизе (масалан, компютер), ё бо касе (масалан, одам) мебошад.

Таълими интерактивӣ - як шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ, усули омӯзишиест, ки дар шакли фаъолияти якҷояи хонандагон гузаронида мешавад. Ҳамаи иштирокчиён бо якдигар ҳамкорӣ менамоянд, аз ҳамдигар ахборот мегиранд, мушкилотро якҷоя ҳал менамоянд, амали дигарон ва рафтори худро арзёбӣ мекунанд, ҳангоми ҳалли мушкилот ба фазои воқеии ҳамкорӣ дохил мешаванд. Яке аз ҳадафҳо фароҳам овардани муҳити омӯзишии бароҳате, ки дар он хонанда, муваффақ будан ва қобилияти зеҳнии худро ҳисс мекунад ва ин боиси самаранок гардидани раванди таълим мешавад.

Хонанда иштирокчии баробарҳуқуқи раванди таълим мегардад, таҷрибаи ӯ ҳамчун сарчашмаи асосии маърифатӣ хизмат мекунад. Омӯзгор донишҳои тайёрро намедиҳад, вале хонандагонро ба ҷустуҷӯи мустақилона водор менамояд ва нақши ёрдамчиро иҷро менамояд.

Пеш аз ҳама усули ҳамкорӣ:

- шавқи хонандагонро бедор менамояд;
- барои иштироки фаъоли ҳар як хонанда дар раванди таълиму тарбия мусоидат менамояд;
- ба ҳиссиёти ҳар як хонанда равона мегардад;
- ба азхудкунии самараноки маводи таълимӣ мусоидат менамояд;
- ба хонандагон таъсири гуногунҷониба дорад;
- робитаи аксуламалро таъмин менамояд (аксуламали ҷавобии хонандагон);
- афкор ва муносибати хонандагонро ташаккул медиҳад;
- малакаҳои ҳаётиро ташаккул медиҳад;
- ба тағйир ёфтани рафтор мусоидат мекунад.

Айни замон дар педагогика таснифоти ягонаи қабулшудаи усулҳои интерактивӣ вуҷуд надорад, олимон ба ин масъала нигоҳҳои гуногун доранд. Вале дар баробари ин, мавқеъҳои монанд оид ба ин масъала вуҷуд доранд, ки аз байни онҳо усулҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- корҳои эҷодӣ;
- кор дар гурӯҳҳои хурд;
- бозиҳои таълимӣ (бозиҳои нақшӣ, моделиронӣ , бозиҳои корӣ);
- истифодаи захираҳои ҷамъиятӣ (даъвати мутахассис, экскурсияҳо);
- лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар усулҳои таълими беруназсинфӣ (озмунҳо, мусоҳибаҳо, филмҳо, спектаклҳо, намоишгоҳҳо);
- омӯзиш ва таҳкими маводи нав ( лексияи интерактивӣ , кор бо маводҳои аёнӣ, видео ва маводи аудиоӣ, ки «хонанда дар нақши омӯзгор", "ҳар кас таълим медиҳад” муаммо, истифодаи саволҳо, муколамаи сукратӣ);
- санҷиш (тест);
- гармшавӣ (разминка);
- алоқаи баргарданда;
- таълими фосилавӣ;
- баррасии масъалаҳои мураккаб ва мушкилоту масъалаҳои баҳсбарангез (“мавқеъ ишғол намо”, “доираи андешаҳо”);

- ҳалли мушкилот ("дарахти қарорҳо», «ангезиши зеҳн», «таҳлили ҳаводис”) ;
- омӯзишҳо (тренинг).

**Қоида ва принсипҳои умумии дарси интерактивӣ**

*Қоидаи якум.* Ба кор бояд ҳамаи иштирокчиён ҷалб карда шаванд. Бо ин мақсад, истифода бурдани технологияҳое, ки дохил кардани ҳамаи иштирокчиёнро ба раванди муҳокима имкон медиҳанд муфид аст.

*Қоидаи дуюм.* Хонандагонро аз ҷиҳати психологӣ омода намудан зарур аст. Чунки на ҳамаи хонандагон аз ҷиҳати равонӣ барои фавран дохил шудан ба ин, ё он намуди кор омода ҳастанд. Дар робита ба ин, “гармкунӣ”, рӯҳбаланднамоии доимӣ барои иштироки фаъолона дар кор, таъмини имкониятҳо барои худтатбиқкунӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

*Қоидаи сеюм.* Миқдори хонандагон дар технологияи интерактивӣ набояд бисёр бошад. Шумораи муносиби хонандагон бояд то 25 нафар бошад.

*Қоидаи чорум.* Синфхона барои ба осонӣ иваз кардани ҷойи хонандагон ҳангоми кор дар гурӯҳҳои калон ва хурд омода карда шавад.

*Қоидаи панҷум.* Дақиқ қабул намудани тартибу қоидаҳо. Ин қоидаҳоро бояд дар ибтидо қабул намуда, хеле кӯшиш кардан лозим аст, ки риояи онҳо вайрон нашаванд. Масалан, ҳамаи иштирокчиён бояд нисбати нуқтаи назари дигарон таҳаммулпазир бошанд, ҳуқуқи ҳар як касро барои баёни озоди фикр ва шаъну шарафи ӯро эҳтиром намоянд.

*Қоидаи шашум.* Ҳангоми тақсим намудани иштирокчиён ба гуруҳҳо бо диққат бошед. Беҳтараш, дар аввал гуруҳҳоро дар асоси принсипи ихтиёрӣ тақсим намоед. Сипас, принсипи интихоби тасодуфиро истифода баред.

***Адабиёт***


1. *Азизов А.А., Азизов Ш.Ю. Роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат барои писарон) синфи 9-ум. Дастури методӣ. – Душанбе: Маориф, 2017. – 179 с.*
2. *Азизов А.А., Ашӯрова Т.А. Ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони оянда ва истифодаи методҳо дар дарсҳои технология. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2014. - 116 с.*
3. *Азизов А.А., Иргашова М.У. Технология: таълим бо усулҳои нав/дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат). - Душанбе, 2016. - 76 с*
4. *Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. Замима ба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 4-ум. - Душанбе: Маориф, 2016. - 40 с.*


## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ВА БОЗИҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)


Муаллифони мақола ба усулҳои таълим диққат дода, усулҳои фаъол ва ғайрифаъол шарҳи пурра медиҳанд. Ба ақидаи муаллифон таълими интерактивӣ - як шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ, усули омӯзишие мебошад, ки дар шакли фаъолияти якҷояи хонандагонро ифода мекунад ва ҳамаи иштирокчиён бо якдигар ҳамкорӣ менамоянд, аз ҳамдигар ахборот мегиранд, мушкилотро якҷоя ҳал менамоянд, амали дигарон ва рафтори худро арзёбӣ мекунанд. Дар мақола ба усулҳои зерин ба монанди: корҳои эҷодӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд,бозиҳои таълимӣ (бозиҳои нақшӣ, моделиронӣ, бозиҳои корӣ), лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва дигар усулҳои таълими беруназсинфӣ (озмунҳо, мусоҳибаҳо, филмҳо, спектаклҳо, намоишгоҳҳо), санҷиш (тест), баррасии масъалаҳои мураккаб ва мушкилоту масъалаҳои баҳсбарангез (“мавқеъ ишғол намо”, “доираи андешаҳо”) шарҳи пурра дода шуда, хусусияти ҳар яке аз онҳо таҳлил карда шудаанд. Инчунин, дар мақола қоидаҳо ва принсипҳои умумии дарси интерактивӣ таҳлил ва баррасӣ карда шудаанд.



**Калидвожаҳо:** усулҳои таълим, фаъолияти маърифатӣ, иштирокчиён, корҳои эҷодӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд,бозиҳои таълимӣ, принсипҳои умумии дарси интерактивӣ, лоиҳаҳои иҷтимоӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ И УЧЕБНЫЕ ИГРЫ НА УРОКАХ ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОЕ ОБУЧЕНИЕ)


Авторы статьи особое внимание уделяя методам обучения, дают определения активным и пассивным методам. По мнению авторов интерактивное обучение является одним из видов культурной деятельности, это метод обучения которое указывает на совместную деятельность учащихся и участников которые друг от друга получая информацию совместно решают ставленную проблему и оценывают свои действия. В статье особое внимание обращено таким методам, как: творческая работа, работа в группе, учебные игры, ( ролевая игра, моделирование, деловая игра), социальный проект и другие внеклассные методы (конкурсы, диалогы, фильмы, спектаклы, выставки), тестирование, решения сложных задач, решения проблем и другие спорные задачы( “выбирай позицию”, “круг мнений”). Также, в статье приведены правила и общие принципы интерактивного урока и его анализ.



**Ключевые слова:** методы обучения, культурная деятельность, участники творческих работ, работа в малых группах, учебные игры, общие принципы интерактивного урока, соыиальный проект.

## USING INTERACTIVE METHODS AND EDUCATIONAL GAMES IN TECHNOLOGY CLASSES (LABOR TRAINING)

The authors of the article pay attention to the teaching methods and provide a complete explanation of active and passive methods. According to the authors, interactive education is a special form of organizing cognitive activity, a learning method that represents the joint activity of students, and all participants cooperate with each other, receive information from each other, solve problems together, and evaluate the actions of others and their own behavior. The article discusses and gives a full explanation of the following methods, such as: creative works, work in small groups, educational games (role-playing games, simulations, work games), social projects and other methods of extracurricular education (competitions, interviews, films, performances, exhibitions), testing (test), consideration of complex issues and controversial issues ("occupy position", "circle of opinions"), and the characteristics of each of them are analyzed. Also, the general rules and principles of the interactive lesson are analyzed and reviewed in the article.

**Keywords:** teaching methods, cognitive activity, participants, creative works, work in small groups, educational games, general principles of interactive lessons, social projects.

### Дар бораи муаллифон

**Сайфудинов Муҳабат**
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 737 51 71

**Қаландаров Зафар Сафарович**
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 006 44 44 85

**Оев Шамсиддин Бобоалиевич**
Ассистенти кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 30 90 30

### Об авторах

**Сайфудинов Мухабат**
Старший преподаватель кафедры методики обучения технологии и предпринимательства
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 737 51 71

**Каландаров Зафар Сафарович**
Старший преподаватель кафедры методики обучения технологии и предпринимательства
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 006 44 44 85

**Оев Шамсиддин Бобоалиевич**
Ассистент кафедры методики обучения технологии и предпринимательства
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 30 90 30

### About the authors

**Saifudinov Muhabat**
Senior Teacher in the Teaching Technology and Entrepreneurship Methods Department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 737 51 71

**Qalandarov Zafar Safarovich**
Senior Teacher in the Teaching Technology and Entrepreneurship Methods Department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 006 44 44 85

**Oev Shamsiddin Boboalievich**
Assistant in the Teaching Technology and Entrepreneurship Methods Department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 30 90 30

ТДУ: 004.92+004.946 (2-тоҷ)

# САМАРАБАХШИИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДИАВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ БАКАЛАВРҲОИ ШАКЛИ ТАҲСИЛИ ФОСИЛАВӢ

***Сулаймонов У. И.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб*
*ба номи А. Рӯдакӣ*

Яке аз шаклҳои муосири таҳсилот, ки дар ҷаҳони муосир аҳамияти хоса касб карда истодааст, низоми таҳсилоти фосилавӣ мебошад. Воқеан ҳам дар фазои беохирии иттилоот қайд кардан бамаврид аст, ки таҳсилоти фосилавӣ ин ҳамкории устодон ва бакалаврҳо бо ҳамдигар дар масофаи дур буда, тамоми ҷузъҳои ба раванди таълим хос (мақсадҳо, мундариҷа, усулҳо, шаклҳои ташкилӣ, воситаҳои таълимӣ) инъикос ёфта, бо воситаҳои мушаххаси технологияҳои интернетӣ ё дигар воситаҳои коммуникатсионӣ амалӣ карда мешаванд [5, с. 229-233].

Технологияи мултимедиавӣ раванди таълимро дар зинаҳои таҳсилоти рӯзона ва ғоибона (фосилавӣ) самарабахш гардонида, иттилооти онро диққатҷалбкунанда ва раванди таълимро самаранок мегардонад.

Пайдоиши системаҳои мултимедиавӣ тағйироти калонро дар чунин соҳаҳо, ба монанди таълим, илм, санъат, тренингҳои компютерӣ, дар бисёр соҳаҳои профессионалии амалиёт, ки асоси дилхоҳ реклама ба ҳисоб мераванд, ба миён овард.

Технологияи мултимедиавӣ (лот. multi – бисёр, media – муҳит) – тарзи пешниҳоди иттилоот дар компютер бо имконияти дар як вақт истифодабарии матн, графика, овоз, видео ва эффектҳои аниматсиониро дорад. Мултимедиа дар тамоми соҳаҳо аз ҷумла маориф ва илм ба таври хеле васеъ истифода бурда мешавад.

Дар таҳияи мақола ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дастуру монография ва мақолаҳои илмии олимони хориҷӣ Полат Е.С., Бухаркина М.Ю., Моисеева М.В. (соли 2004) А.Л. Назаренко (соли 2013) Б.И. Крук., О.Б. Журавлева., Е.Г. Струкова (соли 2017), М.Е. Вайндорф-Сысоева, Т.С. Грязнова, В.А.Шитова (соли 2019) ва инчунин олимони ватанӣ Б.Ф. Файзализода, (соли 2021), Ф.С. Комилиён (соли 2016), Ш.А. Абдуллоева (соли 2018) Р.Т. Баротов, (соли 2021), А.М. Ҳофизов (2022) ва ғайра шинос гардида аз онҳо дар таҳқиқоти худ истифода намудем.

Дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ қайд гардидааст, ки истифодабарии мултимедияро натанҳо ҳамчун манбаи иттилоот, балки ҳамчун воситаи идоракунии таълим қабул намудан лозим аст. Коркарди лоиҳаҳо, рӯнамоҳо бо истифодабарии воситаҳои мултимедӣ ва ҷойгир намудани онҳо дар шабакаҳои Интернет имкон медиҳад, ки муҳассилин дониш ва малакаҳои навро соҳиб гашта, дар шакли маълумотгирии фосилавӣ нисбат ба низоми анъанавӣ фаротар раванд.

Функсияҳои асосии татбиқи маҳсулоти мултимедиа, ки бо технологияҳои мултимедиа сохта шудаанд, ба ҳисоб мераванд: таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳавасмандгардонӣ ва маркетингӣ.

**Функсияи таълимӣ** – тренинги компютерӣ раванди асосии таркибдиҳандаи таълим, махсусан дар системаҳои фосилавии таълим ба ҳисоб меравад. Блокҳои маводи таълимӣ ва тестиронӣ таркибдиҳандаи интерфейсӣ самаранокии таълимдиҳиро ҳангоми бомаҳоратона ба он дохил намудани элементҳои мултимедиавӣ баланд мебардоранд.

Дар замони ҳозира курсҳои таълимии мултимедиавӣ соҳаи актуалӣ ва динамикӣ инкишофёбанда ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми сохтани курсҳои таълимӣ талабот нисбат ба эътимоднокӣ ва пуррагии мавод зиёд мешавад.

**Функсияи илмӣ-таҳқиқотӣ** - воситаҳои мултимедиа дар ин ҳолат дар марҳилаи азчопбарории натиҷаҳои таҳқиқот татбиқ карда мешаванд [2, с. 1-6].

Намоишномаҳо дар ҳама ҷойҳое, ки намоишнома зарур аст, истифода бурда мешаванд: дар намоишгоҳҳо, дар конфронсҳо, конгрессҳо, тренингҳо ва семинарҳо, гуфтугӯ ва вохӯриҳо бо фармоишдиҳандагон, ҳангоми намоишномаи лоиҳаи инвеститсионӣ ё ин ки

бизнес-нақша дар сайтҳои амалан ҳамаи ширкатҳо дар намуди каталогҳои маҳсулот ва хизматрасонӣ, аксияҳои рекламавӣ, дар ҳама ҷо, дар он ҷое, ки иттилоот визуализатсия карда мешавад.

**Функсияи ҳавасмандгардонӣ -** бисёр филмҳо порчаҳои аниматсионӣ доранд ё ки пурра ҳамин гуна мебошанд. Ҳоло сектори шавқмандкунии Интернетро бе компонентҳои мултимедиавӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Имрӯзҳо технологияи мултимедиавӣ - яке аз самтҳои пешрафти автоматикунонии раванди таълим мебошад. Барои ташаккул додани таъминоти барномавӣ ва методӣ базаи моддӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиш ё малакаи техникии устодон ва таълимгирандагон пешрафти бомуваффақияти татбиқи технологияҳои иттилоотии ҳозиразамон дида мешавад.

**Функсияи маркетингӣ** – мултимедиа (намоишнома), ин на танҳо ролики зебои иттилоотӣ ва самаранок аст. Ин пеш аз ҳама олоти маркетинги амалкунанда, ки як қатор масъалаҳоро иҷро менамояд, ба монанди ба расмият даровардани рекламаҳои ширкат ва аксияҳо барои фурӯши маҳсулот; хабардоркунии аудитория (истеъмолкунандагон, инвесторҳо) оид ба мол, хизматрасонӣ ва навигариҳо; дастгирии обрӯйи ширкат тавассути паҳнкунии барандаҳои мултимедиа дар байни мизоҷон ё ки шарикон ба ҳисоб меравад. Истифодабарии маҳсулоти мултимедиа бо ин мақсад тарзи пешрафти объект дар байни истеъмолкунандагони потенсиалии иттилоотӣ мувофиқ ба ҳисоб меравад.

Истифодаи мултимедия ва телекоммуникатсия дар шакли маълумотгирии фосилавӣ муносибати нави методиро дар системаи умумии таълим мекушоянд.

Мултимедиа - ин таъсири байниҳамдигарии эффектҳои визуалӣ ва аудио дар асоси идоракунии таъминоти барномавии интерактивӣ бо истифодабарии воситаҳои ҳозиразамони техникӣ ва барномавӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо матн, овоз, графика, фото, видеоро дар як пешниҳоди сифрӣ муттаҳид месозанд [8, с. 94-96].

Татбиқи технологияҳои мултимедиа дар раванди таълим чунин ҷиҳатҳои арзанда дорад:

– истифодабарии графикаи ранга, аниматсия, овоз, гиперматн;
– имконияти азнавсозии доимӣ;
– сарфи на он қадар калон барои чопкунӣ ва зиёдкунӣ;
– имконияти дар он ҷойгиркунии веб-элементҳои интерактивӣ: масалан, тестҳо ё ки дафтари корӣ;
– имконияти нусхагирӣ ва гузаронидани қисмҳо барои иқтибосоварӣ;
– имконияти ғайрихаттии гузариши мавод ба туфайли гиперссилкаҳои зиёд;
– гипералоқаро бо адабиёти иловагӣ дар китобхонаҳои электронӣ ё ки сомонаҳои таълимӣ имкон медиҳад.

Татбиқи технологияҳои мултимедиа дар раванди таълими курси технологияи иттилоотии ҳозиразамон як қатор тарафҳои мусбӣ ва якчанд мушкилият низ дорад. Масалан, ташкили машғулиятҳо тавассути мултимедиа-технология бо татбиқи махсус проекторҳо имкон медиҳанд, ки имкониятҳои таъминоти барномавӣ намоиш дода шаванд ва вақт сарфа карда шавад. Аз тарафи дигар, талаботи иловагӣ барои тайёр намудани маводҳои мултимедӣ ва ташкили дарс ба миён меояд. Истифодабарии технологияҳои мултимедӣ раванди таълимро боз ҳам самаранок мегардонад. Муваффақияти асосӣ дар он аст, ки шавқу ҳаваси бакалаврон, тайёрии онҳо ба эҷодиёт, талабот барои ҳосил намудани донишҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ дар онҳо баланд бардошта мешавад.

Ҳангоми истифодабарии мултимедиа дар дарс тавассути интерактивӣ, структуризатсия ва визуализатсияи иттилоот, фаъолнокии амалиёти дарккунии бакалаврҳо ба амал меояд.

Ҳангоми сохтани курсҳои таълимӣ талабот нисбат ба эътимоднокӣ ва пурраги мавод зиёд мешавад. Соҳаи махсуси татбиқи мултимедиа системаи видеоконфронсҳои шабакавиро дар бар мегирад. Технологияи видеоконфронсалоқаҳо, таълими фосилавӣ ва таъминоти компютерии кори коллективии тақсимшударо дар назар дорад. Дар мамлакатҳои мутараққӣ чунин технология дар амалиётҳои тиҷоратӣ ҳангоми идоракунии истеҳсолот истифода бурда мешавад.

Технологияи видеоконфронсҳо барои форумҳо, семинарҳо, конфронсҳо, конгрессҳо ва ғайра аҳамияти калон дорад, ки шакли зарурии мубодилаи иттилооти профессионалӣ ба ҳисоб меравад.

Пешрафти мултимедиа ва соҳаи татбиқи он рӯз аз рӯз васеъ гардида истодааст, ки бо ин ҷаҳони мо торафт муташаккил мегардад.

Таълими шакли таълими фосилавӣ рӯз аз рӯз инкишоф ёфта истодааст. Истифодаи якбораи бисёр аз сарчашмаҳои иттилоотии таълимӣ (китобхонаҳои электронӣ, сомонаҳои интернетӣ, модулҳои маълумотгирӣ, базаҳои дониш ва ғ.) аз тарафи миқдори зиёди таълимгирандагон мулоқот бо якдигар ва устодон дар реҷаи on-line (видеоконфронс, чат, вебинар, видеодарсҳо, скайп тамос бо телефон ва дар реҷаи off-line ба воситаи почтаи электронӣ ва ғайра) барои омӯзиши маводи таълимӣ мусоидат менамояд [8, с. 94-96].

Оид ба имкониятҳои дидактикӣ ва шароитҳои истифодабарии захираҳо ва хизматрасониҳои иттилоотӣ-таълимӣ, воситаҳои мултимедии дар шакли таълими фосилавӣ чунин бартариҳо дорад:

- имкониятҳои муосири ташкил ва банақшадарории кори омӯзгорро таъмин месозанд;
- нақшаи машғулиятҳоро дар намуди гиперматн, ки дар он навъҳои гуногуни кор пешбинӣ шудааст, тартиб додан мумкин аст;
- ҷамъоварии иттилоот, ташкил намудани тестҳо ва ғайра имкон доранд.

**Аниматсияи матнӣ дар ҳолати хусусӣ:**

- усули сатрии муҳаррик;
- ҷалби диққати хонанда ба як қатор элементҳои якҷинса ва тағйирёбии иттилоот;
- инъикоси тағйирёбии мавқеи объект барои намоиши ҳаракат дар самти муайян;
- шарҳи функсияҳои элементҳои фаъоли саҳифаҳои гиперматнӣ дар мавридҳое, ки сохтани онҳо бо расмҳои тағйирёбанда ё навиштаҷот душвор аст.

**Дар ин маврид қонуниятҳои психологии зерин ба инобат гирифта мешаванд:**

- ҳаракат дар соҳаи периферияи биниш ҷалби фаврии диққатро ба вуҷуд меорад. (Вокуниш ҳангоми ҳаракат натанҳо пурқувват, балки ба таври автоматӣ ба амал омада, аз шуури иҷрокунанда вобаста нест);
- матнҳои муҳаррикиро хондан душвор аст;
- элементҳои рақобатнок қабули иттилоотро мушкил месозанд;
- ҳиссиёти идоракунӣ ва таҳаррукии саҳифаҳои гиперматнӣ, ки диққатро ҷалб менамоянд яке аз принсипҳои муҳими дидактикӣ, фаъолнокӣ ва бошуурӣ мебошад, ки мо онҳоро дар мавриди муайян истифода мебарем;
- дар низоми таҳсилоти фосилавӣ ба бакалаврҳо боварӣ доштан ва қувваи худро тақвият бахшидан хеле муҳим мебошад.

### *Адабиёт*


1. *Вайндорф-Сысоева М. Е., Грязнова Т.С., Шитова В.А. Методика дистанционное обучение. – М.: Юрайт, 2019. - 194 с.*
2. *Деникин А. А. Мультимедиа и искусство: от мифов к реалиям // Художественная культура — 2013. — № 1 (6). – С. 24-28.*
3. *Крук Б. И., Журавлева О. Б. Использование видео в дистанционном обучении (Для преподавателей и учителей). – Новосибирск, 2017. - 142 с.*
4. *Крук Б. И., Журавлева О. Б., Струкова Е.Г. Избранные главы теории практики дистанционного обучения. – Новосибирск, 2017. - 182 с.*
5. *Маҷидов Ҳ., Сулаймонов У. И. Фарогирии бакалаврҳо ба таҳсилоти фосилавӣ дар хориҷи кишвар тавассути имкониятҳои технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. - № 10, қ. 2. – С. 229-233.*
6. *Назаренко А. Л. Информационно – коммуникационные технологии в лингводидактике: дистанционное обучение. – М.: Издательство Московского университета, 2013. - 271 с.*
7. *Полат Е. С., Бухаркина М. Ю., Моисеева М.В. Теория и практика дистанционного обучения: Учеб. пособие для студентов высшего учебного заведения. - М., 2004. – 416 с.*
8. *Сулаймонов У. И. Истифодаи мултимедиа дар раванди машғулиятҳои дарсии низоми таҳсилоти фосилавӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ. – Кӯлоб: ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 2021. – С. 94-96.*
9. *Шлыкова О. В. Культура мультимедиа: Учеб.пособие для студентов. - М., 2004. – 415 с.*


## САМАРАБАХШИИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДИАВӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ БАКАЛАВРҲОИ ШАКЛИ ТАҲСИЛИ ФОСИЛАВӢ


Мақолаи мазкур доираи фаъолияти шакли муосири таҳсилот низоми таҳсилоти фосилавиро дар бар мегирад. Таҳияи мақола бо мақсади беҳтар гардидани дониш, маҳорат ва малакаи бакалаврҳои шакли таҳсили фосилавӣ мебошад. Истифодабарии матн, графика, овоз, видео ва эффектҳои аниматсионӣ дар раванди корҳои таълимӣ-таҳқиқотии бакалаврҳои шакли таҳсили фосилавӣ пешбинӣ гардидааст. Дар мақола оид ба функсияҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳавасмандгардонӣ, маркетингӣ, имкониятҳои дидактикӣ, аниматсия, технологияи

мултимедиавӣ маълумот оварда шудааст. Ба ақидаи мо дар шакли маълумотгирии фосилавӣ яке аз фаъолиятҳои муҳиме мебошанд, ки ба такмил ва дигаргуншавӣ ниёз доранд. Дар бартараф сохтани мушкилоти фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии шакли таҳсили фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили конфронсҳо, конгрессҳо, тренингҳо, семинарҳо, гуфтугӯ ва вохӯриҳо замина гузошта метавонанд.
**Калидвожаҳо:** таҳсилот, технология, фосилавӣ, самарабахш, мултимедиа, матн, графика, овоз, видео, Интернет, таълим, илм, таҳқиқот, ҳавасмандгардонӣ, маркетинг, фаъолият, бакалавр.

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УЧЕБНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БАКАЛАВРОВ ДИСТАНЦИОННОГО ОБУЧЕНИЯ

В данной статье система дистанционного образования рассматривается в рамках современной формы обучения. Подготовка статьи направлена на совершенствование знаний, навыков и умений бакалавров дистанционного обучения. Использование текстовых, графических, голосовых, видео и анимационных эффектов предусмотрено в процессе учебно-исследовательской работы бакалавров дистанционного обучения. В статье об образовательных, научно-исследовательских, мотивационных, маркетинговых, дидактических возможностях, мультипликации, мультимедийных технологиях, на наш взгляд, дистанционное обучение является одним из важных направлений деятельности, нуждающихся в совершенствовании и преобразовании. Организация конференций, съездов, тренингов, семинаров, бесед и встреч может заложить основу для преодоления проблем образовательной и научной деятельности дистанционного образования в Республике Таджикистан.
**Ключевые слова:** образование, технология, дистанционный, производительность, мультимедиа, текст, графика, голос, видео, интернет, обучение, наука, исследования, мотивация, маркетинг, деятельность, бакалавр.

## THE EFFECTIVENESS OF MULTIMEDIA TECHNOLOGIES IN EDUCATIONAL AND RESEARCH ACTIVITIES BACHELORS OF DISTANCE LEARNING

In this article it is considered the system of distance education within the framework of the modern form of education. The preparation of the article is aimed at improving the knowledge, skills and abilities of distance learning bachelors. The use of text, graphics, sound, video and animation effects is provided for in the process of educational and research work of bachelors of distance learning. In the article it is mentioned about educational, research, motivational, marketing, didactic opportunities, animation, multimedia technologies, and distance learning that we think is one of the important activities that need to be improved and transformed. The organization of conferences, congresses, trainings, seminars, talks and meetings can lay the foundation for overcoming the problems of educational and scientific activities of distance education in the Republic of Tajikistan.
**Keywords:** education, technology, distance learning, productivity, multimedia, text, graphics, sound, video, internet, teaching, science, research, motivation, marketing, activity, bachelor.

### Дар бораи муаллиф

**Сулаймонов Убайдулло Исматуллоевич**
Муаллими калони кафедраи илмҳои компютерӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
Тел.: (+992) 985 86 68 67
E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

### Об авторе

**Сулаймонов Убайдулло Исматуллоевич**
Старший преподаватель кафедры компьютерных наук
Кулябский государственный университет им. А. Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 985 86 68 67
E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

### About the author

**Sulaimonov Ubaidullo Ismatulloevich**
Senior Lecturer in the Department of Computer Science
Kulob State University named after A. Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov St., 16
Ph.: (+992) 985 86 68 67
E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

УДК: 372.853(575.3)

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТАТБИҚИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

***Умаров У. С., Раҷабов У. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Низоми маорифи кишвар дар шароити мураккаби иҷтимоӣ дастовардҳои қаблиро нигоҳ дошта, бо истифода аз имконоту шароитҳо барои рушди соҳа ва гузариш ба меъёрҳои байналмилалӣ кӯшиш намуда истодааст. Дар шароити имрӯза талаботи беинтиҳои бозори меҳнат ба мутахассисони рақобатпазир аз он далолат мекунад, ки вай бояд доир ба равияи интихобнамудаи худ салоҳиятҳои мушаххас дошта бошад, зеро ҷомеаи имрӯза талабгори муттахассисони босалоҳият мебошад.

Аз ин рӯ, ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2019) солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карданд [4].

Дар асоси ин пешниҳоди Пешвои миллат барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бояд омӯзгоронеро тарбия намоянд, ки барои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омода бошанд, зеро таълиму тарбияи муваффақонаи насли наврас аз таҷрибаи касбӣ, фазилат ва маданияти баланди омӯзгор вобаста аст.

Ҳамчунин, гузариш аз низоми анъанавӣ ба муносибати нави таълим – муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ методҳои таълим ва нақши омӯзгорро ба куллӣ тағйир дод. Дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос дорад. Ин хусусиятҳо муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибати байни ҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд.

Ҷавҳари асосии муносибати босалоҳият ба таълимро методҳои интерактивии таълим ташкил медиҳанд [5, с. 83]. Методҳои интерактивии таълим методҳое мебошанд, ки ҳамкориро (ё муносибати мутақобиларо) байни омӯзгор ва хонанда, инчунин хонанда ва омӯзгор талаб менамоянд. Истилоҳи «интерактив» аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш «inter» – «якҷоя» ва «act» – «амал кардан» мебошад. Методи таълими интерактивӣ аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад. Меъёрҳои асосии методи интерактивии таълим инҳо мебошанд: имконияти муҳокимарониҳо ва пешниҳоди озоди мавзуъ; ваъзхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ; ташаббуси бештар аз тарафи хонанда; шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷроиши корҳои хаттӣ.

Мутаассифона, ҳоло ҳам омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аз методҳои анъанавии таълим истифода мебаранду ба методҳои интерактивӣ диққат намедиҳанд ва дар амалияи кору фаъолияташон истифода намекунанд. Ҳол он ки дар раванди таълими физика шинос намудани хонандагон на танҳо бо методҳои интерактивӣ аҳамиятнок аст, балки дар амал ҷорӣ намудани онҳо низ аз аҳамият холӣ нест [6, с. 57].

Боиси зикр аст, ки аз соли таҳсили 2018-2019 сар карда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими физика тибқи муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуд. Мутаассифона, омӯзишу таҳлили раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физика дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ собит менамояд, ки барои самаранок татбиқ намудани методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика, ки ҷавҳари асосии муносибати босалоҳиятро ташкил медиҳад, як қатор проблемаҳо ҷой доранд, аз қабили:

1. Гарчанде баҳри татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд семинарҳои омӯзишӣ ташкилу гузаронида бошаду барои ҳар як иштирокчии онҳо, ки омӯзгорони фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ буданд, маводи таълимию методӣ дар шакли китоб [1, 2] ва баъдан раҳнамоҳои фаннӣ дастрас гардонида бошад, ҳам, то ҳол омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар моҳияти методҳои интерактивии таълимро ҳамчун ҷавҳари муносибати босалоҳият ба таълими физика, сарфаҳм намераванд.

2. Мавҷуд набудани фаҳмиши ягона доир ба истилоҳи «методҳои интерактивии таълим». Дар амалияи таълими физика истилоҳи мазкур дар шаклҳои: «усулҳои таълими интерактивӣ»; «усулҳои таълими фаъол»; «усулҳои таълими ҳамфаъол»; «усулҳои омӯзиши фаъол», «методҳои омӯзиши фаъол» ва ғайраҳо истифода мешавад, ки ин ғалати маҳз аст. Мо ва тренероне, ки дар ташкилу гузаронидани семинарҳои фавқуззикр иштирок доштанд, зимни таҳияи мақолаву васоити методию таълимӣ ва тадқиқоти то ин дам оид ба татбиқи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика гузаронидаамон ба ҳамкасбони хеш тавсияҳо пешниҳод намудем, ки шакли дурусти ин истилоҳ «методҳои интерактивии таълим» ва ё «истифодаи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика»-ро мавриди истифода қарор диҳанд. Бар замми ин, устод Осимӣ Қ.У. дар асари худ [3] қайд кардаанд, ки «истифодаи калимаи «усул» ба ивази «метод» ба тоҷикӣ аз он сабаб нашояд, ки он шакли ҷамъи калимаи арабии «асл»-ро ифода менамояд. Сонияи, байни мардуми тоҷикзабон калимаи «усул» ба маънои «рақс» низ васеъ истифода мешавад. Бояд афзуд, ки дар қомусҳои арабӣ, форсӣ ва дарӣ бо калимаи «усул» шарҳёбии истилоҳи «метод» ба чашм намерасад» [3, с. 5].

3. Гарчанде аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муаллифони барнома ва китобҳои дарсии фанҳои таълимии мактабӣ доир ба «Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим» аз 5 то 9 феврали соли 2018 семинари омӯзишӣ гузаронида шуда бошад, ҳам, барномаи таълими физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва китобҳои дарсии амалкунандаи физика ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълими физика, ки ҷавҳари онро методҳои интерактивии таълим ташкил медиҳанд, мутобиқат намекунанд. Дар барномаи физика номгӯйи мавзуъҳо бе баҳисобгирии робитаи дохилифанниву байнифаннӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон пешниҳод шудаанду дар китобҳои дарсӣ бошад, матни ҳамин мавзуъҳо оварда шудаасту халос. Дар китобҳои дарсии амалкунанда хусусиятҳои синнусолии хонандагон, робитаи дохилифанниву байнифаннӣ, мантиқи баён ва билохир, талаботи муносибати босалоҳият ба таълими физика, ки ҷавҳари онро методҳои интерактивии таълим ташкил медиҳанд, ба инобат гирифта нашудаанд. Ба андешаи мо, сабаби ҳамаи ин ба ҳайати муаллифони китобҳои дарсии физика шомил набудани методистон ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

4. Мавҷуд набудани васоити таълимию методӣ доир ба татбиқи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика. Боиси зикр аст, ки доир ба татбиқи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика дастурҳои методиву таълимӣ умуман ба табъ нарасидаанд, вале баъзе мақолаҳои методӣ нашр шудаанд. Омӯзишу таҳлили аксари чунин мақолаҳо нишон медиҳанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо рукнҳои асосии методҳои интерактивии таълимро ҳангоми омӯзиши физика таҷассум намекунанд. Дар аксари онҳо ба ҷойи истилоҳи дурусти «методҳои интерактивии таълим» - «усулҳои таълими интерактивӣ»; «усулҳои таълими фаъол»; «усулҳои таълими ҳамфаъол»; «усулҳои омӯзиши фаъол», «методҳои омӯзиши фаъол» ва ғайраҳо истифода шудаанд, ки ғалат мебошанд.

5. Шинос набудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба таснифот ва методикаи истифодаи методҳои интерактивии таълим зимни омӯзиши физика.

6. Ба таври муфассал коркард нашудани методикаи истифодаи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика ҳам дар муассисаҳаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурӣ.

7. Аз ҷониби омӯзгорони физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва устодони ҳамин фан дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба таври мусалсал истифода накардани методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика.

8. Дар барномаи таълими фанни «Методикаи таълими физика» [7, с. 10] барои омӯзиши масоили методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика вақти ниҳоят кам ҷудо

карда шудааст: ҳамагӣ 1 соат – лексия ва 1 соат амалӣ. Тавсия карда мешавад, ки барои омӯзиши масоили мазкур дар барномаи таълими фанни «Методикаи таълими физика» вақти зиёдтар, масалан: ақалан 2 соат – лексия ва 3 соат – амалӣ ҷудо карда шавад.

Чунинанд, ба андешаи мо, баъзе проблемаҳои татбиқи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ, ки ислоҳи онҳо баҳри самараноктар шудани таълими физика мусоидат менамояд.

### *Адабиёт*


1. *Мухторӣ Қ. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Дастури таълимӣ-методӣ барои омӯзгорони фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ / Мухторӣ Қ., Сафин Д.В., Кабиров Н., Умаров У.С., Садурдинов Х., Наҷмиддинов А., Ҳалимов А. – Душанбе: 2018. – 76 с.*
2. *Мухторӣ Қ. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ». Дастури таълимӣ-методӣ барои тренерони сатҳи милливу минтақавӣ / Қ. Мухторӣ, Д.В. Сафин, Н.Кабиров, У.С. Умаров, Х. Садурдинов, А. Наҷмиддинов, А. Ҳалимов. – Душанбе: 2018. – 41 с.*
3. *Осимӣ Қ.У. Лексияҳо аз методикаи умумии математика / Қ.У. Осимӣ. –Душанбе: Маориф, 1998. – 102 с.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2019. – 48 с.*
5. *Умаров У.С. Татбиқи методҳои интерактивӣ дар таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як рукни муносибати босалоҳият ба таълим. // «Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ» / У.С. Умаров. – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 82-85.*
6. *Умаров У.С. Истифодаи методҳои интерактивӣ дар таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи асосӣ // «Маводи конференсияи илмӣ – амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мушкилоти мубрами таълими фанҳои риёзӣ ва табиӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ» / У.С. Умаров, Г.А.Бобониёзова. – Бохтар: ДДБ, 2018. - С. 57-60.*
7. *Умаров У.С. Маҷмуаи барномаҳои таълимии кафедраи «Методикаи таълими физика» (барои шуъбаи рӯзона) / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.А. Мухамедшин, Г.А. Бобониёзова. – Душанбе, 2021. – 152 с.*


## ПРОБЛЕМАҲОИ ТАТБИҚИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА


Боиси зикр аст, ки аз соли таҳсили 2018-2019 сар карда, дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими физика тибқи муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуд. Мутаассифона, омӯзишу таҳлили раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физика дар баъзе МТМУ-и Ҷумҳурӣ собит менамояд, ки барои самаранок татбиқ намудани методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика, ки ҷавҳари асосии муносибати босалоҳиятро ташкил медиҳад, як қатор проблемаҳо ҷой доранд, аз қабили: то ҳол омӯзгорони МТМУ ва устодони МТОК-и кишвар моҳияти методҳои интерактивии таълимро ҳамчун ҷавҳари муносибати босалоҳият ба таълими физика, сарфаҳм намераванд; мавҷуд набудани фаҳмиши ягона доир ба истилоҳи «методҳои интерактивии таълим»; барномаи таълими физика барои МТМУ ва китобҳои дарсии амалкунандаи физика ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълими физика, ки ҷавҳари онро методҳои интерактивии таълим ташкил медиҳанд, мутобиқат намекунанд; мавҷуд набудани васоити таълимию методӣ доир ба татбиқи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика; шинос набудани омӯзгорони МТМУ ва устодони МТОК ба таснифот ва методикаи истифодаи методҳои интерактивии таълим зимни омӯзиши физика; ба таври муфассал коркард нашудани методикаи истифодаи методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика ҳам дар МТМУ ва ҳам дар МТОК-и касбии Ҷумҳурӣ; аз ҷониби омӯзгорони физика дар МТМУ ва устодони ҳамин фан дар МТОК ба таври мусалсал истифода накардани методҳои интерактивии таълим ҳангоми омӯзиши физика; тавсия карда мешавад, ки барои омӯзиши масоили мазкур дар барномаи таълими фанни «Методикаи таълими физика» вақти зиёдтар, масалан: ақалан 2 соат – лексия ва 3 соат – амалӣ ҷудо карда шавад.



**Калидвожаҳо:** маориф, метод, методика, методҳои таълим, методҳои интерактивӣ, физика, муносибати босалоҳият, барномаи таълим, табиатшиносӣ, низоми анъанавӣ.


## ПРОБЛЕМЫ ПРИМЕНЕНИЯ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ФИЗИКИ


Стоит отметить, что начиная с 2018-2019 учебного года, обучение физике в СОУ Республики Таджикистан ведется согласно компетентностному подходу к обучению. К сожалению, изучение и анализ процесса применения компетентностного подхода к обучению физике в некоторых СОУ республики доказывает наличие ряда проблем для эффективной реализации интерактивных методов обучения при изучении физики, которая является основным элементом компетентностного подхода, такие как: до сих пор учителя СОУ и преподаватели ВУЗ-ах страны не понимают сути интерактивных методов обучения как сути компетеноностного подхода к обучению физике; отсутствие единого понимания термина «интерактивные методы обучения»; учебная программа по физике для СОУ и действующие учебники по физике не отвечают требованиям компетентностного подхода к физическому образованию, суть которого - интерактивные методы обучения; отсутствие учебно-методических средств по применению интерактивных методов обучения при

изучении физики; не ознакомление преподавателями СОУ и ВУЗ классификации и методики использования интерактивных методов обучения при изучении физики; непоэтапное разработка методики использования интерактивных методов обучения при обучении физики как в СОУ, так и в профессиональных ВУЗ-ах республики; неспособность учителей физики СОУ и учителей того же предмета ВУЗ-ах последовательно использовать интерактивные методы обучения при обучении физики; на изучение этих вопросов в учебной программе по «Методике преподавания физики» рекомендуется выделять больше времени, например: не менее 2 часов – лекционных и 3 часов – практических занятий.

**Ключевые слова:** просвещение, метод, методика, методы обучения, интерактивные методы, физика, компетентностный подход, учебная программа, естествознание, традиционная система.

## PROBLEMS OF USING INTERACTIVE TEACHING METHODS IN THE STUDY OF PHYSICS

It should be noted that starting from the 2018-2019 academic year, teaching physics in the secondary educational institution (SEI) of the Republic of Tajikistan is conducted according to the competence-based approach to teaching. Unfortunately, the study and analysis of the process of applying the competency-based approach to teaching physics in some secondary educational institutions of the republic proves the existence of a number of problems for the effective implementation of interactive teaching methods in the study of physics, which is the main element of the competency-based approach, such as: until now, teachers of secondary educational institutions and university professors ah, countries do not understand the essence of interactive teaching methods as the essence of a competency-based approach to teaching physics; lack of a common understanding of the term "interactive teaching methods"; the physics curriculum for SEI and the current physics textbooks do not meet the requirements of a competency-based approach to physics education, the essence of which is interactive teaching methods; lack of educational and methodological tools for the use of interactive teaching methods in the study of physics; non-familiarization by the teachers of the SEI and the university of the classification and methodology for using interactive teaching methods in the study of physics; non-stage development of a methodology for using interactive teaching methods in teaching physics both in the secondary educational institutions and in professional universities of the republic; the inability of SEI physics teachers and teachers of the same subject at institution of higher education (IHE) to consistently use interactive teaching methods in teaching physics; it is recommended to allocate more time for the study of these issues in the curriculum on "Methods of teaching physics", for example: at least 2 hours - lectures and 3 hours - practical classes.

**Keywords:** education, method, methodology, teaching methods, interactive methods, physics, competence-based approach, curriculum, natural science, traditional system.

## Дар бораи муаллифон

**Умаров Умар Сулаймонович**
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 933 94 93 28
E-mail: kurch66@mail.ru

**Раджабов Умед Хушвакович**
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

## Об авторах

**Умаров Умар Сулаймонович**
Доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 933 94 93 28
E-mail: kurch66@mail.ru

**Раджабов Умед Хушвакович**
Доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

## About the authors

**Umarov Umar Sulaymonovich**
Associate Professor in the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 933 94 93 28
E-mail: kurch66@mail.ru

**Rajabov Umed Khushvakovich**
Associate Professor in the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University
named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 933 21 17 21
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

УДК: 372.853(575.3)

# ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

***Мавлонов И. Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар тадқиқоти методистон В.И. Андреев [1, 2], А.И. Бугаев [3], И. Я. Лернер [4], Г. Мелхорн [7], П.А. Орджековский [8], В.Г. Разумовский [9], Срода Р.Б. [10] ва дигарон шартҳои педагогии ташаккулёбии қобилияти эҷодӣ ва методҳои ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон тасниф карда шудаанд. Ба андешаи ин муҳаққиқон масъалаи ташаккулдиҳии қобилияти эҷодии хонандагон – ҷузъи мушкилоти ташаккулдиҳии тафаккури онҳоро ташкил медиҳад. Ҳалли он барои ҷамъият аҳамияти бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Физика ҳамчун фанни таълимӣ барои ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагон дар раванди омӯзиш имкониятҳои васеъ дорад [3, с. 99].

Методикаи ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон ба фаҳмиши қонуниятҳои эҷодиёти илмӣ такя мекунад. Чунин фаҳмиш дар натиҷаи таснифи ақидаҳои олимону файласуфон дар раванди ҳосил кардани донишҳои илмӣ ба вуҷуд меояд. Тибқи ин ҷамъбасткунӣ (ҳамчунин, дар асоси гуфтаҳои олимони барҷаста ба монанди; А. Эйнштейн, М. Планк, М. Борн, П.Л. Капитса), тавре ки В.Г. Разумовский нишон додааст, ҷузъиёти муҳими эҷодиёти илмиро дар физика ба шакли чунин давр пешниҳод намудан мумкин аст: *ҷамъбасти далелҳо → таҳияи амсилаи хаёлӣ (абстрактӣ) (пешниҳоди фарзия) → ҳосил кардани натиҷаҳои назариявӣ→ санҷиши озмоишии ин натиҷаҳо* [9, с. 78].

Аз ин даври эҷодиёти табиӣ-илмӣ бармеояд, ки сохтори раванди таълим бояд ҳамаи ҷузъиёти фаъолияти эҷодиро дарбар гирад, махсусан: гузариши беихтиёрона аз маҷмуи далелҳои ибтидоӣ ба амсилаи хаёлӣ, ки аз он хулосаи мантиқӣ бармеояд ва санҷиши озмоишии ин натиҷаҳо. (Дар чорчӯбаи дарс на ҳамеша татбиқи васеи ин принсипи даврӣ имконпазир мебошад, ҳамчунин зарурат бар он нест, ки хонандагон тамоми қонунҳои физикаро «дубора кашф» кунанд; кифоя аст, агар онҳо кашфиёти мавҷудаи илмиро азхуд ва нақшу мавқеи ҷузъиёти даври эҷодиро дарк намоянд: аҳамияти далелҳои ибтидоӣ, нақши эвристикии назария, зарурати санҷиши озмоишии натиҷаҳои назариявӣ ва ғайраҳоро донанд).

Ҳаминро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки ҳангоми истифодаи принсипи даврӣ дар баёни маводи нав, барои ҷузъҳои гуногуни давр методҳои гуногун мувофиқанд. Масалан, ҳангоми шинос кардани хонандагон ба далелҳои нав сухани таъсирбахши омӯзгор дар ҳамбастагӣ бо намоиш, ҳини гузариш ба омӯзиши амсилаҳои хаёлии физикӣ истифодаи методи проблемавии баён бо истифодаи нақшаҳо, амсилаҳои таълимӣ ва мултипликативӣ ба мақсад мувофиқ аст. Ниҳоят, санҷиши озмоишии натиҷаҳои назариявиро дар шакли корҳои лаборатории фронталӣ ва таҷрибаҳо гузаронидан мувофиқи матлаб аст.

Роҳҳои имконпазири татбиқи принсипи давриро ҳангоми баёни хосиятҳои газҳо нишон медиҳем.

**Далелҳои ибтидоӣ:** газ тамоми ҳаҷми дар ихтиёри худ бударо ишғол менамояд, он сахт фишурда ва васеъ мешавад; барои он ҳодисаи диффузия хос мебошад (таҷриба бо буғи об гузаронида мешавад).

**Амсила-фарзия:** дар асоси ин далелҳои таҷрибавӣ ва мушоҳидаҳо тасаввур намудан мумкин аст, ки газ аз саққоҳои хурди чандир – молекулаҳо таркиб ёфтааст, ки онҳо дар ҳаракати хаотикӣ мебошанд. Ин амсилаи газ имкон медиҳад, ки моҳияти фишор шарҳ ва бузургии он тавассути параметрҳо, ки ҳолати системаро тавсиф менамоянд, ҳисоб карда шавад. Агар газ дар зарфи ҳаҷмаш $V$ воқеъ бошад, он гоҳ бо донистани ададди молекулаҳои он $N$, массаи молекула $m_0$ ва суръати миёнаи ҳаракати молекулаҳо $\vartheta$, фишори газро ба деворҳои зарф ҳисоб кардан мумкин аст:

$$p = 2m_0\bar{\vartheta}\frac{N}{V}\bar{\vartheta}\frac{1}{6} = \frac{2}{3}\frac{m_0\bar{\vartheta}^2}{2}\frac{N}{V}, (1)$$

ва ё

$$pV = \frac{2}{3}N\frac{m_0\bar{\vartheta}^2}{2} \ (2)$$

**Натиҷаи мантиқӣ**: аз формулаи (2) маълум аст, ки агар энергияи миёнаи кинетикии молекулаҳои газ кам нашавад, он гоҳ ҳосили зарби фишори газ ба ҳаҷми он барои массаи додашудаи газ доимӣ мемонад, яъне: $PV = const$.

**Санҷиши озмоишӣ:** хулосаи ҳосилшуда қонуни Бойл – Мариоттро таҷассум менамояд, ки он ба таври озмоишӣ новобаста ба ҳамдигар ва дар замонҳои гуногун аз ҷониби Р. Бойл (1662) ва Э. Мариотт (1676) пешниҳод шуда буд. (Дар дарс намоишҳоро (дар нақшаи тадқиқотӣ) аз рӯйи барқарор намудани робитаи байни $P$ ва $V$ ҳангоми $T = const$ ва $m = const$ гузаронидан мумкин аст).

Тасаввурот доир ба даврияти эҷодиёти илмӣ имкон медиҳад, ки на танҳо маводи таълимӣ мантиқан ҷо ба ҷо карда шавад, балки машқҳои эҷодии махсус низ коркард карда шаванд. Тавре маълум аст, дар раванди эҷодӣ ҳиссиёт (интуитсия) нақши асосӣ дорад: он ҳангоми пешниҳоди фарзия (таҳияи амсилаи хаёлӣ), тарҳрезии озмоиш барои санҷидани натиҷаҳои назариявӣ махсусан муҳим мебошад. Дар мувофиқа ба ин ду функсияи ҳиссиёт машқҳои эҷодиро ба ду навъ ҷудо намудан мумкин аст: тадқиқотӣ (ҷавобро тавассути чунин савол талаб мекунад: чаро?) сохторӣ (конструкторӣ) (ҷавобро тавассути чунин савол талаб мекунад: чӣ тавр?). Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуи ҷараёни электрӣ дар металлҳо (баъд аз он ки хонандагон доир ба гази электронӣ ва ҷараёнро ҳамчун ҳаракати самтдори электронҳои озод дар дохили панҷараи фазоии ионӣ тасаввуроти амсилавӣ пайдо мекунанд) ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод кардан мумкин аст: «Барои чӣ ҳангоми гузаштани ҷараёни электрӣ ноқил гарм мешавад?» (машқи эҷодии навъи якум), инчунин тарҳрезии (нақшаашро тасвир карда, принсипи амалашро фаҳмонед) ҳароратсанҷи электрӣ (машқи эҷодии навъи дуюм).

Тавре мебинем ҳарду навъи ин машқҳо аз рӯйи шартҳои ибтидоиашон монананд, чунки онҳо мисли ҳалли масъалаҳо нишондод ба алгоритмро надоранд. Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми эҷодиёт масъалаеро мефаҳманд, ки алгоритми ҳалли он ба хонандагон маълум нест. Дар ин маврид мазмуни фаъолияти онҳо ҳангоми ҳал-ин пеш аз ҳама муайян кардани қоидаҳо ва ё қонунҳое, ки барои ҳал кардани масъала заруранд, мебошанд.

Машқҳои эҷодӣ аз рӯйи шакл гуногун буда метавонанд: ин ё савол, ё масъалаҳои сифатии микдориву озмоишӣ, ё кори лабораторӣ, ё тадқиқотӣ ва ё ин ки супориши лоиҳавӣ, ки иҷрояшон ба вақти тӯлонӣ пешбинӣ шудааст [5, с. 223]. Хусусияти машқҳои эҷодӣ дар он аст, ки онҳо якчанд ҳал дошта метавонанд. Бинобар ин, он машқҳое арзишманданд, ки дурустии ҳалли онҳо тавассути озмоиш санҷида шавад. Машқҳои эҷодӣ дар марҳилаи ҷамъбастии омӯзиши мафҳуму мавзуъ истифода мешаванд. Вобаста ба ин корҳои лабораторию мушоҳидаҳои тавсифоти эҷодидошта аҳамияти калон доранд.

Бо мақсади ташаккуёбии қобилияти эҷодии хонандагон ҳар чӣ зиёдтару васеътар корҳои хонагӣ аз ҷумла озмоишҳои физикии хонагиро истифода кардан лозим аст. Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта – ин як шакли кори мустақилонаи хонандагон ба ҳисоб меравад. Таҳти мафҳуми озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта чунин таҷриба ва мушоҳидаҳоеро фаҳмидан лозим аст, ки онҳоро хонандагон дар хона (ҳангоми тайёрӣ ба дарс) аз рӯйи супоришоти омӯзгор, ки ба маводи барномаи таълимӣ мувофиқ аст, иҷро менамоянд [6, с. 113].

Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта бояд баҳри наздик кардани (ҳамбастагии) маводи назариявӣ, ки хонандагон аз китоби дарсӣ азхуд мекунанд, бо маводи озмоишӣ (шароитҳои озмоишии татбиқи маводи назариявӣ) чӣ дар шароити кабинети физика ва чӣ дар шароити хона, мусоидат намоянд. Ин чунин маъно дорад, ки хонандагон ҳангоми тайёрӣ ба дарс маводи барномавиро аз китоби дарсӣ хонда, ҳамзамон дар шароити хона он мушоҳидаҳо, озмоишҳо ва ченкуниҳое, ки дар китоби дарсӣ дода шудаанду омӯзгор дар синф намоиш додааст, иҷро менамоянд.

Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидоштаи хонандагон аз физика аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ доранд:

1. Аҳамияти асосии озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта хонандагон он аст, ки агар онҳо дар асоси маводи барномавӣ интихоб ва тартиб дода шуда бошанд, ҳудуди татбиқшавии аёниятро дар таълими физика васеъ гардонида, баҳри амиқ ва

бошуурона азхудкунии маводи барномавии дар синф омӯхташаванда ҳамчун воситаи иловагӣ хизмат мекунанд.

2. Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта, он ҳодисаҳои табииеро, ки дар синф тавассути асбобҳои тайёр (истеҳсолӣ) омӯхта мешаванд, бо ҳодисаҳои физикии ҳамарӯза рӯйдиҳанда алоқаманд гардонида, ба хонандагон «Физика дар атрофи мо» ва «Физика дар ҳар қадам» буданро нишон медиҳанд.

3. Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта имкон медиҳанд, ки назария бо амалия, бо ҳаёти ҳамарӯза алоқаманд карда шавад.

4. Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта ба хонандагон баҳри боварӣ ҳосил кардан ба дурустӣ ва ҳаққонӣ будани қонунияту далелҳои илмие, ки онҳо дар дарс омӯхтаанд, кӯмак мерасонанд.

5. Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта воситаи хуби мусалсалгардонии таҷрибаҳои ҳаётии хонандагон мебошанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар раванди таълим омӯзгор ҳама вакт ба таҷрибаи ҳаётии хонандагон такя мекунад. Хонандагон бошанд, то омӯзиши физика, тавассути мушоҳидаҳою таҷрибаҳои ҳамарӯзаи худ ба ҳодисаҳои гуногуни табиӣ шиносанд, вале ин таҷрибаҳои ҳаётие, ки хонандагон новобаста ба амалиётҳои самтдиҳандаи омӯзгор ҳосил кардаанд, барои ҳар як хонанда гуногун буда, тавсифи тасодуфӣ доранд. Аз ин лиҳоз, таҷрибаҳои ҳаётии ҳосилкардаи хонандагонро ба як низом даровардан лозим аст. Ба ин кор ва барои дар оянда ҳосил намудани таҷрибаҳои ҳаётӣ, омӯзгор тавассути озмоишҳои хонагӣ кӯмак расонида метавонад.

6. Озмоишҳои физикии хонагии тавсифоти эҷодидошта яке аз воситаҳои хуби парвариши муҳаббати хонандагон ба илми физика мебошанд.

7. Аз тарафи хонандагон мустақилона иҷро намудани озмоишҳои физикии хонагӣ ва сохтани асбобҳои соддатарини физикӣ (мавриди иҷрои ин намуд корҳо) зарурати истифодаи лавозимоти гуногун (арра, болға, анбӯр, корд, қайчӣ, шуруптоб (отвёртка) ва ғ.), аз қисмҳои тайёр васл (ҷамъ) кардани дастгоҳҳо, иваз намудани як лавозимот бо лавозимоти дигар ва ғайраҳоро талаб менамояд. Ҳамаи ин робитаи назарияро бо амалия барқарор ва устувор гардонида, маҳорату малакаҳои амалии хонандагонро ташаккул медиҳанд.

Дар қатори озмоишҳои физикии хонагӣ боз корҳои лабораторӣ ва мушоҳидаҳо, озмоишҳои физикӣ, ки бевосита бо фаъолияти таълимии синфӣ алоқаманданд, инчунин супоришҳо оид ба амсиласозӣ, тайёр намудани рефератҳо, тадқиқоти лабораторӣ ва ғайраҳо, ки иҷроиши онҳо ба муҳлати дурудароз – ҳафта, моҳ, нимсол пешбинӣ шудааст.

Барои ташаккулёбии тафаккури физикии хонандагон ва қобилияти эҷодии онҳо тадқиқоти хонагии лабораторӣи тавсифоти ҷамъбасткунан-дадоштаро васеъ амалӣ гардонидан лозим аст, ки он маҷмуи мушоҳидаҳои бо ҳам робитадоштаро ташкил медиҳад ва давоми мантиқии маводи пешина буда, вале нисбатан мураккабтар мебошанд.

Дар хотима қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои эҷодӣ на танҳо қобилияти хонандагонро ба татбиқ намудани дониш дар шароитҳои нав ташаккул медиҳанд, балки барои таълими политехникӣ ва ташаккулёбии ҷаҳонбинии диалектикӣ-материалистии хонандагон имкониятҳои хуб фароҳам меоранд. Ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо хонандагон на танҳо тавсифоти ҳодисаҳоро дар хотир нигоҳ медоранд, балки онҳоро мустақилона тадқиқ намуда, роҳҳои баёнашро меёбанд, қолабҳои тайёрро дар хотир нигоҳ намедоранд, балки ба донишҳои мавҷуда такя карда, сохтани таҷҳизоти гуногунро меомӯзанд.

## *Адабиёт*


1. *Андреев В.И. Диалектика воспитания и самовоспитания творческой личности. / В.И. Андреев. – Казань: Изд-во каз. ун-та, 1988. - 236 с.*
2. *Андреев В.И. Дидактические условия развития исследовательских способностей старшеклассников (в процессе обучения физике). Дис. ... канд. пед. наук. / В.И. Андреев. - М.: 1972. - 254 с.*
3. *Бугаев А.И. Методика преподавания физики в средней школе: Теорет. основы: Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по физ.-мат. спец. / А.И. Бугаев. – М.: Просвещение, 1981. – 288 с.*
4. *Лернер И.Я. Развитие мышления учащихся в процессе обучения истории. Пособие для учителей. / И.Я. Ларнер. – М.: Просвещение, 1982. - 191 с.*
5. *Мавлонов И.Ш. Ташкили кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаи гурӯҳии хонандагон аз физика / И.Ш. Мавлонов, У.Х. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллӣ. ISSN 2074-1847. - №3. – Душанбе: ДМТ, 2020. - С. 223-229.*
6. *Мавлонов И.Ш., Раҷабов У.Х. Ташкили кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаи хонандагон*

*ҳангоми гузаронидани озмоишҳои физикии хонагӣ / И.Ш. Мавлонов, У.Х. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим. - №2 (2). - Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2020. - С.113-118.*
7. *Мелхорн Г. Гениями не рождаются: Общество и способности человека: Кн. для учителя. / Г. Мелхорн, Х.Г. Мелхорн. – М.: Просвещение, 1989. - 160 с.*
8. *Орджековский П.А. О психолого-педагогических требованиях к творческой задаче по химии / П.А. Орджековский. // Химия в школе. 1997. - № 6. - С. 20-25.*
9. *Разумовский В.Г. Развитие творческих способностей учащихся в процессе обучения физике. / В.Г. Разумовский. - М.: Учпедгиз, 1975. - 147 с.*
10. *Срода Р.Б. Воспитание активности и самостоятельности учащихся в учении. / Р.Б. Срода. – М.: Изд-во АПН РСФСР, 1956. - 55 с.*

## ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

Ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагон дар раванди таълим, аз ҷумла омӯзиши физика яке аз вазифаҳои асосии омӯзиш мебошад. Барои ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагон бошад, роҳу усулҳои гуногун мавҷуданд. Тадқиқоти гузаронидаи муаллиф зимни таҳлили адабиёти методию педагогӣ шартҳои педагогии ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагон ва методҳои ташкили фаъолияти эҷодиро муайян намуданд. Масъалаи ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагон – ҷузъи мушкилоти ташаккулдиҳии тафаккури онҳоро ташкил медиҳад. Ҳалли он барои ҷамъият аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дорад. Физика ҳамчун фанни таълимӣ барои ташаккулёбии қобилияти эҷодии хонандагон дар раванди омӯзиш имкониятҳои васеъ дорад. Муллиф ба хулосае меояд, ки методикаи ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон ба фаҳмиши қонуниятҳои эҷодиёти илмӣ такя мекунад. Чунин фаҳмиш дар натиҷаи таснифи ақидаҳои олимону файласуфон дар раванди ҳосил кардани донишҳои илмӣ ба вуҷуд меояд. Инчунин, дар мақола роҳҳои имконпазири татбиқи принсипи даврӣ ҳангоми баёни мавзуи хосиятҳои газҳо оварда шудааст, ки инҳо далелҳои ибтидоӣ, амсила-фарзия, санҷиши озмоишӣ мебошад. Машқҳои эҷодӣ аз рӯйи шакл гуногун буда метавонанд: савол, масъалаҳои сифатии миқдориву озмоишӣ, кори лабораторӣ, тадқиқотӣ ва ё ин ки супориши лоиҳавӣ, ки иҷрояшон ба вақти тӯлонӣ пешбинӣ шудааст. Бо мақсади ташаккуёбии қобилияти эҷодии хонандагон ҳар чӣ зиёдтару васеътар корҳои тавсифоти эҷодидоштаи хонагиро истифода кардан лозим аст, ба монанди: сохтани асбобҳои физикии содда, гузронидани мушоҳидаву корҳои лабораторӣ, тайёр намудани рефератҳо.

**Калидвожаҳо:** қобилияти эҷодӣ, эҷодиёт, эҷодиёти илмӣ, машқҳои эҷодӣ, хонандагон, таҷриба, амсила, тадқиқот.

## РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ФИЗИКИ

Развитие творческих способностей учащихся в процессе преподавания, в том числе при изучении физики является одним из основных задач обучения. Для развития творческих способностей учащихся, существуют различные пути и методы. Исследование, проведенное автором при анализе методических и педагогических литератур выявили условия развития творческих способностей учащихся и методов организации учебной творческой деятельности. Задача развития творческих способностей учащихся – составная часть проблемы развития их мышления. Ее решение имеет для общества огромное экономическое и социальное значение. Физика как учебный предмет обладает огромными возможности для развития творческих способностей учащихся в процессе обучения. Автор приход к выводу, что методика развития творческих способностей учащихся базируется на понимании закономерностей научного творчества. Такое понимание складывается в результате обобщения взглядов ученых и философ на процесс получения научных знаний. Также в статье представлены возможные пути применения принципа периодичности при объяснении темы свойств газов, которыми являются исходные факты, модель-гипотеза, логические следствия, экспериментальная проверка. Творческие упражнения могут быть разной формы: вопросы, количественные, экспериментальные и качественные задачи, лабораторная работа, исследование или проектное задание, выполнение которого запланировано на длительное время. С целью развития творческих способностей учащихся необходимо все шире использовать домашние работы творческого характера, такие как: изготовление простых физических приборов, проведение наблюдений и лабораторных работ, подготовка рефератов.

**Ключевые слова:** творческие способности, творчество, научное творчество, творческие упражнения, учащиеся, опыт, модель, исследование.

## DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF STUDENTS IN THE STUDY OF PHYSICS

The development of students' creative abilities in the process of teaching, including the study of physics, is one of the main tasks of education. To develop the creative abilities of students, there are various ways and methods. The study conducted by the author in the analysis of methodological and pedagogical literature revealed the conditions for the development of students' creative abilities and methods for organizing educational creative activity. The task of developing the creative abilities of students is an integral part of the problem of developing their thinking. Its solution is of great economic and social importance for society. Physics as a subject has great opportunities for developing the creative abilities of students in the learning process. The author comes to the conclusion that the methodology for developing the creative abilities of students is based on understanding the laws of scientific creativity. Such an

understanding is formed as a result of generalizing the views of scientists and philosophers on the process of obtaining scientific knowledge. The article also presents possible ways of applying the principle of periodicity in explaining the topic of gas properties, which are the initial facts, model-hypothesis, logical consequences, experimental verification. Creative exercises can take many forms: questions, quantitative, experimental and qualitative tasks, laboratory work, research or project assignment, the implementation of which is planned for a long time. In order to develop the creative abilities of students, it is necessary to increasingly use homework of a creative nature, such as: making simple physical instruments, conducting observations and laboratory work, and preparing essays.

**Keywords:** creativity, creativity, scientific creativity, creative exercises, students, experience, model, research.

## Дар бораи муаллиф

**Мавлонов Изатулло Шашаевич**
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 14 64 10
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

## Об авторе

**Мавлонов Изатулло Шашаевич**
Старший преподаватель кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 14 64 10
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

## About the author

**Mavlonov Izatullo Shashaevich**
Senior Lecturer in the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 14 64 10
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

УДК 372.851, 378.147

# ДАР ХОНАНДАГОН ТАШАККУЛ ДОДАНИ ДОНИШҲО ОИД БА АЛОМАТИ АМАЛҲОИ АРИФМЕТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ БАРНОМАСОЗӢ

***Назаров А. П., Умедҷони Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Донишҳо оид ба амалҳои арифметикӣ ва аломати онҳо ба хонандагон ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ таълим дода шуда, пайдарпай ташаккул дода мешаванд. Дар ибтидо амалҳои ҷамъ ва тарҳ, баъдан амалҳои зарб ва тақсим бо як пайдарпайии аз ҷиҳати методӣ асоснок омӯзонида мешаванд. Ҳангоми таълими амалҳои ҷамъ ва тарҳ тартиби иҷрои амалҳо омӯзонида шуда, пас аз ташаккул додани донишҳо, иҷрои амалҳо бо истифода аз қавсҳо омӯзонида мешаванд. Дар раванди омӯзиши амалҳои зарб ва тақсим ба хонандагон мафҳуми бартарияти иҷрои амалҳо ва тағйир додани ин бартариятҳо бо истифода аз қавсҳо таълим дода мешаванд. Ба хонандагон омӯзонида мешавад, ки дар аввал амалҳои зарб ва тақсим (кадоме якум бошад) иҷро мешаванд. Баъд амалҳои ҷамъ ва тарҳ (кадоме якум бошад) иҷро мешаванд. Агар қавсҳо дар амали арифметикӣ истифода шуда бошанд, пас иҷрои амалҳо аз дохили қавс оғоз мегарданд. Яъне истифодабарии қавсҳо имкони тағйирдиҳии тартиби иҷрои амалҳоро медиҳанд, ки дар оянда зимни омӯзиши барномасозӣ нақши хеле муҳим дорад. Дар ин раванд амали тақсими бақиядор низ таълим дода мешавад.

Дар синфҳои миёнаи асосӣ боз як амали нав, амали ба дараҷабардории адад ба хонандагон омӯзонида шуда, донишҳои хонандагон оид ба ин амал ва тарзи иҷрои он ташаккул дода мешаванд. Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон мефаҳмонад, ки дар ин ҷо бартарияти иҷрои амалҳо тағйир ёфта, аввал амали дараҷа иҷро мегардад.

Донишҳои хонандагон зимни омӯзиши амалҳои арифметикӣ дар раванди таълими барномасозӣ инкишоф дода шуда, ба онҳо дар дарсҳои аввалин тарзи навишти аломатҳо омӯзонида мешаванд [1, 2]. Бартарияти иҷрои амалҳо танҳо бо истифода аз ин аломатҳо тағйир намеёбанд. Дар забони барномасозии PascalABC.Net чунин аломати амалҳо истифода карда мешаванд [3, с. 10], [5]: + ҷамъ; - тарҳ; * зарб; / тақсим; ** дараҷа.

Омӯзгори фаннӣ пас аз омӯзонидани ин амалҳо ба хонандагон, донишҳои онҳоро бо иҷрои мисолҳо ташаккул медиҳад. Мисолҳоро пайдарпай аз сода ба мураккаб меомӯзонад [4, 5]. Масалан:

| № | Навишт дар математика | Навишт дар PascalABC.Net |
|---|---|---|
| 1. | $2{,}3\cdot4^2$-9,5:3,2 | 2.3*4**2-9.5/3.2 ё 2.3*4*4-9.5/3.2 |
| 2. | $\dfrac{4,1^3-7,7\cdot5,1^4}{7,2^2+11,2}$ | (4.1**3-7.7*5.1**4)/(7.2**2+11.2) |
| 3. | $\dfrac{5{,}54^2-2}{2,2^2+1{,}4}+\dfrac{16,5^2+3^{\frac{2}{3}}}{3-\sqrt{4}}$ | ((5.54**2-2)/(2.2**2+1.4))+ +((16.5**2+3**(2/3))/(3-4**(1/2))) |
| 4. | $\sqrt{16}+\sqrt[3]{8}$ | 16**(1/2)+8**(2/3) |
| 5. | ax+b-c | a*x+b-c |
| 6. | $x+\dfrac{c-b}{a}$ | $x+(c-b)/a$ |

Аз ҷадвали овардашуда маълум мегардад, ки баъзан вақт ҳангоми навишти ифодаи ададӣ ё алгебравӣ аз шакли математикӣ ба забони барномасозӣ зарурати гузоштани қавсҳои иловагӣ ба миён меояд, хусусан дар ифодаҳои касрӣ. Инро ба хонандагон фаҳмонидан зарур аст, зеро дар ифодаҳои касрӣ дар навбати аввал қимати сурат, баъдан қимати махраҷ ёфта мешаванд. Дар охир қимати сурат ба қимати махраҷ тақсим карда мешавад. Бо ин хусусияташ аз аломати тақсими математикӣ ":" фарқ мекунад.

Омӯзгори фаннӣ бартарияти иҷрои амалҳоро ҳангоми ба забони барномасозии PascalABC.Net навиштани ифодаҳои ададӣ ва алгебравӣ ба хонандагон меомӯзонад. Бо ин мақсад ифодаҳои зеринро мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор медиҳем:

1. 3.8*a**3 → дар ин ҷо аввал амали бадараҷабардорӣ иҷро мегардад, яъне a**3; баъд адади 3.8 ба қимати ин дараҷа зарб карда мешавад.

2. (b+4.1*d)**3+d**4 → чун қоида иҷрои ин амал аз дохили қавс оғоз мегардад; адади 4.1 ба қимати d зарб шуда, натиҷааш ба қимати b ҷамъ карда мешавад; қимати ёфташудаи ифодаи дохили қавс ба дараҷаи 3 бардошта мешавад ва дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешавад; қадами оянда қимати d ба дараҷаи 4 бардошта мешавад; ин қимати ёфташуда бо он қимате, ки дар хотираи компютер нигоҳ дошта шудааст, ҷамъ карда мешавад.

Масъалаи дигари хеле муҳим дар раванди таълими барномасозӣ омӯзонидани амали дараҷаи дараҷа ва ташаккул додани донишҳои хонандагон оид ба ин амал аст. Ба таври математикӣ онро дар шакли $a^{b^c}$ менависанд. Ин ҷо як мушкилӣ мавҷуд аст. Мушкилӣ он аст, ки кадоме аз онҳо бояд дар навбати аввал иҷро гардад, кадомаш бартарият дорад? Бояд аввал амали $b^c$ иҷро шавад, ё амали $a^b$? Масалан амали $2^{3^2}$, дар ҷадвалҳои электронӣ ҳангоми дар ягон катак навиштани ин амал =2^3^2 ҷавоби 64 –ро ҳосил мекунем. Айнан ҳамин ҷавобро забони барномасозии Visual basic for application бармегардонад. Инҷо дар аввал амали $2^3$ иҷро шуда, баъдан қимати он 8 ба дараҷаи 2 бардошта мешавад ва $8^2$=64 мешавад. Ин тарзи иҷро амали дараҷаи дараҷаро аз чап ба рост (ё аз поён ба боло) меҳисобанд. Аммо дар забони барномасозии PascalABC.Net ин тавр нест. Дар вариантҳои аввали ин забон иҷрои ин амал хатогӣ эълон мекард, яъне амали 2**3**2 бо хатогӣ анҷом меёфт. Дар вариантҳои наваш бошад, иҷрои амали дараҷаи дараҷа аз рост ба чап (ё аз боло ба поён) иҷро мегардад. Бинобар ин қимати ифодаи 2**3**2 ба 512 баробар мегардад: 3**2=9 → 2**9=512. Забони барномасозии Python низ амали дараҷаи дараҷаро аз рост ба чап (ё аз боло ба поён) иҷро менамояд. Ин худ як номувофиқиро нишон медиҳад ва ба хонандагон омӯзонидан зарур аст. Оиди оилаи забони барномасозии C++ бошад, ҳеҷ чиз гуфта наметавонем, зеро дар он амали дараҷа истифода бурда намешавад. Он дорои функсияи дараҷа аст, ки чунин мушкилӣ ба миён намеояд. Зеро функсия бо қавсҳо навишта мешавад. Забони барномасозии PascalABC.Net низ чунин функсияро доро мебошад.

Ҳангоми истифодабарии аломати амалҳои арифметикӣ ва навишти ифодаҳо дар забони PascalABC.Net типи додаҳо нақши хеле муҳим доранд. Зеро на ҳама вақт як типи ададӣ бо дигар типи ададӣ мувофиқат карда метавонад. Ин хусусиятро омӯзгори фаннӣ бо як пайдарпайии муайян ва аз ҷиҳати методи асоснок ба хонандагон меомӯзонад. Омӯзонидан зарур аст, ки типи ададии ҳақиқӣ ба типи ададии бутун бахшида намешавад ва ин ҳолат бо хатогӣ анҷом меёбад. Масалан, агар (h,g) := (11, 2.89) бошад, пас типи тағйирёбандаи h типи ададии бутун ва типи тағйирёбандаи g типи ададии ҳақиқӣ мегардад ва мувофиқан h=11 ва g=2,89 мегардад. Агар бо истифода аз ин тағйирёбандаҳо қимати ифодаи ба забони PascalABC.Net навишташудаи g:=h+g ҳисоб карда шавад, пас он ба 13,89 баробар мегардад. Ин худ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки агар дар ифодаи ададӣ ё алгебравӣ типи ададҳои бутун ва ҳақиқӣ дар якҷоягӣ истифода шуда бошанд, пас дар охир қимати ададии типаш ададии ҳақиқиро ҳосил менамоем. Вале ифодаи h:=h+g ҳангоми ҳисоб намудани қиматаш бо хатогӣ анҷом меёбад ва ҳисоб карда намешавад. Зеро типи ададии ҳақиқӣ тариқи худкор ба типи ададии бутун табдил дода намешавад. Чунин хатогӣ бо ибораи "Типи real – ро ба integer табдил додан мумкин нест" ("Нельзя преобразовать тип real к integer") эълон карда мешавад. Хатогиро худи барнома эълон менамояд.

Дар раванди таълими барномасозӣ ва омӯзонидани аломати амалҳои арифметикӣ, дар хонандагон донишҳо оид ба амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим ташаккул дода мешаванд. Дар баъзе аз забонҳои дигари барномасозӣ амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим бо аломатҳо ишорат карда мешаванд, аз ҷумла забонҳои оилаи C++, Python. Вале дар забони барномасозии PascalABC.Net амали тақсими бутун ва бақия аз тақсим бо истифода аз калимаҳои калидии **div** ва **mod** иҷро карда мешаванд [3, с. 26; 5, с. 46]. Омӯзгори фаннӣ тарзи истифодабарии онҳоро ба хонандагон омӯзонида, ба онҳо мефаҳмонад, ки ин ду амал танҳо бо додаҳои типашон бутун иҷро карда мешаванд. Дар раванди таълими фанни математика ба хонандагон иҷрои амали тақсими бақиядор дар доираи ададҳои натуралӣ омӯзонида мешаванд, яъне типи додаҳои ададии натуралӣ. Тавре медонем, ададҳои натуралӣ танҳо аз ададҳои бутуни мусбат иборатанд. Таълими амали тақсими бутун дар доираи фанни математика ба назар намерасад. Ин ду амал дар таълими барномасозӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд [7]. Имконоти онҳо дар барномасозӣ бештар буда, мавқеи хоса доранд, зеро дар аксар масъалаҳои барномасозӣ татбиқ мегарданд. Бинобар ин зарур аст, ки омӯзгори фаннӣ ин ду амалро дар раванди таълими барномасозӣ ба хонандагон бо як пайдарпайии муайян ва аз ҷиҳати методӣ асоснок омӯзонад. Донишҳоро оид ба ин ду амал ташаккул дода, инкишоф диҳад.

Ибтидои таълими амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсимро бо типи ададии натуралӣ оғоз мекунем. Дар ҳолати умум, агар тағйирёбандаҳои m ва n тағйирёбандаҳои

типашон ададии натуралӣ бошанд, пас ин амалҳо дар забони барномасозии PascalABC.Net ин тавр навишта мешаванд:

m **div** n; m **mod** n;

Дар натиҷаи иҷрои амали m **div** n амали тақсими бутун иҷро шуда, қисми бутун аз иҷрои амали тақсими m ба n баргардонида мешавад. Масалан:

1. 58 **div** 8 = 7;
2. 2015 **div** 151 = 13;
3. 3257 **div** 971 = 3;
4. 904 **div** 1063 = 0.

Аз мисоли охирон дида мешавад, ки агар қимати тақсимшаванда аз тақсимкунанда хурд бошад, пас натиҷаи амали тақсими бутун ҳамавақт 0 мегардад.

Дар натиҷаи иҷрои амали m **mod** n амали тақсими бақиядор иҷро шуда, бақияи тақсим аз иҷрои амали тақсими m ба n баргардонида мешавад. Масалан:

1. 58 **mod** 8 = 2;
2. 2015 **mod** 151 = 52;
3. 3257 **mod** 971 = 344;
4. 904 **mod** 1063 = 904.

Аз мисоли охирон дида мешавад, ки агар қимати тақсимшаванда аз тақсимкунанда хурд бошад, пас натиҷаи амали тақсими бақиядор ҳамавақт ба тақсимшаванда баробар мегардад.

Бартарияти иҷрои амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим дар ифодаҳо ба амалҳои одии зарб ва тақсим, ки болотар омӯхта будем, баробар аст. Яъне кадоме аз онҳо якум истода бошад, ҳамон иҷро мегардад. Бо истифода аз қавсҳо ин тартибро низ тағйир додан имкон аст. Масалан:

1. 4.5+127 **div** 8*12 = 184.5; *Шарҳ*: дар аввал амали тақсими бутун **div** иҷро мегардад, зеро аз чап ба рост ин амал дар аввал истодааст ва натиҷааш 15 мегардад; баъдан ададии ҳосилшудаи 15 ба ададии 12 зарб карда мешавад ва ададии 180 ҳосил мешавад; дар охир ин адад ба ададии 4,5 ҷамъ карда шуда, ададии 184,5 ҳосил мегардад;
2. 30/12+251 **mod** 18 **div** 2*3+4.2*5 = 47.5; *Шарҳашро бо таври алгоритмӣ меорем*: 1) 30/12=2.5; 2) 251 **mod** 18 = 17; 3) 17 **div** 2 = 8 (дар инҷо 17 ҷавоби амали қадами 2) аст); 4) 8*3=24 (дар инҷо 8 ҷавоби амали қадами 3) аст); 5) 4.2*5=21; 6) 2.5+24=26.5 (дар инҷо 2.5 ҷавоби амали қадами 1) аст; 24 ҷавоби амали қадами 4) аст); 7) 26.5+21=47.5 (дар инҷо 26.5 ҷавоби амали қадами 6) аст; 21 ҷавоби амали қадами 5) аст).

Раванди минбаъдаи омӯзиши амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим истифодабарии типи додаҳои бутуни манфӣ ба ҳисоб меравад ва дар умум ба таври омехта омӯзонида мешаванд. Бартарияти иҷрои амалҳо тағйир намеёбад, танҳо аломати ададҳои типашон бутун (аломати бинарӣ) тағйир меёбад. Онҳоро ба хонандагон бо мисолҳо омӯзонида, фаҳмонидан мувофиқи мақсад аст.

1. Бигузор типи тағйирёбандаи r ададии бутуни манфӣ ва t ададии натуралӣ бошад. Пас дар ин маврид натиҷаи иҷрои амалҳои r **mod** t ва r **div** t ададии бутуни манфӣ мегарданд. Масалан -127 **mod** 8 = -7 ва -127 **div** 8 = -15.
2. Бигузор типи тағйирёбандаи r ададии натуралӣ ва t ададии бутуни манфӣ бошад. Пас дар ин маврид натиҷаи иҷрои амали r **div** t ададии бутуни манфӣ ва натиҷаи иҷрои амали r **mod** t ададии натуралӣ мегардад. Масалан 127 **mod** -8 = 7 ва 127 **div** -8 = -15.
3. Бигузор типи тағйирёбандаҳои r ва t ададии бутуни манфӣ бошанд. Пас дар ин маврид натиҷаи иҷрои амали r **mod** t ададии бутуни манфӣ ва натиҷаи иҷрои амали r **div** t ададии натуралӣ мегардад. Масалан -127 **mod** -8 = -7 ва -127 **div** -8 = 15.

Аз курси математика медонем ва дар барномасозӣ такроран омӯхтем, ки ҳосили зарб ё тақсими ду ададии аломаташон якхела ададии мусбат ва дар ҳолати аломаташон гуногун будан ададии манфӣ ҳосил мешавад. Тавре аз мисолҳои 1-3 –и охирон маълум мегардад, ҳангоми иҷрои амалҳои тақсими бутун **div** ва бақияи аз тақсим **mod** ин қоидаҳо тағйир меёфтаанд. Омӯзгори фаннӣ ҳангоми бо мисолҳо фаҳмонидани ин фарқиятҳо, дар хонандагон донишҳоро оид ба иҷрои амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим бо типи додаҳои омехтаи ададии бутун ташаккул дода, минбаъд онҳоро инкишоф медиҳад. Инҷо чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст: 1) Ҳангоми иҷрои амали тақсими бутун, агар танҳо яке аз он ададҳо (тағйирёбандаҳо) ададии бутуни манфӣ бошад, пас натиҷаи иҷрои амали тақсими бутун ададии бутуни манфӣ мегардад ва агар ҳарду аломати якхела дошта бошанд, пас ададии натуралӣ мегардад; ин монанд ба амали тақсими одӣ аст. 2) Ҳангоми иҷрои амали бақия аз тақсим, агар тақсимшаванда ададии бутуни манфӣ ва тақсимкунанда ададии натуралӣ бошад ё

ҳардушон адади бутуни манфӣ бошанд, пас натиҷаи иҷрои амали бақия аз тақсим адади бутуни манфӣ мегардад; агар тақсимшаванда адади натуралӣ ва тақсимкунанда адади бутуни манфӣ бошад, пас натиҷа адади натуралӣ мегардад; яъне ҳангоми иҷрои амали бақия аз тақсим дар натиҷа танҳо аломати тақсимшаванда ба инобат гирифта мешавад; ин фарқият аз амали тақсими одӣ аст.

Дар барномасозӣ номгӯйи зиёди мисолу машқҳо оид ба рақамҳои (разрядҳои) адади натуралии бисёррақама мавҷуданд [6; 7]. Дар ин маврид барои дар алоҳидагӣ маълум намудани он рақамҳо аз амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим низ истифода мебаранд. Бояд қайд кард, ки ҳангоми иҷрои амали бақия аз тақсим ба адади 10 ҳамавақт рақами аз тарафи рост якум, яъне воҳиди адад ҳосил мешавад (594 **mod** 10 =4). Ҳангоми иҷрои амали тақсими бутун ба адади 10 ададе ҳосил мешавад, ки рақами аз тарафи рост якуми он адад, яъне воҳиди адад партофта шудааст (594 **div** 10 =59). Ҳаминтавр иҷрои ин ду амал боз такрор иҷро карда, дигар рақамҳои ададро ҷудо мекунанд. Ин як варианти кор аст, ки дар он амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим татбиқ мегарданд.

Хулоса, амалҳои арифметикӣ ва аломатҳои онҳоро дар раванди таълими барномасозӣ бо чунин пайдарпайӣ ба хонандагон омӯзонида, донишҳо оид ба онҳоро ташаккул додан мумкин аст:

1. Омӯзонидани амалҳои арифметикии ҷамъ ва тарҳ ва аломати онҳо;
2. Омӯзонидани амалҳои арифметикии зарб ва тақсим ва аломати онҳо;
3. Омӯзонидани амали арифметикии бадараҷабардорӣ ва аломати он;
4. Омӯзонидани бартарияти иҷрои амалҳои арифметикӣ ва тағйир додани онҳо бо истифода аз қавсҳо;
5. Омӯзонидани амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим ва бартарияти онҳо дар иҷрои амалҳо.
6. Ҳосил намудани адади бутуни манфӣ ё адади натуралӣ зимни иҷрои амалҳои тақсими бутун ва бақия аз тақсим бо ададҳои бутуни манфӣ ва натуралӣ.

### *Адабиёт*


1. *Қурбонов С., Нугмонов М., Ниёзов Ф., Ҷумъаев К.Қ. Маърифати таълим, ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни математика. – Душанбе, 2012. –79 с.*
2. *Бегимов Ҳ.Х., Рабиев С., Раҷабов Т.Б., Наҷмиддинов А.М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ // Душанбе – 2020. - 233 с.*
3. *Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net (Китоби дарсӣ барои МТО ва МК) // - Душанбе, ҶДММ Меҳроҷ-Граф, 2021.* - 756 с.
4. *Назаров А.П. Методикаи таълими информатика / А.П. Назаров // Китоби дарсӣ. Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф,* 2019. - 462 с.
5. *Осипов А. В. PascalABC.NET: введение в современное программирование. Электронная книга на сайте http://pascalabc.net*
6. *Комилиён Ф. С. Технологияи иттилоотӣ / Ф.С. Комилиён // Китоби дарсӣ. - Душанбе, 2019. - 202 с.*
7. *Назаров А. П., Абдукаримов М. Ф. Маҷмуаи масъалаҳо барои барномасозии компютерӣ. – Душанбе, 2016.*


## ДАР ХОНАНДАГОН ТАШАККУЛ ДОДАНИ ДОНИШҲО ОИД БА АЛОМАТИ АМАЛҲОИ АРИФМЕТИКӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ БАРНОМАСОЗӢ


Ифодаҳои арифметикӣ ва алгебравӣ дар натиҷаи бо ҳам вобастагардонии якчанд ададҳо ва тағйирёбандаҳо бо истифода аз аломатҳои амалҳои арифметикӣ ташкил карда мешаванд. Дар забонҳои барномасозӣ қисме аз аломатҳои амалҳои арифметикӣ бо аломатҳои дар математика буда монанданд, аз ҷумла ҷамъ ва тарҳ. Дигар аломатҳои амалҳои арифметикии дар забонҳои барномасозӣ истифодашаванда аз аломатҳои дар математика буда фарқ мекунанд, масалан зарб ва тақсим. Бинобар ин зарурати дар хонандагон ташаккул додани донишҳо оид ба аломати амалҳои арифметикӣ дар раванди таълими барномасозӣ ба миён меояд. Бартарияти иҷрои амалҳои арифметикӣ дар барномасозӣ нақши хеле муҳим доранд. Иловатан амалҳои тақсими бутун ва бақияи аз тақсим дар раванди омӯзиши барномасозӣ таълим дода меашванд. Дар кори мазкур методологияи ба хонандагон омӯзонидани аломати амалҳои арифметикӣ ва ташаккул додани донишҳо оид ба ин аломатҳо мавриди коркард ва омӯзиш қарор дода мешаванд.



**Калидвожаҳо:** аломатҳо, амалҳо, амалҳои арифметикӣ, бартарияти амалҳо, ифодаи ададӣ, ифодаи алгебравӣ, дониш, ташаккулдиҳии дониш, қавсҳои иловагӣ, дараҷаи дараҷа.


## ФОРМИРОВАНИЕ У УЧАЩИХСЯ ЗНАНИЙ О ЗНАКАХ АРИФМЕТИЧЕСКИХ ОПЕРАЦИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИИ ПРОГРАММИРОВАНИЯ


Арифметические и алгебраические выражения образуются в результате взаимозависимости нескольких чисел и переменных с помощью знаков арифметических операций. В языках программирования некоторые знаки для арифметических операций аналогичны символам в математике, например сложение и вычитание.

Другие знаки арифметических операций, используемые в языках программирования, отличаются от используемых в математике, таких как умножение и деление. Поэтому возникает необходимость в формировании у учащихся знаний о знаках арифметических операций в процессе обучения программированию. Арифметические операции очень важны в программировании. Кроме того в процессе обучения программированию изучаются целочисленное деление и остаток от деления. В данной работе будет разработана и изучена методология обучения учащихся знакам арифметических действий и формирования знаний об этих знаках.
**Ключевые слова**: знаки, операции, арифметические операции, приоритеты операций, числовое выражение, алгебраическое выражение, знание, формирование знаний, дополнительные скобки, степень степени.

## FORMATION OF STUDENTS' KNOWLEDGE ABOUT THE SIGNS OF ARITHMETIC OPERATIONS IN THE PROCESS OF LEARNING PROGRAMMING

Arithmetic and algebraic expressions are formed as a result of the interdependence of several numbers and variables using the signs of arithmetic operations. In programming languages, some symbols for arithmetic operations are similar to symbols in mathematics, such as addition and subtraction. Other arithmetic operators used in programming languages differ from those used in mathematics, such as multiplication and division. Therefore, there is a need to develop students' knowledge about the signs of arithmetic operations in the process of teaching programming. Arithmetic operations are very important in programming. In addition, in the process of learning to program, integer division and the remainder of division are studied. In this work, a methodology for teaching students the signs of arithmetic operations and the formation of knowledge about these signs will be developed and studied.
**Keywords**: signs, operations, arithmetic operations, priorities of operations, numerical expression, algebraic expression, knowledge, knowledge formation, additional brackets, degree of degree.

## Дар бораи муаллифон

**Назаров Аҳтам Пулотович**
Дотсенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионь
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 516 61 01
E-mail: ahtam_69@mail.ru

**Умедҷони Хайрулло**
Омӯзгори кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 80 63 07
E-mail: umedjonikhairullo@gmail.com

## Об авторах

**Назаров Ахтам Пулатович**
Доцент кафедры кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 516 61 01
E-mail: ahtam_69@mail.ru

**Умедҷони Хайрулло**
Преподователь кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 80 63 07
E-mail: umedjonikhairullo@gmail.com

## About the authors

**Nazarov Ahtam Pulotovich**
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 516 61 01
E-mail: ahtam_69@mail.ru

**Umedjoni Chayrullo**
Assistant in the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 80 63 07
E-mail: umedjonikhairullo@gmail.com

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ГЕОГРАФИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ФАЪОЛСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁН

***Акобиров Ш. З., Табаруков М. И.***
*Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ сайёраро фаро гирифтааст, зарурати аз худ намудани донишҳои географӣ оид ба табиат, ҷаҳони пурасрор ва гуногунию динамикаи тағйирёбандагии он, алоқамандии табиат, аҳолӣ ва хоҷагӣ дар сатҳи ҳудудҳои алоҳида, ҷанбаҳои географии мушкилотҳои глобалии башар ва роҳҳои ҳалли онҳо, усулҳои омӯзиши фазои географӣ, гуногунии объектҳо ва равандҳои он беш аз пеш эҳсос мешавад.

Омӯзиши фанни география дар баландбардории завқи донишандузӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, суханварию сухандонӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангии миллату халқиятҳои кишвари худ ва ҷаҳон, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, тарбияи экологӣ, василаи ба даст овардани дониш дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон ва табиат, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ, фаъолгардонии доираи донишҳои географӣ ва ташаккулёбии салоҳиятҳои донишҷӯён нақши муҳим дорад. Аз ин сабаб, бо дарназардошти тақозои ҷаҳони муосир донишҷӯеро бояд тарбия намуд, ки дорои тафаккури баланди эҷодию интиқодӣ ва босалоҳият буда, дар тазодҳои ҳаёти имрӯза рақобатпазир бошад. Ҳоло натиҷаҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ на танҳо ба ташаккули дониши донишҷӯён, инчунин мебояд ба рушди маҷмуи салоҳиятҳои марбут ба соҳаҳои зеҳнӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иртиботӣ (коммуникативӣ), иттилоотӣ ва дигар нигаронида шавад [1].

Зеро талаботи асосии ҷаҳони муосир ба хатмкунанда (мутахассис)-и оянда аз ин қабил ба шумор меравland: ба ҳаёти зудтағйирёбанда омода будан; возеҳ дарк кардан, ки дар куҷо ва чӣ тавр донишҳои андӯхтаро метавон ҳамчун мутахассис истифода кард; қобилияти ба вуҷуд овардани ғояҳои навро дошта, эҷодкорона фикррониӣ намудан; дуруст таҳлил кардани иттилоот ва коркарди он; бахри рушди зеҳнӣ, ахлоқӣ ва дараҷаи маърифатии худ доштани маҳорати мустақилона кор кардан.

Олими рус А. В. Хуторский салоҳиятҳои асосӣ (калидӣ)-ро чунин таснифот намудааст: салоҳияти арзиши-семантикӣ, фарҳангӣ-умумӣ, таълимӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ, меҳнатӣ худогоҳии шахсӣ [5]. Ба ақидаи ӯ дар байни онҳо мавқеи салоҳияти коммуникативӣ бештар аст, зеро муошират шарти зарурии рушд ва роҳи амалӣ намудани тамоми салоҳиятҳо мебошад.

Моҳияти салоҳияти коммуникативӣ, ин муошират кардан, ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак, мубодилаи афкор, дар мубоҳисаҳо баромад намудан, қаноатманд кардани рақибон ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти муштаракро омӯхтан мебошад.

Дар шароити имрӯза, мушоҳидаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки мушкилии ҷиддии аксари донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ дилсардӣ, тираандешагӣ ва камгапӣ мебошад. Онҳо дар муошират мушкилӣ дошта, ҳамдигарро гӯш карда наметавонанд, дар ошкор баён намудани ақидаи худ шарм дошта, дар чигуна боэҳтиромона ислоҳ ё пурра кардани ҷавоби ҳамсабақони худ дармемонанд. Шармгинӣ ҳангоми баёни нутқ барои онҳо монеа дошта, донишҷӯён хомуш мемонанд, нутқи онҳо ташаккул намеёбад, ки ин боиси паст гардидани эътимод ба худ ва баъдан муваффақият дар таълим мебошад.

Шахс маҳз дар ҷараёни муошират бо дигарон таҷрибаи умумиинсониро омӯхта, соҳиби дониш, малакаву маҳорат ва салоҳиятҳои умумӣ мегардад, тафаккур ва худогоҳии он ташаккул ёфта, дар он идеал ва эътиқод пайдо мегардад.

Стратегияи навсозии мазмуни таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси гузариш аз модели донишандӯзӣ ба модели муносибати босалоҳият дар таълим нигаронида шудааст.

Дар асоси ҳадафҳои гузошташуда, мебояд омӯзгор роҳу усулҳоеро истифода барад, ки бо истифода аз технологияи таълими фаъол малакаҳои мустақилона бо маводи таълимӣ кор карда тавонистани донишҷӯён рушд ёбанд.

Усулҳои таълим дар азхудкунии донишу малака, ташаккул ва рушди салоҳиятҳои донишҷӯён ҷиҳати иҷрои мақсадҳои таълим мусоидат намуда, имкон медиҳанд, ки фаъолияти омӯзгор ва донишҷуён тарзе ташкил карда шавад, ки ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда созгор буда, натиҷаҳои интизоршаванда ҳосил шаванд.

Ҳангоми истифодаи методҳои гуогун мавқеи омӯзгор ва донишҷӯ тағйир меёбад. Омӯзгор аксар вақт субъекти таълим (воҳиди фаъол) ва таълимро ҳамчун объект (воҳиди пассив) муаррифӣ мекунад. Аммо ин вазъ дар раванди таълим метавонад ва бояд тағйир ёбад, хусусан ҳангоме, ки донишҷӯ низ иштирокчии фаъоли таълим мегардад ва ҳамкории мақсаднок байни омӯзгору донишҷӯ ба вуҷуд меояд.

Ба шарофати истифода ва интихоби усулҳои фаъол байни мақсад, мазмун ва натиҷаи раванди таълим робитаҳо пайдо гардида, натиҷаи таълим дар дониш, маҳорат, муносибат ва малакаю салоҳияти соҳибгардидаи донишҷӯён мушоҳида мешавад. Интихоби усул аз хусусиятҳои хоси фанни таълимӣ, вазифаҳои муайяни дидактикӣ, дониши донишҷӯён, вазъ, воситаҳои воқеи ва таҷрибае, ки омӯзгор дорад вобаста аст.

Дар таълим се усули фаъолияти мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯён мавҷуд аст: усулҳои ғайрифаъол (пассив); усулҳои фаъол (актив); усулҳои интерактивӣ.

Усули ғайрифаъол шакли ҳамкории донишҷӯён ва омӯзгор аст, ки дар он омӯзгор шахси асосии амалкунанда ва идоракунандаи раванди машғулият (дарс) буда, донишҷӯ таҳти роҳнамоии он нақши шунавандагони ғайрифаъолро иҷро мекунанд. Робитаи омӯзгор бо донишҷӯён бо роҳи пурсиш, саволу ҷавоб, корҳои мустақилона ва назоратӣ ва ғайра сурат гирифта, азхудкунии дониш барои донишҷӯён бо усули ғайрифаъол чандон муассир нест.

Усули фаъол шакли ҳамкории донишҷӯён ва омӯзгор буда, дар рафти машғулият онҳо ҳамкорӣ мунтазам намуда, иштирокчиёни фаъоли машғулият мебошанд. Агар усули ғайрифаъол амали авторитариро дар бар гирад, усули фаъол бештар хусусияти демократӣ дорад. Усули **фаъол** ва **интерактивӣ** ҳарчанд умумият дошта бошанд ҳам, байнашон фарқият дида мешавад.

Усулҳои интерактивӣ **(«inter»** - ин байниҳамдигарӣ, **«act»** - амал кардан) усулҳое мебошанд, ки ҳамкории мутақобилоро мефаҳмонад, яъне дар ҳолати муошират будан, ҳамкорӣ бо касеро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, бар хилофи усулҳои фаъол усулҳои интерактивӣ ба ҳамкории васеъи донишҷӯён на танҳо бо омӯзгор, балки байни якдигар ва бартарии фаъолнокии донишҷӯён дар раванди таълим нигаронида шудааст.

Омӯзиши интерактивӣ шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ буда, ҳадафҳои мушаххас ва пешбинишавандаро дар бар мегирад. Шакли интерактивии таълим, пеш аз ҳама дар ҳамкории байни омӯзгору донишҷӯ, инчунин донишҷӯ бо донишҷӯ сурат мегирад.

Вазифаҳои шаклҳои интерактивии таълим аз инҳо иборатанд: шавқи донишҷӯро бедор мекунад; ҳар якеро барои иштироки фаъол дар раванди омӯзиш ҳавасманд мегардонад; ба эҳсоси ҳар як донишҷӯ равона мешавад; қобилияти хуби азхудкунии маводи таълимиро дорад; таъсири ҳамаҷониба ба донишҷӯён мерасонад; робитаи мутақобила амалӣ мегардад; ақида ва муносибати донишҷӯёнро ба назар мегирад; малакаҳои ҳаётиро ташаккул медиҳад; барои тағйироти рафтор мусоидат мекунад; дар ташаккул ва рушди салоҳиятҳои донишҷӯён мусоидат менамояд [4].

Ҳангоми истифодаи шаклҳои интерактивӣ нақши омӯзгор марказӣ барҳам хурада, он танҳо раванди таълимро танзим мекунад, супоришҳои заруриро пешаки омода намуда, савол ва мавзуҳоро барои муҳокима дар гурӯҳҳо тартиб медиҳад, машварат медиҳад, тартиби иҷрои кор ва фаъолияти донишҷӯёнро назорат мекунад. Дар натиҷа онҳо зарур мешуморанд, ки бо якдигар муошират намоянд, супоришҳоро якҷоя ҳал кунанд, ихтилофҳоро бартараф намоянд, якҷоя амал кунанд, мусолиҳа намоянд.

Ҷорӣ намудани шаклҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳими такмили омода намудани донишҷӯён ҳамчун мутахассиси оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Нигоҳ накарда ба он ки шакли интерактивии таълим аз ҷониби аксар омӯзгорон хуб пазируфта нашудааст, мо наметавонем ақидаи муҳаққиқонеро, ки дар ин самт таҳқиқот гузаронида ва ин шакли омӯзишро барои донишҷӯён роҳи беҳтарини таълим мешуморанд

сарфи назар намоем. Зеро донишҷӯён тавассути чунин усулҳо маводи омӯзишро бо осонӣ фаҳмида, ҳангоми иштироки фаъолона маълумотро бештар дарк намуда, дар хотир нигоҳ медоранд, мустақилона андеша ронда, барои ин ё он масъаларо ҳал намудан, аз сарчашмаҳои гуногуни дониш истифода бурда, эҷодкорона ҳамгиро намудани ғоя ва маълумотҳоро меомӯзанд [2].

Дар шароити муосир навовариҳои асосии методӣ бештар бо истифода аз усулҳои интерраквтивии таълим ба даст меоянд.

Раванди таълиме, ки бо истифода аз усулҳои интерактивӣ асос ёфтааст, бидуни истисно бо дарназардошти ҷалби кулли донишҷӯёни гурӯҳ ба омӯзиш ташкил карда мешавад. Фаъолияти муштарак маънои онро дорад, ки ҳар як нафар дар раванди таълим саҳми шахсии худро мегузорад, ҳангоми кор дар гурӯҳҳо табодули дониш, афкор ва тарзи фаъолият сурат мегирад. Корҳои инфиродӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ, лоиҳавӣ ва бозиҳои таълимӣ истифода гардида, фаъолияти корӣ бо манбаҳои гуногуни маълумот амалӣ карда мешавад. Усулҳои интерактивӣ ба принсипҳои фаъолияти мутақобила ва фаъолии донишҷӯён асос меёбад [4]. Ин шакли таълим муҳити муоширати таълимиро ба вуҷуд оварда, дар он ошкорбаёнӣ, ҳамкорӣ, баробарии таҳлили аргументҳо, ғанӣ гардидани донишҳои муштарак, имкони арзёбӣ ва назорат намудани ҳамдигар ба вуҷуд меояд. Омӯзгор донишҷӯёнро ба ҷустуҷуи мустақилона роҳнамоӣ мекунад, фаъолии омӯзгор ба фаъолии донишҷӯён иваз мешавад, барои амалӣ намудани ташаббусҳои донишҷӯён шароити мусоид фароҳам меоварад ва вазифаи роҳнаморо соҳиб мегардад.

Хулоса, татбиқи усулҳои интерактивии таълим яке аз самтҳои муҳимтарини баландбардории сатҳи омодагии донишҷӯён дар муассисаҳои олӣ буда, шарти ҳатмии самаранок татбиқ намудани муносибати босалоҳият дар таълим мебошад, ки донишҷӯ дар асоси принсипҳои таълим бидуни маҷбурсозӣ - серталабӣ дар асоси эътимод; дилгармӣ ба касб; серталабие, ки боиси муваффақият гардад; боварӣ ба худ доштан ва ташаббускор гардидан, муносибатро бо онҳо тағйир диҳем. Танҳо дар ҳамин сурат метавонем салоҳияти коммуникативии донишҷӯёнро ташаккул диҳем.

### *Адабиёт*


1. *Акобиров Ш. З., Самиев А.М.Ташаккули салоҳ ияти коммуникативии хонандагон дар таълими фанни география // Маҷалаи «Маърифати омӯзгор». - Душанбе, 2020. - №5. – С. 38-41.*
2. *Гулакова М. В., Харченко Г. И. Интерактивные методы обучения в вузе как педагогическая инновация // Концепт. – 2013. – № 11 (ноябрь).*
3. *Кукушкин В. С. Теория и методика обучения. – Ростов н/Д.: Феникс, 2005. – 474 с.*
4. *Мухаметжанова А.О., Айдарбекова К.А., Мухаметжанова Б.О. Интерактивные методы обучения в вузе // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2016. – № 2-1. – С. 84-88.*
5. *Хуторский А.В. Дидактическая эвристика. Теория и технология креативного обучения. – М.: Изд-во МГУ, 2003. – 416 с.*


## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ГЕОГРАФИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ФАЪОЛСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВИИ ДОНИШҶӮЁН


Дар мақола шаклу усулҳои интерактивии гузаронидани дарсҳо, хусусиятҳои татбиқи онҳо, натиҷаҳои умумӣ ва таъсири омӯзиши интерактивӣ дар таълими география ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти коммуникативии донишҷӯён баррасӣ карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** усулҳои интерактивии таълим, технологияи интерактивӣ, салоҳиятҳои коммуникативӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ НА УРОКАХ ГЕОГРАФИИ КАК СРЕДСТВО АКТИВИЗАЦИИ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И РАЗВИТИЯ КОММУНИКАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ


В статье рассматриваются интерактивные формы и методы проведения занятий, особенности их применения, общие результаты и эффекты интерактивного обучения в преподавании география как средство развитии коммуникативные компетенции студентов.



**Ключевые слова:** интерактивные методы обучения, интерактивные технологии, коммуникативные компетенции.

## USE OF INTERACTIVE LEARNING METHODS IN GEOGRAPHY LESSONS AS A MEANS OF ACTIVATION OF LEARNING ACTIVITIES AND DEVELOPMENT OF STUDENTS' COMMUNICATION COMPETENCES

The article deals with interactive forms and methods of conducting classes, features of their application, general results and effects of interactive learning in teaching geography as a means of developing students' communicative competences.

**Keywords**: interactive teaching methods, interactive technologies, communicative competences.

### Дар бораи муаллифон

**Акобиров Шосафар Зулфиёрович**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими калони озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии “Такмили маҳорати педагогӣ”
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф
Тел.: (+992) 919 03 10 49
E-mail: kamchac@mail.ru

**Табаруков Муборакшо Искандарович**
Номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Тел.: (+992) 900 99 39 00
E-mail: muborakshohtabarukov@gmail.com

### Об авторах

**Акобиров Шосафар Зулфиёрович**
Кандидат экономических наук, доцент, старший научный сотрудник научно-исследовательской лаборатории «Повышение педагогического мастерсва»
Республиканский институт повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования
Тел.: (+992) 919 03 10 49
E-mail: kamchac@mail.ru

**Табаруков Муборакшо Искандарович**
Кандидат географических наук, доцент кафедры экономической и социальной географии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
Тел.: (+992) 900 99 39 00
E-mail: muborakshohtabarukov@gmail.com

### About the authors

**Akobirov Shosafar Zulfiyorovich**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Senior Researcher of the Research Laboratory "Improving Pedagogical Excellence"
Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Educational Workers
Ph.: (+992) 919 03 10 49
E-mail: kamchac@mail.ru

**Tabarukov Muboraksho Iskandarovich**
Кандидат географических наук, доцент кафедры экономической и социальной географии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
Ph.: (+992) 900 99 39 00
E-mail: muborakshohtabarukov@gmail.com

ТДУ 004.92+004.946 (2-тоҷ)

# ТАҲИЯИ ПРЕЗЕНТАТСИЯ ВА ИСТИФОДАИ ТАХТАИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАНГОМИ ТАДРИСИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

***Сулаймонов У. И.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб*
*ба номи А. Рӯдакӣ*

Истифодаи презентатсия дар раванди машғулияти дарсӣ – ин яке аз роҳҳои босамари ҷалби донишҷӯён ва аудиторияи маҷозӣ барои омӯзиши мақсаднок мебошад. Ба воситаи презентатсия мо метавонем маълумотро дар мавзуи интихобшуда ба таври аниқу фаҳмо пешкаши ҳамагон намоем. Презентатсия ба мо имконият медиҳад, ки ҳангоми тадриси фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таҳияи мавод истифода намудан аз расм, ҷадвал, график, видео, аниматсия ва аудио раванди таълимро ба маротиб оммафаҳм менамояд.

Мақсади асосии таҳияи презентатсия:

–намоиши маводи таълимӣ ба таври возеҳ у равшан;

–идоракунии фаъолммияи аудитория дар раванди машғулият;

–ҷ амъбаст намудан ва ба низом даровардани дониш, малака, маҳорат;

–намоиши рекламаҳо ва хизматрасониҳо.

Таҳияи презентатсия шартҳои зеринро талаб менамояд:

1. муайян намудани мавзуъ ва равияи презентатсия;
2. сохтани нақшаи презентатсия;
3. банақшагирӣ, ҷойгиркунии маълумот дар слайдҳо.

Презентатсияро ба намоиш гузоштан мумкин аст:

–дар компютер;

–ба воситаи тахтаҳ ои электронӣ ;

–тавассути телевизорҳои ҳаҷман калон;

–дар сомонаҳ ои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ.

Усули сохтани презентатсияи мултимедӣ:

–пешниҳ оди мухтасари маводи иттилоотӣ оид ба мавзуъ;

–назаррас будани иттилоот дар аудитория ва таҷҳизот;

–тартиби мунтазамӣ дар ҳама ҳолат;

–мавҷудияти сарлавҳаҳои кутоҳ ва мухтасар;

–рӯйхати нишонадор ва рақамгузошташуда;

–иттилооти асосиро (масалан, хулоса, қоидаҳо, қонунҳо ва ғ.) бо ҳарфҳои калон ва ҳуруфи муайян навиштан лозим аст;

–иттилооти дуюминдараҷаро дар поёнии слайд гузоштан лозим аст;

–аз ҷадвалҳо (диаграммаҳо, нақшаҳо) истифода намуда, иттилоотро дар шакли мухтасар пешниҳод намоед;

–графика бояд бо матн мувофиқ бошад;

–эзоҳи ҷадвалҳо ва расмҳо дар як слайд ҷойгир карда шаванд ва якҷоя намоиш дода шаванд;

–замимаи слайд бо ранги матн мувофиқ бошад;

–ҳамаи иттилооти матниро бодиққат санҷидан лозим аст, то ки дар он хатогиҳои имлою грамматикӣ мавҷуд набошад.

Хусусиятҳои асосии сохтори презентатсия:

–пайвасти ду ранг – ранги матн ва ранги замима ба бинанда таъсири худро мерасонад. Ҳангоми мувофиқати нодурусти рангҳо хасташавии чашм ба назар мерасад;

–дилхоҳ объекти дуюминдараҷаи аниматсионӣ сифати маводро паст намуда, диққатро ҷалб намуда, ҷараёни онро халалдор менамояд;

–ҳангоми намоиши слайдҳо садоҳои беасос ва аниматсияҳои нолозим ҷараёни машғулиятро халалдор менамояд;

–ҳар як слайд бояд як фикрро намоиш диҳад;

–матн бояд аз калимаҳои кутоҳ ва ҷумлаҳои сода таҳия шавад;

–дарозии ҷумла аз 6 то 8 калима иборат бошад;

–дар як слайд аз 6 то 8 ҷумла ҷойгир карда шавад;

–миқдори умуми калимаҳо дар як слайд аз 50 зиёд набошад;

–сарлавҳаҳо бояд диққати аудиторияро ба худ ҷалб намуда, мавқеи умумии слайдро муайян намояд. Дар сарлавҳаҳо ҳам ҳарфҳои калон ва ҳам хурд истифода шавад;

–слайдҳо набояд диққатҷалбкунанда бошанд, чунки ороиши аз ҳад зиёд ва нолозим ҷиҳатҳои маълумотнокии презентатсияро аз байн мебарад;

–ҳамаи слайдҳои презентатсия бояд бо як тарз ва як намуди ҳуруф таҳия карда шаванд.

Дар таҳияи мақола ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дастуру монография ва мақолаҳои илмии олимони хориҷӣ Ж.А. Денисова М.К. Денисов (соли 2008), Б.С. Братусь (соли 2009), Н.В. Махонькова Л.В. Мокрушина (соли 2012), Н.В. Сидавова (соли 2015), И.Д. Рудинский (соли 2018), Д.Лазеров (соли 2020), А.Н. Сёмин, Д.А. Адыканов (соли 2021), Я.Л. Алиев К.И. Воронков А.И. Числов (соли 2022) ва инчунин олимони ватанӣ Ф.С. Комилиён (соли 2005-2018), Б. Саидов, С. Гадоев (соли 2007), Х.М Аслонова, А.Г. Солиев (соли 2009), Ф. Мирзоахмедов, У. Воҳидов, Ф. Соҳибов (соли 2012), Р.С. Шарипов (соли 2014), Ф.С. Комилиён, И. Қосимов, Р.Ҷ. Давлатов, Ш.Х. Тағоев (соли 2018) Б.Ф. Файзализода, (соли 2021), У.Т. Қурбонова (соли 2020) ва ғайра шинос гардида аз онҳо дар таҳқиқоти худ истифода намудем.

Дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ қайд гардидааст, ки дар ҳаёт ҳар як шахс мехоҳад, ки соҳиби эҳтиром ва нуфузи зиёд гардад. Ба ҳамин хотир ӯ кушиш мекунад, ки оид ба фаъолияти кори худ роҳҳои ҳарчи осонтару қулайтаро истифода намояд. Барои таҳияи презентатсия барномаи Microsoft Power Point ва дигар барномаи намоиширо истифодабарандагон барои андешаҳояшонро ба диққати дигарон расонидан истифода мебаранд [8, с. 140-142].

Ин барнома имконият медиҳад, ки Шумо маърузаатонро дар назди шунавандагон ба таври равшану возеҳ намоиш диҳед ва идеяҳоятонро ба шунавандагон расонед. Ба ғайр аз ин слайдҳо, ҷадвалҳо ва расмҳои гуногуне, ки ҳангоми суханронӣ якдигарро иваз мекунанд, шуморо аз масъалаи дар хотир нигоҳ доштан хеле кумак мекунад.

Барномаи MS PowerPoint яке аз барномаҳои пакети Microsoft Office буда, барои сохтани презентатсия (намоиш) намудани слайдҳо истифода бурда мешавад.

Барномаи мазкур барои сохтан ва аз экрани компютер бо кӯмаки проектор намоиш додани слайдҳо (намоиши электронӣ) имконият медиҳад. Слайдҳои ин барномаро мо дар шабакаи Internet ҳам барои дигар истифодабарандагон намоиш дода метавонем.

Таърихи пайдоиши барномаи MS PowerPoint – ро ба донишҷӯи донишгоҳи Бёркли Боб Гаскинс нисбат медиҳанд. Ӯ қайд намудааст, ки асри навишти маводи интерактивӣ фаро расидааст. Соли 1984 ба ширкати Forethought ҳамроҳ шуда, Деннис Остинро ба худ ҳамкор мегирад. Боб ва Деннис бо ҳамдигар маслиҳат карда кӯшиш карданд, ки барномаи Presenter мураттаб карда шавад. Деннис бо Том Рудкин ин ақидаро иловатан амалӣ намудаанд. Каме баътар Боб ба хулосае омад, ки номи барномаашро ба Power Point иваз намояд ва ин номи охирини ҳамин барнома шуд, ки то ҳол мавриди истифода қарор дорад [1, с. 5].

Намоишсозӣ яке аз воситаҳои тавоно ва асосии ҷаҳони муосир ба шумор рафта, дар заминаи он тарзи ташкили таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра барои назарандозӣ ва хулосабардорӣ пешкаши умум гардонида мешавад. Барномаи намоишсоз дорои имкониятҳои таҳия, таҳрир ва намоиш додани слайдҳои махсус мебошад. Бо ёрии онҳо, ҳамчунин, санадҳои тавассути дигар барномаҳо эҷодгардидаро, аз қабили иттилооти матнӣ, графикӣ, формулавӣ, расмӣ, ҷадвалӣ, суруду мусиқӣ ва ғайраро барои муратабсозии намойиш муттаҳид сохтан ва пешкаши истифодабарандагон ё тамошобинон гардонидан мумкин аст. [2, с. 8-17].

**Вазифаҳо:** идора намудани раванди намоиш, муайян ва идора намудани пайдарпайии намоиши слайдҳо ва гузариши байни онҳо, интихоби шакли зоҳирии слайдҳо, корбарӣ бо матнҳо, ҷадвалҳо, тасвирҳои графикӣ, сабтҳои овозӣ ва видеоӣ, истифодаи обектҳои протсессорҳои матнӣ, ҷадвалҳои электронӣ, интернет ва ғайра.

**Имкониятҳо:** аз маҷмуи слайдҳо иборат будан, бо ёрии моҳирии намоишсоз тайёр намудани намоишҳои худкор, тавассути параметрҳои соҳаи корӣ муайян намудани андоза ва тамоюли слайдҳо, ба слайдҳо вобаста кардани хусусиятҳои хосаи намоишӣ, бо истифода аз

намунаҳои ороишӣ тағир додани хосиятҳо ва сохтори рангӣ, заминавӣ ҳуруфӣ ва ғайраи слайдҳо, муайян намудан тарзи ҷойгиркунии иттилоот дар слайд: сарлавҳа, матн, расмҳо, ҷадвалҳо, навиштаҷот ва ғайра, илова намудани ҳаракатҳо (тақвият, эффект) аниматсионӣ, садоӣ, намудоршавӣ, фосилавӣ, ва ғайра ба слайдҳо илова намудан мумкин аст [11, с. 1-2].

**Мафҳуми калидӣ**

**Намоиш** (Presentation - презентатсия) – маҷмуи слайдҳо, воситаҳои пешниҳодкунӣ, маводи тақсимшаванда, матни лексияҳо ва нақшаи баромад, ки ба мавзуъи муайян бахшида шудаанд ва дар парвандаи махсус нигоҳ дошта мешаванд [9, с. 50-53].

**Слайд** (slide) – ҷузъи алоҳидаи номойиш мебошад. Ҳар як слайд метавонад иттилооти шакл ва хосиятҳои гуногундоштаро дар бар гирад: сарлавҳа, матн, график, диаграмма, ҷадвал, расм, дигар объектҳои тасвирӣ ва чандрасонаӣ, слайдҳоро ба воситаи чопгар дар қоғаз чоп намудан мумкин аст.

**Маводи тақсимшаванда** – слайдҳои намоиши, ки дар як саҳифаи қоғаз дар шакли яктогӣ, дутогӣ, чортогӣ, шаштогӣ ва ғайра чоп карда шуда, бо мақсади хаттӣ пешниҳод намудани маъруза, кори илмӣ, ва дигар иттилоотӣ паҳн карда мешавад.

**Конспекти маъруза** – шакли хурдкардашудаи тасвири чопии слайд дар матни маъруза, ки дар рафти намоиш ва баромади марӯзачӣ ба иштирокчиён тақсим карда мешавад.

Хулоса, **презентатсия-** и **MS PowerPoint** аз маҷмуи элементҳои асосӣ слайдҳо иборат мебошанд.

**Сарлавҳа** дар қисми болои слайд ҷойгир мешавад, ки дар он номи мавзуро ҷой намудан мумкин аст.

**Матни слайд** - қисми асосии слайд аст. Аксар вақт он аз рӯйхати нишонагузошта ё рақамгузошташуда иборат аст.

**Таърихи рӯз, колонтитули поён ва рақами слайд -** дар қисми поёнии слайд ҷойгир мешавад**.**

**Тахтаи электронӣ** – ин фақат як асбобест, ки ҳангоми рафти кор (дарс) истифодабаранда (омӯзгор) метавонад дарсро барои донишҷӯён ҷолиби диққат намояд, ва онро ба асбоби фаъол мубаддал гардонад.

Тахтаи электронӣ бо проектор ва компютер кор карда тасвири аз компютер баромадаро бо ёрии проектор дар тахтаи электронӣ ҳамчун экрани оддӣ намудор мегардонад. Тахтаи электрониро бо якчанд мақсад истифода мебаранд:

– бо мақсади иникоси мавзуи дарсӣ;

– бо мақсади тасвир намудани намудҳои гуногуни иттилоот (матн, овоз, графика, аниматсия, видео диаграмма, таблитса ва ғайра)-ро дар ҳолати набудани асбоби айёнии пештар омодагардида;

– бо мақсади навиштани санаҳо, факту рақамҳо ва мафҳуму ибораҳои нофаҳмо баҳри таҳлилу фаҳмондадиҳӣ ва хотирмон гардидани онҳо.

Истифодабарии доскаҳо имконият медиҳад, ки идеяҳои худро дар шакли диққатҷалбкунанда пешниҳод намоем. Дар тахтаҳои электронӣ ба таври осон иттилоотро тағйир ё ин, ки объектҳои онро иваз кардан мумкин аст. Истифодабаранда метавонанд амалиётҳои худро ба таври шаҳрдиҳи ва даҳони баён намуда, онро бо таври графикӣ, видеоӣ ё аниматсионӣ тавассути доска пешниҳод намояд.

Мушоҳида ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодабарии самараноки доскаи электронӣ барои гузаронидани дарсҳои назариявӣ, амалӣ инчунин семинарҳо, конфронсҳо ва дигар намуди ҷамъомадҳо манфиатнок ва пурсамар мебошад. Манфиат ва имконияти тахтаи электронӣ [10, с. 229-239]:

– дар муддати кутоҳи вақт пешниҳод кардани маълумоти зиёд;

– пешниҳод кардани иттилоот бо ёрии манбаҳои гуногуни чандрасонаӣ (мултимедиавӣ);

– имконияти хуби нишон додани нақша, график ва диаграммаҳо;

– равшан баён намудани фикру ақидаҳо оид ба мавзуъ;

– ҳавасмандкунонии иштирокчиён нисбат ба мавзуи интихобшуда;

– гузоштани маълумотҳои графики ва ҷадвалӣ

– сабти дарсӣ гузашта дар раванди кор бо тахтаи электронӣ;

– намоиши маводи матнӣ, ҷадвалӣ, диаграммавӣ, тасвирӣ, мусиқӣ ва ғайра;

–самаранокии маводи таълимиро баланд мекунад, қувваи таъсири он дар таълим метавонад мисли кино ва театр бошад;

–дар ташкили фаъолияти гурӯҳӣ ёрӣ медиҳад;

–усули анъанавиро ба намуди электронӣ такмил медиҳад.

Воситаҳои техникии интерактивӣ таҷҳизоти беҳамтои таълимӣ маҳсуб ёфта, онро педагогоне самаранок истифода бурда метавонанд, ки натанҳо мақсадҳои дидактикӣ, балки педагогиро дар умум возеҳ тасаввур карда, онро дар раванди саводноккунӣ (таълим) татбиқ намоянд. Дар баробари афзалияти ёдшуда, тахтаи электронӣ вазифаи (функсияи) тамоми намудҳои тахтаҳои синфиро якҷоя иҷро намуда, хусусиятҳои ба худ хосро дорост.

Воситаҳои техникии омӯзиш омӯзгоронро дар раванди таълим аз корҳои дуюмдараҷа ва хасташавӣ озод карда, бар замми ин, функсияи идоракунӣ ва роҳбарии онҳоро дар раванди омӯзиш тақвият медиҳад.

Барои истифодаи тахтаи электронӣ барномаҳои махсус мавҷуд мебошанд, ки баъди насби он дар компютер тахтаи электронӣ ҳамаи амалҳои дар тахтаи одии синф иҷрошавандаро дар бар гирифта, бар замми ин, фаъолияти интерактивиро муҳайё мекунад.

## *Адабиёт*


1. *«Анвори Дониш». – 2014. - №6 (196). - 21 апрел.*
2. *Ғаюров Ҳ.Ш., Самиев М.М. Информатика (дастурамали методӣ) Хуҷанд: Ношир, 2013. - 180 с.*
3. *Комилиён Ф.С., Қосимов И., Давлатов Р.Ҷ., Тағоев Ш. Х. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ, синфи 11- ум . Барои омӯзгорони муассиса ҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2018. 272 с.*
4. *Комилов Ф.С. Информатика ва технологияи иттилоотӣ. – Душанбе: ҶДММ “Душанбе-принт”, 2016. – 480 с.*
5. *Комилов Ф.С. Информатика қисми 1. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: “Донишварон”, 2019. – 464 с.*
6. *Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир. - Душанбе, 2001. - 220 с.*
7. *Маводи таълимӣ оид ба ТИК барои рушд барои муассисаҳои маълумоти олӣ. Тарҷумаи Б. А. аз англисӣ. Таҳрири Ҳ. Б. ва И. Саломов. Мушовир оид ба ТИК барои рушд — Асомуддин Атоев. – Душанбе: «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон. - 231 с.*
8. *Мирзоахмедов Ф., Воҳидов У., Соҳибов Ф. Информатика (дастури таълимӣ). - Душанбе, 2012. - 184 с.*
9. *Саидов Б., Гадоев С. Омӯзиши компютер. - Душанбе, 2009. – 74 с.*
10. *Комилов Ф.С., Розӣ Т., Қосимов И.Л. Технологияи иттилоотӣ. – Душанбе: “Ганҷ нашриёт”, 2014. – 280 с.*
11. *Электронный ресурс: https://ru.wikipedia.org/wiki/мултимедиа*


## ТАҲИЯИ ПРЕЗЕНТАТСИЯ ВА ИСТИФОДАИ ТАХТАИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАНГОМИ ТАДРИСИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ


Дар мақолаи мазкур оид ба таҳияи мавод, истифода намудан аз расм, ҷадвал, график, видео, аниматсия ва аудио ҳангоми тадриси фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба маротиб оммафаҳм гардонидани онҳо тавассути презентатсия маълумот оварда шудааст. Таҳияи мақола бо мақсади беҳтар гардонидани раванди машғулияти дарсӣ мебошад. Истифодабарии матн, графика, овоз, видео ва эффектҳои аниматсионӣ ҳангоми тадриси фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз тарафи омӯзгорон мураккабии раванди таълимро сода гардонида, дар донишҷӯён қобилияти мустақилона кор карданро пайдо месозад. Дар мақола оид ба мақсади таҳияи презентатсия, мултимедия, сохтори презентатсия, вазифаҳо, имкониятҳо, тахтаи электронӣ, воситаҳои техникии интерактивӣ маълумот оварда шудааст.



**Калидвожаҳо:** презентатсия, таълим, донишҷӯён, аудитория, вазифаҳо, имкониятҳо, матн, графика, овоз, видео, мавод, Интернет, реклама, намоишсозӣ, барнома, слайд, корбарӣ, табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ.


## РАЗРАБОТКА ПРЕЗЕНТАЦИИ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ ДОСКИ ПРИ ОБУЧЕНИИ ЕСТЕСТВОЗНАНИЮ, ТОЧНОСТИ И МАТЕМАТИКЕ


В статье представлены подготовка материалов, использование картинок, таблиц, графиков, видео, анимации и аудио в преподавании естественных наук, точности и математики, а также обеспечение их большей доступности для публики посредством презентаций. Цель статьи - усовершенствовать образовательный процесс. Использование текстовых, графических, голосовых, видео- и анимационных эффектов при преподавании естественных наук, точности и математики, упрощает сложность учебного процесса и дает учащимся возможность работать самостоятельно. В статье представлена информация о цели создания презентации, мультимедиа, структуре презентации, задачах, возможностях, электронной доске, интерактивных технических средствах.



**Ключевые слова:** презентация, обучение, студенты, аудитория, задания, возможности, текст, графика, голос, видео, материал, Интернет, реклама, дисплей, программа, слайд, пользователь, естествознание, точность и математика.

**DEVELOPMENT OF A PRESENTATION AND USE OF AN ELECTRONIC BOARD IN TEACHING SCIENCE, ACCURACY AND MATHEMATICS**

The article deals with the preparation of materials, the use of pictures, tables, graphs, video, animation and audio in the teaching of science, accuracy and mathematics, as well as making them more accessible to the public through presentations. The purpose of the article is to improve the educational process. The use of text, graphics, voice, video and animation effects in teaching science, precision and mathematics simplifies the complexity of the educational process and gives students the opportunity to work independently. The article provides information about the purpose of creating a presentation, multimedia, presentation structure, tasks, opportunities, electronic board, interactive technical means.

**Keywords:** presentation, learning, students, audience, tasks, opportunities, text, graphics, voice, video, material, Internet, advertising, display, program, slide, user, science, accuracy and mathematics.

## Дар бораи муаллиф

**Сулаймонов Убайдулло Исматуллоевич**
Муаллими калони кафедраи илмҳои компютерӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16
Тел.: (+992) 985 86 68 67
E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

## Об авторе

**Сулаймонов Убайдулло Исматуллоевич**
Старший преподаватель кафедры компьютерных наук
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 985 86 68 67
E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

## About the author

**Sulaimonov Ubaidullo Ismatulloevich**
Senior Lecturer in the Department of Computer Science
Kulob State University named after A. Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St., 16
Ph.: (+992) 985 86 68 67
E-mail: ubaydullo-1992@mail.ru

УДК 377.44

# УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ҲАНГОМИ ТАДРИСИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ БО ИСТИФОДАИ ТИК (ДАР МИСОЛИ ФАННИ ФИЗИКА)

***Гулов Д. Б.***
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб*
*ба номи А. Рӯдакӣ*

Имрӯз барои аз тамоми навигариҳо бохабар шудан мутахассисро лозим меояд, ки дониши худро пурра карда тавонад, зеро илм ва техника бо суръати бениҳояд баланд тараққӣ мекунад. Барои рушди бомуваффақияти тайёр кардани донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ онҳоро ба ҷараёни душвори камолоти касбӣ мутобиқ кардан лозим аст. Инчунин барои таҳқиқи маводи омӯзишӣ, маълумоти зарурӣ, инкишофи тафаккури эҷодии донишҷӯён, қобилияти худшиносӣ, майлу хоҳиши худомузӣ, иштироки фаъолона кунонидан ба технологияҳои иттилоотӣ зарур аст. Аз ин рӯ дар раванди машғулиятҳо аз чунин барнома-лабораторияҳои виртуалӣ истифода бурдан хеле хуб аст. Чунки дар таълими фанҳои табиатшиносӣ дар мисоли фанни физика бе гузаронидани таҷрибаҳо имкон пазир аст. Аз ин рӯ дар набудани лабораторияҳои ҳақиқи аз ин барнома-лабораторияҳои виртуалии компютерӣ истифода бурдан хеле ба маврид аст.

Аз омӯзгорони фанни физика ҳангоми истифода намудани барнома-лабораторияҳои виртуалии компютерӣ дониши хуби компютерӣ талаб карда мешавад. Омӯзгорон метавонанд дар набудани лабораторияҳо аз ин барнома-лабораторияҳои виртуалии компютерӣ ки амсилаи онро инъикос менамояд истифода баранд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар тамоми соҳаҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ, фарҳанг ва навсозии таъминоти техникии онҳо ташаккули дониш, малака ва малакаҳои мувофиқи касбиро тақозо мекунад. Технологияҳои нави иттилоотӣ дар робита бо таҳсилот як ташкилоти нави таълим бо истифодаи воситаҳои муосири технологӣ мебошад, пеш аз ҳама ин технологияҳои компютерӣ мебошанд. Имрӯз татбиқи технологияҳои компютерӣ дар сохтан ва истифодаи барнома, лабораторияҳои виртуалӣ хеле рушд намудааст.

Лабораторияҳои виртуалӣ - маҷмуи нармафзор ва таҷҳизотест, ки ба шумо имкон медиҳад, таҷрибаҳоро бидуни тамоси мустақим бо насби воқеӣ ё дар ҳолати набудани он анҷом диҳед [1, с. 71-74].

Дар баробари ин, байни мафҳумҳо ба монанди «лабораторияи виртуалӣ» ва «лабораторияи дурдасти виртуалӣ» фарқ кардан лозим аст. Асоси лабораторияи виртуалӣ як барномаи компютерӣ ё маҷмуи барномаҳое мебошад, ки моделсозии компютерии равандҳои муайянро иҷро мекунанд [6, с. 12-21]. Лабораторияи дурдасти маҷозӣ сохтори шабакаи ташкилии якчанд гурӯҳи олимонест, ки ба марказҳои гуногуни илмӣ таалluқ доранд ва ба шарофати интернет бо муносибатҳои ҳамкории мутақобилан судманд алоқамананданд [5].

Дар ин қисмат ҳаминро бояд қайд намоям, ки чунин барнома лабораторияҳои виртулӣ бо забони тоҷикӣ мавҷуд нест. Дар муқоиса бо лабораторияҳои анъанавӣ, лабораторияҳои виртуалӣ як қатор бартариҳо доранд.

Якум, зарурати харидани таҷҳизоти гаронбаҳо ва маводи хатарноки радиоактивӣ нест. Масалан, барои кори лаборатории физикаи квантӣ ё атомӣ ва ядроӣ лабораторияҳои махсус ҷиҳозонидашуда талаб карда мешавад.

Дуюм, имконияти моделкунонии равандҳое имконпазир мегардад, ки ҷараёни онҳо дар шароити лабораторӣ дастнорас аст. Аз ҷумла, аксари корҳои лабораторӣ анъанавии физикаи молекулавӣ ва термодинамика системаҳои пӯшида мебошанд, ки дар баромади онҳо маҷмуи муайяни бузургиҳои электрики чен карда мешавад, ки баъдан аз онҳо бо ёрии муодилаҳои электродинамика ва термодинамика миқдорҳои зарурӣ ҳисоб карда мешаванд.

Ҳама равандҳои молекулавӣ-кинетикӣ ва термодинамикӣ, ки дар таҷриба ба амал меоянд, барои мушоҳида дастнорас мемонанд. Дар рафти иҷрои корҳои лабораторӣ виртуалии аз рӯи ин бахшҳои физика донишҷӯён метавонанд бо истифода аз моделҳои

аниматсионӣ тасвирҳои динамикии падидаҳо ва равандҳои физикӣ ва химиявии омӯхташавандаро, ки дар таҷрибаи воқеӣ барои мушоҳида дастнорасанд ва ҳамзамон бо мушоҳидаи сохти графикии вобастагии доранд омӯзанд.

Сеюм, кори лабораторияи виртуалӣ нисбат ба корҳои лаборатории анъанавӣ визуалианд. Дар онҳо бештари равандҳои физикӣ ё химиявӣ ба назар мерасад. Масалан, чунин амалиёти физикӣ, монанди ҳаракати заррачаҳои заряднок, ки расиши ҷараёни электрикиро ба вуҷуд меоранд ва ё принсипи кори pn-ро муфассалтар ва равшантар омӯхтан мумкин мешавад. Инчунин, амалиётҳое, ки дар як сония ё якчанд сол давом мекунанд, дохил шудан мумкин аст, масалан, омӯхтани ҳаракати сайёраҳо дар майдони ҷозибаи ҷисми марказӣ.

Бартарии дигари лабораторияҳои виртуалӣ нисбат ба лабораторияҳои анъанавӣ амнияти он аст. Аз ҷумла, истифодаи кори лабораторияи виртуалӣ дар ҳолатҳое, ки кор бо шиддати баланд ё кимиёвии хатарнок вуҷуд дорад.

Бо вуҷуди ин, лабораторияҳои виртуалӣ низ камбудиҳо доранд. Сабаби асосӣ набудани алоқаи бевосита бо объекти тадқиқот, асбобҳо, таҷҳизот мебошад. Мутахассисеро, ки объекти техникиро танҳо дар экрани компютер дида бошад, тайёр кардан тамоман имконнопазир аст.

Дар таълими фанни физика моделҳои компютериро дар асоси вазифаҳои зерин истифода бурдан лозим аст:

1. Модели компютерӣ бояд барои дарки ҷузъиёти модда ё ҳодисаи омӯхташуда кӯмак расонад ва ба сифати мисоли ҳолати масъалаи ҳалшаванда хизмат кунад.

2. Модели ҳодисаро танҳо дар ҳолате истифода бурдан лозим аст, ки гузаронидани таҷриба имконнопазир бошад ва ё ин ҳодиса хеле зуд ба вуҷуд меояд ва ба таври муфассал пайгирии он имконнопазир аст.

3. Дар натиҷаи кор бо модели компютерӣ донишҷӯён бояд, сифатҳои физикиро ва миқдори онҳоро бо истифода аз модел муайян кунанд.

4. Ҳангоми кор бо модели компютерӣ ба донишҷӯён супоришҳои дараҷаҳои гуногуни мураккаб доштаро, ки дорои унсурҳои эҷодиёти мустақилона кор кардан доранд пешниҳод кардан лозим аст.

Истифодаи моделҳои компютерӣ метавонад ба раванди машғулиятҳои анъанавии физика мувофиқат кунад ва ба омӯзгор имкон диҳад, ки барои донишҷӯён машғулиятҳои нави ғайрианъанавии таълимро ташкил кунад.

Истифодаи лабораторияҳои виртуалӣ дар омӯзиши фанни физика. Азхудкунии амиқи физика тавассути омӯзиши назария ва дар раванди татбиқи он барои ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳисоббарорӣ, сифатӣ ва таҷрибавӣ имконпазир аст. Агар донишҷӯ дар машғулиятҳои лексионӣ бо масъалаҳои назариявӣ шинос шавад, пас назария дар дарсҳои лабораторӣ низ татбиқ карда мешавад ва ба ҷуз аз ин, дар гузаронидани ченкуниҳои ҷисмонӣ, коркард ва пешниҳоди натиҷаҳо малака ва маҳорати амалӣ ташаккул меёбад.

Лабораторияҳои виртуалии компютерӣ дорои таъинотҳо ва дастурҳо оид ба иҷрои корҳое мебошад, ки дар шакли якхела сохта шудаанд: ҳадафи кор, маводи назариявӣ, насби таҷрибавӣ, тартиби кор, ҳисобот илова бар ин, ҳар як кори лабораторӣ тести санҷишеро дар бар мегирад, ки баҳодиҳии донишҳои асосиро барои бомуваффақият анҷом додани кор зарурӣ ва тести санҷиши ниҳоӣ, ки ҳадафи он назорати донишҳои боқимонда дар асоси натиҷаҳои кори лабораторӣ мебошад гузаронида мешавад.

Шумо метавонед лабораторияҳои виртулиро ҳам онлайн ва ҳам офлайн истифода баред.

Биёед ба баъзе аз онҳо мухтасар назар андозем:

Virtulab.Net яке аз порталҳои махсусгардонидашуда мебошад, ки ба лабораторияҳои таълимии виртуалӣ бахшида шудаанд. Дар сомона корҳои интерактивии таълимӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар физика, химия, биология, экология ва дигар фанҳо таҷрибаҳои виртуалӣ гузаронанд. Ин як манбаи ройгони онлайн аст. Портали омӯзиши бо забони русӣ буда, аз давлати Россия баромад менамояд. Имкониятҳоро барои таълимгирандагон ва устодон фароҳам овардааст.

Лабораторияи виртуалии физика барои мактаббачагон (Виртуальная лаборатория по физике для школьников). Лабораторияи виртуалӣ маҷмуи барномаҳоро барои курси физикаи

мактабӣ дар бар мегирад ва барои омӯзгорон дар дарсҳои физика, инчунин донишҷӯён барои иҷрои супоришҳо бо истифода аз компютер дар синф ва дар хона пешбинӣ шудааст ва инчунин метавонад ҳангоми омодагӣ ба дарси физика истифода шавад.

Маълум мешавад, ки барои ончизе, ки аҳамият дода мешавад ва танҳо он чизеро, ки дар он озмоиши мушаххас талаб карда мешавад ва ё дар он дар ҳақиқат гузаронидани озмоиши лабараторӣ зарур аст онро дар лабараторияи виртуалӣ омода кардан ва намоиш додан мумкин аст. Маҳз барои ҳамин гуна лабораторияҳо таъминоти барномави мавҷуд аст, ки онро "лабораторияҳои виртуалӣ" ё "таҷрибаҳои виртуалӣ" ном мебаранд [1, с. 79-84].

Корҳои лаборатории виртуалӣ дар муқоиса бо корҳои воқеӣ ҳам бартарӣ ва ҳам камбудиҳо дорад [2, с. 587-591]. Аз ин рӯ, беҳтарин вариант маҷмуи ҳарду намуди кор хоҳад буд. Ҳадафи асосии лабораторияҳои виртуалӣ қобилияти гузаронидани санҷишҳо барои шахсе мебошад, ки бо ягон сабаб ин санҷишҳоро бо дастгоҳҳои воқеӣ иҷро карда наметавонад (таълими фосилавӣ, худомӯзии хонагӣ ё танҳо набудани таҷҳизоти мувофиқ дар муассисаи таълимӣ).

Ҳама корҳои лаборатории компютерӣ аз рӯи нақшаи классикӣ иҷро карда мешаванд:

коркарди назариявии мавод;

омӯзиши лабораторияҳои компютерии тайёр насб ё сохтани моделҳои ҳақиқии лабаратори дар компютер;

гузаронидани тадқиқотҳои таҷрибавӣ;

коркарди натиҷаҳои таҷриба дар компютер.

Дар айни замон, хеле зиёди таъминоти барномавии электронии таълим мавҷуданд, ки дар онҳо коркарди корҳои лабораторияи виртуалӣ мавҷуданд. Дар мақолаи худ таъминоти барномавӣ электронии таълими «Физика. Электричество. Виртуальная лаборатория» (минбаъд – воситаи электронии таълими (ВЭТ)) барои дастгирии раванди таълим дар мавзуи «Нерӯи барқ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ шудааст меорем.

Воситаи электронии таълим барои таъмини дастгирии компютерӣ барои таълими фанни «физика» пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии сохтани ин воситаи таълимӣ ин паҳн кардани истифодаи воситаи электронии таълим барои баланд бардоштани сифати таълим тавассути самаранок истифода бурдани ин воситаи дар раванди таълим мебошад. Восиати электронии таълимӣ аз ҷиҳати методӣ хуб буда ва мунтазам аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим дар марҳилаҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ба хубӣ қабул карда шудааст.

Хулоса, барнома лабораторияҳои виртуалии оварда шуда дар таълим хеле хубанд. Ҳангоми истифодаи он дар таълими фанни физика хеле ба маврид ҳастанд. Хуб мешуд, ки дар мактабҳои миёнаи умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурии аз ин барнома лабораторияҳои виртуалии овардашуда, дар набудани лабораторияҳои ҳақиқӣ омӯзгорон бо истифодаи ТИК дар таълим аз онҳо истифода намоянд.

### ***Адабиёт***


1. *Гавронская Ю.Ю., Алексеев В.В. Виртуальные лабораторные работы в интерактивном обучении физической химии // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. - 2014. - Выпуск №168. - С. 79–84.*
2. *Князева Е.М. Лабораторные работы нового поколения // Фундаментальные исследования. - 2012. - №6. - С. 587–591.*
3. *Кудинов Д.Н. Перспективы разработки виртуальных работ на базе комплекса программ T-FLEX // Современные проблемы науки и образования. - 2009. - № 6. - С. 71-74.*
4. *Курзин А. В., Попова Л. М., Евдокимов А. Н. Химические редакторы: учебное пособие / СПбГТУРП, – СПб, 2014. – 125 с.*
5. *Проект «Виртуальная лаборатория по фундаментальным и прикладным проблемам теории упругости» // Международный научно-технический центр.*
6. *Трухин А.В. Виды виртуальных компьютерных лабораторий // Открытое и дистанционное образование. - 2003. - №3 (11). - С. 12-21.*
7. http://star.mit.edu/ *- сомонаи расмии барнома лабараторияи виртуалӣ.*

## УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ҲАНГОМИ ТАДРИСИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ БО ИСТИФОДАИ ТИК (ДАР МИСОЛИ ФАННИ ФИЗИКА)

Мақсади мақола таҳлил ва маълумот додан дар бораи барнома-лабораторияҳои виртулӣ дар таълимӣ фаннҳои табиатшиносӣ дар мисоли фанни физика мебошад. Дар мақола дар хусуси тарзи кор бо барнома-лабораторияҳои виртуалӣ маълумот дода шудааст. Омӯзгорони фанни физика метавонанд аз ин барнома-лабораторияҳои виртуалӣ дар раванди машғулиятҳои худ истифода намуда ва корҳои таҷрибавияшонро дар он амалӣ намоянд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот исбот карда шуд чунин барнома-лабораторияҳои виртулӣ дар таълими фанҳои табиатшиносӣ хуб буда, метавонанд дар набудани лабораторияҳои ҳақиқӣ онро иваз намоянд. Ин барнома лабораторияҳои оварда шуда дар таълим хеле ба маврид ҳастанд илова бар ин баъди таҷрибаҳои дар онҳо гузаронида шуда тавассути ТИК донишҷуён ҳавасманд гардонида мешаванд.

**Калидвожаҳо:** лаборатория, лабораторияҳо виртуалӣ, баста, физика, модел, компютер, барнома, компютер.

## АКТИВНЫЕ МЕТОД ОБУЧЕНИЯ ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ ПРЕДМЕТОВ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУКАМЫ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИКТ (НА ПРИМЕРЕ ФИЗИКИ)

Цель статьи - проанализировать и предоставить информацию о программах-виртуальных лабораториях в обучении естественным наукам, например, физике. В статье дана информация о том, как работать с виртуальными лабораторными программами. Учителя физики могут использовать эту программу-виртуальную лабораторию в процессе обучения и проводить в ней свои экспериментальные работы. По результам исследования доказано, что такие программы-виртуальные лаборатории хороши для обучения естественным наукам и могут заменить их при отсутствии реальных лабораторий. Лаборатории, представленные в этой программе, очень актуальны в образовании, к тому же, после проведенных в них экспериментов происходит мотивация учащихся с помощью ИКТ.

**Ключевые слова:** лаборатория, виртуальные лаборатории, пакет, физика, модель, компьютер, программа, компьютер.

## ACTIVE TEACHING METHODS IN THE TEACHING OF NATURAL SCIENCES USING ICT (ON THE EXAMPLE OF PHYSICS)

The purpose of the article is to analyze and provide information about virtual laboratory programs in teaching natural sciences, for example, physics. In the article, the author spoke about the virtual laboratory program on the example of natural sciences, on the example of physics. Physics teachers can use this virtual laboratory program in the learning process and conduct their experimental work in it. According to the results of the study, it has been proved that such virtual laboratory programs are good for teaching natural sciences and can replace them in the absence of real laboratories. The laboratories presented in this program are very relevant in education, moreover, after the experiments carried out in them, students are motivated with the help of ICT.

**Keywords:** laboratory, virtual laboratories, package, physics, model, computer, program, computer.

### Дар бораи муаллиф

**Гулов Далер Ботурхонович**
Саромӯзгори кафедраи методикаи таълими информатика
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С. Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988 27 27 26
E-mail: gulov-1988@bk.ru

### Об авторе

**Гулов Далер Ботурхонович**
Старший преподаватель кафедры методики преподавания информатики
Кулябский государственный университет имени А. Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С. Сафарова, 16
Тел.: (+992) 988 27 27 26
E-mail: gulov-1988@bk.ru

### About the author

**Gulov Daler Boturkhonovich**
Senior Lecturer in the Informatics Teaching Method
Kulob State University named after A. Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulob,
S.Safarov St., 16
Ph.: (+992) 988 27 27 26
E-mail: gulov-1988@bk.ru

УДК 91(075.8)(575.3)

# МАЗМУНИ МАЪЛУМОТИ ГЕОГРАФӢ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ ОН

***Самиев А. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Таҳсилот падидаи ҷамъиятиест, ки он дар рушд ва инкишофи инсон аҳамияти муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, «вазифаи асосии маълумот (таҳсилот) дар маҷмуъ иборат аз мунтазам қонеъ гардони талаботи инсон ба инкишоф, равон кардани қобилиятҳои ӯ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, таъмини рушди иҷтимоии ҷамъият, давлат ва ҳифзи табиат мебошад [2, с. 9]. Дар ин назардошт ташаккул додани шахсияти ахлоқи ҳамидадошта ва ҳаматарафа инкишофёфта масъалаи стратегии маълумот ба ҳисоб меравад. Ҳалли он бевосита ба мазмун таҳсилот вобаста мебошад, ки он дар мазмуни фанҳои таълимӣ таҷассум ёфтааст. Ба он хотир, ки мазмуни фанҳои таълимие, ки дар нақшаи таълимӣ сабт гардиданд, ҳамаи соҳаҳои илмро дар бар мегиранд ва мазмуни асосии онҳоро хонандагон аз худ менамоянд.

География ҳамчун фанни мактабӣ на фақат географияи табиӣ ва иқтисодӣ инчунин илмҳоеро, ки бо онҳо бевосита алоқамананд, фаро мегиранд. Географияи табиӣ аз мафҳумҳои илмҳои табиӣ васеъ истифода мебаранд. Географияи иқтисодӣ бошад, мафҳумҳои илмҳои иқтисодӣ, иқтисодиёти соҳавӣ, демография ва оморро дар бар мегирад. Аз ин ҷо география дар системаи фанҳои таълимӣ вазифаи хосаи таълиму тарбияро иҷро менамоянд, ки аз мазмуни ҳар як курси географияи мактабӣ бармеояд. Маҳз ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта А.В. Даринский вазифаи методикаи географияро ба таври зерин муайян намудааст: 1) Муайян намудани мақсади таълиму тарбияи географияи мактабӣ аз нигоҳи такмили минбаъдаи мазмун. Аз ин ҷиҳат методикаи таълими география аниқ менамояд, ки чӣ гуна маводи таълимии географӣ барои таълим ва тарбияи хонандагон, аз худ намудани асосҳои илми география зарур аст. Ин имконият медиҳад, ки дар рафти таълими он вобаста ба дараҷаи инкишофи илму техникаи муосир, бо назардошти талаботи ҷамъият, қобилияти шахсии хонандагон, малакаи меҳнатию политехникии онҳо инкишоф мeёбад, дар як вақт тарбияи ахлоқӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ватандӯстдорӣ ва гуманистии мактаббачагон ташаккул ва такмил мeёбад. Дигар вазифаи муҳими таълими география дар хонандагон ташаккул додани малака ва маҳорати мушоҳидаи табиат, ҳодисаю объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ, дуруст қайд ва таҳлили комплексӣ намудани маълумотҳои мушоҳида, аз рӯйи матни китоби дарсӣ тартиб додани тавсифи географии маводҳои картографии оморӣ, воситаҳои гуногуни аёнӣ, кашидани нақшаи маҳал, ёфта тавонистани объектҳо, аз рӯйи азимут дар нақша истифода бурда тавонистани дониш, малака ва маҳорати географӣ сарфаҳм рафтани ҳодисаю вазъияти дохилии мамлакат ва ҷаҳон мебошад. 2) Асоснок намудани шаклҳои анъанавӣ ва нави таълим, муайян намудани шароити мусоид барои истифода бурдани усулҳои гуногун дар ҷараёни таълим, ки аз мазмуни маводи таълимӣ бармеояд. Ғайр аз шакл ва усулҳои таълим, методикаи география ин чунин тарзҳои тайёр намудани воситаҳои аёнӣ, усулҳои истифодаи онҳо ва чӣ тавр ба нақша гирифта гузаронидани корҳои берун аз синфро кор карда мебарояд. Дигар масъалае, ки методикаи таълими география ба ҳалли он машғул аст, таҳқиқ намудани шароит ва хусусияти аз худ намудан ва ташаккул додани системаи донишҳо, малака ва маҳорат, ҷаҳонбинӣ, инкишофи қобилияти фикрии хонандагон ва сифати ахлоқии онҳо мебошад. Ҳамин тавр, мувофиқи вазифаи худ, бояд методикаи таълими география ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад: дар географияи мактабӣ чиро чӣ тавр меомӯзанд?

Мазмун ва таркиби географияи мактабӣ бевосита ба мазмун ва таркиби илми география вобаста мебошад. Дар айни замон илми географияро вобаста ба объекти тадқиқоташ ба ду шохаи калон ҷудо менамоянд: Географияи табиӣ; географияи иқтисодию иҷтимоӣ. Географияи табиӣ тамоилҳои табиатро меомӯзад [4, с. 168]. Дар рафти омӯзиш он ба қонуниятҳои инкишофи табиат такя менамояд, ки онро системаи илмҳои табиӣ тадқиқ ва муайян намуданд. Аз ин ҷо дар системаи таснифоти илмҳо, географияи табииро ба гурӯҳи

илмҳои табиӣ дохил намуданд. Бар хилофи географияи табиӣ географияи иқтисодию иҷтимоӣ объект ва ҳодисаҳои иқтисодию иҷтимоиро тадқиқ менамояд. Он дар тадқиқоти худ аз қонуниятҳое, истифода мебарад, ки онҳоро илмҳои ҷамъиятшиносӣ асоснок намуданд. Аз ин лиҳоз, географияи иқтисодию иҷтимоӣ ба гурӯҳи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ дохил мешавад. Дар як вақт географияи табиӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ аз шохаҳои гуногуни илм иборат буда, онҳо тарафҳои гуногуни унсурҳои алоҳидаи табиат ва ҷамъиятиро ба таври хос тадқиқ менамоянд. Ба ин хотир, аз илми географияи табиӣ, географияи табиии мактабӣ якчанд шохаҳоро ба худ муттаҳид менамоянд, ки онро асоси илм оид ба замин меноманд. Ба он заминшиносии умумӣ, географияи табиии материкҳо ва уқёнусҳо, географияи Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ, геоморфология, иқлимшиносӣ, уқёнусшиносӣ, гидрология, хокшиносӣ, геоботаника, зоогеография (географияи ҳайвонот) ва ғайра дохил мешаванд, ки бо мазмун ва объекти тадқиқот бо якдигар зич алоқаманд мебошанд. Ба географияи табиӣ инчунин палеография ва заминшиносии таърихӣ дохил мешаванд. Онҳо шароити табиию географии дар давраҳои қадими геологӣ дар рӯйи замин мавҷудбуда ва тағйироти қонунии онҳоро дар таърихи замин меомӯзад. Тадқиқоти ин илмҳо имконият медиҳад, ки инкишофи минбаъдаи табиатро пешгӯйӣ карда шаванд. Хусусан, таъсири бо ҳам мутақобили табиат ва ҷамъиятро ошкор намуда, ҷиҳатҳои манфӣ ва зиёновари он бартараф карда шавад.

Географияи иқтисодию иҷтимоӣ қонунияти ҷойгиршавии аҳолӣ ва истеҳсолоти ҷамъиятиро дар ҷаҳон ва мамлакатҳои алоҳида тадқиқ менамояд. Дар ин замина ба хонандагон дониши иқтисодӣ дода мешавад. Вобаста ба ин географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии мактабӣ ба ду шохаи асосӣ ҷудо мешавад: географияи умумииқтисодӣ-иҷтимоӣ; географияии минтақавии иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва мамлакатҳои алоҳидаи ҷаҳон. Дар як вақт ин шохаҳои географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо географияи аҳолӣ, сиёсӣ ва ғайра, инчунин бо як қатор шохаҳои илми иқтисодӣ алоқаи бевосита доранд. Аз он ҷумла иқтисодиёти саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, омор, демография. Маълумоти ин шохаҳои илми иқтисодӣ як қисми мазмуни курсҳои географияи иқтисодию иҷтимоии мактабро ташкил менамояд. Ба системаи илмҳои географӣ, инчунин мамлакатшиносӣ ва картография дохил мешаванд. Аз ҳама ин сарчашмаҳоии илмӣ ба географияи мактабӣ бояд ҳамон қисмашро интихоб намуд, ки моҳияти таълиму тарбиявӣ дошта бошад ва зимни талаботи мантиқи илмӣ ва педагогӣ банду баст карда шуда бошанд. Аз ин нигоҳ, аз ҳама шохаҳои илми география ба курсҳои география бояд фақат ғоя, назария, маълумот ва методҳои тадқиқотии илми география дохил шаванд, ки онҳо аз сатҳи инкишофи кунунии илми география гувоҳӣ медиҳанд. Дар як вақт маводи таълимие, ки дар курсҳои географияи мактабӣ ворид карда мешаванд барои хонандагони ин ва ё он синну сол дастрас бошад ва барои инкишофи қобилияти фикрӣ ва ташаккул ёфтани ахлоқи ҳамида мусоидат намояд [5, с. 132]. Аз дигар тараф, маводи таълимие, ки дар курсҳои георафия ворид мегарданд, тамоили тарбияи касбӣ низ дорад, ки он тарбияи касбӣ ва политехникии хонандагонро инкишоф медиҳад.

Қатъи назар аз он ки хонандагон пас аз хатми мактаб кадом касбро интихоб мекунанд, дониш малака ва маҳоратии географии онҳо аҳамияти ҳаётӣ дорад. Дар мавриди зарурӣ онҳо метавонанд аз он истифода баранд. Аз ин нигоҳ дониш, малака ва маҳорат мазмуни маълумоти географиро ташаккул менамояд, ки онро дар мактаб асоси илми география мегӯянд. Аз бар кунондани он вазифаи асосии географияи мактабӣ мебошад.

Асосҳои илми географияро аз худ намудани хонандагон ин амали бевосита ва беихтиёр набуда, балки, дар натиҷаи омӯхтани маводи муайяни таълимӣ ва гузаронидани амалиёти таълимӣ, ки барои дар хонандагон инкишофу ташаккул додани ҳавасмандӣ, қобилияти дарккунӣ, фаоълона ва эҷодкорона (мустақилона) омӯхтани маводи таълимӣ равона карда шудааст, амалӣ гардонида мешавад. Аз ин ҷо шахси маълумоти географӣ доштаро на фақат маҷмуи донишҳои географӣ, ки он аз бар намудааст, инчунин талабот ба инкишоф додани он дониш ва тайёр будан ба худомӯзӣ муайян менамояд. Ҳамин тавр, инкишоф додани қобилияти дарккунӣ, мустақилона аз бар кардани дониши географӣ заминаи боэътимодест барои аз худ намудани асосҳои илми география ва худомӯзии хонандагон. Дар рафти омӯзиши асосҳои илми география дар мактаб пайваста хонандагон тарбия меёбанд. Аз ин рӯ, аз худ намудани дониш, малака, маҳорат, инкишофи фикрӣ ва тарбияи хонандагон як ҷараёни ягонаро ташкил менамоянд. Дар таълими география ба ин бояд диққати ҷиддӣ дод.

## *Литература*


1. *Душина И. В. Методика и технология обучения географии: пособие для учителей и студентов педагогических институтов и университетов. – М.: АСТ, 2004. – 203 с.*
2. *Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003.*
3. *Методика обучения географии в школе: Учебное пособие для студентов географических специальностей высших педагогических учебных заведений и учителей географии / Под ред. Л.М. Панчешниковой. – М.: Просвещение, 1997.*
4. *Муҳаббатов Х., Диловаров Р., Акобиров Ш., Раҳимов М. Роҳнамои фанни География (Географияи Тоҷикистон) синфи 8-ум. Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2018. - 112 с.*
5. *Петрова, Н.Н. Методика преподавания географии в дифференцированной школе: Методическое пособие для учителей географии, студентов факультетов переподготовки педагогических кадров. – М.: БЛИК и КО, 2000. – 168 с.*


## МАЗМУНИ МАЪЛУМОТИ ГЕОГРАФӢ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪЛИМИЮ ТАРБИЯВИИ ОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки вазифаи муҳими таълими география дар хонандагон ташаккул додани малака ва маҳорати мушоҳидаи табиат, ҳодисаю объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ, дуруст қайд ва таҳлили комплексӣ намудани маълумотҳои мушоҳида, аз рӯйи матни китоби дарсӣ тартиб додани тавсифи географии маводҳои картографии оморӣ, воситаҳои гуногуни аёнӣ, кашидани нақшаи маҳал, ёфта тавонистани объектҳо, аз рӯйи азимут дар нақша истифода бурда тавонистани дониш, малака ва маҳорати географӣ, сарфаҳм рафтани ҳодисаю вазъияти дохилии мамлакат ва ҷаҳон мебошад. Инчунин асоснок намудани шаклҳои анъанавӣ ва нави таълим, муайян намудани шароити мусоид барои истифода бурдани усулҳои гуногун дар ҷараёни таълим, ки аз мазмуни маводи таълимӣ бармеояд. Ғайр аз шакл ва усулҳои таълим, методикаи география тарзҳои тайёр намудани воситаҳои аёнӣ, усулҳои истифодаи онҳо ва чӣ тавр ба нақша гирифта гузаронидани корҳои берун аз синфро кор карда мебарояд. Дигар масъалае, ки методикаи таълими география ба ҳалли он машғул аст, таҳқиқ намудани шароит ва хусусияти аз худ намудан ва ташаккул додани системаи донишҳо, малака ва маҳорат, ҷаҳонбинӣ, инкишофи қобилияти фикрии хонандагон ва сифати ахлоқии онҳо мебошад.



**Калидвожаҳо**: маҳорат, малака, таълим, тарбия, воситаҳои таълим, мазмуни маълумот, системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ, қобилияти фикрӣ, мафҳум, усулҳои таълим, нақша маводи таълимӣ.


## СОДЕРЖАНИЕ ГЕОГРАФИЧЕСКОЙ ИНФОРМАЦИИ И ЕГО ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ ЗНАЧЕНИЕ


В данной статье автор отмечает, что важной задачей обучения географии является формирование навыков и умений наблюдения за природой, природными и хозяйственными явлениями, правильной регистрации и комплексного анализа данных наблюдений, составления географического описания статистических картографических материалы по тексту учебника различные наглядные пособия, составление карты местности, умение находить предметы, умение пользоваться знаниями, умениями и географическими навыками понимание событий и внутреннее положение страны и мира. А также обоснование традиционных и новых форм обучения, определение благоприятных условий использования различных методов в процессе обучения, вытекающих из содержания учебных материалов. Помимо формы и методов обучения, методология географии разрабатывает способы подготовки наглядных пособий, приемы их использования, способы планирования и проведения внеклассной деятельности. Еще одним вопросом, которым занимается методика преподавания географии, является исследование условий и особенностей приобретения и формирования системы знаний, умений и навыков, мировоззрения, развития мыслительных способностей учащихся и их нравственных качеств.



**Ключевые слова:** навыки, умения, образование, обучение, средства обучения, содержание информации, система знаний, мировоззрение, умственные способности, концепция, методы обучения, план, учебные материалы.


## CONTENT OF GEOGRAPHICAL INFORMATION AND ITS EDUCATIONAL SIGNIFICANCE


In this article, the author notes that an important task of teaching geography is the formation of skills and abilities to observe nature, natural and economic phenomena, correct registration and comprehensive analysis of observational data, compiling a geographical description of statistical cartographic materials according to the text of the textbook, various visual aids, drawing up a map of the area, the ability to find objects, the ability to use knowledge, skills and geographical skills, understanding events and the internal situation of the country and the world. As well as the rationale for traditional and new forms of education, the definition of favorable conditions for the use of various

methods in the learning process, arising from the content of educational materials. In addition to the form and methods of teaching, the methodology of geography develops ways to prepare visual aids, how to use them, how to plan and conduct extracurricular activities. Another issue that the methodology of teaching geography deals with is the study of the conditions and characteristics of the acquisition and formation of a system of knowledge, skills, worldview, development of students' mental abilities and their moral qualities.

**Keywords:** skills, abilities, education, training, teaching aids, information content, knowledge system, worldview, mental abilities, concept, teaching methods, plan, teaching materials.

## Дар бораи муаллиф

**Самиев Амриддин Муҳамадиевич**
Номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи методикаи таълими география ва туризм
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 65 96 11
E-mail: amritspu@gmail.com

## Об авторе

**Самиев Амриддин Мухамадиевич**
Кандидат географических наук, доцент кафедры туризма и методика преподавания география
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 65 96 11
E-mail: amritspu@gmail.com

## About the author

**Samiev Amriddin Muhamadievich**
Candidate of Geographical Sciences, Docent of the Department of Tourism and Methods of Teaching Geography
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 918 65 96 11
E-mail: amritspu@gmail.com

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ

***Ғаюров Ҳ. Ш., Бобозода А. А.***
*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес*
*ва сиёсати Тоҷикистон*

"Ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усулҳои пешқадаму муосири таълим, мустаҳкам намудан ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиву илмӣ, васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба роҳ мондани ихтисосҳои нави ба талаботи иқтисоди миллӣ ҷавобгӯй ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи таҳсилоти олии касбии кишварамон қарор дорад" [1, с. 26].

Истифодаи усулҳои гуногуни фаъоли таълим хусусан усули интерактивӣ дар раванди машғулиятҳо яке аз роҳҳои мукаммалгардонӣ ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар маҳсуб меёбад.

Маънои интерактив ин фаъолияти якҷояи байни омӯзгору донишҷӯён буда, истифодаи ин усул бобати самаранокии таҳсили онҳо мегардад. Ташкили фаъолияти якҷоя дар донишҷӯён муҳокимаронӣ, мустақилият, озодфикрӣ, ташаббускорӣ, озодандешӣ, баҳс, фаъолияти амалӣ, иҷрои корҳои фардию гурӯҳӣ, бозиҳои таълимӣ, фаъолияти зеҳнӣ, мушаххасӣ, дақиқият ва ғайраро ба вуҷуд меорад, ки ин дар ташаккулёбии мутахассиси оянда нақши калидиро мебозад.

Усули интерактивии таълим, ин ба зудӣ ва дар муддати кутоҳтарин, аз худ намудани (омӯзонидани) маълумотҳои зарурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои ҳаётӣ мебошад, ки он ба таҳкими қобилият ва маҳорати ровигию шунавандагӣ, рушди малакаҳои сарварию ташкили гурӯҳ, бедор кардани ҳисси инсондустӣ ва ғайра мусоидат менамояд [2, с. 266].

Усули интерактивӣ барои фаъол гардонидани азхудкунии дониш аз ҷониби донишҷӯён, ташаккули сифатҳои шахсӣ тавассути баланд бардоштани фаъолияти донишҷӯ ва омӯзгор дар раванди таълим хизмат мекунад. Истифодаи усулҳои интерактивӣ барои баланд бардоштани самаранокии дарс мусоидат мекунад. Меъёрҳои асосии таълими интерактивӣ инҳоянд: мубоҳисаҳои ғайрирасмӣ, қобилияти озодона баён доштани ақида ва баён кардани маводи таълимӣ, кам будани шумораи лексияҳо, вале шумораи зиёди дарсҳои амалӣ, фароҳам овардани имконият барои ташаббускорӣ, ташкили гурӯҳи хурди таҳқиқотӣ, ба кори коллективии синфӣ ҷалб намуди ҳамаи таълимгирандагон, ташкили корҳои хаттӣ бо услубҳои дигар, ки ташкили таълим бо ин усулҳо барои зиёд кардани самараи кори таълим аҳамияти махсус доранд.

Мафҳуми "интерактив" дар забони анлисӣ (inter-робитаи дутарафа, act-амалигардонӣ) маънои дар муошират, суҳбат ва гуфтугӯ бо шахсеро дорад [3, с. 422].

Вазифаҳои усулҳои интерактивии таълим чунин мебошанд:

- ✓ бедор кардани таваҷҷуҳи донишҷӯён;
- ✓ самаранок аз худ кардани маводи таълимӣ;
- ✓ ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳо ва имконияти донишҷӯён барои ҳалли мушкилоти таълимӣ;
- ✓ эҳтироми байниҳамдигарии донишҷӯён ҳангоми баёни нуқтаи назар оид ба мавзуи дарс, эҳтироми шаъну шарафи якдигар;
- ✓ ташаккули афкор ва муносибати дутарафаи донишҷӯён;
- ✓ рушди таҷрибаи ҳаётӣ;
- ✓ ба салоҳияти сатҳи донишҷӯён дастрас шудан.

Мувофиқи назарияи М.В. Кларин усули фаъоли таълим ё таълими интерактивӣ тарҷумаи истилоҳи англисии "interactive learning" мебошад, ки маънояш донишазхудкунӣ дар асоси ҳамкорӣ, муколама, муомила ва омӯзиш мебошад. Маънои интерактив ин фаъолияти якҷояи байни омӯзгору таълимгирандагон аст [3,с-435]. Истифодаи усулҳои интерактивӣ бобати самаранокии таҳсили таълимгиранда аҳамиятнок аст. Ташкили фаъолияти якҷоя дар хонандагон муҳокимаронӣ, баҳс, фаъолияти амалӣ, озодфикрию

озодандешӣ, ташаббускорӣ, иҷрои корҳои фардию гурӯҳӣ, бозиҳои таълимӣ, ҳуҷуми зеҳнӣ ва ғайраро ба вуҷуд меорад.

Дар айни замон, истифодаи усулҳои интерактивии таълим барои омӯзгорон нақши нав дорад, акнун онҳо тарҷумони дониш нестанд, роҳбарони фаъол ва иштирокчиёни раванди таълим буда, вазифаи асосии онҳо ташаккул додани муколамаи донишҷӯён, мустақилият, эҷодкорӣ ба ҳақиқате, ки онҳо огаҳанд, равона мегардад. Бояд қайд намуд, ки самаранокии раванди таълим аз ташкили дуруст ва интихоби усули дарсгузарӣ вобастагии зиёд дорад, зеро усули муосири таҳсилоти касбӣ салоҳияти ба кор бурда тавонистани дониш, малака ва мувофиқ шудан ба қобилияти хислатҳои шахсӣ дар як соҳаи муайян, дар ҷараёни таълимро ифода менамояд.

Омӯзгор дар ҷараёни машғулиятҳои интерактивӣ нақши меҳвариро иҷро намуда, ба ҳайси координатор фаъолият мекунад ва дар ҳолати пайдо шудани ягон муаммо дар ҳамҷоягӣ бо донишҷӯён онро ҳаллу фасл менамояд. Принсипҳои муҳимми усулҳои интерактивӣ, ки онро гоҳо фаъол ва саҳеҳтар усули ҳамкорӣ низ мегӯянд, баробарии омӯзгор ва донишҷӯён ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои матрахшаванда, донишҷӯён ташаббускор ва омӯзонандаи ҳамдигаранд, муҳити ҷустуҷӯ ва тадқиқот фароҳам оварда, бо ҳар як донишҷӯ муносибати хайрхоҳона ва фардӣ карда мешавад. Усули таълим ва омӯзиши интерактивӣ аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб менамояд.




***Расми 1. Методи интерактивии таълим***

Дар дарсҳои интерактивӣ се фаъолият: фардӣ, дунафара ва гурӯҳӣ истифода мешаванд. Нақши омӯзгор дар раванди таълим бо усули интерактивӣ доимо тағйирёбанда аст. Омӯзгор маводи навро пешниҳод мекунад, возеҳият нишон медиҳад, ба саволҳо ҷавоб мегӯяд ва ниҳоят ҳамкории иштирокчиёнро бо муҳити иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ барқарор мекунад [4, с. 286-290].

Усулҳои интерактивии таълим аз чунин принсипҳо иборат мебошанд [7, с. 75]:

- ✓ ҷалби диққати иштирокчиён ва дар муддати кӯтоҳ ба мақсад ноил гаштани онҳо;
- ✓ иштироки озодона, фаъол ва тамоюлнок;
- ✓ иштироки на зиёда аз 20 нафар иштирокчиён дар машғулият;
- ✓ пешниҳод ва қабули мустақилонаи қоида ва тартиби рафтори иштирокчиён мавриди ташкили машғулият;
- ✓ иштироки бевоситаи иштирокчиён дар раванди машғулият.

Фасилитатор на ҳамчун муаллим нисбат ба хонанда, балки ҳамчун маълумотдиҳанда ва маслиҳатчӣ нисбат ба иштирокчиёни машғулият муносибат мекунад.




***Расми 2. Принсипҳои асосии усулҳои интерактивии таълим***

Истифодаи методҳои интерактивӣ - барои муносибати шахсӣ мувофиқ аст, зеро он як омилест, ки омӯзиши коллективиро дар ҳамкории ҳам донишҷӯён ва ҳам омӯзгорон мавзуи омӯзиш қарор медиҳанд. Омӯзгор дар ин ҷо нақши созмондиҳандаи раванди омӯзишро бештар мебозад, эҷодкунандаи шароит барои ташаббуси донишҷӯён [5, с. 32-38].

Пояи асосии омӯзиши интерактивӣ таҷрибаи шахсии донишҷӯён, ҳамкории бевоситаи онҳо бо малакаи соҳаҳои пешқадами касбӣ мебошад. Бар замми ин, истифодаи технологияҳои интерактивии таълимӣ мафҳуми дигари раванди таълимро дар бар мегирад: на аз назария ба таҷриба, балки аз таҷрибаи амалӣ ба фаҳмиши назариявии он.

Таҳқиқотчиён бо омӯзишу тадқиқоти технологияҳои интерактивӣ машғул буда чунин муайянкунандаҳои мақсаднокӣ, зарурият ва аҳамияти истифодаи онҳо, таъсири омӯзиши интерактивиро тақозо мекунад [6, с. 216]:

- ✓ пурзӯр намудани раванди дарк, маданият ва истифодаи эҷодии дониш дар ҳалли муаммоҳо;
- ✓ баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби иштирокчиён дар ҳалли муаммоҳое, ки ба фаъолияти ҷустуҷӯии иштирокчиён таъсири ногузир мерасонанд, онҳоро ба чорабиниҳои мушаххас даъват мекунад, раванди омӯзиш бештар маънидод мешавад;
- ✓ ташаккул додани қобилияти фикрронӣ ба таври оддӣ, бо роҳи худ дидани вазъияти мушкилот, роҳҳои берун баромадан аз он;
- ✓ татбиқи усулҳои интиқоли ташкили фаъолият, гирифтани таҷрибаи нави кор, ташкили он, муоширaт, таҷрибаомӯзӣ;
- ✓ баланд бардоштани дониш, малака, кушодани имкониятҳои нав барои донишҷӯён;
- ✓ назорати сатҳи ва қобилияти татбиқи дониш, маҳорат ва қобилиятҳо дар ҳолатҳои мухталиф ва ғайра.
- ✓ навовариҳои дохилӣ - инноватсияҳо, ки дар доираи ин мавзуъ амалӣ мешаванд, бо хусусиятҳои таълимоти он (масалан, гузариш ба маҷмуаҳои нави таълимӣ ва методологӣ, азхуднамоии технологияҳои методии муаллифӣ);
- ✓ инноватсияи умумиметодологӣ - ҷорӣ кардани технологияҳои ғайрианъанавии таълимӣ ба фаъолияти педагогӣ, зеро истифодаи онҳо дар ҳар як мавзуъ имконпазир аст (масалан, таҳияи вазифаҳои эҷодӣ барои донишҷӯён, фаъолиятҳои лоиҳавӣ);
- ✓ инноватсияҳои маъмурӣ қарорҳое, ки аз тарафи роҳбарони сатҳҳои гуногун қабул мегарданд, бояд дар хотима ба фаъолияти самарабахши ҳамаи субъектони ҷараёни таълимӣ мусоидат менамояд;
- ✓ навовариҳои идеологӣ инноватсия бо дигаргуншавии тафаккур вобаста аст.
- ✓ бе дарки зарурият ва муҳимияти навовариҳо ба навсози оғоз намудан ғайриимкон аст.

Технологияҳои инноватсионӣ асосан ба баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои олии касбӣ тавассути рушди қобилияти эҷодӣ ва мустақилияти донишҷӯѐн, ки онҳо дар раванди қабули қарорҳо нишон медиҳанд, ниҳоят боиси афзоиши шуғли шахсӣ ва касбии мутахассиси оянда мегардад, ба ӯ як қисми муҳими меъѐрҳои фарҳангиву иҷтимоии ҷомеаро медиҳад

Усули интерактивӣ ҳамчун муттаҳидсозӣ, ҳамоҳангсозӣ, кӯшиш ва ҳадафҳои коммуникатсионӣ, натиҷагирӣ бо роҳи суханрониро муайян мекунад. Он аз принсипи коммуникативӣ бо мавҷудияти ҳамкории ҳақиқӣ фарқ мекунад, ки дар он диққати асосӣ ба рушди малакаҳои муошират ва кори гурӯҳӣ равона карда мешавад, дар ҳоле ки барои вазифаи коммуникатсионӣ ин ҳадафи ҳатмӣ нест.

Истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар раванди машғулиятҳои таълимӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар самти баландбардории сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ба ҳисоб рафта, самаранокии донишомӯзии донишҷӯёнро зиёд менамояд ва ба тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир хуб мусоидат хоҳад намуд.

## *Адабиёт*


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»,* шаҳри Душанбе, 26.01.2021.
2. *Ellie Tran. Innovative Teaching Methods with Guide and Examples / Ellie Tran // Маводи шакли электронӣ аз URL суроғаи:* https://ahaslides.com/ru/blog/-innovative-teaching-methods/
3. *Ғаюров Ҳ.Ш. Методикаи таъмини ҳавасмандкунии донишҷӯён дар машғулияти амалӣ / Ҳ.Ш. Ғаюров // Муаммоҳои мубрами методикаи таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: назария ва амалия // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. - Хуҷанд: "Дабир", ДДҲБСТ, 2022. – 422 с.*
4. *Сафаров С. С. Воқеияти виртуалӣ дар таҳсилот / С. С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 3 ISSN 2074-1847. – С. 286-290.*
5. *Бобозода А. А. Информатизация образования - основа эффективного управления знаниями студентов / А. А. Бобозода // Современные проблемы и перспективные направления развития науки: материалы Международной научно-практической конференции, Чистополь, 27 ноября 2020 года / ЧУДПО «Научно-исследовательский и образовательный центр». – Казань: ИП Рагулин Р.А., 2020. – С. 32-38.*
6. *Маҳмудов И.М. Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика) //Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ). Хуҷанд. 2021. – 216 с.*
7. *Қиёмиддин М. Усулҳои интерактивии таълим ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон / М.Қиёмиддин. – Душанбе: ДМТ, 2012. – 75 с.*
8. *Маводи шакли электронӣ: Desktop vs Mobile vs Tablet Market Share Tajikistan. -* https://gs.statcounter.com/osmarketshare/mobile/worldwide


## ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ


Дар мақолаи илмӣ усули интерактивии таълим ҳамчун усули пешқадаму муосири таълим ва вазифаҳои он омӯхта шудааст. Инчунин бедор кардани таваҷҷуҳи донишҷӯён, самаранок аз худ кардани маводи таълимӣ, ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳо ва имконияти донишҷӯён барои ҳалли мушкилоти таълимӣ, эҳтироми байниҳамдигарии донишҷӯён ҳангоми баёни нуқтаи назар оид ба мавзуи дарс бо ёрии усули интерактивии таълим дар мақола таҳлил карда шудаст.



**Калиможаҳо:** усули интерактивии таълим, фаъолияти зеҳнӣ, машғулиятҳои интерактивӣ, ҳамкории бевосита, таваҷҷуҳи донишҷӯён.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ


В научной статье интерактивный метод обучения изучается как передовой и современный метод обучения и его функции. Повышенное внимания учащихся, эффективное усвоение учебного материала, самостоятельный поиск путей и умение учащихся решать учебные задачи, взаимоуважение учащихся при выражении своей точки зрения по теме урока с помощью интерактивного метода образования анализируются в статье.



**Ключивые** слова: интерактивный метод обучения, интеллектуальная деятельность, интерактивная деятельность, непосредственное взаимодействие, внимание учащихся.

## USE OF INTERACTIVE LEARNING METHODS

In a scientific article, the interactive teaching method is studied as an advanced and modern teaching method and its functions. The increased attention of students, the effective assimilation of educational material, the independent search for ways and the ability of students to solve educational problems, the mutual respect of students when expressing their point of view on the topic of the lesson using the interactive method of education are analyzed in the article.

**Keywords:** interactive teaching method, intellectual activity, interactive activity, direct interaction, students' attention.

## Дар бораи муаллифон

**Ғаюров Ҳаким Шарифович**
Номзади илмҳои физика-математика, дотсент
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
Тел.: (+992) 92 864 66 93
E-mail: gayrov1964@mail.ru

**Бобозода Алохон Акбар**
Муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотию барномарезӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1

## Об авторах

**Гаюров Хаким Шарифович**
Кандидат физико-математических наук, доцент
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-р., дом 1
Тел.: (+992) 92 864 66 93
E-mail: gayrov1964@mail.ru

**Бобозода Алохон Акбар**
Старший преподаватель кафедры информационных, программных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр-р., дом 1

## About the authors

**Gayurov Khakim Sharifovich**
Candidate of Physics and Mathematics, Associate Professor
Tajik State University of Law, Business and Policy
735700, Republic of Tajikistan, Khujand City, 17 microdistrict., home 1
Ph.: (+992) 92 864 66 93
E-mail: gayrov1964@mail.ru

**Bobozoda Alohon Akbar**
Senior lecturer in the Department of Information, Programming and Communication Technologies
Tajik State University of Law, Business and Policy
735700, Republic of Tajikistan, Khujand City, 17 microdistrict., home 1

# СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДИЧЕСКИЕ УКАЗАНИЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ЛЕКСИКИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

***Усмонзода Ш., Холов С. С.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни*

Говоря об обучении лексике иностранного языка, надо прежде всего оставить вопросы объяснения лексики и усвоения ее учащимся. В разных уровнях эти вопросы имеют свои особенности, поэтому методика работы над словом должна быть различной в зависимости от ступени обучения.

Главным средством раскрытия значения иностранного слова является перевод его на родной язык. Однако перевод как средство раскрытия значения слова наряду с достоинствами имеет и недостатки. Достоинствами перевода как средства семантизации является сравнительная точность передачи значения иностранного слова, возможность сразу найти адекватные по значению слова, что дает определенную экономию во времени. Недостатком перевода как средства семантизации является то, что в ряде случаев встречаются затруднения в подыскании эквивалентного слов на родном языке. Это происходит из за различия объема значений слов в разных языках и отчетливо видно на примере таджикского и английского языков. Поэтому точно перевести слово можно только исходя из контекста, прибегая в ряде случаев к толкованию слова. Разумеется, исключение в данном случае предоставлять слова, выражающие название вполне конкретных предметов.

Другим средством объяснения слова, широко применяемым в учебных заведениях, является наглядность. Наглядность может быть внешней (предметной или изобразительной) и внутри (языковой).

Средства предметной или изобразительной наглядности для раскрытия значения слов очень ограничены. Только значения небольшого количества слов, являющихся названиями простейших предметов домашнего и аудиторного обихода, могут быть достаточно точно раскрыты при помощи предметных и изобразительных средств наглядности.

Кроме того, изобразительное средство может оказаться не точным; изображая на доске тот или иной предмет, мы не гарантированы от того, что наше изображение предмета вызовет у учащихся неправильное представление, мы не можем быть уверены в том, что учащиеся соотнесут изображенный предмет с нужным в том, что учащиеся соотнесут изображенный предмет с нужным понятием. Мы никогда не можем быть уверены, наше изображение вызовет в сознании всех учащиеся одинаковое понятие. Этим объясняется необходимость перевода слова на родной язык вслед за показом предмета или его изображения.

Языковая наглядность должна найти самое широкое применение в процессе преподавания иностранного языка. Средствами языковой наглядности являются:

Объяснение значения слова по контексту;

Объяснение значения слова при помощи синонимов и антонимов;

Объяснение значение слова при помощи анализа словообразовательных признаков;

Объяснение значения слова при помощи описания его значения на иностранном языке.

Рассмотрим достоинства и недостатки применения указанных средств языковой наглядности.

Контекст. Контекст имеет то преимущество по сравнению с другими средствами языковой наглядности, что он способствует прочному запоминанию слова благодаря появлению у учащихся ряда ассоциаций. Недостатком контекста является то, что учащихся в этом случае приобретает знание только контекстуального значения слова, локального его значения. Это контекстуальное значение слова может не быть основным его значением, так как слово в контексте может иметь суженное или даже совершенно не типичное для него значение. Поэтому возникает необходимость либо подыскивать нужный контекст (что представляет значительные трудности, если иметь в виду иностранную литературу), либо сопровождать работу над словом в контексте необходимыми дополнительными объяснениями.

Синонимы и антонимы. Использование синонимов и антонимов для раскрытия значения новых слов весьма ограничено. Это объясняется тем, что большинство синонимов только относительно близки по значению. Поэтому только в очень небольшом числе случаев можно с уверенностью пользоваться синонимами. Кроме того, одно и тоже слово может быть или не быть синонимом другого слова в зависимости от контекста, в котором это другое слово встретилось, так как в разных контекстах оно может приобретать разное значение. По тем же соображением ограничено и использование антонимов.

Словообразование. Анализ словообразовательных признаков является мощным средством понимания значения слова, но он может быть действенным только в том случае, если корень слова известен учащимся. В противном случае (при незнании значения корня) словообразовательные признаки могут лишь частично помочь определить значение слова, указывая на принадлежность его к той иной части речи и т.п.

Описание значение слова на иностранном языке. Это раскрытия значения слова может быть использовано в довольно ограниченных случаях, если преследуется узкая цель семантизации. Однако приобретает огромное значение, если в качестве дополнительной цели преследуется повторение уже ранее изученной лексики и развитие восприятия иностранной речи на слух.

Языковая наглядность может использоваться на всех ступенях обучения, но не все ее средства могут быть применены на любой степени. Например, словообразованием можно пользоваться на любой этапе, но с различной степенью углубленности. Описанием на иностранном языке можно пользоваться только на достаточно продвинутой ступени. Подчеркнем, применение средств языковой наглядности для раскрытия слов не снимает необходимости последующего перевода на родной язык.

Слова могут быть объяснены до чтения теста. В этом случае слово может быть введено изолированно или в контексте.

Слово может быть объяснено в процессе чтения текста.

Значение нового слова может быть раскрыто самими учащимся при помощи словаря учебника или разных видов словарей.

Выбор того или иного пути объяснения новых слов зависит прежде всего от характера слова и от ступени обучения.

Объяснения слова до чтения текста. При объяснении нового слова до чтения текста должны быть обеспечены: прослушивание нового слова, необходимые разъяснения в отношении произношении слова, произнесение его учащимся, запись слова на доске в традиционной орфографии и транскрипции (полной или частичной) с переводом его значения на родной язык. Поскольку такое объяснение слов проводится на начальной ступени обучения языку, оно часто сопровождается применением средств предметной или изобразительной наглядности. Ход работы над словом схематично выглядит следующим образом.

Показ преподавателем наглядного пособия, изображающего данный предмет.

Многократное произнесение слова со стороны преподавателя.

Перевод слова на родной язык учащимся с помощью словарей или самим преподавателем.

Индивидуальное и хоровое произнесение учащимся нового слова.

Запись слова учителем на доске с транскрипцией и переводом.

К записи слова в транскрипции привлекаются по возможности сами учащихся.

Звукобуквенный анализ слова учащихся под руководством преподавателя.

Занесение слова в специальные тетради-словари.

Объяснение значения слова в процессе чтения текста. При объяснения слова в процессе чтения текста преподаватель останавливается на каждом новом слове по мере того, как оно встречается в тексте. Значение слова определяется при активном участии всего аудитории. В случае такого объяснения слова опорой для понимания его значения является не только смысл контекста, но и многие внешние признаки, как-то: место слова в предложении, наличие или отсутствие перед словом артикля или другого детерминатива, словообразовательные суффиксы и префиксы.

Самостоятельное ознакомление учащихся со словами (с помощью словаря). К этому следует полностью перейти в школьном периоде, начиная с 5 класса. Значение каждого нового слова самостоятельно отыскивается учащимся в словаре с должной ориентировкой на контекст и другие виды языковой наглядности. Ознакомление учащихся с новыми словами в процессе чтения текста становится основным видом работы.

Усвоение учащимся новой лексики фактически начинается с первого знакомства со словом в процессе его объяснения преподавателем. Однако в дальнейшем преподаватель должен обеспечить четкую систему работы над словом для его прочного усвоения. Эта система различна на разных ступенях обучения. На начальной ступени обучения в центре внимания – слов его локальном значении, на что и должны быть направлены соответствующие лексические упражнения. Характерным для начальной ступени является также комплексность работы над словом, так как на этой ступени закладываются основы произносительных навыков и навыков чтения, письма и устной речи.

В начальном этапе изучения слова (начиная в школе) и далее отличительной стороной работы над словом является рассмотрение его в системе лексических явлений многозначности, синонимии, омонимии.

В высших учебных заведениях требуется более углубленная работа над многозначностью слова, также требует специального внимания к переносному значению слова. Особое внимание должно уделяться на фразеологий и над сочетаниями слов.

В заключение можно подытоживать, что:

Слово - это более сложное явление, чем может показаться на первый взгляд.

- слова выполняют разные функции, некоторые несут в основном грамматическое значение, в то время как другие несут большую информационную нагрузку
- одно и то же слово может иметь самые разные формы
- слова могут быть добавлены или объединены для образования новых слов
- слова могут группироваться вместе, образуя единицы, которые ведут себя так, как если бы они были отдельными словами
- многие слова обычно сочетаются с другими словами
- слова могут выглядеть или звучать одинаково, но иметь совершенно разные значения
- одно слово может иметь множество перекрывающихся значений
- разные слова могут иметь сходные значения или могут иметь противоположные значения
- слова могут иметь одно и то же или схожее значение, но использоваться в разных ситуациях или для разных эффектов

## *Литература*


1. *Rogova G.V. Methods of teaching English. M., 2020 p. 92-110*
2. *Janceweicz S. Films in Foreign Language Teaching. – Glottodidactica, vol. 2., Poznan, 2010, p.84-95.*
3. *Леонтьев А.А. Эмоционально-волевые процессы в овладении иностранным языкам. – Иностр. языки в университете. – 2008. - №6.*
4. *Кондаков Н.И. Логический словарь-справочник. - М., 2005. – 280 с.*
5. *Кудашова М. А. К вопросу о мотивах изучения иностранного языка // Иностр. языки в университете. – 2011. - №5.*
6. *Берман И.М. Методика обучения английскому языку. - М., 2009.*
7. *Русакова П.Д. Управление самостоятельной деятельностью студентов при обучении чтению литературы по специальности. – Иностр. языки в высшей школе, 2003.*
8. *Хэгболдт П. Изучение иностранных языков. - М., 2000.*
9. *Аракин В.Д. Виды наглядных пособий на иностранном языке и методы работы с ними. - М. – 1998. - №3.*
10. *Богданова И.И. Виды наглядных пособий // Иностранные языки в высшей школе. – 1999. - №5.*

## СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДИЧЕСКИЕ УКАЗАНИЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ЛЕКСИКИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматривается основные подходы обучения лексики на фоне языковой наглядности. В статье анализируется контекст, синонимы и антонимы, словообразование, описание значение слова на иностранном языке, объяснения слова до чтения текста, объяснение значения слова в процессе чтения текста. В заключение раскрывается основные определения для обучения лексике.

**Ключевые слова:** методика, лексика, иностранные языки, подходы, тетради-словари, изобразительные средства наглядности.

## ДАСТУРҲОИ МУОСИРИ МЕТОДӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ЛЕКСИКАИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақола равишҳои асосии таълими луғат дар заминаи забоншиносӣ баррасӣ шудааст. Мақола фарогири таҳлили контекст, синонимҳо ва антонимҳо, калимасозӣ, тавсифи маънои калима дар забони хориҷӣ, шарҳ додани калима пеш аз хондани матн, шарҳи маънои калима дар раванди мутолиаи матн марвриди омӯзиш қарор дода шудааст.. Хулоса дар мақола таърифҳои асосии таълими луғат нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** методология, луғат, забонҳои хориҷӣ, равишҳо, китоби луғат, асбобҳои аёнӣ.

## MODERN METHODOLOGICAL INSTRUCTIONS WHEN STUDYING THE VOCABULARY OF A FOREIGN LANGUAGE

This article examines the main approaches to teaching vocabulary against a background of linguistic visibility. The article analyzes the context, synonyms and antonyms, word formation, description of word meaning in a foreign language, explanation of a word before reading the text, explanation of word meaning in the process of reading the text. The conclusion reveals the basic definitions for teaching vocabulary.

**Keywords:** methodology, vocabulary, foreign languages, approaches, vocabulary notebooks, visual aids.

## Дар бораи муаллифон

**Усмонзода Шохрух**
Доктор (PhD), и.в. дотсент, саркотиби Шуроҳои диссертатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 865 80 65
E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru

**Холов Сафобахш Санақулович**
Ассистент, котиби масъули маҷаллаи илмии “Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ”
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 807 09 06
E-mail: safobakhsh@mail.ru

## Об авторах

**Усмонзода Шохрух**
Доктор (PhD), и.о.доцент, глав секретарь диссертационных советов
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 865 80 65
E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru

**Холов Сафобахш Санакулович**
Ассистент, ответственный редактор научного журнала «Вестник педагогического университета»
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 807 09 06
E-mail: safobakhsh@mail.ru

## About the authors

**Usmonzoda Shokhrukh**
Doctor (PhD), Acting Associate Professor, Chief Secretary of Dissertation Councils
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 865 80 65
E-mail: shohrukh.usmonov@mail.ru

**Kholov Safobakhsh Sanakulovich**
Assistant, executive editor of the scientific journal "Bulletin of the Pedagogical University"
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 807 09 06
E-mail: safobakhsh@mail.ru

ТДУ 374.6:802

# ТАТБИҚИ «МЕТОДИ ЛОИҲАВӢ» ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКИИ МАТНӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Буриев Ф. К., Бегимов Ҳ. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Инкишофи ҷомеа дар замони муосир ба дигаргунсозии низоми таҳсилот ва сифатан баландбардории кадрҳои омӯзгорӣ вобаста мебошад. Хусусияти технологияи муосири таълим ин омодагии касбии омӯзгорон оид ба ноилшавии натиҷаҳои баланди инкишофи эҷодии шахсият ба ҳисоб меравад. Имрӯз пешорӯи омӯзгор талаботҳои ҷиддӣ оид ба омодагии касбӣ гузошта шудааст. Пешомади амалишавии коркардҳои худинкишофёбии муассисаҳои таълимӣ, ки омили асосии эҷодиёти омӯзгор мебошад, такя ба навгониҳои мактабу маориф, ки инъикоси худро дар пайдо шудани мактабҳои типи нав зоҳир мегардад, дидан мумкин аст. Дар айни замон воридшавии ҷузъиёти нави мазмуни маълумот, технологияи нави таҳсилот мустаҳкамии робитаи муассисаҳои таълимӣ ва илм, муроҷиат ба таҷрибаи пешқадами педагогии олам боз ҳам мақому ҷойгоҳи омӯзгорро дар ҷамеа дучанд мегардонад. Роҳи рушди муосири синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ, мураккабшавии таҳсилоти ибтидоӣ ва инкишофи хонандагон боиси пурзӯркунии эҷодкоронаи таълим ва инчунин талаботи нав ба навро оид ба омодагии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ пеш мегузорад.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом бо афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Навгониҳое, ки дар системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мешавад, ба рушду ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст. Яке аз ин самтҳо ҳалли масъалаи роҳандозии корҳо оид ба ҳамгироии муассисаҳои таълимию ҷомеа мебошад.

Ҳамгироӣ дар раванди таълим – ин яке аз равияҳои муҳимми ҷустуҷӯйи усулу методҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогӣ мебошад, ки боиси инкишофи нуфузи коллективи омӯзгорон ва омӯзгорони алоҳида гардида, бо мақсади таъсири самараноки онҳо ба хонандагонро ифода менамояд. Ҳамгироӣ ҳамчун раванд, пеш аз ҳама, дар таҳкурсии илмҳои математикӣ-табиӣ амалӣ ва ба вуқуъ мепайвандад. Ин раванд дар баръакси тафриқаи илмҳо буда, ба рушди ҳаҷму васеъгии донишҳо талаботи навро пеш меорад. Ҳамгироӣ байни фанҳои таълимӣ инкори системаи фаннӣ нест. Он имконият медиҳад, ки дарёфти роҳҳои имконпазири вобастагиҳо бо ҳамалоқамандии ин фан ошкор мегардад.

Мушоҳидаҳои бисёрсола нишон медиҳад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баъдтар хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо донишҳои гирифтаи худро аз ин ё он фан ба фанни дигар баҳри татбиқ кардан душворӣ мекашанд. Дар онҳо мустақилияти тафаккур ва маҳорати ташаккули донишҳо дар баъзе ҳолатҳо монанд ва ҳолатҳои дигар коста мебошад. Ҳамаи камбудиҳо ва норасогиҳо дар заминаи байни ҳам номувофиқии фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолатҳо бояд қайд кард, ки робитаи байнифанҳо, аз он ҷумла математикӣ-табиӣ дуруст амалӣ нашудааст. Аз ин лиҳоз, сарчашмаи ҳамгироӣ ин робитаи байнифаннӣ буда, сабабгори асосии муттаҳидкунии омилҳои ташаккулдиҳандаи мазмун ва сохтори фанҳои таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Чи хеле ки таҷриба нишон медиҳад, робитаи байнифаннӣ дар раванди таълими мактабӣ яке аз воситаҳои асосии амалисозии ҳамгироии донишҳо, маҳорату малакаҳои илмӣ ва ҳаётиро ифода мекунанд. Ин робитаҳо боиси баландшавии омодагии амалӣ ва назариявӣ-илмии хонандагон мешавад, ки заминаи дарки хонандагон ҷабҳаҳои умумии фаъолияти

азхудкунӣ мебошад. Имрӯз муассисаҳои таълимии маорифи давлатамон дар давраи гузариш аз низоми анъанавии таълим ба низоми нав – низоми таълимӣ бо салоҳиятнокӣ нигаронидашуда, қарор дорад.

Таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда, таълимест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, ҳақиқӣ, вазифавӣ) равона мешавад. Таълими ба салоҳиятнокӣ нигаронидашуда бояд ба саволҳои: «Хонанда чӣ кор карда метавонад?», «Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?» ҷавоб дода тавонад. Донистан ё дониш дар таълими бо салоҳиятнокӣ нигаронидашуда ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, муқоиса кардан бо намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад. Маҳз барои ҳамин низоми таълим хонандагонро ба ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва ҳалли масоили муҳими муҳити ӯро иҳотакунанда водор сохтан лозим аст.

Мусаллам аст, ки барои самаранок ба роҳ мондани ин низом истифодаи методҳои гуногуни таълим мусоидат мекунанд. Сабаби интихоби методҳои гуногуни таълим дар он аст, ки методҳои бештар самарабахштари омӯзиши маводи барномавӣ истифода карда шаванд. Методҳои самарабахши таълим ҳамонҳоеанд, ки ҳангоми истифодаи онҳо ба сарфи ками вақт, таҷҳизот, кӯшишҳои зеҳниву ҷисмонӣ ба мақсадҳои таълимии гузоштащуда расида тавонем. Ба андешаи мо яке аз методҳои самарабахши таълим, ки истифодаи он дар таълими физика имконпазир аст – ин методи лоиҳавӣ мебошад.

**Методи лоиҳавӣ -** машғулияти мустақилона буда, беруназдарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосил- кардаи омӯзгорон дар давоми марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад [5].

Моҳияти методи лоиҳавиро инкишофи малакаҳои даркнамоии хонандагон, мустақилона ғанӣ гардонидани донишҳо, истифода бурдани ахбороти гуногун, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ ташкил медиҳад.

Аслан методи лоиҳавӣ тибқи талаботи шароити тағйирёбандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа пайдо шуда, дар вақти кӯтоҳ ба яке аз методҳои паҳнгаштаи ташаккулёбии фаъолияти зеҳнӣ табдил ёфт. Баъзан ин методро методи ҳалли проблема низ меноманд. Методи мазкур ба ғояҳои гуманистии фалсафаи маориф, ки аз ҷониби файласуф ва педагоги амрикоӣ Ҷ. Дюи ва шогирдаш В.Х. Килпатрик пешниҳод гардида буд, асос ёфтааст. Ҷ. Дюи ба низоми мактабӣ, ки ба азхудкардани дониш асос ёфта буд, таълим тавассути «иҷро кардан»-ро пешниҳод намуд. Ӯ тавсия карда буд, ки таълим тавассути ба роҳ мондани фаъолияти мақсадноки хонандагон, ки манфиати шахсии онҳо маҳз барои азхуд кардани ҳамин донишҳо равона гардидааст, бунёд карда шавад.

Ғояҳои таълими лоиҳаҳо дар Русияи ибтидои асри XX амалан баробари таҳияҳои педагогҳои амрикоӣ пайдо шуд. Соли 1905 таҳти роҳбарии педагоги рус С.Т. Шатский баҳри амалӣ гардонидани методи лоиҳавӣ гурӯҳи корӣ ташкил карда шуда буд [5].

Дар мактаби Иттиҳоди Шуравӣ, методи лоиҳавӣ бо фаъолияти коллективонаи хонандагон якҷоя карда шуд. Дар ҳамин давра, педагог- ҳову методистон кӯшиш намуданд, то ки методи лоиҳавиро таҷдиди назар кунанд. Ин кӯшишҳои онҳо дар шакли методҳои гуногуни математикӣ ифода гардид.

Ҳавасмандии ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон ба чунин методи таълим хеле баланд буд, вале меъёрҳо ва технологияи гурӯҳбандии маводи барномавии фанҳои таълимии гуногун тибқи лоиҳаҳо ба он оварда расонид, ки мактаб дониши мусалсалу устувори хонандагонро таъмин карда натавонист. Бинобар ин, соли 1931 бо қарори Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ «Дар бораи мактаби миёна» амалишавии ин метод боздошта шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо мурури замон татбиқи методи лоиҳавӣ таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузаронидааст, вале моҳияташ чун пешина боқӣ мондааст.

Методи лоиҳавӣ имкон медиҳад, ки методҳои таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯӣ ва масъалавӣ дар ҳамбастагии узвӣ истифода шаванд. Ба андешаи мо, яке аз афзалиятҳои ин метод маҳз ҳамин аст. Имрӯзҳо бошад, методи лоиҳавӣ аз нав эҳё мегардад, зеро бо истифода аз технологияҳои иттило- отию коммуникатсионӣ, ба монанди телекоммуникатсияи компютерӣ, бонки маводи электронӣ, китобхонаҳои электронӣ, воситаҳои мулти- медӣ, аудио ва видеоконфронсҳо ва ғайра имкониятҳои нави татбиқи методи мазкур пайдо мешаванд. Дар ҳамин замина,

ҳамгироии методи лоиҳавӣ бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва методҳои дигар самарабахшии методи ҳамгироии таълимро баланд мебардорад.

Боиси зикр аст, ки мавриди ҷорӣ намудани методи лоиҳавӣ мавқею манзалати омӯзгор низ тағйир меёбад. Омӯзгор аз манбаи донишҳои тайёр ба ташкилкунандаи фаъолияти маърифатии хонандагон табдил меёбад. Муҳити психологии хонандагон низ тағйир меёбад, зеро омӯзгор дар ҷараёни фаъолияти таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯ ва эҷодии хонанда- гон нақши ёвар ё мушовирро иҷро мекунад.

Лоиҳаҳоро аз рӯйи ҳайати иштирокчиён, мақсадгузорӣ, мавзуъ, муҳлати татбиқ ва ғайраҳо ба гурӯҳҳо тасниф мекунанд. Ин гурӯҳбандӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳо, муайян кардани сохтори онҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти хонандагон дар гурӯҳҳо ва ғайра ба омӯзгорон ёрӣ мера- сонад. Гурӯҳбандии лоиҳаҳо дар адабиёти методӣ пешниҳод шудааст, бинобар ин мо доир ба он маълумот пешниҳод накарда, марҳилаҳои кор бо лоиҳаҳоро муоина менамоем.

Методи лоиҳавӣ ҳамчун яке аз технологияҳои педагогӣ алгоритми ҷиддии фаъолиятро дарбар нагирад ҳам, амалиёти дурусту мусалсали мантиқи математикиро тақозо менамояд. Кор бо лоиҳаҳоро ба шаш марҳила ҷудо намудан мумкин аст. Ҳар як марҳила ба марҳилаҳои фаъолияти самараноки даркнамоӣ мувофиқат менамояд [2].

- **марҳилаи омодагӣ:** интихоби роҳбари лоиҳа; ҷустуҷӯи масъалаи таҳқиқотӣ; интихоби мавзуъ ва мушаххас намудани он; ташкил кардани гурӯҳи кории татбиқи лоиҳа;
- **марҳилаи ҷустуҷӯӣ:** саҳеҳ гардонидани мавзуи лоиҳа ва пояҳои амалишавии он; ошкор сохтани проблемаи таҳқиқотӣ ва таҳлилу баррасии он, муайян кардани мақсадҳои лоиҳа;
- **марҳилаи таҳлилӣ:** ҷустуҷӯю дастрас кардан ва таҳлилу баррасии ахбороти мавҷуда доир ба мавзуи таҳқиқотӣ; ҷустуҷӯю дастрас кардани ахбороти нав доир ба мавзуи таҳқиқотӣ; ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлилу баррасии ахбороти нав; ҷустуҷӯю дарёфт кардани роҳу усулҳои дурусти расидан ба мақсади ниҳоии лоиҳа; мураттаб сохтани алгоритми фаъо- лияти иҷрокунандагони лоиҳа; тартиб додани нақшаи кории иҷро- кунандагони лоиҳа, банақшагирии фаъолиятҳо, таҳлили захираҳо;
- **марҳилаи иҷрошавӣ:** амалӣ намудани фаъолиятҳои ба нақша- гирифташуда; санҷиши навбатии сифати иҷрошавии фаъолиятҳо; ворид намудани тағйироту иловаҳо ба нақшаи корӣ; ворид намудани дигар- гуниҳо ба сохтор - лавозимот ва технологияи коркарди маснуоти лозима (агар зарур бошад);
- **марҳилаи муаррифӣ:** тайёр кардани маводи муаррифӣ; муарри- фии лоиҳа; омӯзиши имконниятҳои истифода шудани натиҷаҳои лоиҳа (намоиш, фурӯш, дохил намудан ба маҳзани лоиҳаҳо, интишор ва ғайра);
- **марҳилаи санҷишӣ:** таҳлили натиҷаҳои ба дастомада; баҳогузорӣ ба сифати иҷрои лоиҳа, таклифу пешниҳодот баҳри такмили минбаъдаи лоиҳаҳо.

Акнун методикаи истифодаи методи лоиҳавиро ҳангоми омӯзиши мавзуи «Масъалаҳои ҳаракат ба пешвози якдигар» пешниҳод менамоем. Ҳангоми омӯзиши мавзуи мазкур ин гуна навъи масъалаҳо дар амалия хеле зиёд вомехӯранд. Одитарин масъалаҳои ин намуд дар синфҳои ибтидоӣ оварда шуда, хонандагонро бо ченакҳои вақт, роҳи тайкарда- шуда, суръат шинос намуда, вобастагии онҳоро нишон медиҳад. Ин вобастагиҳо бо таърифҳои саҳеҳ дар китоби математикаи синфҳои ибтидоӣ баён гардидаанд. Якчанд масъаларо оид ба «методи лоиҳавӣ» ҳангоми таълими ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар хонанда- гони синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳем.

**Масъалаи 1**. Дарозии роҳрав ба 120 м баробар аст. Ду хонанда аз охирҳои ин роҳрав ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Хонандаи якум то вохӯрӣ 60 м-и роҳравро тай намуд. Хонандаи дуюм то вохӯрӣ чанд метри ин роҳравро тай намуд?

**Ҳал:**



1. 120 м – 60 м = 60 м роҳро хонандаи дуюм тай намудааст.

**Ҷавоб:** Хонандаи дуюм то воҳӯрӣ 60 метри ин роҳравро тай намудааст.

**Масъалаи 2.** Масофаи байни шарҳои А ва В 560 км аст. Аз шаҳри А ба шаҳри В ва баръакс дар як вақт қатора ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Суръати қатораи аз шаҳри А ба шаҳри В ҳаракаткунанда ба 72 км/соат ва суръати қатораи аз шаҳри В ба А ҳаракаткунанда ба 68 км/соат баробар аст. Қатораҳо баъди чанд соат бо якдигар вомехӯранд?

**Ҳал:**




1. 72 км/соат + 68 км/соат = 140 км/соат - суръати якҷояи қатораҳо.
2. 560 км : 140 км/соат = 5 соат.

**Ҷавоб:** Қатораҳо баъди 5 соат бо якдигар вомехӯранд.

**Масъалаи 3**. Ду варзишгар аз охирҳои як роҳрав ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Варзишгари якум то воҳӯрӣ 4 соат бо суръати 14 км/соат ва варзишгари дуюм то воҳӯрӣ 3 соат босуръати 18 км/соат роҳ рафт. Онҳо якҷоя чӣ қадар масофаро тай намуданд?

**Ҳал:**




1. 14 км/ст×4 ст = 56 км - роҳи тайкардаи варзишгари якум.
2. 18 км/ст × 3 = 54 км - роҳи тайкардаи варзишгари дуюм.
3. 56 км + 54 км = 110 км - роҳи тайкардаи ҳарду варзишгар.

**Ҷавоб:** Онҳо якҷоя 110 км масофаро тай намуданд.

**Масъалаи 4**. Пиёдагарди якум бо суръати 5 км/соат равон аст. Суръати пиёдагарде, ки аз паси ӯ меравад 7 км/соат буда, масофаи байни онҳо 10 километр мебошад. Онҳо баъди чанд соат вомехӯранд?

**Ҳал:** Агар вақти воҳӯрии онҳоро бо t ишорат намоем, он гоҳ дар ин вақт пиёдагарди якум масофаи 5×х ва пиёдагарди дуюм масофаи 7×х-ро тай менамоянд. Ҳангоми воҳӯрӣ масофаи тай намудаи пиёда- гарди дуюм 10 километр зиёд аст. Яъне 7×х - 5×х=12 мешавад. 2×х=10, аз ин ҷо х-ро меёбем: х=10:2=5 аст.

**Ҷавоб:** Пиёдагардҳо баъди 6 соат бо ҳамдигар вомехӯранд.

**Масъалаи 5.** Мошин аз шаҳр бо суръати 30 км/ст равон шуд. Баъди 2 соат аз паси он мошини дуюм бо суръати 40 км/ст ба роҳ баромад. Аз шаҳр дар кадом масофа онҳо вомехӯранд?

**Ҳал:** Боз вақти воҳӯриро бо х-ишорат мекунем. Мошини якум то воҳӯрӣ х+2 соат дар ҳаракат буд. Ҳангоми воҳӯрӣ масофаи тайкардаи мошинҳо якхела мебошад. Бинобар ин муодилаи 30×(х+2)=40×х-ро ҳосил мекунем. Муодилаи ҳосил шударо ҳал менамоем: 30х+60=40х;

60=40х-30х; 60=10х; х=60:10; х=6. Яъне, мошинҳо пас аз 6 соат во- мехӯранд. Акнун масофаи матлубро меёбем: S=ʋ×t=40 км/ст×6 ст=240 км.

**Ҷавоб:** Аз шаҳр дар 240 км масофа онҳо вомехӯранд.

**Масъалаи 6.** Қатора масофаи 900 км-ро дар муддати 15 соат бояд тай кунад. Пас аз 6 соати ҳаракат қатора ба вақти 30 дақиқа боз дошта шуд. Акнун вай бо кадом суръат бояд ҳаракат намояд, то ки дар муҳлати тайншуда ба ҷойи зарурӣ омада расад?

**Ҳал:** Аввал суръати қатораро меёбем: $S=\upsilon\times t$; $\vartheta = \frac{s}{t} = \frac{900 \text{ км}}{15 \text{ соат}} = 60 \frac{\text{км}}{\text{соат}}$. Дар вақти 6 соат қатора масофаи $60 \frac{\text{км}}{\text{соат}} \times 6$ соат = 360 км роҳро тай мекунад. Боқимондаи роҳе, ки $S_1$=900 км-360 км=540 км аст, вай на акнун дар вақти 15 соат – 6 соат = 9 соат, балки бояд дар вақти $t_1$ = 9 соат-30 дақиқа = 8 соату 30 дақиқа = $8\frac{2}{3}$ соат тай намояд. Суръати қатора дар ин вақт ба $\vartheta = S/t_1 = \frac{540 \text{ км}}{26/3 \text{соат}} = \frac{540 \text{ км}\times 3}{26 \text{ соат}} = 62{,}4 \frac{\text{км}}{\text{соат}}$.

**Ҷавоб:** Акнун вай бо суръати 62,4 км/соат бояд ҳаракат намояд, то дар вақти тайншуда ба ҷойи зарурӣ омада расад.

**Масъалаи 6.** Киштӣ дар 3 соат ба равиши ҷараёни дарё масофаи 48 км ва дар ҳамин вақт ба муқобили ҷараёни дарё 36 км масофаро тай мекунад. Суръати киштиро дар оби ором ва суръати ҷараёни дарёро ёбед?

**Ҳал:** Бо $\upsilon \frac{\text{км}}{\text{соат}}$ - суръати киштиро дар оби ором ва бо $u\frac{\text{км}}{\text{соат}}$- суръати ҳаракати ҷараёни дарёро ишорат мекунем. Ҳангоми ба равиши ҷараёни дарё ҳаракат кардани киштӣ суръати ҳаракати он ба суммаи суръатҳои киштӣ дар оби ором ва суръати ҷараёни об, ба $(\upsilon+u) \frac{\text{км}}{\text{соат}}$ ва ҳангоми ҳаракат ба муқобили ҷараёни дарё ба фарқи ҳамин суратҳо, ба $(\upsilon-u) \frac{\text{км}}{\text{соат}}$ баробар мешавад. Мувофиқи шарти масъ- ала ба муодилаҳои $(\upsilon+u)\times3=48$ ва $(\upsilon-u)\times3=36$ доро мешавем. Қисмҳои чап ва рости ин масъалаҳоро ба ҳамдигар ҷамъ намуда, ҳосил мекунем: $(\upsilon+u)\times3+(\upsilon-u)\times3=48+36=84$. Қавсҳоро кушода, аъзоҳои монандро ислоҳ менамоем: $3\upsilon+3u+3\upsilon-3u=84$; $6\upsilon=84$; $v=84:6$; $\upsilon=14$. Акнун қимати -ро дар яке аз муодилаҳо гузошта қимати u-ро меёбем. Барои, ин аз муодилаи якум истифода мебарем: $(\upsilon+u)\times3=3\upsilon+3u=$ $=3\times14+3u=48$; $42+3u=48$; $3u=48-42$; $3u=6$; $u=6:3$; $u=2$.

**Ҷавоб:** Суръати киштӣ дар оби ором ба $14 \frac{\text{км}}{\text{соат}}$, суръати ҳаракати ҷараёни дарё ба $2 \frac{\text{км}}{\text{соат}}$ баробар аст.

**Масъалаи 7.** Ду киштӣ аз ду бандар ба пешвози ҳамдигар ба роҳ баромада баъди 2 соат вомехӯранд. Суръати ҳаракати онҳо дар оби ором 14 км/соат ва 20 км/соат буда, суръати ҷараёни дарё 4 км/соат мебошад. Масофаи байни бандарҳо чанд километр аст?

**Ҳал:** Ин масъала ҳам ба монанди масъалаи 6 ҳал карда мешавад. Яъне, масофаи матлуб $(20+4)\times2+(14-4)\times2=24\times2+10\times2=48+20=68$ км аст. Мо масъаларо бо фарзияи он ки киштии суръаташ 20 км/соат буда ба равиши ҷараёни дарё ҳаракат мекунад, ҳал намудем. Агар ин киштӣ ба муқобили ҷараёни дарё ҳаракат кунад, он гоҳ масофаи ду бандар ин тавр ёфта мешавад: $(14+4)\times2+(20-4)\times2=18\times2+16\times2=36+32=68$ км аст.

**Ҷавоб:** Масофаи байни бандарҳо 68 км аст.

**Масъалаи 8.** Қатораи мусофиркаш 2 километр дарозӣ дорад. Бо суръати 80 км/соат ҳаракат мекунад. Ҳангоми ҳаракат қатора дар кадом вақт аз нақби дарозиаш 4 километр мегузарад?

**Ҳал:** Бо t вақте, ки қатора аз нақб мегузарад, ишорат мекунем. Масофае, ки қатора дар вақти ба нақб ворид шудани тепловоз то муҳлати аз нақб берун шудани қатораи охирин тай мекунад, ба суммаи дарозии қатора ва дарозии нақб баробар аст. Барои ёфтани вақт (t) аз формулаи $S = \vartheta\, t$, истифода мебаранд. Яъне, $t= S: \vartheta$ аст. Дар ин масъ- ала $\vartheta$ = 80 км/ соат, S=4 км ва ёфтани t-талаб карда мешавад. $t=S:\vartheta$=4 км : 80 км/соат = $\frac{1}{20}$ соат = $\frac{60}{20}$ дақиқа = 3 дақиқа.

**Ҷавоб:** Қатора дар 3 дақиқа аз нақб мегурад.

Ҳамин тавр, пас аз фаҳмонидани мавзуи «Масъалаҳои ҳаракат ба пешвози якдигар» баҳри амалан шинос намудани хонандагон бо мафҳуми "ҳаракат"ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ омӯзгор ба хонандагон чунин супориши гурӯҳӣ пешниҳод мекунад.

**Супориши гурӯҳӣ:** омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки масъалаҳои зеринро ҳал намоянд.

**Масъалаи 1.** Ду пиёдагард дар як вақт аз ду деҳа ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Пиёдагарди якум бо суръати 5 км/соат, пиёдагарди дуюм бо суръати 4 км/соат ҳаракат намуданд. Баъди 3 соат онҳо вохӯрданд. Масофаи байни деҳаҳоро ёбед?

**Масъалаи 2.** Дучархарон дар як вақт бо пешвози якдигар аз ду маҳалла баромаданд. Саръати дучархарони якум 10 км/соат ва суръати дучархарони дуюм 8 км/соат аст. Масофаи байни маҳаллаҳо 70 км мебошад. Онҳо баъди чанд соат ба як дигар вомехӯранд?

**Масъалаи 3.** Масофаи байни ду шаҳр 480 км аст. Ду қатора дар як вақт ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Онҳо баъди 8 соат вохӯрданд. Суръати қатораи якум 60 км/соат аст. Суръати қатораи дуюмро ёбед?

**Масъалаи 4.** Дучархарон ва мотосиклрон аз ду маҳалла дар як вақт ба пешвози якдигар баромаданд. Дучархарон бо суръати 12 км/соат ва мотосиклрон бо суръати 60 км/соат ҳаракат карданд. Баъди чанд соат онҳо вомехӯранд, ки агар масофаи байни ду маҳалла 180 км бошад?

**Масъалаи 5**. Қатораи боркаш ва мусофиркаш дар як вақт ба пешвози якдигар аз ду шаҳре, ки масофаи байни онҳо 720 км аст, баромаданд. Қатораи боркаш бо суръати 60 км/соат то вохӯри 320 кило- метр роҳро тай кард. Суръати қатораи мусофиркашро ёбед?

**Масъалаи 6.** Ду тайёра аз шаҳрҳои А ва В ба пешвози якдигар парвоз карданд. Онҳо баъди 5 соат вохӯрданд. Суръати тайёраи дуюм 420 км/соат аст. Суръати тайёраи якум 360 км/соат аст. Масофаи байни ду шаҳр чӣ қадар аст?

Омӯзгор баҳри самаранок иҷро кардани супириши лоиҳавӣ ба хонандагон маслиҳат дода, таъкид менамояд, ки ҳангоми ҳал кардани масъалаҳо аҳамият диҳанд. Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд. Гурӯҳҳо масъалаҳои пешниҳодшударо дар алоҳидагӣ ҳал мекунанд. Дар охир омӯзгор ба натиҷаи кори (лоиҳа) хонандагон баҳогузорӣ менамояд.

**Хулоса,** бо пешниҳод кардани лоиҳаи ҳалли масъалаҳо хонандагон боварӣ ҳосил мекунанд, ки дар ҷараёни ҳал кардани масъалаҳо хонанда гони хурдсол донишҳои нави математикӣ гирифта, ба амалиёти амалӣ тайёр мешаванд. Масъалаҳалкунӣ боиси инкишофи қобилияти мантиқӣ ва фикрии хонандагон мегардад. Ба инкишофи шахсияти онҳо низ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, ба омӯзгор зарур аст, ки доир ба масъалаҳои математикии матнӣ маълумоти кофӣ дошта бошад ва як масъаларо бо якчанд роҳу усулҳои гуногун ҳал намуданро уҳда карда тавонад.

## *Адабиёт*


1. *Бегимов Ҳ.Х, Иззатуллоев К, Пирназаров А, Раҷабов Т. Маҷмуи масъалаҳо аз математика. – Душанбе: 2020. - 295 с.*
2. *Бегимов Ҳ.Х, Рабиев С, Раҷабов Т.Б, Наҷмиддинов А.М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: 2020. - 233 с.*
3. *Бегимов Ҳ.Х, Раззоқов А, Акбаров Д. Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. // Маърифати омӯзгор, 2007. - №10. - С. 45-49.*
4. *Белошистая А.В. Обучение решению задач в начальной школе / А.В.Белошистая - М., 2003. - 288 с.*
5. *Бурхонов Қ.Т, Рабиев С.М, Султонов Р.Н, Турдиева Ш.А. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. (Дастури таълимӣ). – Хуҷанд: 2010. – 55 с.*
6. *Иззатуллоев К, Пирназаров А, Давлатов Т, Муродова Д. Таълими ҳалли масъалаҳои матнӣ аз математика дар синфҳои ибтидоӣ (Дастури таълимӣ-методӣ). – Душанбе, 2017. - 138 с.*
7. *Осимов Қ.У. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ / Қ.У. Осимов, Л.М.Фридман. – Душанбе, 1987. - 207 с.*
8. *Маҳмудов Т. Методҳои ҳалли машқ ва масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ / Т. Маҳмудов, Т. Давлатов. – Душанбе, 2013. - 176 с.*
9. *Нуралиева Г.В. Методика обучения математике в начальных классах: Учебное пособие для учащихся школьных отделений педагоги- ческих училищ. / Г.В.Нуралиева. - Ставрополь, 1999. – 304 с.*

10. *Хуторский А.В. Современная дидактика. Учебник для вузов / А. В. Хуторский. - СПб.: Питер, 2001. - 544 с.*
11. *Хуторский А.В. Эвристическое обучение: Теория, методология, практика. А.В. Хуторской. - М., 1998. - 266 с.*

## ТАТБИҚИ «МЕТОДИ ЛОИҲАВӢ» ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТЕМАТИКИИ МАТНӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур шинос намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо коркарди методикаи таълими ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар асоси ҳамгироии байнифаннӣ, ки муносибати салоҳиятнокиро амалӣ мегардонад, дар раванди дарси математика мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Мавриди зикр аст, ки амалисозии муносибати салоҳиятнокӣ ба таълими ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул ёфтани саводнокии хусусиятҳои асосии математикиро таъмин менамояд. Вазифаҳои асосии таълими математика дар марҳилаи ҳозира яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими математика ба хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ ва ташаккул додани фаъолияти маърифатӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ ба ҳисоб рафта, инчунин инкишофи тафаккури мантиқӣ ва фаъолияти амалии онҳо - ин омӯзиши ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки ҳангоми шинос кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо муносибати салоҳиятнокӣ ба омӯзиши ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар асоси таълими ҳамгироии байни фаннӣ иҷро кардашуда мешавад. Ҳамгироии байнифаннӣ дар таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, на фақат ба ташаккулёбии методҳои умумии кор бо масъалаҳои матнӣ дар хонандагони хурдсол таъсири мусбат мерасонад, балки аз тарафи онҳо ба азхудкардашудани донишҳои назариявию амалӣ аз математика мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** таълим, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, математикаи синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, муносибати салоҳиятнокӣ, ҳамгироии байнифаннӣ, ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, корҳои беруназсинфӣ.

## ПРИМЕНЕНИЕ «МЕТОДА ПРОЕКТОВ» ПРИ ОБУЧЕНИИ РЕШЕНИЮ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗАДАЧ ТЕКСТА У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В данной статье изучается и анализируется приобщение учащихся начальных классов к разработке методики обучения решению мате- матических текстовых задач на основе межпредметной интеграции, реализующей компетентностный подход в процессе обучения математике. Стоит отметить, что реализация компетентностного подхода к обучению решению математических текстовых задач у учащихся начальной школы обеспечивает формирование грамотности основных математических признаков. Основными задачами обучения математике на современном этапе считаются один из способов повышения качества и эффективности обучения математике учащихся начальных классов общеобразователь- ных учреждений и развития познавательной активности при решении текстовых задач, а также развитие их логического мышления и практической деятельности - это обучение решению задач - это текстовые математические задачи в младших классах. Результаты исследования показали, что при ознакомлении учащихся начальных классов с компетентностным подходом к обучению решению текстовых математических задач осуществляется межпредметная интеграция. Межпредметная интеграция в обучении младших школьников при решении текстовых математических задач не только положительно влияет на формирование у младших школьников общих приемов работы с текстовыми задачами, но и способствует усвоению ими теоретических и практических знаний по математике.

**Ключевые слова:** образование, младшие школьники, математика начальной школы, учитель начальных классов, компетентностный подход, межпредметная интеграция, решение математических текстовых задач, внеурочная деятельность.

## APPLICATION OF THE "PROJECT METHOD" WHEN TEACHING THE SOLUTION OF MATHEMATICAL PROBLEMS OF THE TEXT TO PRIMARY SCHOOL STUDENTS

This article deals with the involvement of primary school students in the development of teaching methods for solving mathematical text problems based on interdisciplinary integration that implements a competency-based approach in the process of teaching mathematics. It is worth noting that the implementation of a competency-based approach to teaching solving mathematical text problems among elementary school students ensures the formation of literacy of basic mathematical features. The main tasks of teaching mathematics at the present stage are considered to be one of the ways to improve the quality and effectiveness of teaching mathematics to primary school students of general educational institutions and the development of cognitive activity in solving text problems, as well as the development of their logical thinking and practical activities - this is learning to solve problems - these are text mathematical problems in the lower grades. The results of the study showed that when primary school students are introduced to a competency-based approach to learning to solve textual mathe- matical problems, interdisciplinary integration is carried

out. Interdisciplinary integration in teaching younger students when solving mathematical text problems not only has a positive effect on the formation of general methods of working with text problems in younger students, but also contributes to the assimilation of theoretical and practical knowledge in mathematics.

**Keywords**: education, primary school students, primary school mathematics, primary school teacher, competence-based approach, interdisciplinary integration, solving mathematical text problems, extracurricular activities.

## Дар бораи муаллифон

**Буриев Фирдавс Комилҷонович**
Муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 904 13 26 06
E-mail: firdavs.buriev@list.ru

**Бегимов Ҳусен Худоёрович**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

## Об авторах

**Буриев Фирдавс Комилджонович**
Старший преподаватель кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 904 13 26 06
E-mail: firdavs.buriev@list.ru

**Бегимов Хусен Худоёрович**
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

## About the authors

**Buriev Firdavs Komildzhonovich**
Senior Lecturer in the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 904 13 26 06
E-mail: firdavs.buriev@list.ru

**Begimov Khusen Khudoyorovich**
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

ТДУ 796.071.43(575.3)

# МАРҲИЛАҲОИ ОМӮЗИШ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

***Абзалов И. А.***
*Донишгоҳи омӯзгории давлатии Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тадқиқотҳои бисёрсолаи олимони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ исбот кардаанд, ки инкишофи ҷисмонии шахси ба варзиш мунтазам машғул буда, нисбат ба шахсоне, ки ба варзиш дар давраҳои синну соли гуногун ва мавсимӣ машғуланд, тафовут доранд. Барои устувор намудани омилҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ ва донишомӯзии хеш, мо феҳрасти тасвирии давраҳои асосии таълими ин фанро феҳрастсозӣ намудем, ки самаранокии он дар муассисаҳои давлатӣ исботи худро ёфтааст.

Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ барои ҳаматарафа тарбия намудани шахс аз давраҳои кӯдакӣ то пиронсолӣ мавқеи калон дорад. Табақаҳои гуногуни иҷтимоиии аҳолӣ дар раванди машғулиятҳои ҷисмонӣ, такмили саломатӣ, зиёдшавии умр ва ташаккули тарзи ҳаёти солим амалӣ мегардад. Аз гуфтаҳои боло хулоса бояд кард, ки барои тарбияи насли наврас дар руҳияи ватанпарастӣ, худшиносии миллӣ, сиришт ва руҳи инсонӣ аз давраҳои синну соли кӯдакӣ то давраҳои пиронсолӣ ва умри дарозро дар бар мегирад.

Соли 2004 дар Тоҷикистон «Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» тасдиқ карда шуд, ки ин қарор барои амалӣ гардонидани чорабиниҳои варзишӣ дар ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

***Тайёрии ҷисмонӣ.*** Барои ба вуҷуд овардани азхудкунии ҳаракатҳое, ки зарурияти алоқамандӣ ба сайқалдиҳии қувваи ҷисмонӣ, қаишӣ, қобилияти координатсионӣ, зиёд намудани тоқатфарсои харакатҳои статикӣ ва динамикӣ, зиёд намудани қобилияти кории системаи рагҳои хунии дил, узвҳои нафаскашӣ ва дигар системаҳо зарур аст.Тамоми ин сифатҳо дар раванди аз худ намудани техникаи машқҳои ҷисмонӣ сайқал меёбанд. Вале ин роҳ ниҳоят мушкил мебошад, чун ки организми нотайёри варзишгар барои аз худ намудани машқи нав машақати зиёд кашида ба хатогиҳои ҷиддӣ техникӣ дучор мешавад ва минбаъд дар ислоҳ намудани чунин камбудиҳо, машқҳое, ки дар мафкураи варзишгар нақши мукамалро гирифтааст, раҳо шудан ниҳоят мушкил мебошад. Аз ин ҷиҳат варзишгар бояд доимо дар сайқал додани қобилияти ҷисмонии худ кушиш ба харҷ диҳад ва дар ин ҳолат варзишгар метавонад бо сабукӣ машқро аз ҷиҳати техникӣ дуруст аз худ намуда иҷро кунад. [1, с. 15-21].

Бе тайёрии ҷисмонии зарурӣ варзишгар иҷро намудани машқҳоро дар олотҳои варзишӣ, машқҳои озод, ҷаҳишҳои такядор ва ғайраҳо, ки якеашон қувваро, дигаре суръатнокӣ, сеюмаш, чолокӣ ва ин чунин барои иҷро намудани машқҳои комбинатсионӣ тоқатоварӣ ва ғайра дигар сифатҳои зарурии тарбияи ҷисмониро талаб мекунад, имкони надорад.

Бинобар ин барои баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷисмонии насли наврас ва такмили методҳои донишандӯзии донишҷӯён, мо дар мақола машғулиятхои тарбияи ҷисмониро ба се марҳила тақсим намудем:

**1) Вазифаи марҳилаи аввалини таълим**

Вазифаи марҳилаи аввалин - ин ба вуҷуд овардани таассуроти якҷояи машқ аст, ки он ба азхудкунии маълумоти аввалини таълим ва барои такмили мустаҳками донишандӯзӣ мусоидат мекунад.

Дар марҳилаи аввал омӯзгор маълумоти заруриро ба донишҷӯён баён мекунад, аввалан тарзи омӯзиши онҳоро идора менамоянд ва дар асоси он қувваҳои маърифатиашонро инкишоф медиҳанд. Зоҳиран дар марҳила на танҳо вазифаҳои ахборӣ дида мешавад, балки фаъолияти маърифатӣ ба назар мерасад. Дар ин ҳолат омӯзгор метавонад дараҷаи омӯзиши коллективи мавҷударо ба ҳисоб гирифта, ба ҳавасмандкуниву таҷрибаи ҳаётии донишҷӯён такя намояд ва диққати онҳоро барои омӯхтани машқҳои пешбинишуда равона созад.

Дар ин марҳилаи таълим омӯзгор метавонад аз воситаҳои услубию техникӣ васеъ истифода барад. Аз асбобҳои аёнии (ҷадвалу нақшаҳо, сурату асбобҳои махсуси гимнастика, кинонавору кинограммаҳо, сабтҳои магнитофонию радиосабтҳо, видеомагнитофон) ва ғайраҳоро нишон диҳад ва шунавонад. Хуб мешуд, ки омӯзгор дар вақти омӯзиши машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчунин, аз ҳаракатҳои зоҳирӣ (овоз, имову ишора, ифодаи рӯй, тааҷҷубу ҳаракатҳои дасту пой ва ғайра) истифода барад, ки донишҷӯён аз мавзуи дарс тасаввуроти мукаммал пайдо намоянд.

**2) Вазифаи марҳилаи дуюми таълим**

Дар ин зинаи таълимӣ низ вазифаи асосиро донишҷӯён ифода мекунанд. Яъне, шавқу завқ, ҳаракат, тавоноӣ ва малакаи онҳо ба чуқур омӯхтани дониш равона карда мешавад. Услуби аз нав бавуҷудоранда, яъне, эҷодӣ тақозо мекунад, ки донишҳои мавҷуда дар ҳама ҳолат (дар амалия, фаъолияти эҷодӣ, машқҳои тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра) бояд дар амал татбиқ карда шаванд. Дар ин ҷо фаъолияти маърифатии донишҷӯён аз рӯи вазифаҳояшон вобаста ба азхудкунии машқҳои нав мебошад.

Дар ин марҳилаи таълим омӯзгор ба фаъолияти донишҷӯён имконияти пурра дода, худ мушоҳидачӣ шуда назорат мекунад. Ин гуна мавқеъ доштани омӯзгор масъулияти донишҷӯёнро хеле баланд мебардорад. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои маърифатӣ зери роҳбарии бавоситаи омӯзгор мемонад ва тарзи ҳалли масъалаҳои нисбатан душворро пеш мегирад. Хуб мебуд, агар ҳангоми омӯзиши машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ аз усулҳои алоҳида (бо қисмҳо) ва амалиётҳои якҷоя дуруст истифода бурда шаванд. Яъне, усули алоҳидаро дар вақти омӯзиши машқҳои мураккаб мутобиқатӣ (координатсионӣ) ва усули якҷояро бошад, ҳангоми омӯзиши машқҳои оддӣ, аз ҷиҳати техникӣ на он қадар мураккаб истифода бурдан ҷолиби қайд аст [2, с.89]. Барои иҷрои ин марҳилаи таълим ба омӯзгор зарур аст, ки машғулиятҳои тарбияи ҷисмониро моҳирона ташкил намоянд, дар айни ҳол, усулҳои самарабахштар гузаронидани онҳоро истифода баранд ва дар навбати аввал хусусиятҳои донишҷуёнро (синну сол, ҷинс, тайёрии ҷисмонӣ, маънавӣ, шароити кор ва асбобу воситаҳо) ба эътибор гирад. Ин вазифаҳоро омӯзгор дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани фаъолияти тарбиявӣ ва таълимӣ дар ҳар як ё худ машғулиятҳо ба амал бароварданаш лозим аст.

**3) Вазифаи марҳилаи сеюми таълим**

Ин марҳилаи таълим вобаста ба мустаҳкам кардану такмил додани дониш, маҳорат ва малака равона карда мешавад. Ҳар як донише, ки донишҷӯ нахустин бор дарк мекунад, дар натиҷаи аз худ намудан бояд мустаҳкам гардад. Ҳар як иҷрои машқ ба тавоноӣ малака зоҳир карда мешавад ва ба пуррагӣ иҷро мегардад. Дар ҳалли ин гуна вазифа омӯзгор усулҳои гуногуни таълимиро истифода бурданаш мумкин аст.

Усули репродуктивӣ ин аст, ки он табиати эҷодӣ дорад. Ин усул талаб мекунад, ки ҳар як амал аз рӯи ин ё он намунаи нишон додашуда иҷро гардад, ҳар як донишандӯз мувофиқи тавоноӣ аз худ карда ва дар шароитҳои зарурӣ ба кор бурда шавад. Ин тарзи таълим донишро васеъю пурра ва мустаҳкам мекунад, имкониятҳои ба таври васеъ дар фаъолияти эҷодӣ истифодашавиро ба вуҷуд меоварад. Ҳамин тавр, тавоноӣ ба ҳолати нисбатан ҷамъбастӣ ва фарогирандаи ҳама мавзуъҳои машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ муяссар мешавад, ки он ҳалли мақсади таъмин мегардад.

Масъалаи дигар, ин усули такрорёбист, ки он аз мустаҳкам намудани амалиёти пештар бавуқуъомада иборат аст. Яъне, он амалиёти мунтазам ва пай дар пай ислоҳгардидаро дар бар мегирад. Вале такроркунӣ усули ягонагии машқ ба шумор намеравад. Дар вақти машқ бояд зикр кард, ки мушоҳида, дар назар доштани намуна, санҷишҳо, худтафтишкунӣ, ислоҳи хатоҳо, натиҷаҳои такрор, мусобиқаҳо ва усули иҷрои машқ дар шароитҳои тағйирёбанда нақши асосии таълим қисми хотимавӣ мебозад.

***Давомнокии давраҳои тамрин дар марҳилаҳои гуногун***

| **Вариантҳои марҳила** | **Давраҳо** | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| | **Давраи тайёрӣ** | **Мусобиқавӣ** | **гузариш** | |
| Марҳилаи азхудкунии барнома | 5 | 6 | 1 | 12 |
| Марҳилаи сайқалдиҳии барнома | 3 | 8 | 1 | 12 |

Аз сабаби он ки азхудкунии машқҳои нав ба омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ мушкили пеш меоранд дар ин давра иштирок кардани варзишгар дар мусобиқаҳо, ба ғайр аз мусобиқаҳои таълимӣ тавсия дода намешавад. Муваффақияти натиҷаи варзишии дар мусобиқаҳо аз дуруст тартиб додани тақвим вобастагии калон дорад. Аз ин ҷиҳат мураббӣ дар оғози соли таълим таҳвими фардии (индивидуалии) худро бо дар назардошти иштирок намудан дар ягон мусобиқаи муҳими сатҳи баланд дар якчанд мусобиқаи сатҳи паст барномаи банақшагирифташуда иштирок намояд, зарур аст, ки варзишгар донад, ки дар як сол барои иштирок дар чанд мусобиқа пешбинӣ шуда аст. Дар назар доштан зарур аст, ки давомнокии марҳилаи мусобиқаҳо аз як ду ва ҳатто се моҳ таъғир ёфтанашон мумкин аст, то ки ҳар як марҳилаи давомнокии давраи мусобиқа маълум карда шавад. Чунин натиҷаҳо дар ҷадвали дар зер нишондодашуда оварда шудааст [5, с. 63].

***Давомнокии давраҳо дар мусобиқаҳои марҳилавии гуногун (дар ҳар як моҳ)***

| **Давомнокии марҳилаи мусобиқавӣ дар умум** | **Давраҳо** | | |
|---|---|---|---|
| | **Давраи тайёрӣ** | **Мусобиқавӣ** | **гузариш** |
| 3 | 1,5 | 1,0 | 0,5 |
| 2,5 | 1,0 | 1,0 | 0,5 |
| 2,0 | 0,5 | 1,0 | 0,5 |
| 1,5 | 0,5 | 0,75 | 0,25 |
| 1,0 | 0,5 | 0,5 | -- |

Бисёр муҳим аст, ки сарбории тамринӣ дар як ҳафта дуруст тақсим карда шавад. Татқиқоти Е.А.Земскова муайян намудааст, ки сарбории тамринии устодони варзиш, рӯзи аввали ҳафта миёна, рӯзи дуюм зиёд, сеюм миёна, чорум кам, панҷум зиёд, шашӯм боз миёна, рӯзи ҳафтумро ба истироҳати фаъол бахшидан лозим аст [6, с. 58].

Дар тамринҳои тайёри ба марҳилаи мусобиқавӣ ҳамчун тайёрӣ ба давраи марҳилаи мусобиқавии солона диққати заруриро ба тайёрии миёнаи умумӣ ва махсуси ҷисмонӣ додан лозим аст. Тайёрии техникиро аслан барои аз худ намудани элементҳои ҳаҷми барнома, элементҳои гуногун, пайвасткунии онҳо, барномаи озоди дараҷаи пешбинишуда сарф намудан лозим аст. Тайёрии тоҳатфарсо бошад ба тарбияи истодагарӣ, бамақсадрасӣ, гузаштан аз болои тарси худ, ки дар ҳолати азхудкунии элементҳои мураккаб ва пайвасткунии онҳо ба вуҷуд меояд, бахшида мешавад. Тайёрии тактикӣ бошад барои интихоби дурусти элементҳо ва пайваст намудани онҳо дар комбинатсияи озод мебошад. Дар давраҳои мусобиқавӣ, марҳилаҳои мусобиқавӣ тайёрии махсуси ҷисмонӣ истифода бурда мешаванд; тайёрии техникӣ барои сайқалдиҳии элементҳои алоҳида ва барномаи комбинатсионии мусобиқа дар умум ва дар ҳолатҳои алоҳида – ва омухтани машқҳои нав сафарбар карда мешавад. Тайёрии тоқатфарсои, барои тарбияи худидоракунӣ, ба мақсад расидан, аз болои тарси худ гузаштан, дар холатҳои азхуд намудани элеменҳои мураккаби ҷисмонӣ ва пайваст намудани онҳо истифода бурда мешавад; тайёрии тактикӣ барои дуруст интихоб намудани элементҳо ва пайваст намудани онҳо дар баромадҳои барномаи озоди комбинатсионнӣ дар ҳолатҳои гуногун пешбинӣ мешавад.

Усулҳои номбаршуда дида мешавад, ки машқ ҳамчун ҳолати асосӣ ва усули таълим вазифаҳои иҷрокунандагиро ба ҷо меорад. Ин вазифаҳо бевосита дар ҷараёни фаъолияти донишҷӯён ё ки ба воситаи маслиҳатҳои пешакӣ, таҳлилу натиҷагирӣ, тафтишу ба ҳисобгирии корҳои омӯзгор ба вуҷуд оварда мешавад. Бинобар ин, максади ин усули таълим иборат аз он аст, ки омӯзгор ин ё он амалиётро дар ҷараёни машғулиятҳо ба донишҷӯён чуқур омӯзонад ва фаъолияти босамари онҳоро таъмин намояд.

## *Адабиёт*


1. *Акилов М.В. Индивидуальный стиль здорового образа жизни-цель обучения в системе физкультурного образования.физическая культура: воспитание, образование, тренировка. - Д., 2000. - №2. – С. 15-21.*
2. *Байко В.П. Вопросы медицинского контроля над физическим воспитанием. – М., 1978.*
3. *Губанова Л.А, Сафаров Ш.С. Тарбияи ҷисмонӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11. – Душанбе: «Мавлавӣ», 2009.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26 апрели соли 2013).*

5. *Сидоров С.П. Пяти минутка бодрости. – М.: Физкультура и спорта, 1988. – 63 с.*
6. *Украна М.Л., Шлемина А.М. Общеразвивающие упражнения по физической культуры. – М.: Просвещение, 1988. – 58 с.*
7. *Филиппович В.И. Теория и методика гимнастики. – М.: Издательство «Просвещение», 1971.*
8. *Филонов Г.А. Проблемы эффективности воспитания. – М.: Педагогика, 1978. – 223 с.*

## МАРҲИЛАҲОИ ОМӮЗИШ ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Марҳилаҳои омӯзиш яке аз муҳимтарин масъалаҳои дидактикии дониш мебошад. Самараи ҳамаи вазифаҳои таълим ба дурустӣ ҳал гардидани марҳилаҳои омӯзиш вобаста аст. Марҳилаҳои маърифатӣ низ барои ҳалли мақсадҳои омӯзиш ба фаъолияти якҷояи омӯзгор ва донишҷӯ ёрӣ мерасонад. Омӯзиш ё ки таълимгирӣ на танҳо ҳолати азхудкунии машқҳост, балки тарзи мураккаби фаъолияти маърифатӣ ва аз худ намудани маҷмуи таҷрибаҳои башарият дар шакли донишҳо мебошад. Он инчунин, тарзи азхудкунии таҷрибаҳои ҷудогонаи маърифатиро бо ёрии донишҳои мустақилона ҳосилшуда омӯхтан аст. Бинобар ин, омӯзгор бояд имконият ва синну соли донишҷӯёнро ба назар гирифта, машғулиятҳои тарбияи ҷисмониро марҳила ба марҳила ҷудо карда омӯзонад. Чунки ин услуб таълимро ба як низом медарорад, аниқ мекунад, ба донишҳое, ки донишҷӯён аз худ менамоянд ва роҳҳои мустақилона бо маърифат мусаллаҳ шуданро ҷустуҷӯ мекунанд, малакаҳо ҳосил менамоянд. Мақсади тадқиқот устувор намудани саломатӣ, ёрӣ расонидан ҳангоми иҷрои ташаккул ёфтани малакаю маҳоратҳои ҳаракат, инкишоф додани сифатҳои ҳаракат (тавоноӣ, суръатнокӣ, пуртоқатӣ, чустучолокӣ, тобоварӣ ва ғайра), бедор намудани шавқу завқ, тарбияи малакаҳои гигиенӣ мебошанд. Ин омилҳои тарбияи ҷисмонӣ асосан аз фаъолияти амалии омӯзгорону донишҷӯён мебошад, ки ба воситаи намоишдиҳӣ ва шарҳу эзоҳдиҳӣ машҳур ва ба мақсад мерасад. Дар натиҷаи тадқиқот ин ҳадаф масъулияти падару модарон, парасторону ворисон ва асоси онҳоро ивазкунанда уҳдадоранд, ки ҷиҳати инкишофи ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ, солимгардондани хонандагон, солимии тифлакон дар оила ғамхорӣ намуда, барои ба тарбияи ҷисмонӣ машғул шудан шароити мусоид фароҳам оваранд.

**Калидвожаҳо:** усули репродуктивӣ, машқҳои мураккаб, ҳаракат, маҳорат, моҳият, малакатҳои гигиенӣ, тараққиёти ҷисмонӣ, тасниф, сифатҳои ҳаракат.

## ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ НА ЗАНЯТИЯХ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

Этапы обучения – один из важнейших дидактических вопросов познания. Эффективность всех учебных задач зависит от правильного решения этапов обучения. Познавательные этапы также помогают совместной деятельности учителя и ученика в решении учебных задач. Обучение или образование есть не только состояние овладения упражнениями, но и сложный способ познавательной деятельности и овладения совокупностью человеческих переживаний в виде знаний. Это также обучение тому, как овладевать отдельными когнитивными переживаниями с помощью самостоятельно созданных знаний. Поэтому учитель должен учитывать возможности и возраст учащихся и поэтапно разделять и обучать физкультурным занятиям. Потому что этот метод приводит образование в систему, делает понятными те знания, которые приобретают учащиеся, и они ищут способы вооружиться знаниями, развить навыки. Цель статьи: Стабилизация здоровья, помощь в формировании двигательных навыков, развитие двигательных качеств (силы, быстроты, выносливости, ловкости и др.), привитие интереса, воспитание гигиенических навыков. Эти факторы физического воспитания происходят в основном из практической деятельности учителей и учащихся, которые пользуются популярностью и достигаются путем демонстрации и объяснения. В результате исследования этой целью является обязанность родителей, опекунов, наследников и лиц, их заменяющих, заботиться об аспекте всестороннего физического развития, здоровье учащихся, здоровье детей в семье, обеспечивать благоприятные условия для физическая культура.

**Ключевые слова:** репродуктивный метод, комплекс упражнений, движение, навык, сущность, гигиенические навыки, физическое развитие, классификация, качества движения.

## FUNDAMENTALS OF TEACHING IN PHYSICAL EDUCATION CLASSES

The stages of learning are one of the most important didactic issues of cognition. The effectiveness of all learning tasks depends on the correct solution of the learning stages. Cognitive stages also help the joint activity of the teacher and the student in solving educational problems. Training or education is not only a state of mastering exercises, but also a complex way of cognitive activity and mastering the totality of human experiences in the form of knowledge. It is also learning how to master individual cognitive experiences with self-created knowledge. Therefore, the teacher must take into account the capabilities and age of students and gradually separate and teach physical education. Because this method brings education into a system, makes clear the knowledge that students acquire, and they are looking for ways to arm themselves with knowledge, develop skills. The purpose of the article: Stabilization of health, assistance in the formation of motor skills, development of motor qualities (strength, speed, endurance, dexterity, etc.), inculcation of interest, education of hygiene skills. These factors of physical education come mainly from the practical activities of teachers and students, which are popular and achieved through demonstration and explanation. As a result of the study,

this goal is the obligation of parents, guardians, heirs and persons replacing them to take care of the aspect of comprehensive physical development, the health of students, the health of children in the family, and provide favorable conditions for physical culture.

**Keywords:** reproductive method, set of exercises, movement, skill, essence, hygienic skills, physical development, classification, movement qualities.

## Дар бораи муаллиф

**Абзалов Имом Азизхужаевич**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждании
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 541 03 44

## Об авторе

**Абзалов Имом Азизхужаевич**
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры физической культуры и гражданской обороны
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 541 03 44

## About the author

**Abzalov Imom Azizhuzhaevich**
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Age Physiology and Civil Defense
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 541 03 44

ТДУ 372. 8: 803+804.0

# РОҲ ВА УСУЛҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ НУТҚИ ГУФТУГӮИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА

***Қурбонов Т. З.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъалаи инкишофи нутқи муколамавӣ ва монологии хонандагон дар давоми даҳсолаҳо яке аз масъалаҳои ислоҳталабтарин дар таълими забонҳи хориҷӣ боқӣ мемонад. Чун сухан, воситаи муошират ва ифодаи фикр буда, дар заминаи муошират ба вуҷуд омада инкишоф меёбад, таълим бояд ташаккули малакаи муоширатро бо забони хориҷӣ таъмин намояд. Бинобар ин, аз худ намудани нутқи муколамавӣ як воситаи асосии инкишофи нутқи мактаббачагон ба шумор меравад. Олимон ва муҳаққиқон пайваста бо ин масъала машғул шуда, усули таълими нутқи муколамавиро такмил медиҳанд, саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки шаклу усулҳои самарабахши таълими муколамаро пайдо кунанд. Т. Т. Винокур нутқи муколамавиро ҳамчун «маҷмуи баёнияҳои шифоҳӣ, ки бо вазъ ва мавзуи умумӣ, инчунин мотивҳои коммуникативӣ муттаҳид шуда, пайваста аз ҷониби ду ё зиёда ҳамсуҳбатон дар амали бевоситаи муошират тавлид мешаванд», муайян кардааст [9, с. 67].

Бим И. Л. мушкилоти актуалии таълими нутқи муколамавиро баррасӣ намуда, муошırати мустақимро, ки бо навбат иваз кардани ҳамдигар ва тавлиди якдигар бо такрори ду ё зиёда шахсон хос аст, таъкид кардааст. Маҳсули ин шакли баёни нутқ муколамаи дараҷаҳои гуногуни инкишоф мебошад [7, с. 17]. Барменкова О. И. бошад, қайд мекунад, ки «сухани муколамавӣ равандеро ифода мекунад, ки «зарурияти пайвастагии доимии вазифаҳои ивазкунандаи истеҳсолӣ ва ресептивиро ифода мекунад, вале ба мо имкон медиҳад, ки муколамаро ҳамчун як намуди махсус, мустақил, аз ҷиҳати функсионалӣ бисёрҷониба, омехтаи нутқи шифоҳӣ баррасӣ кунем. Алоҳида ҷудо кардан номувофиқ аст, ки гуфтор ва гӯш кардан ҷудо аст ва дар он дидан бамаврид аст, ки ҳарчанд мураккаб, аз амалиётҳои бисёрҷониба иборат бошад ҳам, дар асл вазифаи ягона — гузаронидани суҳбатро дорад. Барои хонандагон хеле душвор буда, дар таълими нутқи муколамавӣ муносибати махсусро тақозо мекунад» [4, с. 10].

Аз нуқтаи назари С. Ф. Шатилов «муколама ҷараёни муомилаи шифоҳии байни ду ё зиёда иштирокчиёни мебошад, ки дар рафти он рафтори шифоҳии ҳамсуҳбатон аз рафтори шифоҳии ҳамдигар вобаста аст» [16, с. 70]. Табиист, ки маданияти нутқ комилан ба муошират вобаста аст. З. М. Цветкова бо ин таъриф розӣ буда, онро муфассалтар истифода мебарад. Ба ақидаи ӯ, «Муколама ҷараёни суҳбат ё гуфтугӯи ду ва зиёда нафар мебошад, бинобар ин, дар доираи як амали нутқ ҳар як иштирокчӣ наметавонад қаблан нутқи диалогиро ба нақша гирад, «барнома» кунад, зеро суханронии як ҳамсуҳбат бо ҳамсуҳбати дигар вобастагӣ дорад. [18, с. 12]. Дар адабиёти методӣ ду тарзи таълими нутқи муколамавӣ – **д е д у к т и в ӣ** ва **и н д у к т и в ӣ** мавҷуд аст. Дар баробари бартариҳои зиёди ин равиш, нуқсони он дар он аст, ки қобилияти мустақилона истифода бурдани маводи забонӣ дар нутқ ташаккул намеёбад, ин боиси омӯзиши механикии он мегардад ва имкони озодии суханро дар шароити нав маҳдуд мекунад.

Мусаллам аст, ки барои бомуваффақияти таълими нутқи муколамавӣ интихоб кардани яке аз ин равишҳо нодуруст мебуд, ҳар яке аз ин равишҳоро марҳалаҳои пайдарпаи азхудкунии нутқи диалогӣ ва истифодаи маводи забонӣ, ки барои истифодаи забон хос аст, баррасӣ кардан бамавридтар аст. Асосҳои лингвистии нутқи диалогӣ воҳидҳои диалогӣ мебошанд. Зарур аст, ки мулоҳизаҳои кӯтоҳеро, ки дар машқҳои асосӣ барои нутқи диалогӣ хеле зиёд дида мешаванд, таълим диҳед. Аммо шиносоӣ бо ибораҳои маъмул метавонад дар алоҳидагӣ аз вазъияти нутқ сурат гирад. Ин муқарраот барои мо ниҳоят муҳим аст, зеро мо чунин мешуморем, ки мақсади асосии чунин машқҳо дар хотира барқарор намудани робитаи мустаҳками байни эродҳое мебошад, ки аксаран ҳамчун ҷузъи ягонагии диалогӣ пайдо мешаванд.

Дар хотир нигоҳ доштани матни муколама сифати талаффузро беҳтар менамояд, аммо худи инкишофи нутқи муколамавӣ то андозае таъсир хоҳад расонд, зеро ягон суҳбатро аз ёд кардан мумкин нест. Дар раванди муошират вазъиятҳо якбора тағйир меёбанд, ва ин тағирёбии онҳо ҷавоби фавриро талаб мекунад. Аз ин рӯ, барои хотираи хонанда матни муколамаеро, ки бояд дар вақти зарурӣ қироат намояд, нақш кунонидан ғайриимкон аст.

Бинобар ин, бисёре аз методистҳо низ пешниҳод мекунанд, ки хонандагон аз муколамаҳои кӯтоҳ, ки аз чор то шаш ҷумла иборатанд, истифода баранд. Аз ёд кардани ин гуна муколамаҳо фоиданок аст, аммо чи тавре ки таҷрибаи мо нишон медиҳад, на ҳамаи шогирдон аз рӯйи намуна муколама тартиб дода метавонанд. Е. И. Пассов марҳилаҳои зерини корро доир ба муколама пешниҳод менамояд:

1. Марҳилаи пеш аз матн, ки дар он дар раванди ташаккули малакаҳои лексикӣ ва грамматикии машқҳои шартии нутқи дараҷаи дуюм микродиалогҳо (ду ё се маротиба такрор) таълим дода мешаванд.

2. Дар марҳилаи матн такрори ин микродиалогҳо метавонад васеътар шавад.

3. Дар марҳилаи пас аз матн (инкишофи маҳорати нутқ) мувофиқи ҳолатҳои пешниҳодшуда муколамаҳо ташкил карда мешаванд. Дар зермарҳилаи нутқи омодагӣ метавон аз муколамаҳои хурди намунавӣ истифода кард, аммо ин набояд ҳангоми таҳияи нутқи бетайёр анҷом дода шавад [15, с. 131].

Шубҳае нест, ки системаи усулҳои гуногун боиси инкишофи нутқи муколамавии хонандагон мегарданд. Ин система бояд дорои принсипҳои таълими муошырати шифоҳӣ, дуруст интихоб кардани мавзуъ ва маводи забонӣ, ташкили онро бо назардошти шавқу ҳавас ва қобилияти хонандагон дар бар гирад, машқ ва шаклҳои корро шакли муайяни дарси забони хориҷӣ пешбинӣ менамояд. Агарчи равиши пешниҳодшуда комилан мантиқӣ ва сохторӣ бошад ҳам, дар раванди амалияи татбиқ омӯзгор дар таълими умумии нутқ ба мушкилоти муайян дучор хоҳад шуд. Ҳамин тариқ, дар кори Н. М. Гришелева эҳтимолияти дучоршавӣ ба мушкилоте, ки дар ҷараёни кор оид ба рушди малакаҳои нутқ ба миён меоянд, оварда шудаанд. Баъзе хонандагон аз ҳарф задан ба забони хориҷӣ шарм медоранд, зеро онҳо аз хато содир кардан тарсида, худро ба сарзаниши муаллим ва ҳамсинфон гирифтор мекунанд. Хонандагон доир ба масъалаи мавриди баррасӣ қарордошта чизе гуфтанӣ надоранд, зеро оид ба ин масъала ба забони модарии худ маълумоти кофӣ надоранд. Дар шаклҳои кори дунафарӣ ва гурӯҳии хонандагон аксар ба истифодаи аз забони модарии худ гузашта ба ғалатҳои зиёд роҳ медиҳанд [14, с. 32]. Ба андешаи муаллимони ботаҷриба, мушкилоти таълими муколама ба мактаббачагон бо сабабҳои зерин рӯй медиҳад:

- захираи нокифояи луғат;
- надонистани грамматика;
- нотавонӣ дар сохтани ҷумлаҳо;
-душворӣ дар тарзи таллафуз ҳангоми <u>гуногун</u> сухан рондан:
- набудани фантазия ва тасаввурот;
- ба худ шубҳа кардан, тарс аз сухан гуфтан:
- надонистани ибораҳои гуфтугӯӣ.

Психологи рус И. А. Зимняя дар асари худ «Психология обучения иностранным языкам в школе», душвориҳои зеринро номбар мекунад:

- мушкилии эхтиёҷоти табиӣ ба забони хориҷӣ;
- мушкилии муайян кардани мавзуи сухан, яъне дар бораи чӣ сухан гуфтан;
- душвории муайян кардани мазмуни маъно, яъне чӣ гуфтан;
- мушкилии муайян намудани пайдарпайии мантиқӣ, восита ва усулҳои ташаккули фикр, яъне усули суханронӣ;

Барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда вай роҳҳои зеринро муайян мекунад:

- истифодаи усули кори гурӯҳӣ; истифода забони сода ҳангоми муҳокима;
- истифодаи дастурҳое, ки қоидаҳои иштирок дар суҳбатро муайян мекунанд;
- худдорӣ аз истифодаи забони модарии худ ҳангоми баҳс.

Барои бартараф намудани ин душвориҳо дар таълими нутқ методист Н. Д. Гальскова низ як қатор роҳҳои имконпазирро пешниҳод мекунад.

- Эҷоди фазои иродаи нек ва эътимод бо мақсади кам кардани тарси хатогӣ ва танқиди аз ҳад зиёд:
- Истифодаи манбаъҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ дар кор (ангезаи мақсаднок, ҳавасмандгардонии муваффақият, минтақашиносӣ, эстети):
- Эҷоди сатҳи кофии дастгириҳои мундариҷа, забон ва нақшаи нутқ дар ҳолате, ки хонанда чизе барои гуфтан надошта бошад ё аз забон ё воситаҳои нутқ маҳрум бошад. [10, с. 14].
- Дар ҳолати нодуруст фаҳмидани супориши нутқӣ аз ҷониби хонанда Н.Д. Гальскова пешниҳод мекунад:
- аз ҷониби омӯзгор возеҳ муаррифии намуди монолог/муколама, ки бояд ҳангоми баромад истифода шавад;

- риояи шартҳои ба вуҷуд овардани ин вазъияти нутқ;
- нутқи қаблан таҳияшуда бояд равшан ва фаҳмо бошад;
- омода намудани такягоҳои иловагӣ;
- банақшагирии пурсиш ва тақсим кардани хонандагон ба нақшҳо, ҷуфтҳо, гурӯҳҳо мувофиқи қобилияти забонии онҳо [11, с. 66].

Ба андешаи методисти шинохта Вайсбурд М. Л., «бо истифода аз машқҳои сатҳи гуногуни фаъолшавӣ бо душвориҳое, ки дар раванди таълими нутқ ба вуҷуд меоянд, мубориза бурдан мумкин аст. Ин машқҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: Тренинг (забонӣ, ғайри коммуникативӣ), дар асоси такрори ибораҳои нутқ мувофиқ ба мазмуни мавзуъ. Дар сурати иҷрои чунин машқҳо хонандагон малакаҳои корбурди сохторҳои алоҳидаи луғавию грамматикӣ ва ороиши фонетикӣ ба даст меоранд, то маводи забон ва нутқи пешниҳодшударо фаъол созанд. Машқҳои нутқӣ (вазъиятӣ, коммуникативӣ), ки дар рафти онҳо маводи забонӣ дар ҳолатҳои муайяни коммуникативӣ фаъол мешавад, ки ба осонтар мутобиқ шудани хонандагон ва ба муошırати воқеӣ шомил шудани онҳо мусоидат мекунад». [9, с. 16]. Чунин машқҳо барои дуруст дарк кардани вазифаи коммуникативӣ ва сохтани баёнияи нутқ, ифодаи муносибати шахс ба вазъияти додаи муоширати нутқ мусоидат мекунанд». Раванди муошират ҳамеша ба таври стихиявӣ муайян карда мешавад ва аз вазъияте, ки дар он муошират сурат мегирад, вобаста аст. Дар луғати методшиносон Е. Г. Азимов, А. Н. Щукина муоширати вазъиятивӣ чунин шарҳ дода шудааст: Муоширати вазъиятивӣ «Маҷмуи ҳолатҳое мебошад, ки дар он муошират амалӣ мегардад ва низоми гуфтор ва шартҳои ғайрисуханиии муошират бошад барои иҷрои амалии нутқ зарур ва кофӣ мебошанд» [2, с. 25].

Ба акидаи Н. И. Гез дар раванди таълим барои таълими нутқ «мушкилие, ки мунтазам ва дидаю дониста ба вуҷуд омадаанд, ба пайдоиши ангеза ва талаботи баён, ташаккули фарзияҳо, тахминҳо, фаъолшавии фаъолияти равонӣ мусоидат мекунанд» [13, 25].

Ба ҷараёни тафаккур ҷалб намудани шахс, ин ҳолатҳои проблемавӣ лаҳзаи ибтидоии иҷрои вазифаҳои эҷодӣ ва инкишофи тафаккури хонандагон мебошанд. Инчунин дар хотир доштан лозим аст, ки дар раванди таълим хусусиятхои фардии талабагон, аз қабили синну сол, дараҷаи дониши асосӣ, хислатҳои характерро ба назар гирифтан лозим аст, зеро чунин хусусияти талаба метавонад ба суръат ва сифати азхудкунии таълим таъсир расонад.

Муҳимтарин хусусияти хонандагони мактаби миёна, ба қавли В. А. Крутецкий, «Ташаккули тафаккури фаъол, мустақил, эҷодкорӣ мебошад, бинобар ин, ӯ тавсия медиҳад, ки дар ҷараёни таълими нутқ хонандаро барои зарурати муқоиса, таҳлил ва хулосаи умумӣ баровардан бояд водор намуд. Муаллим бояд дарсҳои худро тавре ташкил кунад, ки талаба бо мушкилоти мураккаби гуногун рӯ ба рӯ шавад, ӯро водор кунад, ки фикри худро озодона баён намояд ва худ мустақилона роҳи масъаларо ҷустуҷӯ намояд». [15, с.108],

Тахлили Зимняя И. А. нишон медихад, ки «дар давраи наврасӣ дар фаъолияти коммуникативӣ умуман тағироти сифатӣ ба амал меояд, гарчанде ки ташаккули хамаи равандҳои ба он дохилшуда ба охир намерасад» [10, с. 14].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши мушкилоте, ки наврасон дар раванди омӯзиши нутқ дучор меоянд, муайян карда шуд, ки ҳолатҳои проблемавӣ метавонад роҳи ҳалли рафъи ин мушкилот бошад, зеро онҳо ба хусусиятҳои психологию педагогии синну солӣ мувофиқат мекунанд.». Аммо таҳлили таҷрибаи пешқадами муаллимони забонҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки танҳо ба ҳам пайвастани роҳҳои таълими анъанавӣ ва проблемавӣ боиси инкишофи қобилияти забондонии хонандагон мегардад.

Гуфтори шифоҳӣ яке аз амалҳои душвортаринест, ки талабагон дар шароити ба таври сунъӣ ба вуҷуд овардани фазои забонӣ онро бояд аз худ кунанд. Барои бартараф кардани мушкилиҳо дар таълими нутқи гуфтугӯӣ Барышников Н. В. роҳҳои зеринро пешниҳод мекунад:

- Истифода аз кори гурӯҳӣ.
- Истифода аз забони содда ҳангоми муҳокима.
- Интихоби дақиқи мавзуъҳо барои муҳокима
- Истифодаи дастурҳое, ки қоидаҳои иштирок дар суҳбатро муайян мекунанд:
- Худдорӣ аз истифодаи забони модарии худ ҳангоми баҳс [4, с. 14].

Барои бартараф намудани ин душвориҳо дар таълими нутқ методист-лингвист Е. Н. Соловьева низ як қатор роҳҳои имконпазирро пешниҳод мекунад:

- Эҷоди фазои иродаи нек ва эътимод бо мақсади кам кардани тарси хатогӣ ва танқиди аз ҳад зиёд:

- Истифодаи манбаъҳои гуногуни ҳавасмандкунӣ дар кор (ангезаи мақсаднок, ҳавасмандгардонии муваффақият, минтақашиносӣ, эстетикӣ, асбобӣ):

- Эҷоди сатҳи кофии дастгириҳои мундариҷа, забон ва нақшаи нутқ дар ҳолате, ки хонандагон чизе барои гуфтан надошта бошад ё аз забон ё воситаҳои нутқ маҳрум бошад [17, с. 40].

Ба андешаи методисти дигар Вайсбурд М. Л., "он душвориҳое, ки дар раванди таълими нутқ ба вуҷуд меоянд, барои бартараф намудани онҳо бояд аз машқҳои сатҳи гуногуни фаъолшавӣ истифода бурд. Ин машқҳо ба ду хел ҷудо мешаванд: Тренинг (забонӣ, ғайри коммуникативӣ), дар асоси такрори фаъолияти нутқ мувофиқ ба мазмуни мавзуъ аст. Дар сурати иҷрои чунин машқҳо хонандагон малакаҳои грамматикӣ ва ороиши фонетикиро ба даст меоранд, то маводи забонӣ ва нутқи пешниҳодшударо фаъол созанд" [8, с. 40].

Машқҳои нутқӣ (вазъиятӣ, коммуникативӣ), ки дар рафти иҷрои онҳо маводи забонӣ дар ҳолатҳои муайяни коммуникативӣ фаъол мешаванд, ба осони мутобиқ шудани хонандагон ва ба муошироти воқеӣ шомил шудани онҳо мусоидат мекунанд. Чунин машқҳо барои дуруст дарк кардани вазифаи коммуникативӣ ва баён сохтани нутқ, ифодаи муносибати шахс ба вазъияти нутқ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши мушкилоте, ки наврасон дар раванди омӯзиши нутқ дучор меоянд, муайян карда шуд, ки ҳолатҳои проблемавӣ метавонад роҳи ҳалли рафъи ин мушкилот бошад, зеро онҳо ба хусусиятҳои психологию педагогии синну солӣ мувофиқат мекунанд. Таҳлили таҷрибаи пешкадами муаллимони забонҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки танҳо ба ҳам пайвастани таълими анъанавӣ ва проблемавӣ боиси инкишофи қобилияти забонии хонандагон мегардад.

## *Адабиёт*


1. *Абрамов Н. А. Enjoy your English. Игры, скороговорки, загадки, анекдоты. - Р-на-Д.: Феникс, 2006. – 122 с.*
2. *Азимов Э.Г, Щукин А. Н. . Теория и практика обучения языкам словарь. – М.: Русский язык, 2018. – 496 с.*
3. *Андреевская - Левенстерн Л.С. Методика преподавания французского языка в средней школе : Учебн. пособие для студентов пед . ин – тов. - М.: Просвещение, 1983. – 183 с.*
4. *Барменкова О. И. Видеозанятия в системе обучения иностранной речи // Иностранные языки в школе. 2005. - № 3. – С. 13-15.*
5. *Барышников Н.В. Использование аутентичных видеодокументов в профессиональной подготовке учителей иностранного языка // ИЯШ. 2006. № 4 – С. 18.*
6. *Берстнев Г.И. Самосознание личности в аспекте языка // Вопросы языкознания, 2001. № 1. – С. 22-23*
7. *Бим И.Л. Обучение иностранным языкам: поиск новых путей // Иностранные языки в школе. - 2003.- № 1. – С. 31–33.*
8. *Бим И.Л. Методика обучения иностранным языкам как наука и проблемы школьного учебника. - М., 2007. - 171 с.*
9. *Вайсбурд М. Л Учеб. пособие для проведения спецкурса по обучению инояз. общению в системе повышения квалификации учителей / М. Л. Вайсбурд. - Обнинск : Титул, 2001.- 147 с.*
10. *Винокур, Т. Г.. Говорящий и слушающий : Варианты речевого поведения ; Рос. АН, Ин-т рус. яз. - М.: Наука, 1993. - 171 с.*
11. *Зимняя И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе. - М., 2001. - 163 с.*
12. *Гальскова Н.Д., Никитенко З.Н. О взаимодействии учителя и учащихся на уроке иностранного языка // Иностранные языки в школе. - М., 1981. – № 1. - С. 16-18.*
13. *Гез Н.И. Формирование коммуникативной компетенции как объект зарубежных методических исследований // Иностранные языки в школе. - 2005. - № 2.—С. 9-10.*
14. *Гез Н.И. Методика обучения иностранным языкам в средней школе. - М., 2002. – 184 с.*
15. *Гришелева Н.М. Коммуникативно-ориентированная работа над лексикой в процессе формирования умений диалогического общения: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. - М., 2005. – 27 с.*
16. *Крутецкий В.А. Психология общения и воспитания школьников. - М.: Просвещение,1976. - 340 с.*
17. *Пассов, Е. И., Кузовлева, Н. Е. Урок иностранного языка. – М.: Феникс, Глосса-Пресс, 2010. - 321 с.*
18. *Шатилов С.Ф. Методика обучения иностранным языкам в средней школе: Учебник. - М.: Высш. школа, 1982. – 373 с.*
19. *Щукин.А. Н Обучение иностранным языка. Теория и практика. Учебное пособие для преподавателей и студентов. - М.: Филоматис. – 78 с.*
20. *Цветкова З.М. О преподавании иностранных языков в средней ИЯШ. 2006. № 2. – С. 15-17.*
21. *Pease A. Body Language: How to read others thoughts by their Gestures. - 2005. – 74 с.*
22. *Piepho H. E. Some Basic Principles of Communicative Foreign Language Learning. - Strasbourg, 2006. – 121 с.*
23. *Templin M. C. Certain Language Skills in Children: Their Development and Interrelationship. - University of Minnesota Press, 2003. – 78 с.*

## РОҲ ВА УСУЛҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ НУТҚИ ГУФТУГӮИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЁНА

Масъалаи инкишофи нутқи диалогӣ ва монологии хонандагон дар тули даҳсолаҳои зиёд яке аз масъалаҳои мубрамтарин боқӣ мемонад. Азбаски сухан, ки воситаи муошират ва ифодаи тафаккур аст, дар раванди муошират ба вуҷуд меояд ва инкишоф меёбад, раванди таълим бояд ташаккули малакаи муоширатро бо забони хориҷӣ таъмин намояд, аз ин рӯ, азхуд намудани нутки муколамавӣ як вазифаи асосии инкишофи нутқи мактаббачагон мебошад.

**Калидвожа:** малака, маҳорат, ташаккул, муошират, нутқ, фаъолияти амалии нутқ, ташаккули малакаҳои нутқи забони хориҷӣ, масъалаҳои вазъиятӣ, таълими аъанавӣ, таълими проблемавӣ.

## ПРОБЛЕМЫ И МЕТОДЫ ИХ УСТРАНЕНИЯ ПРИ ОБУЧЕНИИ РАЗГОВОРНОЙ РЕЧИ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ШКОЛЕ

Проблема развития диалогической и монологической речи учащихся остается одной из самых актуальных на протяжении многих десятилетий. Поскольку речь, являющаяся средством общения и выражения мысли, создается и развивается в процессе общения, учебный процесс должен обеспечивать формирование навыков общения на иностранном языке, поэтому овладение разговорной речью является одной из основных задач. развития речи школьников.

**Ключевое слово**; навыки, умения, формирование, общение, речь, практическая речевая деятельность, формирование иноязычных речевых навыков, ситуативные вопросы, традиционное обучение, проблемное обучение.

## THE PROBLEMS AND METHODS ELIMINATION IN TEACHING COLLOQUIAL SPEECH OF FOREIGN LANGUAGES IN A SECONDARY SCHOOL

The problem of the development of dialogical and monological speech of students remains one of the most urgent for many decades. Since speech, which is a means of communication and expression of thought, is created and developed in the process of communication, the educational process should ensure the formation of communication skills in a foreign language, therefore mastering spoken speech is one of the main tasks. speech development of schoolchildren.

**Keywords:** habits, skills, formation, communication, speech, practical speech activity, formation of foreign language speech skills, situational problems, traditional and problem-based learning.

### Дар бораи муаллиф

**Қурбонов Тағой Зухурович**
Устоди кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ-фаронсавӣ)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 917 17 07 65

### Об авторе

**Курбонов Тагой Зухурович**
Преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков (немецкий-французский)
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 917 17 07 65

### About the author

Qurbonov Taghoy Zuhurovich
Senior lecturer in the Department of Foreign Langauges Teaching Method (German and French)
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 917 17 07 65

# ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ БАРОИ МУАЛЛИМИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА

***Раҷабов Т., Маҳкамов М., Ҷабаров М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Проблемаи истифодаи маводи таърихиро дар дарси математика бо роҳу усулҳо, тарзҳо, технологияҳои таълими гуногун ҳал кардан мумкин аст. Мо дар гузориши мазкур, масъалаҳои дар дарсҳои математика истифода бурдани маводи таърихиро муоина мекунем.

Таърихи математика илм дар бораи қонуниятҳои объективии асосии инкишофи математика мебошад. Мувофиқи ҳамин ҳалли доираи васеи масъалаҳо ба зиммаи таърихи математика гузошта шудааст.

Дар асарҳои доройӣ характери таърихӣ-математикӣ мазмуни ҳақиқии инкишофи таърихии математика аз нав ба вуҷуд оварда мешавад. Онҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна тарзҳо, мафҳумҳо ва ғояҳои математикӣ ба вуҷуд омадаанд, назарияҳои математикии алоҳида чӣ гуна таърихан ташаккул ёфтаанд. Моҳият ва хусусиятҳои инкишофи математика дар байни халқҳои гуногун дар давраҳои муайяни таърихӣ, саҳми олимони бузурги гузашта ва дар навбати аввал олимони ватанӣ ба математика, ошкор гардиданд.

Мо медонем, ки асарҳои таърихию математикӣ робитаҳои гуногуни илми математикаро ошкор мекунанд. Аз ҷумла: робитаи математика ба эҳтиёҷот ва фаъолияти амалии одамон, ба инкишофи илмҳои дигар, таъсирбахшии иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва мубориза синфӣ (хусусан дар соҳаи идеология) ба мазмуну моҳият оид ба рушди математика, мавқеи халқиятҳо, шахсияти олимон ва гурӯҳҳои олимон, нақши асосиро ишғол менамоянд.

Бинобар ин таҳқиқоти мафҳумҳои таърихӣ-математикӣ шарти ифодагари сохти мантиқии математикаи ҳозира, диалектикаи инкишофи онро ошкор намуда, барои дуруст дарк кардани робитаи қисмҳои математика ва ба андозаи муайян дурнамоҳои он ёрӣ мерасонад.

Таърихи математика, чунон ки аз таърифи дар боло оварда шудаи он бармеояд, ба тамоми таркиби ин ё он илм, бо тамоми соҳаҳои математика ва шумораи зиёди илмҳои дигар дахл дорад. Ин ҳолат душвории вазифаҳои таърихи математика ва равандҳои таҳқиқоти илмии таърихиро таъкид мекунад.

Таърихи математика ва методологияи тадқиқоти таърихӣ ва илмӣ сарчашмаи асосӣ барои муайян кардани нерӯи башардӯстонаи мазмуни таълим мебошад, ки сохтори таркибии он имкон медиҳад, то дар бораи илм ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумиинсонӣ сухан ронем. Дар ҳамин замина истифодаи донишҳои таърихӣ-математикӣ, таърихӣ-методӣ дар раванди таълимро бисёр муҳаққиқон ва методистони машҳури замон (В.В.Бобинин, Ф.Клейн, Н.И.Лобачевский, М.М.Пуанкаре, И.И.Чистяков, Л.Эйлер ва ғайра) қайд кардаанд. Инчунин олимони муосир (Н. Я. Виленкин, Г. Д. Глейзер, Б. В. Гнеденко, И. Д. Депман, А. Н. Колмогоров, К. А. Рыбников, Л. П. Шибасов, А. П. Юшкевич ва диг.) низ дастгирӣ менамоянд.

Масъалаҳои мубарам ва роҳҳои имконпазири баланд бардоштани истифодаи самаранокӣ маводи таърихӣ-математикиро дар раванди таълим ба омӯзгорониояндаи математика, зимни асарҳо ва таҳқиқотҳои С.В.Белобородова, Н.Я.Виленкин, О.В.Витченко, Б.В.Гнеденко, Ю.А.Дробышева, О.Б. Епишева, А. Л. Жохова, О. Н. Журавлева, А. Н. Колмогорова, А. Е. Малых, Н. И. Мерлина, А.Э. Саторов, Т. С. Полякова, М. В. Потоцкий, Ю. В. Романова, К. А. Рыбникова, А. Е. Томилова ва дигарон мушоҳида кардан мумкин аст.

Таҳлилу баррасии таҷрибаи пешқадами педагогӣ моро ба хулосае овард, ки проблемаи истифодаи самараноки принсипи умумӣ-илмии таърихшиносӣ дар раванди ташаккули назари ҳамаҷониба оид ба илм ҳамчун ҷузъи фарҳанги инсонӣ дар байни хонандагон, инчунин аз худ намудани тарзҳои таърихии таҳқиқоти математикӣ ҳамчун воситаи фаъолияти таълимӣ, маърифатӣ ва касбӣ аҳамияти зарурӣ надодаанд. Ғайр аз ин, бисёр асарҳои муаррихони илм барои доираи васеи хонандагон дастнорас буда, ба як номгӯи маводи нодир табдил ёфтаанд.

Ин проблема як қисми масъалаи умумие мебошад, ки дар ҷодаи омодакунии омӯзгорониояндаи математика - инъикоси робитаи фалсафа, табиатшиносӣ ва фаъолияти инсон ба вуҷуд омадааст. Ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъала боиси он мегардад, ки он ба намудҳои мушаххаси таълими хонандагон (математикӣ, методӣ, таърихӣ-математикӣ, педагогӣ ва ғ.), муайян намудани ҷузъҳои онҳо овардааст. Аз ин рӯ, имкон пайдо мешавад,

ки дар доираи омӯзиши маводи таърихию математикӣ ҷузъеро ҷудо кард, ки ба таълими хонандагон нигаронида шудааст, ки боиси раванди омӯзиши математика дар заминаи таърихи он, ҳам дар фаъолияти таълимӣ ва ҳам дар фаъолияти маърифатии худ ташкил карда, дар коркарди методии таълими он амалӣ созад.

Нақшаи истифодаи маводи таърихӣ дар дарс ин чизи нав нест, аз охири асри 19 ва ибтидои қарни 20 имкону зарурати омӯзиши маводи таърихи математика дар осори методистони маъруфи руссия Депман И.Я., Глейзер Г.И., Гнеденко Б.В., Дорофеева А.В., Рыбникова К.А., Чистяков В.Д. ва олимони тоҷик Собиров Г., Ғуломов И., Атаханов Р., Маҳкамов М., Музаффарова Ҳ., Сатторов А. ва Шерматова У. инъикос ёфтаанд. Бисёр методистон ва муҳаққиқони замонҳои гуногун дастур медиҳанд, ки дар дарсҳои математика маълумотҳои таърихиро дар бораи рушди илм истифода баранд. Ҳадафҳои ворид намудани маводҳои таърихии математика ба чунин самтҳо нигаронида шудааст:

1) Ба вуҷуд овардани тасвири томи ҷаҳонбинӣ;

2) Баланд бардоштани шавқу ҳавас ба математика, ҳавасмандӣ ба омӯзиши фан;

3) Алоқамандии фарҳанги математикӣ бо фарҳанги умумибашарӣ;

4) «Таркиббандии кори амалӣ ва кори абстрактии ақлӣ» [2]. Агар ҳамаи ин ақидаҳоро муттаҳид намоем, маълум мешавад, ки истифодаи маводҳои таърихӣ дар дарс робитаи математикаро бо фарҳанги умумибашарӣ амалӣ менамояд ва рушди математикаро ба ҳаёт ва муҳити воқеии моро иҳотакарда наздиктар менамояд, ки он ба афзоиши шавқу рағбати хонандагон ба фан мусоидат намуда, муносибати арзишмандии донишҳои математикиро арзёбӣ менамояд.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи зиёд ба ворид намудани маводи таърихӣ дар дарси математика, асосан дар бораи зарурият ва ба мақсад мувофиқ будани амалисозии маводи таърихӣ дар курси математикаи мактабӣ сухан меронанд, вале ба тарзҳои истифода ва тарзҳои интихоби маълумоти таърихӣ чандон эътибор дода намешавад. Бо вуҷуди ин дар бештари таҳқиқотҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ин самт таваҷҷуҳ зоҳир менамояд, аммо дар синфҳои ибтидоӣ мавқеъ надоранд. Гарчанд хусусиятҳои синну соли хонандагони синфҳои ибтидоӣ, курси ибтидоии математика маънои онро дорад, ки дар таълим маводи таърихи математика васеъ истифода бурдан имконпазир аст. Худи инкишофи илми математика бо ҳамон роҳе пеш меравад, ки тадриҷан инкишофи хонандаи синфҳои ибтидоӣ бошад. Дониши ибтидоии математикиро шахс тавассути фаъолияти амалӣ ба даст овардааст, зарурияти ҳаётан муҳим, воситаҳои амалишуда истифода мешуд ва ҳангоми таълими математика ба хонанда такя ба амалия зарур аст, дар сурати набудани он хонанда метавонад, ҳисобро эҷод кунад. Асбобҳо ҳиндуҳои Таманаки барои ҳисоб кардан ангуштон даст ва ангуштони пойро истифода мебурданд, кӯдак вақте ки ба содатарин ҳисобҳо ниёз дорад, ангуштони худро омода мекунад, агар ҳисобҳо аз даҳҳо зиёд бошанд, ӯ бо нишонаҳо, қайдҳои худ меояд, чунон ки дар Русия вуҷуд дошт [16, с. 28].

Истифодаи маводи таърихи математика дар раванди таълим имкон медиҳад, ки математика ба ҳаёт наздиктар шавад ва ғояи математика ҳамчун илми абстрактӣ коста шавад.

Робитаи математикаро бо дигар илмҳо, бо санъат нишон додан зарур аст. Одатан, дар дарсҳои математика пешниҳод карда мешавад, ки дар мавзуъҳои таърихӣ суҳбатҳо ороста, баъзе маълумотҳои таърихӣ дода шаванд, албатта, ин хонандагонро ба омӯзиши математика водор мекунад, аммо инҳо на ҳама имкониятҳои истифодаи маводи таърихӣ мебошанд, мумкин аст оид ба чунин мавод корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил намуд, ҳадафҳои ба амалия нигаронидашударо бунёд кардан лозим аст, ки оид ба этимологияи мафҳумҳои математикӣ кор намоем, он гоҳ маводи таърихӣ метавонад ба ташаккули муносибати арзишӣ ба математика мусоидат намояд.

Мунтазам ва бомавқеъ дохил намудани маълумот аз таърихи математика ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ мекунад, ба ташаккули марҳилаҳои тасаввурот дар бораи математика ёрӣ мерасонад ва ба рушди математика ҳамчун як ҷузъи фарҳанги башарият мусоидат менамояд, таваҷҷуҳро ба омӯзиши он зиёд мекунад, фаҳмидани математикаро гӯворо месозад.

Шиносоӣ бо таърихи илм барои ҳар фард, аз он ҷумла барои омӯзгор донистани далелҳои асосии таърихи фане, ки ӯ дар он аст; ҳаёти худро мебахшад, донистани қонунҳои инкишофи он комилан зарур аст. Яке аз унсурҳое, ки ибтидои омодакунии илмии омӯзгори математикаро тавсиф мекунад, хоҳиши ба таври куллӣ фаро гирифтани илми омӯхташаванда, фаҳмидани сохтори мантиқӣ ва пайвастагии фанҳои алоҳидаи математикӣ – майлу рағбати васеъ намудани дониши далелҳои илмии омӯхташуда мебошад. Бо донистани қонунҳои инкишофи илм ва ба қадри имкон пешбиниҳои он мусоидат менамояд. Огоҳӣ аз

воқеияти мантиқӣ ва таърихӣ дар математика зарурияти донистани далелҳои асосии таърихи математика, фаҳмидани қонуниятҳои инкишофи илмҳои математикӣ ва мувофиқати таърихан муқарраршудаи фанҳои алоҳидаи математикаро ба вуҷуд меорад. «Барои фаҳмидани моҳияти мантиқии чунин мафҳумҳои асосии математика, ба монанди мафҳуми адад, функсия, беохирӣ, давомнокӣ, фазо, маҷмуъ ва бисёре аз онҳо бояд ба таърихи он муроҷиат кард» (С.А. Яновская). Барои ҳар як омӯзгори оянда математика хеле муҳим аст, ки раванди суст ва мураккабро аз тавлиди математика то ҳолати кунунии он пайгирӣ намояд. Таърихи математика ба омӯзгор имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, ки мавқеи математикаро дар инкишофи дигар илмҳо ошкор намояд. Вай воситаи тавонои омӯхтани масъалаҳои методологии худи математика: пайдоиши мафҳумҳо, таъсири амалия ба рушди математика мебошад. Таърихи математика низ ба омӯзгор ёрӣ мерасонад, то баён намояд, ки ғояҳои таълими математика мунтазам дар давру замон тағйир меёфтанд, ин тағйирот ба талаботи ҷомеа мувофиқат дорад. Омӯзиши ин фан бешубҳа ба омӯзгор дар фаъолияти методиаш нерӯ мебахшад. Мисолҳо аз таърихи математика барои бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба фанни омӯхташаванда, шавқу ҳаваси дарёфткунии маводи наву матлуб, ки ба бомуваффақият омӯхтани математика мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, омӯзиши фанни «Таърихи математика» қисми таркибии омодагии методии омӯзгори математика мебошад.

Шарти асосӣ ин зарурати дар омӯзгорониояндаи математика ташаккул додани муносибат ба худ, инкишофёбии салоҳияти методологӣ-математикӣ мебошад. Чунин муносибат дар асоси ба вуҷуд овардани фазои ҳавасмандӣ дар онҳо ба дарёфти ташаккули малакаҳои рефлексивӣ мусоидат менамояд. Ташаккули майлу рағбати омӯзгориояндаи математика тавассути супоришҳои намудҳои сатҳи гуногуни мураккабӣ, дастурҳои намуди алгоритмӣ (нақшаҳои умумӣ, схемаҳо, дастурҳо), дохил намудани омӯзгорони оянда ба машғулияти мустақилона сурат мегирад. Фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ҳавасмандгардонии комёбиҳои шахсӣ мебошад. Маҳорати рефлексивӣ тавассути ҷалби омӯзгорони оянда ба ҳалли масъалаҳои рефлексивӣ, истифодаи тарзҳои ташхиси рефлексивӣ ва тарзҳои ворид шудан ба мавқеи рефлексивӣ ташаккул меёбад.

Натиҷаҳои кор бо омӯзгориояндаи математика имкон медиҳанд, ки хулосаҳои зеринро амалӣ созем:

1. Салоҳияти методии омӯзгор хосияти муҳими маҳорати касбӣ буда, таълими ҳамгироии шахсӣ тибқи силсилаҳои салоҳиятҳое амалӣ мегардад, ки аз омодагӣ ва қобилияти омӯзгор зимни иҷрои бомуваффақияти фаъолияти касбӣ-методӣ, сафарбар намудани донишҳои мавҷуда шабоҳат медиҳанд ва таҷриба дар вазъияти ғайристандартиро ҳидоят мекунад.

2. Салоҳияти таърихӣ-математикии омӯзгори математика тавассути силсилаҳои салоҳиятҳои махсус ва хислатҳои шахсиятӣ аз зеринҳо иборат мебошанд:

- дониши амиқ ва устувори таърихи математика;
- қобилияти татбиқи донишҳои мавҷуда дар вазъияти нав;
- омодагӣ ба созгори раванди таълим бо истифода аз маълумоти таърихӣ;
- роҳандозӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас ва сатҳи гуворотар дар фаъолият;
- қобилияти мувофиқгузорӣ дар фаъолият ва натиҷаҳо.

3. Сохтори салоҳияти таърихию математикӣ дар шакли ҷузъҳои зерини ба ҳам алоқаманд пешниҳод карда мешавад: ҳавасмандӣ-арзишӣ, мундариҷавӣ-ҳадафӣ, фаъолиятнокӣ-амалӣ ва шахсӣ-рефлексивӣ.

4. Раванди таълими маводи таърихию математикӣ, ки ба ташаккули салоҳияти омӯхташаванда нигаронида шудааст, бояд тибқи коркарди пешниҳодшуда, ки аз чор зерсохтор иборат аст, сурат гирад:

1) мақсаднок, аз ҷумла ягонагии мақсадҳои дарозмуддат ва амалиётӣ;

2) назариявие, ки ба асосноккунии самтҳои методологӣ ва ҷабҳаҳои ташкили раванди ташаккули салоҳиятҳои таърихию математикии омӯзгорони оянда робита дорад;

3) ташкилию мундариҷавӣ, аз ҷумла барномаи лоиҳавӣ-модулии курси «Таърихи математика», маҷмуи тарзҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили раванди ташаккули таърихию математикии омӯзгори математикаи оянда зимни таълими касбӣ дар донишгоҳ;

4) муассир, ки мутобиқи сохтори салоҳияти таърихию математикӣ омода шуда, сатҳҳо, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва тарзҳои ташхиси дарёфткунии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

5. Баланд бардории самаранокии ташаккули фанҳои таърихӣ-математикӣ ба салоҳиятҳо тавассути иҷрои маҷмуи имкониятҳи педагогии зерин мусоидат мекунад: зарурати сохтори таълимӣ мазмуни курси таърихи математика дар асоси лоиҳа-модул; зарурати дар

омӯзгорони ояндаи математика ташаккул додани муносибат ба рушди худшиносии салоҳияти таърихию математикӣ, ки дар заминаи ташкили соҳаи ҳавасмандгардонӣ дар омӯзгорони ояндаи математика ва ба даст овардани малакаҳои рефлексивӣ амалӣ мегарданд.

Ҳамин тавр, масъалаи дар дарси математика ворид намудани маводи таърихӣ имрӯз хеле мубрам мебошад. Ҳақиқатан, таърихи математика ҳамчун воситаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон аст ва аз ин рӯ, ангезаи тавонои баланд бардоштани ҳавасмандии омӯзиш дар маҷмуъ амали мегардад. Истифодаи мунтаззам ва мақсаднoки иттилооти таърихӣ дар таълими математика имконият медиҳад, ки худи раванди таълим гуногунранг шуда, онро барои хонандагон пурмазмуну таъсирбахш гардонад, мақоми инкишофи онро зиёд намояд. Омӯзиши таърихи илм ба васеътар ва амиқтар аз худ кардани мафҳумҳои гуногун, ин чунин оид ба шакли инкишофи мафҳуми мушаххас ва дар маҷмуъ илм тасаввурот пайдо мегардад, хонандагонро барои дарки фарҳанги мерос, алалхусус мероси халқи тоҷик, ки аҳамияти тарбиявӣ дорад, мусоидат мекунад.

Б.Гнеденко дар бораи аҳамияти таърихии илм сухан ронда, андешаю ақидаро инкишоф дода, қайд намуд, ки таърихи илм машъалест, ки роҳи рушди минбаъдаи наслҳои навро роҳнамои карда, ба онҳо оташи муқаддаси Птолемей мебахшад, онҳоро ба кашфиёти нав, ба ҷустуҷӯи абадӣ, ба дониши олами гирду атроф, аз он ҷумла худашон ҳидоят менамояд.

Таърихи илм дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои амалисозии ҳадафҳои такягоҳии таълим: ташаккули тафаккури илмӣ-назариявӣ, соҳаи эҳсосӣ ва ҳавасмандӣ ва системаи арзишҳои хонандагон зарур аст.

Истифодаи маводи таърихӣ дар дарсҳои математика маводи таълимиро хеле гуногун карда, шавқу рағбати хонандагонро ба омӯхтани бахшҳои барномаи пешниҳодшуда афзун намуда, ҳамзамон ба афзоиши ҳавасмандии омӯзиш дар дарси математика мусоидат менамояд.

Дар китоби «Методикаи таълими математика дар мактаби миёна» В.М. Брадис омадааст, ки «...сифати азхудкунии маводи математикӣ дар сурате хеле баланд мешавад, ки агар ҳар як мафҳуми нав, ҳар як ҷумлаи нав тавре ворид карда шавад, ки робитаи он бо маводи ба донишҷӯ маълум аён бошад ва ба ҳадафи омӯзиш фаҳмо бошад." Ин равиш тавассути пайванд бо равиши таърихӣ амалӣ мешавад. «Дар асоси таърихи ин соҳаи илм намоиш додан осонтар аст, аз ин рӯ, унсури таърихӣ дар таълим нақши бузургро мебозад. Бесабаб нест, ки дарки пурраи хар як масъалаи назариявӣ танҳо дар ҳамон вақт ба даст меояд, ки таърихи он равшан гардад» [2].

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки дар дарсҳои математика аз унсурҳои таърихшиносӣ истифода бурдан зарур аст, зеро: Маводи таърихие, ки дар дарсҳо ворид карда мешавад, фаъолияти эҷодии хонандагонро баланд мебардорад. Ин бо роҳи ба ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли проблемаҳои аҷоиби таърихӣ ҷалб намудани онҳо ба амал меояд. Омӯзгор тавассути баррасиҳои ҳаёт ва фаъолияти математикон ошно намудан имкон пайдо менамояд, ки хонандагонро бо худи мафҳуми эҷодкорӣ, бо эҷодкорӣ дар илм ҳидоят намояд ва ба бисёр ҷабҳаҳои ҳалкунандаи давлатие, ки бо ин раванд робитаманданд, дахл намояд. Бо ёрии сайрҳои таърихӣ дар дарс омӯзгор метавонад хонандагонро нигарон созад, ки мустақилона далелҳои ҷолиби таърихии марбут ба кашфиётҳои математикиро интихоб намуда, ба ҳамсинфони худ нақл кунанд. Одатан, ҳамаи ин барои ба хонандагон омӯзонидани қобилияти худмуайянкунӣ, ёдовар шудани боварӣ ба қобилияти худ ва ифшои ақида ва эътиқоди худ мусоидат мекунад. Баҳоҳои илмие дар синфхона, ки аз ҷониби омӯзгор бошуурона баргузор ва ташкил карда мешаванд, дар асоси баррасии масъалаҳои таърихии математика ба тарбияи таҳаммулпазирӣ нисбат ба андешаи дигарон, эҳтироми худшиносӣ тавассути эҳтиром нисбат ба дигарон, нигарон менамояд, амалӣ месозад. Ин баҳсҳои илмӣ инчунин қобилияти муоширати байнишахсӣ - малакаҳои муошират, маҳоратҳо, қобилият ва ҳалли низоъҳоро ташаккул медиҳанд. Инкишофи математикии одам бе баланд бардоштани маданияти умумӣ имконнопазир аст, гуфта буд В.А.Крутецкий. Маводи таърихӣ аз ҳар ҷиҳат дар синф беҳтар аст, то рушди яктарафаи қобилиятҳои математикиро пешгирӣ кунад. Маводи таърихӣ барои баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, амиқии дониш, ҷаҳонбинии илмии хонандагон тарҳрезӣ шудааст, ки ин яке аз роҳҳои баланд бардоштани захираи зеҳнии хонандагон, дар онҳо ташаккул додани фикр кардан, қобилияти зуд қабул кардани қарор дар лаҳзаҳои душвортарин мебошад.

### *Адабиёт*

1. *Гончарова И.В. Активизация познавательной деятельности учащихся основной школы с помощью исторических фактов по математике / И.В. Гончарова // Дидактика математики: проблемы и исследования: Международный сборник научных. – Донецк, 2020. – Вып. 51. – С. 70-71.*
2. *Дробышев, Ю.А. История математики: пути формирования знаний о методах решения алгебраических уравнений / Ю.А. Дробышев. – Калуга: Изд-во КГПУ им. К.Э. Циолковского, 2004. – 164 с.*
3. *Ислом Ғуломов. Таърих ва методологияи математика. –Д.: Маориф, 1999. - 448 с.*
4. *Макарова О. Н. Методический аспект использования исторического материала в обучении математики / О. Н. Макарова // Начальная школа плюс до и после. — 2014. — № 6. - С. 23-26.*
5. *Маҳкамов М., Атохонов Р. Таърихи математика: ҷустуҷӯи тарзҳои ҳалли муодилаҳои дараҷаи олӣ: дастури методӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён. Душанбе: "Маориф", 2018. - 144 с.*
6. *Михайлова, И.А.. Технология историзации школьного математического образования. Дисс… к.п.н.. – Ростов-н/Д., 2005. – 257 с.*
7. *Музафарова, Ханифа Рахимовна. Математические главы "Жемчужины короны для украшения Дубаджа" (Дурра ат-тадж ли гурра ад-Дубаж) Кутбаддина Ширази: диссертация ... кандидата физико-математических наук : 07.00.10. - Душанбе, 1974. - 153 с.*
8. *Рыбников К.А. Возникновение и развитие математической науки: Кн. для учителя. М.: Просвещение, 1987. - 159 с.*
9. *Сатторов А.Э. Математика и математическое образование в трудах ученных средневековой Центральной Азии / А.Э. Сатторов. – Душанбе : "Ирфон", 2020. – 292 с.*
10. *Сатторов А.Э. О методике использования достижений ученых средневекового Ближнего и Среднего Востока в процессе обучения математике / А.Э. Сатторов. – Душанбе : «Ирфон», 2010. – 140 с.*
11. *Смолякова, Д.В. Теория и методика обучения математике: использование элементов истории математики в учебном процессе: учебно-методическое пособие / ФГБОУ ВПО «Томский государственный педагогический университет»; Д.В. Смолякова. – Томск : Изд-во ТГПУ, 2012. – 36 с.*
12. *Собиров Г. Инкишофи математика дар Осиёи Миёна (Асрҳои XV-XVII). –Душанбе: Ирфон, 1966. -136 с.*
13. *Стройк Д.Я. Краткий очерк истории математики. Издание третье. Перевод с немецкого и дополнения И.Б. Погребысского. М.: Наука, 1978. - 336 с.*
14. *Табачников С.Л., Фукс Д.Б. Математический дивертисмент. МЦНМО, 2011. -512 с.*
15. *Шерматова У.К., Фридман Л.М. Истифодаи элементҳои таърихи математикаи Осиёи Миёна дар таълими математика. Душанбе: Маориф, 1986. - 72 с.*
16. *Чистяков, В.Д. Материалы по истории математики в Китае и Индии / В.Д. Чистяков. – М.: Учпедгиз, 1960. – 168 с.*


## ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ БАРОИ МУАЛЛИМИ ОЯНДАИ МАТЕМАТИКА


Дар мақола нақши маводи таърихӣ дар ташаккули математика ҳамчун илм баррасӣ мешавад. Манбаи пайдоиши баъзе мафҳумҳои риёзӣ ва инъикоси онҳо дар раванди предмети эҳтимолии математикӣ таҳлил карда мешаванд. Он инчунин имкониятҳоеро, ки дар дарсҳое, ки аз маводи таърихӣ истифода мешаванд, баррасӣ мекунад. Минбаъд марҳилаҳои ҷорӣ намудани маводи таърихии риёзӣ дар кори беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудаанд. Пас аз ин, барои шиносоӣ бо маводи фароғатии таърихӣ дар таълимии таълими математика баъзе тавсияҳои методӣ пешниҳод карда мешаванд. Намунаи муаррифии маводи таърихӣ дар дарс ва корҳои беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзгориояндаи фанни математика гузаронида шуд. Ба муассисаҳои таълимӣ тавсия карда мешавад, ки аз курси таърихи математика дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ гузаранд.



**Калидвожаҳо:** муаллими математика, маводи таърихӣ, далелҳои математикӣ, раванди таълими математика, рушди илмҳои математика, фарҳанги математикӣ, фарҳанги умумибашарӣ, марҳилаҳои инкишофи математика.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСТОРИЧЕСКОГО МАТЕРИАЛА В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ ДЛЯ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ МАТЕМАТИКИ


В статье рассматривается роль исторических материалов в развитии математики как науки. Анализируется происхождение некоторых математических понятий и их отражение в процессе возможного математического предмета. Также рассматриваются возможности использования исторических материалов на уроках. Далее представлены этапы внедрения историко-математических материалов во внеурочную работу в учреждениях общего среднего образования. После этого представлены некоторые методические рекомендации по ознакомлению с историко-развлекательными материалами в преподавании математического образования. Пример презентации исторических материалов на уроках и внеурочной деятельности был проведен в средних общеобразовательных учреждениях для будущего учителя математики. Учебным заведениям рекомендуется пройти курс истории математики в учебных вузах.



**Ключевые слова:** учитель математики, исторический материал, математические факты, процесс обучения математике, развитие математических наук, математическая культура, общечеловеческая культура, этапы развития математики.

## USE OF HISTORICAL MATERIAL IN THE LEARNING PROCESS FOR A FUTURE MATHEMATICS TEACHER

The article deals with the role of historical materials in the development of mathematics as a science. The origin of some mathematical concepts and their reflection in the process of a possible mathematical subject are analyzed. The possibilities of using historical materials in the lessons are also considered. The following are the stages of introducing historical and mathematical materials into extracurricular work in institutions of general secondary education. After that, some methodological recommendations for familiarization with historical and entertainment materials in the teaching of mathematics education are presented. An example of the presentation of historical materials in the classroom and extracurricular activities was held in secondary educational institutions for a future teacher of mathematics. Educational institutions are encouraged to take a course in the history of mathematics in educational universities.

**Keywords:** mathematics teacher, historical material, mathematical facts, the process of teaching mathematics, the development of mathematical sciences, mathematical culture, human culture, stages in the development of mathematics.

## Дар бораи муаллифон

**Раҷабов Тағоймурод**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 935 06 34 12

**Маҳкамов Мамадҷон**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 585 10 55
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

**Ҷабаров Муҳаммадсафар**
Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 406 90 93

## Об авторах

**Раджабов Тагоймурад**
Доктор педагогических наук, профессор кафедры начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 935 06 34 12

**Махкамов Мамаджон**
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры математической методики обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 585 10 55
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

**Джабаров Мухаммадсафар**
Старший преподаватель кафедры методики математического образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 406 90 93

## About the authors

**Rajabov Taghoymurad**
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor in the Department of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 935 06 34 12

**Makhkamov Mamadjon**
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Mathematics Education Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 585 10 55
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

**Jabarov Muhammadsafar**
Senior Teacher in the Department of Mathematics Education Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 406 90 93

ТДУ 536.2 (575.3)

# ЛАҲЗАҲОИ ДАРС-ОЗМОИШ ДОИР БА ШИНОС КАРДАНИ ХОНАНДАГОН БО РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

**_Мирзоев А. М._**
_Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон_
_ба номи Садриддин Айнӣ_

Дар тадқиқоти муҳаққиқон С.Д. Абдурахманов [1], А.Г. Бычук [5], А. Ильин [6], Н. Қодиров ва Р. Ибрагимова [7], Ф.В. Рабиза [14], Г. Райхардт [15], Л.Л. Сикорук [16], Л.В. Тарасов [17] ва дигарон масоили шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо инъикос ёфтаанд. Доир ба проблемаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.Б. Тоҳирова [23], А.М. Мирзоев ва У.С. Умаров [9], А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров, [10, 11, 12, 13], У.С. Умаров [18], У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова [3, 4, 19, 20], У.С. Умаров, Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.Х. Раҷабов [22] ва дигарон тадқиқот бурда, мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд. Аз ҷумла, дар мақолаҳои мо [9, 10, 11, 12, 13] сухан доир ба шинос кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши физика маълумот гирд оварда шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиат мебошанд, бинобар ин ҳангоми таълими курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шинос намудани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо аз манфиат холӣ нест. Барои паст кардани хатари офатҳои табиӣ на танҳо донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо, балки роҳҳои худнаҷотдиҳиро низ донистан зарур мебошад, ки онро дар дарсҳои физика амалӣ гардонидан имконпазир аст. Дар курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бошад, сабабҳои ба амал омадани офатҳои табиӣ омӯхта мешаванд. Бахри амалӣ гардонидани фикрҳои боло барномаи физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [2] ва китобҳои дарсии амалкунанда [8, 21] имконияти хуб фароҳам меоранд. Самаранок истифода бурдани он ба маҳорат ва қобилияти эҷодии омӯзгор вобаста аст.

Дар зер якчанд озмоишҳои физикӣ дар алоқамандӣ бо офатҳои табиии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтимолан баамалоянда оварда шудааст, ки омӯзгорон аз онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни таълими физика самаранок истифода карда метавонанд. Омӯзгор тавассути гузаронидани ин озмоишҳо хонандагонро бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо шинос карда метавонад.

Боиси зикр аст, ки омӯзгор ин озмоишҳоро дар лаҳзаҳои мувофиқи дарсҳои физика истифода карда метавонад.

**Озмоиши 1**

Барои алоқаманд намудан ва муайян кардани он ки ҳангоми обхезӣ барои худнаҷотдиҳӣ аз кадом ашёҳо истифода кардан мумкин асту аз кадомашон не, омӯзгор зимни омӯзиши мавзуи «Ҳодисаҳои физикӣ» (синфи VII) [8, с. 8] ба хонандагон гузаронидани чунин озмоишро пешниҳод менамояд.

**Супориш:**



Расми 1

Расмро муоина карда гӯед, ки кадоме аз ҷисмҳо дар об ғарқ мешаванду кадомашон не?

Гӯед, ки ҳангоми обхезӣ барои сохтани воситаҳои худнаҷотдиҳӣ аз чӣ гуна ашёҳо истифода кардан мумкин асту аз чӣ гунаашон не?

Ҷавобатонро асоснок кунед.

***Хулоса.*** *Озмоишро иҷро карда, хонандагон муайян мекунанд, ки ҳангоми обхезӣ аз ашёҳое воситаҳои худнаҷотдиҳӣ сохтан лозим аст, ки онҳо дар рӯйи об шино кунанд (зичии моддаашон аз зичии об хурд бошад).*

**Озмоиши 2**

Ҳангоми баёни мавзуи «Соиш дар табиат ва техника» (синфи VII) [8, с. 142] дар алоқаманди ба офати табиии лағжиши замин (ярч) озмоиши зеринро намоиш додан аз манфиат холӣ нест. Омӯзгор бо ёрии яке аз хонандагон каме хокро гирифта, ба он об рехта лойи суст тайёр менамояд. Сипас, лойи сустро ба болои шишаи нисбат ба ҳамвории мизи намоишӣ моил гузошташуда, мегузорад ва диққати хонандагонро барои мушоҳида намудан, ҷалб мекунад.

Хонандагон мушоҳида менамоянд, ки лойи суст аз рӯйи шиша лағжида ба поён - рӯйи селофани дар сатҳи миз паҳн кардашуда ҳаракат мекунад.

Аз мушоҳидаи таҷрибаи мазкур хонандагон ба хулосае меоянд, ки дар ҳақиқат яке аз сабабҳои ба амал омадани лағжиши замин (ярч) ин аз ҳад зиёд тар будани хок будааст.

Ин ҷо омӯзгор тавассути суҳбат бо ёрии хонандагон роҳҳои паст кардани хатари чунин офатро ошкор менамояд. Аз суҳбат бо хонандагон ба хулосае меоянд, ки роҳҳои паст кардани хатари чунин офат инҳоянд:

- ✓ дар наздикии теппаҳои хокӣ насохтани хонаҳои истиқоматӣ;
- ✓ аз болои теппаҳои хокӣ нагузаронидани каналу ҷӯйборҳо;
- ✓ дар сатҳи поёнии теппаҳои хокӣ кофтани заҳбӯрҳо;
- ✓ ба боғи дарахтзор табдил додани теппаҳои хокӣ, яъне дар теппаҳои хокӣ шинондани дарахтҳо.

**Озмоиши 3**

Барои алоқаманд намудани мавзуи «Энергияи об ва шамол» (синфи VII) [8, с. 242] бо офати табиии обхезию сел ва нишон додани сабабҳои пайдоиши он ба омӯзгор чунин тавсияҳо дода мешавад: а) ба хонандагон хотиррасон намояд, ки яке аз сабабҳои ба амал омадани сел ва обхезӣ ин боришоти пай дар пай мебошад; б) ба хонандагон супориш диҳад, ки аз китоби дарсии «Табиатшиносӣ», сабаби ба амал омадани боронро фаҳманд; в) ҳамчун супориши хонагӣ гузаронидани чунин озмоишро ба хонандагон пешниҳод намояд:

**Супориш:**

Аз рӯйи расм сабабҳои ба амал омадани боронро мушоҳида карда шарҳ диҳед.

Бо гузаронидани озмоиш хонандагон мефаҳманд, ки дар ҳақиқат сабаби ба амал омадани борон ин конденсатсияи буғҳои таркиби оби атмосфера мебошад.





Расми 2

Дар асоси ин озмоиш омӯзгор ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат менамояд: барои паст кардани хатари сел ва обхезӣ чӣ бояд кард? Хонандагон метавонанд, чунин ақидаҳоро пешниҳод намоянд:

1. Агар мо дар соҳили дарё ва ҷойҳои селроҳа дарахтҳои зиёд шинонем, соҳил ва ҷойҳои селроҳа мустаҳкам мегарданд ва эҳтимолияти канда шудани соҳил камтар мешавад.

2. Инчунин, агар дар майдонҳои назди соҳил ва ҷойҳои селроҳа дарахт бисёр бошад, суръати ҷоришавии об хурд мешавад.

3. Тоза кардани каналу сойҳо.

***Хулоса.*** *Хонандагон боварӣ ҳосил мекунанд, ки сабаи обхезӣ ва сел боридани боронҳои пай дар пай буда, сабаби боридани борон ин конденсатсия шудани буғҳои оби таркиби астмосфера будааст.*

**Озмоиши 4**

Барои шинос намудани хонандагон бо тарзи амалиёт дар ҳолати ба амал омадани офатҳои табиии обхезӣ, сел, зилзила, раъду барқ, тармафарой, ҳангоми канда шудани сими хати нақли энергияи электр, афтидани симчӯбҳои хати нақли энергияи электр дар алоқамандӣ бо мавзуи «Ноқилҳо, нимноқилҳо ва диэлектрикҳо» (синфи VIII) [21, с. 103] омӯзгор гузаронидани чунин озмоишро пешниҳод менамояд.

**Озмоиш:**



а) б)

Расми 3

**Тартиби иҷрои озмоиш:**

1. Аз рӯйи расми 3 (а) занҷири электрӣ тартиб диҳед.
2. Часпаки оҳанинро бо ашёҳои дигари дар расми 3 б тасвирёфта иваз намоед.
3. Аз натиҷаи озмоиш хулоса бароред.

Хонандагон озмоишро иҷро карда, мушоҳида мекунанд, ки ҳангоми ба ҷойи часпаки оҳанин гузоштани пӯк, пуфак, қалам, резинаи хатпоккунӣ ва тугмаи пластмассагӣ лампа фурӯзон намешавад. Хонандагон муайян мекунанд, ки ин ашёҳо диэлектрикҳоянд ва аз худ заряди электриро намегузаронанд. Ба ҷойи часпаки оҳанин мех ва тугмаи металлиро гузошта, мушоҳида мекунанд, ки ин ашёҳо аз худ заряди электриро мегузаронанд, яъне онҳо ноқили электрианд.

4. Гӯед, ки дар ҳолати ба амал омадани офатҳои табиии обхезӣ, сел, зилзила, раъду барқ, тармафарой ҳангоми канда шудани сими хати нақли энергияи электр ё афтидани симчӯбҳои хати нақли энергияи электр бо мақсади кам кардани хатари барқзанӣ аз кадом ашёҳо истифода кардан мумкин асту аз кадомашон не?

**Марҳилаи мулоҳизаронӣ**

Пас аз шунидани фикру андешаҳои хонандагон омӯзгор ба онҳо чунин тавсияҳо медиҳад:

1. Дар ҷойҳое, ки об ҷамъ шудааст, дарҳол интиқоли ҷараёни электриро бояд қатъ кард!
2. Аз ҷараёни электр эҳтиёт шудан лозим аст!
3. Агар баландии об дар фарши хона аз 5 см зиёд бошад, пас пойафзоли резинии яклухт пӯшидан лозим аст!
4. Агар фарши таги шити электрӣ намнок бошад, аввал тахтачаи хушкро ба рӯйи фарш гузошта, ба болои он баромада, шитро бояд хомӯш кард!

**Хулоса.** *Бо гузаронидани озмоиши мазкур хонандагон дарк мекунанд, ки ҳангоми канда шудани симҳои хати нақли энергияи электр ё афтидани симчӯбҳои хати нақли энергияи электр барои хомӯш кардани шити электрӣ, ба ҷойи безарар дур кардани симҳои кандашуда аз маводи диэлектр истифода кардан лозим будааст.*

**Озмоиши 5**

Озмоиши мазкур баҳри паст кардани хатари офати табиии «Баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ» пешбинӣ шуда, ҳангоми баёни мавзуи «Капиллярнокӣ» (синфи VII) [8, с. 48] ба хонандагон супориш дода мешавад. Барои алоқаманд намудан ва ошкор кардани яке аз роҳҳои пешгирии баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ (шинондани ниҳолу буттаҳо) омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки дар хона чунин озмоиш гузаронанд.



Расми 4

**Марҳилаи мулоҳизаронӣ**

**Озмоиш.** Агар дар хона тубаки гул дошта бошед, қисме аз онро ба дохили борхалтаи селофании шаффоф ҷойгир карда, даҳони борхалтаро бо ресмон бандед (ниг. ба расм). Пас аз як шабонарӯз мушоҳида кунед. Дар сатҳи дохилии борхалта қатраҳои об пайдо шуданд. Гӯед, ки қатраҳои об аз куҷо пайдо шуданд?

Бо иҷрои супориши мазкур хонандагон яке аз роҳҳои паст кардани хатари баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ шинондани ниҳолу буттаҳоро бо истифода аз донишҳояшон маънидод мекунанд.

**Хулоса.** *Бо гузаронидани озмоиши мазкур хонандагон дарк мекунанд, ки яке аз роҳҳои паст кардани хатари баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ – шинондани ниҳолу буттаҳо будааст. Тавассути капиллярҳо намӣ (об) аз замин ба танаву шоху барги ниҳолу буттаҳо мебарояд. Бо таъсири нурҳои Офтоб ин намӣ (об) аз сатҳи шоху барги ниҳолу буттаҳо бухор мешаванд.*

**Озмоиши 6**

Омӯзгор ҳангоми омӯхтани мавзуи «Занҷири электрӣ ва қисмҳои таркибии он» (сифи VIII) [21, с. 123] бо мақсади шинос намудани хонандагон бо яке аз роҳҳои паст кардани хатари обхезӣ эшонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ба онҳо чунин супориши гурӯҳӣ пешниҳод менамояд.

**Марҳилаи даркнамоӣ**

**Супориш.** Фикр карда, нақшаи занҷири электрии асбоби ба ном «Посбони обхезӣ»-ро тартиб дода, чунин асбобро созанд ва тарзи истифодаи онро шарҳ диҳанд.

Барои фаҳмонидани мақсади иҷрои ин супориш омӯзгор ба хонандагон чунин иттилоъ медиҳад:

**Омӯзгор.** Бачаҳо, Шумо аз намоишҳои телевизион дидаед, ки обхезиҳое, ки дар шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии халқии Хитой ва Ҷумҳурии исломии Покистон ба амал омаданд ба мардуми ин маҳалҳо чӣ қадар зарар овард. Ҳатто талафоти ҷонӣ низ буд. Дар урфият мегӯянд, ки «Илоҷи воқеъа қабл аз вуқӯъ». Ана ҳамин асбоби месохтаи Шумо имкон медиҳад, ки мардум аз ба амал омадани обхезӣ огоҳ карда шаванд.

Асбоб дар маҳфили «Сохтани асбобҳо» сохта мешавад. Ин ҷо омӯзгор асбобро ба хонандагон нишон дода, шинос менамояд ва нақшаи электрии онро мекашаду тарзи кори онро мефаҳмонад.




Расми 5

**Тарзи истифодаи асбоб.** Қисми қаппакдори асбобро, ки дар поя устувор карда шудааст, дар соҳили ҷӯйбор (наҳр, сой ё дарё) чунон ҷойгир мекунанд, ки нӯги қаппак аз сатҳи оби он 5-10 см боло истад. Дар байни рӯяҳои қаппак ягон маводи дар об зуд ҳалшавандаро (масалан, порчаи қанд, кулӯх ва ғ.) ҷойгир мекунанд.

**Тарзи кори асбоб.** Ҳангоми баланд шудани сатҳи оби ҷӯйбор (наҳр, сой, дарё) қанди дар байни рӯяҳои қаппак ҷойгир кардашуда, ҳал мешавад. Дар натиҷа лавҳаҳои мисин ба ҳам мерасанд ва занҷири электрӣ сарбаст мешаваду занг садо мебарорад (ё лампа) фурӯзон мегардад. Дар ин маврид қаппак ба сифати калид хизмат мекунад.

**Хулоса.** *Бо сохтан ва истифодаи асбоби пешниҳодшуда хонандагон ба яке аз роҳҳои паст кардани хатари обхезӣ – огоҳ кардан аз обхезӣ тавассути асбоб шинос мешаванд.*

**Озмоиши 7**

Зимни фаҳмонидани мавзуи «Капиллярнокӣ» (синфи VII) [8, с. 48] доир ба сабабҳои ба амал омадани офати табиии «Баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ» омӯзгор чунин маълумот пешниҳод менамояд:

**Лексияи хурд**. Ҳодисаи капиллярӣ яке аз сабабҳои баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ низ мебошад. Обҳои зеризаминӣ, ки дар чуқуриҳои қабатҳои замин мавҷуданд, тавассути капиллярҳо ба боло мебароянд. Бо ҳамин сабаб сатҳи обҳои зеризаминӣ дар баъзе мавзеъҳо, алалхусус дар заминҳои қумхок баланд мешавад, ки ин ба ҳосилнокии ин заминҳо таъсири манфӣ мерасонад. Таровидани об аз ҷисмҳои гуногун ҳам ба капиллярнокии онҳо алоқаманд аст. Баъзе ҷисмҳо сохтори ковок ва сӯрохиҳои хурд, то ҳатто бо чашми оддӣ диданашаванда доранд. Агар ин гуна ҷисмҳоро ба об ё дигар моеъҳои таркунанда расонем, он гоҳ онҳо моеъро ҷаббида мегиранд ва ба дохили худ равона мекунанд. Сабаби нам гирифтани хишт низ ҳамин аст. Барои ба ин боварӣ ҳосил кардани хонандагон омӯзгор аз рӯйи расми 6 озмоиш тайёр карда, ба онҳо чунон савол пешниҳод мекунад.




Асбоби таҳиянамудаи Бобоназаров А. – хонандаи синфи 9-и МТМУ-и №10-и шаҳри Душанбе

Расми 6



Расми 7

**Омӯзгор:** Дар яке аз ин зарфҳои пластмассӣ (нимлитраи тагаш буридашуда) дар штатив сарозер ҷойгир кардашуда (чун ба монанди қиф), қум рехта шудаасту дар дигараш хок.

**Масъала:** Агар мо ба ҳарду зарф ба миқдори баробар об резем, аз кадом зарф об зудтар таровида мерезад?

Ҷавобҳои хонандагон гуногун буда метавонанд:

**Як гурӯҳи хонандагон:** аз зарфи қумдор.

**Гурӯҳи дигари хонандагон:** аз зарфи хокдор.

**Хонандагони дигар:** аз ҳарду зарф дар як вақт.

**Омӯзгор:** Бачаҳо, бинед, ҷавобҳои шумо гуногунанд. Акнун биёед, дар гурӯҳҳо амалан мебинем, ки дар ҳақиқат аз кадом зарф об зудтар таровида мерезад, яъне ҷавобҳои шумоёнро месанҷем.

**Қадамҳо:**

1. Ба ду истакон, ба миқдори баробар об рехта, дар як вақт бо ҳарду даст ба зарфҳо резед.

2. Мушоҳида карда гӯед, ки об аз кадом зарф зудтар таровида мерезад.

Хонандагон мушоҳида мекунанд, ки аз зарфи қумдор об зудтар таровида мерезад.

Пас аз таҷрибаи мазкур омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки дар зарфи қумдор назар ба хокдор об зудтар таровида мерезад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар заминҳои қумхок сатҳи обҳои зеризаминӣ зудтар баланд шуданаш мумкин аст. Аз ҳамин сабаб, дар чунин мавзеъҳо сохтани хонаҳои истиқоматӣ ва иншоотҳои саноатӣ бештар хатарноктаранд.

Пас аз ин муҳокимарониҳо омӯзгор ба хонандагон чунин супориш дода метавонад:

- Натиҷаҳои муҳокимарониҳоро ба расмҳои 7 муқоиса намуда, хулоса бароред.

**Хулоса.** Тавассути гузаронидани озмоишҳои мазкур ва суҳбат хонандагон дарк (муайян) мекунанд, ки яке аз сабабҳои баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ин ҳодисаи капиллярнокӣ будааст. Дар заминҳои қумӣ ё қумхок сатҳи обҳои зеризаминӣ зудтар баланд мешудаасту дар заминҳои хокӣ дертар. Дар ҳамин асос хонандагон дарк мекунанд, ки дар чунин заминҳо (қумӣ ва қумхок) сохтани хонаҳои истиқоматӣ ва иншоотҳои саноатӣ хатарноктаранд.

## *Адабиёт*


1. *Абдурахманов С.Д. Исследовательские работы по физике в 7-8 классах сельских школ: Кн. для учителя: Из опыта работы. / С.Д. Абдурахманов. – М.: Просвещение, 1990. – 110 с.*
2. *Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. - 48 с.*
3. *Бобониёзова Г.А. Алоқаманд намудани маълумотҳо доир ба офатҳои табиӣ ва паст кардани хатари онҳо бо мавзуъҳои барномаи физикаи мактабӣ / Г.А. Бобониёзов, У.С. Умаров // «Маърифати омӯзгор». - №7-8. – 2013. - С. 64-69.*
4. *Бобониёзова Г.А. Зилзила ва эҳтиёт аз он (шиносоӣ бо хатарҳои зилзила зимни омӯзиши мавзуи «Маркази вазнинӣ. Устувории ҷисмҳо» (синфи 10)). / Г.А. Бобониёзов, У.С. Умаров// Маърифати омӯзгор, - №8. – 2012. - С. 32-35.*
5. *Бычук А.Г. Урок-эксперимент по теме: «Происхождение обвалов и оползней».* http://mini-soft.net.ru/.
6. *Ильин А. Школа выживания при авариях и стихийных бедствиях. / А. А. Ильин. – М. : Эксмо, 2003. – с.*
7. *Кодиров Н., Ибрагимова Р. Масъалаҳои паст кардани хатари офати табиӣ дар таълими география. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география. – Душанбе: 2010. – 72 с.*
8. *Маҷидов Ҳ. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ / Ҳ. Маҷидов, С. Зубайдов. – Душанбе: «Алиф», 2008. - 281 с.*
9. *Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо тибқи барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии физика / А.М. Мирзоев, У.С. Умаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. (Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ). – 2021. – №5-6 (9-10). – С.127-137.*
10. *Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офати табиии «Раъду барқ» зимни омӯзиши мавзуи «Мавҷҳои садо» (синфи IX). / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти муосири рушди илмҳои табиӣ-риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 149-151.*
11. *Мирзоев А.М. Шинос намудани бачагони имконияташон маҳдуд бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши физика. / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Таълими салоҳиятнокӣ дар тайёрии касбии омӯзгорони фанҳои умумитехникӣ» бахшида ба соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва мақоми байналмилалӣ гирифтани чакан. – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 21-25.*
12. *Мирзоев А.М. Имкониятҳои барномаҳои фанҳои табиӣ барои шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо. / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров // Конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ–риёзӣ: воқеъият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии он» ба муносибати 30–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ДДОТ, 2019. - С. 8-16.*
13. *Мирзоев А.М. Шинос кардани хонандагони имконияти маҳдуди саломатидошта ба офати табиии «Раъду барқ» ҳангоми омӯзиши мавзуи «Электрнокшавӣ дар табиат ва техника» дар синфи VIII зимни татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими физика / А.М. Мирзоев, Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров // Таҳқиқи таълими тафриқа: маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-*

*солагии таъсиси кафедраи “Методикаи таълими химия” дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-солагии академик Убайд Зубайдов. – Душанбе: Ирфон, 2019. - С. 122-126.*
14. *Рабиза Ф.В. Опыты без приборов / Ф.В. Рабиза. - М.: «Детская литература», 1988. - 64 с.*
15. *Райхардт Г. Стихийные бедствия / Г. Райхардт. Перевод с немецкого Б.И. Залесской. - М.: Изд. «Слово», 1994.*
16. *Сикорук Л.Л. Физика для малышей. Иллюстрации Е.Агафоновой. – Петразаводск: Изд. «Кругозор», «БНП», 1996. – 128 с.*
17. *Тарасов Л.В. Физика в природе: Кн. для учащихся / Л.В. Тарасов. – М.: Просвещение, 1988. - 351 с.*
18. *Умаров У.С. Шинос намудани кӯдакони имконияташон маҳдуд бо масоили паст кардани хатари офатҳои табиӣ. (Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони физика) / У.С. Умаров. – Душанбе: КҲФ, 2017. - 100 с.*
19. *Умаров У.С. Ба худмуҳофизаткунию худнаҷотдиҳӣ омода кардани хонандагон мавриди таҳдиди хатари офатҳои табиӣ дар дарсҳои физика / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова. // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш -асоси солимии миллат», бахшида ба 41-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов. – Душанбе: ДТҶТ, 2012. - С. 17-20.*
20. *Умаров У.С. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиии обхезию сел ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо ҳангоми омӯзиши мавзуи «Энергияи об ва шамол. Осиёи обӣ» (синфи 7) / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, У.Х. Раҷабов // Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Химия, технология ва экологияи об» бахшида ба соли «Ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва 55-солагии кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ. – Душанбе: ЧДММ «Дақиқӣ», 2013. - С. 147-152.*
21. *Умаров У.С. Физика – 8. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ / У.С. Умаров, Ҷ. Исупов, М. Икромов, Ф. Нуралиев. – Душанбе: «Алиф», 2009. – 238 с.*
22. *Умаров У.С. Масъалаҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ дар таълими физика. Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси муаллимони физика / У.С. Умаров, Ҳ.Ҷумъаев, У.Х. Раҷабов. – Душанбе, ДҶТИБКМ, 2011.*
23. *Ҷумъаев Ҳ.Қ. Шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ аз физика / Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Р.Б. Тоҳирова // Конференсияи илмӣ-методии байналхалқӣ дар мавзуи «Такмили мазмун, методҳо ва васоити омӯзиш дар раванди таълими фанҳои табиию риёзӣ», бахшида ба 20 - солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 80 - солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 40 - солагии факултети физика, ёдбуд ва 70 - солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими физика Барот Мирзоев. – Душанбе: ДДОТ, 2011. - С. 12-19.*

## ЛАҲЗАҲОИ ДАРС-ОЗМОИШ ДОИР БА ШИНОС КАРДАНИ ХОНАНДАГОН БО РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ ХАТАРИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Дар мақола доир ба шинос кардани хонандагон бо офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсияҳои ҷолиб пешниҳод карда шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили барномаи таълим ва китобҳои дарсии амалкунандаи физика, адабиёти педагогиву методӣ ба хулосае меояд, ки барномаи таълимии физика ва китобҳои дарсии амалкунанда баҳри шинос кардани хонандагони ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо шароити хубе муҳаё сохтаанд. Шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо дар таълими физика аҳамияти калони таълимию тарбиявӣ низ дорад. Бо назардошти он ки физика ҳодисаҳои табиатро меомӯзад ва офатҳои табиӣ низ ҳодисаҳои табиӣ мебошанд, бинобар ин ҳангоми омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шинос намудани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо аз манфиат холӣ нест. Барои паст кардани хатари офатҳои табиӣ на танҳо донистани сабабҳои ба амал омадани онҳо, балки донистани роҳҳои паст кардани хатари онҳо низ зарур аст. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, муаллиф бо овардани намунаи лаҳзаҳои дарс бо озмоишҳо кӯшиш намудааст, ки хонандагонро на танҳо ба офатҳои табиат, балки ба роҳҳои паст кардани хатари онҳо низ шинос намояд. Аз тарафи дигар, шинос намудани хонандагон бо роҳҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ баҳри ташаккули малака ва маҳоратҳои татбиқи донишҳо дар шарҳи ҳодисаҳои табиӣ ва техника мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** ҳодисаҳои физикӣ, офатҳои табиӣ, озмоиш, борон, обхезӣ, хатари обхезӣ, худнаҷотдиҳӣ, асбоб, хонандагон, мушоҳида, таҷриба, омӯзгор, хулоса.

## ФРАГМЕНТ УРОК-ЭКСПЕРИМЕНТА ПО ОЗНАКОМЛЕНИЮ УЧАЩИХСЯ СПОСОБАМ СНИЖЕНИЯ РИСКА СТИХИЙНЫХ БЕДСТВИЙ НА УРОКАХ ФИЗИКИ

В статье для учителей средных общеобразовательных учреждений представлени рекомендации по ознакомлению учащихся со стихийными бедствиями и путями снижения их риска. В результате анализа учебной программы и действующих учебников физики, педагогической и методической литературы автор приходит к выводу, что учебная программа физики и действующие учебники создали благоприятние условия для ознакомления учащихся со стихийными бедствиями и способами для снижения их риска. Ознакомление учащихся со стихийными бедствиями и способами снижения их риска в обучении физики также имеет большое учвебное и воспитательное значение. Учитывая, что физика изучает явления природы и стихийные бедствия также являются природными явлениями, небезынтересно знакомить учащихся средне общеобразовательных учреждений со стихийными бедствиями и способами снижения их опасности в ходе изучения школьного курса физики. Для снижения риска стихийных бедствий необходимо не только знать причины их возникновения, но и способы снижения их риска. Принимая все это во внимание, автор приводя примеры фрагменты уроков с

опытами старался ознакомить учащихся не только со стихийными бедствиями, но а также со способами снижения их риска. С другой стороны, ознакомление учащихся со способами снижения риска стихийных бедствий способствует формированию умений и навыков применения знаний при объяснении явлений природы и техники.

**Ключевые слова:** физические явления, стихийные бедствия, эксперимент, дождь, наводнение, паводковая опасность, самоспасение, инструмент, учащиеся, наблюдение, опыт, учитель, заключение.

## FRAGMENT OF A LESSON-EXPERIMENT ON INTRODUCING STUDENTS TO THE WAYS OF DISASTER RISK REDUCTION IN PHYSICS LESSONS

Recommendations are presented for familiarizing students with natural disasters and ways to reduce their risk in this article for teachers of secondary educational institutions. As a result of the analysis of the curriculum and current physics textbooks, pedagogical and methodological literature, the author comes to the conclusion that the physics curriculum and current textbooks have created favorable conditions for familiarizing students with natural disasters and ways to reduce their risk. Familiarizing students with natural disasters and ways to reduce their risk in teaching physics is also of great educational and educational value. Considering that physics studies natural phenomena and natural disasters are also natural phenomena, it is not without interest to acquaint students of secondary educational institutions with natural disasters and ways to reduce their danger in the course of studying a school physics course. To reduce the risk of natural disasters, it is necessary not only to know the causes of their occurrence, but also ways to reduce their risk. Taking all this into account, the author, giving examples of fragments of lessons with experiments, tried to acquaint students not only with natural disasters, but also with ways to reduce their risk. On the other hand, familiarizing students with ways to reduce the risk of natural disasters contributes to the formation of skills and abilities to apply knowledge in explaining natural and technical phenomena.

**Keywords:** physical phenomena, natural disasters, experiment, rain, flood, flood danger, self-rescue, tool, students, observation, experience, teacher, conclusion.

## Дар бораи муаллиф

**Мирзоев Абдулазиз Маҷидович**
Докторант (PhD)-и кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 431 07 72
E-mail: mirzoevabduaziz@mail.ru

## Об авторе

**Мирзоев Абдулазиз Маджидович**
Докторант (PhD) кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 431 07 72
E-mail: mirzoevabduaziz@mail.ru

## About the author

**Mirzoev Abdulaziz Majidovich**
Doctorant (PhD) of the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 431 07 72
E-mail: mirzoevabduaziz@mail.ru

ТДУ 372.851

# САЛОҲИЯТҲОИ УМУМӢ ВА КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ МАТЕМАТИКА ҲАНГОМИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ

***Холиқов У. Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Таҷрибаи педагогӣ яке аз қисматҳои асосии раванди тайёрии касбӣ-методии омӯзгориояндаи математикаро дар муассисаи таҳсилоти олии касбии равияи педагогӣ муайян мекунад. Натиҷаи таҷрибаи педагогиро ташаккули малака, маҳорат ва салоҳиятҳо, инчунин ташкили корҳои тадқиқотие ташкил медиҳанд, ки асоси фаъолияти муаллимиояндаи математикаро муайян мекунанд.

Масъалаи таҳқиқи мақоми таҷрибаи педагогӣ дар ҳосил намудани салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ аз рӯйи ихтисоси математика дар осори илмӣ-методии муҳаққиқони шуравӣ, амсоли Ю.М.Колягин, Г.Л.Луканкин, Е.Л. Мокрушин (1977), А.Я.Блох, Е.С.Канин, Н.Г. Килина (1985), А.Я.Блох, В.А.Гусев, Г.В. Дорофеев (1987), муҳаққиқони рус - Г.И. Сарансев (1999), Е.И.Лященко, К.В.Зобкова, Т.Ф.Кириченко (1993) ва тадқиқгари тоҷик – Қ.У.Осимӣ (1966, 1998) бо мафҳуми ба даст овардани малакаву маҳорат ва қобилиятҳои касбӣ ифода гардида, профессор М.Нугмонов (1998, 2005, 2010, 2011, 2018) таваҷҷуҳи худро бештар ба ин ҷода равона кардааст.

Ба омӯзиши масъалаи мазкур дар илми методикаи таълим дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол дар самти ихтисосҳои математикӣ бо назардошти амалӣ намудани таълими босалоҳият ва татбиқи низоми кредитии таҳсилот, ки дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф сурат гирифтааст, кори илмӣ-таҳқиқотии бевоситае, ки ҳалли ин мавзуъро ҳадафи таҳқиқ қарор дода бошад, ба назар намерасад. Бинобар ин, таҳқиқи ин масъаларо муҳим ҳисобида, дар доираи як мақола баъзе андешаҳои худро ҷиҳати роҳҳои ба даст овардани салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ ба таври мухтасар баён менамоем.

Таҷрибаи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсею гимназияҳо, ки дар онҳо таълими фанни математика ба нақша гирифта шудааст, гузаронида мешаванд. Таҷрибаи педагогӣ, ҳамчун қисми асосии тайёрии касбии омӯзгориояндаи математика, ба азхудкунии малакаҳои гузориши мақсад, пешниҳод кардани масъалаҳо дар самти фаъолияти касбӣ; ба инкишофи маҳоратҳои татбиқи донишҳои назариявии математикӣ; ба ташаккули самти касбӣ, азбаркунии салоҳиятҳои умумӣ ва фаннӣ, ҷаҳонбинӣ, тарзи рафтор, азбаркунуии этикаи касбӣ нигаронида шудааст.

Мақсади баргузории таҷрибаи педагогӣ аз татбиқи вазифаҳои зерин иборат аст:

- рушди малака, маҳорат ва салоҳиятҳои касбӣ, тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии тайёрии математикии донишҷӯён;
- ташаккул ва рушди малака ва маҳорати касбии омӯзгори фанни математика;
- шиносоӣ бо шароитҳои мушаххаси касбии омӯзгор, фаъолияти касбӣ-педагогӣ ва методии муаллими математика;
- мустаҳкам намудани донишҳои азбаркардаи назариявии математикӣ иборатанд.

Дар навбати худ, масъалаҳои асосӣ ва умумие, ки дар назди таҷрибаи педагогӣ меистад, аз инҳо иборат аст:

- татбиқи методикаи таълими математика ва омӯзиши методикаи таълим ва таҷрибаи педагогии омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- ташкил ва гузаронидани дарсҳои назариявӣ ва амалӣ бо истифода аз методҳо ва усулҳои маъмули таълими математика;
- рушди малакаҳои иртиботӣ;
- ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ ва тарбиявӣ дар шароити мактаб;
- омӯзиш ва натиҷагирии психологияи хонандагон (як нафар ва гурӯҳи синф);
- ташаккули шавқ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти методикаи таълими сикли фанҳои математикӣ;
- азбаркунӣ ва мустаҳкам намудани маводи назариявӣ, иҷро кардани корҳои озмоишӣ дар давоми таҷрибаи педагогӣ;
- иҷрои супоришҳои аз тарафи методистони донишгоҳ (ва шахсони онҳоро ивазкунанда) фармудашуда;

Таҷрибаи тӯлонии мо ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани таҷрибаи педагогӣ собит менамояд, ки донишҷӯи таҷрибаомӯз бояд дар натиҷаи гузаштан аз таҷрибаи педагогӣ, вобаста ба барномаи таҳсилоти бакалавр бояд соҳиби салоҳиятҳои умумифарҳангии педагогии зерин гардад:

- азбаркунии маданияти тафаккури илмӣ, ҷамъбасткунӣ, анализ ва синтези воқеиятҳо ва назарияҳои хоси математикӣ;
- истифодаи низоми қонуниятҳо ва методҳо барои ҳалли масъалаҳое, ки дар амалияи фаъолияти касбӣ дучор меоянд;
- татбиқи тадқиқоти назариявӣ ва амалӣ, ки ба методҳои таҳлили математикӣ ва моделонӣ асос ёфтаанду дар раванди фаъолияти касбӣ дучор меоянд;
- донистани малакаҳои таҳлили фаъолиятҳои худ ва маҳорати татбиқи методҳои гуногун барои беҳтар шудани фаъолият ва ҳолати руҳии хеш;
- эътироф кардани шахсияти дигарон, барқарор кардани муносибати боэътимод ва муошират, боваркунонӣ ва дастгирии колллектив;
- ёфтани ҳалли масъалаҳои ташкилию идоракунӣ дар ҳолатҳои ғайримеъёрӣ;
- дарёфти корҳои библиографӣ ва иттилоотӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба худфаъолиятӣ, аз ҷумла навиштани ҳисобот, мақола ва ғайра;
- донистани методҳо, тарзҳо ва воситаҳои асосии бадасторӣ, бойгоникунӣ ва коркарди иттилоот, маҳорати кор бо компютер ҳамчун воситаи идоракунии иттилоот;
- дар фаъолияти касбӣ истифода бурдани технологияи муосири итилоотӣ ва низомҳои интернетӣ;
- истифодаи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбии худ;
- қобилият ва тайёр будан ба амалигардонии стандарт ва барномаҳои таҳсилот;
- муайян кардани хусусиятҳои амалкарди педагогӣ ва расонидани ёрии педагогӣ ба субйектҳои таҳсилот;
- донистани ҳуҷҷатҳои меъёрии тарбиявӣ ва истифодаи онҳо дар фаъолияти касбӣ.

Салоҳиятҳои касбии омӯзгори ояндаи математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ бошанд, аз зеринҳо иборатанд:

- моҳияти методикаи таълими математикаро барои касби ояндаи худ медонад;
- методикаи таълими математикаро ҳамчун низоми томи донишандӯзии математикӣ дар мактабҳои равияи гуногун дарк мекунад;
- мақсади таълими математикаро медонад, дар шароити мушаххас ҳадафи таълими фанни мазкурро муайян карда метавонад;
- мазмуни асосӣ ва равандҳои мазмунию методии математикаи мактабиро медонад;
- мазмуни асосии стандарти давлатӣ аз математикаро медонад ва дар раванди таълими математика истифода мебарад;
- барномаи таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷузъҳои асосии онро медонад;
- мазмуни назариявию методии китобҳои дарсии математикаи мактабиро медонад ва таҳлил карда метавонад;
- асосҳои таълими тафриқавии математикаро дар мактабҳои равияҳои гуногун медонанд ва дар мувофиқа бо он таълими математикаро ташкил карда метавонад;
- курси математикаи мактабиро ҳамчун системаи махсуси таълимӣ мефаҳмад;
- мафҳумҳои асосии математикаи мактабиро медонанд, сохтори ҷумлаҳои математикӣ (аксиомаҳо, таърифҳо, теоремаҳо)-ро аз диди методӣ асоснок ва таҳлил карда метавонад;
- мазмуни методикаи таълими математикаро ҳамчун усули амаликунандаи мақсади таълими фанни мазкур медонад;
- дар шароитҳои мушаххаси таълим робитаи байнифаннӣ ва дохилифаннии математикаро ташкил карда метавонад;
- воситаҳои асосии (аз ҷумла замонавии) таълими математикаро медонад ва дар шароити мушаххас истифода мебарад;
- компютерро дар раванди таълими математика истифода бурда метавонад;
- принсипҳо ва методҳои асосии (аз ҷумла методҳои фаъолгардонии) таълими математикаро медонад ва дар раванди дарси математика истифода мебарад;
- роҳҳои асосии таъмини пайдарҳамии таълими математикаро дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ медонад ва дар шароити мушаххас татбиқ мекунад;
- шаклҳои ташкили таълими математикаро дар мактаби таҳсилоти умумӣ медонад;
- бо хонандагон корҳои беруназдарсӣ аз математикаро ташкил ва гузаронида метавонад;

- сохт ва хелҳои дарси математикаро медонад ва дар шароити мушаххас татбиқ мекунад;

- адбиёти методии ёрирасонро таҳлил карда метавонад;

- мазмуни маводи дидактикиро аз математика медонад ва онҳоро барои ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ ва фардии хонандагон истифода мебарад;

- функсияҳои асосии субйектҳои таълими математика (тарҳкашӣ, таркиббандӣ, коммуникативӣ, ташкилотчигӣ, гностикӣ, ислоҳкунӣ)–ро медонад ва мувофиқи онҳо амал мекунад;

- натиҷаи ниҳоии таълими математикаро ҳамчун унсури системаи таълими он баҳо медиҳад ва дар шароити мушаххас арзёбӣ карда метавонад;

- ба дониш, малака ва маҳорати математикии хонандагон баҳо дода метавонад;

- нақшаи тақвимӣ тартиб дода метавонад;

- барои дарси мушаххас конспект навишта метавонад;

- дарси математикаро таҳлил карда метавонад;

- ба фаъолияти худ ва хонанда баҳо дода метавонад;

- барои дарс ва машғулиятҳои беруназдарсӣ воситаҳои аёнӣ месозад ва маводи зарурӣ ташкил мекунад;

- методикаи таълими мавзуъҳои мушаххаси таълими математикаро дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ медонад ва дар раванди дарс татбиқ мекунад;

- таҷрибаи хеш ва ҳамкасбонро омӯхта, таҳлил менамояд ва паҳн мекунад;

- аз методикаи таълими математика таҳқиқоти хурди илмӣ, ки ба таҷриба асос дошта бошад, гузаронида метавонад.

Дар баробари ин, салоҳиятҳои дар боло зикршуда барои таъмини ташаккули фаъолияти донишҷӯёни таҷрибаомӯзи ихтисоси математика мусоидат менамояд, аз ин рӯ ба сохтор ва мазмуни таҷрибаи педагогӣ аҳамият додан зарур аст.

Таҷрибаи педагогӣ тайёрии назариявии донишҷӯёнро аз фанҳои сикли математикӣ пурра ва қавӣ гардонда, барои мустаҳкамкунӣ, васеъгардонӣ ва истифодаи донишҳои азбаршуда дар ҳалли масъалаҳои амалӣ имконият фароҳам меорад. Дар раванди таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бояд фаъолияти фардии педагогии худро ба нақша гирифта, фаъолияти хонандагонро дар дарс ва машғулиятҳои беруназдарсӣ ташкил, равандҳои донишандӯзии онҳо (диққат, бахотиргирӣ, тафаккур)-ро идора карда тавонанд.

Ба даст овардани натиҷаи беҳтарини фаъолияти омӯзгорӣ дар таҷрибаомӯзӣ танҳо ҳангоми ҳамоҳанг сохтани фаъолияти шахсии омӯзгор бо идоракунии фаъолияти донишазхудкунӣ ва рафтори хонандагон дар дарс муваффақ шудан имконпазир мебошад. Ин таҷрибаро ҳанӯз донишҷӯёне, ки навакак ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар гардидаанд, молик нестанд. Таҷрибаи педагогӣ мунтазам, бо ташкил ва гузаронидани дарс ва машғулиятҳои беруназдарсӣ пайдо мешавад. Барои он ки ин раванд идорашаванда ва натиҷадиҳанда бошад, зарур аст, ки донишҷӯ машғулиятҳои гузаронидаашро бо муаллими дар мактаб фаъолиятдоштаи касбӣ (муаллими математика) дошта, муаллим-методист (аз донишгоҳ ё мактаб) ва донишҷӯёни дигар таҳлил намояд. Ба дарсҳои муаллими касбӣ ва донишҷӯёни дигар ворид шуда, онҳоро низ таҳлил намояд. Танҳо чунин ҳолат дар ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ самара ба бор меорад.

Пеш аз гузаштани таҷрибаи педагогӣ донишҷӯ бояд бодиққат барномаро омӯзад ва бо маводи меъёрӣ шинос гардад, то ки барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ тайёр бошад ва масъалаҳои мушаххаси онро тасаввур намояд ва мустақилона ҳал карда тавонад. Ҳам ҳангоми тайёрӣ ва ҳам ҳангоми гузаштани таҷрибаи педагогӣ пешниҳод карда мешавад, ки донишҷӯ ба маводи таълимию методӣ шинос шавад. Стандарти фанни математикаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии зарурӣ дошта бошад. Донишҷӯ бояд дар якҷоягӣ бо роҳбари таҷрибаи педагогӣ, дар асоси барнома, нақшаи мушаххаси гузаштан аз таҷрибаи педагогиро созад ва дар мувофиқа бо он амал кунад.

Дар ҳафтаи аввали таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён ба муассисаи таълимӣ, роҳбарон ва муаллимони он, аҳли синфи вобаста буда (роҳбари синф) шинос карда мешаванд, ки одаткунӣ ба шароити муассисаи таълимӣ мебошад. Аз рӯзи аввали таҷрибаомӯзӣ донишҷӯро зарур аст, ки бо тартиби кори муассисаи таълимӣ шинос шуда, онро дар давоми таҷрибаомӯзӣ риоя кунад. Ин ба намуди зоҳирии донишҷӯ, саривақт (бе дермонӣ) ҳозир шудан ба дарс ва машғулиятҳо, гузаронидани дарс дар мувофиқа бо ҷадвали дарсҳо ва меъёрҳои раванди таълими ҳамин муассиса вобаста мебошад. Бинобар ин дар ҳафтаи аввали таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд ба синфи вобасташуда шинос шавад, ба дарсҳо ва

машғулиятҳои беруназдарсии он иштирок намояд, то ки коллективи синфро шиносад ва бо онҳо машваратҳои гуногун ороста тавонад.

Дар охири ҳафтаи аввали таҷрибаомӯзӣ бояд нақшаи фардии таҷрибаомӯзии донишҷӯ тартиб дода шавад. Нақша дар мувофиқа бо барномаи курси таълимӣ (математика, алгебра, геометрия), ки донишҷӯ бояд дарс диҳад ва корҳои таълимию тарбиявии дигар, ки иҷрои онҳо ҳатмист, сохта мешавад. Нақшаи кории таҷрибаомӯз дар «Рӯзномаи таҷрибаи омӯзгорӣ», ки донишгоҳ ба таҷрибаомӯз пешниҳод мекунад, сабт мегардад.

Ба ҳамин тариқ, аз ҳафтаҳои аввали ширкат дар таҷрибаомӯзӣ донишҷӯёни курси сеюм, ки бори аввал ба таҷрибаомӯзӣ сафарбар мегардад, худро дар мақоми омӯзгори фан тасаввур карда, тарзи таҳияи нақшаи тақвимӣ, план-конспекти яксоатаи дарс, гузаронидани дарси тарбиявӣ ва усули баргузор намудани чорабиниҳои беруназсинфиро ёд гирифта, тадриҷан ба салоҳияти касбӣ соҳиб мешавад.

## *Адабиёт*


1. *Блох А.Я., Канин Е.С., Килина Н.Г. и др. Методика преподавания математика в средней школе: Общая методика: Учебное пособие для студентов пед. ин-тов по физ.-мат. спец. 2104 «Математика» и 2105 «Физика»: Сост. Р.С. Черкасов, А.А. Столяр. - М.: Просвещение, 1985. – 336 с.*
2. *Блох А.Я., Гусев В.А., Дорофеев Г.В. и др. Методика преподавания математика в средней школе: Частная методика: Учебное пособие для студентов пед. ин-тов по физ.-мат. спец.: Сост. В.И. Мишин. –М.: Просвещение, 1987. – 416 с.*
3. *Колягин Ю.М., Луканкин Г.Л., Мокрушин Е.Л. и др. Методика преподавания математика в средней школе: Частные методика: Учебное пособие для студентов физ. –мат. фак. пед. ин-тов. – М.: Просвещение, 1977. – 480 с.*
4. *Лященко Е.И., Зобкова К.В., Кириченко Т.Ф. и.др. Лабораторные и практические работы по методике преподавания математики: Учебное пособие для студентов физ. – мат. фак. пед. ин-тов: Под ред. В.И. Мишина. – М.: Просвещение, 1993. – 192 с.*
5. *Нугмонов М. (М. Нуъмонов). Пайдарҳамии таълими математика дар мактаби таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: АИП, 2005. – 168 с.*
6. *Нугмонов М. Введение в методику обучения математике (методологический аспект). – М.: «Прометей», 1998. – 153 с.*
7. *Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. – Д.: ТГПУ, 2011. – 290 с.*
8. *Нугмонов М. Дарси муосири математикаи мактабӣ (дастури методӣ). – Душанбе: "Сифат", 2018. – 224 с.*
9. *Осимӣ Қ. У. Лексияҳо аз методикаи умумии математика. – Душанбе: Маориф, 1998. - 102 с.*
10. *Осимов Қ.У. Методикаи тартиб додани масъала дар протсесси таълими математика. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 84 с.*
11. *Осимов Қ.У. Баъзе проблемаҳои методикаи таълими математика дар мактабҳои тоҷикӣ. –Д.: Ирфон, 1966. - 292 с.*
12. *Саранцев Г.И. Общая методика преподавания математики. – Саранск: Типография «Красный Октябрь», 1999. – 208 с.*


## САЛОҲИЯТҲОИ УМУМӢ ВА КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ МАТЕМАТИКА ҲАНГОМИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ


Дар мақолаи мазкур оид ба нақши таҷрибаомӯзии педагогӣ дар рушди малакаю маҳорат, роҳҳои ба даст овардани салоҳиятҳои умумӣ ва касбии муаллимони ояндаи ихтисоси математика дар такя ба маълумоту нишондодҳои муҳаққиқони рус ва олимони ватанӣ баррасие анҷом дода шудааст. Муаллиф ба масъалаи гузориши мақсад дар раванди таҷрибаомӯзӣ таваҷҷуҳи бештареро равона намуда, дар заминаи он ба нақши фанни методикаи таълими математика ҳамчун фанни мобайнӣ барои дар амал татбиқ намудани донишҳои заминавӣ дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ ибрози андеша намудааст. Қайд карда мешавад, ки донистани моҳияти барномаи таҳсилот, барномаи таълимии фан, омода намудани силлабуси фанни таълимӣ ва донистани сохтори китоби дарсӣ барои донишҷӯёни курси сеюм, ки бори аввал ба таҷрибаомӯзии педагогӣ сафарбар мегарданд, хеле муҳим мебошад. Донишҷӯён дар ҳафтаи аввали таҷрибаомӯзӣ ҳамчун мушоҳид дар дарси муаллими фанни математикаи мактаби миёна иштирок карда, усулҳои тақсими вақт аз рӯйи сохтори дарс, нутқи муаллим, психологияи муносибат бо кӯдакон ва падару модарон, кор бо китоби дарсӣ, методикаи ҳалли мисолу масъалаҳо, шарҳи вазифаи хонагӣ, баҳодиҳӣ ба фаъолияти таълимии хонандагон эътибор медиҳад. Хусусан, ба масъалаи тафриқагузории хонандагон, мустақилона иҷро намудани супоришҳо ва натиҷаи дарс барои гирифтани кадом салоҳиятҳои умумию касбӣ муҳим мебошад, бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.



**Калидвожаҳо:** таҷрибаомӯзии педагогӣ, нақшаи фардии таҷрибаомӯз, рушди малакаю маҳорат, салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, худфаъолиятӣ, барномаи таҳсилот, математикаи мактабӣ.

## ОБЩИЕ И ПРОФЕССИОНАЛЬНЫЕ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ-МАТЕМАТИКОВ В ПРОЦЕССЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ПРАКТИКИ

В данной статье сделан обзор роли педагогической практики в развитии умений и навыков, способов приобретения общих и профессиональных компетенций будущих учителей математики на основе данных и указаний российских исследователей и отечественных ученых. Автор уделил больше внимания вопросу целеуказания в процессе практики и высказал свое мнение о роли методики преподавания математики как промежуточного предмета для практического применения базовых знаний в профессиональной педагогической деятельности. Отмечено, что очень важно знать сущность образовательной программы, учебный план предмета, составление силлабуса предмета, структуру учебника для студентов третьего курса, которие впервие отравлются в педагогическую практику. В первую неделю практики студенты участвуют в качестве наблюдателей в уроке учителя математики средней школы, изучают методы распределение времени согласно структуре урока, речь учителя, психологию отношений с детьми и родителями, работа с учебником, приемы решения примеров и задач, объяснение домашнего задания, оценка успеваемости учащихся. В частности, больше внимания уделяют вопросу дифференциации учащихся, самостоятельному выполнению заданий и результату урока, что важно для получения общих и профессиональных компетенций.

**Ключевые слова:** педагогическая практика, личностный план практиканта, развитие умений и навыков, общие и профессиональные компетенции, самоэффективность, образовательная программа, школьная математика.

## GENERAL AND PROFESSIONAL COMPETENCES OF MATH STUDENTS IN THE PROCESS OF PEDAGOGICAL PRACTICE

This article reviews the role of pedagogical practice in the development of skills and abilities, ways of acquiring general and professional competencies of future mathematics teachers based on data and instructions from Russian researchers and domestic scientists. The author paid more attention to the issue of target designation in the process of practice and expressed his opinion on the role of the methodology of teaching mathematics as an intermediate subject for the practical application of basic knowledge in professional pedagogical activity.It is noted that it is very important to know the essence of the educational program, the curriculum of the subject, the compilation of the syllabus of the subject, the structure of the textbook for third-year students who will be poisoned for the first time in teaching practice.In the first week of practice, students participate as observers in the lesson of a secondary school mathematics teacher, study methods for distributing time according to the structure of the lesson, the teacher's speech, the psychology of relations with children and parents, working with a textbook, methods for solving examples and problems, explaining homework, assessing progress students.

**Keywords**: pedagogical practice, personal plan of a trainee, development of skills and abilities, general and professional competencies, self-efficacy, educational program, school mathematics.


### Дар бораи муаллиф

**Холиқов Умедҷон Бобоназарович**
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 917 35 74 14
E-mail: umedjon76@mail.ru

### About the author

**Kholikov Umedjon Bobonazarovich**
Senior teacher of the chair of math teaching methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 917 35 74 14
E-mail: umedjon76@mail.ru

### Об авторе

**Холиков Умеджон Бобоназарович**
Старший преподаватель кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 917 35 74 14
E-mail: umedjon76@mail.ru

ТДУ 37.3-(575.3)

# НАЗАРИЯҲО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ АҚЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШ

***Акрамова М. Ҳ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тибқи тадқиқотҳои психологон инкишофи нисбатан бошиддати ақл дар синни аз 2 то 12-солагӣ маҳсуб меёбад. Аз ин ҷиҳат дар ин давраи синнисолӣ дар оила ва мактаб волидону муаллимон хусусиятҳои синнусолӣ ва имкониятҳои маърифатии хонандагонро ба инобат гирифта, сифати таълимро дар мактабҳо дуруст ба роҳ мондан зарур аст, то инки барои ташаккули қобилиятҳои ақлии хонандагон имкониятҳо фароҳам оварда шавад. Қобилияти умумӣ-ақлӣ қобилияте мебошад, ки он на барои иҷрои ягон фаъолият, балки фаъолиятҳои гуногун зарур аст ва ин қобилият хонандагонеро қаноат мекунонад, ки онҳоро на як фаъолият, балки маҷмуи васеи фаъолиятҳои ба ҳамдигар нисбатан наздик пешниҳод менамоянд.

Ба қобилияти умумӣ – ақлӣ чунин сифатҳои ақлӣ - масалан, моҳирӣ танқидӣ, мураттабӣ, зудӣ, фаъолӣ, дараҷаи баланди фаъолияти таҳлилию таркибӣ ва чунин сифатҳои монанди диққати мутамарказонидашуда, хотири хуб ва баъзе хусусиятҳои эмотсионалӣ – иродавӣ тааллуқ доранд, ки ҳамаи ин метавонанд дар рафти фаъолиятҳо ташаккул ёбанд.

Хусусиятҳои синнусолӣ ва имкониятҳои маърифатии хонандагони синни миёнаи мактабиро ба инобат гирифта, фаъолияти таълимиро тавассути усулҳои фаъол (проблемагузорӣ, усули интерактивӣ, баҳсу муҳокимаҳо, корҳои гуруҳию фардӣ, бозиҳои зеҳнию дидактикӣ, викторинаҳо, озмуну олимпиадаҳо, мусобиқаҳои зеҳнӣ, ангезиши зеҳн, усули ҳамкорӣ ва ғайра), ташкили фаъолияти мустақилонаи онҳоро ба роҳ мондан зарур аст, то ин ки онҳо ба корҳои илмӣ- тадқиқотӣ, маҳфилҳо, омӯзиши таҷрибаҳо дар лабараторияҳо синфхонаҳои махсус ҷалб шуда, майлҳои таълимӣ, хоҳиш ва талаботи маърифатияшон пайдо шуда боиси инкишофи қобилияти ақлии хонандагон гарданд.

Ҷанбаҳои мусбати омӯзиши хусусиятҳо ва роҳҳои ташаккул додани қобилиятҳои ақлии хонадагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим муайян карда шуда, баъзе ҷанбаҳои таҳқиқи омӯзиши инкишофи қобилиятҳои ақлии хонандагон низ аз тарафи олимони соҳа муайян карда шудаанд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Дар шароити имрӯза, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст, олимони кишварро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобати илми ватанӣ корҳои таҳқиқотиву технологиро вусъат бахшанд» [7].

Сол то сол дар соҳаи маориф ва илми мамлакат як қатор талаботҳо, пешравиҳо ва имтиёзҳо барои самаранок ба роҳ мондани сифти таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пешниҳод мегардад, ки тақозои талаботи замони имрӯза мебошад. Имрӯз ҳукумати мамлакат доир ба рушди соҳаи маориф ва илм як қатор стратегияҳо, барномаҳои рушд, консепсияҳоро қабул ва амалӣ намудаистодааст, ки ин омӯзгоронро водор месозад, то ки дар амалӣ гардонидани ин иқдомҳои ҳукумати мамлакат барои пеш бурдани соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо тамоми қувва, дониш ва маҳорати касбии худро боз ҳам мувофиқи талаботи замони муосир сайқал дода, саҳми арзанда гузоранд, чунки пешравии ҳар ҷомеаи пешрафта аз омӯзгорони соҳибзавқу кордон ва лаёқатманд ва қобилиятноки ҳамон ҷомеа вобастагӣ дорад. Касби омӯзгорӣ дониши ҳамаҷониба ва дараҷаи баланд таъмин намудани худташкилдиҳии маҷмуи фаъолияти касбӣ, яъне самти

инсонпарварӣ, дониши касбӣ, қобилияти педагогӣ ва техникаи педагогии хуб доштаро талаб мекунад. Омӯзгорро зарур аст, ки дар раванди фъолияти таълимӣ ҳамеша бо кӯдакон ҳамкорӣ намояд, хислат хусусият ва ҳолати руҳии онҳоро ба инобат гирифта, ваҷҳиёт, майлҳои таълимӣ ва қобилияташонро рушд диҳанд, зеро, ҷараёни фаъолияти таълимӣ, тарзи дурусти ташкили таълим, истифода аз усулҳои гуногуни водоркунӣ ва даркнамоӣ дар ҷараёни таълим ба тараққиёти қобилияти ақлии хонандагон мусоидат менамояд.

Фаъолияти таълимиро тавассути усулҳои фаъол (проблемагузорӣ, усули интерактивӣ, баҳсу муҳокима, корҳои гурӯҳҳӣ, бозиҳои зеҳнию дидактикӣ, викторинаҳо, озмуну олимпиадаҳо, мусобиқаҳои зеҳнӣ, ангезиши зеҳн, ҳамкорӣ ва ғайра), ташкили фаъолияти мустақилона ва маърифатии хонандагонро ба роҳ мондан айни муддаост, то ин ки онҳо ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, фаъолияти маҳфилҳо, омӯзиши таҷрибаҳо дар лабараторияҳо синфхонаҳои махсус ҷалб карда шаванд, инчунин майлҳои таълимӣ, хоҳиш ва талабот пайдо шуда боиси инкишофи қобилияти ақлии хонандагон гарданд. Фақат предмет инсонро водор месозад, ки иҷрои рафтори муайянеро ба сомон расонад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки ваҷҳ аз тарзи дид, фаҳмиш ё назари инсонӣ вобаста аст [6, с. 89-92]. Бинобар ҳамин агар дарсро омӯзгор мақсаднок ташкил намояд, вақте, ки дар майнаи сари кӯдак шаку шубҳа ва саволҳо ба монанди “чӣ тавр” “кай”, “дар куҷо”, чӣ хел”, “барои чӣ” ва ғайра пайдо шавад ва омӯзгор мақсади ӯро дарк намояд, ба саволи «вай ба кадом ҳадаф расидан мехоҳад?», «чиро чӣ тавр иҷро кардан мехоҳад?» ва хонанда бо завқ супоришро иҷро кардан хоҳад, яъне ҳам шавқ бошаду ҳам имконият ин яке аз омилҳои инкишофи қобилияти ақлӣ ва имкониятҳои зеҳнии хонандагони синни хурди мактабӣ маҳсуб меёбад.

Мақсад ба сифати ваҷҳ ҳамон вақт баромад менамояд, ки агар инсон қарорро қабул намояд, ё мақсади фаъолият муайян гардад. Дар мақсад таъсири талабот ва фаъолии ақлӣ мавҷуд аст. Маълум аст, ки мақсад дар инсон як қувваеро ба вуҷуд меоварад, вале он сабаби рафторро ошкор намекунад. Чунин хусусиятҳоро дар адабиёти психологӣ ба мафҳуми ваҷҳ нисбат медиҳанд: мақсад, тасавурот, ақида, ҳиссиёт, ташвиш (Л.И.Божович); талабот, майл, хоҳиш, рағбат, шавқ (Х.Хекхаузен); хоҳиш, иштиёқ, одат, ақида, ҳисси масъулият (П.А.Рудик); равандҳои маърифатӣ, ҳолат ва хусусиятҳои шахсӣ (К.К. Платонов); ашёҳои олами зоҳирӣ (А.Н.Леонтев); идроке, ки субъект аз рӯи он бояд амал намояд (Ж.Годфруа) [6, с. 68-70], ки ҳамаи ин сабабгори инкишофи қобилияти ақлии ҳонандагон мегардад.

Қобилияти умумӣ-аклӣ қобилияте мебошад, ки онҳо на барои иҷрои як фаъолият, балки фаъолиятҳои гуногун зарур мебошанд ва ин қобилиятҳо талабаҳоеро қаноат мекунонад, ки онҳоро на як фаъолият, балки маҷмуи васеи фаъолиятҳои ба ҳамдигар наздик ва алоқаманд ба шумор мераванд. Ба қобилияти умумӣ – ақлӣ чунин сифатҳои ақлӣ- масалан, моҳирӣ танқидӣ, мураттабӣ, зудӣ, фаъолӣ, дараҷаи баланди фаъолияти таҳлилию таркибӣ ва чунин сифатҳои монанди диққати мутамарказонишуда, хотири хуб ва баъзе хусусиятҳои эмотсионалӣ – иродавӣ тааллуқ доранд.

Қобилияти ақлӣ бештар дар кӯдаконе мушоҳида мешавад, ки дар онҳо дараҷаи баланди ташаккули протсессҳои маърифатӣ, нутқи хуб инкишофёфта, дараҷаи баланди инкишофи диққат, хотираи мустаҳкам, амалҳои фикрии тафаккур: таҳлилу таркиб, муқоисакунии предмету ҳодисаҳо ва ҷамбасту хулосабарориҳо ҳукми нав баровардан мушоҳида мешаванд ва онҳо алоқаи байни хосиятҳои объективиро торафт чуқуртар мефаҳманд, ки ин ба инкишофи тафаккури мантиқии кӯдакон, идроки масофа, вақт ва фазо батартибдарории нутқи дохилаю беруна мусоидат мекунад.

Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки барои баланд бардоштани дараҷаҳои муайяни тараққиёти тафаккур ва эҷодиёт дар бачагон аз таркиби фаъолияти таълимӣ, роҳҳо ва усулҳои гуногуни иҷроиши супоришҳои мантиқӣ ва фаъолияти амалӣ, ки ба мазмуни фаъолияти иҷрогардида, амалӣ карда мешаванд, вобастагии калон дорад. Фаъолияти таълимӣ боиси устувор ва амиқ гаштани шавқу ҳавасҳои маърифатӣ, бо ҷустуҷӯ, исбот ва асоснок намудани ин ё он назария, бо тарақиёти умумии фикрӣ ва ҳиссиётҳои ақлию зеҳнӣ мегардад. Дар бача ҳисси кунҷкобӣ донишдӯстӣ, тааҷуб, ва боварӣ ба дурустии ҳалли масъала ва ё шубҳа кардан ҳангоми нобарорӣ, ҳисси навигарӣ, яъне мароми ҷустуҷӯ ва мубориза барои чизи нав дар соҳаи маърифатро ба вуҷуд меоварад, ки ҳамаи ин метавонад боиси ташаккули қобилияти ақлӣ гардад. Аз ҳамин сабаб муаллимони мактаб имкон доранд, ки ба тадқиқи ташаккули

заминаҳои фаъолияти таълимӣ ва дараҷаи тараққиёти тафаккури бача таъсири амиқ гузоранд.

Барои муайян намудани дараҷаи ташаккули заминаҳои фаъолияти таълимӣ аз методикаҳои «Диктанти графикӣ» (Д.Б. Элконин пешниҳод кардааст) «Нақшу нигор» (аз Институти тарбияи томактабӣ) ва бо максади муайян намудани дараҷаи тараққиёти ақлӣ аз методикаҳои «Лабиринт» (аз Институти тарбияи томактабӣ), «Ҳисоб» (Р. Атахонов пешниҳод кардааст) ва «Яктоаш зиёдатӣ истифода бурдан мумкин аст» [4, с. 56-58].

Методикаи «диктанти графикӣ» имкон медиҳад, ки дараҷаи тараққиёти заминаҳои фаъолияти таълимӣ ки бо фаҳмидани масъалаи иҷрои амал риоя кардан, нишондоди педагогиро бодиққат гӯш кардан, амалҳоро пай дар пай ба хотир гирифтан, дар тасаввурот ҳосил кардан ва ғайра алоқамандaнд, муайян карда шавад. Методикаи аз қисми тайёрӣ ки бо ёрии экспериментатор иҷро карда мешавад ва аз се супориши сеюм экспериментатор чунин супоришро диққат мекунад: «Хатро ду катак ба боло баред, як катак ба чап баред, боз ду катак ба боло, як катак ба рост, як катак ба поён, ду катак ба рост, як катак ба поён баред» ва монанди ин.

Ба бача барои бехато иҷро кардани як супориш 4 бал дода мешавад. Ҳамин тавр барои иҷрои се супориши асосӣ методикаи «Диктанти графикӣ» 12 бал ва боз ҳамин қадар бал барои мустақилона давом додани кор гирифта метавонад. Вобаста ба шароити конкретӣ худи тадқиқотчӣ он миқдори камтарини балҳоро, ки дар бораи ташаккули заминаи муайяни фаъолияти таълимӣ гувоҳӣ медиҳад муайян менамояд. Мо танҳо ҳаминро таъкид менамоем, ки суммаи ба мақсад мувофиқ барои иҷрои се супориш ба ҳафт бал ва барои мустақилона давом додани он ба панҷ бал баробар аст. Иҷрои ҳамин супоришҳои методикаи «Диктанти графикӣ» – 15-20 дақиқа вақтро талаб мекунад.

Методикаи «Яктоаш зиёдатӣ» як варианти супоришҳои маълум доир ба ҷамбасткунӣ мебошад: ба бача чор варақча бо тасвири ашё нишон дода мешаванд, ки сетои онҳоро мансуби як гурӯҳ ҳисоб кардан мумкин асту чорумашро не. Методика аз қисми тайёрӣ ва 4 гурӯҳи варақаҳо иборат аст ва иҷроиш тахминан 5 дақиқа вақтро мегирад. Ҳангоми истифодаи системаи чорбаллаи баҳодиҳӣ суммаи максималии балҳо ба 10 бал баробар мешавад.

Ҳамин тариқ, бачаҳое ки аз рӯи натиҷаи иҷрои ду методика 22 бал мегиранд, соҳиби дараҷаи кифояи ташаккули заминаи фаъолияти таълимӣ ва маҳорати ҷамъбаст кардани маводи айёнию образӣ мешаванд. Методикаҳои «Ҳисоб» ва «Лабиринт» имкон медиҳанд, ки дараҷаи ташаккули амалҳои фикрии бача дар зинаи айёнӣ-образии тафаккур муайян карда шавад.

Меъёрҳои асосии муайян кардани қобилиятҳои зеҳнӣ ҳамчун воқеияти ҳақиқӣ дар танзими рафтор мебошад. Вақте ки гап дар бораи зеҳн ҳамчун қобилияти муайян сухан меравад пеш аз ҳама бояд ба арзиши мутобиқшавии он барои одамон мутобиқ бошад. Ба ақидаи В.Штерн ақл ин қобилияти умумии муайян барои мутобиқ шудан ба шароитҳои нави зиндагӣ мебошад [3, с. 84-86]. Амали мутобиқшавӣ ба ақидаи В.Штерн, ин ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳим мебошад, ки ба воситаи "амал дар тафаккур" ба амал баровардa мешавад", (ё ба ақидаи Я. А. Пономарев, "дар дохили нақшаи амалиёт", ки бо шарофати ӯ одам метавонад ҳалли якчанд масъалаҳои муайянро, бе санҷишоҳои рафтори беруна ва фарзияҳои гуногун дуруст ва сари вақт "дар дохили нақшаи амалиёт" иҷро намояд.

Инчунин ба ақидаи Л.Поланий қобилиятҳои ақлӣ яке аз роҳҳои азхудкунии дониш маҳсуб меёбад. Аммо ба ақидаи муаллифони дигар азхудкунии дониш, (аз рӯи ақидаи Ж. Пиаже) "танҳо паҳлуҳои азхудкунии раванди дониш аз тадбиқи он дар ҳалли вазифаҳои ҳаётӣ вобастагӣ дорад". Муҳим он аст, ки вазифа воқеан нав бошад ва ё ҳадди ақал як ҷузъи навоварӣ дошта бошад.

Бо проблемаи рафтори зеҳнӣ масъалаи «интиқол» - аз як ҳолат ба ҳолати дигар (нав) интиқол додани «дониш-амалҳо» зич алоқаманд аст. Аммо дар маҷму ақл ва зеҳни пешрафта ба қавли Ж.Пиаже, ин аз ноил шудан ба мутобиқшавии ҳаматарафа байни организм ва муҳити иҳотакарда вобастагӣ дорад. Ҳар як фаъолияти зеҳнии субъект аз мавҷуд будани худтанзимкунӣ дар ҷараёни амалигардонии он пешбинӣ мегардад. Асоси зеҳн маҳз фаъолияти ақлӣ маҳсуб меёбад дар ҳоле, ки агар худтанзимкунии онҳо сатҳи фаъолияти заруриро барои ҳалли масъала таъмин намоянд.

Ж. Пиаже давраи мазкурро ҳамчун давраи “марҳилаи иҷрои амалҳои муайян бо ашёҳо” номидааст [11, с. 45-48]. Ба андешаи ӯ давраи мазкур марҳилаи сеюми инкишофи психикиро дар бар мегирад ва хусусияти асосии давраи мазкур аз он иборат аст, ки амалҳои фикран иҷромекардагии кӯдак акнун шакли баргардандагӣ пайдо мекунанд. Агар пеш аз ин раванди рушди ақлии кӯдак вобаста ба тадриҷан гузаштани амалҳои зоҳирӣ ба амалҳои ботинӣ тавсиф дода шавад, акнун ӯ имконияти баракс амал кардан, яъне иҷрои амалҳои ашёӣ гузаштанро доро мебошад. Дар ин давра кӯдакон бештар мафҳумҳои обстрактиро танҳо нисбати объектҳои муайян ба органҳои ҳисси онҳо дастрас истифода мебаранд.

Ба ақидаи Ж. Пиаже кӯдакони дар ин давраи синнусолӣ ба имкониятҳои муайяни ақлӣ дар он сурат ноил мегарданд, ки се самти асосию муҳими рушди ақлӣ консерватсия, таснифот ва рушди тафаккури танқидӣ дар онҳо ташаккул ёбанд [11, с. 67-69].

Моҳияти мафҳуми консерватсияро ба воситаи тавсиф намудани эксприменти гузаронидаи психологи машҳури ҷаҳонӣ Ж. Пиаже алоқаманд аст, ки тавассути зарфҳои гуногуншакл обро таҷриба гузаронида, қобилияти ақлии бачагонро муайян намудааст ва ин назария дар соҳаи психологияи бачагона маъмулу машҳур мебошад. Мувофиқи ақидаи Ж. Пиаже консерватсия ташаккулдиҳандаи асосии иқтидори ақлии кӯдак мебошад, зеро вай имконият медиҳад, ки кӯдак мавҷудияти қонуниятро дар объекти ба назари ӯ нодуруст ва тағирёбанда менамудагӣ дарк намояд. Ҳамин тариқ ӯ фарқияти байни воқеъият ва ғайривоқеъиятро дарк кунад ва донишҳои амиқ ҳосил намояд.

Таснифнамоӣ хусусияти дигари ақлонии кӯдакони синни 7-11 сола ин қобилияти фикран аз рӯи аломатҳои монандию фарққунанда ба гуруҳу гуруҳчаҳо тақсим намудани ашёю ҳодисаҳо мебошад. Асоси таснифнамоиро муқоиса ташкил медиҳад, ки ҳамон як предмет бо дарназардошти он ки кадом аломат ба асоси таснифот гузошта мешавад ҳархел тасниф шуда ба система дароварда мешавад.

Дар ин марҳилаи рушди ақлонии кӯдак, дар баробари рушди қобилиятҳои консерватсия, таснифнамоӣ, системанокӣ ҳамагуна амалҳои иҷрокардаистодаи худро мантиқан маънидод карданро ёд мегирад, оҳиста-оҳиста таҷрибаи таҳлилнамоии худро бою ғанӣ гардонида, аз як нуқтаи назар ба дигар нуқтаи назар гузашта метавонад.

Қобилияти дар ҳамон фаъолияте, ки дар он татбиқ мегардад рушд ва ташаккул меёбад. Агар мазмуни фаъолияти таълимиро аз роҳҳо ва шаклҳои гуногуни шавқовар, мувофиқ ба синну сол ва имкониятҳои маърифатии бачагон ташкил кунанд, тараққиёти он ҳамон қадар зиёдтар мешавад. Яъне шаклҳои гуногуни ташкили таълим ва чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ дар мактаб, ки ҳамчун фаъолияти асосии пешбарандаи рушд ба ҳисоб меравад барои тараққиёти қобилияти ақлии онҳо аҳамияти калон дорад. Инро низ ба назар гирифтан лозим аст, ки на ҳама гуна фаъолияте, ки бачаҳо дар ӯ иштирок мекунанд қобилиятро нисбат ба он ташаккул медиҳанд. Барои он, ки фаъолият ба ташаккулёбии қобилиятҳо таъсири мусбат расонад иҷроиши баъзе шартҳои онро ба эътибор гирифтан лозим меояд:

- аввал бояд пеш аз шурӯи ҳар як фаъолияти ташкилкардашуда барои ангезиши зеҳн саволҳои водоркунанда, пешниҳод гардад, то ин ки ваҷҳиёти бачаҳо бе ихтиёр ба мазмуни таълим равона гардад, ки ин боиси ба вуҷуд омадани ҳиссиётҳои мусбати зуру устувор ва саъю кӯшиши иродавӣ баҳри ба мақсадҳои дилхоҳ ноил шудан кӯшиш ба харҷ медиҳад, муаллим бояд шавқу ҳаваси бачаҳоро фаъолона инкишоф диҳад ва кӯшиш кунад, ки ин шавқу ҳавас рӯяки набуда, балки характери ҷиддӣ, устувор ва амалӣ дошта бошад зеро, ки мазмуни фаъолияти таълимӣ ба ташаккулёбии қобилияти ақлӣ таъсири амиқ мерасонад;

- дуюм, фаъолияти бача набояд фақат характери айнан азнавҳосилкунӣ, балки ба қадри имкон характери эҷодӣ ҳам дошта бошад. Барои ташаккули қобилияти ақлӣ тафаккури мустақили эҷодии хонандагонро, аз шакл ва зуҳуроти аввалини он сар карда, ташаккул додан лозим аст. Дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ муаллим метавонад савол ва масъалаҳоеро ба миён гузорад, ки хонандагонро бе ихтиёр ба фикр кардан водор созад, хонандагонро бештар барои иҷрои амал равона гардонад, зеро ҳангоми иҷро намудани корҳоии мустақилона ва фаъолона фикр кардан шакку шубҳа ё камбудии савол ва ё масъала пайдо мегардад. Бинобар ҳамин муаллим бояд тарзу усулҳоеро дар рафти дарс истифода бурда, кӯшиш кунад, ки дар назди хонандагон зуд – зуд саволҳои одди пайдо шуда истанд ва хонандагонро ба кӯшиши ба ин саволҳо мустақилона ҷавоб додан водор намояд.

Фаъолияти таълимиро тавре ташкил кардан лозим аст, ки хонанда аз паси мақсадҳое

шавад, ки он аз имкониятҳои мавҷудбудаи онҳо, аз дараҷаи ба даст овардашудаи иҷрои фаъолият андаке зиёдтар бошанд. Бачаҳои қобилияти зеҳнияшон алакай муайяншуда махсусан ба супоришҳои эҷодии торафт мураккабшаванда ва гуногунро дӯст медоранд.

Дар баробари иҷро намудани супориши гуногуншакл: гузориши вазифаҳо, хонда омадани машқ, машқҳои даҳонакӣ ва хаттӣ, ҷавоб навиштан ба саволҳо, навиштани нақли хаттӣ ва иншои хонагӣ, мушоҳидаи ҳодисаҳои табиат, саёҳати таълимӣ, тайёр кардани гербарияҳо, нақшаҳо диаграммаҳо, супоришҳои мустақилона, машғулиятҳои иловагӣ, машварат ё мусоҳиба, маҳфилҳои фаннӣ ва ғайра зина ба зина иҷро намудани амалҳо, хонандагон кӯшиш намуда истода қобилияти ақлияшон рушд мекнад. Вобаста бар ин дар хонандагон ташаккул додани муносибати дуруст ба қобилият, муваффақият ва комёбиҳои худ, тарбия намудани худбаҳодиҳии дуруст хеле муҳим мебошад ва ҳамаи бачагонро таъкид кардан ба маврид аст, ки кӯдакони аз ҷиҳати зеҳнӣ нисбати онҳо бартаридошта одами фавқулода нестанд дигар бачаҳо ҳам метавонанд дар натиҷаи саъю кӯшиш аз ягон ҷиҳат назар ба рафиқонаш бартари дошта бошад ва донишу маҳорату малакаро соҳиб гарданд. Дар ҳамкории якҷояи мактаб ва оила барои ташаккули ҳаматарафаи маҳорати эҷодӣ ва қобилияти ақлии хонандагон шароити мусоидтарин фароҳам оварда мешавад, ки дар натиҷа дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ қобилиятҳои умумӣ таъмин мегарданд. Дар адабиёти психологӣ қобилияти умумиро қобилияти ақлӣ низ меноманд ва ин қобилиятҳои умумӣ имконият медиҳанд, ки доираи васеъи фаъолиятҳоро бомувафаққият иҷро кунанд.

Чуноне, ки Л.Д.Столияренко қайд мекунад, айни замон се тафсири мафҳуми ақл вуҷуд дорад: а) тафсири биологӣ: «қобилияти шуурона мутобиқ гашта ба вазъиятҳои нав»; б) тафсири педагогӣ: «қобилияти ба таълим нигаронидашуда»; в) равияи сохторӣ, ки онро А.Бине тарҳрезӣ намудааст: «ақл ҳамчун қобилияти мутобиқати восита ба максад». Аз нуқтаи назари равияи сохтори ақл ин маҷмуи ин ё он қобилиятҳост [10, с. 76-78].

Олими англис Ф.Галтон яке аз аввалинҳо шуда ба омӯзиш ва тадқиқи амалии ақл шуруъ намудааст. Ӯ дар омӯзиши қобилиятҳои ақлӣ, офаридани аввалин методикаҳои тадқиқотӣ ва муайян намудани таъсири омилҳои ирсӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи психикаро муайян намудааст.

Олими немис В.Штерн низ чун Ф.Галтон лаёқати ақлиро модарзодӣ мешуморад. Ба ақидаи ӯ, ақл дар қобилияти баланди мутобиқгарди ба шароитҳои нав ба нави ҳаёт ифода меёбад. Ӯ аввалин формулаи коэффисиенти ақлро пешниҳод мекунад, ки мувофиқи он дараҷаи инкишофи ақлӣ аз таносуби синни ҳақиқӣ ва «синни ақлӣ» вобаста аст:

$$IQ = \frac{\text{Синни ақлӣ}}{\text{Синни ҳақиқӣ}} \times 100\%$$

Ҳамин тавр, синни ақлии кӯдаки шашсола, ки супоришҳои барои кӯдаки 8 - сола пешбинишударо иҷро мекунад, ба кӯдаки 8 – сола баробар аст. Мувофиқат накардани синни ҳақиқӣ ба синни ақлӣ ё ҳамчун нишондиҳандаи қафомонии ақлӣ ба шумор меравад (синни ақлӣ аз синни ҳақиқӣ пасттар аст) ва ё ҳамчун нишондиҳандаи лаёқати ақлӣ (синни ақлӣ аз синни ҳақиқӣ баланд аст). В.Штерн низ чун Ф.Галтон таъсири омилҳои муҳит ва зуҳуроти ғайри маърифатиро, аз қабили бомаромӣ, соҳаи эмотсионалӣ – иродавӣ ва сифатҳои шахсӣ дар ташаккули ақл сарфи назар мекард [3, с. 82-84].

Г.Ю.Айзенк психологи амрикоӣ се намуди ақлро ҷудо мекунад: ақли биологӣ, ақли психометрӣ ва ақли иҷтимоӣ.

**Ақли биологӣ** ҳамчун асоси физиологӣ, нейрологӣ, биёхимиявӣ ва ҳормоналии рафтори маърифатӣ хизмат мекунад, яъне асосан ба сохт ва функсияҳои майнаи сар вобаста аст. Бе онҳо ягон рафтори бошуурона имконпазир нест ва метавон гуфт, ки он асоси фарқияти фардии ақлро ташкил медиҳад. Дар табиати ин сохторҳо омили ирсӣ нақши асосиро мебозад.

**Ақли психометрӣ** ин бо тестҳои оддии IQ (коэффсиенти ақл) чен карда мешавад. Муваффақияти чунин тестҳо асосан ба ақли биологӣ муайян мегарданд, вале инчунин омилҳои маданӣ, тарбия дар оила, мавқеи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маълумотнокӣ низ саҳми калони худро мегузоранд. Ба ақидаи Г.Ю.Айзенк ақли психометрӣ 70% аз омилҳои биологӣ 30% аз омилҳои муҳит вобаста аст [1, с. 32-36].

**Ақли иҷтимоӣ** аз рӯи IQ ба бисёр ченакҳои дигар муайян мегардад. Он умумият дар истифодаи IQ барои мутобиқи иҷтимоӣ зоҳир мешавад.

Ҳамин тариқ, чуноне ки мебинем, Айзенк ақли биологиро заминаи асосии инкишофи қобилиятҳои ақлӣ дониста, онро аз хосиятҳои асосии системаи асаб – пеш аз ҳама аз суръати аксуламали организм ба таъсири ангезандаҳо вобаста медонад. Аммо дар фарқият аз Ф.Галтон ва В.Штерн, ӯ нақши омилҳои иҷтимоиро инкор накарда, онҳоро дуюминдараҷа мешуморад.

Назарияи дигари биологӣ оид ба ақл, назари психологи амрикоӣ Р.Б.Кэттел мебошад. Ба ақидаи ӯ, ҳар яки мо аз рӯзи тавлид ақли потенсиалиро (ақли озод) соҳиб ҳастем, ки дар асоси қобилияти мо ба тафаккур, абстраксиянамоӣ ва муҳокимаронӣ мехобад. Тахминан то 20-солагӣ ин намуди ақл ба зинаи баланди инкишофи худ мерасад. Аз дигар тараф, «ақли кристалӣ» (ақли баста) ташаккул меёбад. Он аз малакаҳо ва донишҳои гуногун, ки мо бо андӯхтани таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меоварем, иборат аст. «Ақли кристалӣ» бо дараҷаи азхуднамоии он ҷамъияте муайян мегардад, ки фард ба он мансуб аст.

Тадқиқоти психологи рус В.Н.Дружинин имконият доданд, ки сохти ақли умумӣ муайян карда шавад. Он аз омилҳои ақлӣ шифоҳӣ (маъногӣ), ақли фазогӣ ва ақли рақамӣ (аломатӣ – рамзӣ) иборат мебашад. Таҳлили таносуби миёнаи ин омилҳо нишон доданд, ки дар рафти инкишофи онтогенетикӣ (тули ҳаёт) ҳар яки ин омилҳо паи ҳам зина ба зина ташаккул меёбад: дар навбати аввал ақли шифоҳӣ ташаккул меёбад, ки ба азхуднамоии забон алоқаманд аст, минбаъд дар асоси он ақли фазогӣ инкишоф меёбад ва ниҳоят дар заминаи зинаҳои номбаршуда ақли рақамӣ (ва ё аломатӣ–рамзӣ) шакл мегирад. Мавриди қайд аст, ки пешниҳоди В.Д.Дружинин асоси илми дошта, ба инкишофи синну солии психика мувофиқат мекунад.

Оид ба таъсири муҳит ба инкишофи ақл тадқиқотҳои Р.Зайонтс ҷолибанд. Мувофиқи назарияи ӯ, инкишофи ақлии кӯдак аз миқдори кӯдакон дар оила вобаста аст. Яъне чи кадаре, ки миқдори кӯдакон дар оила зиёд бошад, ҳамон андоза нишондиҳандаҳои IQ–и фардии аъзоёни он камтар мегардад.

Тадқиқотҳо муайян намуданд, ки омилҳои ҳалкунандаи муҳит дар инкишофи ақли кӯдак «ҳавасмандгардонии психологӣ» ба шумор меравад, ки ҳангоми муошират ва фаъолияти якҷояи кӯдак бо калонсол сурат мегирад.

Я.А.Понаморёв, Л.Терстоун, Ж.Пиаже ва И.Рейли дар чунин ақидаанд, ки дар тули ҳаёт қобилиятҳои инсон нобаробар тағйир меёбанд. Инкишофи асосии ақл дар 20 соли аввали ҳаёт ба амал меояд, инкишофи нисбатан бошиддати он ба синни 2 – 12 солагӣ рост меояд ва дар 19 – 20 солагӣ ба инкишофи максималии худ мерасад, минбаъд давраи муътадил оғоз мегардад ва аз 30 – 34 солагӣ пастшавии маҳсулнокии ақл оғоз мегардад.

Психологони Калифорния дар тадқиқотҳои худ нишон доданд, ба инкишофи ақл муҳити оилавӣ таъсири бевосита мерасонад. Кӯдаконе, ки дар муҳити эмотсионалии мусоид баркамол мерасанд, зинаи инкишофи ақлашон доимо баланд мегардад, ва баракс, дар кӯдаконе, ки волидонашон ба онҳо кам эътибор медоданд, пастшавии нишондиҳандаҳои ақл мушоҳида гардидааст. Инчунин муайян намудаанд, ки дараҷаи маълумотнокии волидон дар инкишоф ва қафомонии ақлии кӯдак нақши ҳалкунанда мебозад.

Инкишофи ақлро дар синни мактабӣ асосан маромҳои ботинии кӯдак – кӯшиши расидан ба дастовардҳои баланд, майл ба мусобиқа ва донишдӯстӣ муайян менамояд.

Оид ба дараҷаи инкишофи қобилиятҳо дар илми психология андешаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Маъмулан дараҷаҳои инкишофи қобилиятҳоро чунин пешниҳод мекунанд: аломату нишонаҳои табии —> қобилият —> лаёқат —> истеъдод —> нобиға (гениалӣ). Оид ба лаёқат низ андешаҳо гуногунанд. Баъзеҳо онро ҳамчун мувофиқати аломату нишонаҳои гуногуни ирсӣ медонанд ва баъзеҳо ҳамчун мувофиқати қобилиятҳо. Масалан, ба ақидаи К.К.Платонов лаёқат унсури модарзодии қобилиятҳои гуногунчабҳа аст. Б.М.Теплов бошад. лаёқатро ҳамчун мувофиқати ба худ хоси қобилиятҳо ба қалам медиҳад, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолиятро таъмин мекунад [8, с. 320-326].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аломату нишонаҳои мусоиди табии худ ба худ инкишофи қобилиятҳо ва дастовардҳои баланди расидан ба комёбиро таъмин намекунад. Бинобар ҳамин ҳар як шахс бояд ба фаъолияти мувофиқи табиату шавқу рағбат ва дар

баробари он кӯшишу меҳнат кунад, ки ба комиёбиҳои баланд ва дастовардҳои мушаххас ноил гардад.

Масъалаи ошкор намудани механизмҳои ташаккул ва инкишофи қобилиятҳо яке аз масоили муҳими илми психология ва педагогика маҳсуб меёбад. Ба андешаи С.Л.Рубинштейн, инкишофи қобилиятҳои кӯдакон дар раванди таълиму тарбия амалӣ мегарданд, яъне ҳангоми азхуднамоии мазмуни маданияти моддию маънави, техника, илм ва санъат. Заминаи ибтидоӣ барои инкишофи қобилиятҳо – ин аломату нишонаҳои табииянд, яъне хусусиятҳои анатомӣ – физиологии системаи асаб. Ҳангоми алоқаи амалии кӯдак бо олами иҳотакарда дар раванди мунтазам азхуднамоии дастовардҳои тараққиёти таърихии инсоният аломату нишонаҳои модарзодӣ ба қобилиятҳои гуногун ва комил мубадал мегарданд.

Психологи муосири рус В.С.Юркевич чунин ақида дорад, ки на ҳама гуна фаъолият қобилиятҳоро инкишоф медиҳад, ва он фаъолияте, ки дар равандаш эмотсияҳои мусбӣ ба вуҷуд дорад имконияти онҳоро васетар менамояд. Агар бо кӯдак бисёр машғулият гузаронем, метавонем ба ӯ чизе ёд диҳем, ҳатто ба баҳои хубу аъло ноил гардем, аммо барои он, ки имкониятҳо инкишоф ёбанд, муҳим аст, ки ин фаъолият ба худи ӯ писанд бошад, дар ӯ талаботи маърифатиро ба вуҷуд оварад. Ба андешаи В.С.Юркевич, дар инкишофи қобилиятҳо талаботи маърифати нақши ҳалкунандаро дорост. Дар раванди таълим бисёр муҳим аст, ки шавқу ҳавас ва кунҷкобиҳои беасоси кӯдакро ба донишдӯстӣ ва илмомӯзӣ табдил додан зарур аст.

Хулоса, В.С.Юркевич чунин мешуморад, ки зарурияти эмотсияҳои мусбӣ, ҳисси қаноатмандӣ аз иҷрои фаъолият шарти муҳими инкишофи ҳама гуна қобилиятҳост.

Дар такия ба гуфтаҳои боло зикр кардан ба маврид аст, ки қобилиятҳои ақлии инсон низ даврaҳои муайяни ҳассоси ташаккулёбии худро доранд, аз ин ҷиҳат ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инкишофи психикӣ, дуруст ба роҳ мондани муносибатҳо, ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ психологии хонандагон нақши муҳим мебозад.

Дар ҳақиқат раванди инкишофи қобилиятҳо ниҳоят пурихтилофу ноҳамвор ва ҳамзамон нозук аст. Ҳар лаҳзаи ҳаёт метавонад ба инкишофи онҳо мусоидат намояд ва ё монеъ гардад Аз ин рӯ, нақши асосиро пеш аз ҳама волидайн ва баъдан мураббиёну муаллимон дар зоҳир намудан ва ташаккулу инкишоф додани қобилиятҳои ақлии насли наврас мебозанд. Чунки дар асоси факту далелҳои илмӣ, нақши омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи қобилиятҳо ва иқтибосҳо аз таҷрибаҳои олимони соҳаи психология, ки дар боло зикр шудаанд қобилиятҳои инсон ирсӣ набуда, натиҷаи таълиму тарбия ва таъсири муҳити иҳотакарда мебошанд ва берун аз фаъолияти мушаххас вуҷуд дошта наметавонад. Онҳо дар фаъолият зоҳир мегарданд ва ташаккулу инкишоф меёбанд, ақл бошад зуҳуроти доимӣ, ва бетағйир набуда, дар тули ҳаёти фард инкишоф меёбад. Барои баҳо додан ба имкониятҳои ақлии кӯдак танҳо натиҷаи фаъолияти фикрии ӯро не балки раванди фаъолияти фикрии ӯ натиҷаи фаъолияташро таҳлил намудан зарур аст ва дар баробари ин дар инкишофи қобилиятҳои аклии кӯдак на танҳо соҳаи маърифатӣ, балки сохаи эмотсионалӣ – иродавӣ ва сифатҳои шахсии ӯ низ нақши муҳим мебозанд, руҳбаланднамоии эмотсионалӣ ва муҳити оилавӣ низ таъсир мерасонад, қобилиятҳои ақлӣ дар фаъолияти таълимии кӯдак зоҳир гашта, ташаккулу инкишоф меёбад. Аз ин нуқтаи назар, барои инкишоф додани қобилиятҳои ақлӣ сифати таълиму тарбияро дар мактабҳо баланд бардоштан зарур аст. Дар замони имрӯза технология ва муносибатҳои нав ба таълим хеле зиёд ба назар мерасанд ва истифодаи бомавриди онҳо ба он боис мегардад, ки ваҷҳои таълимиро бедор намуда, шавқу ҳаваси донишгирии хонандагонро зиёд гардонад ва онҳоро барои фаъолияти пурмаҳсул равона гарданд.

### *Адабиёт*


1. *Айзенк Г.Ю. Интеллект: новый взгляд // Вопросы психологии. – 1995. - №1. - С.97-101.*
2. *Божович Л.И. Избранные психологические труды. - М., 1995. - 250 с.*
3. *Штерн В. Умственная одаренность. Психологические методы испытания умственной одаренности в их применении к детям школьного возраста. Детская психология. - М.,1997. – 160 с.*
4. *Диагностика учебной деятельности и интеллектуаьалного развития детей / под ред. Д.Б.Эльконина, А.Л. Венгера. – М., 1981.*
5. *Дружинин В. Н. Экспериментальная психология. – СПб: ПИТЕР, 2007. – 200 с.*

6. *Маҳмудов Ш. К., Абдурашитов н. Психологияи омӯзгорӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни коллеҷҳо ва мактабҳои олии омӯзгорӣ). - Душанбе, 2011. - 194 с.*
7. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021.*
8. *Психология / Дар зери таҳрири М.Давлатов. – ДМТ, 2010. – 334 с.*
9. *Психология. Дастури таълимӣ барои хонандагони омӯзишгоҳҳои педагогӣ. Дар зери таҳрири проф. В.А. Крутетский. Тарҷума аз нашри дуюми русӣ. Тарҷумаи Р.Атохонов. – Душанбе: Маориф, 1977. - 208 с.*
10. *Столяренко Л.Д. Основы психологии. – Ростов н/Д: Феникс, 2003. - 672 с.*
11. *Пиаже Ж. Избранные психологические труды. - М., 1964. - 229 с.*

## НАЗАРИЯҲО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ АҚЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШ

Олимони соҳаи психология ошкор сохтаанд, ки қобилиятҳои инсон дар як қолаб наистода, доимо дар рушду нумуъ мебошанд ва қобилиятҳои ақлии инсон низ давраҳои муайяни ҳассоси ташаккулёбии худро доранд, аз ин ҷиҳат ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инкишофи психикӣ: имконияти маърифатӣ, соҳаи эмотсионалю иродавӣ, ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ психологии хонандагон ва инчунин тарзи муносибатҳо ва муоширати солим дар ташаккулёбии қобилиятҳои ақлӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, нақши асосиро пеш аз ҳама волидайн ва баъдан мураббиёну муаллимон дар зоҳир намудан ва ташаккулу инкишоф додани қобилиятҳои ақлии хонандагон мебозанд. Барои баҳо додан ба имкониятҳои ақлии кӯдак танҳо натиҷаи фаъолияти фикрии ӯро не балки натиҷаи фаъолияташро таҳлил намудан зарур аст ва дар баробари ин дар инкишофи қобилиятҳои аклии кӯдак на танҳо соҳаи маърифатӣ, балки соҳаи эмотсионалӣ–иродавӣ ва сифатҳои шахсии ӯ низ нақши муҳим мебозанд. Руҳбаланднамоии эмотсионалӣ ва муҳити солими оилавӣ низ таъсир мерасонад, қобилиятҳои ақлӣ дар фаъолияти таълимии кӯдак зоҳир гашта, ташаккулу инкишоф меёбад. Аз ин нуқтаи назар, барои инкишоф додани қобилиятҳои ақлӣ сифати таълиму тарбияро дар мактабҳо баланд бардоштан зарур аст. Дар замони имрӯза технология ва муносибатҳои нав ба таълим хеле зиёд ба назар мерасанд ва истифодаи бомавриди онҳо ба он боис мегардад, ки ваҷҳҳои таълимиро бедор намуда, шавқу ҳаваси донишгирии хонандагон зиёд гарданд ва фаъолияти пурмаҳсулро анҷом дода тавонанд.

**Калидвожаҳо:** хусусият, қобилияти акл, таълим, хонанда, ташаккул, ҷараёни омӯзиш, зеҳн, фаъолият, биологӣ, иҷтимоӣ, омил, ҷараён маърифат**,** инкишоф, тафаккур, нақш, раванд, психика, шуур, мақсад, маром, олам, ашё, ҳодиса, фикр, лаёқат, матив, майл, ва имконият.

## ТЕОРИИ И ПУТИ РАЗВИТИЯ УМСТВЕННЫХ СПОСОБНОСТЕЙ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

В подтверждение мнения ученых в области психологии автор отмечает, что психические способности человека также имеют определенные сензитивные периоды своего формирования, с этой точки зрения, учитывая особенности психического развития: познавательную способность, эмоционально-волевую сфере с учетом индивидуально-психологических особенностей учащихся, а также того, как здоровые отношения и общение играют важную роль в развитии умственных способностей. Поэтому в первую очередь главную роль в проявлении и формировании и развитии интеллектуальных способностей учащихся играют родители, а затем учителя и наставники. Для того чтобы оценить умственные способности ребенка, необходимо анализировать не только результат его умственной деятельности, но и результат его деятельности, и в то же время в развитии умственных способностей ребенка не только важную роль играют познавательная сфера, но и эмоционально-волевая сфера, его личностные качества. Эмоциональная поддержка и здоровая семейная обстановка также сказываются, интеллектуальные способности проявляются в учебной деятельности ребенка, формируются и развиваются. С этой точки зрения необходимо повышать качество образования в школах, чтобы развивать умственные способности. В современное время появляется много технологий и новых подходов к обучению, и их правильное использование приводит к тому, что они пробуждают образовательные аспекты, повышают интерес учащихся к обучению, дают возможность выполнять продуктивную деятельность.

**Ключевые слова:** характер, умственная способность, воспитание, обучение, ученик, формирование, воспитательный процесс, ум, разум, деятельность, биологический, социальный, фактор, познавательный протсес, развитие, мышление, роль, психика, сознание, цель, предмет, событие, мысль, способность, мотив, склонность, задача и возможность.

## THEORIES AND WAYS OF DEVELOPMENT OF MENTAL ABILITIES OF YOUNGER STUDENTS IN THE PROCESS OF LEARNING

In support of the opinion of scientists in the field of psychology, the author notes that a person's mental abilities also have certain sensitive periods of their formation, from this point of view, taking into account the peculiarities of mental development: cognitive ability, emotional-volitional sphere, taking into account the individual psychological characteristics of students, as well as the fact how healthy relationships and communication play an important role in

the development of mental abilities. Therefore, first of all, the main role in the manifestation and formation and development of the intellectual abilities of students is played by parents, and then by teachers and mentors. In order to assess the mental abilities of a child, it is necessary to analyze not only the result of his mental activity, but also the result of his activity, and at the same time, not only the cognitive sphere plays an important role in the development of the child's mental abilities, but also the emotional-volitional sphere, his personal quality. Emotional support and a healthy family environment also affect, intellectual abilities are manifested in the educational activities of the child, are formed and developed. From this point of view, it is necessary to improve the quality of education in schools in order to develop mental abilities. In modern times, there are many technologies and new approaches to learning, and their proper use leads to the fact that they awaken educational aspects, increase students' interest in learning, and provide an opportunity to perform productive activities

## Дар бораи муаллиф

**Акрамова Моҳрухсор Ҳомидҷоновна**
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 030 22 08
E-mail: mohakramova@mail.ru

## Об авторе

**Акрамова Мохрухсор Хомиджоновна**
Кандидат педагогических наук, заведуюшый кафедры общей психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 030 22 08
E-mail: mohakramova@mail.ru

## About the author

**Akramova Mokhrukhsor Khomidzhonovna**
Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of General Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 030 22 08
E-mail: mohakramova@mail.ru

## РОҲЁФТҲОИ АСОСИИ ТАДҚИҚИ ПАДИДАИ ХЕШТАНСОЗӢ

***Билолова Ш. Ф., Билолова Ш. Ф.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъалаи хештансозии психикӣ дар ин ё он шакл диққати бисёр мутахассисони барҷастаи илми психология, аз ҷумла В.М. Бехтерев, Л.С. Виготский, Л.И. Божовичро ба худ ҷалб кардааст. Вале сарчашмаи ғояи хештансозиро боз ҳам пештар дар доираи психология ва физиологияи оғози асри XX дар корҳои А.А. Ухтомский (назарияи доминанта) ва тадқиқотҳои намояндагони гешталтпсихология, ки асосгузорони як қатор принсипҳои назариявию методологӣ мебошанд, метавон дарёфт намуд [2].

Натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои муайян доир ба хештансозии психикӣ дар амалияи фаъолиятҳои гуногун: варзишгарон, омӯзгорон, табибон, менеҷерҳо ва дигарон талабгорони зиёд дорад. Даҳсолаи охир ба рӯйхати мазкур равондармонҳо низ ворид гардидаанд. Ҳамин тариқ, ҳодисаи хештансозӣ роҳёфтҳои зиёди ҷанбаҳои гуногуни онро фарогир буд, мутаассифона, то кунун дар илми психология таърифи ягона ва тасаввуроти устувор дар бораи ҳодисаи хештансозӣ вуҷуд надорад. Таҳлили таърифҳои гуногуни падидаи хештансозии аз ҷониби ин ё он муҳаққиқ додашуда, нишон медиҳад, ки муаллифон ҳамон хусусиятҳои хештансозиро таъкид менамоянд, ки мувофиқи нуқтаи назари онҳо нисбатан муҳим ба шумор меравад.

Падидаи хештансозӣ дар «Луғати нави энсиклопедӣ» ҳамчун раванди мақсадноке, ки дар ҷараёни он табиати (сиришт) мураккаби системаи амалҳо ташкил, аз нав ҳосил ё мукаммал мегардад, тавсиф дода мешавад.

М.И. Дяченко ва Л.А. Кандибович падидаи хештансозиро ҳамчун маҷмуи интегралии хусусиятҳои ба дастовардашудаи табиӣ ва иҷтимоии дар хусусиятҳои иродаю интеллект ва мароми рафтор таҷассумёфта тавсиф менамоянд. Онҳо хештансозиро нишондиҳандаи камолоти шахсӣ шуморида, барпонамоии фаъолонаи худ ҳамчун шахсиятро ба сифати аломати асосии хештансозии олӣ қайд менамоянд. Гузашта аз ин, яке аз нишондиҳандаҳои рушди хештансозӣ ба ақидаи онҳо, мувофиқоии интихобҳои ҳаётӣ (ихтисос, касб, дӯстон, ҳамсар ва ғ.) бо хусусиятҳои фардии шахсият мебошад. Пас номувофиқии касби интихобшуда ва қобилиятҳои мавҷуда, фаъолият ва услуби қабулшудаи ҳаёт, дорои сифатҳои шахсӣ набудан ва ғ. аломати мавҷуд набудан ё мавҷудияти ноайёни хештансозии шахс мебошад [2].

Ба андешаи В.И. Андреев, «қобилияти хештансозӣ дар аниқ ба нақша гирифтани тарзи ҳаёти худ, ба нақша гирифтани корҳои худ чи барои як рӯз, як ҳафта, як моҳ, як сол ва чи тамоми умр зоҳир мегардад. Ин қобилияти оқилона истифода бурдани қудрату тавоноӣ ва имконияту вақти худ мебошад» [4].

Ба ақидаи Н.П. Попов, хештансозӣ дар фаъолияти касбӣ ифодакунандаи қобилияте мебошад, ки дар маҳорати истифода бурда тавонистани сифатҳои иродавӣ, эмотсионалӣ ва интелектуалии шахс дар ҳалли масъалаҳои муҳими касбӣ зоҳир мешавад.

Дар корҳои Ю.А. Сагарелли хештансозии шахс ҳамчун протсесси шууронаю мақсадноки дар асоси ба инобат гирифтани намунаҳои мавҷудаи тасаввурот ва натиҷаҳои худбаҳодиҳӣ, ташкил кардани шахсияти худ, тавсиф дода мешавад. Дар ин ҳолат ба сифати образи намунаи хештансозӣ, шахсияти мутахассис ё тасаввуроти идеалӣ доир ба аҳамияти ҷамъиятӣ ё касбии натиҷаҳои фаъолият баромад карда метавонад.

Дар таърифҳои зикргардида асосан мавҷудияти роҳёфтҳои гуногуни тавсифдиҳии раванди хештансозӣ возеҳу равшан тадқиқ карда мешавад. Таҳлилҳои минбаъдаи адабиёти психологӣ имкон медиҳад, ки чаҳор роҳёфти асосии муайян кардани мазмуни мафҳуми «хештансозӣ» шахсӣ, фаъолиятӣ, интегралӣ (шахсию фаъолиятӣ) ва техникиро аз ҳам фарқ кунонем.

Роҳёфти шахсӣ – роҳёфтест, ки дар он хештансозии шахс ҳамчун худташкилкунии ӯ фаҳмида мешавад (Губайдулин Т.А., Дяченко М.И. ва Кандибович Л.А., Егорова Т.А., Копеина Н.С. ва диг.). Дар ин ҳолат хусусияти алоҳида ё маҷмуи хусусиятҳоеро ҷудо карда меомӯзанд, ки онҳо чунин сифатҳои психологӣ ба монанди муташаккилӣ, мураттабӣ ва муназзамиро ташкил ё муқаррар мекунанд. Муносибати шахсӣ нисбат ба тадқиқи хештансозӣ, аз маҷмуи хусусиятҳои худташкилдиҳиҳои инсон (ахлоқ, интелект, ирода, ҳиссиёт) маншаъ гирифта, моҳиятан аз омӯзиши дараҷаи умумии рушди психикии инсон ба

омӯзиши заминаи худташкилнамоии ӯ нигаронида шуда, дар психологияи назариявӣ ба таври васеъ баррасӣ шудааст.

Роҳёфти фаъолиятӣ, хештансозиро ҳамчун протсесси аз марҳилаҳои муайян (амалиёт, функсия, маҳорату малака) иборат буда, баррасӣ менамояд. Мақсади самти тадқиқотҳои мазкур (Донсов В.Н., Елканов С.Б., Елманов В.К., Кузмин Н.В., Мурачковский Н.И., Сороковой А.Г., Устинов Я.О. ва диг.) аз омӯхтани сохтори протсесси хештансозӣ, иртиботи байни қисматҳои (функсияҳо) ин сохтор ва таъсири он ба муваффақиятнокии ташкили мустақилонаи фаъолият иборат мебошад.

Мувофиқи ақидаи О.Н. Птисина, фарқияти умумии ду роҳёфти мазкур дар он ифода меёбад, ки ҷонибдорони роҳёфти шахсӣ – шахсро ҳамчун системаи худташкилкунанда, вале ҷонибдорони роҳёфти фаъолиятӣ – фаъолиятро ҳамчун ташкилаҳои мансуби хештансозию инсонсозибуда, баррасӣ менамоянд.

Воқеан, ин ҷо ягон хел зиддият ва фарқият вуҷуд надорад, зеро сухан дар бораи намудҳои гуногуни хештансозӣ рафта, роҳёфт аз объекти тадқиқот вобаста мебошад. Намояндагони роҳёфти интегралӣ элементҳои протсесси хештансозиро бо хусусиятҳои шахс дар як саф – ҳамчун муқарраркунандагони сифати психологии хештансозӣ баррасӣ менамоянд. Яъне, ҳангоми омӯхтани хештансозии фаъолият сифатҳои шахсии субъектро низ ҳамчун бозандагони нақши худ дар иҷрои фаъолият ба инобат мегиранд.

Дар психологияи амалӣ роҳёфти техникии хештансозӣ, яъне, омӯхтану коркарди усулу техникаҳои баланд бардоштани натиҷаи ташкил кардани фаъолияти шахсӣ вусъат ёфта истодааст. Дар роҳёфти техникӣ методҳои илман ташкил кардани меҳнати фикрӣ, худидоранамоӣ ва идоранамоии вақт (самаранок истифода бурдани вақт) мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ҷузъиётҳои роҳёфти техникӣ дар ҳамаи роҳёфтҳои дигари хештансозӣ барои баланд бардоштани дараҷаи ташкили фаъолияти худ истифода бурда мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар доираи роҳёфти фаъолиятии хештансозӣ ду равия: муҳитӣ – функсионалӣ ва сохторӣ – функсионалиро аз ҳам фарқ кардан мумкин аст.

Дар равияи муҳитӣ – функсионалӣ, ки ба тадқиқотҳои В.И. Андреева, Т.Н. Болдишева, Н.И. Мурачковский, А.Г. Сороковой ва дигарон мансуб дониста мешавад, қисмҳои алоҳидаи протсесси хештансозӣ бе назардошти таъсиррасониҳои байниҳамдигарии онҳо ҷудо ва омӯхта мешавад. Равияи сохторӣ – функсионалӣ, ки ба тадқиқотҳои О.А. Конопкин, Н.М. Пейсахов, С.Б. Елканов, Я.О. Устинова, Р.Х. Шакуров ва дигарон мутааллиқ мебошад, на танҳо омӯзиши функсияҳои алоҳида, балки робитаи байниҳамдигарӣ (таъсиррасониҳои тарафайн)-и онҳоро низ дар бар мегирад. Гузашта аз ин, агар ба равияи муҳитӣ – функсионалӣ муҳим набудани асосноккунонии ҷиддии интихоб ва таъсиррасониҳои байниҳамдигарии ҳар як қисми протсесси хештансозӣ хос бошад, пас дар равияи сохторӣ – функсионалӣ ҳар як ҷузъиёти протсесси хештансозии сохтори ягонаи коркардро ташкилкунанда, интихоб ва ҷиддан бо ҳам алоқаманд карда мешаванд.

***Сохтори хештансозӣ ва намудҳои асосии он.*** Раванди хештансозӣ ба монанди дилхоҳ субъекти фаъолият, ҳадди ақал, раванди дудараҷагии дорои ҳолатҳои аз нав ташкил додани объект ва дар асоси инъикоси психикии объект ҳолатҳои идоранамоии аз нав ташкил додани он маҳсул, восита ва худи ҳолатҳои аз нав ташкилдиҳӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи назарияи П.Я. Галперин ва С.Л. Рубинштейн ҳар як фаъолият предмет, маҳсулот (предмети субъекти меҳнат ба шумарраванда), восита ва ҳолати аз нав ташкил додани предмет дар маҳсулотро, ки амалҳои иҷрокунанда ё қисми иҷрокунандаи амалҳо номида мешаванд, дар бар мегирад.

Инъикоси предмет, маҳсулот, восита ва ҳолати иҷрошавандагии фаъолият, тартиб ва таркиби дар шакли нақша ё барномаи фаъолият баромадкунандаи онҳо қисмати ҷудонашавандаи ҳар як фаъолият ба шумор меравад. Мувофиқан дар фаъолият ҳолатҳои аз нав ё такроран офаридани инъикоси мазкур вуҷуд дорад. Ҳолатҳои муқарраркардаро П.Я. Галперин ҳамчун рафторҳои роҳнамо ё қисми роҳнамоии рафтор, вале С.Л. Рубинштейн – ҳамчун рафторҳои нақшавӣ ё қисми маърифатии рафтор маънидод намуданд. Ғайр аз ҳолатҳои иҷрокунанда ва роҳнамо дар фаъолият ҳамчунин ҳолатҳои назорат ва тафтиши иҷроиши амали аз нав ташкилнамоиро, ки Галперин П.Я. амалиёти тафтишнамоӣ ё қисми тафтишотии амалиёт, вале С.Л. Рубинштейн – танзимкунандаи иҷрокунанда номид, фарқ мекунанд.

Б.Ф. Ломов ва В.Д. Шадриков дар корҳои худ қисматҳои дигари фаъолият: маром, мақсад, банақшагирии фаъолият, коркарди маълумоти айнизамонӣ, қабули қарор, рафтор, тафтиши натиҷаҳо ва ислоҳи рафторҳоро тадқиқ карданд. Қисматҳои мазкур аз рӯи мазмун ба тавсифдиҳиҳои таркиби умумии фаъолият дар корҳои нисбатан пештараи А.Н. Леонтев,

С.Л. Рубинштейн, П.Я. Галперин ва дигар равоншиносони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ мувофиқат мекунанд. Ҳамин тавр, банақшагирӣ, коркарди маълумоти айнизамонӣ, образи оперативӣ, қабули қарор ҳолатҳои роҳнамои фаъолият, рафтор – ҳолати иҷрокунанда, тафтиш ва ислоҳнамоии натиҷаҳо – ҳолатҳои назоратӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, сохтори умумии дилхоҳ фаъолияти субъектро ҳолатҳои роҳнамо, иҷрокунанда ва назоратӣ (назоратию ислоҳнамоӣ)-и фаъолият ташкил медиҳад. Амалҳои роҳнамо – барои ба даст овардани дониш дар бораи чи гуна назорат намудани рафтор, иҷрокунанда – барои амалӣ кардани навташкилаҳо, назоратӣ – барои танзим ва ислоҳнамоии амалиётҳои иҷрокунанда бо роҳи муқоиса намудани рафти амалиётҳои иҷрокунанда бо намунаи онҳо таъин шудаанд. Тавсифи дилхоҳ протсесс ҳамчун фаъолият, қайд мекунад И.И. Илясов, дар он ҷудо кардани дилхоҳ қисмат ва супоришҳои муҳим, мазмуни хоси онҳоро дар назар дорад. Ин ба тавсифи протсесси хештансозии фарогирандаи фаъолияти ба аз нав ташкилнамоии худи ташкилкунанда ва сохтори идоракунанда низ дахл дорад.

Дар асоси таҳлили муқоисавии қисматҳои протсесси хештансозӣ панҷ қисми функсионалии зерини онро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Мақсадгузорӣ.
2. Таҳлили вазъият.
3. Банақшагирӣ.
4. Худназораткунӣ.
5. Ислоҳнамоӣ.

Қисматҳои функсионалии мазкур барои бо муваффақият анҷом додани протсесси хештансозӣ нисбатан муҳим шуморида мешаванд, зеро дар аксарияти мутлақи сохтори функсионалии зикргардидаи протсесси хештансозӣ дохил мешаванд.

Дар амалия ва назарияи илми психология намудҳои техникӣ, биологӣ ва иҷтимоии хештансозиро аз ҳам фарқ мекунанд. Хештансозии техникӣ (ҳамчун протсесс) дар асосии барномаи ба таври автоматӣ ивазшавии амалҳои алогоритмӣ ҳангоми тағйирёбии хусусияти объекти идорашаванда, мақсади идоранамоӣ ё параметрҳои муҳити иҳотакунанда асос гузошта шудааст. Хештансозии техникӣ ҳамчун ҳодиса – маҷмуи системаи интелектуалию мутобиқнамоӣ, новобаста аз шароти фаъолият таъминкунандаи коршоямии додашуда мебошад. Миёни онҳо системаҳои худомодашаванда, худтаълимгиранда ва худсозандаро фарқ мекунанд.

Хештансозии биологӣ (ҳамчун протсесс) дар асоси барномаи генетикии маҳфуз нигоҳ доштани намуд, таъмини ҷисман бунёд кардани объект (ҳамчун падида). Протсесси мутатсия организми зинда, ба шароити муайяни ҳаёт мутобиқгардии онҳо зуҳуроти хештансозии биологӣ мебошад.

Хештансозии иҷтимоӣ ҳамчун протсесс ба барномаи ҷамъиятию иҷтимоии ҳамоҳангкунии муносибатҳои ҷамъиятии фарогири мақсадгузории афзалиятнок, шавқу ҳавас, тамоюли арзишнок, маром ва мақсади дар муддати вақт тағйирёбанда асос меёбад. Хештансозӣ ба воситаи худомӯзӣ, худтарбиянамоӣ ва худназораткунӣ амалӣ карда мешавад. Хештаншиносии иҷтимоӣ ҳамчун падида – ин рафторҳои муайни инсон, шаклҳои хулосабарорӣ ва робитанамоии ӯ мебошад [1].

Сифатҳои асосии ба зоҳиршавии хештаншиносӣ инсон мусоидаткунанда – ин ташаббускорӣ, мардонагӣ, устуворӣ, қатъият, ҷасурӣ, худтаҳлилкунӣ, худтанзимнамоӣ, худдорӣ, таҳаммул, сабр, маҳорати пешбинӣ карда тавонистан, мустақилият, ғайюрӣ ва ғайра мебошад.

Хештансозӣ метавонад ҳам дар шакли протсесс ва ҳам дар шакли падида зоҳир гардад. Хештансозӣ ҳамчун протсесс дар ташаккулёбӣ, дастгирӣ ё барҳамдиҳии маҷмуи амалҳои дар асоси интихоби озод ва расму қоидаҳои қабулгардида ба офариниши муносибатҳои устувор, истеҳсолкунанда ва байниҳамдигарӣ ба коллектив баранда, ифода меёбад. Хештансозӣ ҳамчун падида маҷмуи элементҳои барои амалинамоии барнома ва мақсад хизматкунандаро ифода мекунад.

Аксарияти тадқиқотчиёни падидаи хештансозӣ се қисмати зерини онро аз ҳам фарқ мекунанд:

1. Худтарбиянамоӣ – ин аз ҳисоби захира ва қувваҳои ботинии худ бартараф кардани сифатҳои зараррасон ё офариниши сифатҳои наву мусбати шахс ё сиришти ӯ мебошад. Вай дар амалҳои фаъолона ташаккул додани сиёсати расмӣ, худ ва маҳсули худро ҳамчун шахсият собит намудан, аз худ кардани технологияи пешқадам барпо карда мешавад. Худтарбиянамоӣ – худталқиннамоӣ, худписандидан, ботамкинӣ, ботартибӣ, боинтизомӣ,

боодобӣ, дурусткорӣ, худҳавасманднамоӣ ва бартараф кардани эмотсияҳои манфиро дар назар дорад.

2. Худтаълимгирӣ – ин саъю кӯшиши худраъёнаи инсон ё сиришти ӯ баҳрӣ такмил ёфтан ё ба даст овардани маълумот ва дониш мебошад. Худтаълимгирӣ ба талаботи инсон нисбат ба маълумот, дониш ва муошират, ҳамчунин талаботи ҷамъият ба маҳсули иловагӣ ва худинкишофдиҳӣ такя менамояд. Худтаълимгирӣ аз ҳисоби сарфи вақти зиёдатӣ ва захираҳои молӣ ба амал баровarда мешавад. Вай тавассути муассисаҳои таълимии давлатӣ ва шахсӣ, ҳамчунин мустақилона дар шаклҳои гуногуни таълими ҷамъиятӣ (маълумоти олӣ, миёна, миёнаи касбӣ) амалӣ шуда метавонад. Худтаълимгирӣ ҳамчунин натиҷаи фаъолияти амалӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, таҷрибаи атрофиён ва ташкилот ба шумор меравад.

3. Худназоратнамоӣ – ин баҳодиҳии эҳсоси ботинӣ бо натиҷаи амалҳои иҷрошуда ё иҷрошаванда буда, ба шахс, коллектив ё ташкилот таълуқ дошта метавонад. Одатан ҳангоми худназоратнамоӣ эҳсоси ботинӣ ба арзишҳои ахлоқӣ, меъёр ё анъанаҳои қабулшуда, тасаввуроти худ ва монанди инҳо такя менамояд. Худназоратнамоӣ ба инсон, коллектив ё ташкилот имконият медиҳад, ки фаъолияти худро ба таври ғайрирасмӣ баҳогузорӣ намояд, барои беҳтар гардонидани фаъолият имкониятҳои худро ошкор намояд, мувофиқат кардан ё мувофиқат накардани қувва ва дониши худ ба иҷрои фаъолиятро фаҳмад. Барои амалӣ кардани худназоратнамоӣ худтаҳлилнамоӣ, худҳисоботдиҳӣ, худбаҳодиҳӣ, худиқрорнамоӣ, сӯҳбати боваринок, худташхиснамоӣ ва ғ. истифода бурда мешавад. Натиҷаҳои худназоратнамоӣ ё ба натиҷаҳои назорати техникӣ пурра мувофиқат менамояд ё пасту баланд мешавад. Худназоратнамоӣ ба шахс доир ба дурурстӣ нодурустии натиҷаҳои назорати расмӣ бовarии ботинӣ мебахшад.

Хештансозӣ шахсӣ ва коллективӣ шуда метавонад.

Хештансозии шахсӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ✓ ба нақша гирифтани рӯз, ҳафта, моҳи корӣ ва ғ.;
- ✓ ташкил намудани гигиенаи шахсӣ, истироҳат ва ғизогирии мукаммал;
- ✓ назорати раванди эҳсос ва аксуламали худ нисбат ба воқеъаю ҳодисаҳои атроф.

4. Хештансозии коллективӣ барои муносибатҳои ҷамъиятӣ хос мебошад. Хештансозии коллективӣ ҳамчун падида рафторҳои муайяни одамон ё гурӯҳи одамонро, шиорҳо, арзномаҳои дастаҷамъиро ифода мекунад. Масалан, ташкил карданаи кассаи кумакрасонии байниҳамдигарӣ, ки дар он аъзоёни гурӯҳ ихтиёран миқдори муайяни маблағро барои дастгирӣ намудани аъзоёни коллективи худ дар вазъиятҳои фавқулода ирсол медоранд [2].

5. Хештансозии иҷтимоӣ – ҳам барои ташкилоҳои расмӣ ва ҳам барои ташкилотҳои ғайрирасмӣ протсесси ногузир ба шумор меравад. Вай барои як нафар ё худ ташкилот хос мебошад. Хештансозии иҷтимоӣ пеш аз ҳама аз ҷониби ташкилкунандаи он – шахси алоҳида ё коллектив эътироф карда мешавад. Натиҷаи хештансозӣ дар намудҳои гуногун: ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, технологӣ, психологӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва монанди инҳо зоҳир мегардад. Ҳангоми баррасӣ кардани натиҷаи хештансозӣ танҳо хештансозии иқтисодиро вобаста ба дараҷаи қаноатмандкунонии талаботҳои дахолатшуда, сифатан баҳогузорӣ кардан мумкин аст.

Хулоса, хештансозии иҷтимоӣ боиси баланд гардидани шаъну шараф, обрӯю эътибор, беҳшавии саломатӣ, ба даст овардани сарчашмаҳои ғайрирасмии маълумот, ташкили хуби меҳнат, баланд бардоштани дараҷаи музди меҳнати шахс ва ғайра гардида метавонад. Босамарии хештансозии сиёсӣ ифодакунандаи талаботи инсон ба эътиқод, ватандӯстию ватанпарварӣ, худидоранамоӣ ва хештангароию хештаншиносӣ мебошад [2]. Хештансозӣ ва худидоранмоӣ дар идоранамоии расмӣ қолиби муносибатҳои ба муносибатҳои ташкилоти монандро доро мебошанд. Инҳо қолибҳои типикии даврамонанд, чархмонанд, ситорамонанд ва ғ. мебошанд, ки дар онҳо унсури асосӣ на роҳбар, балки сардори ғайрирасмӣ ба ҳисоб мераванд.

### ***Адабиёт***


1. *Алексеева А.В. Динамика профессионального самосозревания психолога-практика. - М., 2002. – 134 с.*
2. *Амонов Н. Қ. Тафаккур: Ташхис ва инкишофи он /Н.Қ. Амонов [Текст]. - Душанбе, 2014. – 135 с.*
3. *Апресян Г.З. Этика: учеб. для высших учебных заведений / Г.З. Апресян. – М.: Гардарики, 2004. – 210 с.*
4. *Асмолов А.Г. XXI: Психология в век психологии // Вопросы психологии – №1. – 1999. - С. 65-78.*
5. *Белокрылова Г.М. Профессиональное становление студентов-психологов: Автореферат дисс.…канд. психол. наук. – М.: Изд-во МГУ, 1997. – 24 с.*
6. *Буякас Т.М. О проблемах становления чувства самоидентичности у студентов-психологов // Вестник МГУ. – Сер. 14. – Психология. – №1. – 2000. - С. 75-78.*

7. *Вачков И.В., Гриншпун И.Б., Пряжников Н.С. Введение в профессию «психолог»// Москва-Воронеж: изд-во Моск. Психолого-социального ин-та – 2002. – 167 с.*
8. *Величко Е.В. Исследование самоотношения студентов // http://www.psi.lib.ru/statyi/sbornik/studsam.htm*
9. *Кондаков П.Г., Сухарев А.В. Методологические основания зарубежных теорий профессионального развития // Вопросы психологии. – 1989. - № 5.*
10. *Мустафоқулов Т. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ /Т. Мустафоқулов, М. Нарзуллоева [Матн]. - Кӯлоб, 1993. – 297 с.*

## РОҲЁФТҲОИ АСОСИИ ТАДҚИҚИ ПАДИДАИ ХЕШТАНСОЗӢ

Масъалаи хештансозии психикӣ, дар ин ё он шакл диққати бисёр мутахассисони барҷастаи илми психологияро ба худ ҷалб намудааст. Ҳамин тариқ, ҳодисаи хештансозӣ роҳёфтҳои зиёди ҷанбаҳои гуногуни онро фарогирандаро доро мебошад, вале то кунун дар илми психология таърифи ягона ва тасаввуроти устувор дар бораи ҳодисаи хештансозӣ вуҷуд надорад. Таҳлили таърифҳои гуногуни падидаи хештансозии аз ҷониби ин ё он муҳаққиқ додашуда, нишон медиҳад, ки муаллифон ҳамон хусусиятҳои хештансозиро таъкид менамоянд, ки мувофиқи нуқтаи назари онҳо нисбатан муҳим ба шумор меравад. Мақсади мақолаи мазкур дар омӯзиш, таҳлил ва муқоисанамоии андешаҳо ва мӯҳтавои тадқиқотҳои олимону мутафаккирон вобаста ба омӯзиши масъалаҳои асосии психологию педагогии рушди хештаншиносӣ таҷассум меёбад. Масъалаҳои овардашуда далолат аз рӯзмарагии мавзуъи мазкур карда, дар он тадқиқотҳои олимони барҷастаи соҳаи педагогикаю психология мувофиқи мақсад дарҷ гардидаанд. Масъалаи тадқиқи хештаншиносӣ, ки яке аз ҷанбаҳои ташаккули шахсияти комилро таҷассум мекунад, дар замони муосир айни муддао буда, тақозои замони пуртазоди сиёсӣ маҳсуб меравад. Натиҷаҳои татқиқот нишон дод, ки сифатҳои асосии ба зоҳиршавии хештаншиносӣ инсон мусоидаткунанда – ин ташаббускорӣ, мардонагӣ, устуворӣ, қатъият, ҷасурӣ, худтаҳлилкунӣ, худтанзимнамоӣ, худдорӣ, таҳаммул, сабр, маҳорати пешбинӣ карда тавонистан, мустақилият, ғайюрӣ ва ғайра мебошад. Хештансозӣ метавонад ҳам дар шакли протсесс ва ҳам дар шакли падида зоҳир гардад. Хештансозӣ ҳамчун протсесс дар ташаккулёбӣ, дастгирӣ ё барҳамдиҳии маҷмуи амалҳои дар асоси интихоби озод ва расму қоидаҳои қабулгардида ба офариниши муносибатҳои устувор, истеҳсолкунанда ва байниҳамдигарӣ ба коллектив баранда, ифода меёбад. Хештансозӣ ҳамчун падида маҷмуи элементҳои барои амалинамоии барнома ва мақсад хизматкунандаро ифода мекунад.

**Калидвожаҳо:** хештансозӣ, психика, психология, таҳлил, рушд, роҳёфт, раванд, инъикос, протсесс, худназораткунӣ, сифат, хештаншиносӣ, худтарбиянамоӣ, худтаълимгирӣ, худназоратнамоӣ, тавсифи психологии синнусолӣ.

## ОСНОВНЫЕ ПОДХОДИ ИССЛЕДОВАНИЯ ФЕНОМЕНА САМОСОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ

Проблема ментального самоопределения в такой форме привлекает много внимания специалистов в области психологии. Таким образом, феномен самореализации имеет множество открытий, охватывающих различные его аспекты, но до сих пор в психологической науке нет единого определения и устойчивого представления, и устойчивого представления о феномене самореализации. Анализ различных определений феномена самореализации, данных тем или иным исследователем показывает, что авторы подчеркивают одни и те же особенности самореализации которые с их точки зрения, относительно важны. Цель данной статьи воплощена в изучении, анализе и сопоставлении мнений и содержания исследований ученых и мыслителей, связанных с изучением основных психолого-педагогических вопросов развития самосознания. Представленные вопросы свидетельствуют об актуальности данной темы, и в нее уместно включены исследования видных ученых в области педагогики и психологии. Проблема исследования самопознания, представляющего собой один из аспектов формирования совершенной личности, является актуальной проблемой современности и считается требованием бурной политической эпохи. Результаты исследования показали, что основными качествами, способствующими возникновению самосознания личности, являются инициативность, мужественность, устойчивость, целеустремленность, смелость, самоанализ, самообладание, самообладание, толерантность, терпение, способность предвидеть, самостоятельность, усердие и т. Самосовершенствование может выступать как в виде процесса, так и в виде явления. Самосовершенствование как процесс выражается в формировании, поддержке основанных на свободном выборе и принятых правилах, ведущих к созданию устойчивых, продуктивных и взаимоотношений в коллективе. А как явление представляет собой совокупность элементов, служащих для реализации программы и цели.

**Ключевые слова:** самоопределения, психика, анализ, процесс, развитие, самоконтроль, качество, психология, самореализации, самовоспитание, самоконтроль.

## MAIN APPROACHES TO RESEARCH THE PHENOMENON OF SELF-IMPROVEMENT

The problem of mental self-determination in this form attracts a lot of attention of specialists in the field of psychology. In this way. the phenomenon of self-realization has many discoveries covering its various aspects, but so far in psychological science there is no single definition and a stable representation and a stable phenomenon of self-realization. the phenomenon of self-realization. Analysis of various representations of definitions by the researcher shows that the authors emphasize the same features of self-realization which, from their point of view, are important in relation to the data given to one or another. The purpose of this article is embodied in the study, analysis and comparison of the opinions and content of research by scientists and thinkers related to the study of the main psychological and pedagogical issues of the development of self-awareness. The questions presented testify to the

relevance of this topic, and studies of prominent scientists in the field of pedagogy and psychology are appropriately included in it. The problem of studying self-knowledge, which is one of the aspects of the formation of a perfect personality, is an urgent problem of our time and is considered a requirement of a turbulent political era. The results of the study showed that the main qualities that contribute to the emergence of a person's self-awareness are initiative, masculinity, stability, determination, courage, introspection, self-control, self-control, tolerance, patience, the ability to foresee, independence, diligence, etc. Self-improvement can act both as a process and as a phenomenon. Self-improvement as a process is expressed in the formation, support based on free choice and accepted rules, leading to the creation of sustainable, productive and relationships in the team. And as a phenomenon, it is a set of elements that serve to implement the program and goal.
**Keywords:** self-determination. psyche, analysis. process, development, self-control, quality, psychology. self-realization.

## Дар бораи муаллифон

**Билолова Шоира Файзуллоевна**
Эксперт-психологи Комиссияи тиббии ҳарбӣ-ҳавоӣ
Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе
734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Титов, 32/1

**Билолова Шаҳзода Файзуллоевна**
Магистри кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: shahzodabilolova1@gmail.com

## Об авторах

**Билолова Шоира Файзуллоевна**
Эксперт-психолог ВЛЭК
Международный аэропорт Душанбе
734012, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Титова, 32/1

**Билолова Шахзода Файзуллоевна**
Магистр кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: shahzodabilolova1@gmail.com

## About the authors

**Bilolova Shoira Faizulloevna**
Expert psychologist of the Medical Commission of the Air Force
Dushanbe International Airport
734012, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Titov St., 32/1

**Bilolova Shahzoda Fayzulloevna**
Master Student in Department of General and Pedagogical Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: shahzodabilolova1@gmail.com

ТДУ 159.921 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ МАРОМҲОИ ИНТИХОБИ ҲАМСАРИ ОЯНДА ДАР БАЙНИ ДОНИШҶӮЁН

***Мастонаи С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар ҷомеаи муосир дигаргунии қонуниятҳои институти оила ва тағйирёбии он дар доираи рушди ҷамъият ба амал меоянд, ки ба дигаргунию тағирёбии соҳаҳои гуногун (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва самти фарҳангӣ) вобастаанд. Самтҳои мазкур бевосита ба қисмати таркибии вазифаи психологии оила, алоқамандии муносибатҳои байнишахсии аъзоёни он таъсир мерасонанд. Маромҳои интихоби ҳамсари оянда накши худро ба рафтори ҳамсарон ва амалҳои гуногуни ҳамкории онҳо мегузорад. Ин маромҳо аз бисёр ҷиҳатҳо муайянкунандаи муносибатҳоиояндаи ҳамсарон дар оила буда, ҳамчун маҷмуи мураккаби омилҳои субъективиро дар бар гирифта, ба омодагии барпо намудани оила ва худдорӣ аз ин қадам таъсир расонда, дар худ маромҳои бошуурона ва бешууронаро доранд.

Мақсади тадқиқоти мазкур аз омӯзиши маромҳои интихоби ҳамсари оянда дар донишҷӯёни муосир мебошад. Тартиби тадқиқотро фарзияи он, ки маромҳои интихоби ҳамсари оянда аз хусусиятҳои психолгии шахсияти интихобшаванда вобаста аст, муайян мегардад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ҳангоми интихоб шарики издивоҷ меъёрҳои муайян муқаррар гардида буданд. Масалан, дар асри XIX дар қиёс ба имрӯз, талабот ба хусусиятҳои фардии ҳамсари оянда минималӣ буданд: чизи асосӣ якрангии вазъияти иҷтимоию иктисодӣ, хусусиятҳои динию халқӣ, обрӯи интихобгардида ва оилаи ӯ ба назар гирифта мешуд.

Дар айни замон талабот ба хусусиятҳои шахсии ҳамсари оянда зиёд шудааст. Инчунин, мундариҷаи бисёре аз талаботҳо ба он вобастаанд, ки дар зиндагӣ ҳамсари оянда дар мадди аввал завқи ҳамсари худро гузорад. Дар сурати қонеъ нагардидани як қисмате аз ин интизориҳо дар ҳаёти оилавӣ, муносибатҳои ҳамсарон қатъ мегардад.

Ташкили ҷуфти ҳамсарон дар асоси маромҳои мусбӣ (ки боиси муносибатҳои дӯстона ва дуру дарозии ҳамсарон мешавад) ва манфӣ (асоси пошхӯрии оила) мегардад. Мувофиқи маълумотҳои Юркевич Н.Г. мисоли маромҳои манфӣ шуда метавонанд:

1) майли аз танҳоӣ наҷот ёфтан;
2) бо сабаби ҳомиладоршавӣ ва таваллуди фарзанд;
3) сабукфикрӣ [5].

Дар тадқиқотҳои муосир қайд карда мешаванд, ки дар ҷавондухтарони имрӯза чунин маромҳои барпо намудани оила бештар мушоҳида мешаванд: ҳомиладошавӣ, муҳаббат, хоҳиши аз оилаи волидон ҷудо зиндагӣ кардан, манфиати моддӣ, майли аз танҳои наҷот ёфтан, хоҳиши “пирдухтар” нашудан, майл ба ҳаёти калонсолӣ. Аҷибаш дар он аст, ки дар навҷавонон ҳам баъзан мароми барпо намудани оила – ҳомиладорӣ мегардад. Дар баробари ин, бештар маромҳои мустақилӣ, аз дигарон новобаста будан, майли шаҳвонӣ, муҳаббат ва ғайра ба чашм мерасанд. Мароми барпо намудани оила вобаста ба сабаби ҳомиладорӣ, шояд алоқаманд ба он бошад, ки ҷавонони имрӯза бештар имконияти ошиқ шуданро доранд. Аз тарафи дигар, муттаассифона, на ҳамеша онҳо оилаи худро дар асоси муҳаббати тарафайн ва хоҳиши бо ҳам будан, ташкил мекунанд, балки сабаби асоси кӯдаки таваллудшаванда мегардад [5]. Тадқиқотҳои психолгҳо нишон медиҳанд, ки “агар оила дар асоси ҳиссиётҳои олии муҳаббат ва майли бо ҳам будан барпо гардад, он гоҳ ҳамсарон хушбахт шуда, оилаи устуворро ташкил медиҳанд” [1, с. 207-208]. Инчунин, дар ин ҳамсарон ба ҳам мувофиқ омадани андеша, ҳиссиёт, рафтор, шавқу завқи мувофиқ - имконияти барпо намудани муносибатҳои созандаро пайдо намуда, накш ва вазифаҳои оилавӣ бо машварати якҷоя амалӣ мегардад.

Дар тадқиқоти мазкур, яъне маромҳои бошууронаи интихоби ҳамсари оянда дар донишҷӯён пурсишномаи Голода С.И. истифода гардид. Аз ҷониби муаллиф чунин маромҳои ташкил намудани оила интихоб гардида буданд:

1) муҳаббат;
2) шавқу завқ ва андешаҳои умумӣ;
3) ҳисси танҳоӣ;

4) ҳиссиёти ҳамҳиссӣ;
5) имконияти наздики таваллуди кӯдак;
6) тасодуфӣ;
7) таъминоти хуби моддии ҳамсари оянда;
8) мавҷудияти хонаи истиқоматии ҳамсари оянда;
9) маромҳои оянда [2, с. 46].

Мувофиқи пурсишнома озмудашавандаҳо бояд ду мароми пешниҳодшавандаро интихоб кунанд, ки онро барои интихоби ҳамсари оянда муҳим меҳисобанд. Ба ҳайси озмудашаванда 164 донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ширкат варзиданд. Номгӯи маромҳои пешниҳодшуда маромҳои ботинӣ (ҳиссиёти танҳоӣ, ҳамҳиссӣ ва ғайра) ва зоҳириро (таъминоти хуби моддии шавҳари оянда, мавҷудияти хонаи истиқоматӣ ва ғайраро) дар бар мегиранд.

Бо мақсади тадқиқотӣ маромҳои пешниҳодшуда шартан ба се дараҷа ҷудо карда шуданд (дараҷаи баланд, миёна ва паст). Дараҷаи баланди омодагӣ ба барпо намудани оилаи хушбахту босаодат дар сурати мавҷудияти маромҳои муҳаббат, шавқу завқ ва андешаҳои умумӣ мушоҳида мешаванд. Ба дараҷаи миёнаи омодагӣ ба барпо намудани оила дар сурати мавҷудияти маромҳои ҳисси танҳоӣ, ҳиссиёти ҳамдардӣ ва эҳтимолияти наздики таваллуди кӯдак вомехӯрад ва ин гуна оилаҳо на он қадар хушбахту устувор мемонанд. Зеро, ин оила бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани мушкилӣ муайян ташкил мешаванд ва бо ҳиссиётҳои олӣ вобастагӣ надоранд. Ба дараҷаи пастии омодагӣ ба барпо намудани оила дар сурати мавҷудияти маромҳои тасодуфӣ, таъминоти хуби моддии ҳамсари оянда ва мавҷудияти хонаи истиқоматии ҳамсари оянда вомехӯрад ва ин гуна оилаҳо хушбахту устувор намемонанд. Зеро, ин оила бо мақсади дигар ташкил мешаванд ва дар байни аъзоёни он ҳиссиётҳои олӣ ва дилбастагӣ ба якдигар надоранд.

*Ҷадвали 1.*

**Маромҳои интихоби ҳамсари оянда**

| № | Дараҷаи баланд | Дараҷаи миёна | Дараҷаи паст |
|---|---|---|---|
| 1. | Муҳаббат | Ҳисси танҳоӣ | Тасодуфӣ |
| 2. | Шавқу завқ ва андешаҳои умумӣ | Эҳтимолияти наздики таваллуди кӯдак | Таъминоти хуби моддии ҳамсари оянда |
| 3. | | Ҳиссиёти ҳамҳиссӣ | Мавҷудияти хонаи истиқоматии ҳамсари оянда |

Дар тадқиқоти мазкур маромҳои интихоби ҳамсари оянда дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои характерологии шахсияти донишҷӯён, ки дар типҳои иҷтимоӣ-психологӣ зоҳир мешаванд, омӯхта мешуд. Бо мақсади омӯзиши типҳои иҷтимоӣ-психологии шахсияти донишҷӯён аз тести В.М. Минияров истифода бурда шуд [4]. Дар асоси истифодабарии тести мазкур чунин шумораи миқдории типҳои иҷтимоӣ-психологии шахсияти донишҷӯён зоҳир карда шуд: типи гармоникӣ – 24,4% аз шумораи умумии донишҷӯён; типи сензитивӣ – 21,9%; типи интровертӣ – 22,5%; типи доминантӣ – 21,4%; типи инфантилӣ – 6,7%; типи изтиробнок – 1,2%; типи конформӣ – 1,8%.

Ба гурӯҳи донишҷӯёни типи изтиробнок ҳамагӣ 2 нафар дохил шуданду ба типи конформӣ 3 нафар. Аз сабаби кам будани шумораи донишҷӯёни ин гуна типҳои характереологии шахс, ки он қадар таъсирбахш нестанд ва аз сабаби ба ҳам наздик будани хусусиятҳои психологии ин типҳои характереологии шахс ин типҳо якҷоя карда шуда, номи омехтаи “инфатилӣ-изтиробнок-конформӣ”-ро гирифтанд.

Дар рафти таҳлили маводҳои ба дастоварда мароме, ки дар пурсишнома бо номи “манзили истиқоматии ҳамсари оянда” онро бо номи “таъминоти моддӣ” муттаҳид намудем, зеро ҳамагӣ ду нафар онро интихоб карда буданд. Мароми “маромҳои дигар” низ инъикос нагардид, зеро ҳамагӣ як нафари озмудашаванда онро интихоб намуда, хислатҳои надоштани одатҳои бад, миллат, ростқавлӣ, қаноатмандии ҷинсӣ, намуди зоҳирӣ ва характер қайд гардида буд.

Бояд қайд намуд, ки шарҳи натиҷаҳои ба дастоварда як қатор мушкилиро меовард, зеро ҳамон як мароми интихоби ҳамсари оянда аз ҷониби намояндагони типҳои гуногуни характереологии шахс ба таври хос дарк ва қабул карда мешуд.

Дар рафти омӯзиши мароми интихоби шарики издивоҷ дар байни намояндагони типҳои номбаршудаи шахсияти иҷтимоӣ-психологӣ мо нишондиҳандаҳои гуногуни миқдориро ба даст овардем. Бунёди муносибатҳои издивоҷ дар асоси муҳаббат ба 70% донишҷӯёни як намуди иҷтимоӣ-психологии шахсияти мутаносиб бартарӣ доданд. Хоҳиши

доштани манфиатҳои умумӣ ва назари ҷаҳон бо шарики издивоҷ 65% донишҷӯёни ин навъи никоҳ хоҳиши доштани манфиатҳо ва нуқтаи назари умумии ҷаҳонро бо шарики издивоҷ нишон доданд. Дар асоси ин маромҳо, ки шартан "маромҳои сатҳи олӣ" номида мешаванд, чунин сифатҳои характерологии як намуди мувофиқ, монанди хайрхоҳӣ мебошанд, эҳтиром ба шахсияти шахси дигар, қобилияти ба инобат гирифтани манфиатҳои ӯ, ки ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи ҳақиқати эҳсосоти намояндагони ин намуд суҳбат кунем. Маромҳое, ки «маромҳои сатҳи миёна» муайян карда мешаванд, дар донишҷӯёни типи гармонӣ хусусиятҳои зеринро доранд.

Сохтани издивоҷ барои раҳоӣ аз эҳсоси танҳоӣ 5% донишҷӯёни ин навъи имконпазирро имконпазир мешуморанд ки, эҳтимолияти сухан дар бораи ноумедӣ дар муносибатҳо бо одамони дигар, ки дар сурати ба дунё омадани кӯдак ҳисси вазифадор буданаш ҳамин миқдор донишҷӯён ба муносибатҳои никоҳӣ тайёранд. Дилсӯзӣ, раҳмдилӣ ба шахси дигар, хоҳиши кӯмак кардан ҳамчун ангезаи интихоби шарики издивоҷ дар 2,5% зоҳир гардид. Издивоҷ дар натиҷаи амалҳои бесарусомонӣ ва хоҳиши сабук кардани вазъи молиявии онҳо аз ҷониби 7,5% донишҷӯёни навъи иҷтимоӣ-психологӣ имконпазир ҳисобида мешавад. Ин маромро шартан «мароми» “сатҳи паст" меноманд.

Манзараи то андозае монанд дар донишҷӯёни типи ҳассоси иҷтимоӣ-психологӣ мушоҳида мешавад. Ҳамчун алтруист 77,7% донишҷӯёни ин навъ омода ҳастанд, ки дар асоси эҳсоси қавӣ издивоҷ созанд. Манфиатҳои рӯҳонии умумӣ дар издивоҷ чизи асосӣ ҳисобида мешаванд 50%. Самимият ва фидокорӣ дар ин ҳолат метавонад ба эҷоди муносибатҳои боэътимоди қавӣ дар издивоҷ кӯмак кунад. 8,3% донишҷӯёни намуди ҳассоси иҷтимоӣ-психологӣ изҳор доштанд, ки дар сурати таваллуди кӯдак метавонанд издивоҷ кунанд. Дар байни донишҷӯёни ин намуд 13,8 фоиз аз ҳисоби таъминоти моддии шарик никоҳ барпо карда метавонанд. Эҳтимол дар ин маврид манфиати моддӣ не, балки майлу хоҳиши ба амал баровардани нияти наҷиби худ дида мешавад.

Дар асоси ҳисси самимии муҳаббат ва эҳтиром ба шарик, 91,6% донишҷӯёни дорои як намуди шахсияти иҷтимоию равонии интроверт мехоҳанд издивоҷ кунанд. Барои 62%, муҳим он аст, ки издивоҷ бо шарике ба итмом мерасад, ки метавонад дарк кунад ва ҷаҳонбинии шабеҳро дошта бошад. Аз сабаби шармгинӣ, набудани ташаббус, интихоби тасодуфии шарик метавонад дар 5,4% намояндагони ин намуд рух диҳад. Шумораи ками донишҷӯён - 2,7% ҳар кадоме аз онҳо изҳори ақида кардаанд, ки издивоҷ дар сурати пайдо шудани ҳисси дилсӯзӣ ва дар ҳолати интизории кӯдак имконпазир аст.

Фоизи аз ҳама баландтарин - 94,2% донишҷӯёни навъи бартаридоштаи иҷтимоӣ-психологӣ бунёди издивоҷро аз сабаби эҳсоси ишқ бартарӣ медиҳанд, ки шояд ба майлу хоҳиши эстетикии соҳиби шахсе асос ёбад, ки мувофиқи баъзе меъёрҳо мақоми худро баланд бардошта метавонад. Дар 62% донишҷӯён ин навъ дар сурати издивоҷ бо ҳамсари оянда зарур мешуморанд, ки бо ӯ шавқу завқ ва ақидаҳои муштарак дошта бошанд, зеро муҳим аст, ки шарик хоҳишу ниятҳои онҳоро фаҳмад ва дар амалӣ гардидани онҳо ҳисса гузошта тавонанд. Хоҳиши доштани роҳбарият дар омили муҳими ҳаёти муосир - некӯаҳволии моддӣ - метавонад ба издивоҷи 14,2% донишҷӯёни навъи ҳукмрон мусоидат кунад. Фоизи хеле ками донишҷӯён (2,8% ҳар кадом) издивоҷро дар ҳолати таваллуди кӯдак ва бинобар қарори сарфакорона имконпазир мешуморанд.

Донишҷӯёни намуди омехтаи иҷтимоӣ-психологӣ, ки таркиби асосии онҳоро намояндагони типи иҷтимоӣ-психологии кӯдакона ташкил медиҳанд, эҳтимоли зиёд бо назардошти мароми "муҳаббат", ҳамчун муҳаббати шарик ба шахсияти худ, дар аксарияти онҳо (87,5%) онро афзалтар донистанд. Мавҷудияти манфиатҳо ва ақидаҳои умумӣ ҳамчун имкони баҳрабардорӣ аз муносибат дар издивоҷ бо шахси фаҳмишро 75% ин донишҷӯён интихоб кардаанд. Хоҳиши эҷоди издивоҷ аз сабаби эҳсоси танҳоӣ ва «ҳамҳиссӣ» (25% ва 12,5%) ба муҳаббати худ ва қобилияти қонеъ кардани баъзе ниёзҳои шахсии шумо дар айни замон асос ёфтааст. Ҳисси масъулиятшиносӣ ва тасодуфӣ асоси кирдори донишҷӯёни тифлдор нест. Аз ин рӯ, мо тахмин менамоем, ки бунёди ақди никоҳ дар сурати таваллуди кӯдак (6,2%) ва бо амалҳои беандеша (6,2%) аз ҷониби донишҷӯёни типи изтироби иҷтимоӣ-психологӣ зоҳир шудааст, ки ба миқдори кам ба таркиби омехта дохил мешаванд.

Мароми пасти «манзили зист»-и ҳамсариояндаро мо ба ангезаи «таъминоти моддӣ» нисбат додем. Банди «дигар мақсадҳо» инъикос наёфтааст, зеро натиҷахои кам ба даст оварда шудаанд. Ҳар як нафар аҳамияти интихоби ҳамсар барои издивоҷ боз чунин маромҳоро қайд карданд: набудани одатҳои бад, миллат, ростқавлӣ, қаноатмандии ҷинсӣ, намуди зоҳирӣ, хислат.

Ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои писарону духтарони навҷавон аз рӯи фоиз тафовути калон танҳо барои баъзе ангезаҳои интихоби шарики никоҳ ба назар мерасад. Маълум шуд, ки 7,8 фоизи ҷавонон майл доранд, ки никоҳ аз беандешагӣ ва «2,9 % — аз ҳисси дилсузӣ никоҳ баста мешавад. Духтарон умуман ин маромҳои худро нишон надоданд, вале аз сабаби эҳтимоли таваллуди фарзанд (6,4%) ва таъмини моддии шавҳар (17,7%) майли издивоҷро пайдо кардаанд. Фарқиятҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои писарону духтарон тасдиқ карда нашудаанд.

Натиҷаҳои донишҷӯёни намудҳои гуногуни иҷтимоӣ-психологиро аз рӯи сатҳҳо ҷамъбаст намуда, мо манзараи зеринро ба даст овардем: аз ҳама муҳим ҳангоми интихоби ҳамсар барои донишҷӯён ангезаҳои сатҳи баланд - "муҳаббат" (138 нафар - 84,3%) ва "монандии шавқу завқ, манфиатҳо" (102 нафар – 62,2%) мебошанд. Натиҷаҳои дар назари аввал бадастомада боварибахшанд, аммо мо чунин мешуморем, ки асос, пеш аз ҳама, маромҳои берунӣ мебошанд, ки аз хусусиятҳои психологии шахс тавлид мешаванд, дар рафти тарбия ташаккул ёфта, типи муайяни иҷтимоию психологиро ташаккул медиҳад. Дар ташаккули майлу хоҳиши зану шавҳар аҳамияти стереотипҳои иҷтимоиро низ ба назар гирифтан лозим аст: ба таври умум қабул карда мешавад, ки шахс бояд дар асоси мавҷудияти муҳаббат никоҳ кунад. На бояд фаромуш кард, ки аксар вақт андешаи идеалии ҷавонон дар бораи оянда аз интихоби воқеӣ ва ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт фарқ мекунад.

Аҳамияти амалии тадқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст овардашуда ҳангоми таҳияи курси «Психологияи муносибатҳои оилавӣ» дар донишгоҳ ба назар гирифта мешаванд. Ғайр аз ин, маводи тадқиқотӣ дар тайёр кардан ва мутолиаи курсҳои асосӣ ва факултативӣ барои донишҷӯёни факултетҳои психологӣ дар курсҳои такмили ихтисос дар ҷои кори психологҳои амалӣ истифода бурда мешаванд. Инчунин, натиҷаҳои тадқиқот дар кори муаллимон, сотсиологҳо, файласуфҳо ва дигар мутахассисон муфид буда метавонанд.

### *Адабиёт*


1. *Андреева, Т. В. Темперамент супругов и совместимость в браке / Т. В. Андреева, А. В. Толстова // Образование и психология. Тез. науч. конф. Ананьевские чтения / Под ред. А. А. Крылова, В. А. Якунина. - СПб.: СПбГУ, 2001. - С. 207-208.*
2. *Андреева, Т. В. Психология современной семьи / Т. В. Андреева. — СПб.: Речь, 2005. – 436 с.*
3. *Кривцова, Е. В. Семья глазами студенческой молодёжи / Е. В. Кривцова, Т. Н. Мартынова // Психологические проблемы современной российской семьи / Материалы Всеросс. научн. конф. под ред. В. К. Шабельникова, А. Г. Лидерса. Ч.1. - М., 2003.*
4. *Минияров В. М. Диагностика и коррекция характерологических свойств личности / В. М. Минияров. - Ульяновск, 1997.*
5. *Юркевич, Н. Г. Советская семья: функции и условия стабильности / Н. Г. Юркевич. — Минск, 1970. – 208 с.*


## ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ МАРОМҲОИ ИНТИХОБИ ҲАМСАРИ ОЯНДА ДАР БАЙНИ ДОНИШҶӮЁН


Дар мақолаи мазкур қайд карда мешавад, ки дар ҷавондухтарони имрӯза чунин маромҳои барпо намудани оила бештар мушоҳида мешаванд: ҳомиладоршавӣ, муҳаббат, хоҳиши аз оилаи волидон ҷудо зиндагӣ кардан, манфиати моддӣ, майли аз танҳои наҷот ёфтан, хоҳиши "пирдухтар" нашудан, майл ба ҳаёти калонсолӣ мебошад. Аҷибаш он аст, ки дар навҷавонон ҳам баъзан мароми барпо намудани оила – ҳомиладорӣ мегардад. Дар баробари ин, бештар маромҳои мустақилӣ, аз дигарон новобаста будан, майли шаҳвонӣ, муҳаббат ва ғайра ба чашм мерасад. Мароми барпо намудани оила вобаста ба сабаби ҳомиладорӣ, шояд алоқаманд ба он бошад, ки ҷавонони имрӯза бештар имконияти ошиқ шуданро доранд. Аз тарафи дигар, мутаассифона, на ҳамеша онҳо оилаи худро дар асоси муҳаббати тарафайн ва хоҳиши бо ҳам будан, ташкил мекунанд, балки сабаби асоси кӯдаки таваллудшаванда мегардад. Таҳқиқотҳои психолгҳо нишон медиҳанд, ки агар оила дар асоси ҳиссиётҳои олии муҳаббат ва майли бо ҳам будан барпо гардад, он гоҳ ҳамсарон хушбахт шуда, оилаи устуворро ташкил медиҳанд. Инчунин, дар ин ҳамсарон ба ҳам мувофиқ омадани андеша, ҳиссиёт, рафтор, шавқу завқи мувофиқ - имконияти барпо намудани муносибатҳои созандаро пайдо намуда, нақш ва вазифаҳои оилавӣ бо машварати якҷоя амалӣ мегардад. Илова бар ин, дар мақола нишон дода мешавад, ки маромҳои интихоби ҳамсариояндаи донишҷӯён бо гунаҳои хислатҳои онҳо вобастагии калон дорад.



**Калидвожаҳо:** оила, издивоҷ, маром, интихоби ҳамсар, муҳаббат, ҳиссиёт, хушбахтӣ. зиндагӣ, ҳаёт, волидайн, ишқ, ҷудошавӣ, тарафайн, ҳамдигфаҳмӣ, муносибат, хешиву таборӣ, ҳиссиёт, рашку мадомат.


## ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА РИТУАЛОВ ВЫБОРА БУДУЩЕГО СУПРУГА СРЕДИ СТУДЕНТОВ


В данной статье отмечается, что у современных молодых женщин чаще наблюдаются такие обряды создания семьи: беременность, любовь, желание жить отдельно от родительской семьи, материальные блага, стремление сбежать от одиночества, желание не стать «старухой», желание жить именно взрослой жизнью. Странно то, что даже среди молодых людей иногда целью создания семьи является беременность. В то же

время видны более самостоятельные идеалы, независимость от других, стремление к сексуальности, любви и т. д. Церемония создания семьи зависит от причины беременности, возможно, это связано с тем, что у современных молодых людей больше возможностей влюбиться. С другой стороны, к сожалению, они не всегда организуют свою семью на основе взаимной любви и желания быть вместе, но это становится главной причиной рождения ребенка. Исследования психологов показывают, что если семья строится на основе высоких чувств любви и желания быть вместе, то супруги будут счастливы и образуют крепкую семью. Также у этих супругов совпадение мыслей, чувств, поведения, интересов и вкусов - возможно установление конструктивных отношений, реализуются семейные роли и задачи через совместное консультирование. Кроме того, в статье показано, что выбор учащимися будущего супруга сильно зависит от их особенностей.

**Ключевые слова:** семья, брак, обряд, выбор супруга, любовь, чувства, счастье. жизнь, жизнь, родители, любовь, разлука, взаимопонимание, отношения, родство, чувства, ревность и поддержка.

## PSYCHOLOGICAL CHARACTERISTICS OF THE RITUALS OF CHOOSING A FUTURE SPOUSE AMONG STUDENTS

It is noted in this article that modern young women are more likely to have such rites of family creation: pregnancy, love, the desire to live separately from the parent family, material benefits, the desire to escape from loneliness, the desire not to become an "old woman", the desire to live an adult life. The strange thing is that even among young people, sometimes the goal of starting a family is pregnancy. At the same time, more independent ideals, independence from others, desire for sexuality, love, etc. are visible. The ceremony of starting a family depends on the reason for pregnancy, perhaps it is related to the fact that today's young people have more opportunities to fall in love. On the other hand, unfortunately, they do not always organize their family on the basis of mutual love and desire to be together, but it becomes the main reason for the child to be born. Researches of psychologists show that if a family is founded on the basis of high feelings of love and desire to be together, then the spouses will be happy and form a stable family. Also, in these spouses, matching of thoughts, feelings, behavior, interests and tastes - it is possible to establish constructive relations, family roles and tasks are realized through joint consultation. In addition, the article shows that the students' choice of future spouse is highly dependent on their characteristics.

**Keywords:** family, marriage, ceremony, choosing a spouse, love, feelings, happiness. life, life, parents, love, separation, mutual understanding, relationship, kinship, feelings, jealousy and support.

### Дар бораи муаллиф

**Мастонаи Саид**
Доктрант (PhD) кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 555 50 12 40
E-mail: maston0203@gmail.com

### Об авторе

**Мастонаи Саид**
Докторант (PhD) кафедры общей психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 555 50 12 40
E-mail: maston0203@gmail.com

### About the author

**Mastonai Said**
Doctoral student in the Department of General Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 555 50 12 40
E-mail: maston0203@gmail.com

# ХУСУСИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ – ОМИЛ ВА КАФОЛАТ БАРОИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДА

***Муродова Ш. С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Аксарияти одамон хусусияти коммуникативӣ, муошират намудан ва маҳорати суханвариро ҳамчун қабул ва ё фиристодани маълумот шарҳ медиҳанд. Хусусияти коммуникативӣ ё муошират муҳимтарин шакли мутақобила миёни одамон ва беҳтарин сифати инсонист. Ин раванди интиқоли ғояҳо, фикрҳо, эҳсосот, ба фаҳмиши онҳо аз ҷониби одамони дигар аст. Тадқиқотҳои равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки то бештари қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби мутахассисон ба таври шифоҳӣ, дар раванди ҳамкории дуҷониба қабул карда мешаванд. Муошират бо эҷоди тамос оғоз меёбад ва эҷоди алоқа бо он алоқаманд аст [4, с. 37].

Дар додугирифти маълумот одамон калимаи мубодиларо кам истифода мебаранд. Калимаи мубодила дақиқтар аст, аммо, дар ҳолати қабул ва фиристодани маълумот ҳаракати объектро нишон медиҳад. Дар асл решаи вожаи «коммуникатив» маънои тамоман дигар дорад. Он аз калимаи лотинии “communes” гирифта шуда, маънояш чамъият, ҷомеа, умумӣ мебошад ва ба калимаҳои коммуна, коммунизм, коммуналӣ шабеҳият дорад. Агар шахс хоҳад, ки бо шахси дигар мубодилаи маълумот намояд, пас бояд муошират кунад, то замоне, ки маълумоти лозима барои ду тараф бо пуррагӣ дарк гардад ва умумӣ шавад. Муошират, ё маҳорати суханварӣ, раванди расидан ба фаҳмиши умумӣ аст. Ҷомеаи имрӯза то ба расидан ба марҳилаи кунунии дастовардҳои баланди воситаҳои ахбори омма, аз пайдоиши хат – ки яке аз соддатарин роҳҳои муошировати байни одамон буда, ба шарофати он маҷмуи пурраи равандҳои коркарди иттилоот, яъне ҷамъоварии он амалӣ гардид, роҳи дуру дарозеро тай кардааст [9, с. 52].

Тавре ки дар Википедиа - энсиклопедияи бузурги электронӣ қайд карда шудааст, коммуникативӣ ё ин ки муошират ин "интиқоли иттилоот аз шахс ба шахс" мебошад [5]. Коммуникативӣ як раванди мураккаби бисёрҷанбаи барқарор ва рушди робитаҳо байни одамон, яъне муошировати байнишахсӣ ва муошировати байнигурӯҳӣ буда, ба фаъолияти муштарак эҳтиёҷ дорад. Коммуникативӣ аз се раванди гуногуни зерин иборат аст:

- ✓ муошират ё ин ки мубодилаи иттилоот;
- ✓ ҳамкорӣ ё мубодилаи амал;
- ✓ дарки иҷтимоӣ, яъне дарки шарик.

Мафҳуми дигарро пеш оварем агар муошират ташаккули тафаккури инсониро ба вуҷуд меоварад. Одамон маълумоти якхеларо ба таври гуногун мефаҳманд. Як шахс метавонад калима ё тасвирро фавран эътироф ва дарк кунад, аммо ба каси дигар онҳо бегона ва нофаҳмо ба назар мерасанд. Мушкилоти гуногуни муошират ин мушкилоти фаҳмиш аст.

Фаҳмиш ин эътироф аст, ки одамон одатан ҳангоми тавсифи раванди фаҳмиш истилоҳҳои визуалиро истифода мебаранд. Фаҳмидан ё дарк кардан ин мувофиқати иттилооти воридотӣ ба он чизест, ки инсон дар сохторҳои рӯҳии худ пайдо мекунад. Агар инсон хоҳад, ки ба таври муассир муошират кунад, зарур аст, ки фикри худро ба шакли намоён табдил диҳад. Роҳи беҳтарини ин кор кадом аст? Инсон метавонад дар як варақ расм ё диаграмма кашад ва ё метавонад аз ҳамсуҳбаташ хоҳиш кунад, ки симои равониро тасаввур кунад ва сипас маълумоти худро бо андешаҳои ӯ мувофиқ созад. Илова бар ин, содда кардани маълумот муфид аст, то ки шакли фикрронии шахс ба тафсилоти сершумор бор нашавад.

Хусусияти коммуникативӣ, муошират ё маҳорати суханварӣ ин додани он маълумотест, ки дорои мафҳум ва маънои умумӣ мебошад. Мо ин мафҳуму маъноҳоро чӣ гуна эҷод мекунем? Бо усули табдил додани иттилоот ба ғояҳо. Идеяҳо ҳамчун воситаи муошират. Муошират ин раванди ташаккул ва табадуллоти равшаннокӣ ва умумӣ кардани ғояҳо мебошад. Самаранокии муошират на ба дурустии далелҳои оварда, балки ба ғании идеяҳои шахс вобаста аст, чунки идея воситаи муошират мебошад. Вақте ки одамон бо ҳамдигар муошират мекунанд, миёни онҳо мубодилаи афкор ба вуҷуд меояд.

Хусусияти коммуникативӣ ё ин ки маҳорати суханварӣ ин асбоб ва воситаи асосии пешбарӣ кардани кору фаъолияти роҳбарикунанда мебошад. Чуноне ки Роберт Семенович Немов психологи советии рус қайд мекунад суҳбату муошират мубодилаи маълумот, хусусияти коммуникативии шуури инсон, дуруст дарк кардан ва баҳо додани шахсони дигарро беҳтар мекунад. Муошират кардан ин қобилияти хусусияти шуури инсон, яъне бо истифода аз забон ва дигар системаҳои аломатӣ ба одамони дигар интиқол додани он чизест, ки шахс дар бораи он огоҳ аст [8, с. 112]. Агар бо сабабҳои гуногун ягон малакаи муошират суст инкишоф ёфта бошад, инсон ҳангоми суханронӣ ба мушкилиҳо дучор мешавад. Малакаҳои муошират асосан қобилияти муошırати муассир буда, дарк кардани суханҳои ҳамсуҳбат ва дарки ӯст. Муошират ё ин ки маҳорати суханварӣ инъикос мекунад, ки роҳбар ҳаёти худро чӣ гуна ба нақша гирифта, кору фаъолияти худро чӣ гуна ташкил мекунад ва чӣ гуна муносибатро бо ҳамкорон ва мизоҷон барқарор мекунад. Хусусияти коммуникативии роҳбар фаҳмиши худи роҳбарро дар масъалаи эҳсосот, фикру мулоҳиза ва амалҳои шахсии одамон инъикос мекунад. Суҳбати коммуникативӣ як роҳи таъсиррасонӣ ба одамон ва таъсир кардан ба шахсияти дигарон аст. Дар рафти суҳбат проблемаҳо ҳал мешаванд, ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, имкониятхои нав ба вуҷуд меоянд. Гуфтугӯ чист? Гуфтугӯ муносибати динамикии талаффузи калима ва гӯш кардани он мебошад. Мусоҳибон на танҳо гап мезананд, балки якдигарро мешунаванд. Бе қобилияти гӯш кардан, гуфтугӯ, суҳбат кардан ғайриимкон аст.

Ҳам баёни эродҳо ва ҳам шунидани онҳо дар як вақт ба амал меоянд. Ҳамсуҳбатон ҳам шунаванда ва ҳам сухангӯянд. Сифати суҳбат бештар ба қобилияти гӯш кардан вобаста аст, на ба қобилияти сухан гуфтан. Сухани дигар шахсро гӯш карда, инсон дарк мекунад, ки суханони ӯ чӣ маъно доранд ва ӯ чӣ гуна фикр мекунад. Маҳз бо шарофати қобилияти гӯш кардан инсон бо ҳамсуҳбаташ забони умумӣ пайдо мекунад ва ба ҳамдигарфаҳмӣ ноил мешавад, ки ҳарду гӯё, ки ба орзӯи деринаи худ мерасанд. Агар шахс хоҳад, ки малакаҳои гуфтугӯии худро такмил диҳад ва ба хусусияти коммуникативӣ моил шавад, беҳтарин ҷой барои оғоз ин инкишоф додани қобилияти гӯш кардан аст. Гӯш кардан танҳо маънои "нагуфтан" нест, балки маънои "шунидан"-ро дорад. Шунаванда ҳангоми шунидан рафтори гӯяндаро назорат мекунад: бо ишораи сар ҷунбондан, эродҳо додан ва ғайра. Ҳангоми суханронӣ инсон нишон медиҳад, ки то чӣ андоза хуб гӯш карда метавонад.

Агар эродҳои шахс ба суханони ҳамсуҳбат нокофӣ бошанд, ӯ метавонад ба шубҳа афтад, ки оё воқеан ӯро бодиққат гӯш кардаанд ё фикрҳо ба чизи дигар банд буд. Агар инсон ҳангоми суҳбат сухани ҳамсуҳбатро қатъ кунад, пас бо ин нишон медиҳад, ки дигар намехоҳад ба ӯ гӯш диҳад. Суҳбат ҳеҷ гоҳ мубодилаи оддии калимаҳо нест. Суханронии инсонро воситаҳои гуногуни муоширати ғайривербалӣ дастгирӣ мекунанд, ки оҳанги овози вай, имову ишораҳо, мавқеъ, нигоҳ ва чӣ гуна мавқеи худро масалан, нишастан ё истоданро ҳангоми суҳбат дар бар мегиранд. Бисёр шаклҳои рафтори ғайривербалӣ бошуурона нестанд. Аммо маълумоте, ки одам дар ҷараёни муоширати ғайривербалӣ мегирад, нисбат ба суханони ҳамсуҳбат ба аксуламалҳои кас бештар таъсир мерасонад. Бадани инсон ин худ манбаи иттилоот аст. Шахс метавонад нисбат ба суханоне, ки ба ӯ равона карда мешаванд, рафтори ғайривоқеии худро иваз кунад. Ин метавонад аз он сабаб бошад, ки шахс надониста аз забоне, ки дигарон дар муошират истифода мебаранд, истифода бурда, тақлид кардааст. Баъзан муошırати ғайришифоҳӣ метавонад ба ҳамсуҳбатони кас маълумот диҳад, ки ин суханонро ба онҳо гуфтанӣ набуданд [7, с. 46].

Муошırати ғайри шифоҳӣ бо сабабҳои зерин хеле муҳим аст:

- Паёмҳои ғайривербалӣ, пеш аз ҳама, эҳсосот ё аксуламалҳои инстинктивиро инъикос мекунанд;
- Паёмҳои ғайри шифоҳӣ бештар саҳеҳтар ба назар мерасанд, зеро қалбакӣ кардан нисбат ба паёмҳои ғайри шифоҳӣ душвортар аст;
- Муошırати ғайривербалӣ ҳатман дар ҳама гуна муошират ба вуҷуд меояд - ҳар як ҷанбаи рафтори шумо ба ҳамсуҳбататон маълумоти муайян медиҳад;
- Паёмҳои ғайривербалӣ бо паёмҳои шифоҳӣ зич алоқаманданд - онҳо метавонанд калимаҳои истифодашударо тақвият, танзим, таъкид, рад ё иваз кунанд.

Маҳорати тадқиқотӣ бо қобилияти гӯш кардан алоқаманд аст. Сифати суҳбати шахс аз хислатҳои худи ӯ ҳамчун шунаванда вобаста аст.

Сарфи назар аз қувват ва дурустии мавқеи шахс, ба самаранокии боваркунонӣ ҳолати эмотсионалии шарик ва вокуниши ӯ ба рафтори инсон таъсир мерасонад. Вакте ки ба одам як идеяи нав пешниход карда мешавад, пас дар шароити муайян ин аз ҷониби ӯ ҳамчун зарбае ба мағрури худ қабул мешавад, чунки маълум мешавад, ки ақидаҳои пештарааш нодуруст будаанд. Илова бар ин, қабули ҳама гуна дидгоҳи нав таҷдиди сохтори тафаккурро тақозо мекунад, ки ҳамеша сарфи вақт ва нерӯи асаброро талаб мекунад. Аз ин рӯ, чунин падидае вуҷуд дорад, ки муқовимати ногузир ба нав ва бартараф кардани он хеле душвор аст.

Бинобар ин, бовар кунонданро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки он ҳамчун поймолкунии баҳои худшиносии шарик дониста нашавад. Ибораи «Шумо комилан хато мегӯед ва ман инро ҳоло ба шумо исбот мекунам» ҳамчун «ман аз ту донотарам!» қабул карда мешавад. Ин ҳамсуҳбатро маҷбур мекунад, ки дар мавқеъи шумо ва шахсан дар шумо нуқсонҳои заъиф ҷустуҷӯ кунад, то ин изҳоротро, ки барои ғурури ӯ ногувор аст, рад кунад. Охир, ҳеҷ кас намехоҳад, ки худро аз дигарон беақлтар ҳис кунад!

Фақат бо омӯхтани фикру ақидаҳои шахсӣ - дигар инсон метавонад фикри худро дар бораи онҳо муфассал ва самимона баён кунад. Танҳо бо муайян кардани он, ки дар асоси ин ақидаҳо кадом моделу эътиқодҳои равонӣ карор доранд, шахс метавонад хусусиятҳои тафаккури хамсуҳбати худро муайян кунад. Танҳо бо муайян кардани хусусиятҳои тафаккури шахси дигар, шумо метавонед ӯро водор созед, ки нуқтаи назари шуморо қабул кунад.

Тадқиқоти моҳир ба фаъол шудани тафаккури ҳамсуҳбат ёрӣ мерасонад. Гӯш кардани суханони шахс самимӣ, амиқ ва бодиққат метавонад ақли ӯро озод кунад. Маҳорати тадқиқотиро ҷамъбаст намуда, шаш ҷанбаи асосиро метавон ҷудо кард:

1. Қобилияти бодиққат гӯш кардан;
2. Ба ҳамсуҳбат баробар будан;
3. Фароҳам овардани фазои ором;
4. Таърифи ҳамсуҳбат;
5. Қобилияти саволу ҷавоби дуруст;
6. Миқдори маълумот.

Бо истифода аз ин малакаҳо, инсон бояд ба ҳамсуҳбатонаш ёрӣ диҳад, то ки ғояҳои худро инкишоф диҳанд, чунки ин ба ӯ имкон медиҳад, ки онҳоро беҳтар муаррифӣ карда дарк кунад.

Барои бовар кунонидани одамон на танҳо идеяҳои пурсамар доштан, балки онҳоро равшан баён карда тавонистан лозим аст. Идеяҳо воситаи муошират мебошанд. Танҳо маълумот касеро маҷбур намекунад, ки амал кунад. Танҳо идеяҳо одамонро бовар кунонда метавонанд.

Ин маҳорати боварибахшро «риторика» меноманд. Аз замонҳои қадим риторика ба одамон тарзи ташкил кардан ва баён кардани андешаи худро меомӯхт. Риторика калимаи грекӣ буда, маънояш маҳорати суханварӣ мебошад. Фанни филологӣ буда, санъати сухан, қоидаҳои сохтани нутқи сунъӣ, суханварӣ ва ҷаҳонбиниро меомӯзад [6]. Муаллифи яке аз қадимтарин осори суханшиносӣ Арасту муътақид аст, ки ду роҳи эътиқод вуҷуд дорад: бо далелҳое, ки хулосаҳоро тасдиқ мекунанд ва бо ёрии "санъати суханварӣ".

Далелҳо метавонанд ҳуҷҷатҳо ва шаҳодатҳоро дар бар гиранд: шахс метавонад коркарди маълумоти компютерӣ ё арзёбии коршиносонро истифода барад, ки далелҳои онҳоро мустақиман дастгирӣ мекунанд. Санъати сухангӯӣ ё ин ки хусусияти коммуникативӣ мутахассисро рақобатпазир мегардонад, чунки шахси мазкур ҳамчун як сухангӯи боварибахш ба чунин сифатҳо ноил мебошад:

• хусусиятҳо ё обрӯю эътибори шахс;
• шахси дорои қобилияти фикрронии мантиқӣ;
• дорои баҳсҳои оташини бошавқу ҷалбкунанда.

Метавон гуфт, ки барои ба боварии самарабахш ва эътиқоди шахси дигар ноил гаштан, инсон бояд хусусияти коммуникативӣ дошта бошад ва дар муошират иштироки дил, сар ва ҷони ӯ баробар ҷалб гардад.

## *Адабиёт*

1. *Апетян, М. К. Особенности виртуальной коммуникации / М. К. Апетян. - Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2015. - № 3 (83). - С. 939-941.*
2. *Браим И.Н. Этика делового общения. - М., 1994.*
3. *Введенская Л.А., Павлова Л.Г. Риторика и культура речи. 12-е изд. - Ростов н/Д, 2012.*
4. *Введенская Л.А., Павлова Л.Г., Катаева Е.Ю. Русский язык и культура речи: Учебное пособие для вузов. 32-изд. Ростов н/Д, 2014.*
5. *Общение. Википедия– свободная энциклопедия. ru.wikipedia.org/wiki*
6. *Риторика. Википедия– свободная энциклопедия. ru.wikipedia.org/wiki*
7. *Фионова Л.Р.. Этика делового общения. - Пенза, 2010.*
8. *Немов Р. С. Психология. Книга 1. Общие основы психологии / Р. С. Немов. - «ВЛАДОС», 2004.*
9. *Федосеев С.В., Ходяков В.В. Интернет как средство массовой коммуникации // Современные наукоемкие технологии. – 2008. – № 11. – С. 52-54*


## ХУСУСИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ – ОМИЛ ВА КАФОЛАТ БАРОИ РАҚОБАТПАЗИРИИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДА


Дар мақолаи мазкур мафҳуми “муошират” ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди тафаккури шахс баррасӣ мешавад. Муошират калиди рақобатпазирии мутахассиси оянда аст. Барои пешравии бомуваффақияти мансаб, шахс бояд сифати муошírати худро ба назар гирад, зеро суҳбат воситаи асосии роҳбарӣ мебошад. Он инъикос мекунад, ки чӣ гуна муносибатҳоро бо ҳамкорон ва мизоҷон барқарор кардан мумкин аст. Он фаҳмиши шахсии эҳсосот, фикрҳо ва амали одамонро инъикос мекунад. Инчунин сифати суҳбат карданро, ки ба қобилияти гӯш кардан вобаста аст, на ба қобилияти сухан гуфтан, чунки ҳамсуҳбатон ҳам шунаванда ва ҳам сухангӯянд. Ҳамчунин дарки он, ки маҳз бо шарофати қобилияти гӯш кардан инсон бо ҳамсуҳбаташ забони умумӣ пайдо мекунад. Ҳамсуҳбатон, шунавандагон ба ҳамдигарфаҳмӣ ноил мешаванд, ки ҳарду гӯё, ки ба орзӯи деринаи худ мерасанд. Дар мақола инчунин шарҳ дода шудааст, ки агар шахс хоҳад, ки малакаҳои гуфтугӯии худро такмил диҳад, ба хусусияти коммуникативӣ моил мешавад. Беҳтарин ҷой барои оғоз ин инкишоф додани қобилияти гӯш кардан аст. Гӯш кардан танҳо маънои "нагуфтан" нест, балки маънои "шунидан"-ро дорад. Қайд кардан зарур аст, ки барои ба боварии самарабахш ва эътиқоди шахси дигар ноил гаштан, мутахассиси оянда бояд хусусияти коммуникативӣ дошта бошад ва дар муошират иштироки дил, сар ва ҷони ӯ баробар ҷалб гардад.



**Калидвожаҳо:** тафаккур, нутқ, муошират, коммуникатсия, ғоя.


## КОММУНИКАТИВНОСТЬ ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ БУДУЩЕГО СПЕЦИАЛИСТА


В данной статье понятие «общение» рассматривается как составная часть мыслительного процесса личности. Коммуникативность является залогом конкурентоспособности будущего специалиста. Для успешного продвижения карьерного роста, человеку необходимо учитывать качество своей коммуникативности, потому что беседа является основным инструментом руководства. В ней отражается то, как необходимо планировать свою жизнь и организовать работу, то, как устанавливать отношения с коллегами и клиентами. В ней отражается личное понимание чувств, мыслей и поступков людей. Также качество речи, которое зависит от умения говорить, ведь ваши собеседники одновременно и слушатели, и говорящие. А также понимание того, что именно благодаря умению слушать человек находит общий язык со своим собеседником. Собеседники, слушатели, достигнут взаимопонимания, что позволит осуществить их давнюю мечту. Также в статье поясняется, что если человек хочет улучшить свои разговорные навыки, он будет склонен к коммуникативному характеру. Лучше всего начать с развития навыков слушания. Слушать означает не просто «не говорить», это значит слушать. Важно отметить, что для достижения действенного доверия и уверенности другого человека, будущий специалист должен иметь коммуникативный характер и в равной степени вовлекать в общение сердце, голову и душу.



**Ключевые слова:** мышление, речь, общение, коммуникация, идея.


## COMMUNICATIVITY AS ONE OF THE FACTORS OF COMPETITIVENESS OF A FUTURE SPECIALIST


The article deals with the concept of "communication" as an integral part of the thinking process of a person. Communication is the key to the competitiveness of the future specialist. For successful career advancement, a person needs to take into account the quality of his communication, because conversation is the main tool of leadership. It reflects how you need to plan your life and organize your work, how to establish relationships with colleagues and clients. It reflects a personal understanding of the feelings, thoughts and actions of people. Also, the quality of speaking, which depends on the ability to listen, not on the ability to speak, because your interlocutors are both listeners and speakers. As well as the understanding that it is thanks to the ability to listen that a person finds a common language

with his interlocutor. Interlocutors, listeners will reach mutual understanding, which will achieve their long-standing dream. It is also explained in the article that if a person wants to improve his speaking skills, he will be inclined towards communicative nature. The best place to start is to develop listening skills. Listening doesn't just mean "not saying", it means listening. It is necessary to note that in order to achieve effective trust and faith of another person, the future specialist should have a communicative character and involve his heart, head and soul equally in communication.
**Keywords:** thinking, speech, communication, communication, idea.

## Дар бораи муаллиф

**Муродова Шаҳло Сангимуродовна**
Номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи педагогикаи умумӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 93 558 70 71
E-mail: murodova_1983@mail.ru

## Об авторе

**Муродова Шахло Сангимуродовна**
Кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры общей педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел: (+992) 93 558 70 71
E-mail: murodova_1983@mail.ru

## About the author

**Murodova Shahlo Sangimurodovna**
Candidate of Pedagogical Sciences, Teacher at Department of General Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 558 70 71
E-mail: murodova_1983@mail.ru

ТДУ 316

# АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДӢ-ПСИХОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ НЕРУИ ЗЕҲНӢ

***Сафарова Д. Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Таҳлили ҳаматарафаи ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангии инкишофи ҷомеаи башарӣ собит месозад, ки замони нав боисрор масъалаи тағйир додани муносибат ба таълимро тақозо мекунад. Дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани неруи зеҳнии насли наврас, аз ҷумла кӯдак, мусоидат намояд. Масъалаи тағйир додани муносибат ба таълим махсусан дар шароити ҷаҳонишавию ворид шудан ба низоми ягонаи таҳсилот ва талаботҳои системаи Болонӣ аҳамияти махсусро касб кард. Комилан табиист, ки чунин вазъият танҳо дар ҷумҳурии мо ба миён наомадааст, бинобар ин олимони сершумори хориҷӣ низ дар бобати зарурати тағйирдиҳӣ ба низоми таҳсилоти кунунӣ вобаста ба шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маърифатӣ фикру ақидаҳои худро баён кардаанд.

Албатта, бояд қайд намуд, ки дар миқёси умумиҷаҳонӣ болоравии илму техника ва истеҳсолоти мошинаи тайёрӣ, нерӯи зеҳнии аъзои ҷамъиятро талаб мекунад. Бинобар ин дар ҷомеа ҳамаҷониба ташаккул додани шахсиятро, ки дар айни замон бевосита мақсади асосии раванди таълим қарор ёфтааст, тақозо дорад. Чунон ки дидем, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият қаблан аз фаъолияти меҳнатӣ ва истеҳсолот канда буд. Ҳоло мазмуни мақсади умдаи мактаби маълумоти миёнаи умумӣ оид ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият инҳоро ифода мекунад: инкишофи ақлӣ, зеҳнӣ, меҳнатӣ ва таълими политехникӣ инчунин, тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ, илова бар ин ҳаматарафа ошкор кардани имконияти эҷодии шахсият, таъмин кардани шароити гуногун барои нашъунамои фардияти кӯдак бо назардошти ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусол мебошад.

Ғояи он ки таълиму тарбия мувофиқи хусусиятҳои синнусолии хонандагон бояд ба роҳ монда шаванд, дар илми педагогика мавқеи устувор дорад. Чунончи, Я.А.Коменский даврабандии зеринро қайд кардааст: кӯдакӣ (аз таваллуд то 6-солагӣ), наврасӣ (аз 6 то 12-солагӣ), ҷавонӣ (аз 12 то 18-солагӣ) ва синни балоғат (аз 18 то 40 - солагӣ). Тибқи ин давраҳо Коменский зинаҳои маълумот (мактаби модарӣ, мактаби забони модарӣ, гимназия, академия) ва мазмуни онро муайян намудааст [4].

Ж.Ж.Руссо низ даврабандии хоси худро пешниҳод кард. Дар низоми пешниҳоднамудаи ӯ ба ҳар як давраи синнусолӣ мазмуну методикаи муайяни тарбия мувофиқат мекарданд [2].

Зарурати мувофиқсозии таълиму тарбия бо хусусиятҳои синнусолии хонандагонро мутафаккирони бузурги илми педагогика, аз қабили К.Д. Ушинский ва дигарон ҷонибдорӣ намуданд. Ба қатори шартҳои асосии таълиму тарбияи бомуваффақият М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода ва дигарон, баҳисобгирии ҷиддии хусусиятҳои хонандагон, нерӯ ва қобилиятҳои зеҳнии онҳоро мансуб донистаанд. Дониши ҳаматарафаи вижагии табиати хонандагонро онҳо яке аз талаботи асосии дидактикие меҳисобанд, ки ба он тамоми ҷараёни таълим дар мактаби нав бояд ҷавобгӯ бошад [7; 10; 12].

Дар давоми сад соли ахир, тавре ки К.Д. Ушинский навишта буд, миқдори зиёди пажӯҳишҳо доир ба психологияи умумӣ ва синнусолӣ дар соҳаҳои идрок, хотира, тафаккур, нутқ ва мавзуҳои дигар роҳандозӣ шуданд. Қонуниятҳои наву муҳим ошкор ва аксари масъалаҳое, ки қаблан мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буданд, коркард гаштанд. Аз рӯйи як қатор масъалаҳо ақидаҳои назариявӣ ва муносибатҳои илмӣ нисбат ба коркарди ин масъалаҳо пурра таҷдид шудаанд [10].

Дар иртибот ба назария ва ақидаҳои педагогони машҳури болозикр, ҳар як педагог бояд дар назар дошта бошад, ки рушди зеҳнӣ ва рушди тафаккури хонандагон дар мактаб бояд

мақсаднок амалӣ гашта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти ӯро фаро гирад. Моҳияти масъала дар он аст, ки ҳадди ақал ба чунин саволҳо ҷавоб дода шавад: Раванди таълим ба рушди зеҳнии хонандагон чӣ гуна таъсир мерасонад? Ба кадом роҳ ин таъсир амалӣ мегардад?

Посух ба ин саволҳо кори осон нест, бинобар ин олимони соҳаи педагогика ва психология онҳоро пайдарпай, бо роҳи амиқтару пурра дарк кардани робитаи байни таълим ва ташаккули хусусиятҳои психологию физиологии хонандагон ҳаллу фасл намуда, тағйирот ва навгониҳои раванди таълимро мутобиқан ба ин масоил роҳандозӣ менамоянд [9, с. 43-45].

Масалан, дар синфи ибтидоӣ, яъне дар синфи якум, раванди ба устухон табдилёбии тағоякҳо давом дошта, ба хонандагон аз ҳад зиёд навиштан ва иҷрои супоришҳои душвор мумкин нест, ё худ дар синну соли наврасӣ дар натиҷаи номутаносиб инкишоф ёфтани организм, якчанд ҳолатҳои рӯҳиро, ба монанди: тез асабонӣ шудан, гапи касе маъқул нашудан, худро хуб ҳис накардан ба монанди инҳо дигар ҳолатҳои рӯҳиро мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки дар ҳақиқат дар раванди таълиму тарбиядиҳии хонандагон ба инобат гирифтани инкишофи равонию ҷисмонии кӯдакон зарур аст. Яъне, кӯдаконро ҳамчун шахсияти ҳаматарафа ташаккулёфта ба таълим ҷалб намудан ғайри имкон аст.

Ин тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои муҳит дар инкишофи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон чун омилҳои ирсӣ нақши ҳалкунанда доранд ва метавонанд таъсири онҳоро ҷуброн намоянд ва ё куллан барҳам зананд. Қобилиятҳои зеҳнии кӯдак шаклан тайёр ба дунё намеоянд. Ӯ бо нишонаҳои модарзодӣ ба дунё меояд, яъне бо чунин хусусиятҳои сохтори майнаи сар, узвҳои ҳиссӣ ва ҳаракатӣ, ки ба сифати заминаи табиии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ баромад мекунанд.

Маълум аст, ки касби сарнишинии ҳавопаймои реактивӣ аксуламали бениҳоят тезро талаб мекунад. Оё ин ягон андоза аз хусусиятҳои модарзодии системаи асаб вобаста аст? Ҳа, албатта. Инчунин мо медонем, ки шунавоии мусиқавӣ дар баъзе одамон бисёр барвақт бе ягон машқи махсус зоҳир мешавад, вале дар дигарон умуман вуҷуд надорад. Бешак ба ин баъзе хусусиятҳои табиии анализатори шунавоӣ таъсир мерасонанд. Ба сифати нишонаҳои модарзодӣ инчунин хусусиятҳои модарзодии аппарати биноӣ ва шунавоӣ, нозукии ҳассосии ломисавӣ, тезӣ ва устувории барқарор гаштани алоқаҳо дар пӯстлохи мағзи сар ва бобардоштии системаи асаб низ баромад мекунанд. Нишонаву аломатҳои модарзодӣ гуногунмазмунанд. Ин чунин маъно дорад, ки дар заминаи ҳамон як нишонаи модарзодӣ метавонад, вобаста аз талаботи фаъолияти мувофиқ қобилиятҳои гуногуни зеҳнӣ ташаккул ёбанд. Ҳамин хел, мушоҳидакории дақиқ ва хотири хуби биноӣ метавонад ба сохти қобилиятҳои зеҳнии рассом, тадқиқотчӣ, геолог ва боз даҳҳо касбҳои дигар шомил бошад.

Инкишоф ёфтани нишонаву аломатҳои модарзодӣ то ба дараҷаи қобилиятҳои зеҳнӣ на танҳо аз хусусиятҳои фардии шахс вобаста аст, балки инчунин бо шароитҳои таърихӣ, ба талаботи ҷомеа низ марбут аст. Масалан, тасаввур мекунем, ки дар яке аз ҷазираҳои дурдасти Уқёнуси Ором кӯдаке бо нишонаҳои модарзодии барҷастаи мусиқавӣ таваллуд мешавад. Агар дар назар дошта бошем, ки дар ин ҷазира одамони қабилаи ӯ ғайри суруди яковоза дигар суруде намехонанд ва ғайри нақора дар ин ҷо асбоби мусиқавии дигаре нест, пас ин кӯдак оянда кӣ шуда метавонад? Мумкин аст ин кӯдак дар таърихи ҷазира ҳамчун нақоранавози машҳур ворид гардад. Ба ибораи дигар, ӯ ба ҳамон дараҷаи инкишофи истеъдоди мусиқавии худ мерасад, ки дар вазъиятҳои иҷтимоии муайян имконпазир аст. Агар ӯ дар мамлакате тавлид мешуд, ки маданияти мусиқавии инкишофёфта дорад ва ба дасти педагогҳои хуб меафтод, тақдири ӯ тамоман дигар хел сурат мегирифт. Нишонаҳои табиӣ мазмуни муҳим доранд. Онҳо яке аз шароитҳои протсесси мураккаби ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои зеҳниянд. Чуноне ки С.Л. Рубинштейн қайд мекунад, қобилиятҳои зеҳниро нишонаҳои модарзодӣ пешакӣ муайян намесозанд, вале онҳо ҳамту аз берун низ шинонда намешаванд. Дар фард бояд заминаҳои табиӣ, шароитҳои ботинӣ барои инкишофи қобтлиятҳои зеҳнӣ мавҷуд бошанд [8, с. 83]. Пас, дар инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ нақши воқеии нишонаҳои модарзодӣ чӣ гуна аст?

Нишонаҳои хуби модарзодӣ ташаккули қобилиятҳои зеҳниро ба маротиб осон менамоянд, ба инкишофи онҳо чӣ аз ҷиҳати суръати пешрафт ва чӣ аз ҷиҳати баландии дастовардҳо мусоидат мекунанд. Бе мавҷудияти аломату нишонаҳои табиӣ аз худ намудани даҳҳо забонҳо бешак маҳол аст, вале маълум аст, ки профессори донишгоҳи Болон Ҷузеппе

Метсофанти (1774-1849) бештар аз 100 забонро медонист. Профессори олмонӣ Гессерман 123 забонро соҳиб буд. Ба ҳамин миқдор забонҳо профессори итолёвӣ Талявани низ ҳарф мезад.

Албатта, мавҷуд набудани нишонаҳои мусоид одатан раванди ташаккули қобилиятҳои зениро суст мегардонад. Суоле ба миён меояд, ки чаро бисёре аз одамони боистеъдод, аз қабили Исаак Нютон, Луи Пастер, Валтер Скотт, математики машҳур Н. Лузин ва дигарон дар солҳои мактабхонӣ қобилиятҳои зеҳниашон инкишоф ёфта набуд? Аломату нишонаҳои табиӣ буданд, вале таъсири ҳалкунандаи таълиму тарбия ба назар намерасид. Дар макотиби кӯҳна, чуноне ки маълум аст бештар ба хотираи шогидон такя намуда, ба рушди мустақилӣ ва эҷодкории тафаккур кам эътибор медоданд.

Ҳамчунин, иброз ба ёдоварист, ки ҷустуҷӯи муайянсозии хусусиятҳои психологии хонандагон ҳамчун маҳаки ташаккулдиҳандаи неруҳои зеҳнӣ дар таълими инноватсионӣ дар мадди аввал гузошта шуда, мундариҷа ва фаъолияти таълими анъанавӣ низ ба гузашта равона карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ба ҳаёти воқеии инсон он ахборот, қоидаҳо ва маълумоте, ки ҳангоми таълим гирифта мешаванд, на он қадар алоқаи зич доранд. Бар замми ин намунаву таҷрибаҳо ва фикрҳои пешкашшаванда порчаҳои алоҳидаи замони муосирро ифода намекунад. Чунин муносибат сабабгори он мешавад, ки дар чаҳорчубаи замон мавқеи худ аз тарафи хонанда муаян карда намешавад, дар натиҷа мавқеи таълим дар дараҷаи паст қарор гирифта, дараҷаи ҳавасмандӣ дар хонандагон ба таҳсилот паст мешавад. Хонандагон намедонанд, ки дониши гирифтаашонро чӣ тавр истифода кунанд.

Доир ба ин масоил равоншиносон қайд мекунанд, ки нерӯйи муҳаррики рушди синну соли хурдимактабӣ аз мухолифатҳои мунтазам рушдёбандаи талаботи таълимӣ, муаллим, коллектив ба шахсияти кӯдак, ба таваҷҷуҳ, хотира, тафаккур, сатҳи дараҷаи инкишофи рӯҳии ӯ иборатанд. Дар ин синну сол асосҳои рафтори ахлоқӣ ташаккул меёбад, азхудкунии меъёр ва қоидаҳои рафтор, майли ташаккули шахияти иҷтимоӣ пайдо шудан мегирад.

Дар ин ҷараён кӯдакони ин синну сол хусусиятҳои типилогии фаъолияти олии асаб равшан мешавад, ки минбаъд дар рафтори зиндагӣ ба шакли одат маъмулӣ мегардад. Шарм, канорҷӯӣ метавонад аз сустии системаи асаб гувоҳӣ диҳад; ҳардамхаёлӣ, тундӣ-зоҳиршавии раванди боздорӣ; оҳистагӣ, аксуламал ва аз як фаъолият ба дигараш табдилдиҳӣ-камҳаракатии раванди асаб. Чунон, ки И.П.Павлов нишон медиҳад, “системаи асаб бағоят нарм ва ба баъзе дигаргуниҳои таассуроти беруна муқобил мебошад. Бино бар ин дар мактабхон малакаи худназоратӣ ва худсозиро ташаккул додан басо муҳим аст” [10, с. 45-51].

Дар рафтори мактабиёни хурдсол бештар хусусиятҳои мусбат ва манфӣ рафшан намоён мегардад. Мактабиёни хурдсол ҳардамхаёл – бо таъсири бевоситаи ангеза, бо далелҳои ногаҳонӣ майли амалиёти фаврӣ ва худсаронагӣ мекунанд. Дар мактабхони хурдсол умуман нокифоягии ирода дида мешавад, вай ба мақсади гузошташуда дуру дароз таъқибкорӣ карда душворӣ ва монеаҳоро суботкорона бартараф намуда наметавонад. Баъзан дар онҳо, ҳамчун оқибати нодурусти тарбияи оилавӣ, ихтилоф ва якравӣ мушоҳида мегардад. Кӯдаки ин синну сол хеле зуд дар ифодакунии хушнудӣ, ғам, ғусса, тарс ва ғ. бевосита ошкоргӯй мебошад.

Аз ин ҷиҳат мувофиқи талабот ва нишондодҳои талими инноватсионӣ дар зинаи ибтидоии таълим (1-4) бар дӯши муаллимон вазифаҳои зайл гузошта шудааст, ки метавонад нерӯи зеҳнии хонандагонро ташаккул дода бошад:

- муҳайё намудани шароит барои ташаккули ҳамаҷонибаи нерӯҳои зеҳнии мактаббачагони хурдсол;
- инкишофи ҷисмонӣ;
- ба бачаҳо дар бораи зоҳир намудани қобилияту истедодашон кӯмак расонидан;
- бедор намудани хоҳиши таҳсил ва шавқу ҳаваси маърифатҷӯии онҳо;
- тарғиби дӯстдоштан ва ҳурматнамудани мактаб;
- муаллими азиз ва китоб ҳамчун манбаи тарбия ва сарчашмаи дониш;
- ба бачаҳо роҷеъ ба инсон кишвари худ табиат, ҷамъият маълумотҳои ибтидои додан;
- ташаккули малакаҳои мустаҳкам оид ба забони модарӣ, хат, хониш, ҳисоб;
- ташаккули маҳорати фикри худро шифоҳию хатти баён карда тавонистан;
- ҷамъ намудани таҷрибаҳои оддии муомила ва ҳамкорӣ.

Бояд гуфт, ки синни хурди мактабӣ яке аз зинаҳои муҳими донишҳосилкунӣ ва тарбия ба шумор меравад. То мактаб омадан онҳо тавасути бозӣ дар бораи оламӣ гирду атроф

маълумот гирифта бошанд, пас аз ба мактаб омадан онҳо оид ба олами иҳотакарда маълумотҳои илми мегиранд, ки ин боиси зиёд гардидани савияи дониш ва ташаккули нерӯҳои зеҳнии онҳо мегардад.

Дар ҳамин асос равоншинос Н.С.Лейтес дар ин хусус навиштааст; "Синни хурди мактабӣ зинаи азбаркунӣ ва васеъ намудани сатҳи дониш ва зинаи суръати тези омӯзиш мебошад. Барои иҷрои бомуваффақияти ин вазифаи муҳим хусусиятҳои хоси бачагон мусоидат мекунанд. Ба таъсиру обрӯи калонсолон боварии зиёд доштан, хушзеҳнӣ ва қобилияти баланди дарккунӣ, диққатнокӣ ва майлу ҳаваси беандоза ба бозӣ ва ғайра муҳимтарин хусуссиятҳои психологии хонандангон мебошад" [12, с. 86-87].

Албатта, бояд қайд намуд, ки таълими мактабӣ на танҳо ба инкишофи фаъолияти фикрии хонандагон, балки ба шаклгирии сифатҳои маънавӣ – иродавии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Доир ба ин масоил психолог Виготский Л.С. иброз медорад, ки яке аз роҳҳои тезонидан ва фаъолгардонидани ҷараёни таълим ин ба мазмуни таълим дохил намудани элементҳои наву шавқовар мебошад [1, с. 3-5].

Роҳи дигари фаъолонидани қобилияти фикрии хонандагон дар рафти дарс ба истифодаи методҳои таълими проблемавӣ вобаста мебошад. Албатта, ҳалли масъалаҳои мушаххаси характери амалӣ дошта агар ба ҳаёт ва зиндагии хонандагон бештар алоқаманди дошта бошад, дар он сурат онҳо масъалаҳоро сермаҳсул ҳал мекунанд ва ба натиҷаҳои хуб ноил мешаванд. Иҷрои ҳар гуна амалҳои таълимӣ ба мақсад ва вазифаҳои таълимӣ вобастааст. Маҳз ба туфайли амалҳои таълими хонандагон амалҳои пештара омӯхтаашонро аз нав ба хотир мееранд ва дар рафти таълим дуруст иҷронамудани амалҳои навро аз бар мекунанд, ки ки раванд ҳамчун заминаи ташакули нерӯҳои зеҳнии хонандагон шуда метавонад.

Сермаҳсулии малакаҳои кори таълимӣ ҳамон вақт зиёд мешавад, ки агар дар ҷараёни таълим ба хонандагон тарзҳои истифодабарии амалҳои назорат ёд дода шавад. Хонандагонро ба он одат кунонем, ки амалҳои таълимиро вобаста ба хусусиятҳои хосси худ бо натиҷаи ба дастоварда муқоиса намуда дурустӣ ва ё нодурустии онҳоро муайян кунонанд. Хонанда натиҷаи амали таълимиро бо намунаи он қиёс карда пурраги ва ё нопуррагии иҷро шудани амалҳоро дарк намуда тавонад. Маҳз ба туфайли амали назораткунӣ хонанда дониш ва тасаввуротҳои пештараро аз нав ба хотир меорад, нопуррагӣ ва костагии амалҳои таълимии худро бо шуурона ошкор месозад.

Бояд қайд намуд, ки амали худназораткунӣ ба қисмҳои таркибии амалӣ баҳодиҳи алоқаманд аст. Тавассути ин хонанда ба дурустӣ ва ё номувофиқ будани натиҷаи амалӣ иҷрокардааш баҳо медиҳад. Ба фаъолияти малакаҳои кори таълимии хонандагон муаллим назорат бурда баҳо медиҳад, чунки ӯ ба маҷрои роҳу равиши таълим назорат мебарад, фаъолияти хонандагонро назорат мекунад ва онҳоро фаъол кунонида ба донишомӯзӣ сафарбар мекунад. Минбаъд муаллим дар хонандагон қобилияти ба фаъолияти худ баҳо доданро инкишоф диҳад. Ба он муваффақ шавад, ки хонандагон маҳорати ба ин ё он дараҷа аз тарзу воситаҳои ба таври мушаххас ҳал намудани масъалаҳоро аз бар кунанд.

Ҳамин тавр, нақши мушаххаси таълим на танҳо дар он аст, ки омӯзгор ба хонанда бо роҳи гузоштани саволҳои водоркунанда, намунаҳо (мисолҳо) ба фаъолияти зеҳнии ӯ кӯмак мерасонад ва дар ин ҳол хонанда ба омӯзгор тақлид мекунад. Дар чунин ҳолат омӯзгор ба хонанда кӯмак намерасонад, хонанда мустақилона вазифаро иҷро менамояд. Тақлид низ имконпазир аст. Ҳамзамон, дар ҷараёни ҳалли мустақилонаи масъалаҳои гузошташуда хонанда дар ин ё он соҳаи фаъолият ба пеш ҳаракат мекунад.

## ***Адабиёт***


1. *Выготский, Л. С. Проблемы обучения и умственного развития в школьном возрасте / Л. С. Выготский // В сб.: Избрание психологические исследования. – М. : Изд. – во АПН РСФСР, 1967. – С. 3-5.*
2. *Жан-Жак Руссо [Электронный ресурс]. – Режим доступа: [https://24smi.org/celebrity/4991-zhan-zhak-russo.html](https://24smi.org/celebrity/4991-zhan-zhak-russo.html) (Дата обращения: 21.09.2022).*
3. *Коменский, Я. А. Великая дидактика / Я. А. Коменский. - М. : Просвещение, 1988. – 240 с.*
4. *Коменский, Я. А. Избранные педагогические сочинения. Т. 2 / Я. А. Коменский. – М. : Просвнещение, 1993. – 320 с.*

5. Лутфуллоев, М. Асосҳои таълими ибтидоӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2007. – 292 с.
6. Лутфуллоев, М. Дарс. / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1995. - 93 с.
7. Лутфуллоев, М. Педагогикаи муосир / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. - 318 с.
8. Рубинштейн, С.А. О мышлении и путях его исследований / С.А. Рубинштейн. - М. : 1958. – 151 с.
9. Саидов, Н.Т. Асосҳои педагогии банақшагирии усулҳои гуногуни омӯзиш ҳамчун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ : автореф. дис. ... канд. пед. наук / Н.Т. Саидов. – Душанбе, 2019.
10. Саидов, Н.Т., Саидов, М.В. Нақши ҷанбаҳои муҳими таълим ва рушди хусусиятҳои синусолии мактаббача дар робита ба ташкили ҷараёни таълим / Н.Т. Саидов, М.В. Саидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2018. - № 5-1 (77). – С. 49-51.
11. Ушинский, К. Д. Собрание сочинений. Т. 3 / К. Д. Ушинский. - М. : Изд-во АПН РФСР, 1948. - 692 с.
12. Шайхов, М. Формирования познавательной деятельности учащихся выпускных классов средней школы в процессе обучения (на примере общеобразовательных школ Республики Таджикистан) : автореф. дис. ... канд. пед. наук / М. Шайхов. – Душанбе, 1999.
13. Шарифов, Ф. Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы / Ф. Шарифов. - Душанбе: Маориф, 1997. - 240 с.

## АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДӢ-ПСИХОЛОГИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ НЕРУИ ЗЕҲНӢ

Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки дар миқёси умумиҷаҳонӣ рушди илму техника ва истеҳсолот неруи зеҳнии аъзои ҷамъиятро талаб мекунад. Бинобар ин, дар ҷомеа шахсиятро ҳамаҷониба ташаккул додан зарур аст, ки ин масъала дар шароити муосир мақсади асосии раванди таълим маҳсуб мешавад. Муаллиф баён намудааст, ки дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани неруҳои зеҳнии насли наврас, аз ҷумла кӯдакон, мусоидат намояд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур нақш ва аҳамияти асосии омӯзиши хусусиятҳои фардӣ-психологии хонандагон дар раванди таълим пайгирӣ карда шуда, хусусиятҳои мукаммалгардонии фаъолияти педагогиро дар доираи назарияҳои олимон баён сохтааст. Аз ҷумла, оварда шудааст, ки инкишоф ёфтани нишонаву аломатҳои модарзодӣ то ба дараҷаи қобилиятҳои зеҳнӣ на танҳо аз хусусиятҳои фардии шахс вобаста аст, балки инчунин бо шароитҳои таърихӣ, ба талаботи ҷомеа низ марбут мебошад.

**Калидвожаҳо:** аҳамият, омӯзиш, хусусият, фард, психология, хонандагон, раванд, таълим, омил, рушд, нерӯ, зеҳн, амал, тафаккур, ихтилоф, малака, маҳорат, худназораткунӣ, худидоракунӣ.

## ВАЖНОСТЬ ИЗУЧЕНИЯ ЛИЧНОСТНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ КАК ФАКТОР ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ

В данной статье отмечается, что в глобальном масштабе подъем науки и техники и производство станков требует интеллектуальной силы членов общества. Поэтому необходимо всесторонне формировать личность в обществе, что в настоящее время является основной целью образовательного процесса. Автор констатировал, что в современных условиях необходимо изменить систему образования и адаптировать ее к потребностям дня. Для того чтобы стать образованным, недостаточно иметь знания в различных областях науки, важно практическое применение знаний, использование современных технологий и творчества, способствующих повышению интеллектуальных способностей подрастающего поколения, в том числе детей. Также в данной статье прослеживается основная роль и значение изучения индивидуально-психологических особенностей учащихся в образовательном процессе, описываются особенности совершенствования педагогической деятельности в рамках теорий ученых. В частности, указывается, что развитие врожденных признаков и симптомов до уровня интеллектуальных способностей зависит не только от индивидуальных особенностей человека, но и от исторических условий и потребностей общества.

**Ключевые слова:** значимость, обучение, характер, личность, психология, учащиеся, процесс, воспитание, фактор, развитие, сила, интеллект, действие, мышление, конфликт, умение, мастерство, самоконтроль, самоуправление.

## THE IMPORTANCE OF STUDYING PERSONAL-PSYCHOLOGICAL FEATURES OF READERS IN THE EDUCATIONAL PROCESS AS A FACTOR OF INTELLECTUAL DEVELOPMENT

It is noted in this article that on a global scale, the rise of science and technology and the production of machine tools requires the intellectual strength of members of society. Therefore, it is necessary to comprehensively form a personality in society, which is currently the main goal of the educational process. The author stated that in modern

conditions it is necessary to change the education system and adapt it to the needs of the day. In order to become educated, it is not enough to have knowledge in various fields of science, it is important to apply knowledge in practice, use modern technologies and creativity that help to increase the intellectual abilities of the younger generation, including children. This article also traces the main role and significance of studying the individual psychological characteristics of students in the educational process, describes the features of improving pedagogical activity within the framework of the theories of scientists. In particular, it is pointed out that the development of congenital signs and symptoms to the level of intellectual abilities depends not only on the individual characteristics of a person, but also on historical conditions and the needs of society.

**Keywords:** significance, learning, character, personality, psychology, students, process, upbringing, factor, development, strength, intellect, action, thinking, conflict, skill, mastery, self-control, self-management.

## Дар бораи муаллиф

**Сафарова Дилафрӯз Бобокалоновна**
Докторант (PhD) кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 989 08 89 89

## Об авторе

**Сафарова Дилафруз Бобокалоновна**
Докторант (PhD) кафедры общей психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 989 08 89 89

## About the author

**Safarova Dilafruz Bobokalonovna**
Doctoral student in the Department of General Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 989 08 89 89

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шурои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия педагогических и психологических наук**

**2023, № 1 (15)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского государственного педагогического**
**университета им. С.Айни**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.pedagog.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 30.03.2023 г. Заказ №158
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни